И так, в технику и технологию экранного творчества будут играть существенную роль такая техника и технология, как **монтаж** отснятого материала. Он может состоять из отображения реальности, как транслятора или ее части, или искусственно созданного материала с помощью компьютера или в павильоне в виде мистической данности, исходя из требования драматургии (замысла автора). Монтаж, в зависимости от замысла автора, может быть **линейным** или **нелинейным**. «Линейность» означает логическую последовательность происходящего события на экране. «Нелинейным» является как бы «изломом» представляемого материала. Сюжетные переходы события моментальные из одного в другую, создавая интригу для восприятия и создавая впечатления полифонии хода событий. Нелинейность монтажа является ныне популярным видом [13]. Образцом нелинейного монтажа в мировой классике является фильм японского мастера Акира Куросава «Расёмон». «Этот фильм, тщательно спланированный и наполненный философским смыслом, переносит зрителя одновременно и в прошлое, и в будущее, рассказывает о насилии и убийстве в феодальной Японии с четырёх абсолютно разных точек зрения» [12].

Далее, кадр или «**рамка**». Этот феномен в аудиовизуальном искусстве играет роль подачи видимого зрительского материала в той ограниченной рамке, которая требуется автору.

Рамка используется также в изобразительном искусства (в графике, миниатюре, в живописи). Но в этом виде искусства рамка в независимости от размеров и жанров **статичен** и сосредотачивает внимание реципиента на одну конкретную тему. В аудиовизуальном искусстве кадр является **подвижным**. Автор аудиовизуального искусства использует рамку для образной и точной передачи художественной идеи фильма, передачи, эпизода, действия, клипа и т.д. Но при этом нельзя забывать и того, что форма сама по себе достаточно активна и часто оказывает воздействие на содержание… Фактически любая рама, то есть искусственное ограничение пространства с четырех сторон, уже в определенной мере приближает заключенный в нее фрагмент, который говорит об его *условности*. Ограничивая пространство картины, сцены, кадра определенными границами, автор тем самым вычленяет из «хаотических» жизненных явлений определенную необходимую для него часть события или объекта. В пределах этих рамок художники … тонально и ритмически организовывают фрагмент реальной или искусственно созданной действительности таким образом, чтобы зритель мог получить определенную информацию семантического и эстетического характера. Ограничение рамками кадра любого художественного пространства дает возможность акцентировать внимание зрителя на сюжетно важных объектах[7, 6]

Крупный план, супер крупный план, средний и общий планы. Есть так же и объектив обратной перспективы. Для чего они нужны?

В фильме непременным условием является удачная комбинация различных планов и ракурсов, сочетание крупного, среднего и общего планов, которые в итоге создают нужный темп и ритм ходу кинопроизведения. Эта комбинация связана с целью наиболее адекватного отображения *визуальной, пластической*

концепции фильма. Планы обсуждают режиссёр и оператор. Режиссёр формирует общую концепцию фильма и определяет, какие кадры ему необходимы для передачи задуманной идеи. Оператор же занимается техническим выполнением работы: определяет положение камеры, настраивает параметры съёмки и решает, какие планы будут использоваться для той или иной сцены, имеющее эмоциональное и смысловое значение.

Помимо режиссёра и оператора на планирование кадров могут влиять другие участники команды. Например, художник-постановщик может предложить определённое расположение декораций, которое должно учитываться при выборе кадров. Продюсер может предложить наиболее привлекательные для зрителя с маркетинговой точки зрения планы – например, брать крупным планом детали, которые потом могут стать узнаваемыми символами фильма[10].

В фильме важную роль играют **пространство и время**. Метафизическое время и пространство – это обычно онтологические, умопостигаемые категории. Пространство и время являются взаимосвязанными категориями, и в экранных произведениях время, как правило, не может существовать вне пространства, вне определенной среды. Время и пространство, наиболее существенные понятия, определяющие структуру экранного произведения и его художественное наполнение. В киносъемках если экранное время было адекватно реальному, в течение которого шла съемка, то при монтаже его возможно «сокращать», купировать время. Также обстоит дело с пространством. Обе категории в этих комбинациях преобразовываются в некие духовные качества фильма. Благодаря кино современный зритель становится свидетелем далекого или будущего времени. Или с помощью комбинаций данные категории становятся показателями укрупнения того фрагмента, который в реальном времени и пространстве предстают в ином виде, а в кино их необходимо показать протяженным или сжатом виде. Имеются и другие вариации использования этих категорий в кино в качестве художественного времени и художественного пространства[3, 174].

Функция **света и цвета** в кино. Казалось бы, эту задачу должен осуществлять кинооператор. Но он на деле воплощает замысел кинорежиссера. Именно режиссер, работая с помощью любого метода, должен помнить, что характер освещения создает иллюзию трехмерности пространства и времени на экране, создает глубину и объемность изображения [11]. Свет и цвет в каждой национальной культуре имеют свою семантику. Например, зеленый цвет в исламе, в частности в Коране ассоциируется с раем.

У зелёного цвета есть своё общее предназначение, это – цвет природы. В некоторых случаях это еще и цвет чего-то зловещего, магии, опасности, а иногда и тьмы [14].

В настоящее время киносъемочный аппарат обогатился невероятным богатым арсеналом **оптики**, способствующим решать самые сложные задачи по созданию художественного мира требуемой формации. Оптика, в основном делящаяся на широкофокустную, длиннофокусную и трансфокатор обогащают изображение фильма. Особенно когда необходимо решать *внутрикадровый* монтаж.

Звук, как правило, решает существенные художественные задачи. Выработана богатая методика использования звука в зависимости от замысла произведения – это естественные звуки природы, голос персонажа, музыка внутри кадра и вне кадра, специфически созданные звуки. Например, звук, символизирующийся появление доброго или злого персонажа обозначается характерным звуком до его появления.

Кинопленка является традиционной носительницей киноизображения и звука со своей традиционно сложной технологией обработкой, колоризацией и т.д. Но в настоящее время успешно развивается альтернативная *цифровая технология*, которая, благодаря общему развитию технической мысли, на много проще в эксплуатации в кино,

телевидения, компьютерной технологии и т.д. [1 и 5] …

Хотя тот или иной киномир был создан силой таланта его создателя и в реальности он, быть может, не имеет основания для существования, тем не менее, *киноизображение изначально обладает такой магией*, где зритель **продолжает верить**, зачастую даже не задумываясь над тем, что увиденное есть лишь **условность**. Это принципиально для кино и аудиовизуального искусства.

Не буду далее вдаваться в подробности огромного разнообразия кинотехнологии. Да и это неважно в данной ситуации. Важно определить, во что вливается это преобразование.

Желая вкратце показать этот результат, хотел бы проиллюстрировать его в достижениях таджикского кино.

Так, на заре таджикского кино первым опытом на этом пути было замечено в работе «Эмигрант» (1934 г.) Камиля Ярматова. Осознавал ли он сам эту методику или нет, трудно сказать. Но факт точный. С него началось имплицитное или эксплицитное применение в таджикском кино методики кинотехнологии в духовного выразителя национального кино, как художественного мира национальной идентичности. Причем, в условиях технического несовершенства тогдашнего кино: ведь оно было немым, черно-белым, технология съемочной техники ручным, технология ракурса, оптики, монтажа и прочее довольно примитивным. Но его «Эмигрант» убедительно доказал, что кинотехнология может стать частью художественных средств выражения национальной культуры. Это итог чрезвычайно важный.

Как это получилось у Ярматова? Он использовал уже известные технико-технологические средства типа ракурсы, освещение, монтаж и другие средства для выявления этнического своеобразия традиций, обычаев, одежды, поведение героев, создания национального характера, сюжет и т.д. «Эмигрант» явился первым шагом на пути к национальной идентичности, более органично использовавшем технику и технологию в качестве художественных средств [9, 234 – 242].

Далее, появился звук и цвет, усовершенствованная технология и это расширило возможности кино, оно еще увереннее стало внедряться в национальную кинокультуру. Хотя, Ярматов и показал другую очень важную сторону кино в деле внедрения кинотехнологии в национальную культуру. Я имею в виду монтаж, но в последующие этапы развития кинематографа именно монтаж явился ключевым средством становления кино частью национальной культуры. Монтаж, помимо изображения и звука, стал именно основным способом мышления, **национального кинематографического мышления**.

Это нашло отражение в творчестве выдающегося кинематографиста Бенсиона Ариевича Кимягарова. Кимягаров на примере как современных ему тем («Хасан Арбакеш», «Одной жизни мало», «Человек меняет кожу» и т.д.) и на примере обращения к далекой истории таджикского народа, создал оригинальные произведения, дающие импульс для самосознания народа. В его сериях по мотиву «Шахнаме» («Сказание о Рустаме», «Рустам и Сухроб», «Сказание о Сиявуше»), ему совместно с автором сценария, оператором, актером, используя технологию комбинированных съемок, удалось создать великолепный образ **Тулада** [2, 172-178]. Образа, которого нет в самом «Шахнаме», но который метафорично воплощает собой собирательные образы всех мифических и реальных злых сил, имеющие в самом литературном произведении. При его создании использовались комбинированные съемки, мультипликация (в то время еще отсутствовала компьютерная технология). Тулад – это страшная, неуловимая, и в тоже время философская сила, которая создает равную конкуренцию главному герою – Рустаму …

Традиции опыта применения технико-технологических средств в творчестве Б. Кимягарова на другом витке истории таджикского кино продолжили кинематографисты другого поколения – это Тахир Сабиров, Анвар Тураев, Давлат Худоназаров, Валерий Ахадов, Бако Садыков, Маргарита Касымова и многие другие.

При этом я хотел бы особо отметить фильмы Давлата Худоназарова «Юности первое утро» и «В талом снеге звон ручья», где все – и технические и художественные средства, стали выразителями поэтического этнографического произведения.

До выхода фильма «Юности первое утро» был снят фильм Марата Орифова «Ниссо» (1965), также снятый по мотивам романа П. Лукницкого. Фильм был черно-белый. Он напоминал узкие и холодные улицы горного Бадахшана. В очень напряженном, конфликтном стиле, в стиле «истерна» была изображена история несчастной Ниссо.

Фильмы Давлата Худоназарова, как игровые, так и документальные, превратили все технические средства в высокие художественные средства, для воплощения их в уникальную экспозицию этнографических и поэтических произведений.

Фильм относительно независим от романа. «Юности первое утро» был представлен **изнутри** мира бадахшанцев. При этом каждый герой, каждое средство использовались для трогательного, бережного создания поэтико-философского мира нарда, умеющего жить в суровой среде, но с добрыми нравственными принципами.

«Юности первое утро» представлен в виде линейного монтажа.

А «В талом снеге звон ручья», режиссер, используя преимущества нелинейного монтажа, создать целостный мир простого скромного человека.

В этом фильме концепция строится на судьбе главного героя, который живя «в данное время», вспоминает свою раннюю юность, когда он у своего священного колодца встречает свою любовь. Затем участвует в Великой Отечественной войне, ранение, госпиталь. Снова реальность – упрек невесты в безучастии свекра в судьбе своего безалаберного младшего сына, при рождении которого умерла мать, который нарушает общественные и государственные законы. Встреча со старшим сыном. Едет в Москву на встречу со своими фронтовыми друзьями и т.д. – все эти картины в целом полифонно создают целостную картину жизни пожилого чабана, живущего скромного в глуши …

Философия данного фильма – создать образ чабана, героя войны, сохранившего в себе любовь к людям, к природе, верность к духовным традициям и принципам.

Творческая деятельность другого режиссера – Бахтиёра Худойназарова коронируется фильмом «Братан». Этот фильм так же осуществлен в линейном монтаже.

Вся технология посвящена формированию и показу родственных отношений между старшим и младшим братьями.

В настоящее время лидером авторского кино в Таджикистане является Носир Саидов, который создал ряд кинокартин, имеющие нравственно-философское содержание. Это «Истинный полдень», «Муаллим», «Рох», «Зеркало без отражения» и др. Главное внимание режиссера занимает человек и его среда. Конфликт между средой и героем – создают представление о современном мире. Опять же Носир и Георгий Дзалаев – оператор фильмов Саидова, другие мастера по монтажу, звуку, изображению мастерски использует технические средства во имя создания богатого и сложного мира современника.

Умед Мирзоширинов, Файзулло Файзов, Фарход Тухташев, Мухиддин Музаффари и другие молодые режиссеры Таджикистана успешно демонстрируют свое умение преобразовать технологию в духовный мир. К числу их достижений относятся такие фильмы, как «Младший брат ангелов», «Водяной мальчик», «Такси», многосерийный фильм «Хона», «Фортуна» и др.

Особо хочется отметить малозамеченный успех молодого режиссера Руми Шоазимова. Это аксиома, когда автор не подразумевает, а свободное зрительское мышление настойчиво «прочитывает» то, что автор, может быть, и не предполагал. Речь идет о фильме Руми «Сон обезьяны», снятого по мотивам повести Уильяма Джейкобса «Обезьянья лапа», где речь идет о психологическом состоянии американского общества.

А какие ассоциации с реальностью жизни таджикистанцев думающий зритель находит в фильме Руми?

Недавняя братоубийственная гражданская война в Таджикистане оставила в нашей исторической памяти, в нашей психике состояние пессимизма, недоверия, разочарования и цинизма, как раз то, что было характерно для американского общества времен Второй мировой войны и первые годы холодной войны.

Это состояние «спрятано» в конкретике сюжета. Руми достаточно молод, чтобы прямо заявить об этих явлениях. Но, думается, он интуитивно почувствовал эту социальную психологию нашего бытия. Да, наше общество – восточное, не западное, оно имеет другой менталитет. Но общий внутренний зыбкий позыв такой общественной психологии усматривается в фильме. Особенно это чувствуется в состояние городской прослойки, у интеллигенции, которое вот уже на протяжении ряда лет не проявляет социальной активности. Она молчит, не проявляет инициативы, держит «фигу в кармане», если не удовлетворена каким-либо решением вопроса [9, 231 – 232]…

К сожалению, ни один таджикский фильм, созданный после братоубийственной войны на эту тему в Таджикистане, не дает повода думать об этом психологическом состоянии общества. Эта сложная материя. И спасибо Руми, который имплицитно, подсознательно, быть может сам того не подозревая, подводит нас к такой ассоциации. Это дорогого стоит …

Возникают новые технологии, новая техника. Новые средства выражения, новая эстетика, новые концептуальные возможности, связанные с этой технологией. Каждому истинному автору важно было представить не только азы владения и применения кинотехнологии в национальную культуру, но и на уровне собственного, индивидуального, субъективного мироощущения, мировосприятия, миропонимания создать картину мира. Нужно было на уровне авторской концепции и на базе современного кинематографического мышления, на базе современной киноэстетики выразить видение национального образа жизни **изнутри**. И это отчасти удается показать таджикским кинематографистам и удается понимать их реципиентам.

Литература

1. Абдрашитов В., Балабанов А., Герман А. и др. XX1.век – конец пленочного кинематографа? // Искусство кино. -2000. - № 10. – С. 122-131.
2. Абдуллоева М. Хусусиятҳои зебошиносии филмҳои мустанади Борис Кимёгаров. // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИ ҶТ №2 2020. – С. 172-178.
3. Арансон О.В. Условия кино-пространства // Киноведческие записки, №31, 1996. -С. 174.
4. Басин Е.Я. О природе изображения // Вопросы философии. – 1968. № 4. - С. 47-57.
5. Иоскевич Я. Новые технологии и эволюция художественной культуры. – СПб, 2003.
6. Малышев В.С., Геращенко Л.Л. Мифотехнологии в кино в системе координат искусства и философии. // Аналитика культурологии, 2014. – С. 3 – 10.
7. Познин В.Ф. Выразительные средства экранных искусств: эстетический и технологический аспекты.- Докт. дис.- С. Пб. 2009. 345 с. – С. 6.
8. Разработка семиотики кино. Сборник статей. Пер. с англ. Н. Разлогова. - М.: Радуга: 134-175.
9. Рахимов С.Х. Современное пространство таджикской культуры и искусства. – Душанбе: 2023.

Интернет-ресурсы:

10.https://artforintrovert.ru/materials/tpost/lf9xfmp8c1-obschii-krupnii-srednii-kakie-bivayut-plany. – Дата обращения 18 февраля 2024 г.

11.https://cyberleninka.ru/article/n/funktsii-osvescheniya-i-tsveta-na-ekrane. – Дата обращения 18 февраля 2024 г.

12.https://ru.wikipedia.org/wiki Акира Куросава. – Дата обращения 10 февраля 2024 г.

13.studexpo.net/757476/etika_estetika/montazh_sredstvo_sozdaniya_hudozhestvennogo_kinoobraza. – Дата обращения 14 февраля 2024 г.

14.https:// dtf.ru/cinema/23660-kak-snimayut-kino-vliyanie-cveta-na-vospriyatie-kadra. – Дата обращения 20 февраля 2024 г.

15.Котова М.И. Функции освещения и цвета на экране. //https://cyberleninka.ru/article/n/funktsii-osvescheniya-i-tsveta-na-ekrane. – Дата обращения 18 февраля 2024 г.

ДАР МАВРИДИ МАСОИЛИ ТАБДИЛ ДОДАНИ «ЗАБОНИ» ТЕХНИКА ВА ТЕХНОЛОГИЯ БА «ЗАБОНИ» ЭҶОДӢ

Раҳимов С.Х.

Мавзуи андешаҳои муаллифи ин мақола субъекте мебошад, ки дорои воситаҳои бадеӣ ва техникю технологӣ мебошад. Ин субъект тавассути чунин шакли махсуси шуури иҷтимоӣ – ҳунар арзишҳои субъективию объективиш ахлоқӣ ва эстетикиро эҷод менамояд. Чаро ҳунар? Зеро он инъикоси аудиовизуалӣ ва ҳамзамон зеҳнии олами атроф ва ҷаҳони маънавии инсонро баррасӣ менамояд. Ҳамчун намунаи ин хусусият, дар мақола санъати кино истифода шудааст. Зеро кино як намуди ҳунари синтетикиест, ки воситаҳои анвои ҳунарҳо ва инчунин воситаҳои бадеӣ ва таҷҳизоти техникиву технологияи худиро дастаҷамъона истифода мебарад.

***Калидвожаҳо**: шахси эҷодгар, тамсили кино, номгӯи востаҳои технологии филм, асрори эҷодиёт, объекти намоиш, моҳияти дарки асари бадеӣ.*

ON THE ISSUE OF TRANSFORMING THE “LANGUAGE” OF TECHNOLOGY INTO THE “LANGUAGE” OF CREATIVITY

Rahimov S.Kh.

The subject of the author’s reflection is the subject who, possessing purely technical and technological means, forms subjective-objective moral and aesthetic ideas through such a special form of social consciousness as art. Why art? Because it is a sensory-visual and at the same time intellectual reproduction of the surrounding world and the spiritual world of man. To illustrate this specificity, let us take the art of cinema. Because cinema is a synthetic art form that, when creating a film image, collectively uses tools from almost all types of art, as well as its own artistic tools, film equipment and film technologies.

***Key words**: creative subject, film image, list of film technologies, secret of creativity, object of display, nature of perception.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТАҲЛИЛИ БАЪЗЕ РАВИШҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ МУАЙЯН КАРДАНИ МОҲИЯТИ САРМОЯИ ИҶТИМОӢ

Назар М. А. – д.и.ф., дотсент, сарходими илмии Шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ (Тел.: +992917251167)

Муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар мақолаи мазкур методологияҳои таҳқиқи сармояи иҷтимоиро, ки муҳаққиқони варзида истифода бурдаанд, арзёбӣ намояд. Нишон дода мешавад, ки зиддиятнокии дидгоҳҳои методологӣ, табиати истиоравӣ ва бисёрмаъноӣ доштани мафҳуми «сармояи иҷтимоӣ» сабаби асосии зиддиятнокии назарияҳои сармояи иҷтимоӣ, хусусан муайян кардани моҳияти он шудаанд. Бинобар ин, муаллиф давом додани таҳқиқи амиқи ин мавзуро муҳим мешуморад.

***Калидвожаҳо**: назария, консепсияҳо, сармояи иҷтимоӣ, нишондиҳандаҳои сармояи иҷтимоӣ, «пастравӣ»-и сармояи иҷтимоӣ, фард, ҷамъият, робитаҳои иҷтимоӣ, эътимод, судмандии мутақобила.*

«Сармояи иҷтимоӣ» яке аз мафҳумҳои бештар истеъмолшавандаи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии муосир ба ҳисоб меравад. Ба таҳлилу омӯзиши сармояи иҷтимоӣ асарҳои зиёд бахшида шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки агарчи ин мафҳумро бори нахуст Л. Ханифан ҳанӯз дар ибтидои асри ХХ ба адабиёти илмӣ ворид карда буд, вале худи назарияи мукаммали сармояи иҷтимоӣ дертар дар асарҳои П. Бурде, Ҷ. Коулмен, Р. Патнэм, Ф. Фукуяма ва муҳаққиқони дигар таҳия гардидааст. Дар шароити кунунӣ низ таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни ин мавзуъ идома дорад.

Дар Тоҷикистон бошад, таҳқиқи масъалаҳои сармояи иҷтимоӣ фақат дар давраи соҳибистиқлолии кишвар оғоз шуд. Муҳаққиқони ватанӣ дар солҳои охир якчанд мақола дар доираи ин мавзуъ чоп карда, андешаҳои ҷолиби хешро баён намудаанд [1, 21-27; 2, 119-123; 3, 113-116]. Илова бар ин, тасдиқ гардидани мавзуи таҳқиқотии Шуъбаи фалсафаи иҷтимоии ИФСҲ АМИТ барои давраи солҳои 2020-2025 таҳти унвони «Сармояи иҷтимоӣ ва аҳамияти он дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4] аз мубрам будани пажӯҳиши он дар доираҳои илмии мамлакат далолат менамояд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар пажӯҳиши ин мавзуъ аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, зарурати таҳқиқи амиқи он боқӣ мемонад, чунки алҳол «сармояи иҷтимоӣ» ҳатто таърифи ягонаи умумиэътирофӣ надорад ва усулҳои ягонаи андозагирии он низ муайян нашудааст. Ҳар як муҳаққиқ кӯшидааст, ки ин мафҳумро аз нигоҳи хеш таъриф кунад. Аз ин рӯ, тафсирҳои муҳаққиқони гуногун дар аксари мавридҳо ба ҳамдигар зиддият доранд. Аз ин бармеояд, ки қисми бештари назария ва консепсияҳо дар бораи сармояи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, дар асосҳои методологии худ осебпазиру ихтилофнок мебошанд. Инро дар асоси таҳлил ва муқоисаи дидгоҳҳои консептуалии чанде аз муҳаққиқони варзида собит кардан мумкин аст.

Дар ҷомеаи олимон эътироф шудааст, ки сотсиологи номӣ П. Бурде нахустин шуда, ба таҳқиқи сармояи иҷтимоӣ рӯ овардааст. Дар таҳқиқоти анҷомдодааш ӯ сармояи иҷтимоиро ҳамчун қобилияти баҳрабардорӣ аз мақоми иҷтимоӣ ва робитаҳои иҷтимоӣ, ҳамчун захира ва ё манбае тафсир кардааст, ки бархурдорӣ аз он узви ҷомеаи мушаххас будани афродро тақозо мекунад. Аз ҷумла, ӯ дар мақолааш «Шаклҳои сармоя» ин мафҳумро барои муайян кардани

робитаҳои иҷтимоӣ, ки ҳамчун манбаи ба даст овардани фоидаҳо амал карда метавонанд, истифода кардааст [5, 60-75].

Дар шакли ҷамъбастӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки тибқи ақидаи П. Бурде, мардум метавонанд сармояи иҷтимоӣ дошта бошанд, дар ҳоле ки мубориза барои сармояи иҷтимоӣ як бозии оғозаш бо малаҳи сифр аст, яъне агар сармояи як фард ё табақаи иҷтимоӣ дар ҳолати афзоишёбӣ бошад, ин маънои онро дорад, ки сармояи иҷтимоӣ дар куҷое коҳиш ёфт, касе аз он маҳрум шуд.

Албатта, ин назари П. Бурде аст, вале аксари мутахассисоне, ки ин мавзуъро дар даҳсолаҳои наздик таҳқиқ кардаанд, сармояи иҷтимоиро таърифи дигар додаанд. Возеҳ ба назар мерасад, ки онҳо сармояи иҷтимоиро асосан мутааллиқ ба ҷамъият дар умум меҳисобанд, на молу сифати фарди алоҳида ё гурӯҳи хурди иҷтимоӣ. Масалан, Р. Патнэм аз зумраи чунин муҳаққиқон аст, ки консепсияи сармояи иҷтимоиро аз дидгоҳи дигаре таҳия ва пешниҳод намудааст.

Аз назари ӯ, таърифи умумӣ ё васеи мафҳуми «сармояи иҷтимоӣ» чунин аст: «хусусиятҳои созмонҳои иҷтимоӣ, ба монанди шабакаҳо, меъёрҳо ё эътимод мебошанд, ки дар ҷараёни расидан ба судмандии мутақобила ҳамоҳангшавиро осон мегардонанд» [6, 67]. Пас, тибқи ин гуфтаҳо, ҷамъият чанде зиёдтар сармояи иҷтимоӣ дошта бошад, ҳамон қадар расидан ба мақсадҳои умумӣ, аз ҷумла рушди иҷтимоию иқтисодӣ, осонтар мегардад.

Бояд эътибор диҳем, ки дар бораи ҳамкории шаҳрвандон ҳамчун манбаи асосии сармояи иҷтимоӣ сухан ронда, Р.Патнэм на фақат ҳаракатҳои сиёсӣ ва фаъолияти сиёсиро, инчунин ҳар як намуди ҳамкорие, ки берун аз доираи муассисаҳои давлатӣ сурат мегирад, дар назар дорад. Инчунин ба он маъно, ки ҳар як фарди алоҳида метавонанд ба ҷамъияти дӯстдорони табиат ё маҳфили варзишӣ ҳамроҳ шуда, аз пайи манфиатҳои хеш бошад. Муҳим ҳамин, ки дар натиҷа одамон бештар ба муомила кушода шаванд, яъне байни онҳо робитаҳои боэътимод пайдо гардад. Р. Патнэм дар мақолаи худ «Боулинг дар танҳоӣ» [7] ба таҳлил ва арзёбии тағйироти иҷтимоӣ, ки аз солҳои 60-уми асри XX ин ҷониб ба ҷомеаи америкоӣ таъсир мерасонад, рӯй меорад. Дар мақолаи мазкур диққати асоси ба он равона шудааст, ки дар ҷомеаи муосири америкоӣ пастшавии нишондиҳандаҳои сармояи иҷтимоӣ хеле нигаронкунанда мебошад. Ин, аз ҷумла, дар кам шудани таваҷҷӯҳи интихобкунандагон ба ҳамаи сатҳҳои интихобот ва коҳиши нишондиҳандаҳои эътимод ба ниҳодҳои сиёсӣ ифода мегардад [6, 68].

Р. Патнэм нишондиҳандаҳои худидоракунии шаҳрвандонро таҳлил карда, вазъияти ногувори онро маълум менамояд: коҳиши амиқи шумораи гурӯҳҳои динӣ-мазҳабӣ, ҳаракатҳои иттифоқҳои касаба, ассотсиатсияҳои волидайн, ҷамъиятҳои занон, созмонҳои ихтиёриён ва ғайра [6, 69]. Ҷамъияти муосир, ба қавли Р.Патнэм, пароканда шуда истодааст, ки ин хеле ташвишовар мебошад.

Ба Р. Патнэм аввалин таснифоти сармояи иҷтимоиро пешниҳод карда, иброз намуд, ки на ҳамаи сармояи иҷтимоӣ барои рушд муфиду судманд аст. Дар ин таснифот мавҷудияти сармояи иҷтимоии васлкунанда (аз англ. – *bonding*) ва муттаҳидкунанда (аз англ. – *briding*) дар назар дошта мешавад. Сармояи иҷтимоии бондингӣ дар ҷомеаҳои пӯшида ва гомогенӣ ташаккул меёбад; он эътимод ба худӣ аст, на ба бегонагон. Таҳти сармояи иҷтимоии бондингӣ Р. Патнэм чунин меъёрҳои фарҳангӣ ва унсурҳои сохти иҷтимоиро дар назар дорад, ки ҳамбастагӣ ва ягонагии гурӯҳи муайянро дастгирӣ мекунанд.

Сармояи иҷтимоии бриджингӣ бошад, хоси ҷомеаҳои кушода буда, эътимод ба одамони берун аз гурӯҳи иҷтимоии худро фаро мегирад. Таҳти сармояи иҷтимоии бриджингӣ маҷмуи меъёрҳо ва сохторҳоеро, ки ба доираи васеи иҷтимоӣ ворид шудани гурӯҳро таъмин мекунанд, фаҳмида мешавад. Р. Патнэм қайд мекунад, ки бондинг барои наҷот ёрӣ мерасонад, бриджинг бошад, барои пешравӣ.

Аз ин бармеояд, ки ҳарду намуди сармояи иҷтимоӣ барои комёб ва муваффақ шудани гурӯҳ муҳиманд, зеро сатҳи пасти васлгарии сармояи иҷтимоӣ

боиси парокандагии гурӯҳ ва сатҳи пасти ҳамгироӣ боиси интишоршавии тамоюлҳои ҷудоихоҳию ҷудошавӣ мегардад [7]. Ҳамин тавр, вобаста ба сатҳу сифати сармояи иҷтимоӣ падидаю равандҳои мухталиф шарҳ дода мешаванд, аз ҷумла: суръати гуногуни рушди иқтисодӣ, сатҳи рушди молиявӣ, ҷиноятқорӣ, навоварӣ, фарқияти ҳаҷми фирмаҳо, тарҳрезии муассисаҳо, тарзи кору фаъолияти онҳо ва ғайра.

Р. Патнэм дар асоси таҳлили маводи оморӣ қайд мекунад, ки дар ИМА ва мамлакатҳои мутараққии Аврупо аз соли 1965 ин ҷониб тамоюли камшавии таваллуд, зиёд шудани шумораи талоқҳо ва таваллуди фарзандони берун аз никоҳ мушоҳида карда мешавад [8, 46-90]. Ҳамаи ин дар натиҷаи аз байн рафтани арзишҳои суннатии оилавӣ ба амал меояд, ки дар ин мамлакатҳо нисбатан чашмрас аст. Ин ҳолат, дар навбати худ, ба нишондиҳандаҳои эътимоди мардум ба ҳамдигар таъсири манфӣ мерасонад.

Интишор шудани асарҳои Р. Патнэм ва Ф. Фукуяма дар муҳити илмӣ баҳсҳои доманадорро барангехт. Гурӯҳе аз муҳаққиқон дар бораи сабабҳои эҳтимолии ин тамоюлҳо баҳс доранд, қисми дигар худи андешаро дар бораи нокифоя будани сармояи иҷтимоӣ дар ИМА ва Аврупо зери шубҳа мегузоранд.

Умуман, дар арзёбиҳои муҳаққиқони соҳа ҳам инкори пессимизми Р. Патнэм ва ҳам тасдиқи мушоҳидаҳои ӯ ба мушоҳида мерасад. Худи Р. Патнэм низ ақидаи худро тағдиди назар кард ва нишон дод, ки баъди ҳодисаи 11.09.2001. дараҷаи иштироки сиёсии мардум бо ҳисси ватандӯстӣ то андозае баланд шудааст [7].

Худи муаллифони назарияҳо сабаби «пастравӣ»-и сармояи иҷтимоиро дар чӣ мебинанд? Р. Патнэм, масалан, асосан ба он сабабҳое ишора мекунад, ки бо дигаргуниҳои фарҳангӣ алоқаманданд [6]. Ф. Фукуяма, дар навбати худ, сабаби эҳтимолиро дар рушди иқтисодиёти сармоядорӣ мебинад: дар шароити иқтисодиёти густаришёбандаи глобалӣ ҷойгоҳ пайдо кардани шаклҳои умумиятҳои куҳнаи анъанавӣ умуман аз имкон дур аст. Бо вуҷуди ин, Ф. Фукуяма зиддияти назаррасро дар байни идеяи умумияти иҷтимоӣ ва сармоядорӣ намебинад. Вай падидаҳои тавсиф кардаашро ҳамчун як навъ давраи гузариш қабул дорад. Баъди ин давра боз давраи пайдоиши кадом як сармояи нави иҷтимоӣ фаро мерасад, ки шабакаҳои мутаҳаррики ҳамтаъсириро ба инобат мегирад [8, 347-348].

Умуман, ба иқтисоди бозоргонӣ назари нек доранд. Маҳаки андешаҳои ҳарду муаллиф ба танқиди «дидгоҳи танги иқтисодӣ», ки дар он субъектҳои иқтисодӣ дар вакууми иҷтимоӣ амал мекунанд, вобаста аст. Аммо худи воқеияти иҷтимоӣ, ки алҳол дар мадди назар дорем, ба гуфтаи Р. Патнэм ва Ф. Фукуяма, бояд ҳамчун манбаъ ба субъекти аз лиҳози иқтисодӣ манфиатдошта хидмат кунад. Ин олимон иқтисоди бозорӣ бо дахолати камтари давлатро муҳити муносиб барои маблағгузорӣ ба сармояи иҷтимоӣ медонанд. Гузашта аз ин, аз назари онҳо, ҷараёнгирии муносибатҳои бозоргонӣ ба паҳншавии арзишҳои гуманистӣ дар замони сармоядорӣ мусоидат кардааст.

Чунон ки Ф. Фукуяма қайд мекунад, «...аъзоёни ҷамъияти буржуазӣ ба меҳнатдӯстӣ, ростқавлӣ, интизомнокӣ ва чандин фазилатҳои кучаке шавқмандии доимӣ зоҳир менамоянд – ба туфайли онҳо мумкин, ки ҳашамати ашрофона ба даст наояд, лекин ақаллан зиштқориҳо камтар мешаванд. … Манфиати шахсӣ доштани соҳибкор кофист, то кафолат дода шавад, ки ростқавлӣ (ё ақаллан зоҳиркунии он) боқӣ монад» [8, 347].

Мавқеи назарии Ф. Фукуяма дар аксари нуктаҳо пайравӣ ба назари Р. Патнэм аст. Фарқият ин, ки вай, бар хилофи Р. Патнэм, фақат ба ҷузъиёти арзишӣ таваҷҷӯҳ мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки Ф. Фукуяма консепсияи сармояи иҷтимоиро дар атрофи мафҳуми «эътимод» бунёд кардааст. Ӯ эътимодро ҳамчун умедвории инсон ба рафтори устувор, ростқавлонаю арзишмандонаи аъзоёни дигари ҷамъият мефаҳмад. Маҳз бартарӣ доштани эътимод дар ҷамъият сармояи иҷтимоиро ба миён меорад. Аз нигоҳи ӯ, эътимод (пас сармояи иҷтимоӣ низ) омили муҳими накуаҳволии миллӣ ва рақобатпазирӣ дар арсаи байналмилалӣ

мебошад. Хусусияти хоси сармояи иҷтимоӣ, аз назари Ф. Фукуяма, механизмҳои такрористеҳсолшавии он мебошанд, ки тавассути дин, анъанаҳо ва урфу одатҳои таърихӣ амалӣ мегардад [9].

Маҳз тасдиқот дар бораи нақши муайянкунанда доштани оқилии иқтисодӣ дар нисбати меъёрҳои ахлоқӣ боис шуд, ки пайравони назарияи сармояи иҷтимоӣ пайваста зери интиқод қарор гиранд.

Таҷрибаи баъзе мамлакатҳо гувоҳӣ медиҳад, ки нишондиҳандаҳои баландтарини «сармояи иҷтимоӣ» (эътимод, фаъолнокии шаҳрвандӣ ва ғайра) дар кишварҳое мушоҳида мешавад, ки дар онҳо давлат ба иқтисодиёт фаъолона дахолат карда, маблағҳоро ба нафъи табақаҳои осебпазири иҷтимоӣ аз нав тақсим мекунад. Гузашта аз он, раванди «пастравӣ»-и «сармояи иҷтимоӣ»-ро дар ИМА дар алоқамандӣ бо натиҷаҳои ислоҳоти солҳои 80-уми асри XX шарҳ додан мумкин аст, ки ин дар ниҳояти кор боиси афзудани фарқияти байни табақаҳои камбизоат ва хубтаъминшуда гардид. Ин фактҳо низ ба консепсияҳои пешниҳодшуда чандон созгор нестанд.

Умуман метавон гуфт, ки назарияи сармояи иҷтимоӣ дар ҳамон шакле, ки масалан, дар асарҳои Р. Патнэм пешниҳод шудааст, ба худ мухолифат мекунад. Мисол, агар манбаи сармояи иҷтимоӣ асосан муносибатҳои кушоди мутақобилан судманд бошад, пас чаро ҷомеаи муосири Ғарб, ки принсипи худидоракуниро эълом кардааст, таназзули сармояи иҷтимоиро аз сар мегузаронад? Дар асарҳои ин муҳаққиқон ба саволи мазкур ҷавоби якмаъно ёфтан муҳол аст.

Сабаби ин зиддиятнокии назарияҳои сармояи иҷтимоиро шояд дар интихоби методология ҷустан лозим бошад. М. Зазулина ин манзараро чунин тасвир мекунад: «синтези байни фардиятгароӣ ва арзишҳои ҷомеъӣ, ки дар шарҳи сармояи иҷтимоӣ пешниҳод гардидааст, пайравӣ ба ду анъанаи методологиро дар мадди назар дорад: анъанаи фардиятгароии методологӣ, ки дар назарияи интихоби оқилона ифода ёфтааст ва анъанаи сотсиологияи классикӣ бо мулоҳизаҳояш дар бораи ҷомеа ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ» [10, 64]. Ифодашавии ин дар асари аксарияти назариячиён сармояи иҷтимоӣ, ки онро ҳамчун захира ва ё манбае дар ихтиёри «инсони иқтисодӣ» меҳисобанд, мушоҳида мегардад. Аммо агар ба саволи «ин манобеъ аз куҷо пайдо мешавад?» посух ҷуста шавад, он гоҳ пайравони назарияи сармояи иҷтимоӣ аз қолиби сирф «оқилии иқтисодӣ» берун рафта, шарти фарҳангии сармояи иҷтимоиро пеш меоранд. Дар ин маврид сухан дар бораи муносибатҳои ҷамъиятӣ меравад, ки сабабгору муайянкунандаи ягонаи онҳо танҳо ва танҳо иқдомҳои оқилона буда наметавонанд.

Бояд қайд кард, ки дар асарҳои Ф. Фукуяма бештар «эклектизми методологӣ», яъне омехтани нуктаи назарҳои гуногун ба мушоҳида мерасад. Ӯ дар як маварид менависад, ки «сармояи иҷтимоӣ натиҷаи амалиёти як фард шуда наметавонад, вобаста аз афзалияти фазилатҳои ҷамъиятӣ бар инфиродӣ он меафзояд» [9, 54]. Дар дигар маврид бошад, тавифи тамоман дигар додааст: «...шахсони алоҳида барои расидан ба мақсадҳои ғаразноки худ кӯшиш хоҳанд кард, ки сармояи иҷтимоӣ ва фазилатҳо, аз қабили поквиҷдонӣ, эътимоднокӣ ва ҳамдамӣ эҷод кунанд» [8, 347-348].

Чунин эклектизм шояд ба табиати истиоравӣ ва бисёрмаъноии мафҳуми «сармояи иҷтимоӣ» рабт дошта бошад. Инро истисно кардан лозим нест, зеро маъмулан бо «сармояи иҷтимоӣ» ҳамон чизҳои арзишманд, ки дар сохтори робитаҳои иҷтимоӣ ҷой доранд ва самараҳои хуби иқтисодӣ дода метавонанд, ифода карда мешавад. Ба назар чунин мерасад, ки камукостагии ин равишу дидгоҳҳо ба бисёрҷанбагиии мавзуи мавриди таҳқиқ вобаста мебошад.

Ҳамин тавр, сармояи иҷтимоӣ қобилияти ғуншавӣ, пардохтшавӣ, мубодилашавӣ ва худинкишофёбиро дорад. Ғуншавии он ба афзоиши сармояи инсонӣ ва самаранокии фаъолияти ташкилоту муассисаҳо мусоидат карда, рақобатпазирии онҳоро дар муҳити

муайян таъмин мекунад. Агар дар ҷамъият сармояи иҷтимоӣ зиёд бошад, пас таъсири давлат ба ҷамъият ҳамон қадар камтар, вале самарабахштар мешавад. Ба ин нукта аксари муҳаққиқон розианд. Вале сарфи назар аз ин, дар таҳқиқи сармояи иҷтимоӣ бо ногузирӣ ихтилофи муайяни байни фарогирии падидаҳои таҷрибавӣ ва консептуалӣ, гуногунии равишҳои методологӣ, гуногунназарӣ дар таърифи мафҳуми «сармояи иҷтимоӣ» боқӣ мондааст.

Адабиёт

1. Зиёӣ Х. М. Нақши сарчашма ва унсурҳои асосии сармояи иҷтимоӣ дар рушди неруи инсонӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2022. – №2. – С.21-27.

2. Насурова Б. А. Сармояи иҷтимоии ҷавонон ҳамчун омили ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ // Сармояи инсонӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе, 23 майи соли 2023). – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2023. – С.119-125.

3. Ҳайдаров Р. Ҷ. Сармояи иҷтимоӣ: мафҳум, назария ва равишҳои консептуалӣ. // «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Силсила: илмҳои фалсафӣ. – 2021. – №3-4. – С.113-116.

4. Шуъбаи фалсафаи иҷтимоӣ. [Манбаи электронӣ] https: // www.ifppanrt.tj (санаи мурочиат 09.01.2024)

5. Бурдье П. Формы капитала // Экономическая социология. – 2002. – №5. – С.60-75.

6. Putnam R. D. Bowling Alone: America’s Declining Social Capital // Journal of Democracy. 1995. Vol. 6, N 1. P. 65-78.

7. Sander T. H., Putnam R. D. Still Bowling Alone? The Post - 9/11 split // Journal of Democracy. 2010. Vol. 21, N 1. P. 9-16.

8. Фукуяма Ф. Великий разрыв: Пер. с англ. – М.: ООО «Издательство АСТ»: ЗАО НПП «Ермак», 2004. – 475 с.

9. Фукуяма Ф. Доверие: социальные добродетели и путь к процветанию: Пер. с англ. – М.: ООО «Издательство АСТ»: ЗАО НПП «Ермак», 2004. – 730 с.

10. Зазулина М. Р. Социальный капитал: дилеммы теоретической концептуализации // Вестник НГУ. Серия: Философия. – 2015. Т. 13. – №2. – С. 62-69.

АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ КОНЦЕПТУАЛЬНЫХ ПОДХОДОВ К ОПРЕДЕЛЕНИЮ СУЩНОСТИ СОЦИАЛЬНОГО КАПИТАЛА

Назар М. А.

В данной статье автор попытался рассматривать методологии исследования социального капитала, используемые видными исследователями. Показано, что противоречие методологических взглядов, метафоричность и неоднозначность понятия «социальный капитал» являются основной причиной противоречия теорий социального капитала, особенно определения его сущности. Поэтому автор считает важным продолжить глубокие исследования данной темы.

Ключевые слова: *теория, концепции, социальный капитал, показатели социального капитала, снижение социального капитала, личность, общество, социальные отношения, доверие, взаимная выгода.*

ANALYSIS OF SOME CONCEPTUAL APPROACHES TO DEFINING THE ESSENCE OF SOCIAL CAPITAL

Nazar M. A.

In this article, the author tried to review the social capital research methodologies used by prominent researchers. It is shown that the contradiction in methodological views, the metaphorical nature and ambiguity of the concept of “social capital” are the main reason for the contradiction between theories of social capital, especially the definition of its essence. Therefore, the author considers it important to continue in-depth research on this topic.

Key words: *theory, concepts, social capital, indicators of social capital, reduction of social capital, personality, society, social relations, trust, mutual benefit.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ИҶТИМОИШАВИИ ҶАВОНОНИ ДОНИШҶӮ ДАР ТАҒЙИРЁБИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

Шоисматуллоев Шоназар - узви вобастаи АМИТ, д. и. с., профессор, мудири шуъбаи сотсиологияи ИФСҲ АМИТ.
Мирзоева Шоира Гулшукуфовна – муаллими калони кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон E-mail:poetesa7878@mail.ru. Тел: 934-55-03-55

Дар мақола масъалаи иҷтимоишавии ҷавонони донишҷӯ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Пешрафти ҷомеаи демократӣ на танҳо аз раванди бомуваффақиятонаи ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ, инчунин аз сиёсати дурусти давлатии ҷавонон, дастгирии онҳо ва иштироки фаъоли донишҷуён дар корҳои ҷамъиятӣ, идоракунӣ ва умуман, ҳаёти иҷтимоӣ вобастагии калон дорад.

Калидвожаҳо: *иҷтимоишавӣ, ҷавонон, донишҷӯ, маориф, арзишҳо, мавқеи ҳаётӣ, маънавиёт, ҷомеа, тағйирёбӣ.*

Дар тамоми кишварҳои ҷаҳон ҷавонон ба сифати қишри нерӯманд, созанда, бунёдкор ва пешбарандаи ҳаёти ҷомеа шинохта шуда, ҳамчун захираи устувори инсонӣ раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии ҷомеаро сурат бахшида, фардои ҷомеаро муайян карда метавонанд. Дар ҷомеаи муосир нисбат ба нерӯи ҷисмонӣ, нерӯи ақливу зеҳнии ҷавонон то ҳадде бартарият пайдо намудааст, ки яке аз омилҳои асосии рушди ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад. Пешрафти ҷомеаи демократӣ на танҳо аз раванди бомуваффақият ба роҳ монда шудани ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, балки аз самаранокии сиёсати давлатии ҷавонон, иҷтимоишавии муътадил, дастгирӣ ва таъмини иштироки фаъоли онҳо дар корҳои ҷамъиятӣ, идоракунӣ ва умуман, ҳаёти иҷтимоӣ низ алоқаманд мебошад.

Иҷтимоишавӣ равандест, ки ҳам дар ҳаёти ҷомеа ва ҳам дар ташаккулёбии шахсият нақши муҳим бозида, бозистеҳсолии худидоракунии ҳаёти ҷамъиятиро таъмин мекунад. Иҷтимоишавӣ тамоми равандҳои ошноӣ бо фарҳанг, таълиму тарбияро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо шахс табиати иҷтимоӣ ва қобилияти иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ пайдо мекунад. [2,12].

Сиёсати давлат дар шароити ҳозира ба он равона шудааст, ки мавқеи иҷтимоии донишҷӯёнро ҳамчун гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ дар байни дигар гурӯҳҳо боз ҳам устувортар гардонад.

Ҷавонони донишҷӯ – ин гурӯҳи иҷтимоӣ-демографие мебошад, ки аз рӯи характери фаъолият, манфиатҳо, тамоюлҳо ба гурӯҳи зиёҳӣ, мутахассисон наздик аст. Он дар раванди барқарории камолоти иҷтимоӣ қарор дорад ва ба вай чунин нишонаҳо мисли фаврияти иҷтимоӣ, фаъолнокии иҷтимоӣ, майл ба навовариҳо, қобилияти баланди мутобиқшавӣ, ниёз ба худмуайянкунӣ ва худамаликунӣ хос аст [1,51].

Тағйирёбии низоми иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир тамоми равандҳои дар ҳаёти одамон баамалояндаро дар бар мегирад. Ҷавонмарди муосир ба раванди глобалии тағйиротҳо ҷалб шудааст, ки дар онҳо ба таври доимӣ арзиш ва тамоюлҳои ба ҳам зид бархурд доранд ва аз насли ҷавон интихоби оқилона ва қабули қарорҳои заруриро талаб мекунанд. Ба сифати тағйирёбии низоми иҷтимоӣ равандҳои ивазшавии мунтазами сифатҳо, сохтор ва хусусиятҳои дохилии худи низоми иҷтимоӣ ҳангоми гузариши он аз як сифат ба сифати дигар баррасӣ

мешаванд. Дар шароити тағйирёбии динамикии низоми иҷтимоӣ унсурҳои ҳамзистии маънавии одамон низ, махсусан дар муҳити насли ҷавон, тағйир меёбанд.

Ҷомеашиносон Б.Рубин ва Ю.Колесников дар китобашон «Донишҷӯ аз нигоҳи сотсиолог» ба мафҳуми донишҷӯён чунин таъриф медиҳанд: «Донишҷӯён - ин гурӯҳи пурқуввати иҷтимоӣ буда, шарти вуҷудияти он омодагии аз рӯи барномаи муайяни муташаккилона ба иҷрои нақшҳои олин касбӣ ва иҷтимоӣ дар истеҳсолоти моддӣ ва маънавӣ мебошад»[6,38].

А.Н.Семашко донишҷӯёнро ҳамчун «гурӯҳи одамони синну соли ҷавон, ки барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоии барои ҷамъият муҳим мутгаҳид гаштаанд, муваққатан дар кори ҷамъиятии истеҳсолӣ иштирок намекунанд, соҳиби умумияти маишат, системаи арзишҳо буда, ба иҷрои нақшаҳои иҷтимоии зиёиён дар ҷамъият тайёрӣ мебинанд» тавсиф медиҳад.

Педагогони рус Ситаров В.А., Шутенко А.И., Шутенко Е.Н. дар мақолаашон “Хусусиятҳои психологии симои иҷтимоии фарҳангии ҷавонони донишҷӯ” чунин овардаанд: “донишҷӯён захираи асосии стратегӣ ва зеҳнии ҷомеаи муосир мебошанд: онҳо дар навсозии кишвар, дар бунёди иқтисодиёти ба иҷтимоиёт нигаронидашуда иштирок мекунанд. Дар ҳамин ҳол, шароити пайваста тағйирёбандаи зиндагӣ ҷавононро маҷбур мекунад, ки ба воқеиятҳои нав мутобиқ шаванд. Онҳоро лозим меояд пайваста шаклҳои нави муайянсозиро ҷустуҷӯ кунанд, мавқеи худро дар ҳаёт коркард намоянд, ҷаҳони фарҳангии худро эҷод кунанд” [8,66].

Муаллифон дар китоби мазкур таваҷҷӯҳро ба дида баромадани роҳҳои ташаккули коллективи донишҷӯён, маром ва мақсадҳои касбинтихобкунӣ равона намудаанд. Донишҷӯён ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ иттиҳоди ҷавонони дорои мақсаду маром ва вазифаҳои муайяни аҳамияти иҷтимоӣ дошта мебошанд. Онҳо соҳиби ҳамон хел сифатҳоеанд, ки ба тамоми ҷавонон хос ҳастанд (ватандӯстӣ, садоқат ба халқ, ба идеяҳои демократия, рағбат ба дониш, муносибати бошуурона ба меҳнат, меҳнатдӯстӣ, коллективизм, фаъолӣ, ташаббускорӣ, майл ба навоварӣ ва ғ).

Вобаста ба он ки намуди асосии меҳнати донишҷӯён меҳнати таълимӣ аст ва он дар ҷомеа бо табдилёбии илм ба қувваи истеҳсолкунанда моҳияти боз ҳам баланди иҷтимоиро пайдо мекунад.

Донишҷӯён қисми нисбатан омодаёфтаю бомаърифат ва пешқадами ҷавонон ҳисобида мешаванд. Ин дар навбати худ имконият медиҳад, ки хусусиятҳон нав ба нави иҷтимоӣ - психологӣ дар донишҷӯён ташаккул ёбанд. Умуман мақсад дар гирифтани маълумоти олӣ, характери ягонаи меҳнат - таҳсил, тарзи зиндагӣ, иштироки фаъолона дар кори ҷамъиятии мактаби олӣ дар ташаккули муттаҳидӣ ва коллективизм мусоидат менамоянд.

Хусусияти дигари донишҷӯён дар он ифода меёбад, ки онҳо бо дигар табақа ва ташкилотҳои иҷтимоӣ дар алоқамандии байниҳамдигарӣ мебошанд. Мактаби олӣ - ин шароити хуб барои муошират намудани донишҷӯён аст. Аз ин рӯ, хусусиятҳои дигари донишҷӯён майли азхудкунии дониш, маҳорат ва малака мебошад. Ин аз як тараф, ба ташаккули коллектив ва коллективизм мусоидат кунад, аз тарафи дигар, алоқаю робитаи донишҷӯёнро бо гурӯҳҳои дигари иҷтимоии ҷамъият мустаҳкам менамояд. Аҳамияти иҷтимоӣ доштани донишҷӯён ин ҷустуҷӯи мазмун ва моҳияти ҳаёт, ҷаҳду кӯшиш ба идея ва дигаргуниҳои пешқадами ҷомеа мебошад. Ин мақсадҳо дар шароити имрӯзаи тараққиёти бемайлони илмӣ-техникӣ омили мусбат мебошад.

Тибқи назари сотсиологи тоҷик Ш. Шоисматуллоев раванди иҷтимоишавии шахс ба барқароршавии иҷтимоӣ мусоидат намуда, худмуайянкунии касбиро ба амал мебарорад. Дар раванди иҷтимоишавӣ шахс ҳамчун объекти муносибатҳои иҷтимоӣ баромад намуда, таъсири ҷомеаро мепазирад [10,48]. Нақшҳои иҷтимоии давраи донишҷӯӣ гуногунанд: хатмкардаи мактаб, довталаб

ба мактабҳои олӣ, донишҷӯи мактаби олӣ, омӯзишгоҳҳои техникӣ - касбӣ, коледжҳо, коргари ҷавон ва ғ. Ин нақшҳо имконият медиҳанд, ки «фард таҷрибаҳои иҷтимоиро аз худ кунад, дорои сифатҳои иҷтимоӣ шавад, ба сифати қувваи фаъол ба ҳаёти ҷамъиятӣ ворид гардад. Баркамолии шуури шахс ин ҳамон нишондиҳандаи қобилияти ӯ аст, ки ба туфайлаш вазифаҳои зарури иҷтимоиро дар ҷамъият иҷро менамояд». Дар шароити имрӯзаи тараққиёти ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва демократӣ принсипи асосии системаи маориф - ташаккули маърифатнокии баланд, инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯёнро татбиқ намуда истодааст.

Ҷомеаи муосир ҳамчун маҷмӯи ташкилоту муассисаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, иттилоотӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо барои амалӣ намудани ормонҳо ва нақшаҳои зиндагии шахс имкониятҳои потенсиалӣ фароҳам меорад, ки нуқтаи асосии онро метавон таҳсилоти олӣ арзёбӣ кард. Чунин як гурӯҳи калони иҷтимоии ҷомеаи муосир донишҷӯён мебошанд.

Дар шароити муосири ҷомеаи тоҷикистонӣ нисбат ба хатмкунандагони мактабҳои олӣ, ки ба омодагии онҳо ба такмили ихтисос ва худтакмилдиҳӣ, зуҳури мустақилият, фаъолияти шахсӣ дар интихоби ҳаёт ва роҳи касбии худ вобастагӣ дорад, талаботи баланд мегузорад. Дар баробари ин, таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳама хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои худамаликунӣ дар бозори меҳнат омодаанд: бисёриҳо ба касби интихобкардаи худ ва симои худ ҳамчун як мутахассис манфиатҳои ба таври устувор ташаккулнаёфта доранд, малакаҳои инкишофнаёфтаи татбиқи имкониятҳои инфиродӣ дар фаъолияти меҳнатӣ доранд. Мувофиқи ихтисоси интихобкардаашон, қобилияти муайян кардани нақшаҳои ҳаётӣ ва касбӣ суст инкишоф ёфта, маҳорати дар амалия татбиқ намудани назария ба вуҷуд оварда нашудааст. Вазъияти бавуҷудомада барои равандҳои мутобиқшавии касбии хатмкунандагони мактабҳои олӣ ба шароитҳои барои онҳо нав ва ворид шудани онҳо ба фаъолияти меҳнатӣ монеа мегардад.

Баробари афзудани аҳамияти иҷтимоии мактаби олӣ нақши донишҷӯён дар ҳаёти ҷамъиятӣ боло меравад ва шумораи онҳо меафзояд. Оммавияти рӯзафзуни маълумоти олӣ баробарҳуқуқӣ (эгалитарият)-и пештараи онро вайрон карда, донишҷӯиро аз ҷиҳати баромади иҷтимоӣ демократитар мегардонад. Сарфи назар аз тафовути баромади иҷтимоӣ ва аз ин рӯ, имкониятҳои моддӣ, донишҷӯӣ бо як намуди умумии фаъолият алоқаманд аст ва ба ин маъно як гурӯҳи муайяни иҷтимоию касбиро ташкил медиҳад. Фаъолияти умумӣ дар якҷоягӣ бо тамаркузи ҳудудӣ шабоҳати муайяни манфиатҳои донишҷӯӣ, худшиносии гурӯҳӣ, хурдафарҳанг ва тарзи зиндагии мушаххасро ба вуҷуд меорад ва ин бо якхела будани синну сол, ки дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ-касбӣ надоранд, пурра ва тақвият меёбад.

Тағйироти ҷомеа дар тафаккури ҷавонон ба таври муайян инъикос ёфта, боиси тағйироти низоми тамоюлҳои арзишманди онҳо мегардад. Омилҳое, ки таъсири муҳити иҷтимоиро ба ташаккул ва табдили тамоюлҳои арзишманди донишҷӯён миёнаравӣ мекунанд, хеле гуногунанд. Ин иқлими иҷтимоию психологӣ дар гурӯҳи донишҷӯён аст, ки шахси мушаххас ба он тааллуқ дорад; муҳити оилавӣ бо анъанаҳои худ; маориф ва мероси фарҳангии ҷомеа; эътиқоди динӣ ва маҷмӯи дигар шароитҳое, ки ба шахсият таъсир мерасонанд ва ғайра.

Иҷтимоишавӣ дар донишгоҳ дар ду марҳила сурат мегирад: марҳилаи якум дар давраи таҳсили донишҷӯ аз курси якум то соли дуюм сурат мегирад, марҳилаи дуюм таҳсили минбаъдаро дар курсҳои сеюм ва минбаъда дар бар мегирад. Дар марҳилаи якуми иҷтимоишавии донишҷуён раванди мутобиқшавии онҳо ба хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ дар муассисаи таълимии олӣ сурат мегирад. Дар ин давра шахс масъалаҳои бунёдии муайян

кардани маънои фаъолияти таълимиро ҳал мекунад, зеро он ҳанӯз таъсири бевоситаи моддӣ намедиҳад ва барои ноил шудан ба мавқеъҳои статусӣ кафолат намедиҳад. Муайян кардани маънои фаъолияти худ барои инсон ҳамчун барномарезии идеалии худ ба оянда, ҳамчун соҳае амал мекунад, ки рушди шахсиятро ангеза медиҳад ва раванди минбаъдаи иҷтимоишавиро муайян мекунад. Маҳз дар ҳамин марҳала раванди иҷтимоикунонии таълимӣ пуршиддат сурат мегирад, ки хусусияти хоси он шиддати баланди равонӣ мебошад, ки раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якумро ҳамроҳӣ мекунад.

Ба рафтори донишҷӯён дар солҳои аввал дараҷаи баланди конформизм; набудани равиши дифференсиалӣ ба нақшҳои худ хос аст. «Муайянкунии пешазмуҳлат, бармаҳал» сурат мегирад, ки дар натиҷаи ворид шудан ба системаи муносибатҳои донишгоҳӣ ба вуҷуд омадааст. Натиҷаи ин марҳилаи иҷтимоишавӣ азхуд намудани нақши донишҷӯ, мутобиқшавии дидактикӣ, ба коллективи донишҷӯён дохил шудани шахс мебошад.

Марҳилаи дуюми иҷтимоишавии донишҷӯён бо ихтисоси касбӣ муайян гардида ва бо паст шудани баъзе шиддати психологии шахс, ки бо ҳалли масъалаи худмуайянкунии иҷтимоӣ алоқаманд аст, тавсиф мешавад. Инкишофи шахсият дар ҷараёни ташаккули донишҳои зарурӣ барои омодагӣ ба касб сурат мегирад, ҳадди ақали малакаҳои шахсӣ барои он ба даст оварда мешавад. [11,115] Дар муқоиса бо марҳалаҳои қаблии иҷтимоишавии инкишофи шахс дар шароити мактаби олӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун раванди рушди худшиносӣ муаррифӣ мешавад. Ин ба он вобаста аст, ки нияти пешбари ҳаёт дар ин марҳила хоҳиши вуҷудӣ барои худмуайянкунӣ мебошад. Ин дурнамои асосии ҳаёт феноменологияи таҷрибаи инфиродӣ, мазмун ва динамикаи рушди шахсиятро муқаррар мекунад.

***Калидвожаҳо**: Сомониён, Мовароуннаҳр, фалсафа, илм, калом, Мотуридӣ, ахлоқ, фиқҳ, сиёсат, таҳаммулпазирӣ, фикр, андеша, забони форсии тоҷикӣ.*

FORMATION OF PHILOSOPHICAL THOUGHT OF THE SAMANID PERIOD

Sharipov A.

The period of Samanid dynasty as a special phenomenon turned to the course of history in an ethno-national direction . The desire of the Samanid rulers for literature, science, and philosophy gave impetus to the development of science, philosophy, medicine, and translation activities. In contrast to the Mu'tazili ideas, a new movement of kalam began to strengthen, where philosophical principles are the strongest

Maturdi Samarkandi created the Kalamist philosophy. The teachings of Abulqasim Samarqandi, Pazdawi, Ibn Isfaraoni, Ibn Zayd, Abulhassan Omiri, the titans of thought Aburaikhan Berin, Abuali ibn Sina and many other thinkers were formed during this period.

***Key words:** formation, Samanids, Maverannahr, philosophy, kalam, science, Maturidi, ethics, politics, law, religious tolerance, thought, idea, Persian-Tajik language.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МАВҚЕИ ЭҲТИМОЛИИ ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИИ «УНВОНУ-Л-БАЁН» - И АБДУЛЛОҲИ ШАБРОВӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Шамсов М.С. – н.и.ф., мудири Шуъбаи таърихи фалсафаи ИФСҲ АМИТ
E-mail: Muboraksho_sh_70@mail.ru
Аминов Б. У. – унвонҷӯи ИФСҲ АМИТ

Рисолаи «Унвону-л-баён» яке сарчашмаҳои муътабар ва боарзиш дар илми ахлоқ маҳсуб меёбад. Абдуллоҳи Шабровӣ маҳз бо ин асари худ дар илми ахлоқ нақши босазое дорад. Дар «Унвону-л-баён» ба тамоми паҳлуҳои илми ахлоқ ва нуқтаҳои муҳимми он таваҷҷуҳи хос зоҳир гардидааст. Вақти он аст, ки мо аз чунин китобҳои ахлоқӣ ба таври комил истифода барем. Хусусан, таълими рисолаи «Унвону-л-баён» дар чунин шароити вазнини ахлоқӣ метавонад, садди роҳи хурофоту бегонапарастиҳо ва ҷаҳолатҳои асри муосир гардад. Наздики чор қарн ин асар дар ҳавзаҳои илмии мамолики Шарқ, бахусус дар ҳавзаҳои илмии Мовароуннаҳру Хуросон, тавонист дар ҷаҳонбинӣ ва маърифати ахлоқии мардуми ин минтақаҳо дигаргуниҳои мусбат ворид созад. Дар ҷомеаи муосири мо ҳам метавонад нақши калидӣ дар муносибатҳои ахлоқӣ дошта бошад.

Калидвожаҳо: *ахлоқ, арзиш, волидайн, инсондӯстӣ, миллат, масъулият, мақсад, маърифат, неъмат, ниёгон, оила, одоб, ободонӣ, саодат, сиришт, тарбия, тамаддун, таълим, фазилат, фарзанд, фарҳанг, ҷавонон, ҳаё.*

«Унвону-л-баён» яке аз сарчашмаҳои муътабар ва боарзиш дар илми ахлоқ маҳсуб меёбад. Абдуллоҳи Шабровӣ маҳз бо ин асари худ дар илми ахлоқ нақши муассире дорад, зеро ҳаёти башар бидуни арзишҳои ахлоқӣ мазмуне надорад. Дар гузашта таъсири ин асар дар тарбияи ахлоқии ҷомеа ва баланд бардоштани маърифат ва идеологияи ахлоқии он таъсири бағоят назаррас дошт, чунки рисолаи мазкур дар ҳавзаҳои илмии мамолики Шарқи асримиёнагӣ, хусусан дар мамлакатҳои Араб, Ҳинд ва Мовароуннаҳру Хуросон, ҳамчун асари тарбиявӣ-ахлоқӣ эътироф гардида буд. Рисолаи мазкур дар Мовароуннаҳру Хуросон дар баробари осори ахлоқии дигар мутафаккирон, ба монанди «Илму-л-ахлоқ»-и Арасту, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Ахлоқи Носирӣ»-и Муҳаммад ибни Ҳасан Насриддини Тусӣ, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, «Калила ва Димна», «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Ҷалолиддини Давонӣ ва ғайраҳо барои ба низом даровардани муносибатҳо ва арзишҳои ахлоқӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии фалсафӣ-илмӣ фаҳми дурусти ҳастӣ ва маърифат дар ҳавзаҳои илмӣ ва мактабу мадрасаҳо таълим дода мешуд, чунки ахлоқ дар ҳар давру замон инъикосгари арзишҳои волои инсонӣ ба шумор меравад. Мақсад аз таълими илми ахлоқ ва тадриси китобҳои ахлоқӣ он аст, ки қоидаҳои ҳатмии ахлоқиро, ба монанди бамаврид сухан кардан, дуруст хӯрок хӯрдан, дуруст либос пӯшидан, ростқавлу содиқ будан, падару модарро эҳтиром кардан, ба бародарон некӣ кардан, ҳаққи устодро ба ҷо овардан, ҳалиму хоксор будан, иффату покдоманӣ, ба ҳамсояҳо некӣ кардан, иззати меҳмонро нигоҳ доштан, ҳакро ба соҳибаш расонидан, дар баробари дигарон хоксор будан, адолати иҷтимоиро риоя кардан, хайру саховатпеша будан, ба ниёзмандон дасти кумак дароз кардан, амонатро ҳифз

кардан ва монанди инҳоро ба башарият омӯхтан аст, то ин ки нури саодат ҷомеаи инсониро мунаввар созад, чунки саодат ғояи ахлоқ ба ҳисоб меравад. Ҳамин масъалаҳои зикргардида дар рисолаи «Унвону-л-баён» ба тафсил инъикос ёфтаанд. Вақте дар ниҳоди инсон хайр ба вуҷуд меояд, ботини инсон аз тамоми олудагиҳои номатлуб пок мегардад ва қалбаш чун оинаи шаффоф кулли фазилатҳоро инъикос менамояд. Ба назари Арасту «хайр бояд дар ду шарт мавҷуд шавад: Аввал он ки бояд дар ғояи ниҳоӣ ва хайри комиле бошад, ки инсон онро бо лаззот ва бидуни ин ки василаи ғояи дигаре бисозад, ихтиёр кунад. Дувум ин ки ин ғояи ниҳоӣ ва хайри комил зотан кофӣ бошад, яъне, ба танҳоии худ ва бидуни эҳтиёҷ ба хайри дигаре битавонад зимомдори саодати ҳаёт шавад» [2, 77].

Боиси ифтихор аст, ки миллати тоҷик яке аз миллатҳои кадимтарини Осиёи Марказӣ маҳсуб шуда, арзишҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва таърихии худро ҳамеша ҳифз менамояд, ки ин аз соҳибмаърифату соҳибтамаддун будани ин миллати куҳанбунёд шаҳодат медиҳад. Ҷойи шубҳа нест, ки аҷдоди мо ориёитабор буда, дар офариниши арзишҳои ахлоқӣ саҳми арзандаи худро гузоштаанд ва пайваста дар эҷоду эҳёи илму дониш, хирад ва фарҳанги инсонӣ саҳмгузор будаанд. Онҳо дар мувофиқа бо андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек амал намуда, ҳастии худро дар ҷаҳон исбот карданд ва пайваста дар талоши тарбияву бакамолрасонии фарзандони далеру шуҷоъ бо арзишҳои волои ахлоқиву фарҳангӣ, инсондӯстӣ, муқаддасоти обу хоки Ватан, ҳимоят аз марзу буми аҷдодии хешро талқин менамуданд. Ин аст, ки мо боифтихор аз ниёгони худ аз ойин, тамаддун, фарҳанг, бартарии онҳо бар мардумони дигар, авзои оромиву осоиштагии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳунар, адабиёт, мусиқӣ, донишомӯзӣ, хат баҳри устувории давлат ва шукуфоии ин сарзамини муқаддаси ниёгон кӯшиш менамоем.

Дар ин раванд таърих барои ҳар халқу миллат мутафаккирон ва нобиғагонеро ба майдони эҷод овард, ки онҳо дорои азму иродаи тавоно ва ғурури миллӣ буда, бо офаридани шоҳасарҳои безаволи худ дар фарҳангу тамаддуни башар хизматҳои беназир карданд. Минбаъд ҳаёти босаодати башар ба махзани пурасрори илму маърифати онҳо сахт вобастагӣ дорад, зеро онҳо, пеш аз ҳама, асосҳои ахлоқии башарро замина гузоштанд.

Корнамоиҳо, мардонагиву далерӣ, меҳанпарастиву шуҷоат хоси гузаштагони покнажоди ориёитабори мо буда, шаҳодати он муборизаҳои озодихоҳона ва сарбаландиву комёр будани онҳо бар аҷнабиён мебошад, ки мо дар симои Спитамен, Деваштич, Шерак, Муқаннаъ, Темурмалик, Исмоили Сомонӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва дигарон дида метавонем.

Ба наслҳои ҷавон омӯзонидани мероси пурғановати ниёгон, корнамоиву шуҷоатмандии қаҳрамонони миллат аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Мо наслеро ба камол расонем, ки дорои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, шуҷоъу далер, поквиҷдон, инсондӯст, бомаърифату ҳалим бошанд ва пеш аз ҳама ба ҳар зарра хоки ин Ватани аҷдодӣ содиқ бошанд, инчунин расму ойин, фарҳанг ва тамоми арзишҳои миллиро чун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

Тамоми мутафаккирони форсу тоҷик масъалаи тарбияро дар мадди аввал гузошта, таълимро баъд аз он муътақиданд, аммо тавъам будани таълиму тарбияро набояд фаромуш кард. Яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Ҳамон вақт таълим натиҷаи самарабахш медиҳад, ки раванди тарбия дуруст ба роҳ монда шуда бошад. Таҳдоби асосии таълим тарбия ба ҳисоб меравад. Аз аҳди қадим, яъне аз давраи қаблазисломӣ то ба имрӯз ҷавҳари таълимоти мутафаккирони форсу тоҷикро рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек ташкил медиҳад, ки дар маҷмуъ мафҳум ва моҳияти гуманизмро инъикос менамояд.

Саволе ба миён меояд, ки чаро аз соири махлуқот тарбия танҳо хоси инсон аст, дар ҳоле, ки чумла мавҷудот ҳама дар асл, чун як ғаризаи биологианд? Барои он тарбия маҳз хоси инсон мебошад, ки ин

навъи мавҷуд соҳибақл ва соҳибшуур аст. Сабаби дигари тарбия хоси инсон будан он аст, ки тавассути тарбия вазифаи ахлоқиашро инсон ба ҷо оварда, моҳияти ҳастии худро дуруст дарк кунад. Маҳз ҳамин тарбия низом ва ҳадде мебошад, ки инсон дар рафти ҳаёт ва зиндагиаш аз ҳад намегузарад ва дар қолаби махсус қоидаҳои ҳатмии зиндагиашро ба роҳ мемонад. Агар дигар навъи мавҷудот ҳам то андозае ақлу шуурро соҳиб мебуданд, ҳатман барои онҳо низ вазифаи ахлоқии муайяне вуҷуд медошт, то ин ки дар рафти ҳаёту зиндагиашон ба ҳарҷу марҷ мувоҷеҳ нашаванд. «Мавзуоти ахлоқӣ дар робита ба инсон аст ва инсонӣ дар табиати инсонҳо бо ҳам муштарак мебошанд. Навъан ҳарчи созгору хайр барои як инсон бошад, барои инсонҳои дигар низ хайр аст ва ин матлабро инсонҳо бо ақли фитрии худ меёбанд» [8,67]. Инсон бо вуҷуди он ки беҳтарин неъматро, яъне ақлу шуурро соҳиб мебошад, баъзан ба амалҳои ваҳшонияте даст мезанад, ки ягон навъи мавҷудот ба он кирдор қодир нестанд. Бо вуҷуди ин, ба назари муҳаққиқ Насриддини Тусӣ «Инсон шарифтарин мавҷудоти ин олам аст. Аҷсоми табиӣ аз он рӯй, ки ҷисманд, бо якдигар мутасовианд, дар мартабот ва якеро бар дигаре шарафею фазилате нест» [14,46]. Табиати баҳоимӣ (ҳайвонӣ) ҳамеша дар ниҳоди инсон вуҷуд дорад ва дар ҳар маврид, дар ҳолати хуруҷу сабзиш аст. Ягона чизе, ки он табиатро аз хуруҷу сабзиш бозмедорад, хулқи инсон (қувваи хайр), яъне, табиати инсонӣ мебошад. Табиати баҳоимӣ дар сиришти нафароне бештар хуруҷ карда месабзад, ки он нафарон аз илму маърифат ва ахлоқи инсонӣ фарсахҳо дуранд. Барои он чунин табиат дар ниҳоди инсон вуҷуд дорад, ки инсон ҳам ғаризаи биологӣ мебошад.

Мо дар давраи ниҳоят ҳассоси таърихии ҷаҳони муосир қарор дорем. Тавре ки ба мо маълум аст, дар ин давра бархурди фарҳангу тамаддунҳо ва фазои ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтани паёмҳои тахрибкорона бо суръати кайҳонӣ идома доранд, ки таъсири манфиашон мутаассифона ба тамоми арзишҳои ахлоқӣ ва миллию фарҳангӣ хоҳад расид. Яке аз ин омилҳо, ки таъсири бениҳоят хавфнок ба ахлоқи ҷавонон мерасонад, ин тарзи нодурусти истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ, бахусус, шабакаҳои иҷтимоии интернет мебошад. Тарзи нодурусти истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ, на ин ки ба решаи арзишҳои ахлоқӣ, миллӣ ва фарҳангӣ теша мезананд, балки идеологияи инсониятро «заҳролуд» мекунанд. Дар ин раванд падару модаронро зарур аст, ки фарзандони худро ҳамеша назорати қатъӣ намуда, онҳоро ба мутолиаи китоб, пеш аз ҳама, ба омӯхтани осори таърихӣ ва осори пуразиши ниёгон, инчунин ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ, бахусус, забонҳои русию англисӣ ва тарзи дурусти истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ҳидоят намоянд**.** Яке аз сабабҳои гаравидани баъзе аз ҷавонони гумроҳ ба ҳизбу созмонҳои ифротӣ маҳз ҳамин тарзи нодурусти истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ, бахусус, шабакаи иҷтимоии интернет мебошад. Он созмону ташкилотҳои ифротие, ки ба амнияти кишварҳо таҳдид эҷод мекунанд ва аз тарафи созмонҳои байналхалқӣ фаъолияти онҳо маҳкум гардидааст, ақидаҳои ифротии худро барои расидан ба мақсадҳои нопокашон, ба воситаи расонаҳои гуногуни иттилоотӣ паҳн менамоянд. Дар ин маврид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон чунин қайд карда буданд: «Яке аз омилҳои густариш ёфтани ифротгароӣ ва терроризм-ин аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ васеъ истифода гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ, бахусус, шабакаи интернет бо мақсади пешбурди ташвиқоти экстремистӣ, ба сафҳои худ ҷалб намудани аъзои нав, омода ва роҳбарӣ намудан ба амалҳои харобкоронаи онҳо маҳсуб меёбад» [7,5].

Сабаби тамоми бадбахтиҳо дар ҷомеа ин дур мондан аз илму маърифат мебошад. Вақте ки илму маърифат коҳиш ёбад, дар ҷомеа таассуб ва хурофотпарастӣ батадриҷ зиёд мегардад, ки ин ҳама нишонаи гумроҳӣ мебошад.

«Масъалаи ба гумроҳӣ дучор шудан дар ҷомеа падидаи нав нест. Олимон онро ҳануз дар даврањои қадим мушоҳида намуда буданд. Онҳо дар натиҷаи таҳлилҳо ба хулосае расиданд, ки чунин як ҳолат натиҷаи номукаммалӣ ва ноқисии узвҳои эҳсосотии инсон аст... Гумроҳӣ як шакли дарки воқеияти реалӣ аз тарафи объектҳои таъсиррасони идеологӣ мебошад. Олимон ҳамчунин ба ин назаранд, ки зуҳуроти мазкур ба камбудиҳои маънавии одамон робита дорад. Агар чунин бошад, пас онҳо наметавонанд ба аъзои одии ҷамъият тааллуқ дошта бошанд, ки ба онҳо як идеология бор карда шуда бошад. Чунин ҷавобгариро пеш аз ҳама, ташаббускорон ва таблиғгарони идеология доранд, ки ба таври бадқасдона ва мақсаднок ин қабил манипулятсияҳоро амалӣ месозанд» [3,10].

Таҳлилҳои ҷомеашиносон нишон медиҳанд, ки ба равияҳо ва ҷараёнҳои ифротӣ ҷавононе шомил мешаванд ва пайравӣ мекунанд, ки онҳо на танҳо аз илму маърифат ва фарҳанги муосири дунявӣ бебаҳраанд, балки аз донишҳои исломӣ ҳам маълумот ва тасаввуроте надоранд. Намояндагони ҷараёнҳои ифротӣ ҳамин нуқтаи заифи ҷавонони беилму маърифатро ба манфиати худ истифода менамоянд ва ба сафи худ ҷалб мекунанд. Вақте ки инсон асл ва моҳияти дин ва мазҳаби худро амиқ дарк накард, ҳатман идеологияи гурӯҳҳои ифротиро мепазирад ва дину мазҳабро ҳамон тавре қабул мекунад, ки намояндагони ҷараёнҳои ифротӣ барояш шарҳ медиҳанд. «Мутаассифона, дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ва баъди он бисёре аз навҷавонон ва ноболиғони дар муҳоҷирати иҷборӣ қарордошта ногузир дар зери ғояҳои ифротӣ ва тундгароии динӣ афтода буданд. Миссионерҳо ва мубаллиғони ҳаракатҳои моҳияти экстремистӣ ва террористидоштаи шабакаи Ал-қоида, Салафия, Байъат, Ал-ҷиҳод, Ансоруллоҳ ва ҳаракати исломии Узбекистон, Ҳизбу-т-таҳрир, Давлати исломии Ироқу Шом (ДИИШ) ва Рофизиён аз ин фурсат истифода бурда, ба баҳонаи таълими дини ислом ҷавонони тоҷикро дар ҳавзаҳои идеологӣ ва мафкуравии худ ба камол расониданд» [3,37]. Вазифаи аввалиндараҷаи ҳар нафари солимфикри ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки ба ҷавонони роҳгумкарда роҳи дурустро нишон диҳанд ва онҳоро ба роҳи дурусти созандагиву ободонии Ватан ҳидоят кунанд.

Дар тарбияи ахлоқии шахс оила таъсири бағоят муассир дорад. Инсон аз рӯзи таваллуд то дами марг зери таъсири тарбияи оила мебошад. Оила ба як мактаби тарбиявии бузурге дар ҳаёти шахс нақш дорад. Тавре мо дар асри ҳозир мушоҳида мекунем, нафароне, ки аз оилаи биологиашон хориҷанд, дар онҳо меҳру муҳаббат, ҳилм ва садоқат камтар ба чашм мерасад. Баръакс, дар онҳо хашм, нафрат ба атрофиён, ҳисси бадбинӣ ба волидайн бештар ба чашм мерасад. Фарзанд меҳру муҳаббат, садоқат, ҳалимӣ, поквиҷдонӣ, худшиносӣ ва монанди инҳоро аз муҳити оила меомӯзад. Аксари падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд гунаҳкоранд, зеро онҳо дар таълиму тарбияи фарзанд саҳлангорӣ карда, рафти ҳаёти фарзандонро дуруст назорат намекунанд. Вақте ки фарзанд аз тарафи волидайн назорати қатъӣ нашуд, дар муҳити ҷамъият зери таъсири омилҳои заррарасон монда, мафкурааш мувофиқи ҳамон муҳит шакл мегирад. Вақте ки тифл ба дунё меояд, дар асл чун як ғаризаи биологӣ аст. Дар рафти инкишофи физиологӣ ва маънавиаш, зери таъсири муҳити оила ва ҷамъият монда, чун шахсият ба камол мерасад. Фарзанд чунон бояд ба камол расад, ки ба ифрот ва тафрит нагаравад. Ифрот ё тафрит тамоми арзишҳои инсонгароиро табоҳ мекунанд. Нафаре, ки дар руҳияи ифрот ба камол мерасад, фахркунанда ва худписанд буда, арзишҳои миллӣ, расму оин, ҳатто арзишҳои динӣ-мазҳабӣ ва дигар ғояҳои хайри инсонгароиро нодида мегирад. Он касе, ки дар руҳияи тафрит ба камол мерасад бемурувват буда, аз анҷом додани аъмоли хайр фарсаҳҳо дур мебошад. Дар зеҳни ӯ анҷоми ғояҳои хайр вуҷуд надорад. Вақте ки табиати шахс дар заминаи ифроту тафрит ташаккул меёбад, ӯ аз меҳру муҳаббати инсонӣ, номус,

вичдон, адолат ва тамоми арзишҳои ахлоқӣ фарсахҳо дур мемонад. Тамоми фасодҳо ва гуноҳҳо аз қувват гирифтани нафси ҳайвонии ӯ бармехезанд. Бояд инсон аз кӯдакӣ ба одати нек хӯ бигирад, то ин ки дар сиришти ӯ арзишҳои инсонгароӣ ба вуҷуд оянд. Барои инсони аз адолат маҳрумгардида (шарир), панду андарз ва хайрхоҳӣ бетаъсир мемонад, зеро дар ниҳоди ӯ нафси ҳайвонӣ ғолиб омадааст. Ахлоқ на танҳо ҳаёти босаодат дар ҷамъият аст, балки ҳамчун силаи раҳм, накукорӣ, додрасиву аз рӯйи инсоф амал намудан мебошад. Ахлоқ фазилати тамом аст, балки илова бар он фазилати мутааддӣ (аз ҳадди худ гузаранда) аст, ки ҷониби ҳамсоягон ҳам амалӣ бояд гардад. Аз ин сабаб ахлоқро ғолибан беҳтарин фазоил шумурданд. Агар аз рӯйи чунин принсипҳо ҳаёт ба роҳ монда шавад, ҳатто дилҳо ба ҳам наздик гардида, лутфу муҳаббати инсонӣ дар ҷомеа боло меравад ва қадру қимати инсонӣ ҳам безавол мегардад, зеро ахлоқ дилҳоро ҷамъ ва ба ҳам наздик мегардонад.

Фарзандонро набояд дар руҳияи ҷаҳолату гумроҳӣ ба воя расонид. Дар урфият мегӯянд, ки «фарзанди хуб боғи падар, фарзанди бад доғи падар». Фарзанд чунон тарбия ёбад, ки номбардори волидайн ва халқу миллат бошад, ин аст «боғи падар». Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» уҳдадориҳои падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд муайян менамояд, яъне мувофиқи қонуни мазкур дар таълиму тарбияи фарзанд волидайн, муассисаи таълимӣ ва дигар ниҳодҳои давлатӣ вазифадоранд. Мазмун ва муҳтавои қонун ба он равона гардидааст, ки падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон бепарво набошанд ва барои фарзандон муҳити маънавие фароҳам оранд, ки онҳо, пеш аз ҳама, арзишҳои миллӣ ва ахлоқиро аз худ карда, баъдан тамоми илмҳои муосирро фаро гиранд. Дар мавриди таълиму тарбияи фарзанд мутафаккири асримиёнагии форсу тоҷик, Унсурулмаолии Кайковус барҳақ қайд кардааст: «Пас бояд, ки ҳарчи омӯхтанӣ бошӣ аз фазлу ҳунар фарзандро ҳама биёмӯзӣ, то ҳаққи падарӣ ва шафқати падарӣ ба ҷой оварда бошӣ, ки аз ҳаводиси олам эмин натавон буд ва натавон донист, ки бар сари мардумон чӣ гузарад. Ҳар ҳунару фазле рӯзе ба кор ояд. Пас, дар фазлу ҳунар, омӯхтан тақсир набояд кард ва дар ҳар амале, ки мар ӯро омӯзӣ, агар муаллимон аз баҳри таълим мар ӯро бизананд, шафқат мабар. Бигузор то бизананд, ки кӯдак илму адабу ҳунар ба чуб омӯзад, на ба табъи хеш. Аммо агар беадабӣ кунад ва ту аз вай дар хашм шавӣ, ба дасти хеш вайро мазан. Бо муаллимонаш битарсону адаб кардани эшонро фармой кардан, то кинаи ту дар дили вай намонад. Аммо бо вай ҳамеша сабур бош, то хор нагирад ва доим аз ту тарсон бувад... Орзуе, ки вайро бояд, аз вай боз мадор, то аз баҳри дирам марги ту нахоҳад, аз баҳри мерос. Ва нони фарзанд адаб омӯхтан дону фарҳанг донистан. Агарчи бадрӯз фарзандӣ бувад, ту бадон мангар, шарти падарӣ ба ҷой ору андар адаб омӯхтани вай тақсир макун. Ҳарчанд ки агар ҳеҷ мояи хирад надорад, агар ту адаб омӯзию агар наёмӯзӣ, худ рӯзгораш биомӯзад... Мардум чун аз адам ба вуҷуд ояд, хулқу сиришти вай бо ӯ бошад. Аммо аз бекувватию аҷзу заифӣ пайдо натавон кардан. Ҳарчанд бузургтар ҳамешаваду ҷисму руҳи вай қавитар ҳамегардад, феъли вай пайдо ҳамегардад неку бад, то чун вай ба камол расад, одати вай низ ба камол расад, тамомӣ рӯзбеҳию рӯзбатарӣ (тирарӯзию бадбахтӣ) пайдо шавад. Валекин ту фарҳангу ҳунарро мероси худ гардону ба вай бигузор, то ҳаққи вай гузорида бошӣ, ки фарзандони мардумони хосаро беҳ аз ҳунару адабу фарҳанг несту фарзандони оммаро мерос беш аз пеша нест» [16,406]. Аз ин гуфтаҳои Унсурулмаолии Кайковус комилан возеҳ аст, ки волидайн болои фарзанд ҳаққҳои зиёдеро ба зимма доранд. Ба дунё овардани фарзанд дигар чизу тарбияи ӯ комилан масъулияти дигар аст. Ин мутафаккир мафҳумҳоеро, мисли «фазлу ҳунар», «ҳақ ва шафқати падарӣ», «ҳаводиси олам», «илму адаб» ва «фарҳанг» ба кор мебарад, ки таҳти ин

мафҳумҳо чигунагии ҳаёти фарзанд дар ҷомеа фаҳмида мешавад. Хусусан, зери мафҳуми «фарҳанг» кулли расму ойин ва урфу одатҳои миллӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва дастовардҳои маънавӣ дар назар дошта шудааст, ки волидайнро воҷиб аст моҳияти ин арзишҳоро дар оила дар ниҳоди фарзанд парвариш диҳанд, то ин ки фарзанд дар муҳити ҷомеа дуруст ба камол расад. Ин мутафаккир дар мавриди тарбияи фарзанд таъкид менамояд, ки: «Агар ту адаб наомӯзӣ, рӯзгораш биомӯзад». Ин ба он маънои аст, ки дар тарбияи фарзанд, агар кутоҳӣ ба амл ояд, фарзанд дар муҳити ҷомеа ҳатман зери таъсири қувваҳои шар монда, ба ифрот ё тафрит мегаравад. Ҳамчунон ки мо шоҳидем, айни замон дар ҷомеа омилҳои зараррасон дар рафти тарбия зиёд ба чашм мерасанд, ки ахлоқи аксари ҷавонон коҳиш ёфтааст. Сабаби ин норасоиҳои ахлоқӣ бемасъулиятии аксари падару модаронанд.

Дар ин раванд моро зарур аст, ки тамоми арзишҳои ахлоқиамонро ҳифз намоем. Он арзишҳои ахлоқӣ, ки иборатанд аз адолати иҷтимоӣ, эҳтироми падару модар, эҳтироми устод, шарму ҳаё, покдоманию боиффатӣ, дасти кумак дароз кардан ба табақаи ниёзманди ҷомеа, муҳаббати байни якдигар, хайру саховат, ростгӯйию ростқавлӣ, хоксорӣ, ҳалимӣ, қаноат, дурандешӣ, парҳезгорӣ, бахшидану афв кардан ва монанди инҳоро ба насли наврас омӯзонем, то ин ки насли наврас дар ин замина тамоми арзишҳо ва муқаддасоти миллиро пос доранд ва ҳифз намоянд. Дар ниҳоди онҳо бедор намудани ҳувият ва ғурури миллӣ, ифтихори ватандорӣ, ҳифз кардани ҳар зарра хоки ватани аҷдодиро ҷойгир намоем.

«Ҳадаф аз вазифаи ахлоқӣ равишҳои рафторӣ аст, ки мардум барои ҳифзи назми ҷамъият ва бақои амнияти он меписанданд ва маншаи он алоқае аст, ки мардум ба ҳамзистии мусоламатомез ва зиндагии боамният доранд. Мусоламат ва амният, ки ҳеҷ фард ё ҷомеае наметавонад аз он бениёз бошад. Ба воситаи ҳамин алоқа ба ҳамзистии мусоламатомез ва ё амният аст, ки афроди инсонӣ ҳар касро, ки бар тибқи он амал кунад ва кирдораш мутобиқи расидан ба чунин ҳадафе бошад, аз ӯ хушнуд мешаванд ва ӯро таҳсин менамоянд. Чунон ки агар касе бар хилофи равиши мусоламатомез кор кунад, ба воситаи таннафуре, ки мардум аз ҳарачу марач ва бенизомӣ доранд, аз кирдори ӯ низ хашмгин мешаванд ва хашму таннафури худро ба гунае иброз медоранд, ки он табдил ба қабеҳу сарзаниш мешавад. Ба ҳамин мазмун масал мезананд, ки «адл хуб аст» ва «зулм бад аст» [15,79].

«Мақсад аз ин гуна афъол кирдорҳое мебошанд, ки мутобиқи баъзе аз неруҳо ва сифоти нафсонии инсон мебошад. Масалан, ба таври маъмул афроде дорои ҳисси тараҳҳум, навъи иззати нафс, ғайрат... мебошанд. Бадин ҷиҳат агар рафтори касе ба гунае бошад, ки бар тибқи хости ин сифот бошад, онро мадҳ мекунанд ва агар бар хилофи он бувад, омили корро накуҳиш менамоянд. Масалан, мардум ба воситаи ғаризаи тараҳҳуму меҳрубонӣ, ки доранд, касеро, ки мавҷуди зиндаеро бидуни ҷиҳат азият кунад, сарзаниш мекунанд, аммо касе, ки заифону бенавоёнро дастгирӣ кунад ва ё ҳар мавҷуди зиндаро кумак кунад, ситоиш менамоянд. Ҳамчунон ки касе худро паст менамояду иззати нафси худро саркуб мекунад, дар назди мардум маҳкум аст, аммо озодагону афроди боиззат мавриди таҳсину офарини мардум мебошанд» [15,80]. Афъоли писандида корҳоеанд, ки бар тибқи одоту суннатҳои қадимӣ ва тасбитшуда аз инсон сар занад. Мардум ба воситаи унсу одате, ки ба ин гуна аъмол доранд, онро неку мешуморанду хилофи онро зишт медонанд. Мисли пазироӣ аз меҳмон, эҳтиром нисбат ба бузургсолон, либоси комил пӯшидан ва ғайра.

«Вақте инсон ба вазифаи ахлоқии худ ошно шуд, тибқи он кирдору рафтори худро танзим менамояд, яъне, аз разоили ахлоқӣ худро дар канор гирифта, фазоили ахлоқиро дар худ мустаҳкам менамояд. Инсони комилулақл вақте ки вазифаи ахлоқиашро пурра ичро кунад, саодати зиндагиро дар партави нур дарк менамояд» [15,12]. Инсон он гоҳ вазифаи

ахлоқиашро пурра ба ҷо меорад, ки ҳастии худро дуруст дарк намуда, худро аз дигар махлуқот ба воситаи маърифат фарқ карда тавонад.

Хушбахтона, баъд аз даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистони азизамон, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давраи нави фарҳангию таърихӣ фаро расид, яъне, замони тилоие фаро расид, ки мо аз осори гаронбаҳо ва пураразиши ниёгонамон ба пуррагӣ бархурдор шавем. Омӯзиши осори ниёгон ба мо ба таври мутлақ имкон медиҳад, ки тамоми арзишҳои ахлоқиро ба таври комил фаро гирем. Ҳамин масъаларо бори дигар Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21.12.2021) чунин таъкид карданд: «Ҳифзи мероси фарҳанги моддиву ғайримоддии миллати бостониамон, ки гувоҳи зиндаи таърихи шашҳазорсолаи халқамон мебошад, вазифаи муҳимтарини мо – ворисони ин мероси бузург ба ҳисоб меравад. Эҳёи арзишҳои миллӣ ва ҳифзу тарғиби ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ барои баланд бардоштани руҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худогоҳиву хештан-шиносии мардум, хусусан, наврасону ҷавонон бисёр муҳим мебошад. Ба шарофати соҳибихтиёрӣ мо арзишҳои бостонӣ ва расму оинҳои неки миллиамонро эҳё карда, онҳоро ба хотири баланд бардоштани худогоҳиву худшиносии ҳамватанонамон ва муаррифии шоистаи халқи куҳанбунёдамон дар арсаи ҷаҳон рушд дода истодаем» [7,8].

Масъалаи дигаре, ки дар ҷомеаи кунунӣ падид омадааст, ин тақлид ба фарҳанги бегона мебошад. Қисме аз ҷавонон мубталои ин падидаи манфӣ гардидаанд. Пайравӣ ва тақлид ба дигар фарҳангу маданият ба насли наврас ва арзишҳои ахлоқии миллати мо таъсири бениҳоят хавфнок дорад. Мо чунин тақлидкориро дар пӯшидани сару либос, одоби муошират, меъёрҳои ахлоқӣ ва дигар бахшҳои ҳаёти иҷтимоӣ мушоҳида карда метавонем. Сабаби асосии чунин падидаҳои номатлуб дар ҷомеа, пеш аз ҳама дур мондани ҷавонон аз китоб ва мутолиаи он мебошад. Таврe ба мо маълум аст, бо ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм-фурӯғи маърифат» ба роҳ монда шуданд, то ин ки насли созандаи ҷавон бомаърифат ва худогоҳ бошанду аз арзишҳои фарҳангӣ ва маънавии ниёгон бархурдор гарданд. Нафароне, ки ба тақлидкорӣ роҳ дода, моҳияти ин корашонро дуруст дарк карда наметавонанд, маърифат ва ҳисси миллӣ надоранд ва тамоми арзишҳои ниёгонро ба таври мутлақ нодида мегиранд. Чунон ки маълум аст, «Фарҳанг ҳастии миллат мебошад». Ҳеҷ халқияту миллате бидуни фарҳанг ҳастии худро нигоҳ дошта наметавонад. Зери мафҳуми фарҳанг дар фаҳмиши васеъ тамоми арзишҳои моддӣ ва маънавии ин ё он қавмро дар як давраи муайяни таърихӣ фаҳмида мешавад. Гузаштагони мо аз рӯзи мавҷудияти худ, дар тули қарнҳо арзишҳои моддӣ ва маънавии пурғановате офаридаанд, ки ҷаҳон то ҳол назирашро надидааст. Ниёгони мо аз рӯзи азал мутамаддин буданд. Наслҳои худро дар руҳияи худогоҳӣ, хештаншиносӣ, инсондӯстӣ ва садоқат доштан ба Ватан тарбия мекарданд. Тамоми арзишҳои ахлоқию фарҳангиашонро насл ба насл то замони мо интиқол доданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки то замони қабл аз ислом танҳо фарҳангу тамаддуни форсҳо дар ҷаҳон нуфуз дошт. Дар замони ҳукуматдории Сосониён академияи «Гунди Шопур» фаъолият мекард, ки дар он академия тамоми улум ва ҳунари роиҷ ба ҳамон замон, пеш аз ҳама, арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангӣ ба ҷавонон омӯзонида мешуд. Ҷавононро дар руҳияи ғояҳои хайр ва садоқат тарбия мекарданд. Дар ин раванд дигар қавму халқиятҳо ҳаёти саҳроиро аз сар мегузарониданд. Онҳо баъдан ҳаёти маданӣ ва иҷтимоиро ихтиёр карда, барои шаклу мазмун гирифтани зиндагиашон аз хазинаи фарҳангу тамаддуни мо истифода бурда, барои худ муҳити фарҳангӣ-маънавӣ офариданд.

Дар ҳоле ки гузаштагони мо фарҳангу тамаддуни ғанӣ доштанд ва насли ояндасози худро дар руҳияи фитрати инсонӣ ба камол мерасониданд, чӣ мушкилӣ аст, ки имрӯз баъзе аз нафарон «аз асли хеш» дур монда истодаанд ва фарҳангу расму ойин ва ахлоқи ғайримиллиро дар ниҳодашон мепарваранд. Дар ин маврид Ҷалолиддини Балхӣ дар «Маснавии маънавӣ»-и худ барҳақ гуфтааст:

«Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш,
Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш» [12,3].

Ҷавонон, ки неруи созандаи ҷомеа ба ҳисоб мераванд, бояд дар баробари гирифтани донишҳои замони муосир, пеш аз ҳама дорои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ бошанд. Арзишҳои ахлоқию суннатии ниёгонро пос доранд ва риоя намоянд. Даст задани баъзе аз ҷавонон ба қонуншиканиҳо ё гаравидани онҳо ба ҳизбу созмонҳои мамнуъ, аз он сабаб аст, ки онҳо, пеш аз ҳама, арзишҳои ахлоқӣ ва арзишҳои миллиро нодида гирифтаанд. Волидайн дар тарбияи онҳо саҳлангорӣ карда, моҳият ва мафҳуми тарбияро дар ниҳоди онҳо дуруст ҷой накардаанд. Дар чунин маврид фарзанд дар ҷомеа таҳти таъсири қувваҳои баду номатлуб монда, мафкурааш дар ҳамон «қолаби сиёҳ» шакл мегирад. Чӣ гунае ки маълум аст, дар раванди тарбия муҳити оила саҳми бағоят бузург дорад, зеро оила мактаби тарбиявӣ мебошад, ки инсон аз ибтидо то интиҳои ҳаёташ дар он ҷо ба камол мерасад.

Барои аз байн бурдани ҳама гуна хурофоту бегонапарастиҳо ва шомилшавӣ ба ҷараёнҳои тундгарои динӣ саҳми олимону донишмандон ва умуман аҳли зиё бағоят назаррас мебошад. Ин табақаи иҷтимоӣ нури маърифати ҷомеаи башар мебошанд. «Ҳамин тавр дар ҷомеа гурӯҳҳои иҷтимоие ҳастанд, ки вазифаи асосии онҳо созмон додани тафсири ҷаҳон барои ҳамон ҷамъият аст. Мо ин гурӯҳҳоро «зиёиён» ном мебарем. Мо бояд ҳама корро кунем, ки ҳеҷ кас натавонад халқро ба «шакли тафаккури ноаниқ ва ғайримиллӣ» баргардонад ва ин миллати тамаддунсозро ба содагии ҷаҳонбинӣ ва ҳатто содалавҳии сиёсӣ муттаҳам созад» [3,15].

Дар ҷомеаи кунунии Тоҷикистон рисолаи «Унвону-л-баён» дар баробари дигар китобҳои илми ахлоқ метавонад дар баланд бардоштани маърифати ахлоқии ҷавонон ва ҷаҳонбинии пурғановати онҳо саҳми арзанда дошта бошад. Дар «Унвону-л-баён» ба тамоми паҳлуҳои илми ахлоқ ва нуқтаҳои муҳимми он таваҷҷуҳи хос зоҳир гардидааст. Муаллиф ҳам кӯшиш ба харҷ додааст, ки ҷавҳари масъалаҳои ахлоқиро баррасӣ намояд. Вақти он аст, ки мо аз чунин китобҳои ахлоқӣ ба таври комил истифода барем. Хусусан, таълими рисолаи «Унвону-л-баён» дар чунин шароити вазнини ахлоқӣ метавонад, садди роҳи хурофоту бегонапарастиҳо ва ҷаҳолатҳои асри муосир гардад. Наздики чор қарн ин асар дар ҳавзаҳои илмии мамолики Шарқ, бахусус дар ҳавзаҳои илмии Мовароуннаҳру Хуросон, тавонист дар ҷаҳонбинӣ ва маърифати ахлоқии мардуми ин минтақаҳо дигаргуниҳои мусбат ворид созад. Дар ҷомеаи муосири мо ҳам метавонад нақши калидӣ дар муносибатҳои ахлоқӣ дошта бошад. Сабаби зуд паҳн гардидани ин асар ба тамоми ҳавзаҳои илмию адабии мамолики Шарқи мусулмонӣ дар он аст, ки ин рисола бо панду ҳикматҳои беназир ва мутаассири худ ба зудӣ ба қалби аҳли илм, зиёён ва донишмандон роҳ ёфт. Дар «Унвону-л-баён» бештар ба масъалаҳои гуманистӣ, ба монанди дӯст доштани одамон новобаста аз миллат, нажод ва эътиқод, арҷ гузоштан ба арзишҳои таърихию фарҳангии дигар халқияту миллатҳо, таҳаммулгарӣ ва монанди инҳо баён гардидаанд. Дар баробари ин, дар асар панду ҳикматҳои фаровоне аз забони ҳакимону донишмандони аҳди қадиму миёна оварда шудааст. Он панду ҳикматҳо тарғибгари ғояҳои хайру садоқат буда, воқеан ҳам ба руҳи ташнаи инсон ғизои маънавӣ мебахшанд. Тамоми хислатҳои разилаи инсонӣ, ба мисли азияти падару модар ва беэҳтиромӣ нисбати онҳо, ба фарзандони падар меҳру муҳаббат наварзидан, мардумозорӣ, зулм, ноадолатӣ, кибру ғурур, ҳаққи устодро ба ҷо наовардан, бешармию беҳаёӣ, фиребу макр, хиёнат, дуздӣ, зӯроварӣ, ғайбат, туҳмат, бо ҳамсояҳо бадӣ кардан ва ҷаҳолату нодониро сахт мазаммат менамояд. Тибқи таълимоти Абдуллоҳи

Шабровӣ ахлоқ нигоҳдорандаи тамоми арзишҳои ҷомеа мебошад. Бино бар ин, тамоми донишмандони илми ахлоқ пойдор нигоҳ доштани ин илмро дар ҷомеа ҷиддӣ таъкид кардаанд.

Ахлоқ иборат аз ҳар амали писандидае мебошад, ки аксари мардум онро одилона бидонанд, ё ба ибораи дигар, барои он ки дучори тардид нашавем, бояд бигӯем. Ахлоқ иборат аз системае аст, ки он чиро, ки ба тасдиқи умум заминаҳое барои норозгии мардум фароҳам мекунад, ба ҳадди ақал бирасонад. Яъне, ахлоқ маҷмуе аз оину қоидаҳои рафтор аст, ки ба мо арза мешавад, ки бояд хусусиятҳои ахлоқӣ ва қоидаҳои ахлоқиро ҷустуҷӯ кард. Барои расидан ба ҳар натиҷае дар ин самт танҳо як шеваи амалӣ вуҷуд дорад ва он ин аст, ки он ихтилофоти ахлоқие, ки дар қоидаҳои ахлоқӣ таҷаллӣ мекунанд, аз онҳо даст кашем.

Равшан аст «Вақте ки инсон равиши саҳеҳи тағйири сифату руҳиёти худ ва дигаронро бидонад, хеле сареътар ва беҳтар метавонад худ ва ҷомеаи худро ислоҳ кунад ва ононро аз олуда шудан ба фасодҳо нигоҳ дорад» [8,92].

Мутаассифона, дар давраи муосир тамоми муносибатҳои байнитамаддунӣ ва байнифарҳангӣ то ба ҳадде тезутунд шудаанд, ки дар фазои ҷаҳони муосир паёмҳои тахрибгари арзишҳои ахлоқӣ, динӣ, фарҳангӣ, тазоди андешаҳо, бархурди тамаддунҳо бараъло сару садо медиҳанд. Дар ин раванд таълимоти инсондӯстона ва таҳаммулпазири ниёгонамон аҳаммияти боз ҳам бештари миллӣ пайдо кардааст. Таълимоти аҷдодонамон ҳамаи моро, пеш аз ҳама ба самти арзишҳои баланди ахлоқӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва ҳамзистии орому осуда ҳидоят менамоянд.

Вазифаи аввалиндараҷаи мост, ки ҷавонону наврасонро, ки фардои давлату миллати мо мебошанд ва ояндаи Ватани азизамон дар дасти онҳост, дар руҳияи ҳувияти миллӣ, ваҳдату якдигарфаҳмӣ, ватандӯстию хештаншиносӣ тарбият намоем. Нагузорем, ки фарзандони мо фиреби фарҳангу идеологияи бегонаро хӯранд ва арзишҳои ахлоқиро ба фаромушӣ баранд. Дар ин радиф фирефтаи ташвиқу тарғиби гурӯҳҳои тундрави ифротӣ шуда, гирифтори доми найрангу фиреби онҳо гарданд ва арзишҳои ахлоқӣ, миллӣ ва фарҳангии моро нодида гиранд.

Адабиёт

1. Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Шабровӣ. Унвону-л-баён ва бустону-л-азҳон ва маҷмаъу-носиҳа фил ҳикам (Таҳқиқи Муҳаммад Хайрирамазон Юсуф). - Бейрут, 2010. - 213 с.
2. Арасту. Илму-л- ахлоқ. Тарҷума ва тасҳеҳи Салоҳиддин Салҷуқӣ. - Кобул. 1371 ҳ.қ. - 477 с.
3. Дин ва ҷомеа. Маҷаллаи илмӣ, динӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ. Сентябри соли 2014 № 5. С.10.
4. Мулло Мустазъафи Қаротегинӣ. Ганҷинаи баён (тарҷума ва шарҳи Унвону-л-баён). - Душанбе, 2018. -256 с.
5. Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. Шомили Гулистон, Бӯстон. - Теҳрон, 1375 ҳ.ш. -808 с.
6. Муҳаммад ибни Ҳасан Насриддини Тусӣ. Ахлоқи Носирӣ. - Панҷоб (Лакнаҳв). 1924. -511 с.
7. Нашрияи «Омӯзгор» // 10 майи соли 2018 № 19 (12140).
8. Сайид Муҳаммадризо Мударрисӣ. Фалсафаи ахлоқ. - Теҳрон. 1371 ҳ. ш.-346 с.
9. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. Бо муқаддима, тавзеҳот ва ҳавошии Маҳдӣ Фарҳонии Мунфарид. - Теҳрон, -1376ҳ.ш. -406 с.
10. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувват-номаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи ҳотамия. - Душанбе: Адиб, 1991. -320 с.
11. Ҷалолиддини Давонӣ. Ахлоқи Ҷалолӣ. - Ҳинд. (Лакнаҳв), 1911. -377 с.
12. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад Румӣ. Куллиёти Шамси Табрезӣ. -Теҳрон, 1379 ҳ.ш. -1518 с.
13. Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. Шомили Гулистон, Бӯстон. - Теҳрон, 1375 ҳ.ш. -808 с.
14. Муҳаммад ибни Ҳасан Насриддини Тусӣ. Ахлоқи Носирӣ. - Панҷоб (Лакнаҳв). 1924. -511 с.
15. Сайид Муҳаммадризо Мударрисӣ. Фалсафаи ахлоқ. - Теҳрон. 1371 ҳ. ш.-346 с.

16. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. Бо муқаддима, тавзеҳот ва ҳавошии Маҳдӣ Фарҳонии Мунфарид. - Теҳрон, -1376ҳ.ш. -406 с.

17. Хоҷаева Ф. Фалсафаи таълим ва тарбият. - Душанбе, 2006. -84 с.

18. Ҷалолиддини Давонӣ. Ахлоқи Ҷалолӣ. - Ҳинд. (Лакнаҳв), 1911. -377 с.

ПОТЕНЦИАЛЬНАЯ ПОЗИЦИЯ ЭТИЧЕСКОГО УЧЕНИЯ «УНВОНУ-Л-БАЁН» АБДУЛЛОХИ ШАБРОВИ В НАШЕ ВРЕМЯ

Шамсов М.С.,Аминов Б.

Трактат «Унвону-л-баён» считается одним из самых авторитетных и ценных источников в этике. Трактат «Унвону-л-баён» особое внимание уделяет всем аспектам науки об этике и ее важным моментам. Пришло время нам в поной мере использовать такие книги по этике. В частности, преподдавание «Унвону-л-баён» в таких солжных моральных условиях, может стать препятствием в области суеверий, отчуждения и невежества современной эпохи. В течение почти четырех десятилетий эта работа в научных кругах восточных стран, особенно в Мавераннахре и Хорасане, смогла внести позитивные изменения в мировоззрении и в нравственном воспитании людей этих регионов. В нашем современном обществе это также может играть ключевую роль в етических отношениях.

Ключевые слова: *мораль, родители, человечность, нация, ответственность, предки, семья, нравы, воспитание, воспитание, добродетель, ребёнок, культура, молодость, скромность.*

THE POSSIBLE POSITION OF THE MORAL TEACHING «UNWANU-L-BAYAN» OF ABDULLAHI SHABRAVI IN MODERN TIMES

Shamsoy M.S., Aminov B. У.

The treatise "Unwanu-l-bayan" is considered one of the most reliable and valuable sources in the science of ethics. In "Unwanu-l-bayan" special attention is paid to all aspects of moral science and its important points. It is high time that we make full use of such moral books. In particular, the teaching of the treatise "Unwanu-l-bayan" in such difficult moral conditions can become an obstacle to the superstitions, alienations and ignorance of the modern age. For nearly four centuries, this work was able to make positive changes in the worldview and moral education of the people of these regions in the scientific areas of Eastern countries, especially in the scientific areas of Movarunnahr and Khorasan. In our modern society, it can also play a key role in ethical behavior.

Key words: *morality, parents, humanity, nation, responsibility, ancestors, family, manners, upbringing, education, virtue, child, culture, youth, modesty.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

КОНСЕПСИЯИ ПАЙДОИШИ ОЛАМ ДАР ҲИНДИ БОСТОН

(Қисми сеюм)

Муродова Тоҷинисо
н.и.ф., дотсент, ходими пешбари илмии ИФСҲ АМИТ

Аз таҳқиқу баррасии ҷаҳонбинии асотириии мардуми Ҳинди бостон дар бораи офариниши инсон ва кайҳон ба назар мерасад, ки дар фарҳанги онҳо устураю дин дарҳам омехтаанд ва қобили шарҳу эзоҳанд. Ин мақола давоми силсиламақолаҳо (қисми якум «Консепсияи офариниши инсон ва кайҳон дар фалсафаи бостонии тоҷику форс» ва қисми дуюм бо ҳамин ном (Ахбори ИФСҲ-и АМИТ. №1; №2, 2023) буда, мухтасар дар бораи консепсияи офариниш дар Ҳинди бостон баҳс менамояд. Инсон дар фарҳанги Ҳинд бо унвони роҳиб, шоҳ ва ё зоҳид, соҳиби неруи илоҳӣ эътироф мешавад. Дар фалсафаи ойини «Ведоӣ» асли асосии дунё ва ё коинот бар асоси воқеиятнамое, ки ҷаҳон бар асоси он бино шудааст тавсифу тавзеҳ ёфтааст. Фалсафаи таълимоти ҳиндуияи бостон бештар рӯи ахлоқ ва руҳу равони инсонӣ буд, ки мувофиқи ин таълимот ҳақиқат ва ростӣ бо якдигар пайванд ёфта, то инсон битавонад пардаҳои тавоҳумро канор гузорад ва ҳақиқати вуҷуди хешро дарк намояд. Ҳиндуия аз зуҳду риёзат тарафдорӣ намекунад ва исрор ҳам надорад, ки пайравонаш амалҳои нафсониро ба куллӣ саркуб кунанд. Ин тафаккур мавриди тайиди пайравони ойинҳои Ҷайн ва Буддо буд.

Браҳмания бошад дар масоили офариниш бар тақассуми арвоҳи мурдагон эътиқод доранд ва асоси ойини онҳо бар таносух аст. Эътиқод ба таносухи рӯҳ ба ин далел аст, ки ҳиндуён мегӯянд инсон дар тули умри кутоҳи хеш наметавонад ба растагорӣ ва шуури илоҳӣ даст ёбад. Ҳамин тариқ, мувофиқи таълимоти браҳмания зоти мутлақ рӯҳи худро дар офаридагон дамидааст ва огозу анҷоми ҷаҳон моварои замон аст ва замон пуле аст миёни азалу абад ва чун инсон моддӣ ва асир дар ҳисори замону макон аст. Ба ҳар ҳол таълимоти Браҳмаи ҳиндуия нисбати инсону офариниши он ва мақоми вай барои замони хеш як ойин ва як таълимоти фалсафӣ-озодандешӣ буд.

Калидвожаҳо: *ҳиндуия, ҷайния, риёзат, рӯҳ, зоти мутлақ, ойин, ростӣ, дунё, гетӣ, тавоҳҳум, таносух, растагорӣ, зуҳд, вуҷуд.*

Қабл аз он ки диду ҷаҳонбинии мардуми Ҳиндро доир ба офариниши инсон ва кайҳон дар бостон баррасӣ намоем, дар ибтидо ба китобу мақолаҳое, ки аз тарафи муҳаққиқони устрашиносу кайҳоншинос дар атрофи офариниши инсону кайҳон навишта шудааст, омӯзиш намуда, сипас саъй менамоем, ки рӯи ин масъалаи дар пеш гузошта андешҳои хешро баён намоем. Мақолаҳои «Ҷойгоҳ, вижагӣ ва коркарди куҳистон дар торихи асотири Ҳинд» (муаллифон: дуктур Лайло Пажуҳанда, дуктур Марям Боқӣ – Заҳро Ҳусайн. Файл: Инсон ва кайҳон. Ҳинди қадим), «Кайҳоншиносии Ҳинду тавсифи ҷаҳон ва вазъияти он аст»,[7] «Ахлоқиёт дар тамаддунҳои бостонии Ҳиндӣ, Юнонӣ, Чинӣ ва Эронӣ». «Кайҳоншиносӣ ва ситорашиносӣ дар дунёи бостон», «Проблема человека в истории философии (Древняя Индия, Древный Китай, Древняя Греция, Средневековая Европа)»,[4] «Эзадони ҳиндуизм»,[12] ғайраҳо кумаке аст барои раҳнамоии масъалаи дар пеш гузошта хоҳад шуд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии ҷаҳонбинии асотирии мардуми Ҳинд ба назар мерасад, ки дар фарҳанги онҳо устураю дин дарҳам омехтаанд ва қобили шарҳу эзоҳ доранд. Аз ин ҷо, дар

фарҳанги Ҳинди бостон инсон бо унвони роҳиб, шоҳ ва ё зоҳид, соҳиби неруи илоҳӣ эътироф мешавад. Худоён дар навбати худ мисли дигар инсонҳо мушкилоти заминӣ, наҷоти пайравони дардманд ва ҳамчунин саргарми бозиҳои булҳавасона буданд. Зеро худоёни ҳиндуӣ тарҷеҳ медиҳанд, ки барномаҳои худро ба сурати ифротӣ рӯи замин анҷом диҳанд то дари биҳишт. Онҳо масири биҳишт то заминро ба монанди масири замин то биҳишт мепаймоянд. Аз ин рӯ, худоён дар Ҳинд нисбат ба инсонҳо бартарии зиёде надоранд, фақат онҳо қудратмандтаранд ва неруҳои истисноӣ ба онҳо иҷоза медиҳад дар аъмоли шароратомез ифрот намоянд. Неруи ба сурати худогуна муҷиби табоҳӣ мешавад.

Дар дини аввалияи Ҳинд «Ведоӣ» мардум аз эзадон ва дигар неруҳои мавҷудоти осмонӣ тасаввуроти инсонвор доштанд ва эшонро бо либоси гуногун тавсиф кардаанд.

Яке аз тарафҳои ҷолиби асотири Ҳинд дар он аст, ки баробарии неруи худоён ва аҳриманон ва набарди доимии онон барои тасаллут бар се ҷаҳон аст. Аммо дар асотири тоҷику форс набарди Аҳуромаздо бо Аҳриман на барои тасаллут бар ҷаҳон, балки барои рушноии зиндагӣ, барои ростиву покӣ ва наҷоти дунё аз зулмот буд. Тамоми заҳматҳои Зардушт барои барқарор намудани ростиву покӣ ва нуру рушноӣ дар муқобили дуруғгӯиву бадтинативу бадкирдорӣ ва торикиву зулмоти Аҳриманӣ нигаронида шуда буд. Далели ин осори таърихӣ - готҳою йасна ва яштҳои боқимондаи «Авесто», «Дин-кард», «Бундаҳишн», «Ҷовидонхирад» ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ шуда метавонанд.

Ақоиди асотирӣ ведоӣ мубтанӣ бар ин нуктаҳост, ки ҳамаи падидаҳои табиат ҷондору дар ҳаракат аст ва ба ҳамин далел метавонад мавриди ситоиш ва ниёиши мардумон бошад. Дар бораи ойини ведоӣ чунин ривоят аст, ки худои оташ, ки бо ба ҷо овардани ойин ва ниёиш сурат мегирад, ӯ дар Ҳинд ҳам заминӣ ва ҳам эзадӣ – фарзанди осмону замин аст ва мегӯянд ӯро аз осмон ба замин овардаанд, вақте ки одамон нисорҳоро бар ӯ меафшонанд ва дуоҳоро мехонанд, бар ин бовараанд, ки оташ воситаест миёни инсону худо. Аз ин ҷо, эътиқодманди онанд, ки ду ҷаҳон ба ҳам пайванд мехуранд Агнӣ худое аст, ки қурбониро дарёфт мекунад ва ба унвони рӯҳонӣ онро ба худоён тақдим мефармояд. Ҳамчунон ки оташ ҳама разолатҳоро пок мекунад, Агнӣ ҳам ҳама гуноҳону хатоҳоро тасфия менамояд.

Аммо ойини Браҳмоиён дар масоили офариниш бар таҷассуми арвоҳи мурдагон эътиқод доранд. Ин одамон бештар ба арвоҳи мурдагони худ муътақиданд ва онро муқаддас мешуморанд.[8]

Дар дини Браҳмоиён ва ё ҳиндуия асоси ойини онҳо бар таносух аст ва ба ин маъно, ки инсоне, ки мемирад ба шакли дигаре монанди як инсони хушбахт ва ё бадбахт, дар шакли як ҳайвон дубора зоҳир мегардад вобаста ба насабияти ҳамон инсони вафот шуда. Дар масоили хурок ҳам браҳмоиён низ ниҳоят парҳезианд. Дар ҳиндуияи браҳманӣ ҳам орифоне ҳастанд, ки ба ҳадафҳои олии худ расидаанд ва ҳам омиёне ҳастанд, ки ҳануз дар ин роҳ қадам нагузоштаанд. Ин чунин маъно дорад, ки ҳиндуия аз зуҳду риёзат тарафдории зиёд намекунад, баръакс барои ин ойин ахлоқ асосӣ аст. Браҳма худ дар ойину дини хеш устувру мустаҳкам буд, вале дар айни замон ба дигарон озодӣ дода буд, ки ба ҳар кору машғулияте, ки нек бошад ва хоҳиш доранд машғул шаванд, лекин дар доираи ахлоқу қонуни ҳувияту насабият. Дар ин ойин масъалаи майли ғизоӣ ва риояти он як амри муҳим буд. Гушту шири ҳайвоноти зиндаро намехурданд, вале ҳар чи донагӣ ва мевагиро бо камоли майл истеъмол мекарданд. Ҳамчунин масрафи пиёзу сир, турбу қорч барои ҳиндувон, махсусан браҳманҳо қатъиян мамнуъ буд.[12] Аммо барои онҳо рафтори нарму латиф, хӯи хуб, оромишу қаноатмандии мардуми сарзаминашон афзалтар аз ҳар гуна ғизо аст.

Фалсафаи таълимоти ҳиндуияи бостон, чунонки дар боло зикр шуд, бештар рӯи ахлоқ ва рӯҳу равони инсонӣ буд, ки муҳимтарин далели парвариши орифон ва ришиён (Риши бузург) дар Ҳинд аст, ки то замони ҳозир онҳо аз ин

эътиқодоти худ даст накашиданд ва аз он пайравӣ мекунанд. Аз ин ҷо, эътиқод ба таносухи рӯҳ ба ин далел аст, ки ҳиндуён мегӯянд инсон дар тули умри кутоҳи хеш наметавонад ба растагорӣ ва шуури илоҳӣ даст ёбад. Ба ин далел ҳар нафаре силсилае аз чанд зиндагонӣ дорад ва дар ҳар зиндагӣ тибқи ва ё бар андозаи корҳои зиндагии қаблӣ ба қолибе дармеояд. Ва гоҳе дар қолиби инсон ва худоён ва гоҳе дар қолиби ҳайвон ва гиёҳ зуҳур меёбад ва то ҳамон дараҷае таносух идома меёбад, ки то ба ҳақиқати мутлақ пай бибарад ва аз шарри нафс озод шавад.[12]

Аз ин рӯ, ойини браҳманӣ аз як тараф содда ва ибтидоӣ ва аз як тараф мазҳаби печидаву фалсафӣ аст. Мувофиқи ин ойин ҳар инсон аз ҳар табақаи ҷомеа метавонад ба он бигаравад ва аз он истифода кунад.

Дар мақолаи интернетии «Эзадони ҳиндуия» омадааст, ки ахлоқи асосии ҳиндуия бар пояи таҳорат, забти нафс, озодӣ, ростӣ ва беозорӣ аст. Бисёре тасаввур мекунанд, ки ҳиндуия таълимоти хешро бар асоси риёзат сохтааст, аммо чунин нест. Ҳиндуия аз зуҳду риёзат тарафдорӣ намекунад ва исрор ҳам надорад, ки пайравонаш амалҳои нафсониро ба куллӣ саркуб кунанд. Ин тафаккур мавриди тайиди пайравони мазҳабҳои Ҷайн ва Буддо аст. Аммо ҳиндуия баръакс пайравонашро ба издивоҷ ва ташкили хонавода тарғиб мекунад ва яке аз мароҳили браҳманӣ низ издивоҷ мебошад.[12]

Ҳамин тариқ, мувофиқи таълимоти браҳмания зоти мутлақ рӯҳи худро дар офаридагон дамидааст ва оғозу анҷоми ҷаҳон моварои замон аст ва замон пуле аст миёни азалу абад ва чун инсон моддӣ ва асир дар ҳисори замону макон аст. Ва аз ин рӯ, ӯ наметавонад аз азалу абад огаҳӣ дошта бошад. Ба ҳар ҳол таълимоти Браҳмаи ҳиндуия нисбати инсону офариниши инсон ва мақоми инсон барои замони хеш як ойин ва як таълимоти фалсафӣ-озодандешӣ буд.

Дар таърихи бостон ойин ва ё асотирҳое буданд, ки байни Ҳинду тоҷику форси бостон буданд. Яке аз анвоҳои асотирии тоҷику форс ва Ҳинди бостон Митро аст. Аз рӯи маълумотҳое, ки ҳаст ба назар мерасад, ки Митро қабл аз Зардушт вуҷуд доштааст. Муҳаққиқи Эрон Алӣ Гудразӣ дар мақолаи «Худовандгори нур ва рушноӣ» менависад, ки: «Митро ҳатто қабл аз «Зардушт» зинда буд ва гӯё ин Митро будааст, ки Зардуштро ба дунё овардааст. Дар катибаҳои боқимондаи пеш аз мелод Масеҳ (ҳудуди 14 қарн қабл аз мелод) низ метавон номи «Митро»-ро пайдо кард». [2]

Дар китоби «Авесто» Митро бо унвони «Эзади рушноӣ ва фуруғу нур» ёд шудааст. Аз ин ҷо, Митра ва дар паҳлавӣ Митра, ё Меҳр ва дар «Авесто»-и нав Эзади фурӯғу рушноӣ ва паймоншиносиву яке аз эзадони менавиён дар асотири қадимаи Ҳинд ва тоҷику форс аст.[2] Қисмате аз тафсиркунандагон, Митро, ки Илоҳаи нур ва рушноӣ астро бо «Опулу»(اپولو), ки ӯ ҳам рабулнавъи рушноӣ дар устурашиносии юнонӣ аст, ҳам арз медонанд. Гуфта мешавад, ки Митро дар торихи 25 декабр ва бо як неруи моваронӣ дар кухе номаълум (эҳтимолан дар кухи Албурз) мутаваллид шудааст. Дар китоби «Авесто» ва дар навиштаҳои санскрит номи ин Эзад бону «Митра» ва ё «Мисра» шудааст. [2]

Митроизм ва парастиши мактаби «Митроизм», ки он бештар бо унвони «Меҳрпарастӣ» ёд мешавад, як ойини дунёӣ аст, ки аз Ҳинду Эрон ва умуман мардуми тоҷику форс гирифта то кишварҳои ғарб ба худ алоқамандони хосе дошт ва дорад. Парастиши Митро ва ё Меҳр дар таърихи асотири инсоният яке аз ойинҳои решадор ва бисёр куҳан ба ҳисоб меравад, ки Митраи мардуми тоҷику форсро дар масъалаи парастиши рушноиҳо ба ду гуруҳ тақсим мешаванд: Як гуруҳ Митраро мепарастанд; гуруҳи дигар «Аҳурамаздо»-ро парастиш мекунанд. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқ Алии Гударазӣ «Пайравони Митро барои ин рабулнавъ бахусус сурудаҳо ва матнҳои мухталифро нигоштанд ва ҳамаи онҳо ба китоби «Авесто» изофа шудаанд.[2]

Дар асотири Ҳинд тамоми мавҷудот ҳайвонот, дарахтон, гиёҳон, дарёчаҳо, обҳои мурдоб, рудхонаҳо, сангҳо, куҳҳову теппаҳо ва дигар унсурҳои

табиатро ниёиш мекунанд ва рӯҳоро азҳарулашё медонанд. Масъалаи хилқат, яъне офариниш низ дар асотири Ҳинд аз масоили муҳими дунёи бостон буда, дар назари онҳо нахуст осмон ва сипас об халқ шуд ва замину зиндагӣ аз об сарчашма гирифтанд, ки ин тарафи масъала ба асотири тоҷику форси бостон хело ҳам наздикӣ дорад. Аз ин ҷо, мардуми тоҷику форс ва Ҳинди бостон аз зинда будани тамоми аносиру мавҷудоти табиат ва ҳузури барҷастаи обу куҳ дар доираи офаринишу хилқат ҳикоят мекунад.[9]

Аз назари онҳо тамоми ҷузъу аҷзои олам ҳамеша дар ҳолати тағйироту такомул ва инкишофу аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштану аз шакли қуҳна ба нав табдил шудан аст. Яъне агар бо диққат таваҷҷуҳ кунем мебинем унсуру равишҳои диалектикӣ дар устураву ривоятҳои Ҳинд ва тоҷику форси бостон равшану возеҳ дарк карда мешавад. Бо вуҷуди он ки бисёр муҳаққиқони илму фарҳанг ба ҷаҳонбинии асотирии бостон яктарафа баҳо дода, онро танҳо дар шакли афсонаву хурофот таърифу тавсиф намудаанд. Ҳол он ки пас аз ошноӣ ба сарчашмаҳои таърихии фарҳанги бостонии мардуми тоҷику форс рушану возеҳ мегардад, ки мардуми бостон дар фаҳмиши офариниши инсону кайҳон ва ташаккулу такомули инкишофу тағйиротҳои олами ҳастӣ, махсусан мавҷудоти зинда, аз он ҷумла табиат бо тамоми унсурҳояш нисбат ба ҳамон замони хеш хеле пешрафта буданд. Ва метавон гуфт, ки хишти аввалини инкишоф - диалектикаро дар таърихи илму фарҳанги башарият маҳз Ҳинду Эрони бостон заминагузорӣ кардааст. Ҳол он ки аксари муҳаққиқони таърихи фалсафа аввалин унсурҳои диалектикаро дар таълимоти материалистони мактаби Миллет Барои далели ин фикр хонанда метавонад ба матнҳои «Динкард», «Авесто», «Бундаҳишн» дар бораи офариниши осмону ахтарҳои осмонӣ, инсон, замину куҳҳо, рудхонаву дарёҳо, теппаву даштҳо, гиёҳу ҳайвонот, бориши борону пайдоиш обу обамборҳо, абру бод ва тамоми зарроти мухталифи ҷондор ошно шавад. Дар ин матнҳои бостонӣ роҳу усули офаринишу тағйирпазирӣ ва аз ҷузъ ба кулл гузаштан, аз як шакл ба шакли дигар табдил ёфтан, нисбатан аз байн рафтан куҳна ва рушду намокунии нав, инкори нав куҳнаро ва аз як сифат ба сифати дигар гузаштани мавҷудот ва умуман ба таври ҳамешагӣ дар тағйироту такомулот будани муъҷизоти олами ҳастӣ бо каме омезиш бо хурофот пешкаши тамаддуни ояндаи башарият шудааст. Дар «Кардаи яксаду бисту се»-и «Динкард» дар бораи аз ҷузъиёт ба куллиёт гузаштани офаридаҳои гетиёӣ ва иртиботу таносуби онҳо омадааст: «Офаридаҳои гетиёӣ рӯйи ҳам рафта, болиғ бар шаштоанд: Осмону обу замину гиёҳу ҷонвар ва мардум». Он гоҳ доир ба равиши пайдоиши онҳо ба ин зайл баён шудааст, ки «гиёҳ бар замин мерӯяд, ҷонварон барои зистан аз гиёҳон ёрӣ мегиранд ва мардумон аз ҷонварон». [5;114]

Шохаи дигари салафӣ салафияи ҷиҳодӣ мебошад. Назарияи салафияи ҷиҳодӣ аз ақидаҳои мутафаккирони мисрӣ сарчашма мегирад. Решаи ин намуди салафияро дар ақидаҳои пешвои ҳаракати инқилобии мисрӣ «Ихвон-ул-муслимин» («Бародарони мусулмон») Сайид Қутб бояд ҷуст. Сайид Қутб омилҳои таназзули ҷомеаро дар даврони муосир баён намуда, ҷаҳони муосирро ҳамчун ҷомеаи ҷоҳилӣ меҳисобад. Ӯ, ки таҳти таъсири ақидаҳои мутафаккири покистонӣ Абулаълои Мавдудӣ қарор дошт, натанҳо ҷомеаҳои ғайриисломӣ, инчунин ҷомеаҳои исломиро низ ҷоҳилӣ меҳисобид, зеро дар онҳо шариати исломӣ риоя намешаванд. Ӯ мегӯяд: «Ҳар як ҷомеаи ғайриисломӣ ҷоҳилист. Ва агар дақиқтар бигӯем, бояд қайд намуд, ки ҷомеаи ҷоҳилия ҷомеаест, ки дар имондорӣ, андешаҳо ва қонунҳояш ба ҳама чи арҷ гузошта мешавад, ба ҷуз Худо. Мувофиқи ин, ҷоҳилия ба тамоми ҷомеаҳои мавҷудаи имрӯза густариш ёфтааст»[5:15]. Ба ақидаи Сайид Қутб ҷоҳилияи а. XX хатарноктарин намуди ҷоҳилияе мебошад, ки дар таърихи инсоният дар рӯи замин вуҷуд доштааст. Вай чунин меҳисобад, ки барои паёмбари ислом аз байн бурдани душманон осонтар буд, вале барои аз байн бурдани ҷоҳилияи муосир ҷаҳду талошҳои бештареро металабад. Сабаби инро вай дар дутарафа будани душманон меҳисобад – аз як тараф душмани беруна, ки асосан дар симои фарҳанги ғарбӣ баромад мекунад ва душмани дохилии олами ислом, ки онро ӯ дар симои ҳокимони ғайриисломӣ мебинад ва мусулмононро барои мубориза бо онҳо даъват мекунад.

Яке аз гуруҳҳои мисрии дигаре, ки барои бунёди назарияи салафияи ҷиҳодӣ таъсир расонидааст, гуруҳи «Ал-ҷамоа ал-исломийя» («Ҷамоати исломии Миср») мебошад, ки манифести ҷиҳодии онро Абдуссалом Фараҷ навиштааст. Соли 1979 дар китоби «Ал-фариза ал-ғоиба» (Амри махфӣ) вай ҷиҳодро ба сифати фарзе, ки фаромӯш шудааст пешниҳод кард ва байни гуруҳи ҷиҳодӣ ва «Ҷамоаи исломӣ» иттифоқ ба вуҷуд омад, ки дар натиҷаи он Анвар Содот мавриди террор ва қатл қарор гирифт. Вале дар андешаҳои Сайид Қутб ва Абдуссалом Фараҷ ҷангҳо ва ихтилофоти гуруҳӣ вуҷуд надошт, халқ ва уламо ба сабаби ихтилофи назар мавриди ҳуҷум ва куштор қарор намегирифтанд. Чунин таҳрифот ҳангоме ба вуҷуд омад, ки ин ҷараён дар хизмати ҳадафҳои салафияи такфирӣ қарор гирифт. Ташкилотҳое ба монанди «Ал-Қоида» ва «Ҳизб-ут-таҳрир» ба ҷои мубориза бо кофирон ҷанги ақидатии дохилидиниро оғоз карданд. Ин таҳрифот, ки тақрибан баробар бо ҷанги Иттиҳоди Шӯравӣ бо Афғонистон ба вуҷуд омадаанд, мунтазам бо хусусияти фирқавии худ зиёд шуданд ва ба аслиҳаи дасти мутаассибону гуруҳҳои салафии такфирӣ мубаддал гардиданд. Аз ин рӯ баъзе муҳаққиқон салафияи ҷиҳодиро шакли таҳрифёфтаи ақидаҳои Сайид Қутб меҳисобанд.

Мутафаккири тунисӣ доктор Абдулатиф Хармасӣ андозаи ин таҳрифро чунин тасвир мекунад: «Салафияи ҷиҳодӣ дар фаъолияти худ ба истилоҳоти дар байни уламои исломӣ маъмуле, ки ҷаҳонро ба ду қисмат: Дор-ул-ислом ва Дор-ул-куфр ҷудо мекунанд, аҳамият надода, мафҳумҳои мушрик ва куфрро паҳн сохта, гуруҳи васеи мусулмононро аз доираи олами исломӣ берун меандозад.

Аз тарафи дигар, ҳамзамон онҳо ба фаъолияти худ ба пуррагӣ тобиши сиёсӣ медиҳанд ва усули мубоизаи онҳо ҷиҳод аст, ки барои тафсири он бояд ҳатман ҳукми куфр ва муртад будан ба душманонашон бароварда шавад»[6]. Гуруҳҳои террористӣ дар кишварҳои исломӣ, ки аксарияташон реша дар ал-Қоида доранд, дар сафи салафияи ҷиҳодӣ қарор дошта, дар кишварҳои исломӣ ҷиноятҳои вазнинтаринро тавассути гуруҳҳои аз ин ҷараён вобаста анҷом медиҳанд. Чунин гуруҳҳо ба монанди «Ал-ҷамоат ал-мусолаҳа», ва «Ал-ҷамоат ас-салафия ад-даъват в-ал-қатол» дар Алҷазира, ки бо кушторҳои худ дар олами исломӣ машҳуранд, «Ҷамоат шабоб ал-муҷоҳидин» дар Сомали, «Ҷамоат ҷунд ан-насруллоҳ» дар Миср ва «Ҳизб-ут-таҳрир» дар тамоми гӯшаҳои олам амал карда, намунаи салафияи ҷиҳодӣ ба ҳисоб мераванд. Масалан, Зарқовӣ, ки расман шохаи ироқии Ал-Қоидаро роҳбарӣ мекард, дар ибтидо ба Ироқ барои мубориза бо ишғолгарон омад, вале баъдан ба таври расмӣ ба таҳдид кардани шиаёни ироқӣ ва ҳатто сунниҳо сар кард. Бо фармони вай дар кӯчаҳо ва бозорҳои Ироқ бомбаҳо гузошта шуданд, ки боиси марги мардуми бегуноҳ гардиданд. Мусла (буридани гӯшу бинӣ) ва сар аз тан ҷудо намудани шиаён кори дасти ин гуруҳ буд. Байни салафияи такфирӣ ва ҷиҳодӣ монандиҳои зиёд ҳаст ва салафияи ҷиҳодӣ ба салафияи такфирӣ хизмат мекунад.

Шакли сеюми салафия салафияи таблиғӣ мебошад. Ин шакли салафия бештар бо салафияи такфирӣ наздикӣ дорад. Салафияи таблиғӣ яке аз шаклҳои зуҳури салафия мебошад, ки самти фаъолияташ ташвиқу тарғиб ва густариши ақида ва асосҳои салафия аст. Ҳарчанд моҳияти салафияи таблиғӣ низ кофир донистани мухолифонаш аст, аммо зоҳиран дар он камтар ҷиҳод ва мубориза бо мусулмонон таъкид карда мешавад. Салафияи таблиғӣ дар даврони ҷаҳонишавӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ қасд дорад салафия хусусияти ҷаҳонӣ диҳад. Ҳазорҳо сайтҳои интернетӣ ва чандин шабакаҳои телевизионии моҳворай дар ин самт кор мекунанд. Маъмулан дар масъалаи таблиғ ин ҷараёнҳо дар ду самт кор мекунанд. Самти аввал – ин таблиғи заминаи салафидошта аст. Салафиҳо дар таблиғи худ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки асосҳои ақидавии худро ба ҷаҳониён дар шакли усулҳои муосир пешниҳод кунанд. Муҳимтарин самтҳои таблиғии ҷараёни салафия таълимотҳое мебошанд, ки бар асоси ҳадис, бозгашт ба суннатҳои аҳли салаф, паҳнсозии мафҳумҳои ақидатии таҳрифнамудаи онҳо дар бораи тавҳид ва ширк, имон ва куфр бунёд ёфтаанд.

Дуввумин ва муҳимтарин самти тарғиби салафияи таблиғӣ паҳн намудани шубаҳот аст. Дар салафияи таблиғӣ талқин намуддани шубаҳот барои хароб кардани ақидаи мусулмонон истифода бурда мешавад. Масалан, дар вақти муҳаррам онҳо овозаҳои шубҳаовар вобаста ба азодорӣ барои набераи паёмбари ислом Имом Ҳусейн паҳн мекунад, нисбат ба сунниҳо бошад, тариқатро зери суол мебаранд, ҳол он ки аксари сунниҳо ба он бовар доранд. Шабакаи телевизионии “Ҷамоаи Таблиғ” ҳамчун яке аз шохаҳои салафияи таблиғӣ дар зиёда аз сад кишвар намояндагиҳои худро дорад ва ҳамасола ду форуми бузург дар Покистон ва Бангладеш баргузор менамояд [6].

Дар баробари ин шакл ва намудҳои дар боло зикргардида равияву гуруҳ ва зергуруҳҳои хеле зиёде аз салафияи муосир мавчуданд, ки вобаста ба самти фаъолияту мафкура, ақида ва амалияашон аз ҳамдигар баъзе фарқиятҳо

доранд ва дар кишварҳои гуногун бо номҳои гуногун ёд карда мешаванд. Масалан, муҳаққиқи шинохтаи қазоқистонӣ дар масъалаҳои исломи муосир А. Сабдин дар мақолаи худ “Дар масъалаи таърифи салафияи муосир” ҷараёнҳои зиёди салафияро ба тариқи зайл номбар кардааст: “ҷиҳодиҳо, такфириҳо, ислоҳотхоҳон (реформаторҳо), тақлидиҳо-турасистҳо (суннатгароён), таҳкимиҳо (хаворичи нав), мадхалиҳо (тарафдорони сарсахти монархияи саудӣ), суруриҳо (мухолифони сиёсии монархияи саудӣ), саврихо (инқилобиён), ҳизбиҳои муммайиа (салафиҳои сиёсишудаи Искандария) ва ғ.”[4]. Бо овардани ин ҷараёнҳо, дар идома ӯ қайд менамояд, ки “Дар воқеъ, таснифи илмии салафиҳо ба муътидил, тундгаро ва ҷиҳодиҳо кори иштибоҳ аст, зеро асоси консептуалии таълимоти онҳо як чиз аст. Онҳо ҳамон як китобҳоро меомӯзанд, ҳамон як уламо ғ идеологҳоро эътироф доранд ва ҳамон усулҳои ягонаи таъсиррасонӣ ва таблиғро истифода мебаранд”[4].

Мо низ ба андешаҳои ин муҳаққиқи қазоқистонӣ ҳамфикр буда, дар хулоса аз баррасии шаклҳои гуногуни зуҳури салафия дар замони муосир мехоҳем чунин баён намоем: Ҳар як пайрави ҷараёни салафия, новобаста аз мансубияташ ба ин ё он шакли зуҳури салафия, дар мавриди зарурӣ далелҳои динӣ ва шаръии ҳақ баровардани зӯроварӣ ва таҷовуз нисбат ба ҳама касони аз ҷониби онҳо ба “куфр” маҳкумшударо дорад. Бинобар ин, дар ҳама ҳолат салафия ва пайравони онро ба ҷуз аз “ифротӣ” наметавон бо дигар ном ё̈д кард.

Адабиёт:

1. Bokhari K. Salafism & Arab Democratization // Geopolitical Weekly. Stratfor Global Intelligence. – October 2, 2012. URL: http://www.stratfor.com/weekly/salafism-and-arab-democratization#axzz я3D7hC5RJY (дата обращения: 10.01.2024).

2. Egyptian Salafi Sheik Calls to Destroy Pyramids, Says: Bin Laden Greater than Saladin [Video material] // YouTube. – 14 Nov. 2012. URL: http://www.youtube.com/watch?v=jBR9XiE-mok (Дата обращения: 28.12.2023).

3. Heffelfinger Ch. Radical Islam in America: Salafism`s Journey from Arabia to the West. – Washington, D.C.: Potomac Books, Inc., 2011.

4. Аскар Сабдин: К вопросу об определении современного салафизма. http://islamsng.com/kaz/analytics/13243

5. Қутб С. Маалим фит-тарик. - ал-Қоҳира. 1965. -С.15.

6. Современные виды салафизма. https://parstoday.ir/ru/radio/programs-i68928

7. Царегородцева И.А., Ибрагимов И.Э. Современный салафизм: генезис, историография и типология движения (на примере Египта и Туниса) // Исламоведение. 2018. Т. 9, № 3. С. 5–18.

СОВРЕМЕННЫЕ ФОРМЫ ПРОЯВЛЕНИЯ ЭКСТРЕМИСТСКОГО САЛАФИЗМА

Нурулхак К.

В данной статье автор анализирует современные виды и разновидности проявления салафизма. Отмечается, что после событий 11 сентября 2001 года интерес к изучению салафизма и её разновидностей возрос в научных кругах. Среди исследователей существуют различные классификации современного салафизма. Из них автор обобщённо рассматривает 3 видов: такфиритского, джихадистского и таблигитского. Также отмечается наличия других форм, видов и подгрупп, таких как джихадисты, такфириты, реформаторы, традиционисты, неохариджиты, мадхалиты, суруриты, сауриты (революционеры), хизбисты-муммайиа (политизированные салафиты Александрии) и т.п.

Ключевые слова: *классификация, политический, современный салафизм, экстремизм, такфириты, джихадиты, таблигиты, неверие.*

MODERN FORMS OF MANIFESTATION OF EXTREMIST SALAFISM

Nurulhak K.

In this article, the author analyzes modern types and varieties of manifestations of Salafism. It is noted that after the events of September 11, 2001, interest in the study of Salafism and its varieties increased in scientific circles. Among researchers, there are various classifications of modern Salafism. Of these, the author generally considers 3 types: takfiri, jihadist and tablighi. It is also noted that there are other forms, types and subgroups, such as jihadists, takfiris, reformers, traditionalists, neo-Kharijites, Madkhalites, Sururites, Saurites (revolutionaries), Hizbists-Mummayiyas (politicized Salafis of Alexandria), etc.

Key words: *classification, political, modern Salafism, extremism, takfiris, jihadists, tablighis, unbelief.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

КОНСЕПСИЯИ “ИНСОНИ КОМИЛ” ДАР ИРФОНИ ИБНИ АРАБӢ

Зиёева З. И. - ходими калони Шуъбаи фалсафаи фарҳанги ИФСҲ АМИТ
E-mail: zzebo87@mail.ru, тел: (992) 902000026

Дар мақола сухан дар бораи «Инсони комил»-и Абубакр Муҳаммад Муҳиддин Ибни Арабӣ (1165-1240) яке аз намоёнтарин орифони ҷаҳони ислом меравад. Ибни Арабӣ яке аз он олимоне буд, ки таъсири назаррас ба тасаввуф дошт. Дар таълимоти суфиёнаи Ибни Арабӣ таълимоти инсони комил ҷойгоҳи калидиро ишғол менамояд. Ӯ тахмин мекард, ки офариниш - “ал-халқ” модуси зарурии вуҷуди воҳиди воқеияти трансендентӣ – “ал-ҳақ” мебошад, ки тавассути он Ӯ худро аз ҷонибе ҳамчун объект шинохта мегирад. Инсони комил ҳама сифатҳоеро, ки ин ду ҷониби Мутлақи илоҳӣ доранд, бо ҳам муттаҳид намуда, дар ин худшиносӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Инсони комил ба сифати оинае (миръот) хизмат мекунад, ки Худо дар он сифатҳои илоҳии худро, ки дар шакли потенсия (билқуввa) қарор доранд, мушоҳида мекунад.

Калидвожаҳо: *Инсони комил, Худо, Қуръон, Ибни Арабӣ, Исои Масеҳ, Фиръавн, Азизуддини Насафӣ, Абӯязиди Бистомӣ, ирфон, иродаи илоҳӣ.*

Назарияи «Инсони комил» дар ирфони исломӣ, яке аз мавзӯҳои муҳим ва марказӣ ба ҳисоб рафта, сарфи назар аз мавҷудияти китобу мақолаҳои мутааддид, ҳанӯз ҳам байни донишҷӯёну аспирантони соҳаи фалсафа ба таври бояду шояд фаҳмида нашудааст. Аввалан ҳамин нуктаи муҳимро бояд ёдовар шуд, ки ирфон (ё тасаввуф) аз улуми диние иборат аст, ки ҷавҳари онро масъалаи сегонаи фалсафӣ - Худо, табиат ва инсон (ва ҳама он масоиле, ки дар робита ба онҳо тааллуқ дорад ва қабл аз ҳама масъалаи мавриди баҳси ин мақола “инсони комил”) ташкил медиҳад, ки самти асосии он шинохти худи инсон, яъне инсоншиносӣ аст. Аз зерматни китобҳои ирфонӣ айни замон барои мо муҳим он аст, ки “инсони комил кист?”. Оё ҳама он навъи насли башар, ки инсон номида мешаванд, инсони комил ҳастанд ва ё на? Аз зерматни ирфон алаккай чун андеша бармеояд, ки на: модеме ки инсонҳо аз ҷиҳати теъдод, қобилияти фитрӣ, ҳунару истеъдод дар сатҳу дараҷаҳои гуногун қарор доранд, мантиқист, ки ба хулосае биоем, ки не, ҳама инсонҳое, ки дар рӯи замин “инсон” ном бурда мешаванд, инсони комил будан наметавонанд. Ҳамчунин мантиқист, ки суоле назди худ бигзорем, ки пас “Инсони комил” кист? Ӯ дорои кадом як истеъдоду нерӯҳо ва ё сифатҳоест, ки ӯро аз тамоми дигар инсонҳои оддӣ фарқ мегузорад? Хуласи калом, ин ки ӯ дорои кадом нишонаҳо, сифатҳо, истеъдодҳо ва нерӯҳое бошад, ки ӯро инсони комил биноманд? Аз ҳама муҳимтаринаш ин суол аст, ки оё ҳар касе тасмим гирифта, ки бояд ба ин сатҳи камолот бирасад, бо риояи кадом талаботу шароит муваффақ мешавад? Оё ғояи инсони комил дар баробари “инсони ноқис” хоси идеологияи мусулмонӣ ҳаст ва ё дар байни мактабҳои илмии дигар фарҳангу диёнатҳо низ матраҳ аст? Дар маҷмуъ агар ғояи инсони комил (инсони ноқис) дар дигар макотибу диёнатҳои ҷаҳон вуҷуд дошта бошад, пас, оё метавон ба чунин натиҷа расид, ки ғояи инсони комил ва “инсони ноқис” аз мушкилоти ҷавҳарии тамоми мазоҳибу макотиби динӣ, фалсафӣ ва ирфонии ҷаҳон аст. Агар инсони комил дар яке аз динҳо вуҷуд дошта бошад, пас чаро бояд дар дигар дину мазоҳиб вуҷуд надошта

бошад? Инкор наметавон кард, ки ҳеч мактаби динӣ наметавонад фориғ аз баҳсҳои муҳим ва асосӣ монанди инсон ва нуқсу камол бошад ва аз ин рӯ, ҳама адёни шарқӣ ва ғарбӣ ва макотиби илоҳӣ ва инсонӣ дар ин бора дорои андешаҳои тааммулоти жарф ва густурда ҳастанд. Бо ин ҳол наметавон пинҳон кард, ки назарияи "инсони комил" ба унвони як назарияи инсоншиносии мустақил, назарияе аст, ки дар ҷаҳон ба номи ирфони исломӣ сабт шудааст.

Ҳар чизе бошад набошад Ибни Арабӣ аз аввалин шахси мусулмон аст, ки бори аввалин истилоҳи "инсони комил"-ро ва баъди ӯ Абӯязиди Бистомӣ онро дар шакли "ал-инсон ат-том" дар маънои "инсони ба камол расида, ба итмом расида" истифода бурдааст. Асоси таълимоти "инсони комил"-ро аз як тараф, тасаввурот доир ба параллелизми бинои олам ва инсон ва инсони дар сурати Худо офарида шуда, ташкил медиҳанд.

Ғазолӣ ин тасаввуротро қабул намуда, қайд намуда буд, ақли инсон ба сатҳи олии рӯҳониёти олам – малакут, нерӯҳои руҳии инсон ва эҳсосоташ ба – олами ҷабарут (мутавассита), соҳаи нимаҷисмонӣ ва хусусиятҳои физикии ӯ ба олами сифлӣ, олами моддӣ – мулк мувофиқат меноянд. Инсон, ба андешаи Ғазолӣ, нусха, инъикоси ношафоф ва новозеҳи сифатҳои илоҳӣ мебошад, ҳамчунон ки Қуръон онҳоро шарҳ медиҳад, инсон ба мисли Худо "мебинад", "мешунавад", "дорои аъзоҳо" ва ғ. мебошад. Дар худи ҳамон вақт, Ғазолӣ аз тарси туҳмат ба таблиғи "ҳулул шудан"-и Худо дар инсон ё айният доштани сифатҳои илоҳӣ ва инсонӣ, имкони ивазшавии онҳо ва табдилёбии инсонро ба сурати инсон мустақиман инкор мекард ва ё аз ин масъалаҳо чашм мепӯшид.

Дар таълимоти суфиёнаи Ибни Арабӣ таълимоти инсони комил ҷойгоҳи калидиро ишғол менамояд. Ӯ тахмин мекард, ки офариниш - "ал-халқ" модуси зарурии вуҷуди воҳиди воқеияти трансендентӣ – "ал-ҳақ" мебошад, ки тавассути он Ӯ худро аз ҷонибе ҳамчун объект шинохта мегирад. Инсони комил ҳама сифатҳоеро, ки ин ду ҷониби Мутлақи илоҳӣ доранд, бо ҳам муттаҳид намуда, дар ин худшиносӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Инсони комил ба сифати оинае (миръот) хизмат мекунад, ки Худо дар он сифатҳои илоҳии худро, ки дар шакли потенсия (билқувва) қарор доранд, мушоҳида мекунад. Ибни Арабӣ инсони комилро ҳамчунин "ал-барзах" меномид, ки ду табиати ба ҳам муқобили Мутлақ - моддӣ ва руҳониро бо ҳам мепайваст. Маҳз ҳамин ҳолат мақоми истисноии "инсони комил"-ро дар олам ба миён меоварад. Аз ин рӯ, инсони комил иллат ва ғояти офариниш буда, дар маркази таваҷҷуҳи Худо қарор дорад, мавҷудоти заминию осмонӣ, дарёҳо, куҳҳо, баҳрҳо ва ғ. ба ӯ тобеъ мебошанд. Ҳузур доштани "инсони комил" замонати мавҷудияти олам мебошад, ӯ "имод" (рукнест) аст, ки осмонҳо болои он қарор доранд. Ин гуфтаҳо ба аксари одамоне дахл надоранд, ки Ибни Арабӣ онҳоро "инсонҳои ҳайвон" (инсон ҳайвон) меҳисобид.

Прототипи инсон ва инсониятро Ибни Арабӣ "ал-ҳақиқа ал – муҳаммадия" меҳисобид. Вай аввалин офариниши Худо, логос, илми илоҳӣ мебошад, ки бо тадриҷ (пай дар пай) дар шахсияти пайёмбарон, авлиё таҳаққуқ ёфта, дар ҳар кадоми онҳо яке аз "ҳақоиқи" (ҳақиқати) беинтиҳои худро инъикос менамояд. Ҳамон нафаре, ки дар худи ҳамин лаҳза "ҳақиқати муҳаммадӣ" дар ӯ таҷассум ёфтааст, инсони комил мебошад. Ибни Арабиро баъзан бо "қутб" айният медиҳад, ҳарчанд, ки ахирӣ мафҳуми камтари метафизикӣ мебошад. Пайдо намудани шабоҳати инсони комилро бо "мадинаи идеалии Ихвону-с-сафо" ниҳоят осон аст. Дар айни замон муайян намудани сатҳи таъсири ин таълимотро ба Ибни Арабӣ дорои мушкилоти зиёд мебошад. Ғояҳои Ибни Арабиро дар бораи "инсони комил" шогирдони бешумораш қабул намуда, инкишоф додаанд. Масалан, яке аз шогирдонаш Абдулкарим ал-Ҷиллӣ таъкид мекард, ки "ас-сура ал-муҳаммадия" (образи (сурати)

муҳаммадия) метавонад дар инсонҳое “таҷаллӣ” (таҷалла) кунад, ки дар илмҳои илоҳӣ ба сатҳи камолот расидаанд. Дар чунин инсонҳо, ҳамчун “мухтасар” тамоми номҳо ва сифатҳои Худо ҷамъ оварда шудаанд. Онҳо вуҷуди воҳиди илоҳиро дар ҳама ашё ва ҳаводиси воқеият мушоҳида мекунанд, ки ин вуҷуд ки дар онҳо таҷаллӣ мекунад, худро аз ҷонибе мушоҳида мекунад. Ба инсонҳои комил ҳамчун намояндагони Худо дар рӯи замин асрори пушидаи вуҷуд ошкор мегардад ва онҳо дорои қобилиятҳои фавқу-т-табиӣ мебошанд. Ба андешаи Ҷиллӣ “акмал ал-куммал”(комилтарини комилтаринҳо) пайёмбар Муҳаммад мебошад.

Инсони комил аз истилоҳоти калидии ирфони исломӣ аст. Андешаҳо ва назарияҳои гуногуне, ки дар бораи мафҳуми инсони комил ироа шудаанд, чунон густурда аст, ки ба даст додани таърифи ҷомеъ ва фарогири онро ниҳоят душвор сохтааст. Аммо сарфи назар аз ин, бо таваҷҷуҳ ба маҷоли тадқиқоте, ки то имрӯз аз ҷониби донишмандону гуногун дар шинохти он анҷом ёфтааст, метавон гуфт, ки инсони комил аз чигуна сифатҳо бархӯрдор буда ва дорои чи гуна вижагиҳо мебошад. Масалан, муҳаққиқи эронӣ – Алии Даштӣ онҳоро дар чунин шакл пешниҳод намудааст:

1.Иллати ғоии хилқат аст;

2. Сабаби эҷод ва бақои олам аст;

3. Мутахаллиқ ба ахлоқи илоҳӣ аст;

4. Исми ҷомеи илоҳӣ (Аллоҳ) дар ӯ таҳаққуқ ёфта аст;

5. Восита миёни ҳақ ва халқ аст;

6. Халифаи било мунозеи ҳақ аст;

7. Роҳнамои халоиқ аст, ҳам аз ҳайси зоҳир (шариат) ва ҳам аз назари ботин (тариқат);

8. Ҳарчанд махлуқи Худо аст, аммо назар ба он ки воҷиди сифот ва ахлоқи илоҳӣ аст ва дугонагӣ (санавият) аз ӯ бархоста аст, бо ҳувияти мутаъолии илоҳӣ ваҳдати зотӣ пайдо кардааст[2,61].

Аммо агар мо хоҳиши асоснок ва муътамад кардани ҳар кадоми ин нуктаҳоро дошта бошем, бояд ба фурсати муносиби дигар онро ҳавола карда бошем, зеро таърихи муфассалтари масъала дар доираи як мақола бо вуҷуди хоҳиши зиёди мо имконнопазир аст. Ҳадди ақал барои он ки масъалаи инсони комил бо пайдоиши ирфони исломӣ, баробар оғоз ёфтааст. Муҳаққиқон чунин андеша доранд, ки таъбири “инсони комил” дар адабиёти исломӣ то қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ вуҷуд надошта аст ва аввалин касе, ки ин ин таъбирро матраҳ карда Муҳиуддин Ибни Арабӣ (560-639 қ.) аст, ки барои нахустин бор дар китоби худ, аз ҷумла дар “ Футуҳоти маккия” ва “Фусус ал-ҳикам” дар бораи вижагиҳои чунин инсоне бо унвони “инсони комил” ба тафсил сухан гуфтааст.

Пас, аз Ибни Арабӣ, Азизуддини Насафӣ (630-700 қ.) аввалин ориф ва нависандаест, ки номи “инсони комил”-ро бар маҷмӯаи рисолоти бисту дугонааш, ки ба забони форсӣ дар ирфони исломӣ навиштааст. Пас аз Насафӣ, Абдулкарими Ҷиллӣ (ваф. 805 қ.) унвони инсони комилро барои китобаш баргузида аст (Ал-инсон ал-комил фи маърифати аввоил).

Ин дар ҳоле аст, ки дар миёни урафо, Ҳусайн ибни Мансур Ҳаллоҷ (242-309 қ.) нахустин орифе аст, ки аз инсоне, ки маротиби камолро паймуда ва мазҳари комили сифоти илоҳӣ шуда, ном бурдааст, ба дунболи ӯ Боязиди Бистомӣ (261 ё 234?) низ истилоҳи “ал-комил ат-том”-ро барои инсони намунаи худ ба кор бурдааст[9,179].

Аммо суханҳои болоӣ ҳаргиз маънои онро надоранд, ки то пайдоши ислом ин ғоя аслан вуҷуд надошта (масалан, дар оинҳои тоисломии мардуми ориёӣ), танҳо баробари пайдоиш ва густариши ислом арзи вуҷуд намудааст. Аммо ҳоло сухан дар бораи “инсони комил”-и ирфони исломӣ меравад.

Масъалаи шаклгирии назарияи инсони комил дар ирфони исломӣ, ки рукни муҳими адаби ирфонӣ мебошад, ниёз ба таҳқиқоти алоҳида ва мустақил дорад.

Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ, ки аз орифони номии қарни чаҳорум мебошад, ки дар таъсиси назарияи

фалсафӣ-сӯфиёна таъсири бузург ва амиқ дошта, назди Ибни Арабӣ, Насафӣ ва Ҷилӣ ба назари инсони комил машҳур шудааст. Ҳаллоҷ бори аввал андешаи: “Худо инсонро ба сурати хеш офарид”[6, 134] қабул намуда, ғояи шабоҳат доштани инсонро ба Худо матраҳ кард ва миёни ду ҷанбаи мухталиф аз табиъати инсоният, яъне “лоҳут” ва “носут” (Лоҳут ба мақоми зот итлоқ мешавад ва дар асл “ло ҳу илло ҳу” будааст. Носут олами ҳис ва шаҳодатро гӯянд) тафоввут ниҳод. Ба назари Ҳаллоҷ, ин ду ҷанба ду навъи табиатанд, ки ҳаргиз бо ҳам яке намешаванд, вай бо эътироф ба ин андеша, яъне андешаи Худосозӣ аз инсонро пешниҳод намуд, ки ба қавди донишманди мисрӣ Афифӣ “ба эҷоди инқилобе дар фалсафаи сӯфиёна мунҷар (анҷом) шуд” [1, 43].

Ибни Арабӣ ин андешаро аз Ҳаллоҷ гирифт, аммо лоҳут ва носутро на ду табиати мунфасил, балки сирф ду чеҳра аз ҳақиқати воҳид эътироф кард, ки агар ба сурати берунии ӯ назар кунем, носуташ меномем ва агар ба ботин ва ҳақиқаташ бингарем, лоҳуташ мехонем. Пас лоҳут ва носут, ба ин маъно мутародифи ботин ва зоҳир ва ду сифати ҳақиқӣ аст, ки на танҳо дар инсон, балки дар ҳар як аз мавҷудот вуҷуд дорад. Аммо аз он ҷое, ки олитарин ва комилтарин сурати ҳастӣ дар инсон мутаҷаллӣ мешавад, аз ин рӯ, зуҳури сифати лоҳут ва носут дар инсон ба гунае аст, ки дар ҳеҷ мавҷуди дигаре нест.

Ба қавли муҳаққиқон “Ибни Арабӣ назарияи худро дар бораи инсон ва манзалати ӯ нисбат ба Худо ва халқ бар ин асос мубтанӣ (бунёд) мекунад[1, 42].

Ибни Арабӣ ғарази аслии таснифоти худро муаррифии инсон медонад. Шояд ин ҳама баҳс ва гуфтугӯ дар боби инсон реша дар ҳадисе дошта бошад, ки вай ба таври мукаррар онро аз пайёмбар (с) нақл мекунад, ки фармуданд: “Ман арафа нафсаҳу фақад арафа раббаҳу ”, аз назари Ибни Арабӣ, зот ва ҳақиқати инсон ҳеҷ гоҳ бар касе макшуф нахоҳад шуд. Вай дар таърифи инсон мегӯяд: “метавон гуфт сифаташ, ҳазрати илоҳӣ аст. Метавон гуфт маҷмӯи асмои илоҳӣ аст ва метавон гуфт сифаташ ҳамон қавли пайёмбар (с) аст ки: “Худо Одамро ба сурати худ офарид”[3, ҷ.12, 252]. Аз дидгоҳи ӯ, вақте одам ба сурати Худо офарида мешавад, бояд дар бисёре аз аҳком ҳаммонанди Худо бошад ва дар натиҷа агар Худоро ҷуз аз ҳайси нестӣ, ки бо олам дорад, наметавон шинохт. Инсон низ ҷуз зоҳираш, ки аз тариқи он бо дигарон иртибот дорад, қобили шиносоӣ нест. Ҳамин матлаб далели эътирози фариштагон нисбат ба хилқати инсон аст, зеро ки онон ба зоҳири ӯ назар карданд, ки мураккаб аз табоеъи мутаззод ва мухталиф аст ва зот ва ҳақиқати одамро нашинохтанд.[8, 59]

Ибни Арабӣ ҳангоме ки аз инсони комил сухан мегӯяд, вижагиҳоеро аз қабили “кавни ҷомеъ**”, “**муттасиф ба вуҷуд**”, “**рӯҳи олам**”, “**ҷиллои оинаи ҳастӣ” ва “**халифатуллоҳ”-ро бармешуморад. Вай дар баёни зарурати офариниши инсон пас аз хилқати ҷаҳон мегӯяд: “Олам вақте ба дасти Худо офарида шуд, шабаҳе бидуни рӯҳ ва оинаи пардохт нашуда буд. Муқтазои амр ин буд, ки оинаи олам зангорзудоӣ шавад ва одам ҷиллои ин оина ва руҳи ин сурат шуд”[4,9].

Манзури Ибни Арабӣ ин аст, ки Худои таъоло барои ҳар як аз сифоти илоҳӣ, яке аз мазоҳири вуҷудро дар олам эҷод кардааст; аммо оламе, ки ин сифот бад-ин гуна ҷудоӣ аз ҳам ва пароканда дар он мутаҷаллӣ шавад, ҷойгоҳи комили ҳазрати илоҳӣ ба тамоми маъно нахоҳад буд. Пас ин олам, оинаи ношафоф ва тане бидуни руҳ буд, аз ин рӯ, Худо инсонро офарид, то ҷиллои ин оина ва рӯҳи ин ҷисм бошад. Зеро танҳо инсон мазҳари зоти илоҳӣ аст[1,42]. Ибни Арабӣ робитаи инсони комил бо Худоро чунин тавсиф мекунад: “Инсони комил нисбат ба ҳақ (Худо) ба масобаи мардумаки чашм аст, нисбат ба чашм ҳамон гуна, ки чашм бо мардумак мебинад. Инсон низ муҷаллое аст, ки ҳақ, хешро бо он менигарад, зеро инсон оинаи Худо мебошад. Ӯ иллати офариниш ва ғояти

қисвои ҳастӣ аст, зеро бо вуҷуди ӯ, иродаи илоҳӣ мабнӣ бар эҷоди махлуқе, ки Худоро бо маърифати шоиста бишносад ва камолоти ӯро ҳувайдо кунад, таҳаққуқ ёфтааст. Агар инсон набувад ин ирода таҳаққуқ намеёфт ва ҳақ ношинохта мемонд" [4, 9].

Дар ирфони Ибни Арабӣ ин ҳама иззат ва аҳамияти инсон, аз ҳайси ақл, фикр ва маънавияти ӯст; аз сабаби он ки ӯ соҳиби амр, сурати илоҳӣ, дорандаи фикр ва нафси нотиқа аст, ки ба ақидаи ӯ, инсонияти инсон ба он аст, на аз ҳайси ҷисм ва ҷасади ӯ; ки аз ин ҷиҳат на танҳо бар дигар мавҷудот бартарӣ надорад, балки ба тасреҳи Қуръон аз аксари онҳо поинтар аст. Ба андешаи Ҷаҳонгирӣ, пас тамоми он чи дар бораи азамат ва шарофат ва фазилати инсон ва истеҳқоқи хилофати ӯ аз Аллоҳ гуфта мешавад, на дар бораи инсоне аст, ки ба сурати инсон аст ва дар маънӣ ҳайвон, балки дар хусуси инсоне аст, ки мазҳари хилофат ва ҳақоиқи илоҳӣ ва оинаи дилаш муҷаллои анвори раббонӣ аст[9, ҷ.23, 99].

Ибни Арабӣ дар бораи тавсифи Одам сухан гуфта, таъкид кардааст, ки: "Муродам аз Одам, вуҷуди олами инсонӣ аст". Аз назари дигар, орифони мусулмон низ мурод аз Одам, ки Худованд ба ӯ таълими асмо намуда ва ё офариниши ӯ ба сурати Худовандӣ аст, танҳо Одами Абулбашар нест, балки шомили фарзандони ӯ низ мешавад. Бинобар ин мақсуд аз Одам дар ин Абӯлбашар ва ё инсони комил ба маънои дақиқи калима, ки фақат шомили анбиё ва авлиё мешавад, нест, балки ҷинси башарӣ, ба тамомаи он аст. Бинобар ин, ҳама сифатҳое, ки вай барои инсон оварда ва аз ӯ ба "инсони комил" кардааст, ҳама бани Одамро бидуни истисно бармегирад, аммо дар таҳлили дуввум, ҳама мабоҳисеро, ки Ибни Арабӣ дар бораи инсон овардааст, метавон дар як тақсимбандии куллӣ дар ду сатҳ баён кард:

1. Инсон дар қавси нузул, яъне ба лиҳози айнӣ ва вуҷудӣ;

2. Инсон дар қавси сууд ба лиҳози мартабатӣ ва маърифатӣ.

Аввалин сатҳи таквинӣ "кавнӣ" аст, ки ба забони соддатар метавон мавзӯи мавриди баҳс дар ин сатҳро "башар" номид. Дар воқеъ, дар ин сатҳ инсон ба унвони як навъ матраҳ мешавад, на ба унвони як фард. Инсон дар ин марҳала, комилтарин ҳастӣ дар миёни ҳастиҳои ҷаҳон аст, зеро ӯ ба сурати Худо аст. Бинобар ин, сухани Ибни Арабӣ, ки "муродам аз Одам, вуҷуди олами инсонӣ аст", марбут ба ин мавзӯъ мешавад. Дар ин ҷо бе тардид ҳама инсонҳо ба як андоза аз ин камоли вуҷудӣ бархурдоранд"[5, 231-234]. Ибни Арабӣ ин матлабро дар ҷойҳои зиёд, аз ҷумла китоби "Футуҳот"-и худ ошкору равшан баён кардааст: "Бидон, ки нафси нотиқа ҳам дар дунё саодатманд аст ва ҳам дар охират ва камтарин саҳме аз шақоват надорад. Нафси нотиқа бар асари шарофате, ки дорад бо олами худ, дар саодати абадӣ аст. Оё намебинӣ ки пайёмбар (с) ба эҳтироми ҷанозаи як яҳудӣ ба по хост. Ба ӯ гуфтанд, ки ин ҷанозаи як яҳудӣ аст, фармуд: оё ӯ як нафс нест? Вай ангезаи худро дар ин эҳтиром мутаваҷҷеҳи зоти ӯ кард; яъне ба эҳтироми зоти ӯ бархост ва шарофат ва манзалати зоти ӯро бузург дошт. Чӣ гуна ин зот ӯро бузург дошт. Чӣ гуна ин зот бузург набошад, дар ҳоле, ки аз рӯҳи Худо дар ӯ дамида шудааст", навиштааст Ибни Арабӣ [3, ҷ.1, 527].

Дар сатҳи дуввум, инсон бар акси сатҳи аввал, ба маънои як фарди инсонӣ аст. Дар ин сатҳ ҳама инсонҳо ба таври яксон комил нестанд. Аз ин дидгоҳ, миёни инсонҳо дараҷоте вуҷуд дорад ва танҳо гуруҳи андаке аз ишон сазоворанд, ки "инсони комил" хонда шаванд [8,62]. Дар воқеъ, дар ин ҷо, мизон вафо ва ё ҷафое аст, ки инсон дар ҳақи худ, инсонияти худ ва халифаи илоҳӣ ва камоли зотии худ мекунад. Агар ба ҳақиқати инсонияти худ вафо кунад ва худро бишносад, Худои худро низ хоҳад шинохт. Аммо агар бахше аз вуҷудаш, ӯро аз дарки ҳама он маҳҷуб кунад, ӯ бар хеш ҷафо карда ва дигар инсони комил нест", таъкид намудааст Ибни Арабӣ [3, ҷ.3,105].

Аз ин дидгоҳ аз Ибни Арабӣ ва аксари ҳукамо ва урафои исломӣ, тафоввути инсон дар ислом дар муқоиса бо инсон дар месеҳият ошкор мешавад. Дар масеҳият инсон доиман муҷрим ва гунаҳгор ва олуда аст ва дар ислом, инсон зотан комил, зебо ва бар фитрати илоҳӣ аст. Масеҳиён муътақиданд, ки Худованд барои наҷоти инсон аз гуноҳ, писари худ, ҳазрати Исои Масеҳро ба замин фиристод. Бо рехта шудани хуни Масеҳ ва бо маргаш рӯи салиб, инсон, ки бо гуноҳи нахустин аз Худо дур шуда буд, бо ӯ оштӣ дода шуд. Аз ин рӯ, дар масеҳият баҳси инсони комил ба ин маъно "маънои сатҳи аввал" матраҳ намешавад; гарчи ҳамон тавр, ки қаблан баён шуд, масеҳиён, ҳазрати Исоро инсони комил медонанд, ки ба "маънои сатҳи дуввум" аз бардошти Ибни Арабӣ бармегардад.

Ибни Арабӣ бо эътиқод ба ин ки малоки хилофат ва ниёбати инсон аз Худованд танҳо камол ва инсоният ва доштани сурати илоҳӣ аст, таъкид мекунад, ки мақоми хилофат ва ниёбати илоҳӣ дар инҳисори танҳо мардон набуда, балки занон низ ба ин мақоми волои маънавӣ ноил мешаванд. Бинобар ин мардон аз ҳайси инсоният бар занон бартарӣ надоранд. Вай дар ин маврид аз пайёмбар (с) ҳадисе нақл мекунад, ки он ҳазрат ба камоли занон ва барои намуна ба камоли ҳазрати Марям, духтари Умрон ва Осия, зани Фиръавн, ва бинобар ривояти Қайсарӣ, ҳамчунин ба камоли Хадича ва ҳазрати Фотима – шаҳодат дода фармудааст: "кумилу мин ар-ричол касирун ва кумилат мин ан-нисои Марям бинт Умрон ва Осия имроатун Фиравн ва Хадича ва Фотима; аз миёни мардон афроди касире ба камол даст ёфтаанд ва аз миёни занон низ Марям духтари Умрон, Осия зани Фиръавн, ҳазрати Хадича ва ҳазрати Фотима ба камол расидаанд" (Қайсарӣ, 1375:121). Ба ақидаи Ибни Арабӣ, занон дар ҷамиъи маротиби камол бо мардон яксонанд ва ҳар мақоме, ки имкони дастёбӣ ба он ба изни илоҳӣ барои мардон вуҷуд дорад, занон низ метавонанд бад-он ноил шаванд (Гурӯҳе аз муаллифон,1384: 348).

Меҳварҳои ироашуда аз сӯи Ибни Арабӣ дар назарияи инсони комил мавриди таъйиди орифони пас аз вай низ қарор гирифтааст. Бинобар ин, дар ин маҷол саъй мешавад, ки бештар ба нукоте ишора гардад, ки дар дидгоҳи Ибни Арабӣ ба он ишора нашудааст.

Адабиёт

1. Афифӣ Абуало. Шарҳе бар Фусус- ал –ҳикам (баррасӣ ва нақди андешаи Ибни Арабӣ). Тарҷумаи Насрулоҳи Ҳикмат, Теҳрон. Интишороти Илҳом, 1380:42, 43, 44

2. Даштӣ Муҳаммад (1384), Инсони комил дар Фусус ва Маснавӣ, Фаслномаи ҳафт осмон, №27. 1384: 61.

3. Ибни Арабӣ, Муҳиуддин (1405), "Футуҳот маккия", (14 ҷилдӣ). Таҳқиқ, Усмон Яҳё, Миср (б/т), чопи дуввум. Ибни Арабӣ, 1405: ҷ.12, 252, ҷ.1, 3,

4. Ибни Арабӣ, Муҳиуддин матн ва тарҷумаи "Фусус ал-ҳикам", тарҷумаи Муҳаммад Хоҷӯӣ, Теҳрон: интишороти Мавло., 1386:9)

5. Изотсу Тошииҳико, "Суфизм ва теоизм", тарҷума: Муҳаммад Ҷавод Гавҳарӣ, Теҳрон: Интишороти равзана, чопи аввал.. Изутсу, 1378: 231-234)

6. Клинӣ, Муҳаммад ибни Яъқуб, Усули кофӣ, тасҳеҳ ва таълиқ: Алӣ Акбар Ғаффорӣ, Теҳрон, Дорул кутуб алисломия, чопи панҷум. 1365:1, 134

7. Муттаҳарӣ Муртазо Маҷмуаи осор, Теҳрон, Интишороти Садро (1378), 137: ҷ.23, 99; Насрӣ Абдуллоҳ (1376), Симои инсони комил аз дидгоҳи макотиб, Теҳрон, Интишороти Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ, чопи чаҳорум.1376: 179.

8. Ҳикмат Насруллоҳ, Ҳикмат ва ҳунар дар ирфони Ибни Арабӣ, Теҳрон интишороти Фарҳангистони ҳунар, чопи аввал. 1384: 59, 62

9. Ҷаҳонгирӣ Муҳсин, Муҳиддин ибни Арабӣ; Чеҳраи барҷастаи ирфони исломӣ, Теҳрон, Интишорот Донишгоҳи Теҳрон, чопи саввум. 1367: 325, Муттаҳарӣ Муртазо Маҷмуаи осор, Теҳрон, Интишороти Садро (1378), 137: ҷ.23, 99; Насрӣ Абдуллоҳ (1376), Симои инсони комил аз дидгоҳи макотиб, Теҳрон, Интишороти Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ, чопи чаҳорум.1376: 179, 325

ПОНЯТИЕ «СОВЕРШЕННЫЙ ЧЕЛОВЕК» В СУФИЙСКОМ УЧЕНИИ ИБНА АРАБИ

Зиёева З. И.

В статье речь идет о «Совершенном человеке» Абу Бакра Мухаммада Мухиддина ибн Араби (1165-1240), одного из самых выдающихся ученых исламского мира. Ибн Араби был одним из тех ученых, которые оказал значительное влияние на суфизме. В суфийском учении Ибн Араби ключевое место занимает учение о совершенном человеке. Он предполагал, что творение – «ал-халк» – это необходимый способ существования единицы трансцендентной реальности – «ал-хак», посредством которого Он осознает себя объектом. Совершенное человеческое существо сочетает в себе все качества этих двух аспектов Божественного Абсолюта и играет решающую роль в этой самореализации. Совершенный человек служит зеркалом (зеркалом), в котором Бог наблюдает свои божественные качества, которые имеют форму потенции (билкувва).

Ключевые слова: *Совершенный человек, Бог, Коран, Ибн Араби, Иисус Христос, Фараон, Азизуддин Насафи, Абу Язид Бистоми, мистика, божественная воля.*

THE CONCEPT OF "PERFECT HUMAN BEING" IN IBN ARABI'S MYSTICISM

Ziyoeva Z.I.

The article is about the "Perfect Man" of Abu Bakr Muhammad Muhiddin ibn Arabi (1165-1240), one of the most outstanding scholars of the Islamic world. Ibn Arabi was one of those scholars who had a significant influence on Sufism. In the Sufi teachings of Ibn Arabi, the doctrine of the perfect man occupies a key place. He assumed that creation - "al-khalk" - is a necessary way of existence of a unit of transcendental reality - "al-haq", through which He recognizes himself as an object. The perfect human being combines all the qualities of these two aspects of the Divine Absolute and plays a decisive role in this self-realization. The perfect man serves as a mirror (mirror) in which God observes his divine qualities, which take the form of potency (bilkuwwa).

Key words: *Perfect man, God, Koran, Ibn Arabi, Jesus Christ, Pharaoh, Azizuddin Nasafi, Abu Yazid Bistomi, mysticism, divine will.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ЗАМИНАҲОИ ИЛМӢ - МЕТОДОЛОГИИ ТАҲКИМИ ҲАМКОРИИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ВА ИТТИҲОДИЯҲОИ ДИНӢ

Шоев З.Ҷ. - н.и.ф., ходими калони илмии шуъбаи масъалаҳои фалсафии дини ИФСҲ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
E-mail: Subhiddin_93@mail.ru

Ҳарчанде ки нақши дин дар ҳаёти ҷомеаи муосир дар шароити рушди равандҳои ҷаҳонӣ, аз қабили ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ, башиддат меафзояд, аммо ин ҳодисаи нав нест. Афзоиши якбораи омили динӣ дар ҳаёти ҷомеа дар давраҳои тағйиротҳои инқилобӣ ва дигаргуниҳои куллии таърихӣ дар ҳамаи давраҳои гузаштаи таърихи башарият ба назар мерасад. Барои марҳилаи ҳозираи таърихи инсоният, ки рӯйдодҳои сарнавиштсоз ва дигаргуниҳои кардиналиро ҳамроҳ дорад, низ ҳамин гуна пурзӯршавии нақши омили динӣ дар ҳаёти чамъият хос мебошад. Аз ин рӯ, масъалаҳои ҳамкории давлат бо дин, ҳамгунсозӣ ва синтези арзишҳои динӣ ва дунявӣ, таъмини шароити ҳуқуқӣ ҷиҳати пешгирии ифротгароии динӣ ва бархӯрду муноқишаҳои байни пайравони дину мазҳабҳои гуногун, бо ин роҳ дар ҷомеа ташаккул ва густариш додани фарҳанги таҳаммулпазирӣ - бархе аз масъалаҳое актуалие мебошанд, ки имрӯз дар пешорӯи ҳар як давлати соҳибистиқлоли миллӣ истодаанд ва ҳалли таъхирнопазири худро талаб мекунанд. Дар робита бо масоили зикршуда, зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои ҳамкории судманд байни дин ва давлати дунявӣ ба миён меояд. Ин зарурат дар навбати худ пажӯҳиши заминаҳои илмӣ-методологӣ ва таърихии ҳамкории мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои динӣ дар ҳалли мушкилоти ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа ва муайян кардани самтҳои нисбатан муҳими чунин ҳамкориҳоро тақозо мекунад. Дар таҳқиқоти мазкур ҳамин масъалаҳои зикршуда бо истифода аз санадҳову маъхазҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва маводи адабиёти илмии ватанию хориҷӣ таҳлил ва баррасӣ шудаанд.

Калидвожаҳо: *дунявият, дин, давлат, мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои динӣ, низоми иҷтимоӣ, зернизоми иҷтимоӣ, ниҳоди иҷтимоӣ, майдони иҷтимоӣ, ҳамкории шабакавӣ, субъектҳои ҳамкорӣ, объекти ҳамкорӣ, мақсади ҳамкорӣ.*

Дин, давлат ва таъсири мутақобилаи институтсионалии онҳо мавзӯи назарияҳои сершумор дар доираи донишҳои фалсафӣ, психологӣ ва сотсиологӣ мебошанд. Фалсафаи иҷтимоӣ, диншиносии муқоисавӣ ва сотсиологияи назариявӣ ба ҷанбаҳои методологии ин робита аҳамияти хоса медиҳанд. Дар айни замон таваҷҷуҳи илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ ба масъалаи ҳамкории давлат ва дин боз ҳам афзоиш ёфтааст. Муносибатҳои мутақобилаи дин ва давлат дар доираи консепсияҳои сотсиологии муосир, асосан ба тағйироти васеъмиқёс дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ вобаста аст, ки ҳаёти одамон, самтҳои арзишӣ ва афзалиятҳои идеологии онҳоро сифатан дигар мекунанд. Раванди таъсири мутақобилаи дин ва давлат аз рӯи табиати худ хеле чандир, гуногунҷанба ва босуръат аст. Асосҳои назариявии ин равандро тавсиф карда, мо ба як қатор назарияҳое муроҷиат мекунем, ки ҷиҳатҳои гуногуни фаъолияти чунин ниҳодҳои асосии иҷтимоӣ, аз кабили дин ва давлат ва муносибатҳои онҳоро инъикос ва тавсиф мекунанд.

Яке аз аввалин кӯшишҳои ҷиддии ҳалли масъалаи мавқеи дин дар ҷамъият дар илми ҷомеашиносӣ ба О.Конт

тааллуқ дошт: олими мазкур дар омӯзиши ҳаёти ҷамъият татбиқ намудани усулҳои индуктивиро, ки онро дар илмҳои табиатшиносӣ бомуваффақият истифода мебаранд, пешниҳод кард. Дар ин замина масъалаи асосҳои сохти ҷамъиятиро, ки дар нигоҳдории он дин нақши муҳим дорад, баррасӣ намуда, Конт ғояи «қонуни се марҳилаи таърих»-ро ба миён гузошт. Вай ихтилофи ногузир байни дин ва шуури мусбат, яъне илмро эътироф карда, дар ояндаи наздик ғалабаи илмро бар дин пешгӯӣ мекард. Таъсири озодибахш ва маърифатбахши илм, ба андешаи Конт, ба таназзул ва инқирози ногузири дин оварда мерасонад, бинобар ин, хатари парокандашавии робитаҳои иҷтимоии дин ва давлат вуҷуд дорад [8, 123].

Ҳамгироӣ танҳо ба воситаи синтези мусбати донишҳои илмӣ имконпазир аст, ки ядрои он сотсиология мебошад ва маҳз ҳамин ба мо имкон медиҳад, ки ғояҳои назму тартибот ва рушду тараққиётро бо ҳам пайваст кунем.

Инқилоби саноатӣ ва барпо намудани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ бо муайян кардани соҳаҳои ҷудогонаи ҳаёт — иқтисодиёт, сиёсат, дин, ахлоқ алоқаманд буд. Ба ин муносибат дар назарияи сотсиологӣ масъалаи ташаккули робитаҳои иҷтимоии байни институтҳо мубрамият пайдо кард. Дар ин хусус назарияи Э.Дюркгейм, ки асосгузори ҷомеашиносии дин ҳамчун як фанни илмӣ дониста мешавад, шаҳодат медиҳад. Дюркгейм дар ҷомеаи муосири худ тамоюли десакрализатсияи дин ва кам шудани таъсири зуҳуроти динӣ ба воқеияти иҷтимоиро муайян кард. Омӯзиши амиқи падидаҳои динӣ ба ӯ имконият дод, ки ба мушкилоти ҳамкории дин ва давлат ба таври дигар муносибат кунад. Ӯ муносибатҳои ин низомҳоро дар сатхи таъсири мутакобилаи ду субъект, ду фарди ба ин ё он муҳити иҷтимоӣ тааллукдошта баррасӣ мекард. Сохтор ва шакли амали мутақобила дар ин маврид бо хусусиятҳои эътиқод муайян карда мешавад [4, 67-68].

Таҳқиқоти Дюркгейм имкон дод, ки дар асоси омӯзиши шаклҳои ибтидоии динӣ намунаҳои умумие ба даст оварда шаванд, ки нақш ва вазифаҳои динро дар маҷмӯъ тавсиф мекунанд. Дюркгейм тавассути таҳлили низоми тотемикии аборигенҳои Австралия ҳамчун соддатарин шакли эътиқоди динӣ барои расидан ба дараҷаи умумӣ, фалсафӣ ва консептуалие кӯшиш намуд, ки он имкон медиҳад механизмҳои фаъолияти дин ва нақши он барои ҷомеа дарк карда шавад [7, 121-122]. Масъалаи муносибати дин ва зерсистемаҳои дигари иҷтимоӣ дар осори Дюркгейм ҳамчун проблемаи муносибати дониш ва эътиқод, принсипҳои ратсионализм ва ирратсионализм дар инсон ва ҷомеа баррасӣ мешавад. Ӯ дар асари худ «Шаклҳои ибтидоии ҳаёти динӣ» ин масъаларо муфассал тавзеҳ дода, онро аз аз ҷиҳати методологӣ асоснок кардааст. Сарчашмаи идеяҳо дар бораи давлат, ба ақидаи Дюркгейм, идеяҳои коллективӣ мебошанд, ки воқеияти коллективиро ифода мекунанд. Давлат пайдоиши динӣ ва рамзҳои динӣ дорад, давлат ва дин ҷузъи ҷомеа мебошанд ва маҳз дар ҷомеа механизмҳои танзими ҳамкории онҳо ташаккул меёбанд. Ҷомеа ба инсон бо ду роҳ таъсир мерасонад - на танҳо аз берун, тавассути афкори ҷамъиятӣ, балки аз ботин ҳам, зеро ҷомеа тавассути категорияҳои тафаккур дар дохили мо низ мавҷуд аст [7, 124].

Ҳамин тариқ, нуқтаи назари Дюркгейм ба муайян кардани принсипи иҷтимоӣ дар раванди таъсири мутақобилаи динӣ ва ғайридинӣ нигаронида шудааст. Маҳз ҷомеа сарчашмаи ҳам принсипҳои динӣ ва ҳам давлатӣ буда, онҳоро ба низомҳои мушаххасе табдил медиҳад, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ афзалиятҳои гуногун доранд. Дар баробари Дюркгейм олими немис Макс Веберро ба таври ҳаққонӣ асосгузори ҷомеашиносии дин медонанд. Дин таваҷҷуҳи Веберро асосан аз нуқтаи назари таъсири он ба ҷамъият ҷалб мекард. Вебер дар асоси он, ки муҳимтарин сарчашмаҳои тағирёбии иҷтимоӣ дар системаҳои фарҳангӣ реша

мегиранд, бовар дошт, ки дин омили тавонои динамикаи иҷтимоӣ аст. Аз ин рӯ, чунин андеша доши, ки амали инсон дар низоми «дин-давлат» барои рушди иҷтимоӣ аҳамияти калидӣ дорад [8, 212].

Бояд гуфт, ки О.Конт ва Э.Дюркгейм дар асарҳои худ ба сохтори ҷомеа ва фаъолияти зерсистемаҳои он таваҷҷӯҳ намуда, дин ва давлатро ҳамчун институтҳои иҷтимоӣ медонанд. Дар баробари ин, М.Вебер бори аввал ба муносибатхои иҷтимоӣ, яъне робитаҳои дохилисохторӣ, на худи сохтор, диққати махсус медиҳад,

Тадқиқоти минбаъдаи проблемаи баррасишавандаро намояндагони мактаби ҷомеашиносии Амрико дар доираи яке аз назарияҳои муътабари он - функсионализми сохторӣ, аз ҷумла, дар асарҳои Т.Парсонс анҷом доданд. Маҳз Парсонс аҳамияти муносибатҳои мутақобилаи институтҳои иҷтимоиро дар дохили системаи иҷтимоӣ асоснок кард. Муваффақияти асосии Парсонс таъсиси системаи AGIL (мутобиқшавӣ, ноил шудан ба ҳадаф, ҳамгироӣ, функсияи ниҳонӣ) - системаи амал ё маҷмӯи вазифаҳо ва амалҳои мушаххасе мебошад, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои система нигаронида шудаанд[9, 432].

Дин дар системае, ки Парсонс таҳия кардааст, вазифаи нигоҳ доштани намунаи арзиш ва ҳамгироӣ тавассути унсурҳои фарҳангӣ ва қонуниятро иҷро мекунад. Парсонс нишон дод, ки шароити мавҷудияти ҳар як системаи ҷамъиятӣ, сарфи назар аз дараҷа ва миқёси он, ҳам бо ҳалли масъалаҳои дохилӣ ва ҳам нигоҳ доштани алоқа бо системаҳои дигар таъмин карда мешавад, бинобар ин ҳамаи системаҳои ҷамъиятӣ бояд тавре ташкил карда шаванд, ки бо дигар системаҳо мутобик ва мувофиқ бошанд ва аз тарафи онҳо дастгирӣ карда шаванд. Аз ин рӯ, аввалин кӯшишҳои аз ҷиҳати функсионалӣ асоснок кардани раванди таъсири мутақобилаи зерсистемаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дин ва давлат дар назарияи сотсиологӣ пайдо мешаванд.

Назарияи системаҳои ҷамъиятии Н.Луман ба ақидаҳои Т.Парсонс хеле наздик аст. Дар фаҳмиши ин олими ҷомеашинос, система ҳамеша маънои як навъ маҳдудият, як навъ соддагардонӣ, «камшавии мураккабиро» дорад. Агар ҳар як системаҳои мавҷуда бо чунин камшавии мураккабӣ алоқаманд бошанд, пас табиати тасодуфии он аз сабаби он, ки ташаккули система тарзи интихобӣ ва муштараки амалро дар бар мегирад, маълум аст [9, 435]. Ҳамин тариқ, на танҳо вазифаи интегративӣ, балки вазифаи интихобии дин низ асоснок карда мешавад, зеро он ҳам барои ҳамкории мутақобила бо системаи давлатӣ масъул аст ва ҳамкории зерсистемаҳои дигарро пешакӣ муайян мекунад.

Мушкилоти ҳамкории созанда дар ин замина моро водор мекунад, ки ба идеяи дискурси коммуникативии намояндаи мактаби Франкфурт Ҷ.Хабермас мурочиат кунем. Раванди таъсири мутақобилаи оптималии системаҳои иҷтимоӣ амали коммуникатсионӣ мебошад, ки аз алоқаи вайроншуда озод аст. Дар баробари ин, робитаи давлат ва ташкилотҳои динӣ ҳамчун мақоми олӣ ва ниҳоии он амал намекунад, зеро натиҷаҳои он ба шароити иҷтимоӣ вобаста буда, ба таъсири муносибатҳои ҳукмронӣ ва тобеиятӣ таъсир расонида метавонад.

Муоширатро аз муносибатҳои ҳукмронӣ ва тобеият «тоза» намуда, субъектҳои таъсир муносибатҳои худро ба зинаи нав — сатҳи шарикии иҷтимоӣ мебароранд. Бинобар ин, таъсири мутақобилаи дин ва давлатро метавон ба таври объективӣ - ҳамчун раванде баррасӣ кард, ки аз ҷониби субъектҳои алоҳидаи иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад.

Яке аз кӯшишҳои мушаххас ҷиҳати ҳамгиросозии сохтор ва таъсири мутақобилаи дохилисохториро мо дар назариияи сохтории Э.Гидденс мушоҳида карда метавонем. Гидденс назарияи сохторро дар шакли умумӣ ҳамчун «чаҳорчӯбаи онтологӣ» барои омӯзиши фаъолияти иҷтимоии инсон мефаҳмад. «Онтология» дар ин маврид омӯзиши консептуалии табиати амали инсон ва муносибатҳои байни амали ниҳодҳо мебошад. Бояд зикр кард, ки

Гидденс табиати объективии институтҳои ҷамъиятиро зери шубҳа намегузорад. Ҳар амали мутақобила ҷузъи ниҳод мебошад, аз ин рӯ зимни таҳқиқи сохтор ва вазифаҳои ниҳод дар чаҳорчӯбаи илмҳои ҷомеашиносӣ, онро низ баррасӣ мебояд кард [10, 84-85].

Дар охири асри XX вазъ дар муносибатҳои байни муассисаҳои дунявӣ ва динӣ ба таври куллӣ ба нафъи барқарории ҳамкории баробар тағйир ёфт. Дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла дар кишварҳои пасошӯравӣ намояндагони ҷомеаи динӣ кӯшиш мекунанд, ки дар муносибат бо давлат ва ҷомеа мавқеъ пайдо кунанд. Масалан, дар Русия омодагӣ ба ҳамкорӣ бо давлат дар ҳуҷҷатҳои таҳия ва қабулшуда – «Асосҳои консепсияи иҷтимоии калисои православии рус», «Мавқеи иҷтимоии калисои протестантии Русия», «Муқаррароти асосии барномаи иҷтимоии мусулмонони Русия», «Асосҳои таълимоти иҷтимоии масеҳиёни адвентистҳои рӯзи ҳафтуми калисо» ва ғайра ифодаи консептуалиро пайдо кард [1. 91].

Иттиҳодияҳои динӣ консепсияҳои ҳамкории мутақобила бо давлатро мураттаб намуда, хизмати иҷтимоиро амалӣ намуда, дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ иштирок мекунанд. Ҳамкории созмонҳои динӣ бо дигар агентҳои иҷтимоӣ бисёрқутбӣ, бисёрфункционалӣ ва шабакавӣ мегардад. Дар он ба давлат нақши ҳакам ё модератор гузошта мешавад, яъне давлат агарчӣ иштирокчии ҳамкории шабакавӣ мебошад, вале вазифаи асосии он танзими раванди ҳамкорӣ ва назорати қонунияти ин раванд мебошад. Вобаста ба ин, таҳияи равишҳои нави назариявӣ, ки бо ёрии онҳо раванди ҳамкории ниҳодҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои диниро дар соҳаи иҷтимоӣ тавсиф кардан мумкин аст, аҳамияти хоса пайдо кардааст.

Баъзе муҳаққиқони хориҷӣ равиши шабакавиро ба таҳлили ҳамкории давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, ки бо мафҳуми «ҷомеаи шабакавӣ» алоқаманд аст, чун яке аз усулҳои самараноктарин пешниҳод менамоянд. Асосгузори ин мафҳум дар ҷомеашиносӣ ҷомеашиноси амрикоӣ М.Кастеллс буда, равиши шабакавӣ дар ҷомеашиносӣ аз ҷониби П.Бурдйе, Ҷ.Делез ва як қатор дигар намояндагони постструктурализм ва неоинститутсионализм таҳия шудааст. Назарияи майдони иҷтимоии П.Бурдйе, ки мафҳумҳои ба ҳам алоқаманди «фазои иҷтимоӣ», «майдон» ва «агентҳои майдон»-ро таҳқиқ менамояд, барои муҳаққиқони проблемаи ба миён гузошташуда, яъне ҳамкории давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, аҳамияти хоса дорад [2, 19].

Фазои иҷтимоӣ якчанд соҳаҳоро дар бар мегирад, Субъектҳои ҳамкорӣ метавонанд дар як вақт дар якчанд соҳа мавқеъро ишғол кунанд. Майдон системаи мушаххаси робитаҳои объективии байни мавқеъҳои мухталиф дар иттифоқ ё ихтилоф, рақобат ё ҳамкорӣ мебошад, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва ба таври васеъ аз мавҷудияти ҷисмонии шахсон, гурӯҳҳо ва ниҳодҳое, ки ин мавқеъҳоро ишғол мекунанд, муайян карда мешавад. Майдонҳо вақте ки ба таври синхронӣ баррасӣ мешавад, фазои сохтории мавқеъро, ки хосиятҳои асосии соҳаҳо, аз ҷумла соҳаҳои ҳамкории дин ва давлатро муайян мекунанд, ифода мекунанд.

П.Бурдйе намунаҳои равобит ва фаъолияти шабакавии ин ниҳодҳоро муайян ва тарҳрезӣ мекунад. Сохтори майдонӣ робитаи шабакавии қудрат байни агентҳо ё ниҳодҳое мебошад, ки дар амалҳои мутақобила иштирок мекунанд ва стратегияҳои амали ояндаро танзим мекунанд. Ба андешаи мо, ҳар дуи мафҳумҳо - «майдон» ва «фазо» барои тавсифи раванди ҳамкории дин ва давлат мувофиқанд, зеро онҳо аз мафҳуми «система», ки дар назарияи сотсиологӣ қисматҳои таркибии худро надорад, як қатор фарқиятҳо доранд. Ҳар як зерсохтор мантиқи худ, қоидаҳои худ, намунаҳои мушаххаси худро дорад ва ҳар як марҳилаи тақсимоти майдон ё фазо боиси ҷаҳиши воқеии сифатӣ мегардад. Майдон як фазои эҳтимолии кушодаи бозиро ташкил медиҳад, ки сарҳадҳои динамикӣ дорад. Бурдйе дар асарҳое, ки

ба таъсири мутақобилаи соҳаҳои доорои характери гуногун бахшида шудаанд, кайд мекунад, ки новобаста аз он ки майдонҳо аз маҳдудиятҳо ва талаботи беруна озод бошанд ҳам, ба онҳо қонунҳои атрофи он: яъне хоҳиши фоидаи иқтисодӣ ё сиёсӣ дохил мешаванд. Таносуби қувваҳо дар таъсири мутақобилаи соҳаҳо аз он вобаста аст, ки ин соҳа то чӣ андоза мустақил аст, яъне то кучо тавонистааст қонуну таҳримҳои худро ба муҳити зист ҷорӣ кунад, то чӣ андоза субъектҳои алоҳидаи як соҳа ба субъектҳои соҳаи дигар дар ишғол намудани мавқеъҳои дар соҳа бартаридошта наздиктаранд [2, 54-55]. Чунин тавсифи раванди ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи дин ва давлатро метавон тавассути тавсифи амалияи фаъолияти мутақобилаи агентҳои мушаххас бо таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ба худи агентҳо ва амалияи ҳамкории онҳо дар фазои муайяни иҷтимоӣ тавзеҳ дод. Равиши шабакавӣ ба ҳамкории ниҳодҳо ва агентҳои онҳо дар адабиёти илмии муосир, ки аксар вақт дар истилоҳоти назарияи иттилоотӣ ва коммуникатсия тавсиф мешавад, дар ҷомеашиносии Ғарб бо корҳои К.Керли ва А.Нюэлл, Ҳ.Хекхаузен, ва дар байни муҳаққиқони рус - дар асарҳои А. Давидов асоснок карда шудааст. Масалан, олими рус А. Давидов нишон медиҳад, ки дар ҷараёни ҳамкорӣ ва таъсири мутақобила субъектҳо ҳамчун системаҳои сохтори алгоритмии дар муҳити иҷтимоии аз ҷиҳати алгоритмӣ сохташуда амал мекунанд. Алгоритми асосии ҳамкорӣ ва таъсири мутақобила - алгоритми сикли ҳаёт - пайдарпайии марҳилаҳои бебозгашти «таваллуд», «кӯдакӣ», «ҷавонӣ», «камолот», «пирӣ», «марг» мебошад [5, 24].

В трудах мыслителей разных времен можно обнаружить много важных и ценных представлений, так или иначе связанных с пониманием антропологических аспектов человеческой природе. Мыслители разных времен вопросы о природе человека решали по-разному. Вслед за Платоном ал-Кинди выделяет в душе три «силы» («*қувват*») души - интеллектуальную («*ақлиййа»*), вожделеющую («*шаҳванииййа*») и гневающую («*газабиййа*») силы. Тем не менее ал-Кинди рассматривал душу как простую сущность (*хавхари басит*), не имеющую частей, основная задача которой сводится к контролю за страстями человека и подготовке к будущей жизни [8 с. 139]. Ал-Кинди считал, что в этом мире душе следует очиститься от скверны, и тогда, как зеркало при полировке начинает блистать и отражать свет, так и душа человека начинает отражать свет своего Творца.

Следуя за Аристотелем, Абу Наср аль-Фараби пишет, что интеллект эта та способность души, «благодаря которой человек получает достоверное знание универсальных, истинных и необходимых посылок, отнюдь не путем аналогии или размышления, а от врожденной смекалки, по природе или с детства, не сознавая, откуда и как это к нему пришло» [4.с.20] В вопросе о природе души Абу Наср Фараби скорее

придерживается учение Аристотеля. В большей степени, чем ал-Кинди, он признает, что «душа тесно связана с телом» [5.с.44]. Он выделяет в теле человека пять сил (способностей) и соотносит их с определенными органами тела, откуда они исходят; питающая сила - желудок, печень и органы, их обслуживающие; чувственная сила - пять органов чувств; сила воображения (сохраняет воспринятое после того, как его воздействие прекратилось) сердце. Мыслящая сила не имеет своего органа, но под ее началом объединяются все перечисленные силы, а человек становится способен постигать абстрактные идеи, познавать науки и искусства, а также отличать хорошее от плохого. Стремящаяся сила, также не имеет своего органа, но благодаря ей, или желание человека переходит в действие, или он отклоняет некий предмет или то, что было воспринято [6. с. 264-282].

Касаясь локализации внутренних постигающих сил, Авиценна пишет, что «внутренние постигающие силы - как «представление», находится в передней части мозга, а мышление и воображение в его середине», а «память» и «воспоминания» находятся в задней части мозга». Но если говорить о силе суждения, то она «особенно главенствует над средней частью мозга», а «воспоминание перебирает в памяти постигаемые формы с тем, чтобы сила суждения постигла их значение, которые должны постигаться и которые затем передаются воспоминанию, чтобы сохранить их в памяти» [3.553-554].

Насир Хусрав продолжает эту же интеллектуальную традицию, согласно которому, мир состоит из двух частей: одна часть духовная, невидимая, а другая материальная, явленная, чувственно-ощущаемая. Он утверждал, что все вещи этого мира познаваемы. Их можно познать либо при помощи чувств (*хис)*, либо при помощи разума (*ақл*). Для чувственного познания человеку даны пять органов чувств: обоняние, осязание, вкус, зрение и слух. О мире природы он выражает свои мысли следующим образом: зрение и слух стоят выше всех остальных чувств, так как знание может войти в душу невежды двумя путями. Первый - постижение речи чувством слуха, второй - чтение писания чувством зрения» [9.с.14] Тело рассматривается как орудие («*олот*») бессмертной нематериальной души. [10.с. 76].

В процессе познания и освоении мира, внешние чувства не оторваны от внутренних, и потому согласно мыслителю, кроме внешних чувств существуют также внутреннее познание, соответственно, для постижения данного нам того же внешнего и внутреннего мира. Эти внутренние чувства сводятся к следующим: «представление», «догадка», («*тахаййолот»*), «память», («*ҳофиза*») «мышление» и «воспоминание» («*хотира*»). Мыслитель считает, что вещи и явления, постигаемые при помощи разума («*ма'қул»*), «разумные»- более благородны, чем чувственно-воспринимаемые вещи («*маҳсус*»), («чувственные»). Уже чувственно-ощущаемые вещи самим своим существованием указывают на умопостигаемые. Согласно Насиру Хусраву, четыре природных элемента указывают на умопостигаемую первоматерию, («ҳ*айула-и нахуст*»). В качестве примера Насир Хусрав приводит связь между телом и душой. Когда мы наблюдаем, как тело, которое относится к разряду чувственно-ощущаемых вещей, перестает двигаться после смерти человека, мы постигаем, что оно лишилось причины своего движения - души.

Иучение природных элементов («*илм-и шинахт-и таба'и*») считается очень важным, и польза от него велика, поскольку материальный мир, основой которого являются природные элементы, подобен телу для мира духовного. Пока не познано тело, нет пути к познанию души. Точно так же, как действие проявляется через тело, нельзя познать духовный мир кроме как через этот мир» [5. с. 42]. Человеку следует обрести знания об этом материальном мире, чтобы перейти к следующему этапу познанию мира духовного.

Духовный мир человека, о котором ведет речь И.Кант как о «вещах в себе»

(ноумены) скрыт от глаз людей, но Насир Хусрав убежден, что кое-что человеку становится известно благодаря познанию материального мира и его свойств. Интересно отметить, как Насир Хусрав переносит понятия «дающий» («*муфид)*» и «получающий» («*мустафид*») из области гносеологии в область космологии и натурфилософии. Насир Хусрав пишет, что все в мире обусловлено двумя свойствами: вещь относится либо к дающим пользу (*фа'ида диҳанда*), либо к получающим пользу («*фа'ида пазиранда*»). Примеры этого окружают нас повсюду: учитель и ученик, дождь и земля, растение и животное. Применив принцип «соразмерности» (*тавозун)*, мы можем сказать, что духовный мир, который образует пара Всеобщего Разума и Всеобщей Души, тоже подчинен этим свойствам. Разум - дающий пользу, а Душа - получающая пользу. Всеобщая Душа получает знание от Всеобщего Разума и в соответствии с ним создает материальный мир, т. е. мир - это знание Всеобщего Разума, облеченное в материю.

Насир Хусрав, обосновывая изоморфизм духовного и материального миров, обращается к образу дерева и его плода: «Когда у дерева грецкого ореха или миндаля появляются плоды, то разумные знают, что сначала были посажены грецкий орех и миндаль, чтобы сегодня эти плоды вернулись к ним» [6 с. 35]. Материальный мир - это «плод» мира духовного, а человек «плод» духовного и материального миров. Таким образом, мыслитель объясняет «соразмерность» духовного и материального миров, макрокосма (вселенная) и микрокосма (человек), согласно неоплатоническому концепцию, в которой душа - субстанция простая, нематериальная и нетленная и после отделения от тела возвращается к своему идеальному сверхчувственному истоку.

Вокруг понятия «человеческой сущности» с древнейших времен ведется много споров. Согласно одному из трактовок сущность человека проявляется в его духовности и способности познавать и понимать мир. Однако такое понимание человеческой природы ограничено. Согласно этому пониманию, основная сущность человека не имеет никакого отношения к миру, в котором он существует. Согласно этому пониманию, Бог дал человеку душу, благодаря которому он возвышается над инстинктами и потребностями своего тела, преодолевает все искушения и прелести материальной жизни и отрекается от них.

Многими считается, что человек владелец и носитель души. Его божественная сущность сокрыта в его душе. Согласно эзотерическим учениям, сущность человека проявляется в его «духовной монаде» (духовной единице) [7.с.24]. Эта монада переходит от одного человека к другому, из одной жизни в другую, совершенствует человеческое тело, потому что она является единственным средством человеческого совершенствования. Согласно другому пониманию, сущность человека состоит из его ума и мудрости. До появления неомодернизма весь европейский рационализм поддерживал этот модель мысли. Такое понимание сущности человека появилось преимущественно в эпоху Нового времени. Сторонники этой доктрины считают, что разум единственный особый и независимый фактор, отличающий человека от животных. Эта разница проявляется в мыслительных и логических способностях человека и его самопознании, а также в его познании внешнего мира. Разум позволил человеку отделить себя от животного мира, использовать природные ресурсы и силы в своих интересах, что было залогом построения общества, жизни в обществе и прогресса человечества.

Таким образом, во многих языках кажущаяся страсть называлась страстью «хамсы» или пятеричной страстью, и называют ее до сих пор, в том случае, если это утверждение верно, потому что количество видимых эмоций гораздо больше, чем пять чувств, и истинность этого пункта, была установлена после недавних исследований, как с точки зрения антрополога, так и с точки зрения психологической науки.

Недавно наука анатомия обнаружила, то, что до сих пор называлось чувством осязания, на самом деле состоит из нескольких различных чувств, каждое из которых играет особую роль в органе тела. А то, что считалось особым органом чувств, то есть слышащим, состоит из двух разных органов, один из которых является средством восприятия звука, а другой (полукруг внутреннего ощущение), дает нам чувство равновесия и силы. Поэтому неверно было сказано то что мы можем рассматривать десять типов внешних ощущений и называть их следующим образом: «физические ощущения» («*ҳаввоси ҷисмонӣ*»), (чувство слышимого), *ҳаввоси («самъӣ»*), («ощущение»), *ламс*и «холода и тепла» («*ҳисси сардӣ ва гармӣ*»), («чувство физической боли»), «*аламӣ*» («чувство трясти»), статус «*узлан таадул*» («чувство равновесия и направления»), вкус («внешний мир они воспринимают пятью анатомическими органами, образующими комплекс чувств»), внешний мир они воспринимают пятью анатомическими органами, образующими комплекс чувств. Внешний мир они воспринимают пятью анатомическими органами, образующими комплекс чувств, т.е., *ҳаввоси «шамӣ*» («ощущение запаха») [5.с.32]. Конечно, это число и деление не следует воспринимать как нечто само собой разумеющееся. Дискуссии продолжаются.

Итак, говоря о ценности познания чувств, можно сказать, что существует связь между состоянием души и качеством чего-либо, разве что это привнесение этого состояния, не будучи одинаковым (*айният)* или даже сходством. Кроме того, те знания, которые дают нам чувства о предметах, относятся к прилагательным и заветам, а не к ним; кроме того, и вещи, и разум участвуют в организации этой науки, ее осознании и форме. При всем при этом основой всей науки и познания является эта эмоциональная тренировка, и по этой причине особое внимание следует уделять воспитанию любознательности и не забывать, что чем больше выражена любознательность, тем лучше первоначальное познание ума, что и есть порядок.

Однако кроме внешние силы восприятии человека следует исследовать внутренние силы восприятие его природные аспекты, которые дают возможность преодолеть основное цель нашей обсуждение.

Обобщая идеи указанных мыслителей и современных исследователей, можно заключить следующее

1. Следует отметить, что разум – это способность или же орудие при помощи которого можно познать внешний и внутренний мир человека.

2. Внешний мир воспринимается пятью анатомическими органами, образующими комплекс чувств. Чувства состоят из пяти способностей: слуха, зрения, осязания, вкуса и обоняния. В процессе восприятия внешнего мира органы чувств сообщают друг другу информацию о форме, цвете, звуке и других качествах объекта.

3. Мудрость — это сила в человеческом теле, посредством которой человеческое тело и разум способны жить и действовать. Состав мудрости это, прежде всего деятельность чувств.

4. Душа и тело нуждаются друг в друге, обладают собственностью и влияют друг на друга, и, конечно, все это возникает из существования души и тела, является неотъемлемой их частью.

5. В современной науке возникают новые дискуссии, относительно предложенных тем, с которыми нам, историкам науки и философии нужно считаться и нужно ввести их в научный оборот.

Литература

1. Алиакбар Сёсӣ. Фалсафаи мабонӣ. Теҳрон 1058. -547с.

2. Абу Али Ибн Сина. Авиценна. Сочинения.Душанбе – «Дониш», 2005.-С.840.

3. Абунасри Фараби, 1972а - Ал-Фараби. О том, что должно предшествовать изучению философии // Ал-Фараби. Философские трактаты. Алма-Ата: Наука Казах. ССР, 1972. С. 1-12.

4. Абунасри Фараби, 1972б - Ал-Фараби. Рассуждения второго учителя

аль-Фараби о значениях [слова] интеллект //Ал-Фараби. Философские трактаты. Алма-Ата: Изд-во «Наука» Казахской ССР, 1972. С. 15-38.

5. Абунасри Фараби, Трактат о взглядах жителей добродетельного города // Ал-Фараби. Философские трактаты. Алмата1972.

6. Абу Юсуф Якуб ибн Исҳак аль-Кинди, Книга о пяти сущностях / Пер. А.В. Сагадеева // Избр. произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока IX-XIV вв. М.: Соцэкгиз, 1961. С. 107-114.

7. Кант Иманнуил. Сочинения в шести томах. «Мысль» 1965. (философ. наследие) –Т.Ҷ.2.-478с.-С.107-438.

8. Музаффар М.Системная антропология.- Душанбе, «Дониш». 2021.-218с.

9. Носири Хусрав Фалсафаи ахлоқии Носири Хусрав ва решаҳои он. Исломобод.Покистон . тарх ба забони форсӣ. 1997.-290с

10. Насир Хусрав, 1999 - Насир Хусрав. кушоиш ва раҳоиш. (Раскрытие и освобождение). Лондон: I.B. Tauris, 1999. 92 с. (На перс. яз.)

11. Насир Хусрав, 2005 - Насири Хусрав. Зад ал-мусафирин. Припасы путников / Пер. с тадж., вступит. ст. и коммент. М. Диноршоева. Душанбе: Нодир, 2005. 305с.

НИГОҲИ РЕТРОСПЕКТИВӢ БА ТАБИАТ ВА МОҲИЯТИ ИНСОН: МУЛОҚОТИ ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ҶАҲОНИ МУОСИР

Бандалиева Ш.Н.

Дар мақолаи зерин доир ба ҷанбаҳои физикӣ, равонӣ, хирадӣ ва табиати инсонӣ оварда шудааст. Ақл ягона омил ва иллати мустақил ба ҳисоб меравад, ки инсонро аз олами ҳайвонот тамойоз мекунад. Ин тафкикот на танҳо дар хиҳати қобилиятҳои рӯҳию мантиқии инсон ва худшиносии ӯ ҳувайдо мегардад, инчунин дар шинохти олами беруна низ зуҳур меёбад. Ақл ба инсон имкон дод, ки худро аз олами ҳайвонот тафкик кунаду, сарват ва қуввахои табииро ба манфиати худ истифода барад, ки гарави бунёди ҷомеа, ҳаёт ва ҷомеаву пешрафти инсоният буд. Бар хилофи иҷтимоиёт, тамаддун ва фарҳанг, дар зери мафҳуми табиат ҳар чизе, ки худи инсон наофаридааст ва намеофарад, ҳамаи он равандҳо, предметҳо, ва ҳодисаҳоеро, ки дар олами табиат мавҷуд аст, мефаҳмонад. Аз ҳамин сабаб мафҳуми умумии «табиат»-ро аз «табиати инсонӣ» фарқ кардан лозим аст, гарчанде ки табиати инсон аз сабаби алоқамандиаш бо табиати айнӣ (объективӣ) берун аз он вухуд дошта наметавонад.

Калидвожаҳо: *Ақл, психология, рӯҳ, фардият, қобилиятҳои ҷисмонӣ, эҳсосот, ламс, ақл, хирад, тафаккур.*

A RETROSPECTIVE LOOK AT THE PROBLEMS OF NATURE AND HUMAN ESSENCES: THE MEETING OF HISTORY AND MODERNITY

Bandalieva Sh.N.

This article discusses the physical, mental, intellectual and aspects of human nature. Reason is considered the only special and independent factor that distinguishes man from animals. This difference is manifested in a person's thinking and logical abilities and his self-knowledge, as well as in his knowledge of the external world. Reason allowed man to separate himself from the animal world, use natural resources and forces in his own interests, which was the key to building society, life in society and the progress of mankind. In contrast to sociality, civilization and culture, under the concept of nature, everything that man himself has not created and will not create explains all those processes, objects, events and events that exist in the natural world. For this reason, the general concept of "nature" should be distinguished from "human nature" man cannot exist outside of his power in his connection with objective nature.

Key words: *Mind, psychology, soul, individual, physical abilities, sensation, touch, intellect, wisdom, reason and guess.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МАСЪАЛАИ НАФС ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ.
E-mail: Amoni79@mail.ru.
Телефон: 93-534-34-60

Дар мақола ҷанбаҳои гуногуни масоили нафс дар таълимоти фалсафии Ибни Сино таҳлил шудааст. Ибни Сино вуҷуди "нафс"-ро бо мавҷудоти зинда тавъам медонад ва ҳамаи қувваҳои инсониро ҳамчун фарқи нафс баррасӣ менамояд. Наботот, ҳайвонот, афлок ва инсон, ба назари ӯ, дорои нафс мебошанд ва нафсҳои наботиву ҳайвонӣ ҷисмонӣ буда, ҳастиашон низ комилан ба ҷисм вобаста аст. Вале нафси инсонӣ хусусияти ҷавҳарӣ дошта, ҳарчанд бо ҷисм ба вуҷуд меояд ва ҳодис аст, аммо ҷисмонӣ набуда, камоли ҷисм мебошад ва пас аз фанои ҷисм низ абадӣ боқӣ хоҳад монад. Ин натиҷагирии Ибни Сино бо низоми фалсафии худаш, ки вуҷуди беибтидоро беинтиҳо ва ҳама чизи ҳодисро фанопазир медонист, мувофиқат намекунад. Ба назари Ибни Сино, нафси инсонӣ қобилияти маърифату фаъолияти ақлонӣ дошта, метавонад мафҳумҳои куллиро бафаҳмад ва ихтироот дар саноат дошта бошад. Нафси инсонӣ ҷавҳарест, ки метавонад аз ақл истифода кунад ва неруеву камолоте дорад.

Калидвожаҳо: *Ибни Сино, нафс, фалсафа, ҳастӣ, маърифат, қувва, идрок, инсон, илм, тафаккур, ақл.*

Дар таълимоти фалсафии Абуалӣ ибни Сино ба масъалаи нафс таваҷҷуҳи хос дода шудааст. Мутафаккир асарҳои хурду бузурге дар ин мавзуъ навиштааст, ки ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ доданашро тасдиқ мекунад. Баҳси нафс шомили мавзуъҳои мухталифи фалсафӣ, аз қабили фалсафаи уло, ахлоқ, ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ мебошад, аммо дар таълимоти фалсафии Ибни Сино ҷанбаи маърифатии он назаррастар аст.Пеш аз Ибни Сино ҳакимони зиёде ба ин мавзуъ дахл намуда бошанд ҳам, бо боварӣ метавон гуфт, ки то ӯ касе дар ин масъала мисли вай ба таври густурда баҳс наороста буд [10;153].

Дар заминаи осори ҳакимони қаблӣ Ибни Сино таҳқиқоти зиёде дар масъалаи нафс анҷом додааст, ки дар қисматҳои ҷудогонаи «Китоб-уш-шифо», «Ҳикмати машриқия», «Китоб ан-наҷот», «Донишнома», «Рисолаи ҳудуд» ва «Ишорот ва танбеҳот» инъикос шудаанд. Ӯ дар ин мавзуъ асарҳои алоҳидае ҳам иншо намудааст, ки бо номҳои «Рисолаи нафс» ва «Дар баёни тақсими нуфус» маъруфанд. «Рисолаи нафс»-и мутафаккир таҳти унвони «Ҳадя» низ дар феҳристҳо дучор меояд, зеро Ибни Сино онро дар давраи муолиҷаи амири сомонӣ Нуҳ ибни Мансур китобат намуда, ба ӯ туҳфа карда буд [8;252]. Мутафаккир «Рисолаи нафс»-ро ба шонздаҳ боб ҷудо намудааст, ки ҷиҳатҳои гуногуни нафс, аз қабили нафс чун камолу ҷавҳар, қувваҳои нафсонӣ, муносибати нафсу ҷисм ва мустағнӣ будани нафси инсонӣ аз ҷисм ва қувваҳои ба он пайваста, ҳодис будани нафс, фасоднопазирии нафс бо марги ҷисм, таносухнопазирии нафс ва асрори нафсро фаро мегирад. Аз қаринаҳои асар бармеояд, ки ин аввалин асари алоҳидаи Ибни Синост, ки дар мавзуи нафс баҳс мекунад [6, с.45-72].

Аз осори ба ин мавзуъ бахшидаи Ибни Сино бармеояд, ки нафс ва организми органикӣ бо ҳам қаробат доранд ва ба истиснои ҷамодот ҳама

мавҷудоти зинда, ҳам наботот, ҳам ҳайвоноту инсонҳо ва ҳам афлок дорои нафсанд. Дар ин масъала Ибни Сино комилан пайрави Арастуст. Барои он ки ӯ ба мисли Арасту нафсро сурати ҷавҳари мавҷуди зинда медонист, ки дар амал шомили сифат ё аразҳо мешавад [13, с.32].

Дар «Рисолаи ҳудуд» мутафаккир нафсро нисбати инсон, ҳайвон ва набот исми муштарак меномад. Ҳамзамон нафсҳои инсониву фариштаҳои осмониро низ дар навбати худ муштарак ҳисобида, маънои онро чунин тавзеҳ мекунад: «Нафс ба маънои аввал камоли ҷисми табиист, ки билқувва зинда аст. Нафс ба маънои дувум, ҷавҳарест, ки ҷисм набуда, балки камоли ҷисме мебошад, ки онро билфеъл ё билқувва аз рӯи ихтиёре ҳаракат медиҳад, ки аз мабдаи нутқӣ, яъне мабдаи ақлӣ мебарояд» [3, с.600-601]. Аз ин иқтибос бармеояд, ки ҳадди нафс, ба назари Ибни Сино, вобаста ба дараҷоти мавҷудоти зинда аст ва нафсҳои наботиву ҳайвонӣ ҷисмонӣ буда, мавҷудияташон низ комилан ба ҷисм вобаста мебошад. Аммо нафси инсонӣ ҳарчанд бо ҷисм ба вуҷуд меояд ва ҳодис аст, аммо ҷисмонӣ набуда, камоли ҷисм мебошад ва пас аз фанои ҷисм низ боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, Ибни Сино нафси инсониро ҷавҳар меҳисобад.

Андешаҳои Ибни Сино дар масъалаи ҳудуси нафс бо таълимоти Афлотун мувофиқ нест [9, с.243]. Зеро дар назарияи тазаккури Афлотун нафс азалӣ буда, пеш аз бадан вуҷуд дорад [11, с.322], вале Ибни Сино нафсро ҳодис меҳисобад. Ӯ таъкид мекунад, ки «муҳол бошад, ки [нафс] пеш аз бадан мавҷуд гардад... Нафс бо ҳудуси бадане ҳодис гардад, ки барои истеъмоли он муносиб аст» [4, с.202].

Дар пайравӣ аз Арасту нафсро қабл аз омезиш бо ҷисм мутафаккир моҳияти муҷаррад меҳисобад, ки касратпазир нест. Пас, маълум мешавад, ки дар ин масъала Ибни Сино бо назарияи тазаккури Афлотун мухолифат намуда, нафсро қабл аз бадан дорои маърифате намеҳисобад, ки баъдан дар шароити муайян аз он ёдоварӣ кунад.

Аз ишораҳои рисолаи «Дар баёни тақсими нуфус» бармеояд, ки ин асарро мутафаккир дар охирҳои умр навистааст: «Ин асрори нафсро ба ваҷҳи пирӣ сайр кардам, то ҷавононе, ки баъд аз мо бошанд, дарёбанд» [7, с.81]. Дар фасли сеюми ин рисола мутафаккир таъкид мекунад, ки нафси инсонӣ мудрики маъқулоти куллӣ аст. Ҳар чӣ чунин аст, наметавонад на ҷисм бошад, на ҷисмонӣ. Агар ҷисм мешуд, ногузир тақсимпазир буд, ки ин имкон надорад, зеро он матлаи куллиёт аст[7, с.77]. Бояд гуфт, ки ин ҷо Ибни Сино ҷисм набудани нафсро ба матлаи куллиёт алоқаманд мекунад, на ба тасаввури тақсими он. Зеро дар қисмати «Нафс»-и «Ҳикмати машриқия» кайд мекунад, ки «тамйиз ба тасаввури тақсим вобаста нест...ҳар як маъқул наметавонад, ба маъқулоти баситтар аз худ тақсим шавад, зеро дар ин ҷо маъқулоте мавҷуд аст, ки соддатарин буда, мабдаи таркиби дигар маъқулотанд» [2, с.408-409].

Мутафаккир дар боби аввали «Рисолаи нафс», ки «Дар баёни ҳадди нафс» унвон дорад, қувваҳои аз онҳо феълҳо ба вуҷуд ояндаро ба ду қисм ҷудо мекунад. Аввал, феълҳое, ки бо қасду ихтиёр амалӣ мешаванд, мисли феъли ҳайвон. Дувум, феълҳое, ки бе қасду ихтиёр амалӣ мешаванд, мисли афтодани санг аз боло ба поён. Дар навбати худ ҳар кадоми ин ду қисмро ба ду зерқисм тақсим мекунад. Феълҳоеро, ки бе қасду ихтиёр амалӣ мешаванд: а) оне, ки феълаш бар як ҷиҳат аст ва онро «табиат» меномад, б) оне, ки феълаш бар ҷиҳатҳои гуногун афтад ва онро «нафси наботӣ» меномад. Феълҳоеро, ки бо қасду ихтиёр амалӣ мешаванд: аввал, онҳое, ки қасду феъли онҳо бар як ҷиҳат бувад ва онро «нафси фалакӣ» меномад; дуюм, онҳое, ки қасдҳои бисёр ва ихтиёрҳои мухталиф доранд ва онҳоро «нафси ҳаюлонӣ» меномад [6, с.48].

Ин қисмҳо яке «табиат» ва сеи дигар «нафси наботӣ», «нафси фалакӣ» ва «нафси ҳаюлонӣ» мебошанд ва ҳарчанд миёни сеи охир дар вожаи нафс

мушоракати исмӣ ҳаст, аммо Ибни Сино таъкид мекунад, ки онҳоро наметавон бо як таъриф васф намуд. Зеро агар таъриф диҳем, ки ҳар қуввате, ки феъл дорад, нафс аст, дуруст нест. Барои он ки, дар ин сурат дар таърифи нафс ҳамаи қувваҳои дорои феъл шомил мегардад, ки ғалат мешавад. Агар нафсро қуввате донем, ки феълаш бо қасд ва ихтиёр аст, ифодакунандаи нафси наботӣ нест ва агар нафсро қуввате донем, ки афъоли мутақобил ва мухталиф кунад, шомили нафси фалакӣ набошад. Пас, барои баёни фарогири маънои ҳар кадоми ин қувваҳо зарур аст, афъоли онҳо ба назар гирифта шавад, ки ба ҷисм бастагӣ дорад.

Ибни Сино андешаҳои касонеро, ки нафсро бо сабаби изофа ба чизи дигаре тавассути мафҳумҳои «қувват», «сурат» ва «камол» ифода мекунанд, ёд менамояд ва далелҳои онҳоро низ баён мекунад: «Аммо «қувват» хондан бад-он сабаб шояд бувад, ки аз вай афъол дар вуҷуд меояд. Ва аммо «сурат» хондан бад-он сабаб шояд, ки муддате ба феъл дар вуҷуд ояд ба нафс. Ва аммо «камол» хондан бад-он сабаб шояд, ки маънии ҷинс навъ мешавад ба вуҷуди нафс» [6, с.49]. Аз ин иқтибос бармеояд, ки қувват хондани нафс бинобар содир шудани баъзе феълҳо аз вай ва тобеъ шудани он ба суратҳои ҳиссиву ақлонист. Аммо сурат хондани нафс бинобар пайвастани он ба модда аст. Камол хондани он бинобар мушаххастар шудани вай аст, зеро ҳама гуна сурат камол, аммо на ҳар камол сурат мебошад.

Аз ин миён Ибни Сино барои таъриф додани нафс мафҳуми «камол»-ро писандидааст. Ба қавли ӯ: «агар мо хоҳем, ки ҳадди нафс кунем, камол авлотар бошад, дар ҳадду расми ӯ аз маонии дигар... Пас, ҳадди нафс он аст, ки нафс камоли аввал аст мар ҷисми табиии олиро, аънӣ ки он ҷисми табиӣ олати вай бошад дар афъоли хос, ки аз ӯ падид ояд. Пас, ҳадди нафси дуруст ин аст, ки намуда шуд» [6, с.49]. Аз ин навиштаи Ибни Сино бармеояд, ки ӯ нафсро чун камоли аввали ҷисмҳои зинда таъриф намуда, ба ин назар аст, ки камол дар модда вуҷуд надорад ва иртибот бо чизро талаб намекунад.

Дар боби дуюми «Рисолаи нафс», ки унвонаш «Дар баёни қувватҳои нафс» аст, мутафаккир барои равшан намудани моҳияти «нафс» қувваҳои нафсониро тавзеҳ медиҳад. Нафс, ба назари мутафаккир, метавонад дар ҷисмҳо феълҳое, чун ҳаракат, оромӣ, ҳифзи навъ ва дигар васоили камолотро тавассути олат ва василаҳои гуногун интиқол диҳад. Ҳеҷ ҷисм худ ба худ на ҳаракат кунад, на ором гирад ва на тағйироте дар онҳо ҳосил шавад, то қувваҳои табиӣ, муҳаррика ва иродӣ таъсир нарасонанд. Қувваҳои муҳаррикаро Ибни Сино ба нафс рабт медиҳад ва онро мабдаи ҳаракат ҳисобида, чун ҷинси ягона дар навбати худ ба се қисм ҷудо менамояд: нафсҳои наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ.

Аввал, нафси наботист, ки онро мутафаккир дорои қувваҳои сегонаи тағзия, нуму ва тавлид медонад. Ҷои дигар ин мазмунро чунин ифода намудааст: «Нафс феъли афзоиш, ғизогирӣ ва таваллуд кардан дорад»[2, с.334]. Нафси наботӣ феъли афзоиш, ғизогирӣ ва таваллудро ҳамеша аз роҳи эҳтиёт ва бешуурона иҷро мекунанд. Сарчашмаи нафси наботӣ ҷамодот мебошад. Дар ҳолати омезиши некӯ қуввати наботӣ падид меояд, ки дорои афъоли тағзия, нуму ва тавлид мебошад.

Дуюм, нафси ҳайвонист, ки дар заминаи мусоидтар омадани мизоҷе, ки дар натиҷаи омезиши некӯи қувваҳои ҷамодӣ ба наботӣ табдил ёфта буд, ба вуҷуд меояд. Он қобилияти пазироии ҷонро дошта, тавассути қувваҳои шаҳвонӣ, ғазабӣ ва андарёфт, ки дар навбати худ ба зоҳириву ботинӣ ҷудо мешавад, муташаккил мегардад [8, с.252]. Аз ин мабҳас метавон натиҷа гирифт, ки Ибни Сино ба ин бовар аст, ки аввал дар заминаи ба таври мусоид омехта шудани унсурҳои басит ҷисмҳои беҷон ба вуҷуд омадаанд ва дар заминаи мусоидтар омадани имтизоҷи унсурҳо ва такмили онҳо қувваи тағзия, нуму ва тавлид ба вуҷуд омада, нафси наботиро ташкил медиҳад. Вақте омезиши

унсурҳои наботӣ комилтар мегарданд ва мураттабтар мешаванд, заминаи зуҳури шакли олитари ҳаёт, яъне нафси ҳайвонӣ мешавад.

Нафси ҳайвонӣ бар феъл, тарки он ва идроки чизи муносиб қодир аст. Он метавонад ҷузъиётро дарёбад ва бо иродат ҳаракат кунад. Нафси ҳайвонӣ дорои қувваҳои муҳаррикаву мудрика аст. Қувваи муҳаррикаро Ибни Сино ба ду қисм ҷудо мекунад. Қисми аввал, сабаби ҳаракат ё ҷунбонидан аз он ҷиҳат, ки ҷунбиши ҷисм аз ӯ падид ояд ва онро қувваи шавқия меноманд. Он қувваест, ки ҳар гоҳ дар хаёл сурате ояд, онро ё талаб мекунад, ё аз он дурӣ меҷӯяд. Қувваи шавқия дар навбати худ ба ду шоха: «шаҳват» ва «ғазаб» ҷудо мешавад. Қувваи шаҳват ҷунбишро ба вуҷуд меорад, ки барои талаби лаззот ва қувваи ғазаб ғолиб омадан ба чизҳои зарарнок аст. Қисми дуюми қувваи муҳаррика иҷрокунандаи ҳаракат аст ва ба асаб вобаста буда, вазифааш аз он иборат аст, ки аъзои баданро биҷунбонад.

Қувваи мудрикаро низ Ибни Сино ба ду қисм: қуввае, ки аз берун идрок кунад ва қуввае, ки аз дохил идрок кунад, ҷудо мекунад [14, с.114]. Қувваҳои аз берун дарккунанда ҳавоси панҷгонаи зоҳирӣ: шунавоӣ (самъ), биноӣ (басар), бӯёӣ (шамма), чашоӣ (завқ) ва басавоӣ (мисос) аст. Ибни Сино қувваҳои мудракаи берунаро «панҷ ё ҳашт аъзои ҳис»[2, с.176] меномад.

Мавқеи Сино дар тавсифи ҳисҳои панҷгонаи зоҳирӣ бо Афлотун созгор нест, ба истиснои қувваи босира, майл ба таълимоти арастуӣ дорад. Зеро ӯ биноиро қуввае меҳисобад, ки дар асаби холӣ мураттаб шуда, идроки сурати чизе кунад. Аммо шунавоиро қуввае медонад, ки дар асаб сурати чизро тавассути мавҷ ва ҳавои фишурдашуда, ки муқовимати он садоро ба вуҷуд меорад, идрок намуда, бо шакли худ онро ба лапиш оварда, он ҳаракат ба асаб бирасад ва шунида бишавад. Бӯёиро қуввае тасвир мекунад, ки ҳавои аз бӯйҳои омехта ба бухори бодӣ ва ё дар он нақшбаста ба истиҳолаи ҷирми бӯйдорро идрок кунад. Зоиқаро қуввае медонад, ки ба асабҳои дар забон ва рутубати луобии дар он буда рабт дошта, маззаро муайян мекунад. Ломиса қувваест, ки дар пӯсти бадан ва гӯшту асабҳо паҳн шуда, чизе, ки ба он расад, идрок кунад.

Мутафаккир баъди тавсифи иҷмолии қувваҳои ҳоссаи шунавоӣ, биноӣ, бӯёӣ ва чашоӣ қувваи ҳискунандаи басовоӣ ё ломисаро ба чор навъи ба ҳам алоқаманд ҷудо мекунад: «Ҳосаи дигар ламс буда, дар тамоми асабҳои пӯст ва гӯшти бадан паҳн гашта аст ва чизеро, ки ба он мерасад, дарк намуда ба воситаи чизҳои зидде, ки мизоҷ ва ҳайати таркибро истиҳола медиҳанд, таъсир мекунад. Чунин менамояд, ки ин қувва дар назди қавме навъи дигари алоҳида набуда, балки ҷинси чор қувва аст ва илова бар ин дар тамоми пӯст паҳн гаштаасту яке аз ин қувваҳо ҳокими тазодди байни гармӣ ва хушкӣ, дигаре тазодди байни тарӣ ва хушкӣ, сеюмаш тазодди байни сахту суст ва чаҳорумаш ҳокими тазодди миёни нармӣ ва дурушти аст. Азбаски ҳамаи ин қувваҳо дар як олат гирд омадаанд, чунин тасаввур мешавад, ки ҳамаи онҳо дар зот як қувваанд» [2, с.346-347].

Қувваҳои аз дохил дарккунанда низ панҷтоанд: ҳисси муштарака, мутахаййила, фикрат (тасаввур), ваҳм ва ҳофиза. Қувваи ҳоссаи **муштарака** барои инъикоси сурати комили ашёст. Он дар маркази ҳиссҳои зоҳириву ботинӣ қарор дорад. Дигар қувваи **мутахаййила** (хаёл) аст, ки вазифаи он қувваи суратҳо ва маъниҳоеро, ки ҳисҳо донистаанд, муайян кардан буда, суратҳои дарёфтаро бо маъниҳои даркшуда мувофиқ мекунад, дар асоси суратҳои воқеӣ суратҳое меофарад, ки воқеияти реалӣ надоранд, мисли аспи паррон ва бо ёрии қувваи бахотироваранда суратҳо ва маъниҳои даркшавандаро таҷдид менамояд. Сеюм, қувваи **тасаввур** мебошад, ки он сурати куллитар ва муҷаррадтари ашёест, ки дар заминаи суратҳои ҳифзшудаи эҳсос ба вуҷуд меояд. Тасаввур нисбат ба ҳисси муштарака маърифати муҷаррадтар буда, сурати ашёро аз моддаи онҳо ба таври комилтар ҷудо мекунад ва

суратҳое, ки он ба вуҷуд меорад, нисбат ба суратҳое, ки ҳисси муштарака ба вуҷуд меорад, куллитар мебошад. Чаҳорум, қувваи **ваҳмия** номида мешавад ва он навъи олии маърифати ҳиссӣ буда, аз шинохти мафҳумҳои худ ба худ ғайримоддӣ, аммо чун араз дар моддиёт мавҷуд, ба мисли дӯстиву душманӣ иборат аст. Панҷум, қувваи ҳ**офиза** аст ва он барои нигоҳ доштан ва ҳифз намудани маъниҳоест, ки қувваи ваҳм онҳоро дарёфт намудааст. Дар фалсафаи муосир ҳар чи тавассути ҳисҳои зоҳирӣ ҳосил мешавад, мушоҳида ва ҳар чи ба воситаи ҳисҳои ботинӣ дарёфт мегардад, вичдон мегӯянд. Ҳамаи ин ҳиссҳои зоҳириву ботиниро Ибни Сино ба асабҳо рабт медиҳад.

Қувваҳое, ки аз дохил идрок кунанд, қисме сурати чизҳои ҳисшавандаро ва баъзе маънои маҳсусотро идрок мекунанд. Яъне, қисме аз қувваҳои аз дохил идроккунанда идроки суварианд ва қисми дигар идроки маъноӣ. Дар «Ҳикмати машриқия» мутафаккир байни сурату маънӣ, ки дар заминаи малакаи ботинӣ ҳис мешавад, фарқ мегузорад: «...сурат чизест, ки онро ҳисси ботинӣ ва зоҳирӣ дар як вақт дарк мекунанд. Лекин ҳисси зоҳирӣ аввал суратро дарк намуда, сипас онро ба ҳисси ботинӣ медиҳад. Маъно чизест, ки онро нафс аз чизҳои маҳсус бе он ки онро аввал ҳисси зоҳир дарк намояд, дармеёбад» [2, с.347]. Ин маъноро Ибни Сино дар «Китоб ан-наҷот» равшантар тавзеҳ медиҳад: «сурат чизест, ки онро нафси ботинӣ ва ҳисси зоҳирӣ якҷоя идрок кунанд, вале нахуст ҳисси зоҳирӣ ӯро идрок карда, пас ба нафс расонад, чун идроки барра сурати гургро, яъне шакл, ҳайат ва рангашро. Аммо онҳоро нафси ботинии барра идрок кунад, вале нахуст онҳоро ҳисси зоҳириаш дарёбад. Аммо маънӣ чизест, ки нафс аз маҳсус бидуни он ки нахуст ҳисси зоҳирӣ онро дарк кунад дарёбад, чун идроки барра маънои душмании гургро. Ва он маъноест, ки барраро ба тарс водор кунад ва гурезонад, бидуни он ки ҳис онро, албатта, дарёбад. Он чӣ аз гург аввал бо ёрии ҳис, сипас бо ёрии қувваҳои ботинӣ идрок шавад, сурат бувад ва он чи ки қувваҳои ботинӣ бе тавассути ҳис идрок кунанд, маънӣ бувад» [4, с.179].

Аз иқтибосҳои боло илова ба моҳияти шинохти қувваҳои мудрака, метавон ба воқеияти ишораи Ибни Сино дар муқаддимаи мантиқи асари «Ҳикмати машриқия»-аш ҳадс зад, ки ӯ «Китоб аш-шифо»-ро барои оммаи васеи хонандагон, аммо «Ҳикмати машриқия»-ро барои ҳакимони огоҳ таълиф намудааст: «Мо ин китобро на танҳо барои худамон, балки барои касоне, ки дар мақому мартабаи мо мебошанд, гирд овардаем. Аммо таҳқиқоти худро барои омма, дар ин ҷода, дар «Китоб аш-шифо» бисёр ва бештар аз эҳтиёҷи онҳо овардаем»[2, с.61].

Дар «Китоб ан-наҷот» низ Ибни Сино ин масъаларо ба таври муфассал баррасӣ намудааст. Ӯ нафси ҳайвониро ибтидоан ба қувваҳои муҳаррикаву мудрика ҷудо мекунад. Қувваи муҳаррика дар навбати худ ба муҳаррикаи боиса ва фоила ҷудо мешавад. Муҳаррикаи боиса «қувваест, ки агар дар тахайюл... чун сурати матлуб ё ғайриматлуб сабт гардад, қувваеро, ки зикр кунем бар таҳрик водор созад»[4, с.175]. Муҳаррикаи фоиларо чунин таъриф медиҳад: «...қувваест, ки дар асабҳо ва мушакҳо паҳн гардида, хосияти он дорад, ки мушакҳоро таранг кунад ва тору робитаҳоро ба ҷиҳати мабдаъ ҷазб ё суст кунад, ё онро дароз кунад, то ки торҳо ва робитаҳо бар хилофи ҷиҳати мабдаъ шаванд»[4, с.176]. Аз чунин тарзи масъалагузорӣ ва тавзеҳот бармеояд, ки масъалаи мавриди назар дар доираи табииёт баррасӣ гардад, мувофиқтар мебошад. Ба ин масъала муҳаққиқи тоҷик Ниёзӣ Ё. дар мавриди таснифи илмҳо аз ҷониби Форобиву Ибни Сино ишора намудааст, ки нафс аз бахши илмҳои табиист[12, с.159].

Сеюм, нафси инсонӣ аст, ки қобилияти маърифату уқулият дошта, метавонад раъйҳои куллиро истинбот кунад, ихтироот дар саноат дошта бошад ва маъқулоти куллиро дарёбад[6, с.50]. Нафси инсонӣ иҳотаест дар бораи ҳаракоти мавҷудот бо роҳи фикр ва баҳс. Он дар заминаи муътадилтар

омадани мизоҷи қувваҳои куноӣ ва андарёфт ташаккул меёбад. Нафси инсонӣ ҷавҳарест, ки метавонад тааққул кунад ва неруеву камолоте дорад.

Истилоҳоти андарёфт ва куноиро Ибни Сино дар «Донишнома» чунин тафсир менамояд, ки тавассути қуввати куноӣ мардум орзуҳои нек мекунанд ва ба кори савобу манфиатовар таваҷҷуҳ менамоянд. Қуввати андарёфт ду хел мешавад: андарёфти назарӣ ва амалӣ. Мисоли андарёфти назарӣ донистан, ки «Худо ягона аст» ва мисоли андарёфти амалӣ: «ситам набояд кардан». Андарёфти назарӣ бо кирдор омезиш надорад, аммо андарёфти амалӣ сабаби кирдор аст. Андарёфти амалӣ кулливу ҷузъӣ мешавад. Мисоли андарёфти амалии куллӣ: «ба мардум зулм набояд кард» ва мисоли андарёфти амалии ҷузъӣ: «Ин мардро набояд зад». Ҳамзамон миёни ҷузъиву куллӣ тафовути фаслӣ ҳаст:«Ҷузвӣ мар қуввати куноиро бувад ва куллӣ мар қуввати андарёфтро»[1, с.331-332].

Ибни Сино нафси инсониро ҷавҳаре меҳисобад, ки илова ба қобилиятҳои нафсҳои наботиву ҳайвонӣ, қобилияти маърифат ва фаъолияти ақлонӣ дошта, «фасод намепазирад ва истимдоди вай аз файзи илоҳӣ мебошад»[5, с.177]. Ин назари мутафаккир бо андешаи Муаллими аввал мувофиқ аст, зеро Арасту муддаӣ аст, ки се ҷавҳари мутафовит вуҷуд дорад: аввал, ҷавҳари нобудипазир, ки шомили гиёҳону ҷонварон мешавад, дувум, ҷавҳаре, ки нобуд намешавад ва шомили аҷроми самовист ва сеюм, ҷавҳаре, ки на маҳсус аст, на нобудипазир ва шомили Худо ва нафси нотиқи инсон мешавад[13, с.33].

Ибни Сино баҳси нафси нотиқаро чун муҳимтарин масоили маърифатшиносӣ матраҳ менамояд. Нафси инсонӣ дар таълимоти Ибни Сино ду қисм қувва дорад, ки якеро **омила (амалӣ)** ва дигареро **олима (назарӣ)** меномад. Дар истилоҳоти фалсафии Ибни Сино қуваи омила бо ақли амалӣ ва қуваи олима бо ақли назарӣ айният доранд: «Қувваи олима, ки онро қувваи олимаи назарӣ мехонанд, қуввааст, ки хосият дорад суратҳои куллии аз модда муҷаррад дар вай интибоъ ёбанд»[2, с.350]. Ҷойи дигар ақл хондани ин қуваҳоро чунин баён мекунад: «ҳар яки онҳоро (қувваҳои омила ва олима. –А.Б.) бо иштироки исм ё аз ҷиҳати шабоҳат доштан «ақл» гӯянд» [2, с.348; 6, с.53].

Нафс барои комил кардани бадан ба ақли амалӣ ниёзманд мебошад. Қувваи омила хоси мабдаи ҳаракати бадани инсон дар феълҳои ҷузъӣ мебошад, ки барои дархости афкор аз рӯйи андеша ба амал меояд. Он дар муқоиса бо қувваҳои дигар эътибори гуногун дорад. Масалан, эътибори қувваи омила ба қувваи ҳайвонии нузуъия чунин аст, ки аз он дар қувваи ҳайвонӣ ҳайатҳое ба амал меоянд, ки хоси инсонанд ва афъоле ба мисли шарм, хандаву гиря ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Эътибори қувваи омила дар муқоиса ба нафси ҳайвонии марбут ба хаёл ва ваҳм ин аст, ки инсон дар ҳолати таҳқиқи саноеъ ба он майл мекунад. Эътибори қувваи омила дар муқоиса ба худаш аз ин қабил аст, ки байни ақли амалӣ ва назарӣ афкореро ба амал меорад, ки ба амалҳои дар миёни инсонҳо маъмул, ба мисли дурӯғ зишт мебошад, вобаста аст.

Ибни Сино муътақид аст, ки қувваҳои ақлонӣ бояд аз қувваҳои ҷисмонӣ бартарӣ дошта бошанд. Ҳамаи қувваҳои ҷисмонӣ бояд таҳти таъсири қувваҳои ақлонӣ қарор бигиранд ва «бадан дар қувваи ақлӣ ҳайатҳои инфиолиеро, ки дар умури табиӣ истифода шуда «ахлоқи зишт» номида мешавад, падид наоварад»[2, с.349].

Мутафаккир ба хотири исботи ба қувва тааллуқ доштани ахлоқ нафси инсониро ба ду ҷониб қиёсу нисбат дода, якеро ҷанбаи поёнӣ ва дигарро ҷанбаи болоӣ меҳисобад. Нафси нотиқа нисбати ҳар кадоми ин ҷиҳатҳо қуввае дорад, ки тавассути он алоқаро миёни худашу он ҷиҳат муназзам мекунад. Пас, қувваи амалӣ дар нафс ба ҷанбае равона шудааст, ки ғайри нафс аст ва он ҷисм ва тадбири он аст.

Қувваи олима ё назарӣ хосияте дорад, ки суратҳои куллии аз модда муҷаррад, дар вай интибоъ (таассурот) ёбанд. Агар

ин суратҳо ба зоти худ муҷаррад бошанд, дар қабули онҳо мушкилие нест, дар акси ҳол, қувваи олима онҳоро аз модиёт муҷаррад месозад.

Қувваи олима ё назарӣ бошад, ба ҷанбаи болоии нафс равона шуда, аз он таъсир мепазирад, ки барои нафс манфиатовар аст. Пас, маълум мегардад, ки ҷанбаи поёнии нафси инсониро Ибни Сино ба ҷисм алоқаманд намуда,ба ин бовар аст, ки он ҳеҷ гоҳ асареро аз ҷинсе, ки табиати баданро дархост мекунад, қабул накунад. Ҷанбаи болоӣ ба сарчашмаҳои олӣ равона шуда, доим чизеро, ки дар он ҷо ҳаст, пазирад ва аз он мутаассир гардад.

Хулоса, метавон натиҷагирӣ намуд, ки дар масъалаи нафс то Ибни Сино касе ба мисли ӯ ба таври муназзам дар ин мазуъ баҳс наороста буд. Мутафаккир ба мафҳуми «нафс» таваҷҷуҳи махсус медиҳад ва қувваҳои инсониро ҳамчун фаъли нафс баррасӣ менамояд. Нафс, ба назари Ибни Сино, ба мавҷудоти зинда мутааллиқ буда, нафсҳои наботиву ҳайвонӣ ҷисмонӣ мебошанд ва ҳастиашон низ комилан ба ҷисм вобаста аст. Аммо нафси инсонӣ хусусияти ҷавҳарӣ дошта, ҳарчанд бо ҷисм ба вуҷуд меояд ва ҳодис ҳаст, аммо ҷисмонӣ набуда, камоли ҷисм мебошад ва пас аз фанои ҷисм низ абадӣ боқӣ мемонад. Ин натиҷагирии Ибни Сино бо низоми фалсафии худаш, ки ҳама чизи ҳодисро фанопазир медонист, мувофиқат намекунад.

Адабиёт:

1. Абуалӣ ибни Сино. Донишнома// Абуалӣ ибни Сино. Осор. –Ҷ. 1. –Душанбе, 2005. –852 с.

2. Абуалӣ ибни Сино. Ҳикмати машриқия// Абуалӣ ибни Сино. Осор. –Ҷ. 2. –Душанбе, 2005. –802 с.

3. Абуалӣ ибни Сино. Рисолаи ҳудуд// Абуалӣ ибни Сино. Осор. –Ҷ. 2.–Душанбе, 2005. –802 с.

4. Абуалӣ ибни Сино. Китоб ан-наҷот // Абуалӣ ибни Сино. Осор. –Ҷ. 3. –Душанбе, 2007. –528 с.

5. Абӯалӣ ибни Сино. Таҳсилу-с-саодат // Абуалӣ ибни Сино. Осор. –Ҷ. 4. –Душанбе, 2007. –921 с.

6. Абуалӣ ибни Сино. Рисолаи нафс// Абуалӣ ибни Сино. Осор. –Ҷ. 4. –Душанбе, 2007. –921 с.

7. Абуалӣ ибни Сино. Дар баёни тақсими нуфус// Абуалӣ ибни Сино. Осор. –Ҷ. 4. –Душанбе, 2007. –921 с.

8. Амондуллоев Б.С. Худшиносӣ ва масоили арзишҳои миллӣ дар таълимоти Ибни Сино//Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ” бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (03 октябри соли 2023). –С.249-256.

9. Ибни Сино, Ҳусайн ибни Абдуллоҳ. Илоҳиёт аз Китоби Шифо// Абуалӣ ибни Сино. Тарҷумаи Иброҳим Додҷӯ. –Теҳрон: Амири Кабир, 1388. –362 с.

10. Маликшоҳӣ Ҳасан. Тарҷума ва шарҳи «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Сино// Маликшоҳӣ Ҳасан. –Ҷ. 1. –Теҳрон, 1388(2008). –564 с.

11. Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих(дар 7 ҷилд). Ҷ.1-2.-Душанбе, 1990. –480 с.

12. Ниёзӣ Ё.Б. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик// Ниёзӣ Ё.Б. Монография. –Душанбе: Абдурраҳмон-Р, 2022. –332 с.

13. Саййидюнус Адёнӣ. Бозшиносии фалсафаи Ибни Сино// Саййидюнус Адёнӣ.–Теҳрон, 1384. –367 с.

14. Фоиз Ад-Доя. Муъҷам-ул-мусталаҳот-ил-илмийяти ли-л-Киндӣ ва-л-Форобӣ ва-л-Хоразмӣ ва Ибн Сино ва-л-Ғаззолӣ (Фарҳанги истилоҳоти илмӣ дар осори Ал-Киндӣ, Ал-Форобӣ, Ал-Хоразмӣ, Ибни Сино ва Ал-Ғаззолӣ). –Бейрут, 1410 ҳ.(1990 м.) –302 с. (бо забони арабӣ)

КОНЦЕПЦИЯ ДУШИ В ФИЛОСОФСКОМ УЧЕНИИ АБУ АЛИ ИБН СИНЫ

Амондуллоев Б.С.

В статье анализируются различные аспекты концепции души в учении Ибн Сины. Ибн Сина считает существование «души» в сочетании с живыми существами и рассматривает все человеческие силы как ответвления души. По его мнению, растения, животные и человек обладают душой, а души растений и животных являются физическими, и их существование полностью зависит от тела. Однако душа человека имеет сущностьную природу. Хотя душа человека сотворена с телом, но она не телесна, она представляет собой совершенство тела и останется вечной даже после смерти тела. Этот вывод Ибн Сины не согласуется с его собственной философской системой, которая считала безначальное существование бесконечным, а все существующее смертным. По мнению Ибн Сины, человеческая душа обладает способностью к познанию и интеллектуальной деятельности, может понимать общие понятия и совершать изобретения. Человеческая душа — это субстанция, способная использовать разум, обладающая энергией и зрелостью.

***Ключевые слова**: Ибн Сина, душа, философия, бытие, знание, сила, восприятие, человек, наука, мышление, разум.*

THE CONCEPT OF THE SOUL IN THE PHILOSOPHICAL TEACHINGS OF ABU ALI IBN SINA

Amondulloev B. S.

The article analyzes various aspects of the concept of the soul in the teachings of Ibn Sina. Ibn Sina considers the existence of the "soul" in conjunction with living beings and views all human powers as branches of the soul. In his opinion, plants, animals and humans have souls, and the souls of plants and animals are physical, and their existence is completely dependent on the body. However, the human soul has an essential nature. Although the soul of man is created with the body, it is not corporeal, it represents the perfection of the body and will remain eternal even after the death of the body. This conclusion of Ibn Sina does not agree with his own philosophical system, which considered beginningless existence to be infinite, and everything that exists to be mortal. According to Ibn Sina, the human soul has the capacity for cognition and intellectual activity, can understand general concepts and make inventions. The human soul is a substance capable of using reason, possessing energy and maturity.

***Key words**: Ibn Sina, soul, philosophy, existence, knowledge, power, perception, man, science, thinking, mind.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ҶАҲОНБИНӢ ВА ПАЁМҲОИ ҲАКИМ ФИРДАВСӢ ДАР «ШОҲНОМА»

Камолов Усмоналӣ Нусратович - н.и.ф., ходими калони Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ
E-mail: usmonalikamolov4@gmail.com
Тел.: (992) 11-00-00-327

Фирдавсӣ ба маънои томаш ҳакими тавоно, яъне файласуфи бузург аст. Ӯро аз ҳазор сол бештар инҷониб «Ҳаким» номидаанд. Фирдавсӣ ҳакимест тавоно, ки ҳикмату фалсафаашро бо забони зебои шеър баён кардааст ва «Шоҳнома»-ӯ манбаи бузурге аз ҳикмат аст. Ҷаҳонбинии Фирдавсӣ бар пояи имон бар Худои якто, бар кулли ҳастӣ ҷорӣ ва ҳукмрон будани қонуни «дод» (адолат)-и яздонӣ (нури эзадӣ – фарри яздонӣ), пирӯзии некӣ бар бадӣ, хирадмандӣ бар нодонӣ ва чирагии рушноӣ бар торикӣ ва амсоли ин мебошад. Нахустин ва муҳимтарин дидгоҳи фалсафии Фирдавсӣ дар бораи Худованд ва хирад аст. Худое, ки Ҳаким Фирдавсӣ шинохтааст, офаридгори беҳтарину нозуктарин офарида – ҷону хирад аст ва бартарин сифати Офаридгори ҷаҳон ин аст, ки Худованди ҷону хирад мебошад. Ба андешаи Ҳаким Фирдавсӣ тамоми шодию ғам, хушбахтию бадбахтӣ ва барору нобарории инсон ва ғ. аз хирад ё бехирадӣ аст. Инсони асили эронӣ як фарди хирадманду ҳаким мебошад.

Инсони хирадманд моҳияти ҳастӣ ва мақсуди Офаридгор мебошад. «Шоҳнома» – «Номаи Дод» ё «Доднома» ҳам ҳаст. Яке аз муҳимтарин ҷаҳонбинӣ ва паёми Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» масъалаи сулҳу ҷанг аст. Ҳакими тавоно бо вуҷуди ин аз ҷанги миёни мардумони ҷаҳон нафрат дорад ва ба сулҳу ваҳдати оламиён умед мекунад.

Калидвожаҳо: *Худованд, ҳаким, ҳикмат, хирад, дод, некӣ, бадӣ, инсон, ҷанг, сулҳ.*

Мусаллам аст, ки Фирдавсӣ ба маънои томаш ҳакими тавоно, яъне файласуфи бузург аст. Ӯро аз ҳазор сол бештар инҷониб «Ҳаким» номидаанд. Ин номро ба Фирдавсӣ на шоҳону амирон, балки мардумони асили эронинажод ва шоҳномашиносон додаанд. Фирдавсӣ ҳакимест тавоно, ки ҳикмату фалсафаашро бо забони зебои шеър баён кардааст ва «Шоҳнома»-ӯ манбаи бузурге аз ҳикмат аст. Албатта, ҳикмату фалсафаро ба забони наср бисёр содаву осон бидуни заҳмати зиёд баён карда мешавад, чуноне ки файласуфони Шарқу Ғарб ин корро кардаанд. Аммо ба забони шеър баён кардани ҳикмати арзанда бузургию заҳмати садчандро талаб дорад. Ба замми ин, ҳакиму шоири тавоно будан маънии дар либоси зебои назм баён кардани фалсафа ва ҳикмати ҷовидонист, ки Фирдавсӣ албатта аз уҳдаи ин кор низ ба хубӣ ва бо сари баланд баромадааст. Дар либоси зебои назм баён кардани фалсафа ва ҳикмати ҷовидонӣ зебоишинос ва зебоидӯстдор будани ҳакимро мехоҳад ва зебоишиносӣ, чуноне ки медонем як бахши муҳимми фалсафа аст.

Фирдавсӣ файласуфи соҳибназарест, ки дар достонҳои таърихӣ маъно ва мафҳуми таърихро ҷӯёст. Яъне, ӯ фалсафа ва ҷаҳонбинии худро, ки аз дарки таърих касб карда, дар либоси достонҳо баён намудааст. Ҳамин ваҳдати ҷаҳонбинӣ аст, ки «Шоҳнома»-ро Фирдавсӣ бо вуҷуди ин, ки даврaҳои гуногуни таърихӣ ва достонҳои гуногунеро дар бар мегирад, ба сурати асари якпорча ва воҳиде даровардааст.

Ӯ ҷаҳонбинии фалсафии бисёр равшану мақбул дорад. Бахусус, дар бораи чанд мақулаи фалсафӣ соҳиби андешаи бисёр амиқ аст ва ин мақулоти фалсафии ӯ дар сар то сари «Шоҳнома» ба назар мерасанд.[1]

Ҷаҳонбинии Фирдавсӣ бар пояи имон бар Худои якто, бар кулли ҳастӣ ҷорӣ ва ҳукмрон будани қонуни «дод» (адолат)-и яздонӣ (нури эзадӣ – фарри яздонӣ), пирӯзии некӣ бар бадӣ, хирадмандӣ бар нодонӣ ва чирагии рушноӣ бар торикӣ ва амсоли ин мебошад, ки аз оғоз то анҷоми «Шоҳнома» фарогири ин ғояҳои ҷовидонист. [1]

Нахустин ва муҳимтарин дидгоҳи фалсафии Фирдавсӣ дар бораи Худованд ва хирад аст. Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» Худоро бо номҳои гуногуни сирф форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ – Яздон, Эзад, Кирдигор, Парвардгор, Додор (Одил), Офаридгор, Ҷаҳонофарин ва амсоли ин ёд кардааст ва аз оғоз то анҷоми ин шоҳасари ҷовидонӣ садҳо байт дар ситоиши ҷоҳу ҷалоли Парвардгор бахшида шудааст. Ҳаким Фирдавсӣ дар дилхоҳ мавқеъ ва ҳар мавзӯъе (асотирӣ, паҳлавонӣ, таърихӣ), дар мавриди хоссу нохос(с) бо нишон додани азамати Кирдигор (чи тавре, ки хосси Қуръон аст) ба хонанда барои дуруст шинохтани Додор панд медиҳад. Ба ин ҳадди фаровон ёд кардани Яздон шояд фақат дар «Маснавии Маънавӣ»-и Мавлавӣ Ҷалолуддин Балхии Румӣ дида шавад.

Худое, ки Ҳаким Фирдавсӣ шинохтааст, офаридгори беҳтарину нозуктарин офарида – ҷону хирад аст ва бартарин сифати Офаридгори ҷаҳон ин аст, ки Худованди ҷону хирад аст.

Ба номи Худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша барнагзарад.

Эзад, ба андешаи Фирдавсӣ на танҳо Офаридгори тамоми ҳастӣ, балки Парвардгор (– Парваришкунанда, Соҳиб, Молик; ар. – Рабб)-и ҷузъу том, хурду бузург, инсону ҳайвон ва амсоли ин мебошад, ки ниҳоди ҳастиро бо беҳтарин қонун – дод пардохтааст. Ин беҳтарин шинохти Фирдавсӣ аз Худованд аз ҷониби аксари донишмандони ҷаҳон бисёр ҳакимона ва олимона дониста шудааст, ки дар тӯли асрҳо ба ин ҳадди шинохт кам касоне ноил шудаанд. Худое, ки Фирдавсӣ мешиносад Яктову Беҳамто, Ҳакиму Доност ва бо шинохти қуръонӣ бисёр наздик аст. [2]

Худованд Офаридгори ному замону макон, Кайҳон, Замину Осмон, Нурбахши Ноҳид (Зуҳра), Моҳу Хуршед, Ризқдиҳанда (Раззоқ), Раҳнамо (Ҳодӣ) мебошад:

Худованди ному Худованди ҷой,
Худованди Рӯзидеҳу Раҳнамой.
Худованди Кайвону гардонсипеҳр,
Фурӯзандаи Моҳу Ноҳиду Меҳр.

Худо Зоти олӣ дошта, тақдири одамон ва афлокро пешакӣ менависад, Нависандаву Наққош ва Тасвиркунандаи баршуда гавҳар (– олигавҳар, олинасаб, покзот)-и зоту сифоти инсон аст. Яздон аз ному нишон бартар буда, ҳатто дар гумони инсонӣ намегунҷад ва чашмони инсонӣ аз дидани Ӯ оҷиз аст, аз ин рӯ, Ҳаким таъкид медорад, ки чашмонатро беҳуда ранҷ мадеҳ, ки Ӯро нахоҳӣ дид. Чун Худованд аз ному замону макон бартар аст, ҷону хирадии инсонӣ ба Ӯ роҳ надорад ва аз дарки Зоти Худо оҷиз аст:

Зи ному нишону гумон бартар аст,
Нигорандаи баршуда пайкар аст.
Ба бинандагон Офаринандаро,
Набинӣ, маранҷон ду бинандаро.
Наёбад ба-д-Ӯ низ андеша роҳ,
Ки Ӯ бартар аз ному аз ҷойгоҳ.
Сухан ҳар чи з-ин гавҳарон бигзарад,
Наёбад ба-д-Ӯ роҳ ҷону хирад.

Ҷону хирадии инсонӣ ба андозаи зарфияти худи инсон аст ва барои шинохти комили Офаридгор кофӣ нест ва зарфияте бояд, ки ба ҳадди Ӯ бошад. Зеро хираду ҳиссиёти инсонӣ он чизеро дарку ҳис мекунад, ки дар қаламрави итоати қудраташ бошад. Чун хираду ҳиссиёти инсонӣ дар васфу сутудани Зоти покаш ба ҳадди сазовори яздонӣ тавонмандӣ надорад, ноилоҷ бояд камари бандагӣ бандад ва иқрору эътироф (хасту)-и азамати Кирдигор кунад:

Хирад гар сухан баргузинад ҳаме,
Ҳамонро гузинад, ки бинад ҳаме.
Сутудан надонад кас Ӯро чу ҳаст,
Миён бандагиро бибояд-т баст.

Хирадрову ҷонро ҳаме санҷад Ӯй,
Дар андешаи сахта кай гунҷад Ӯй.
Ба ҳастиш бояд, ки хасту шавӣ,
Зи гуфтори бекор яксӯ шавӣ.
Ба-д-ин олати рою ҷону забон,
Сутуд Офаринандаро кай тавон.
Ба ҳастиш бояд, ки хасту шавӣ,
Зи гуфтори бекор яксӯ шавӣ.
Параста бошиву ҷӯянда роҳ,
Ба жарфӣ ба фармон-ш кардан нигоҳ.
Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.
Аз ин парда бартар сухан гоҳ нест,
Зи ҳастӣ мар андешаро роҳ нест.

Худованди Тавоно донишу қудрати мутлақ дорад ва ниҳояти кори бандагонро хуб медонад. Бисёр асрорҳои ҳастӣ ва илоҳие вуҷуд доранд, ки ҳанӯз илму хиради мантиқии инсонӣ ба фарогирии умқу моҳияти онҳо оҷиз аст, аммо ҳар яки онҳо беҳикмат нестанд:

Якеро барорию шоҳӣ диҳӣ,
Якеро ба дарё ба моҳӣ диҳӣ.
Якеро барорӣ ба тахти баланд,
Якеро нишонӣ ба хоки нажанд.
На бо он-т меҳру на бо ин-т кин,
Ки беҳдон туӣ, эй Ҷаҳонофарин!!!

Аммо ҳар он чи ба ғайри Ӯст ва ҳар он чи ки Офаридгор офаридааст, бо хиради инсонӣ шинохтанию дарёфтанӣ аст ва беҳтарину бартарин офаридаи Эзад ҷону хиради инсонист:

Хирад беҳтар аз ҳар чи Эзад бидод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод.

Ба андешаи Ҳаким Фирдавсӣ тамоми шодию ғам, хушбахтию бадбахтӣ ва барору нобарории инсон ва ғ. аз хирад ё бехирадӣ аст. Сарнавишт инсон вобаста ба худи ӯ ва хиради ӯст. Дар ҳар ду сарой – чӣ дар ин ҷаҳон ва чӣ дар он ҷаҳон хиради инсон таъйинкунанда аст:

Хирад раҳнамою хирад дилгушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.
Аз ӯ шодмонӣ ва-з-ӯят ғам аст.
Аз ӯят фузунӣ ва-з-ӯят кам аст.
Аз-ӯйӣ ба ҳар ду сарой арҷманд,
Гусастахирад пой дорад ба банд.

Супурдани сарнавишти инсон ба дасти хирад, вобаста кардани «ҳар ду сарой» ва фузунӣ ва костияш ба хирад, яке аз муҳимтарин ва асоситарини рукни ҷаҳонбинии Фирдавсӣ аст. Ҳеч шакке нест, ки Фирдавсӣ яктопарасту мӯъмин аст. Вале ӯ пои Кирдигор ҷаҳонро дар ҳар неку бадӣ ба миён намекашад. Моварои табиатро ба таври мустақим дар ҳар амре дахолат намедиҳад. Асоси ҷаҳонро бар хирад устувор медонад, ки нахустин офариниш аст:

Нахустофариниш хирадро шинос,
Нигаҳбони ҷон асту они сипос.

Он чи бар хирад устувор аст, эзадӣ аст ва он чи дӯр аз хирад бошад, кори девону бехирадон аст. Марз миёни дурусту нодуруст, пазируфтанию нопазирфтанӣ, хирад аст. Низоме, ки бар хирад устувор бошад, рафторе, ки хирадмандона бошад, дурусту пазируфтнӣ аст ва низоме, ки хилофи ақл буда ва рафторе, ки нохирадмандона бошад, нодуруст ва нопазирфтанӣ аст.[3]

Фирдавсӣ ба вижа дар мавриди шоҳону низоми ҳукуматӣ хирадро ҳамвора довар мегирад. Низоми бихрадонаро меписандад ва ҳимоят мекунад ва алайҳи низоми нобихрадона мешӯрад. Беҳтарин сифати шоҳону паҳлавонон ва дастурон, хирадмандӣ ва додгарӣ аст ва бадтарин сифати онон ҷаҳлу девонагию бедод мебошад.[1]

Фирдавсӣ ба ҳама гумраҳону туҳматпешагони ва душманони мардуми Эронзамин сахт таъкид медорад, ки ориёиҳо, бахусус пайравони аҳли оини зардуштӣ (зартуштӣ) ҳаргиз оташпараст (бутпараст) набудаанд, балки ҳамеша Худоро холиқу офаридгори тамоми ҳастӣ медонистанд. Ин ҳақиқати одиву сода ва дар айни ҳол бисёр муҳим тамоми «Шоҳнома»-ро фаро гирифтааст ва шахсе, ки ақаллан як бор бо диққати том ин асари ҷовидониро хонда бошад, ин ҳақиқатро ба зудӣ дарк мекунад. Фирдавсӣ дар ин бора бо қатъияти том баён доштааст:

Магӯед, ки оташпарастон буданд,
Парастандаи пок Яздон буданд.

Имом Аҳмади Ғаззолӣ, ки дар олами Ислом яке аз бузургтарин донишманд шинохта шудааст, беҳтарин шинохтро аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дарёфтааст ва бар дигарон низ Ҳакими Тавоноро бо беҳтарин ваҷҳ шиносонидааст. Ӯ дар яке аз ваъзҳои худ ба мардум бо хитоб

мегӯяд: «Эй мусулмонон! Ман бар шумо беш аз чиҳил сол аз ин минбар ваъзу панд гуфтаам. Дар ин муддат тамоми он чиро, ки ба унвони ваъзу панд ва насиҳат баён кардаам, хулосаи онро Ҳаким Фирдавсӣ дар ин ду байт овардааст:

Зи рӯзгори рафтан андеша кун!
Парастидани Додгар пеша кун!
Ба некӣ гирою маёзор кас!
Раҳи растагорӣ ҳамин асту бас!

Ин суханони Имом Ғаззолӣ ҷавоби бисёр қатъӣ бар тамоми ашхоси мутаассибу ифротӣ баён шудааст, ки ба таври огоҳу ноогоҳ бо фарҳанги бузургу кохи баланди тамаддуни мардуми ориёӣ аз рашку ҳасад душманӣ меварзиданд. Ин ҷавонмарди хирад бо ҳама бузургӣ худро дар пеши Фирдавсӣ бисёр ҳақир ҷилва додааст ва бо ин хоксорию қадршиносӣ азамати худ ва Ҳакимро садчанд боло бурдааст.

Тибқи назарсанҷиҳои муҳаққиқону донишмандони соҳа, бахухус асарҳои шоистаи таҳсини «Ҳамосаи дод»-и Фараҷуллоҳи Мизонӣ (Ф. М. Ҷавоншер),[1] «Шоҳномаи Фирдавсӣ»-и Ҷалили Дӯстхоҳ,[2] «Ҳамосароӣ дар Эрон»-и Забеҳуллоҳи Сафо,[3] «Ҳамосаи миллии Эрон»-и Теодор Нёлдеке,[4] «Баррасии таҳлилии нахустин мисраҳои «Шоҳнома» дар мутобиқат бо боварҳои фалсафии бостон ва ҳикмати хусравонӣ»-и Қоимӣ Фарзод,[5] «Фирдавсӣ: зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ»-и Раёҳӣ Муҳаммад Амин,[6] «Фирдавсӣ ва шеъри ӯ»-и Муҷтабо Минавӣ,[7] «Ҷаҳонбинӣ ва ҳикмати Фирдавсӣ»-и Маҳмуд Ҳакимӣ ва Карим Ҳасанитабор [8] ва ғ. ҷаҳонбинии Фирдавсӣ бар чаҳор поя асос ёфтааст:

1. Хирад ва ҳикмат. Ба гуфтаи Фирдавсӣ, инсони асили эронӣ як фарди хирадманду ҳаким аст ва дар «Шоҳнома» ба асли хираду ҳикмат ба ҳадде таваҷҷуҳ шудааст, ки мо гоҳҳо «Шоҳнома»-ро ба дурустӣ «Хирарднома» ва «Ҳикматнома» низ мехонем ва аз оғоз то анҷоми ин асари ҷовидона байтҳоеро дучор меоем, ки дар васфи хираду ҳикмат суруда шудаанд. Дар гузашта ҳеч донишмандеро наметавон ёфт, ки ба ҳадди Фирдавсӣ дар ситоиши хираду ҳикмат ва аҳаммияти он дар ҳаёти инсон бо беҳтарин шева доди суханро дода бошад.

2. Дод (адолат). «Шоҳнома»-ро наметавон танҳо як номаи хираду ҳикмат арзёбӣ кард, балки он «Номаи Дод» ё «Доднома» ҳам ҳаст. Дод дар коркарди «Шоҳнома» баробар бо ойин ва сомон аст ва корбурде бисёр густурдатар аз он мафҳуме дорад, ки мо бо он ошно ҳастем. Дар «Шоҳнома» ҷаҳон бар асоси дод бунёд ниҳода шудааст.

3. Ном. Дигар пояи ҷаҳонбинии Фирдавсӣ ном аст. Ном дар фарҳанги «Шоҳнома» маънои ба маротиб амиқтару васеътар аз он дорад, ки мо медонем ва он танҳо номгузорӣ нест. Дар «Шоҳнома» ном ба маънии сиришт, ҳувияту шахсият омада аст. Ном дар «Шоҳнома» ба он андоза арзишманд аст, ки Баҳром барои ёфтани тозиёнае, ки номаш бар он навишта шудааст ва дар ҷанг бо турониён гум кардааст, ҷонашро барои ёфтани он дареғ намедорад. Ва ин нишонаи арзишмандии ном дар «Шоҳнома» ва дар назди эрониён будааст.

4. Шодию хушбахтӣ. Як пояи бисёр муҳимми ҷаҳонбинии Фирдавсӣ изҳори шодию хушбахтӣ – ҳамчун рукни зарурии зиндагии инсон аст. «Шоҳнома» номаи шодию хушбахтӣ ҳам ҳаст. Дар «Шоҳнома» агар эронӣ шоду хушбахт набошад, дар эронӣ буданаш бояд шак(к) кард. Дуруст аст, ки имрӯз хушбахтӣ ҳалқаи гумшуда дар ҷомеаи Эрон аст, аммо мо бояд бидонем, ки ҳеҷ фарҳангу ойини ҷаҳон ба андозаи фарҳанги эронӣ (ба вижа дар «Шоҳнома») аз шодиву хушбахтӣ сухан намегӯяд ва онро ба ин ҳад(д) бузург намедорад. Шодиву хушбахтӣ дар «Шоҳнома» ва фарҳанги эронӣ мақоми хеле баланд дорад, аммо нуктаи муҳим ин аст, ки шахси «Шоҳнома» замоне ба шодиву саодат мерасад, ки се унсур: хираду ҳикмат, дод ва номро ба даст оварда бошад. Бино бар ин, зербинои шодиву саодат ва дар ҳақиқат ба даст овардани шодиву хушбахтӣ дар гарави ба даст овардани хираду дод ва ном аст.[3]

Нуктаи муҳимми дигаре, ки метавон дар бораи шодмонӣ ва ҷашнҳои Эрони

Бостон зикр кард, ин аст, ки дар гузашта дар ҳар моҳ ҳадди ақал як ҷашн доир мегардид. Масалан, дар гузашта рӯзҳои ҳар моҳи ҳар рӯз аз сол номе дошт, монанди: 16-уми Меҳр, меҳррӯз, 5-уми Исфанд, исфандрӯз, 13-уми Тир, тиррӯз ва ғ. Эрониён ҳар рӯз, ки бо моҳ ҳамном мешудааст, ҷашн мегирифтанд. Ба мисли иди Меҳргон (16-уми Меҳр), ҷашни Тиргон (13-уми Тир) ва амсоли ин. Ва инҳо илова бар ҷашнҳои дигаре будааст, ки ниёгони мо бо баҳонаҳои гуногун барои эҷоди шодиву саодат дар ҷомеа баргузор мекарданд.

Фирдавсӣ парастиши ҳар мавҷуди ғайр аз Худо ва ҷаҳлу нодониро аз занҷирҳое медонад, ки дар тӯли таърих сабаби асорату ғуломии миллатҳову қабилаҳо шудааст. Фирдавсӣ дарк кардааст, ки ширк ё парастиши ғайри Худо аз ҷоҳилӣ сарчашма мегирад. Одами нодон ё дар назди бутҳои сохтагиву ботил зону мезанад ё дигаронро ситоиш мекунад. Дар ҷомеаи мушрик ҳокимону зимомдорони золим посбону мубал-ғони дину ойинҳои таҳрифшудаанд ва мунтазири итоати куркурона аз мардум мебошанд. Ҳокимони низоме, ки ба ширк асос ёфтааст, аз афроде, ки донишу хиради интиқодӣ доранд, бисёр метарсанд. Дар мавриди дин низ Фирдавсӣ андешаҳои ҷудо аз ақидаҳои таассубомези хурофотпарастон дорад. Ӯ Худоро фақат барои он ки волидонаш худопараст будаанд, парастиш наме-кунад, балки амиқ андешида, имон ба Худоро бо хираду ҳикмати дуруст касб кардааст. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» дар мавридҳои гуногун мардумро ба ибодати Худо даъват мекунад ва парастиши Худоро нишонаи хирад ва роҳи ба саодат расидан медонад.

Инсони хирадманд дар «Шоҳнома» баландтарин мақомро дорад. Хирад дар ин асари ҷовидона мақулае муҷаррад ва овезон миёни замину замон нест, балки сириштест аз инсони хирадманд. Инсон ё ба қавли «Шоҳнома» – «Мардум» қулаи офариниш ва ба қавли Қуръон ашрафи махлуқот аст, ки ҳар ду ба як маънӣ омадаанд. Инсон бояд худро бишносад, қудрати худро дарёбад ва барои эҷоди ҷаҳони шоистаи зист биразмад бо деву дадон, яъне бо бадиҳо ва ҷаҳлу торикиҳо, ки анвои онҳо дар ин рӯзҳо низ кам нестанд. Фирдавсӣ инсонро ба касби хирад ва кору пайкор ва худшиносӣ фаро мехонад, зеро барои инсони хирадманд душворие вуҷуд надорад (даду дом) ва тамоми ҳастии инҷаҳонӣ ӯро итоат хоҳанд кард:

Чу з-ин бигзарӣ мардум омад падид,
Шуд ин бандҳоро саросар калид.
Сараш рост бар шуд чу сарви баланд,
Ба гуфтори хубу хирад кор банд.
Пазирандаи ҳушу раъйю хирад,
Мар ӯро даду дом фармон барад.

Инсон, бахусус инсони хирадманд моҳияти ҳастӣ ва мақсуди Офаридгор мебошад. Бояд худро бишиносад ва арҷи худро бидонад. Фирдавсӣ нидо бармедорад: Ту эй инсон! Нахустини фитрату пасини шуморӣ. Туро аз ду гетӣ баровардаанд. Ҳақ надорӣ худро ба камӣ бингарӣ ва хештанро хор ангорӣ! Ту эй инсон, ки табиату Худо ин ҳамаро ба ту додаанд, муваззафӣ, ки сарбаланд зиндагӣ кунӣ, худро ба пастӣ наёлоӣ, дар баробари қудратҳои нопойдор таслим нашавӣ! Ба назари Фирдавсӣ инсон фақат дар баробари Худо ва рози нуҳуфтааш банда асту бас. Дар ҳама ҷои дигар (дар баробар афлок), инсон бартар аст ва бояд, ки арҷ ин бартариро бидонад:

Туро аз ду гетӣ баровардаанд,
Ба чандин миёнҷӣ бипарвардаанд.
Нахустини фитрат пасини шумор
Туӣ хештанро ба бозӣ мадор.

Зиндагӣ ва марг яке аз муҳимтарин мақулаҳои ҳикмати Фирдавсӣ мебошанд, ки Ҳакими тавоно бар рӯи онҳо (ба мисли хирад ва инсони хирадманд) таъкиди хоссае кардааст. Бузургӣ ва шахсияти волое, ки Фирдавсӣ барои инсони хирадманд қоил аст, он гоҳ бо равшании тамом муҷассам мешавад, ки фалсафаи ӯро дар бораи маргу зиндагии инсон баррасӣ кунем. Чуноне ки медонем, одитарин ва роиҷтарин ақида дар бораи марг дар замони Фирдавсӣ боварҳои динӣ аст, ки бино бар он инсон бар асари марг аз ҷаҳони фонӣ ба ҷаҳони боқӣ мешитобад ва ба ин тартиб инсони миранда барои худ навъе ҷовдонагӣ

меофаринад. Ин боварро ҳама ба яксон надоранд. Бархе дар вуҷуди он ҷаҳон шакку тардид эҷод кардаанд. Маргро фоҷиаи дарднок меёбанд ва баҳрагирию лаззат аз ҳар дами зиндагиро фаротар аз ҳар арзише мешиносанд ва бархе бо эътиқод ба сарои боқӣ чунон хӯ гирифтаанд, ки зиндагии индунёиро танҳо тайёрӣ барои зиндагии дар он ҷаҳон талаққӣ мекунанд. Дар ҳар ду сурат зистан маъно ва мафҳум воқеии худро аз даст медиҳад.

Фирдавсӣ бо он ки дар ҷо ҷои «Шоҳнома» аз вуҷуди «ду сарой» сухан мегӯяд, масъалаи марг ва зиндагиро бо ин ду ҷаҳон мустақиман марбут намекунад. Дар ҳеч ҷои «Шоҳнома» то он ҷо, ки медонем ҷуз дар як ё ду маврид ба инсон ваъдаи биҳишт намедиҳанд ва ӯро аз дӯзах наметарсонад. Ба андешаи Фирдавсӣ зиндагӣ дар ин ҷаҳон ҳадафе дорад ва он ин аст, ки чун ночор ба ин дунё омадаему ночор аз он хоҳем гузашт, бояд дар он хирадмандона зисту зиндагии шоистаи инсонӣ дошт ва худро некӯ шинохту номи некӯе аз худ боқӣ гузошт.

Марг аз назари Фирдавсӣ амре ҳатмӣ аст. Ӯ ба таври доим амри зарурӣ будани марг ва рафтанӣ будани ҳар як инсонро таъкид мекунад. Ҳеч касро дар ҳар мақоме, ки бошад гурезе аз марг нест:

Ҳама корҳои ҷаҳонро дар аст,
Магар марг, к-онро дари дигар аст.
Зи модар ҳама маргро зодаем,
Ба ночор гардан варо додаем.
Намонад касе зинда андар ҷаҳон,
Далерону корозмуда меҳон.
Зи мурдан марову туро чора нест,
Дирангитар аз марг патёра нест.

Аммо Фирдавсӣ инсони хирадмандро ноумед намекунад, зеро ба назари ӯ агар инсон ҷисман дар ин ҷаҳон ҷовидон намонад ҳам, навъи дигаре аз ҷовидонагӣ – ҷовидонагии ному нанг вуҷуд дорад. Тани инсони фонӣ аст, аммо номи ӯ дар ин ҷаҳон мондагор аст. Аз ин рӯ, бояд чунон зист, ки номи нек ҷовдона бимонад. Фирдавсӣ аз забони Гударзи паҳлавон хитоб мекунад:

Ки кас дар ҷаҳон ҷовидона намонд,
Ба гетӣ ба мо ҷуз фасона намонд.
Ҳам он ном бояд, ки монад баланд,
Чу марг афканд сӯи мо бар каманд.

Инсони хирадманд ва паҳлавони сутудаву далер бояд шеваи хуб мурданро бидонад ва мардона бимирад. Гев дар набард бо душман ба истиқболи марг меравад. Ӯ медонад, ки «намонад касе зинда андар ҷаҳон» ва натиҷа мегирад, ки:

Чу пеш омад ин рӯзгори дурушт,
Туро рӯй бинанд беҳтар, ки пушт.

Рустам – бузургтарин паҳлавон ва мардонатарин чеҳраи «Шоҳнома» ҳангоме, ки худро рӯ дар рӯи марг мебинад, танҳо як нигаронӣ дорад: мурдан ба ном. Рустам инсонгарию инсонгароиро (мардумӣ) афзал медонад. Рустам ба симурғ:

Ҷаҳон ёдгор асту мо рафтанӣ,
Ба гетӣ намонад ба ҷуз мардумӣ.
Ба номи накӯ гар бимирам равост,
Маро ном бояд, ки тан маргрост.

Марг ҳақ аст. Ҳама рафтанӣ ҳастем. Танҳо масъала ин аст, ки чӣ гуна биравем ва чӣ бар ҷой гузорем. Онҳое, ки дар роҳи ҳадафи олӣ меразманд ва мардона мемиранд ва онҳое, ки хунашон ба ном рехта шуда аст, бо марги худ зиндагии ҷовидона ёфтаанд, зеро тухми некӣ коштаанд:

Саранҷом ҷои ту хок асту хишт,
Ҷуз аз тухми некӣ набояд-т кишт.

Яке аз муҳимтарин ҷаҳонбинӣ ва паёми Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» масъалаи сулҳу ҷанг аст. Ӯ дар ин асари безаволи хеш расму ойини ҷангро чунон бо маҳорати баланд баён кардааст, ки кас тасаввур мекунад, ки худи ӯ устодест, ки аз тамоми усулҳои ҷангидан ва абзори ҷангӣ огоҳ аст. Аммо Ҳакими тавоно бо вуҷуди ин аз ҷанги миёни мардумони ҷаҳон нафрат дорад ва ба сулҳу ваҳдати оламиён умед мекунад. Ӯ дар ситоиши сулҳ ва накӯҳиши ҷанг чунон доди сухан додааст, ки пеш аз ӯ ва пас вай ҳакимеву шоире ва нависандаеро ба ин бузургӣ наметавон ёфт.[2]

Хулоса, «Шоҳнома» мисли баҳр аст, ҳар қадар ба он ғуттавар гардем, дар он ҳар чи бештар гуҳарҳои гаронбаҳое дарёфт хоҳем кард, ки ганҷинаи фарҳангу тамаддуни моро ғанитар хоҳад кард ва яқинан давоҳое хоҳем ёфт, ки ба дарди имрӯзи ҷомеаи ҷаҳон хоҳад хӯрд.

Адабиёт

1. Мизонӣ Фараҷуллоҳ (Ф. М. Ҷавоншер). Ҳамосаи дод. Теҳрон, 1388.
2. Дӯстхоҳ Ҷалил. Шоҳномаи Фирдавсӣ. Теҳрон, 1384.
3. Сафо Забеҳуллоҳ. Ҳамосаро̄ дар Эрон. Теҳрон, 1363.
4. Нёлдеке Теодор. Ҳамосаи миллии Эрон. Теҳрон, 1379.
5. Қоимӣ Фарзод. Баррасии таҳлилии нахустин мисраҳои «Шоҳнома» дар мутобиқат бо боварҳои фалсафии бостон ва ҳикмати хусравонӣ. Теҳрон, 1392.
6. Раёҳӣ Муҳаммад Амин. Фирдавсӣ: зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ. Теҳрон, 1375.
7. Минавӣ Муҷтабо. Фирдавсӣ ва шеъри ӯ. Теҳрон, 1346.
8. Маҳмуд Ҳакимӣ ва Карим Ҳасанитабор. Ҷаҳонбинӣ ва ҳикмати Фирдавсӣ. Теҳрон, 1370.
9. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Душанбе, 2013.

МИРОВОЗЗРЕНИЕ И ПОСЛЛАНИЕ ХАКИМА ФИРДАВСИ В «ШАХНАМЕ»

Камолов У.Н.

Фирдоуси является великим «Ҳаким»-ом («Мудрецом») в полном смысле этого слова, то есть великим философом. Его называли «Ҳаким»-ом уже более тысячи лет. Фирдавси – великий мудрец, выразивший свою мудрость и философию прекрасным языком поэзии, а его «Шахнаме» – великий источник мудрости. Мировоззрение Фирдоуси основано на: вере в единого Бога и верховенстве божественных законов «дод» (справедливости), победе добра над злом, благоразумности над невежеством и сиянии света над тьмом.... Первый и самый важный философский взгляд Фирдауси касается Бога и разума. Бог, признанный Хакимом Фирдоуси, является творцом лучшего и тончайшего творения – души и разума. По мнению Хакима Фирдоуси, все радости и горе, счастье и несчастье, успехи и неудачи человека и т. д. зависит от того чем руководствуется человек – разумом или своими глупостями. Человек иранского происхождения – мудрый и благоразумный. Благоразумный и мудрый человек – суть бытия и цель Творца. Одним из важнейших мировоззрений и посланий Фирдоуси в «Шахнаме» является вопрос мира и войны. Он презирает войны между народами мира и надеется на мир и единство во всем мире.

Ключевые слова: *Бог, мудрец, мудрость, разум, благоразумие, справедливость, добро, зло, человек, война, мир.*

WORLDVIEW AND MESSAGE OF HAKIM FIRDAVSI IN «SHAHNAMA»

Kamolov U.N.

Ferdowsi is a great «Hakim» («Sage») in the full sense of the word, that is, a great philosopher. He has been called «Hakim» for more than a thousand years. Firdavsi is a great sage who expressed his wisdom and philosophy in the beautiful language of poetry, and his «Shahname» is a great source of wisdom. Firdausi's worldview is based on: faith in one God and the supremacy of the divine laws of «dod» (justice), the victory of good over evil, prudence over ignorance and the shining of light over darkness.... Firdausi's first and most important philosophical view concerns God and reasonableness. God, recognized by Hakim Ferdowsi, is the creator of the best and most subtle creation - the soul and mind. According to Hakim Ferdowsi, all joys and sorrows, happiness and unhappiness, successes and failures of a person, etc. depend on what a person is guided by - reason or his stupidity. A person of Iranian origin is wise and prudent. A prudent and wise person is the essence of existence and the goal of the Creator. One of Ferdowsi's most important worldviews and messages in the «Shahnama» is the issue of peace and war. He despises wars between the nations of the world and hopes for peace and unity throughout the world.

Key words: *God, sage, wisdom, reason, prudence, justice, good, evil, man, war, peace.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ДЖАДИДИЗМ КАК ФОРМА ВВЕДЕНИЯ НОВЕШСТВА В ФИЛОСОФИЮ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

Муллобоева Д. – кандидат философских наук, доцент ТНУ

В статье на основе анализа взглядов Абдулвохида Мунзима, Абдурауфа Фитрата, Абдукодира Мухиддинова, Файзулла Ходжаева, Хамзы Хакимзаде Ниязи, Аджзи, Махмудходжы Бехбуди и других мыслителей расскрыта суть социально-философского учения джадидизма. На основе этого автор статьи приходит к выводу, что джадидизм наряду с просветительством стало тем общественно-политическим и идейно-философским течением, которое было формой введения новшеств в старую историческую философию таджикского народа и сыграло заметную роль в формирование и развитие новой таджикской философской мысли в начале XX в.

Ключевые слова: *джадидизм, просветительство, Фитрат, Мунзим, Файзулла Ходжаев, Ниязи, Аджзи, Бехбуди*

Как известно, наряду с просветительством, на формирование и развитие новой таджикской философии в начале XX в. повлиял и джадидизм. Джадидизм (от арабского слова «джадид» - «новый») в начале своего появления как движение означало реформирование религиозной жизни и религиозного образования согласно новым методам. Это движение в Средней Азии появилось в конце XIX-начале XX в. под влиянием татарского джадидизма, основоположником которого являлся крымско-татарский реформист Исмаил Гаспринский (1851-1914). На него самого же влияли просветительские идеи, формировавшиеся в тогдашней Турции под влиянием Запада. Но, наряду с этим, существует и мнение, что формирование и развитие джадидизма в России происходили по инициативе и под руководством царской охранки (тогдашних российских спецслужб). Российский исследователь О.Н. Сенюткина предлагает и расширенное понимание сути движения джадидизма: «В содержательном плане в понятие «джадидизм» входят такие составляющие, как обновление религии, реформы в образовании, расцвет мусульманской журналистики, политическая деятельность и так называемый женский вопрос» [4; 16]. Кроме того, джадидизм некоторыми исследователями противопоставляется кадимизму или ишанизму [6; 127].

В Средней Азии джадидизм постепенно в общественно-политической жизни стал играть заметную роль. К нему примыкали все больше среднеазиатских, в том числе, таджикских интеллектуалов, которые имели прогрессивистские взгляды. В начальном периоде джадиды имели идеи реформаторского характера и уделяли большое внимание реформе религии и просвещению различных слоев населения. Их идеи также имели антиколониальную окраску.

В последующем джадиды больше стали уделять внимания учреждению национальных школ, где преподавание организовалось с использованием новых методов. Поэтому их школы назывались новометодными (по-таджикски «мактаби усули ҷадид»). Именно из-за этого сторонников данного движения стали называть джадидами.

Первая школа в Средней Азии с применением новых методов была организована в 1898 году в городе Коканде, а затем в 1899 году в городах Ташкента и Андижана. Такие же школы в начале XX в. появились в городе Самарканда и других районах Коканда. В новометодных школах имелись новые учебные программы, образовательное оборудование, соответствующая ученическая мебель. В них преподавались не

только религиозные, но и светские науки. Одновременно, джадиды в Средней Азии организовали первые учебные типографии, книжные магазины.

К первым джадидам присоединилась среднеазиатская интеллегенция в лице Садриддина Айни, Абдулвохида Мунзима, Абдурауфа Фитрата, Абдуллы Авлони, Муминджана Мухаммаджанаоглы, Абдукодира Мухиддинова, Файзулла Ходжаева, Бату, Хамзы Хакимзады Ниязи, Аджзи, Махмудходжы Бехбуди и других просветителей. Бехбуди, например, был не только джадидом, но и видным просветителем, драматургом и политическим деятелем, автором учебников и методических пособий для учителей. Он также основал газету «Самарканд» и журнал «Ойина» («Зеркало») [3].

Известный поэт и общественный деятель Абдулвохид Мунзим (или Мирзо Абдулвахид Бурханов) изучив методы преподавания у Махмудходжы Бехбуди и Абдукодира Шукури, в 1908-1909 гг. организовал в Бухаре школу джадидов и вечернюю школу для взрослых. Вместе с С. Айни Мунзим принял также участие в создании общества «Тарбияи атфол» («Детское воспитание»). «Это общество сыграло важную роль в пробуждении политического сознания людей, продвижении прогрессивных демократических идей среди бухарских просветителей и свободомыслящих интеллектуалов» [1].

Наиболее противоречивой личностью среди джадидов является Абдурауф Фитрат, который был то ли таджикским, то ли узбекским просветителем и который обвинялся, и до сих пор, среди таджикской интеллегенции обвиняется в пантуркизме. Он был родом из Бухары и славился как писатель, ученый и общественный деятель. Фитрат был воспитанником знаменитого медресе Мири Араб и Стамбульского университета. Последний факт из его жизни, скорее всего, и объясняет то, что он в дальнейшем стал ярым пантуркистом.

В своем творчестве Фитрат восхваляет свое отечество и критикует политическое и социальное положение населения Средней Азии в XIX-XX вв. Он также нелестно высказывается о колониальной политике царской России и других западных государств. Наряду с этим, «он часто выступал с критическими материалами, высмеивая невежество, хамство, особо остро ополчался против коррупции, лицемерия, грубости и жадности чиновников» [2].

Что касается Абдукадыра Мухиддинова, который также был родом из Бухары, то он как джадид формировался под влиянием просветительских взглядов Ахмада Дониша, русской революции 1905-1907 гг. и идей, публиковавшихся в периодичекой печати своей эпохи. Мухиддинов на страницах журнала «Вақт» («Время»), который публиковался в российском городе Оренбурге печатал статьи, где критиковал эмирский режим Бухары. Он также был в числе тех, кто организовали газету «Бухорои Шариф» («Священная Бухара»).

К числу джадидов относился и Файзулла Ходжаев, бухарец, который примкнул к джадидам с 1913 г. Он вместе со своими единомышленниками выступал против монархического режима в Бухарском эмирате, требовал принятия конституции и проведения реформ в государственном устройстве.

Известный поэт Хамза Хакимзаде Ниязи также в начальном периоде своей жизни был сторонником движения джадидов. Он, хотя и считается узбекским поэтом, но, по некоторым сведениям, его предки были таджикскими переселенцами из горных районов Рашта или Дарваза, которые жили в городе Коканде Ферганской области. Ниязи сам обучался в мактабе, а затем и в медресе. Его с ранних лет интересовали просветительские идеи. Поэтому он создал свою школу для детей из бедных семей, где преподавал и сам. В своих стихах и других произведениях Ниязи поднимал социальные вопросы, в том числе неравенства населения страны, право людей на образование, классовые и гендерные проблемы и т.д.

В развитие джадидизма заметна и роль Саидахмадходжы Сиддикии Аджзии Самарканди (1865-1927) среднеазиатского

путешественника, писателя и переводчика. Путешествуя по Турции и побывав на Кавказе, в городах царской России – в Баку, Тифлисе, Москве, Санкт-Петербурге, Великом Новгороде и других странах, по возвращению он вблизи города Самарканда организовал новометодную школу. Аджзи писал учебники для новометодных школ Средней Азии. В его произведениях, в том числе в поэме «Миръоти ибрат» («Зеркало для примера») поднимаются вопросы о трудностьях в жизни народов Средней Азии, показываются пути устранения этих проблем.

Таджикский исследователь А. Худойдодов характеризует творчество Аджзии Самарканди следующим образом: «Он был поэтом и общественным деятелем с просветительскими идеями, который продолжил и развил идеи Ахмада Дониша в начале XX в. Его политические и социальные взгляды определяют содержание, сущность и, частично, форму его поэзии. Основными темами творчества Сиддикии Аджзи являются патриотизм, гуманизм, отвращение к властвующим и религиозным деятелям, пропаганда новой науки и культуры, языка, культуры русской и европейской формы, построение новой жизни, критика эмиров, богачей, религиозных деятелей и новых буржуев, критика невежественной религиозности, пропаганда национальной свободы от оков царских и иностранных колонизаторов, свобода женщин, беспристрастная критика паразитирующих классов и остатков наследия старой жизни. Идейная ограниченность поэта объясняется историческими, экономическими и социальными условиями его эпохи» [5; 5].

Другой не менее известной личностью в ряду джадидов считается Ахмаджон Хамди, известный и как Ахмаджон махдум Абусаидзода (1875–1946) - таджикский поэт, переводчик, общественный и политический деятель. Он под влиянием идей просветительства и джадидизма принял участие в народной революции в 1920 г., в результате которой была образована Бухарская Советская Социалистическая Республика, а сам он был назначен председателем этой вновь образованной республики в Москве. В советские времена он стал известным поэтом.

Таким образом, джадидизм, который формировался не без влияния просветительства, в дальнейшем после Бухарской революции в 1920 г. стал источником идей для новой литературной и философской мысли в Средней Азии, в том числе для новой таджикской интеллегенции. Эта интеллегенция в начальном периоде возникновения и существования джадидизма занималась пропогандой просветительских идей. В дальнейшем джадиды стали высказывать свои идеи о государственном устройстве, о социальных проблемах населения Бухарского эмирата. Они, как и Ахмад Дониш, предлагали пути реформирования существующего в то время государства на примере бездарного правления мангытских эмиров. Все это брало свои истоки от тех идей, которые передавались вследствие политических событий в царской России или путем использования идей российских просветителей.

Следует отметить, что влияние событий в тогдашней России и развитие политической и экономической ситуации в самом Бухарском эмирате привело к тому, что джадиды подразделились на отдельные группы. Таджикский исследователь И.Ш. Шарипов делит их на такие направления: 1) буржуазно-демократическое; 2) буржуазно-националистическое. Первое направление выражало интересы и чаяния местной буржуазии, которая появилась вследствие организации российских промышленных предприятий и банков в Бухарском эмирате со стороны царской России. Второе направление – буржуазно-националистическое боролось за независимость Бухары и за развитие местной национальной культуры. В дальнейшем, после победы социалистической революции в Бухаре, в основном, представители буржуазно-националистического джадидизма примкнули к новой власти.

Таким образом, джадидизм наряду с просветительством стало тем общественно-политическим и идейно-философским течением, которое было формой введения новшеств в старую историчес-

кую философию таджикского народа и сыграло заметную роль в формирование и развитие новой таджикской философской мысли в начале XX в.

Литература

1. Абдулвохид Бурхонов – Мунзим // https://www.savol-javob.com/ru (дата обращения: 13.01.2024).

2. Абдурауф Фитрат // https://scribble.su/school-literature/lit-10-mirkurbanov/10.html (дата обращения: 12.01.2024).

3. Алихожиев М.О., Тажимирзаев Э.А. Джадидизм в Туркестане и просветительская деятельность джадидов // Интеллектуальный потенциал XXI века: ступени познания. - 2016. - №32. - С. 72-76.

4. Сенюткина О.Н. Джадидизм как часть российского исламского дискурса (современные историографические оценки) // Исламоведение. - 2018. - Т. 9, № 2. - С. 15–29.

5. Худойдодов А. Сарнавишти Сиддиқии Аҷзӣ: омӯзиш ва пажӯҳиш доир ба зиндагинома ва эҷодиёти ӯ // Вестник Педагогического университета. – 2014. - 1-1(56). – С. 1-5.

6. Юзеев А.Н. Идеология джадидизма: история и современность. – Эхо веков. – 2003. - № 3-4. – С. 126-135

ҶАДИДИЗМ ҲАМЧУН ШАКЛИ НАВОВАРӢ ДАР ФАЛСАФАИ ХАЛҚИ ТОЧИК

Муллобоева Д.

Дар мақола дар асоси таҳлили афкори Абдулвоҳиди Мунзим, Абдурауфи Фитрат, Абдуқодир Муҳиддинов, Файзулло Хоҷаев, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Аҷзӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва дигар мутафаккирон моҳияти таълимоти иҷтимоӣ ва фалсафии ҷадидизм равшан карда шудааст. Муаллифи мақола дар асоси ин ба хулосае меояд, ки ҷадидизм дар баробари маорифпарварӣ аз ҷараёнҳои иҷтимоию сиёсӣ ва идеологӣ-фалсафӣ ва як шакли ворид намудани навгониҳо ба фалсафаи таърихии қадимаи халқи тоҷик буд, ки дар ташаккул ва инкишофи афкори нави фалсафии тоҷик дар ибтидои асри XX нақши намоёнро иҷро намуд.

Калидвожаҳо: *ҷадидизм, маърифат, Фитрат, Мунзим, Файзулло Хоҷаев, Ниёзӣ, Аҷзӣ, Беҳбудӣ*

JADIDISM AS A FORM OF INTRODUCING INNOVATIONS INTO THE PHILOSOPHY OF THE TAJIK PEOPLE

Mulloboeva D.

In this article, based on an analysis of the views of Abdulvohid Munzim, Abdurauf Fitrat, Abdukodir Mukhiddinov, Fayzulla Khojaev, Hamza Hakimzadeh Niyazi, Adjzi, Mahmudhoja Behbudi and other thinkers, reveals the essence of the social and philosophical teaching of Jadidism. Based on this, the author of the article comes to the conclusion that Jadidism, along with enlightenment, became the socio-political and ideological-philosophical movement that was a form of introducing innovations into the old historical philosophy of the Tajik people and played a significant role in the formation and development of new Tajik philosophical thought at the beginning of XX century

Key words: *Jadidism, enlightenment, Fitrat, Munzim, Fayzulla Khojaev, Niyazi, Adzhi, Behbudi*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

НАЗАРЕ БА АФКОРИ АХЛОҚИИ ИБНИ МУҚАФФАЪ

Мирбобоев Мақсуд Қориакрамович - номзади илмҳои фалсафа, профессори
Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ. Тел: 92-774-29-98

Мақола ба таълимоти ахлоқии файласуф ва адиби арабзабони асрҳои VIII – IX – и форсу тоҷик - Ибни Муқаффаъ бахшида шуда, дар он ақидаҳои ин нобиға доир ба ахлоқ, ахлоқи иҷтимоӣ, ахлоқи фардӣ, оини ҷавонмардӣ, одоби давлатдорӣ мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Ҳамзамон, дар мақола саҳми намоёни Ибни Муқаффаъ дар таъмин ва инкишофи меросияти тамаддуни қадим ва бойи форсу тоҷик зикр гаштааст.

Калидвожаҳо: *Ибни Муқаффаъ, ахлоқ, маънавият, тамаддун, одамият, инсони комил, ахлоқи иҷтимоӣ, ахлоқи фардӣ, шуури фардӣ, шуури сиёсӣ, фарҳанг, шуубия, оини ҷавонмардӣ, ватандӯстӣ, меросият.*

Абдуллоҳ Ибни Муқаффаъ аз намоёнтарин ҳакимон, адибон ва мутарҷимони асрҳои 8-9 форсу тоҷик аст, ки дар таърихи афкори фалсафӣ, илмӣ ва адабии ниёгон ҷойгоҳи махсус дорад. Бино ба сарчашмаҳо номи Ибни Муқаффаъ то он вақте ки ӯ исломро қабул кардааст, Рӯзбеҳ ва кунияаш Абӯумар будааст. Рӯзбеҳ дар оилаи ашрофи эронӣ, дар деҳаи Ҷур (Фирӯзонободи кунунӣ)-и вилояти Форс, солҳои 722-724 таваллуд шудааст. Падари Рӯзбеҳ Ибни Халликон коргузори идораи давлатӣ дар аҳди Уммавиён будааст. Ибни Муқаффаъ дар аввал забону адабиёти паҳлавӣ ва оини зардуштиро аз падараш омӯхта, сипас ба шаҳри Басра омада, забону адабиёти араб ва илмҳои замонаашро ба дараҷаи олӣ фаро гирифта, минбаъд чун олим ва устоди бузург эътироф гаштааст.

Ибни Муқаффаъ чанде ба сифати котиби девони баъзе умарои Бани Умия хидмат намудааст. Баъди ба сари қудрат расидани Аббосиён вай ба даргоҳи Исо ибни Алӣ ва бародари ӯ Сулаймон ҳамчун дабир ба хидмат даромада, дар ҳамин давраҳо дини исломро қабул кардааст. Вале ӯ ҳам зоҳирану ҳам ботинан суннатҳои ниёгонро парастиш мекард, таълимоти гузаштагон, аз ҷумла оини монавияро дар осораш ситоиш намудааст. Ва ниҳоят душманон ӯро дар куфру бидъат гунаҳкор намуда, дар синни 36 солагиаш ба қатл расонидаанд. [3,103]

Ибни Муқаффаъ сарфи назар аз умри кӯтоҳ, фаъолияти эҷодию илмии кӯтоҳмуддат, вале самаранок аз худ мероси бою гаронбаҳо гузоштааст. Ӯ ҳамчун донанда, вориси шоистаи илму фарҳанги қадим ва бойи ниёгон, фидоии миллат, зарурати ҳифзу инкишоф ва интишори онро хуб медонист. Бинобар ин мутафаккир он мероси пурқиммати ниёгонро доир ба дин, таърих чун гавҳараки чашм ҳифз карда, аз ҷумла китобҳои “Худойнома”, “Сайр-ул-мулук”, “Оиннома”, “Китоб-ут-тоҷ”, “Маздакнома”, “Гоҳнома” ва ғайраро аз паҳлавӣ ба арабӣ, ки ҳамчун забони расмӣ ва давлатӣ эътироф шуда буд, тарҷума менамояд. Ибни Муқаффаъ чун ҳаким ва адиби тавоно, илму ҳикмат, дину фалсафаи ниёгонро фаро гирифта, баробари ин аз ҳикмати Ҳинди қадим ва илму фарҳанги оламшумули Юнони антиқа огоҳии хуб дошт. Мутафаккир асари Порфирий “Исоғуҷӣ”, китобҳои оид ба мантиқи Арасту “Катиғуриус” (Мақулот), “Бори арминос” (Китоб-ул-ибора) ва Анолутиқо (Қиёс) -ро аз забони паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума намудааст.

Ибни Муқаффаъ дар як замони бисёр мураккаби таърихӣ умр ба сар бурдааст. Арабҳо баъди истилои давлати Сосониён барои аз миён бурдани забон, дин, осори хаттии онҳо рӯ оварданд. Хилофат иҷборан забони арабӣ ва дини исломро ҷорӣ менамуд. Вале хилофат ба муқовимати сахти аҳдодонамон, ки барои ҳифзи кишвар, тамаддун, фарҳанг ва забони худ сар бардошта буданд, дучор омад. Ба ин исёни Абӯмуслим, шӯриши Сумбоди Муғ, неҳзати Муқаннаъ шаҳодат медиҳанд (2,366-372). Гурӯҳе аз ватандӯстон, қаҳрамонон бо қувваи бозую шамшер баҳри эҳёи истиқлолияти давлату миллат зидди истилогарон мубориза мебурданд. Гурӯҳи дигаре бо нерӯи зеҳну тафаккур ва каломи буррову тавоно барои ҳифзу бақои тамаддун, фарҳанги миллӣ ҷаҳду ҷадал ва ҷонфидоӣ намудаанд [ба тафсил нигаред 5].

Ибни Муқаффаъ баробари ҳифзи фарҳанги бисёрҳазорсолаи ниёгон осори зиёди асилу гаронбаҳоро доир ба фалсафа, ахлоқ, сиёсат, адабиёт низ мерос гузоштааст, ки инҳо “Одоб-ус-сағир”, “Одоб-ул-кабир”, “Рисолат-ус-саҳоба”, “Ал-адабул-вақиз ли-л-валадус-сағир”, “Калила ва Димна” ва ғайраанд.

Бесабаб нест, ки дар ҳикмат, афкори ҷамъиятии ниёгон маърифату дониш, одобу ахлоқ, руҳонияту маънавият, тарбияи инсони комил аз мавзуъҳои марказӣ маҳсуб меёфт. Дар масири мавҷудият ва тараққиёти таърихии тамаддуни ориёӣ аҳли зиё китобҳои пурқиммати зиёдеро доир ба мавзӯъи мавсуф эҷод кардаанд, ки аз ҷумлаи онҳо осор ва ақидаҳои иҷтимоию ахлоқии Ибни Муқаффаъ маҳсуб меёбанд.

Таълимоти Ибни Муқаффаъ роҷеъ ба ҳикмати амалӣ хеле ҷолиб аст. Ӯ дар асараш “Одоб-ус-сағир” мавзуъҳои хулқу одоби фардӣ ва ахлоқи иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Мусаллам аст, ки одобу ахлоқ бунёди маънавии инсон ва ҷомеаро ташкил менамояд. Инсон ва ҷомеа ҳамеша ниёзманди тарбияи маънавӣ ва таҳзиби ахлоқ мебошанд.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки бақои инсоният ва ҳастии ҷамъият аз муҳити солими маънавӣ ва ахлоқи ҳамида бевосита алоқаманд аст. Бинобар ин мутафаккир қонуну қоидаҳои ахлоқ ва шарту дастурҳои одоби муоширатро, ки барои кулли одамон, оммаи васеи мардум зарур аст, таҳлилу таҳқиқ кардааст. Мақсади эҷоди китоби мавсуфро Ибни Муқаффаъ чунин зикр менамояд. “Ман дар ин китоб гуфтаҳоро аз мардум ҳарф ба ҳарф гузоштаам, ки онҳо ба ободониву сайқали дилҳо, равшании дидаҳо, ривоҷи андешаҳо, ҷустани тадбирҳо мусоидат мекунанд, ба умури писандида ва ахлоқи сутуда роҳнамоӣ мекунанд. [4,37].

Ҳар як фард хоҳони он аст, ки дар зиндагӣ пирӯзу саодатманд бошад. Барои расидан ба онҳо, ба ақидаи Ибни Муқаффаъ, ба ҳар кас ақли солим ва хулқи писандида лозим аст. Инсон мавҷуди ниҳоят мураккаб буда, ҳамеша ниёзманди тарбияи маънавӣ, таҳзиби ахлоқ мебошад. Дар ниҳоди одам қувваҳои мухталиф: қувваи нотиқа-ақлонӣ, қувваи ғазабонӣ ва қувваи шаҳвонӣ нуҳуфтаанд. Шахсро мебояд, ки он қувваҳоро дар тобеияти хирад нигоҳ дорад. Хирад бояд меъёру мизони рафтору кирдори инсон бошад.

Ибни Муқаффаъ таносуб, алоқамандии ақлу одобро таҳлил намуда, таъкид месозад, ки ақлу дониш маҳз ба туфайли ахлоқи ҳамида равнақу ривоҷ ёфта, дар амалия, ҳаёт тадбиқи матлубро ноил мегардад. “Ақлҳо, менигорад мутафаккир, ба воситаи адаб нашъу намо меёбанд ва поку покиза мешаванд” [4,31]. Ақидаи Ибни Муқаффаъ роҷеъ ба алоқамандии ақлу одоб, донишу ахлоқ ҳақиқати маҳз аст, ки дар ҳикмати амалии ниёгон ҷойгоҳи муқаддам дорад. Ин маънӣ дар кулли осори ҳакимон, китобҳои бунёдии “Таҳзиб-ул-ахлоқ”-и Абӯалӣ Мискавайҳ, “Рисолаи ахлоқ”-и Ибни Сино, “Ахлоқи Носирӣ”-и Насируддини Тӯсӣ, “Ахлоқи Ҷалолӣ”-и Ҷалолуддини Давонӣ, дар осори адибони мутафаккир, аз ҷумла Одамушшуаро Рӯдакӣ такрор ба такрор зикр шудааст. Чунончӣ, Рӯдакӣ дар ин бора гуфтааст:

Марди адабро хирад физояду ҳикмат,
Марди хирадро адаб физояду имон.

Ҷалолуддини Румӣ ин маъниро чунин баён кардааст:

Назди арбоби ҳунар мояи имон адаб аст,
Лоҷарам пешаи мардони сухандон адаб аст.

Ибни Сино дар бораи аҳамияти ақлу одоб ва алоқамандии онҳо, ки маҳз ба туфайлашон инсон тавоно ва зеботарин мавҷуди олам мегардад, чунин нигоштааст: “Зиндагии одамӣ ба сабаби ин мазоё беҳтарин ва пурнеъматтарин зиндагонӣ шуда ва кӯшишу саъяш дар саҳнаи зиндагӣ бар тибқи ақлу басират, ки мояи нерӯмандӣ ва тавоноӣ аст сурат гирифта, бо одоби ҳасана ва ахлоқи карима ва малакоти фозила, ки муъҷиби ҷамолу зебоӣ ва асбоби зебу зиннати одамӣ аст, мувофиқу мунтабиқ гардидааст [1,13].

Ибни Муқаффаъ таълим медиҳад, ки шахси хирадманд набояд норасоиро дар ақидату илм ва бепарвоию бемаъулиятиро дар кору бор, зиндагиву рӯзгор ва фаъолияташ роҳ диҳад, зеро хатоҳои калон, гуноҳҳои нобахшиданӣ аз чизҳои майдаву хурд пайдо мегарданд. Инсони оқилро ҳамеша мебояд аз паи камоли маънавӣ, ислоҳу такмили хулқу рафтор, ба даст овардани беҳтарин фазилатҳо аз ибрати шахсони некном бошад. Шахси оқил бояд дар даст ду оина дошта бошад, бо яке норасоиҳои худро дида, онҳоро ислоҳ созад, бо оинаи дигар хубиҳои мардумро дида, аз онҳо ибрат гирад. Ин афкори ҷолиби Ибни Муқаффаъ роҷеъ ба ибрату ислоҳи хулқу одоб ақидаҳои Ибни Синоро оид ба муқоиса дар ахлоқ, ки дар рисолаи “Тадбири манзил” баён кардааст, ба хотир меорад. Шайхурраис дар асари мавсуф менигорад, ки “касе, ки мехоҳад дар ахлоқу одоти худ тасарруф ва ислоҳ бикунад, бояд аз ахлоқу сифоту одоти мардум огоҳ шуда, онҳоро бо ахлоқу сифоту одоти худ муқоиса бинамояд. Ва бидонад, ки ӯ ҳам монанди дигарон аст, афроди башар мисли ӯ шабеҳи ҳамдигаранд. Агар дид, ахлоқу сифоти хубе дар онҳо ҳаст, бояд бидонад, ки дар ӯ ҳама монанди онҳо ҳаст, ошкор аст ва ё ниҳон. Агар зоҳир аст, бояд муроқибу мавоҷиби онҳо бошад то маҳву нобуд нагардад ва агар пинҳон аст бояд онҳоро ба ҳаяҷон даровард, зинда бикунад ва дар ин кор саҳлангориро ба худ роҳ надиҳад [1,19-20].

Ибни Муқаффаъ панд медиҳад, ки шахси оқил бояд худро аз муҳити носолим дур созад ва зиндагии шоиставу солим ва бонизомро пеш гирад. Бо одамони боақлу тамиз, хушхулқу боадаб ҳамнишин бошад, бо маслиҳату мадади дӯстону устодон камбудиҳояшро ислоҳ намояд. Барои он, ки умр бар абас наравад, шахс бояд оқилона аз рӯи реҷаи муайян амал намояд, кору рафторашро зери назорат гирад. Вақти муайянро барои тоату ибодат; муддатеро барои дидор бо дӯстон; соатеро барои истироҳат ва хушиву машғулиятҳои писандида ва монанди инҳо сарф кунад.

Дар таърихи афкори ахлоқии ниёгон оини ҷавонмардӣ хеле қадим ва пурғановат буда, мақоми марказӣ дошта, чӣ дар осори таърихиву динӣ ва чӣ адабиву фалсафӣ инъикос шудааст. Таълимоти ҷавонмардӣ, ки муродифаш футувват аст, хоса дар асрҳои миёна равнақу ривоҷ ёфтааст. Ҳакимон ва адибони мутафаккир доир ба ҷавонмардӣ рисолаву маснавӣ ва асарҳои махсуси гаронбаҳо эҷод кардаанд. Аз ҷумлаи онҳо, китоби хеле пурқимату мукаммали ҳаким ва адиби барҷастаи асри 15 Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо номи “Футувватномаи султонӣ” маҳсуб меёбад. [6,8-18]

Ибни Муқаффаъ доир ба симои маънавии шахси ҷавонмард ва мақоми ӯ дар ҷомеа фикрҳои ҷолиб баён кардааст. Ба ақидаи ӯ одами боадаб, ҷавонмард соҳиби обрӯю эътибор буда, мардум ӯро эҳтиром менамоянд, сарфи назар аз мансубияташ ба ин ё он табақа. Касе, ки сарватманд, дар тан сару либоси зебову гаронбаҳо дорад, вале фозилу ҷавонмард, саховатманд нест, вайро мардум намеписанданд, эҳтиром намекунанд. Дар ин бора мутафаккир чунин нигоштааст. “Шахси ҷавонмард, вале нодор мӯҳтарам аст, мисли шери захмин, ки аз он метарсанд, ҳарчанд, ки он аз ҷояш намехезад. Вале шахсе, ки ноҷавонмард аст, молу сарвати зиёд дошта бошад ҳам, мавриди иҳонат

қарор мегирад, монанди саге, ки назди мардум ороста бошад” [1,3,90].

Рисолаи “Одоб-ус-сағир” ғайр аз мавзуъҳои мавсуф дигар масъалаҳои муҳими ахлоқи фардиву иҷтимоӣ, қонуну қоидаҳои рафтору кирдор ва услубу одоби муоширатро фаро мегирад, ки қимати худро то замони мо гум накарда, барои ғановати маънавияти имрӯзиён аҳамияти бебаҳо дорад. Ҳикмати амалии Ибни Муқаффаъ ғайр аз хулқу одоби фардиву иҷтимоӣ мавзуъҳои ахлоқи касбӣ, этикаи сиёсӣ, оини давлатдорӣ ва монанди инҳоро фаро мегирад. Мутафаккир, хоса дар бораи ахлоқи шаҳриёр, хулқу одоб, симои маънавии шоҳ, тарзи давлатдорӣ эътибори махсус додааст. Баробари ин паҳлӯҳои гуногуни қонуну қоидаҳо, шартҳо услубу одоби дарбориён, атрофиёни шаҳриёр, дабирон, надимону вазирон ва дигар мансабдоронро баррасӣ намудааст.

Дар таърихи афкори ҷамъиятии ниёгон роҷеъ ба ахлоқи сиёсӣ, одоби шаҳриёр, оини давлатдорӣ асарҳо, рисолаву дастурҳои зиёде ба назар мерасанд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ зикр шудааст, ки шоҳон пас аз фарҷоми фаъолияташон аз рӯи анъана барои фарзандон, ворисон аз таҷрибаи давлатдориашон рисолаҳои махсус иншо кардаанд. Ба ин андарзномаҳои “Аҳдномаи Ардашер”, “Аҳдномаи Шопур ба писараш Ҳурмуз”, “Аҳдномаи Хусрави Анушервон”, номаҳо доир ба масъалаҳои кишвардорӣ ва одоби салтанат ва монанди инҳо гувоҳӣ медиҳанд [6, 68-104].

Файласуфон, адибони мутафаккир, сиёсатмадорон доир ба ин мавзуъи муҳими ҳамаи давру замон асарҳои гаронбаҳои бисёре аз худ боқӣ гузоштаанд. Ибни Муқаффаъ ин суннати неки аҷдодиро дар асари дигари ахлоқиву сиёсии худ “Одоб-ул-кабир” идома бахшидааст. Мутафаккир рисолаи мавсуфро дар пайравӣ бо андарзномаҳои сиёсии аҳди сосониён, ки суннати қадим доштанд навоварона, тибқи талаботи маънавию фарҳангии замонааш эҷод кардааст. Дар он мутафаккир қонуну қоидаҳои давлатдорӣ, симои маънавӣ, фазилатҳои зарурии шаҳриёр, одоби муошират вай бо тобеон, ҳамчунин этикаи ҳокимон, вазирону дабирон, мансабдорони девон (вазорат) ва монанди инҳоро баррасӣ кардааст. Роҷеъ ба шаҳру рустову ноҳияҳо вуҷуд доштани шахсони донишманд, ботадбиру ботаҷриба, пирони хирад ва истифодаи онҳо дар оини кишвардорӣ андешаҳои муфид баён кардааст.

Ибни Муқаффаъ таълим медиҳад, ки сарвари давлат бояд дар кишвардорӣ ҳамеша ба донишмандон, пирони хирад такя намояд. Дар ҳама давру макон одамони доно, ботадбиру ҷаҳондида ҳастанд. Онҳо барои амир бояд ҳамчун ёвар, дӯсту бародар қарор гиранд. Бо дастгириву ҳидояти онҳо сиёсатро дар қаламрави худ тибқи сулҳу салоҳ ва хайру амният метавон ба роҳ монд.

Ибни Муқаффаъ барои ҳоким як қатор фазилатҳои маънавиро зарур медонад, ки аз ҷумла инҳо мебошанд: ӯ набояд зуд ба хашм ояд, ба дурӯғ, хасисӣ, кина, қасамхӯрӣ ҳаргиз роҳ надиҳад. Мутафаккир таъин менамояд, ки агар дар бораи норасоиҳои мавҷудае, ки кордонҳо, пирони хирад ба сарвари давлат арз кунанд, ӯ бояд бедуни асабонияту хашму ғазаб, балки бо оромиву солорӣ, тамкин онҳоро қабул фармояд. Ӯ нисбати шоҳ шахспарастӣ, мадҳу саноро намепазирад. Мутафаккир таъин менамояд, ки шоҳ, сарвари давлат аз мадҳу ситоиши шахсияти худ парҳез намояд, зеро “шахсе, ки мадҳу ситоишро мепазирад, монанди касе аст, ки худро мадҳ мекунад”. [4, 105].

Мафҳуми ахлоқ дар фарҳанги тоҷик маънии васеъ дошта, танҳо фарогири қонуну қоидаҳои хулқу одоби фардӣ ва иҷтимоӣ нест. Ахлоқ, ки бунёди маънавии ҳастии инсон ва ҷомеа аст, мавзуъҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ низ дар партави рукнҳои ахлоқи ҳамида таҳқиқ шудаанд. Азбаски дар ҷомеа нақши сарвар, шаҳриёр, ҳоким дар амнияту субот, рушду ободии кишвар, некӯаҳволии мардум хеле бузург аст, дар афкори ҷамъиятии ниёгон аз қадим, дар ҳама давру замонҳо идеал, орзуву ормон дар

бораи шоҳи одилу оқил мақоми барҷаста ва маъмулро ишғол мекард. Бесабаб нест, ки дар ин мавзуъ рисолаҳои сершумор ва китобҳои бунёдӣ эҷод шудаанд, ки онҳо маҳз барои маърифати шоҳон нигаронида шудаанд. Аз ҷумлаи онҳо “Одоб-ул-кабир” – и Ибни Муқаффаъ, “Сиёсати мудун”-и Форобӣ, “Шоҳнома” – и Фирдавсӣ, “Насиҳат-ул-мулук”-и Ғазолӣ, “Сиёсатнома”-и Низомулмулк, “Ахлоқи носирӣ”-и Насиридини Тӯсӣ, “Ахлоқи Ҷалолӣ” - и Ҷалолиддини Давонӣ, “Ахлоқи Мӯҳсинӣ”-и Воизи Кошифӣ, “Дастур-ул-мулук”-и Хоҷа Самандари Тирмизӣ, “Рисола дар назми тамаддун ва таовун”-и Аҳмади Дониш маҳсуб меёбанд.

Ҷомеа низоми мураккабест, ки табақаву гурӯҳҳои гуногунро фаро мегирад, ҳар яке аз дигаре аз рӯи мақому мартаба, сатҳи зиндагӣ, касбу кор, феълу атвор ва равон фарқ менамоянд. Нисбат ба ҳар яки онҳо муносибати махсус мебояд. Ибни Муқаффаъ менигорад, ки муносибати якгуна, дастгирӣ нисбат ба кулли аҳли ҷомеа имконнопазир аст. Бинобар ин шоҳ, сарвари давлат бояд аввалан мардуми накӯкору соҳибхирадро дастгирӣ кунад, ризоияти онҳоро ба даст оварад, нисбат ба ситамкорон, гумроҳону шӯрапуштон сиёсати махсусро ба роҳ монад.

Ибни Муқаффаъ таълим медиҳад, ки шаҳриёрро мебояд, ки аз паи ичрои корҳои бузург бошад, ба корҳои хурд саргарм нагардад. Дар ҳолати амалӣ ношудани он шаъну шӯҳрати ӯ паст мешавад. Дигар аз андарзи мутафаккир ба шоҳ ин аст, ки дар подоши некӣ ва сазову ҷазои бадӣ ҳеҷ гоҳ шитоб накунад.

Мутафаккир доир ба хулқу атвор ва одоби муошират дарбориён, тобеъони шаҳриёру ҳокимон таваққуф намуда, ақидаҳои ҷолиб баён намудааст. Мутафаккир зикр менамояд, ки одамони дарбору вазорат бояд амру фармоиши шоҳро бо тамоми ҷиддияту масъулият ичро намоянд, ҳамчунин ба тамаллуқу чоплусӣ ҳаргиз роҳ надиҳанд. Ибни Муқаффаъ ба вазиру дабир ва дигар ходимон тавсияҳои муҳимро пешниҳод кардааст, ки аз ҷумла инҳоянд: дурӣ ҷустан аз ҳокиме, ки хайру салоҳи раъияти худро намехоҳад; зуд-зуд дасти ниёз дароз накардан ба ҳоким; назди ҳоким аз густохиҳо ва баёни костагиҳои ӯ парҳез кардан; дур будан аз шахсе, ки ҳоким ӯро аз худ дур кардааст; парҳез аз дурӯғгӯӣ; ҷавоб надодан ба суоле, ки аз каси дигар пурсида шудааст; кӯшиш накардан ба он, ки ҳамнишинони дигарро бо роҳи бадгӯӣ аз ҳоким дур намуданд; зарурати пӯшида доштани раъю рози ҳоким; зарурати ғарра нашудан ба қудрат, мол, мақом, ҷавонӣ ва монанди инҳо.

Ибни Муқаффаъ ба ахлоқи касбии вазир эътибори калон додааст. Аз назари мутафаккир подшоҳ ҳамеша ба вазири донову ҳаким ва хирадманду маслиҳатгар ниёз дорад. Вазир дар корҳои давлатдорӣ мақоми хеле бузург дошта, рисолати вай пеш аз ҳама дар ислоҳу салоҳи кишвардорӣ аст. Ӯ бояд аз ӯҳдаи боздоштани подшоҳ аз зулму беадолатӣ ва амалҳои носавоб баромада тавонад. Дар манбаъҳо доир ба мавҷудияти рисолаҳои махсус оид ба одоби вазир, дабир, надим ва дигар пешаҳову ихтисосҳо маълумот зикр шудаанд, ки ин аломати назаррас ва шаҳодати рушди афкори ахлоқии ниёгон аст.

Ибни Муқаффаъ дар “Одоб-ул-кабир” фазилати дӯстиро баррасӣ карда, зарурати риояи онро дар ҷомеа таъкид месозад, ки ин бесабаб нест. Зеро бародарию дӯстӣ аз шартҳои муҳимтарини маънавии бақои давлат ва пешравии кишвар аст. Дар таълимоти маъруф ва мунташирии миллӣ – ахлоқи ҷавонмардӣ мавзӯи мавсуф аз рукнҳои муҳимтарин маҳсуб меёбад. Аз назари мутафаккир маҳз тавассути ба роҳ мондани муносибатҳои солим дар ҷомеа, таҳкими робитаҳои дӯстиву бародарӣ дар кулли табақаҳои ҷамъиятӣ, хоса дар байни аҳли дарбор наздикон ва атрофиёни шоҳ, сипоҳиён бақои салтанат, ваҳдату амнияти ҷомеа имконпазир аст.

Ба ақидаи Ибни Муқаффаъ дӯст бояд бо рафиқу наздиконаш аз рӯи меъёри ҷавонмардӣ муносибат намояд. Дар ҳолати тангдастӣ, мушкилоте, ки ба

сари дӯст меояд ӯ албатта дасти ёрӣ дароз мекунад, барояшон на танҳо молу чиз, балки ҷонашро, вуҷудашро дареғ намедорад. Аз назари Ибни Муқаффаъ дӯст бояд дур аз риё, нодонӣ, дурӯғ, шарру зишткорӣ бошад. Мутафаккир мартабаи дӯстро арзёбӣ карда, бо ӯ оқилонаву ҷавонмардона муносибат кардан, гиромӣ доштанро талқин менамояд, дӯстонро ҳамчунин боиси обрӯю мақоми шахс меҳисобад. Дар ин бора Ибни Муқаффаъ чунин нигоштааст: “Дӯсту рафиқ ғуломи ту нест, ки ҳар вақт хости ӯро озод кунӣ ё ҳамсарат нест, ки ҳар гоҳ ирода кардӣ, ӯро талоқ диҳӣ, балки дӯст ба манзалаи обрӯ ва ҷавонмардии туст ва ҷавонмардӣ ва обрӯи шахсе ҳамоно дӯстон ва рафиқони ӯянд”[4, 150].

Дар афкори ахлоқии асри 8-9 рисолаҳое ба назар мерасанд, ки онҳо дар шакли насиҳати падар ба писар эҷод шудаанд. Ибни Муқаффаъ рисолаи “Адабул-ваҷиз лил-валадас-сағир”-ро тибқи анъанаи мавсуф эҷод кардааст. Ҳар як боби он ба суханҳои “Эй писар” оғоз ёфта, мавзуъҳои муҳими тарбиявию маънавиро фаро мегирад. Ин суннат дар замонҳои минбаъда низ идома ёфтааст, ки мисоли он “Қобуснома”-и Унсурулмаоли Кайковус, “Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва монанди инҳо мебошанд. Ҳикмати амалии Ибни Муқаффаъ ҳамзамон мавзуъҳои сиёсиву иҷтимоиро фаро мегирад. Мутафаккир баробари баррасии симои маънавӣ, хулқу атвори писандидаи шоҳон, ҳамчунин тарз, роҳу равиши кишвардориро низ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Ин падида тасодуфӣ набуда, ниёгонамон аз замонҳои қадим дар сиёсату давлатдорӣ донишу таҷрибаҳои фаровон андӯхта доир ба мавзуъи мавсуф мероси бойро боқӣ гузоштаанд.

Ибни Муқаффаъ ақидаҳои сиёсии худро хоса дар асараш “Рисолатус-саҳоба” баён намудааст. Мусаллам аст, ки дар сиёсату таҳкими давлат ва бехатарии кишвар нақши сипоҳ, лашкариён хеле бузург аст. Бинобар ин мутафаккир роҷеъ ба вазъи сипоҳ, дуруст ба роҳ мондани таълиму машқҳои сипоҳиён, фароҳам овардани шароити мусоиди зист, дар мӯҳлатҳои муайян додани маош, таъмини сипоҳ бо тамоми лавозимоту воситаҳои ҳарбӣ, муҳити солими маънавӣ дар он, тоату иффат ва худдорӣ аз саркашиву фасод, итоати комил ба саркори давлат, зарурати ваҳдату якдилӣ дар сипоҳ ва монанди инҳо ақида баён кардааст.

Баробари ин Ибни Муқаффаъ як нуқтаи муҳимро дар бобати худдорӣ аз қувваи сипоҳиён дар сиёсати дохилӣ таъкид менамояд. Аз назари мутафаккир дар ҷамъ кардани андозу хироҷ аз мардум набояд сипоҳиёнро истифода бурд, зеро ин метавонад боиси сӯистифода аз қувва гардад. Мусаллам аст, ки бунёду ҳастии давлату ҷомеаро халқ, мардум ташкил менамояд. Бо назардошти ин ҳақиқати воқеӣ мутафаккири бузург муносибати хайрхоҳонаи саркори кишварро бо мардум заруру воҷиб медонад. Ӯ дар идораи давлат, таъмини сулҳу амният, ободии кишвар аз донишу таҷрибаи шахсони хирадманди аҳли марказҳои фарҳангӣ, шаҳрҳои бузурги замон истифода намуданро тавсия медиҳад.

Нақши адолати иҷтимоӣ, риояи он дар суботу рушди ҷомеа бағоят муҳим, ҳалкунанда аст. Барои таъмини адлу инсоф, таҳкими устувории давлат, ба ақидаи Ибни Муқаффаъ қонуни умумӣ зарур аст, ки он дар тамоми қаламрави кишвар чи шаҳрҳову ноҳия ва рустоҳо бояд амал намояд. Ибни Муқаффаъ роҷеъ ба дарбориён, атрофиёни шоҳ, ҳокимону мансабдорон менигорад, ки шоҳ дар интихоби онҳо бо тамоми ҷиддият муносибат дошта бошад. Онҳо бояд донову кордон, дорои фазалиятҳои писандидаи маънавӣ, амонатдор, адолатхоҳ, хирадманд, аз табақаи асилзодагон бошанд. Зеро онҳо зиннати маҷлиси ӯ, тақвиятдиҳандагони обрӯву иззаташ маҳсуб меёбанд.

Мусаллам аст, ки бунёди маънавии ҷомеаро маърифату дониш, ахлоқи ҳамида, хайру адолат, накӯкории мардум ташкил менамояд. Баҳри таъмини ин шарту шароити муҳимтарин, ҳаёти солими маънавии иҷтимоӣ Ибни Муқаффаъ

истифодаи аҳли илму адабро тавсия медиҳад. Ӯ таъин менамояд, ки дар ҳар шаҳру ноҳия аз ҳисоби “аҳли фиқҳу суннат ва одобу насиҳат” шахсонеро сафарбар бояд кард, ки вазифаи онҳо далолати мардум ба роҳи хайр аз тариқи панду андарз, фаҳмонидани саҳву хато ва пешгири бидъату фасод дар ҷомеа мебошад [4, 225-226]. Ҳакими бузург баҳри пешгирии ҷиноят, фитнаву фасод, таъмини осудагиву суботи ҷомеа зарурати пешгирии роҳи зулму ситамро, хоса дар андозситонӣ, суботи онро дар пояи адлу инсоф талқин намудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки на танҳо афкори ахлоқии Ибни Муқаффаъ фарогири паҳлӯҳои гуногуни хулқу одоб ва муошарати писандида аст, ақидаҳои сиёсиву иҷтимоии ӯ низ пурмӯҳтаво ва ҷолиб буда, ниёзманди таҳқиқоти махсусанд.

Дигар аз саҳми барҷастаи Ибни Муқаффаъ дар тарҷима ва такмили китоби оламшумули “Калила ва Димна” аст, ки афкори фалсафӣ, ахлоқию иҷтимоии тоҷику форс ҷойгоҳи намоён дорад. Асоси ибтидоии ин асарро маҷмӯи ҳикоёти панду ахлоқии тамаддуни Ҳинди қадим ташкил менамояд, ки онро дар замони ҳукмронии Хусрави Анӯшервони Сосонӣ вазири ӯ Барзавейҳи ҳаким аз Ҳиндустон ба Эрон оварда, аз забони санскрит ба паҳлавӣ тарҷума кардааст. Ибни Муқаффаъ асари мавсуфро аз паҳлавӣ ба забони арабӣ бо таҳриру такмил ва иловаҳо аз осори фалсафию ахлоқии ниёгон баргардон намудааст.

“Калила ва Димна” асари нодири фалсафию ахлоқӣ ва адабиест, ки дар он ҳикмати ҷовидонаи тамаддунҳои бостон ва пурғановати форсу тоҷик ва Ҳинд омезиш ёфта, таҷассум гардидаанд. Азбаски китоби мавсуф мазмуни пурмӯҳтаво ва баланди фалсафӣ ва иҷтимоию маънавӣ дошт, ба афкори ҷамъиятии он замон ва даврaҳои минбаъда таъсири зиёд гузоштааст.

Калила ва Димна мавзуъву масъалаҳои муҳими азаливу ҷовидонӣ, ба монанди некиву бадӣ ва пирӯзии некӣ, вобастагии ахлоқу дониш, илму амал, фазилатҳои ҳикмату шуҷоат, иффату адолат, ростиву ҳақиқат, дӯстиву бародарӣ, иттифоқу ваҳдат, сулҳу амният, инсондӯстиву одамият, парастиши зебоӣ, оини давлатдорӣ, фазилатҳои шоҳ, одоби муошират ва монанди инҳоро фаро гирифтааст. Ҳамасрони Ибни Муқаффаъ ва ҳакимони қарнҳои минбаъда ба он пайравӣ карда, асарҳо эҷод кардаанд. Ҳамзамон, “Калила ва Димна” бо назардошти шароитҳои нави таърихию фарҳангӣ дар ҳар давру замон таҳрири тоза касб намуда, такмилу тараққӣ дода шудааст. Асар аз ҷониби ҳатто, шоирон низ ҳам бо забони арабӣ ва ҳам ба тоҷикӣ ба риштаи назм кашида шудааст. Аз ҷумла, Одамушшуаро Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ низ онро ба забони назм баён кардааст. Комилтарин таҳриру такмили “Калила ва Димна” “Анвори суҳайлӣ”- и мутафаккири асри 15 Ҳусайн Воизи Кошифӣ мебошад, ки дар он комёбиҳои чандасраи афкори ахлоқӣ ва адабии тоҷику форс истифода ва таҷассум ёфтаанд.

“Калила ва Димна” асарест, ки беҳтарин суннат ва арзишҳои маънавию фарҳангӣ ва ҳаётиву иҷтимоии на танҳо миллӣ ҳамчунин умумибашариро фаро гирифта, аҳамияти калони маърифатӣ ва тарбиявӣ касб намудааст. Аз ин рӯ он аҳамияти ҷаҳонӣ низ пайдо карда, ба бисёр забонҳои халқҳои олам: суриёнӣ, арабӣ, туркӣ, юнонӣ, лотинӣ, испанӣ, итолиёвӣ, фаронсавӣ, англисӣ, олмонӣ, ӯзбекӣ, ҳолландӣ, даниягӣ ва ғайра тарҷума шудааст, ки матни “Калила ва Димна”- и Ибни Муқаффаъ асоси онҳоро ташкил менамояд.

Хулоса, таҳлили осор, таълимоти Ибни Муқаффаъ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ ҳамчун ватандӯсти шӯълавар, фарзанди фарзона, фидоии ҳаракати шуубия дар аҳди хилофати араб, замони мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ суннатҳои бостонӣ, илму фарҳанги бои ниёгонро ҳифз намуда, барои таъмини меросият ва бақои фарҳанги миллӣ саҳми арзанда гузоштааст. Мутаффакири бузург, хоса дар эҳё ва инкишофи афкори фалсафию ахлоқӣ ва адабии форсу тоҷик дар асрҳои 8 - 9 саҳми намоён гузошта,

рушди онро дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ мусоидат карда, ҳикмату адабиёти пирӯзгаронаи ниёгонро бақои ҷовидонӣ бахшидааст.

Адабиёт

1. Абӯалӣ ибни Сино. Тадбири манзил. // Осори мунтахаб. Ҷилди 2, Душанбе. “Ирфон”. 1980

2. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон. Душанбе. “Нашриёти муосир”. 2020

3. Ибни Муқаффаъ. Одоб - ус - сағир, Одоб - ул – кабир, Рисолат – ул – саҳоб. Бейрут, 226 саҳ.

4. Изведать дороги и пути праведных. Пехлевейские назидательные тексты. Введение, транскрипция текстов, перевод, комментарий, глоссарий и указатели О.М. Чумаковой. Москва. “Наука” 1991.

5. Комил Бекзода. Шуубия: диссиденты средневекового ислама. Душанбе. “Дониш” 2017.

6. Мирбобоев М. Ахлоқи ҷавонмардии ниёгон. Хуҷанд. 2021

7. Низомиддин Зоҳидов. Насри арабизабони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои 8 – 9. Хуҷанд. “Нури маърифат” 2004

ЭТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ ИБН МУКАФФЫ

Мирбобоев М.К.

Настоящая статья посвящена этическим воззрениям Ибн Мукаффы – выдающегося арабоязычного персидско – таджикского философа и литератора VIII – IX веков, где рассматриваются взгляды мыслителя о приоритете нравственности, о социальной и индивидуальной морали, политической этике, об учении джавонмарди (рыцарство). В статье также отмечается большой вклад и историческая роль мыслителя в развитии и преемственности древней и богатой персидско – таджикской культуры.

***Ключевые* слова:** *Ибн Мукаффаъ, нравственность, духовность, совершенный человек, социальная мораль, индивидуальная мораль, политическая этика, шуубия, учение джавонмарди (рыцарство), патриотизм, преемственность.*

ON THE ETHICAL VIEWS OF IBN MUQAFFA

Mirboboev M.K.

The article of M.K. Mirboboev “On the ethical views of Ibn Muqaffa” is devoted to the ethical views of Ibn Muqaffa, an outstanding Arabic-speaking Persian-Tajik philosopher and writer of the VIII – IX centuries, and examines the thinker’s views on the priority of morality, social and individual morality, political ethics, study of javonmardi (chivalry). The article also notes the great contribution and historical role of the thinker in the development and continuity of the ancient and rich Persian-Tajik culture.

Key words: *Ibn Muqaffa, morality, spirituality, a perfect person, social morality, individual morality, political ethics, shuubiya, jawonmardi teachings, patriotism, continuity.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ШИНОХТИ ИКТИСОБИИ МАҚУЛАИ ҲАД ВА МОҲИЯТИ МАНТИҚИИ ОН АЗ РӮИ КИТОБИ «АСОС-УЛ-ИҚТИБОС»-И НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

Сулаймонов Б. С. – н. и. фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
E-mail: osaf2020@mail.ru;
Тел.: (+992) 938384345

Муаллиф дар мақолаи худ кӯшиш кардааст, ки мақулаи ҳад, маҳдуд ва моҳияти мантиқии онро аз рӯи китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тӯсӣ баррасӣ намуда, ҷавҳари зотӣ ва аразии онро бо далелҳои аслӣ бо такя ба андешаҳои ин мутафаккир асоснок намояд. Ҳад, ки мавзуи мураккаби мантиқ ба ҳисоб меравад, бевосита дар заминаи исмҳое ба вуҷуд меояд, ки дар ҷавҳари худ ҳастии исмро инъикос карда тавонанд. Ҳар он чизе ки аз ин андоза берун қарор мегирад ҳад номида намешавад.

Дар навбати дигар, ҳадро олати баррасикунандаи масоили бурҳонӣ гуфтан мумкин аст. Ҳар як ҳад дар таҳқиқоти илмӣ бо бурҳон муштарак аст. Агар ин бурҳон аз рӯи мазмун ба ҳад муносиб ва мувофиқ бошад. Инро ба инобат гирифта, хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳадду бурҳон дар бештари ҳолатҳо дар як радифанд ва ҳар ҷузъи онҳо дар навбати худ метавонад бо ҳам муштарак бошанд ва ё баръакс.

Муаллиф ҳамчунин, шартҳои таркбии ҳадро дар мақола матраҳ намуда, нахуст ҳастии ҷинсро асос дониста, дар навбати дигар ҷойгоҳи маҳдудотро бо мисоловариҳо ошкор намудааст. Ҳамчунин, ӯ муносибат ва мушоракати ҷинсу фасл, фаслу фасл ва фаслу ҷинсро дар нуҳ қисмат зикр намуда, мавқеи онҳоро муайян кардааст.

Хулоса, ба андешаи муаллиф асоси ҳадро эҳсосот ташкил дода, ҳамзамон, гуфтан мумкинааст, ки ҷузъҳои бурҳону ҳад бо ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд.

Калидвожаҳо: *Ҳад, маҳдуд, ҷинс, навъ, фасл, араз, эҳсос, бурҳон, ҷавҳар, қазия, қиёс, Насируддини Тӯсӣ, «Асос-ул-иқтибос».*

Дар илми мантиқ ҳад гуфта, мафҳуме дар назар дошта мешавад, ки дар зоти худ маънои хосро ифода кунад. Чунин мафҳумҳоро вобаста ба тақозои матлаби дарназардошта метавон ба ду қисм ҷудо кард: Якум, ҳадди том, ки фарогири маҷмуи зотиёт аст. Дуюм, ҳадди ноқис, ки баъзе зотиёт ва аразиёт (шаклҳо)-ро дарбар мегирад. Ҳангоме ки муҳаққиқон асли мафҳуми ҳадро дарк намуданд, кӯшиш карданд, ки муносибату мушоракати онро бо дигар мақулаҳои мантиқӣ муайян кунанд. Дар натиҷаи пажуҳиш маълум гардид, ки ҳадҳо на иҷмолӣ, балки тафсилӣ мебошанд. Мутафаккири ақлгаро – Насируддини Тӯсӣ, чунин мепиндорад, ки ҳар он чизе ки ба исм далолат кунад, онро ҳад гӯянд: «Ҳар қавли муаллаф ба ҳар қасидаву китоб, ки онро исме бувад, он мусаммои ҳадди он исм бошад. Ва маълум аст, ки ҳад бар ин минвол ҳам эътибор накардаанд. Пас, мафҳуми ҳад ба ҳасби истилоҳи аҳли илм аз ин тафсир омтар аст ба ваҷҳе ва хостар ба ваҷҳи дигар» [12, 417].

Ҳадде, ки мо дар назар дорем, он вобастагӣ дорад ва вобастагии он ба андозаи қудрати исм аст, на аз он бештар. Агар аз ин бештар чизе ба вукуъ омад, он на ҳад, балки он мафҳумест дар тасаввур, дорои мазмун, вале дар шакл холӣ. Вақте ки маҳфумро ҳамчун ҳад аз рӯи қоидаҳои илми мантиқ дар ҳамин шакл фаҳмида, қабул карда метавонем, гиреҳҳои аслии матолиб барои мо

кушода мешавад. Дар акси ҳол, кӯшишҳои мо бенатиҷа хоҳанд буд. Чизи дигаре, ки моро аз шинохти ҳад дур мекунад ин аст, ки гоҳо мо на ба асли матлаб, балки ба зоҳири он назар мекунем ва дар баъзе ҳолатҳои дигар, мафҳумеро, ки барои мо маълум ва ба дигарон номаълуманд, истифода намуда, иштибоҳи маъноиро ба вуҷуд меорем, ки дар натиҷа ҳар ду дар ин соҳа хатоӣ дониста мешаванд.

Устодулбашар – Насируддини Тӯсӣ, дар китоби мондагори худ «Асос-ул-иқтибос», оид ба ҳад ва таснифи мавзуии он масъалагузорӣ намуда, мегӯяд: «Ва ҳадде дигар ҳаст ба ҳасби зот маҳдуд ва он ҷуз маҳдудеро набувад, ки ӯро зотеву моҳияте мавҷуд бувад. Ва чун аъёни мавҷудот мухталифанд: баъзе бадеҳию-т-тасаввур аст ва баъзе ғайри бадеҳию-т-тасаввур ва аз ғайри бадеҳӣ баъзе возеҳ ба қувват ва баъзе мутасаввир ба ҳақиқат ва баъзе ба ҳасби илалу асбоб ва баъзе ба ҳасби маълулоту осор ва баъзе ба ҳасби аворизу лавоҳиқи дигар» [12, 418].

Вобаста ба ин гуфтор ҳар он чизе ҳад дониста мешавад, ки дар ҷавҳари худ зотеро доро бошад, ки ҳамин зот ифодакунандаи исм бошад. Агар чунин аст, пас, дар он зот мутобиқат бавуҷуд меояд, вале бо таъкид гуфтан мумкин аст, он ҳукм ҳеҷ гоҳ раванд қабул намекунад.

Мавзуъҳои мураккабе, ки шаклҳои зотиро ифода мекунанд, бурҳон номида мешаванд. Ин мавзуъҳо ҳангоми баррасии ин ё он масъала ҳадди авсат, ҳадди акбар ва ҳадди асғарро дар вуҷуди худ нигоҳ медоранд. Дар сурати татбиқи амалии ин шакли мантиқӣ ифодаи лимият ва инният мушоҳида мешавад, ки ин ҳолатро нахуст амали муштараки ин ду мақулаи мантиқӣ донем, дар навбати дигар, ҳадро олати баррасикунандаи масоили бурҳонӣ гуфтан мумкин аст. Ҳамчунин, метавон қайд намуд, ки нафъи бурҳон дар иктисоби ҳад дар ин мавзеъ зоҳир мегардад. Аммо, муҳимтар аз ҳама, бояд маълум бошад, ки ин мушорикати онҳо дар шакли ом нест. Зеро ҳар ҳадде дар таҳқиқоти илмӣ бар бурҳон муштарак аст, агар он бурҳон аз рӯи мазмун бар ҳад муносиб ва мувофиқ бошад. Аз рӯи таълимоти мантиқӣ муҳим нест, ки ҳар ҳад бо бурҳон пайваст бошад. Агар аз рӯи лафз онҳо бо ҳам оянд, мумкин аст, ки на салб, балки иҷобӣ бошанд.

Бо дарки андешаҳои боло маълум кардан мумкин аст, ки ҳадду бурҳон дар бештари ҳолатҳо дар як радифанд ва ҳар ҷузъи онҳо метавонад бо ҳам муштарак бошанд ва ё баръакс.

Чунонки дар ҳолати алоҳидагӣ ҳад вазифа, қоида ва усули худро дорад ва гоҳо мавзуоти он дар шакли муштарак бо бурҳон матраҳ мешаванд. Дар илми мантиқ ин ҳолат тақозо мекунад, ки мафҳумҳо аз рӯи фаслҳояшон тақсиму тасниф гардида, таҳлил шаванд. Ин масъала аз назари Тӯсӣ дур намонда, ӯ асли фасл ва фаслсозиро чунин таъриф кардааст: «Ва фусулро авсофу шароит бисёр шумардаанд, аммо аксари он шароит муштарак аст миёни фусул ва баъзе хавосу аърози зотӣ. Ва он чи аз он ҷумла муқаввими фасл аст, ки фасл ба риояти он шарт фасл бошад, як шарт аст. Ва он чи муқтазои камоли фасл аст, ки фасл ба риояти он шарт қариб бошад як шарти дигар. Ва дигар шароит ҳарчанд лавозими фасл бошанд, аммо риояти ин ду шарт аз он ҷумла муғаннӣ бувад. Ва иқтисор бар он шароит бе риояти ин ду шарт кофӣ набувад…» [12, 429].

Аз рӯи қоидаҳои ҳад шарти аввали он аз ду шарт таркиб ёфта, якумин (ҳад) ба воситаи ҷинс ифода меёбад. Он чизе ки ба ҷинс пайваст аст, маҳсули гуногунранги ҷинс маҳсуб мешавад. Бо дарки чунин қоидаи мантиқӣ муайян кардан мумкин аст, ки фасл иборат аст аз ҷинс ва пайвастшавандаи он (маҳдуд). Дуюм, он чизе ки фасли қарибро аз дигар фаслҳо афзалтар нишон медиҳад, он аст, ки пайвандии он ҷинсро на ба сабаби амри ғайри зоти ҷинс аст ва ё пайвандии дигаре аст, ки омтар аз ҷинс ва ғайра бошад. Дар баъзе ҳолатҳо дар ин самт ба сабаби фасли ҷинс баробарӣ мушоҳида мешавад, ки он ба шаклҳои пайвастшаванда мутааллиқ аст.

Мусаллам аст, ки баъд аз қабул кардани ин ду шарт, дигар мафҳумҳо, тавсифи шароити онҳо хеле муҳим буда, мантиқшиносон дар ин замина фаслҳоро таҳлил намуда, муносибат ва мушоракатро миёни фаслу ғайри фасл ба роҳ мондаанд. Метавон баъзе аз он авсоферо, ки марбути ҳад мебошанд, бо чунин зайл ном бурд:

Якум, ҳар он чизе ки дар заминаи ҷинс тақсим шавад. Дуюм, бояд донист, ки аслу табиати фасл аз ҷинс фарқ мекунад ва ҷинс бартарият дорад, зеро ҳама унсурҳо марбути он мебошанд. Сеюм, фаслро бояд сабаби ҳастии ҷинс донист. Чаҳорум, баъзе пайвастшавиҳо ба ҷинс на ба сабаби амре аст, балки ба сабаби шаклҳои зотӣ аст. Панҷум, ҳар он чизе ки тақсими он зарур бошад, то сукут ва ҳаракат ошкор гардад. Шашум, он чизест, ки сабаби тақсимнашавандагӣ гардад ва пайвастшавии он ба ҷинс монеъ бошад. Ҳафтум, он чизе ки қобили шиддату заъф набошад. Ҳаштум, фасл бояд даврзананда бошад. Нуҳум, ҳеҷ гоҳ дар як ҳолат ду фасл матраҳ нагардад ва ғайра.

Сабаби кам будан ё набудани номҳо ва ё камфаҳмии фаслҳо аз фасле ба ҳолати абстрактии он вобастагӣ дорад. Он чизеро ки дар ғояти вуҷуд лозим надонем, ҳеҷ гоҳ мусовӣ гуфта наметавонем. Зеро донишмандон инро напазируфта, мавзуи баррасишавандаро як самти фарогир қабул карда, аз ду мавқеъ онро натиҷагирӣ менамоянд. Ҳамин гуна аст тавсифи таҳлили равандҳои муштарак ва мутаноқизи гуфтор дар бораи фаслҳо, ки дар таҳқиқоти Тӯсӣ оварда шудааст.

Насируддини Тӯсӣ ин масъаларо дар асараш – «Асос-улиқтибос», таҳлилҳи муфассал намуда, қайд мекунад, ки агар фаслро тамом кардан хоҳем, он тамомшавӣ бояд бо саволи «Фусул аз маҳмулот омтаранд ё онҳо ба маҳмулот тобеанд?» хотима ёбад. Ӯ дар посухи саволи худ чунин мегӯяд: «Агар аз маҳмулот аам (ом) бувад, аҷноси олия бувад ва агар дохил бувад дар он, пас, тамизу тахсиси фасл аз ҷинси мутлақ ба фасле дигар бувад. Ва тасалсул лозим ояд. Ва ҳалли ин ишкол он аст, ки фусул агар аз маҳмулот аам бувад, лозим набувад, ки аҷноси олия бувад, чи аърози зотии аҷноси олия ҳама маҳмулоти аам бошанд. Ва умури он монанди вуҷуду вуҷубу ваҳдат, ҳамчунин, ҷинси олӣ агарчи фасли худ натвонад бувад, аммо мабдаи ҷинсе дигар тавонад буд. Ва агар дохил бувад дар аҷноси олия ҳам лозим набувад, ки имтиёзаш ба фасли дигар бувад, чи имтиёз ба фасле хос аст ба навъ, ки аз ҷинс мумтоз ба фасл шавад. Аммо имтиёзи навъ аз фасл ба ҷинс бувад ва имтиёзи фасл аз ҷинс ба зот. Ва ҳамчунин имтиёзи авориз аз маърузот. Пас ҳар чи дохил набувад дар ҷинс духули навъе дар имтиёз ба фасле муҳтоҷ набувад ва ғайра» [12, 433].

Ҳаногоме ки ҳад мегӯем, дар он маъноҳои тасаввуршаванда ба содаи зеҳнию ғайризеҳнӣ ҷудо мешаванд. Ҳадҳои содаи зеҳнӣ танҳо аз ҷинсу фасл иборат мебошанд. Аммо чун анъанаи арастуӣ ҳадҳои содаи ғайризеҳнӣ (хориҷӣ) ба ақлу нафс мутааллиқ мешаванд. Ин масъалаи мантиқӣ аз асосгузори илми мантиқ – Арасту, то Форобию Ибни Сино дар ҳолати ташаккулёбӣ қарор дошта, нахуст Насируддини Тӯсӣ онро аз ҳолати содагӣ бо масъалагузориҳо ба ҳолати мураккаб талқин намуд, ки шинохти матлаб барои пажуҳишгарони баъдӣ хеле осон шуд. Ӯ ҳадҳои содаи зеҳнӣ ва ғайризеҳниро ба ҳадҳои мураккаби зеҳнӣ ва ғайризеҳнӣ ҷудо намуда, таркиби аввалӣ (ҳадҳои мураккаби зеҳнӣ)-ро аз ҷинсу фасл ва моҳияти навъӣ иборат медонад, дуюминро ба се қисмат ҷудо карда, мегӯяд: а) он ки ҳеҷ ҷузвро аз аҷзои ӯ ба инфирод қивоме набувад, бал қивоми аҷзоъ ба якдигар бувад, монанди моддаву сурат дар ҷисм; б) он ки ҳар ҷузверо ба инфирод қивоме бувад, монанди сиркаву ангубин дар сикангубин; в) он ки як ҷузвро ба инфирод қивоме буваду дигар ҷузвро қивоме ба он ҷузъ бувад, монанди саводу ҷисм дар асваду басит, зеҳниро ҳад набвад, чунонки гуфта омад [12, 438].

Дар таълимоти илми мантиқ агарчи ҳад ба ҷинсу фасл бо сабабҳои муайян ва номуайян дохил шавад ҳам, ба он тобеъ намешавад. Ҳамчунин, ҳолати дигаре низ дар ҳамин шакл дида мешавад, ки ҷинсу фасл ҳарчанд дар гуфтор аҷзои ҳад бошанд ҳам, ҳеҷ гоҳ дар як ҳолати бавуқуъомада қисматҳои маҳдуд намешаванд. Чунки маҳдудот он маҳмулоте мебошанд, ки вазифаи онҳо пасвандӣ аст, на мавқеъгирии аслӣ. Агар ин масъала дар шакли сода тарҳрезӣ шавад ҳеҷ гоҳ моҳияти он ошкор намегардад. Дар сурати тавсеаи мазмуни он ва дар шакли мураккаби ғайризенӣ баррасӣ кардани он сурат метавонад на моҳият, балки қисмате аз он муррифӣ гардад. Ҳангоми амалишавии чунин ҳолат дар илми мантиқ он мураккабот ҷузве аз ҳол донисташуда, дар навбати аввал ба ҳайати ҷузъҳои қариб ва дар навбати дуюм муттаҳидкунандаи таркиботи қисматҳои он дониста мешаванд.

Мантиқшиносони муосир ба масъали ҳад, ҳудуд, маҳдудот ва моҳияти аслӣ ва таркибии онҳо диққати ҷидди дода, иброз намудаанд, ки ҳад метавонад берун аз таркибу баҳспардозиҳои бурҳон қарор дошта бошад. Ин масъаларо дар асрҳои XIX-XX пешниҳод намуда ҳамчун навоварӣ дар соҳаи мантиқ муаррифӣ намуданд. Дар ҳолате ки ҳанӯз мутафаккири асримиёнагии тоҷик Тӯсӣ, дар асри XII ин масъалаи мантиқиро дар китоби «Асос-ул-иқтибос» матраҳ намуда, оид ба моҳияти маҷмуи мураккабот, аҷзоъ, ҳайат ва таркиби онҳо чунин қайд намуда буд: «Ҳадди мураккаб муштамал бувад бар ҳудуди аҷзоъ ба қувват, монанди ҳадди ҷисм бар моддаву сурат ё ба феъл, монанди ҳадди асвад бар ҳадди ҷисм ва савод ва ҳадди сикангубин бар сирка ва ангубин. Ва ҳудуд ё мусовии маҳдуд буда бошанд ё муштамал бар нуқсоне ё муштамал бар зиёдат. Ва мусовии маҳдуд зотеро бувад, ки басит буваду қоим ба худ. Ва ноқис монанди ҳудуди ноқиса бувад, ки бар баъзе аз зотиёт муштамал набувад. Ва зоид ҳудуди басоите бувад, ки қоим ба ғайр бошад, монанди аърози зотӣ, чи тасаввури араз бе тасаввури маъруз муҳол бувад. Ва ба ин сабаб баёни моҳияти араз муфтақар бувад ба зикри маъруз, монанди завҷият, ки инқисоме бувад ба ду мутасовӣ дар адад» [12, 439].

Аз гуфтаҳои Тӯсӣ хулоса кардан мумкин аст, ки агар дар ҳад дилхоҳ мафҳуме ё ададӣ бошад ва ё хаттӣ, табиист, ки он заруратро пеш меорад ва он мафҳумҳое, ки ғайри зотианд маҳдуд хонда мешаванд. Дар танзими ин гуна сохтор мафҳумҳо бояд мушаххас баён шаванд ва ҳар мафҳуми иловашаванда ва қиёсшаванда бо ҳам алоқаманд бошанд. Бинобар ин, ҳар пояи асл ба шохаҳое ҷудо мешавад, ки онҳо ба асл нисбият доранд ва метавон аввалиро асос гуфта, дуюминро натиҷа ё пайвастшавандаи асос гӯем. Дар ин ҷо ҳам асос ва ҳам натиҷаи он аз як моҳият таркиб ёфта, дуюмин маҳдуди аввалӣ дониста мешавад, ки он ҳамчун ҳад муқаррар шудааст. Вобаста ба ин, муқаррароти мантиқӣ ҳама чизе ки аз он мафҳуме ё ашёи иловагӣ ҳосил шавад ҳамчун ҳадду маҳдуд намепазирад. Он танҳо такрори мафҳуме дониста мешавад, ки аз ҷиҳати расидан ба матлаб тафсир ёфтааст. Аммо ҳадҳои мураккаби инструменталӣ дар ҳолати ҷуфт бештар ба маҳдудот таъсир мерасонанд. Маслан: «Адад муқаррар аст як бор дар муаллаф аз оҳод, ки ҳадди ӯст. Ва як бор дар ҳадди оризи он. Ва ҳар маҳдуде, ки кам ё зукам бувад ва ӯро баъд аз таҳсили навъият инқисоме ориз шавад ба ҳасби модда. Пас, хоҳанд, ки ҷузви ӯро аз он рӯй, ки ҷузви ӯст, ҳад гӯянд, кулл дар ҳадди ҷузв уфтад ба зарурат аз ҷиҳати изофат, бар хилофи мураккабот, ки он ҷо ҷузв дар ҳадди кулл уфтад» [12, 444].

Маълум мешавад, ки ҳадҳо аз рӯи як қоидаи банизомдаровардашуда амалӣ карда мешаванд. Агар ин қоида дуруст ба роҳ монда шавад, гуфтан мумкин аст, ки гов дар ҳадди шохдор, замин дар ҳадди қитъа ва об дар ҳадди моеъ муайян карда мешаванд.

Аз мисолҳои овардашуда якумин билфеъл буда, дуюм ва сеюмин билқуввa

мебошанд. Ҳангоми мисоловарӣ барои исботи мавқеи ҳадди ҷойдошта раванд вазифаи муҳимро иҷро мекунад. Модоме ки чунин қоида ба роҳ монда шудааст, бояд расидан дар ин самтро таваккалӣ надонем, зеро ҳақиқат дар ин масъала аз рӯи таҳлилҳои ақлӣ дуруст ба роҳ монда мешавад, на дигар самт.

Масъалагузориҳое, ки дар ин самт роҳандозӣ мегарданд аз рӯи қоидаи ҳадҳо ба роҳ монда мешаванд ва онҳо бо ҳама ҷузъҳои мантиқӣ пайваст буда, бештар дар асоси қиёсот амалӣ карда мешаванд.

Мусаллам аст, ки дар заминаи ин гуна муқаррарот баҳсҳои мантиқӣ дар шакли дуруст роҳи ҳалли худро меёбанд ва барои мафҳумҳои дарназардошта мусоидат низ мекунанд. Масалан, аз гуфтаҳои пешин маълум мешавад, ки ҳаддест ба ҳисоби исм, ҳаддест ба зоти том, хадди дигарест ноқис ва ахиран ҳаддест мушорики бурҳони том. Ҳар яке аз ин ҳадҳо дар алоҳидагӣ ва дар шакли ҷамъ истифода шуда, мавзуъ ё худ масъалаеро ҳал мекунанд. Тӯсӣ агарчи ҳадҳо ва татбиқи амалии доираи онҳоро ҳамчун мақулаи хоси мантиқӣ нишон додаву баррасӣ намуда бошад ҳам, дар бештар мавридҳо алоқамандӣ ва мушоракати ҳадро бо бурҳон бо овардани машқу мисолҳо нишон дода, мегӯяд: «Ва ҳадде ноқис аз мабдаи бурҳон ва ҳадде дигар ҳам ноқис аз камоли бурҳон. Ва ҳамчунин ҳадде мусовии маҳдуд ва ҳадде камтар аз маҳдуд ва ҳадде бештар аз маҳдуд» [12, 448].

Агар ба ин масъала жарфтар нигарем, бароямон муайян мегардад, ки ин ҷумла дар маънии ҳад баробар нест, балки баъзе аз онҳо метавонад бар баъзеи дигар бартарият дошта бошад. Ин ҳолат бошад дар шинохти мафҳумҳо шаклро ба вуҷуд меоварад. Пас, чӣ бояд кард? Пажуҳанда бояд қоидаҳоро дуруст истифода карда, ба асли матлаб расиданро аз рӯи мизони мантиқӣ ба роҳ монад. Дар ин сурат, ҳад ба ҳақиқат он вақт мерасад, ки баробарии маҳдуд аз рӯи маъно бошад. Пеш аз Тӯсӣ дар ин масъала Ибни Сино таваҷҷуҳ намуда, гуфта буд: «Эроди ҷинси қариб ва фасли зоте муқаввими аввалӣ аст, бе он ки фасле муқассими ҷинс бошад, ё муқаввими навъ дар тулу арз эҳмол карда бошад, ё арзе ба ҷои фасле эрод карда, ба ғоят душвор бошад» [1, 54].

Тӯсӣ, ки солиёни дароз баъд аз Ибни Сино умр ба сар бурдаву донишҳои зиёде дар ин соҳа азбар кардааст, гуфтори ӯро написандида, эрод ба ӯ чунин гуфтааст: «Ҳад ба ҳасби исм бошад ва исм ба ҳасби тасаввури возеъ ва фаҳми мустамеъ» [12, 443].

Албатта, гуфтори Тӯсӣ дуруст аст. Аз рӯи ин қоидаҳои бароҳмондашуда ҳақ он аст, ки агар онро ҳадди ҳақиқии том хонанд ва бар он мутобиқи маҳдуд дар ҳолати вуқуъ баръало мушоҳида шавад. Агар оид ба ин масъала, яъне мафҳуми тасаввуршаванда, ин ҳолат рух диҳад, он гоҳ мақсад ошкор мегардад. Ҳамин сабаб мешавад, ки дар мафҳумҳои баррасишаванда ҳудудҳои гуногун мушоҳида мешавад. Масалан, гуфтору ҳаракату таъсирро дар мантиқ ба ҳамин шакл бояд таҳлил кард. Ин амалҳои пайваста танҳо аз як зот буда, ҷузъиёташон низ бо ҳам монанд аст. Тӯсӣ ҳамеша мафҳумҳоеро, ки ба ҳудудҳо марбутанд муҳим ва зарурӣ мешуморад.

Мақулаҳои мантиқӣ бо ҳам иртиботи зич доранд. Ҳангоми омӯзиши яке аз онҳо қисматҳои мавзуии дигаре аз онҳо фаҳмида мешавад. Чунончи метавонем ҳангоми омӯзиш ва пажуҳиши ҷадал баҳспардозиҳои дар боло зикр гардидаро бештар дарк намоем.

Дар баъзе ҳолатҳо ҳастанд ҷузъҳо ва рукнҳои мантиқие, ки онҳоро на бурҳон ва на ҳад гуфтан мумкин аст. Пас, онҳоро дар илми мантиқ чӣ гуфтан мумкин асту онҳо кадом вазифаҳоро иҷро мекунанд? Ба ин масъала Тӯсӣ диққати ҷиддӣ дода, мегӯяд: «Ҳар ҳукм, ки бар ашхоси койин фосид кунанд, бурҳонӣ натавонанд буд, чи вуҷуди чунон шахсҳо ҷуз ба ҳис маълум нашавад. Ва ҳукме, ки ба муқтазои ақл бувад биззот ҷуз бар мавзуоти куллӣ набувад. Ва ҳеҷ куллӣ иқтизои он

накунад, ки шахси муайян дар ӯ дохил бошад. Пас, агар шахси муайян иқтизои он кунад, ки ӯ дар он куллӣ дохил бошад, духули ӯ дар он куллӣ амри аразӣ бувад он куллиро, ки дар вақти таковуни шахс ҳодис шавад ва дар вақти фасодаш зоил ва чун чунин бувад маҳмулро бар шахсе муайян ҳамл натавон кард ҷуз дар вақти эҳсос ба вуҷуди ӯ. Ва агар он маҳмул зоти муқаввим бошад. Масалан, ҳукм ба инсон бар Зайд ҷуз дар вақти эҳсос ба вуҷуди ӯ содиқ набувад, чи баъд аз ғайб аз ҳис агар мунъадим шавад, Зайд маълуми эшон натвонад буд ва низ исботи он чи аз шаъни ӯ бувад эҳсос бад-он маҳсусро ҷуз ба ҳиссе мумкин набувад» [12, 442].

Мантиқшиносон ҳар он чизеро, ки аз рӯи қоидаҳои илми мантиқ бо ҳад мепайванданд ва якдигарро пурра намуда, мафҳумро ошкор месозанд, навъе аз қиёс медонанд. Барои пурратар ва возеҳтар намудани ин матавонем мисол оварем ҳаракат ва вазиши шамолро. Дар ҳеҷ ҳолате ҳаракат бешамол вуҷуд дошта наметавонад ва шамол низ гуфта намешавад. Зеро дар қиёс шамол бавуҷдоварандааст, на мусаббаб (ҳаракат). Дар ин ҳолатҳо шамол ба гуфтори аввалӣ ҳамнавъ буда наметавонанд. Агар чунин нест, пас бурҳонӣ буда метавонанд? Албатта, не. Касоне, ки онҳоро на қиёсӣ ва на бурҳонӣ медонад, бояд донад, ки бавуқуъойии бурҳон бар ҳукмҳо дар шакли аввал собит нашуда, ҳамзамон, онҳо бо як маъно кор фармуда намешаванд. Аммо бурҳон бар қазияҳо монанди ҷудо кардани ҳукме бояд амал кунад, то ки табиати мафҳуми таҳқиқшаванда дар айни замон матраҳ гардад на дар ҳолати баъдӣ.

Ҳангоме ки бар ин гуна мафҳумҳо ҳадду бурҳон гуфта намешавад, расм низ гуфта намешавад. Чунки ҳад ба зотиёт мутаалиқ буваду расм ба аразиёт. Дар навбати худ аразиёт ба куллиёт мутааллиқ мешавад ва аз таркиби ҳамин куллиёт ҷузъи муайяне ҳосил нашавад ва ғайра.

Хулоса, мафҳумҳое, ки марбут ба ҳад мебошанд, асоси онҳоро исм ташкил медиҳад. Ҳамчунин, ҷузъҳои ҳадду бурҳон дар баъзе ҳолатҳо бо ҳам муштараканд. Дар илми мантиқ шахс бурҳону ҳад гуфта намешавад. Мантиқшиносон мафҳуми ҳадро ба моҳият далолаткунанда медонанд ва ҳастии ҳадро ба моҳият алоқаманд дониста, асоси онро лафзи танҳо мепиндоранд. Дар чунин ҳолат, маълум мешавад, ки бурҳону ҳад ҳамрадифанд ва алоқаи онҳо дар ҷавҳар ба зоту араз асос меёбад.

Адабиёт

1. Абуалӣ Сино. Осори мунтахаб. Иборат аз даҳ ҷилд, ҷилди якум. – Душанбе: «Ирфон», 1981. – 477 с.
2. Абдулло, Н., Муҳаммадтақӣ Д. Ҷоми ҷаҳоннамо. – Теҳрон, 1367ҳ. – 629 с.
3. Аль-Фараби. Логические трактаты. – Алма-Ата, 1975. – 670 с.
4. Аристотель. Аналитика // Сочинения. Т.2. – М., 1978. – 688 с.
5. Динонӣ, И. Насируддини Тӯсӣ – файласуфи бузург. – Теҳрон, 1384ҳ. – 202 с.
6. я
7. Маковельский, А.О. История логика. – М., 1967. – 502 с.
8. Маъсумӣ, Ҳ. Донишманди Тӯс. – Теҳрон, 1379ҳ. – 191 с.
9. Муҳаммад С. Сайри иҷмолӣ дар мантиқ ва фалсафаи илоҳӣ. – Теҳрон, 1398ҳ. – 275 с.
10. Риза, М. Шарҳ-ул-мантиқ. – Теҳрон, 1390ҳ. – 448 с.
11. Таърихи фалсафаи тоҷик. Ҷ.2. – Душанбе: «Дониш», 2016. – 892 с.
12. Тӯсӣ, Н. Асос-ул-иқтибос. – Теҳрон, 1374ҳ. – 627 с.
13. Тӯсӣ, Н. Таҷрид-ул-мантиқ. – Бейрут, 1988. – 432 с.
14. Фаррух, У. Таърих фикр-ул-арабӣ. – Бейрут, 1966. – 725 с.
15. Хайруллаев, М.М. Фараби – крупнейший мыслитель средневековья. – Ташкент, 1973. – 99 с.
16. Хоменко, И.В. Логика. – М., 2014. – 192 с.
17. Fakhry, M. A history of Islamic philosophy. – Colambia, 1970. – 420 p.

ПОЗНАНИЕ ПРИОБРЕТЕНИЯ КАТЕГОРИИ ОПРЕДЕЛЕНИЯ И ЕГО ЛОГИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ ПО КНИГЕ «ОСНОВА ЗАИМСТВОВАНИЯ» НАСИРУДДИНА ТУСИ

Сулаймонов Б. С.

В своей статье автор попытался рассмотреть понятие определение, ограничения и его логическую сущность по книге Насируддина Туси «Основа заимствования», а также обосновать ее внутренюю субстанцию и аксиденцию с оригинальными фактами, опираясь на взгляды Туси. Определение, считающийся сложным предметом логики, возникает непосредственно в контексте существительных, которые способны отражать бытие существительного в своей субстанции. Все, что выходит за пределы этого измерения, не называется определением.

С другой стороны, определение можно назвать инструментом рассмотрения вопросов докозательств. Можно сказать, что любое определение в научных исследований совмешен с доказательством, если это доказательство уместен и соответствует по содержанию. Имея это в виду, можно сделать вывод, что определение и доказательство в большинстве случаях находятся в одной плоскости, и каждый их компонент в свою очередь, могут быть объединены друг с другом или наоборот.В статье автор также рассмотрел составные условия определении, признавая существование рода как основу, а затем раскрыл на примерах место ограничений. Также он упомянул о взаимосвязи и союзе рода и раздела, видового различия в девяти частях и определил их положение.В заключении, по мнению автора, основу определения составляют эмоции, и в то же время можно сказать, что компоненты мотива и определении неразрывно связаны между собой.

Ключевые слова: *Определение, ограничение, род, видь, видовое различие, аксиденция, чувство, доказательство, субстанция, суждение, силлогизм, Насируддин Туси, «Основа заимствования».*

KNOWLEDGE OF ACQUISITION BY CATEGORY OF DEFINITION AND ITS LOGICAL ESSENCE ACCORDING TO THE BOOK «ASAS UL-IQTIBAS (THE LOANING BASIS)» BY NASIRUDDIN TUSI

Sulaymonov B.S.

In the article the author tried to consider a concept definition, restrictions and its logical essence according to the book by Nasiruddin Tusi "The Loaning Basis" and also to prove its internal substance and accidental with the original facts, leaning on Tusi's views. Definition, considered as a difficult subject of logic, arises directly in the context of nouns which are capable to reflect life of a noun in the substance. Everything that goes beyond this measurement is not called definition.

On the other hand, it is possible to call definition the instrument of consideration of questions of proofs. It is possible to tell that any definition in scientific research it is combined with the proof if this proof it is appropriate and corresponds according to contents. Having it in a look, it is possible to draw a conclusion that definition and the proof in the majority cases are in one plane, and each their component in turn, can be integrated with each other or on the contrary.

In article the author also considered compound conditions definition, recognizing existence of a sort as a basis, and then opened the place of restrictions on examples. Also he mentioned interrelation and the union of a sort and the section, specific difference in nine parts and defined their situation.

In the conclusion, according to the author, the basis of definition is made by emotions, and at the same time it is possible to tell that components of motive and definition are inseparably linked among themselves.

Key words: *definition, restriction, sort, type, specific distinction, accidental, feeling, proof, substance, judgment, syllogism, Nasiruddin Tusi, «The Loaning Basis».*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

БОВАРӢ БА МАОД ВА ТАЪСИРҲОИ ОН БА САЛОМАТИИ РУҲИИ ИНСОН

Боронов Р. М. –докторанти (PhD)-и ИФСҲ АМИТ
E-mail: Boronov98r@mail.ru
Тел: 985334383/934334383

Дар мақола муаллиф вобаста ба масъалаи боварӣ ба маод ва таъсирҳои он ба саломатии руҳии инсон маълумот дода, назарияҳои илмӣ ва таълимоти фалсафиро дар ростои масъалаи мазкур мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Боварӣ ба маод аз муҳимтарин мавзуъҳои таъсирбахши ба саломатии руҳии инсон ба ҳисоб рафта, шомили баҳсҳои фалсафии зиёд гардидааст. Яке аз муҳимтарин таъсирҳое, ки эътиқоду боварӣ ба маод дар ҳаёти инсон расонида метавонад, ҳадафу мақсад гузоштан барои зиндагии дурусту солим мебошад. Метавон гуфт, ки илми фалсафа ва равоншиносӣ то андозае оиди боварӣ ба маод ва таъсирҳои он ба саломатии руҳии инсон маълумот додааст, вале вобаста ба пешрафти ҷомеа ва тағйиротҳои нави иҷтимоӣ масъалаи боварӣ ба маод зарурати бештар ба омӯзиш дорад, ки ҳамзамон дар мақола маълумот оҳем дод.

Калидвожаҳо: *маод, фалсафа, дин, эътиқод, инсон, ҳаёт, марг, руҳ, нафс, дунё, охират, зиндагӣ.*

Дар солҳои охир дин яке аз воситаҳои муҳими таъсирбахш ба рафтору ҳолати руҳии инсон мавриди таваҷҷуҳи бисёре аз файласуфону равоншиносон ва мутахассисон қорор гирифтааст. Таҳқиқотҳои зиёд собит менамоянд, ки он чи инсони имрӯзаро бештар ранҷ медиҳад, шубҳаву нофаҳмиҳо ва эҳсоси беҳадафӣ ва бемаъноӣ дар зиндагӣ аст. Маод ба унвони яке аз рукнҳои аслӣ ва муштараки ҳамаи динҳо ва усули муҳим дар бештари ирфонҳои навзуҳур мебошад. Яке аз муҳимтарин таъсироте, ки боварӣ ба маод ва ҳаёти пас аз марг эҷод мекунад, ҳадафу мақсад барои зиндагии дурусту солим мебошад. Асли чаҳорум аз усули дини ислом низ эътиқод ба воқеият доштани маод ва ҳаёти пас аз марг аст. Ин чаҳор асл асоситарин усули эътиқодӣ ва бунёдӣ ҷаҳонбинии ислом дар каломи ҳанафия аст [5, с. 343].

Аз байни чаҳор усули дини ислом дар назари аввал, танҳо ҳамин асл ба ҳаёти дигар тааллуқ дорад ё ба истилоҳ ухравист, вале ин танҳо дар нигоҳи аввал аст. Тамоми таълимоти усулии ислом вобаста ба ҳаёти заминӣ буда, маъно ва фалсафаи индунёии иҷтимоӣ дорад, маод низ ҳамчунин аст. Мавзуъҳои муҳими мавриди баррасӣ дар равоншиносӣ чун андуҳгинӣ, худкушӣ, умед ба зиндагӣ, маргшиносӣ ва баъзеи дигар низ реша дар ҳамин низоми фикрӣ ва маънои фард дар мавриди бовариҳои охирати маод дорад. Марг ба маънои мурдан ва ҷудойи руҳ аз ҷасад аст, ки ин ҳамон аз даст додани руҳ ва қувваи ҳаётии бадан мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ҳақиқати инсон марг тавлиди дуюм дар охират аст. Барои ҳамин ҳақиқати марг нест шудан набуда, балки қатъи руҳҳо аз баданҳо ва интиқол аз зиндагии дунёӣ ба зиндагии барзах ва интиқоли руҳ аз ин ҳайкали бадан ба олами пас аз ин олам аст. Чи гунае ки Ибни Сино менависад: “Ҳар кас, ки аз дори дунё биравад, наметавонад яксара дар оламе дохил шавад, ки холӣ аз мода ва сурат аст, балки ибтидо меравад ба олами барзах, ки дар воқеъ қабли нафс ва ҳадди фосид миёни дунё ва олами охират аст” [1,с.113].

Маод дар луғат ба маънои ручуъ ва бозгашт ба ҷойи аввал аст, дар истилоҳ ба маънои ручуи мавҷудот, хусусан, инсон дар охират мебошад. Аз назари Ибни Сино “маънои маод ҷое бошад ё

ҳолате, ки ҳайиз дар ӯ бувад ва аз он ҷудо шавад ва боз бад-ӯ бозояд” [2, с.265].

Маод дар адабиёти динию фалсафии ислом ба маънои аз нав зинда шудан, растохез барои расидан ба подошу муҷозоти аъмол аст. Ин бозгашт тибқи боварии мусалмонон дар охирзамон, яъне пас аз марг, дар охират сурат мегирад. Баъзан аз он ҷиҳат, ки мардум дар охират барои Худо қиём мекунанд аз маод ба қиёмат таъбир мегардад.

Яке аз таъсирҳои арзишманд боварӣ ба маод ва раҳоии инсон аз сардаргумӣ дар зиндагии дунявист. Касоне, ки ҳаёти инсонро дар зиндагии дунё хулоса мекунанд дар вокеъ ангеза ва тафсире барои зиндагии дунё ба ҷуз хӯрдану хобидан ва кор кардан надоранд. Ба ибораи дигар, зиндагӣ мекунанд, то кор кунанд. Ҳамин умур боис мешавад, эҳсоси ноумеди карда ва ҳатто дар мавридҳое худкуширо беҳтарин роҳи наҷот аз зиндагӣ ва раҳоӣ аз дарду ранҷи мушкилоти худ бидонанд. Аммо касоне, ки эътиқод ба ҳаёти пас аз марг доранд, талхӣ ва мушкилоти зиндагии дунёро барои расидан ба ҳадафҳои олитар ва ҳаёти ҷовидона бо ҷону дил мепазиранд. Ин гуна инсонҳо ба ин бовар ва эътиқод ҳастанд, ки самара ва маҳсули ибодатҳоро дар олами пас аз марг дарёфт хоҳанд кард. Аз ин рӯ, зиндагии ҳадафмандонаро хайру саодати ухравии инсон медонад, ки ба зиндагиашон маъно ва мафҳум дода, онҳоро аз ноумеди наҷот медиҳад. Чаро ки онҳо ҳамаи вокеа ва таҳавулотро дар масири ҳадафи олӣ яъне ҳаёти пас аз марг мебинанд, ки аз арзиши волое бархурдор аст ва он ҳадаф ба тамоми ҳаракатҳо ва рафторҳои фард, дар ин дунё арзиш медиҳад.

Яке аз муҳимтарин зарурати иҷтимоии ин ақида иборат аз он аст, ки вокеъан боварӣ ба маод нохушояндтарин вокеъият ва бадтарин мусибату нофаҳмотарин қисмати инсон, яъне маргро барои ӯ таҳаммулпазир сохтааст. Дар сурати набудани боварӣ ба маод инсониятро дар назди марг яъсу бадбинӣ ва ноумедӣ фаро мегирад. Гузашта аз ин, шинохти марг ҳамчун амали табиии бидуни бозгашт дар сурати набудани заминаи маънавӣ, ахлоқӣ ва фалсафаи солим, эътиқод надоштан ба маод ва подоши амал дар зиндагии пас аз марг метавонад инсониятро ба мудҳиштарин ва беҳадду ҳудудтарин аъмолу ҷиноятҳо ҳидоят кунад. Инсоне, ки муътақид аст, ғайр аз ин ҷаҳон ҷаҳони дигаре нест, ғайр аз ин ҳаёт ҳаёти дигаре маҳол аст ва ҳеҷ подоши амал вуҷуд надорад, барои дур шудан аз корҳои зишту фасод танҳо садди роҳаш дастгоҳҳои ҳифзи низому қонунанд, ки ба роҳатӣ дар бисёр маврид метавонад аз зери назорати онҳо берун рафта ва бо шиори «фурсат ғанимат аст» корҳои зишту фасод ва ҷиноятҳои мудҳише содир кунад. Ё ҳеҷ набошад, баръакс, дучори ноумедию яъс ва бадбинии фалсафӣ гардад. Ҳеҷ чиз монанди бадбинӣ нисбат ба зиндагӣ ва яъсу ноумедӣ шахсияти инсонро дар хатар қарор намедиҳад [3, с. 296].

Ин аст, ки ҳадди ақал, боварӣ бо маъод аз дидгоҳи иҷтимоию фалсафӣ ба ҳаёту зиндагии инсон маъниву мақсад, аз дидгоҳи маънавию ахлоқӣ арзиш ва аз лиҳози равонӣ таскин мебахшад ва дар олами нопайдоканори кайҳон ва дар байни тамоми мавҷудот мақоми инсонро бартарӣ медиҳад.

Ҷовидонагӣ яке аз асоситарин хоҳишҳои инсон аст. Инсон ба сурате зиндагӣ мекунад, ки мехоҳад ҳаёти доимӣ дошта бошад. Дар ҳақиқат инсон ҳамеша аз нестиҳо мегурезад; аз беморӣ мегурезад, ки нестии ӯ саломатӣ аст, аз торикӣ ваҳшат дорад, ки нестии ӯ нур аст ва ҳатто гоҳе аз хонаи холӣ низ ваҳшат мекӯнад ё дар биёбони холӣ гирифтори тарсу ваҳм мешавад, чаро ки касе он ҷо нест. Аҷиб ин, ки аз худи мурда низ ваҳшат дорад масалан: ҳозир нест касе дар утоқе, ки мурдае он ҷо бошад шабро ба сар барад, дар ҳоле ки вақте зинда буд аз он шахс тарс надошт. Акнун мебинем, ки чаро инсон аз адам ва нестӣ метарсад ва ваҳшат мекунад. Далелаш равшан аст, ки ҳастӣ бо ҳастӣ гиреҳ хӯрдааст, вуҷуд бо вуҷуд ошно аст, ҳаргиз вуҷуд бо адам ва нестӣ ошноӣ надорад, пас, бегонагии мо аз нестӣ комилан табиӣ аст. Ҳоло агар мо маргро поёни ҳама чиз бидонем ва гумон кунем

бо мурдан ҳама чиз поён мегирад, ҳақ дорем, ки аз он битарсем ва ҳатто аз исм ва хаёли он ваҳшат кунем, чаро ки марг ҳама чизро аз мо мегирад. Аммо агар маргро сарочаи як зиндагии навин ва ҳаёти ҷовидона ва дарвозае ба сӯйи як ҷаҳони дигар бидонем, табиӣ аст, ки на танҳо аз он ваҳшат надошта бошем, балки ба онҳое, ки пок ва сарбаланд ба сӯйи он қадам бармедоранд, табрик гӯем. Гурӯҳе аз мардум маргро ба маънои фано ва нестӣ тафсир намекунанд ва ҳаргиз мункири зиндагии пас аз марг нестанд, аммо бо ин ҳол аз марг ваҳшат доранд, чаро ки парвандаи аъмоли онҳо сиёҳ ва торик аст ва аз муҷозоти дардноки баъд аз марг ваҳшат доранд. Онҳо ҳақ доранд аз марг битарсанд, онҳо ба муҷримони хатарноке монанданд, ки аз озод шудан аз зиндон метарсанд, зеро медонанд ҳар гоҳ, ки онҳоро аз зиндон берун бибаранд ба фазои куштан месупоранд. Онҳо маҳкам сутунҳои зиндонро медоранд на барои он ки аз озод шудан мутанафир ҳастанд, онҳо аз озодӣ метарсанд, чунки натиҷааш муҷозоти куштан аст. Ҳамин гуна бадкороне, ки озод шудани руҳашонро аз қафаси танг муқаддимае барои шиканҷаҳои тоқатфарсо ба хотири амалҳои зишту нангин ва зулму ситаму табоҳкорӣ медонанд аз марг ваҳшат доранд. Ба ҳамин хотир, тарсу нигаронӣ аз марг яке аз омилҳои нороҳаткунандаи инсон дар тӯли зиндагииаш мебошад. Ин суол зеҳни бисёре аз донишмандонро ба худ машғул кардааст, ки чи гуна метавон тарсу нигаронӣ аз маргро аз зеҳни инсон дур кард, то битавонад роҳат ва ба оромиш зиндагӣ кунад. Ҳарчанд равоншиносон ва донишмандони илмҳои иҷтимоӣ кӯшиш кардаанд, ки ба ин суол посухҳои саҳеҳ диҳанд, вале ба назар меояд, ин посухҳо қонеъкунанда нестанд, чаро ки бо вуҷуди ҳамаи ин талошҳо тарсу изтироб аз марги худу наздикони худ бо унвони яке аз паҳншудатарин изтиробҳо дар ҷомеаи имрӯза аст. Тибқи нишондодҳои оморӣ 50 то 57 фисади афрод аз тарс ва нигаронӣ дар мавриди марг ранҷ мебаранд.

Он чи дар ин замина метавонад роҳкушо бошад, ин, пеш аз ҳама диди афрод ба маргро ислоҳ намуда баён кунем, ки бо марг зиндагии инсон ба поён намерасад.Чуноне ки файласуфи Чини қадим Лаотси баён намудааст “На таввалуд оғози зиндагӣ аст ва на марг поёни он” [4, с.53].

Агар инсон пазируфт, ки аз як ҳақиқати ғайримоддӣ бархурдор аст ва зиндагиаш маҳдуд дар зиндагии дунё нест хоҳиши бақо ва майл ба ҷовидонагӣ ҷиҳати табиӣ ва фитрии худашро пайдо хоҳад кард ва алоқаи вай мутаваҷҷеҳи зиндагии абадӣ хоҳад шуд. Бинобар ин, инсони бовариманд ба маод зиндагиро маҳдуд ба зиндагии дунёӣ намедонад. Ислом низ ба ӯ меомӯзонад, ки зиндагии дунё ба манзалаи муқаддимае барои ҳаёти ухравӣ аст. Боварӣ ба як вуҷуди доимии пас аз марг ва поёни зиндагии моддӣ аввал боиси расидан ба обрӯйи ҳақиқӣ мешавад ва дуюм тарс аз маргро коҳиш медиҳад ва ҳардуи инҳо дар саломатии руҳии инсон таъсиргузор хоҳанд буд.

Яке аз воқеаҳои муҳиме, ки дар саломатии руҳии инсон нақши асосӣ дорад, дилбастагӣ ба дигарон аст ва аз талхтарин рӯйдодҳои зиндагии ҳар фард аз даст додани азизонаш мебошад. Бар асоси назарияҳо шинохти як воқеаи андуҳгинӣ, ки омили номустаҳкамӣ аст ба арзёбии фард дар ин миён нақши асосӣ дорад. Муқобилият нишон додан дар муқобили андуҳгинӣ метавонад таҳти таъсири арзёбиҳои фард аз андуҳгинӣ бошад ва, аз ин рӯ, мумкин аст воқеаи андуҳгинӣ дар як фард таъсири баланди муваққати гузошта ва дар фарди дигар чунин набошад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки доштани эътиқодҳои динии қавӣ метавонад воқеаи андуҳгиниро кам ва бартараф кардани онро аз инсон осон кунад.

Дар ин замина дини муқаддаси Ислом бо пешниҳоди якчанд роҳу ва равишҳо кушиш мекунад, ки бозмондагонро дарёбаду дар андуҳгинӣ ёрӣ диҳад, то саломатии ҷисмӣ ва руҳии худро ҳифз намоянд.

Хулоса, нигоҳи фалсафа ва дин ба маод ва боварӣ ба он дар саломатии руҳии инсон нақши меҳвари дорад. Ҳамчунин, дин бо марги инсон ё яке аз азизонаш дар давраи худкушии фардӣ ё гурӯҳӣ ва зуҳури бемориҳои руҳӣ ва бемориҳои ҷинсии

мухталиф нақш дорад. Дар муқобили назари ирфонҳои навзуҳур, бахусус, ирфонҳои ҳиндӣ эътиқод ба таносух боиси пайдошавии хатокориҳои фардию иҷтимоӣ ва бархе аз бемориҳои руҳию ҷинсӣ ва худкушиҳои фардию гурӯҳӣ мешавад, ё ин, ки бо тасмими роҳбари фирқа ва ё аъзоёни фирқа даст ба амалҳое мезананд, ки шояд ҷузъи дилхароштарин воқеа дар ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳон бошад. Ислом ва таълимоти муқаддаси динӣ ва нигоҳи воқеъгароёнаи он ба мафҳуми маод нақши асосиро дар саломатии руҳии инсон ва ҷомеа дорад. Метавон гуфт, ки фалсафа, дин ва илми равоншиносӣ ба пурагӣ роҳу равиши ҳалли мушкилоти дар боби руҳи инсон ва чигунагии саломатии руҳии ӯро ба ҷаҳон пешниҳод кардаанд.

Адабиёт

1. Абуали ибни Сино. Осори Мунтахаб. Ҷилди 2.- Душанбе: « Ирфон », 1983.- 560с.
2. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди 1.- Душанбе: « Ирфон », 1981.- 478с.
3. Афиф Абдулфаттоҳ таббора. Руҳи Ислом.- Душанбе: « ЭР-раф », 2011.- 600с.
4. Муҳаммад Рашод. Фалсафа аз оғози таърих.Ҷилдҳои 1-2.- Душанбе: « Ирфон », 1990.-480с.
5. Шерзот Абдуллозода. Маърифати ислом (Исломшиносӣ).- Душанбе: « ҶДММ Балоғат », 2015.- 495 с.
6. Иброҳими А. Бовариҳои охират нигаронӣ ва робитаи онҳо бо саломатии руҳии инсон **http://www.quranstudies.ir**
7. Маод дар ирфон http://ketaab.iec-md.org/MA-AAD/maad_erfaani_fehrest.html
8. Омилҳои пайдоиши назария таносух http://yaasatar.blogfa.com/post/

ВЕРА В ВОСКРЕШЕНИИ И ЕГО ВЛИЯНИЯ НА ПСИХИЧЕСКОЕ ЗДОРОВЬЕ ЧЕЛОВЕКА

Боронов Р. М.

Автор в статье приводив сведения о проблеме веры в воскрешении и его влияния на психическое здоровье человека, подверг анализу и рассмотрению научные теории и философские учения по этому вопросу. Следует отметить, что вера в воскрешении является одной из важнейших тем, влияющих на психическое здоровье человека, и была включена во многие философские дискуссии. Одним из самых важных воздействий, который может иметь вера в воскрещени в жизни человека, является постановка целей и задач для правильной и здоровой жизни. Можно сказать, что наука философия и психология в какой-то мере предоставили информацию о вере в воскрешении и его влияния на психическое здоровье человека, но в зависимости от прогресса общества и новых социальных изменений вопрос веры в воскрешении нуждается в уточнении, о чем и идет речь в статье.

Ключевые слова: *воскрешение, философия, религия, вера, человек, смерть, дух, душа, мир, жизнь, загробная жизнь.*

BELIEF IN THE RESURRECTION AND ITS IMPACT ON HUMAN MENTAL HEALTH

Boronov R. M.

The author in the article, providing information about the problem of faith in the resurrection and its impact on human mental health, analyzed and considered scientific theories and philosophical teachings on this issue. It should be noted that belief in resurrection is one of the most important topics affecting human mental health and has been included in many philosophical discussions. One of the most important effects that faith in the resurrection can have in a person's life is the setting of goals and objectives for a correct and healthy life. It can be said that science, philosophy and psychology have to some extent provided information about belief in resurrection and its impact on human mental health, but depending on the progress of society and new social changes, the issue of belief in resurrection needs to be clarified, which is what we are talking about in the article.

Key words: *resurrection, philosophy, religion, faith, man, death, spirit, soul, world, life, afterlife.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ФАРҲАНГИСТОНИ ГУНДИ ШОПУР ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ЭТИКАИ СОСОНИЁН

Каримов Қ.С. – унвончӯи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ
E-mail: qiemiddin2020@mail.ru Тел.: 900093391

Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд мекунад, ки Сосониён ворисони империяи Ҳахоманишиҳо буда, дар низоми давлатдорӣ аз аввалин коркардкунандагони принсипи дунявии давлатдорӣ мебошанд. Этикаи давлатдории онҳо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ, намунаи олии давлатдорӣ, муайянкунандаи рафтору аъмоли инсон, низоми идораи давлат, муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Зеро, принсипҳои адолат, риояи баробарии иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои мардум шеваи низоми коргузории онҳо ба ҳисоб мерафт. Хусусан, ҳангоми давлатдории худ онҳо барои рушди тамаддун ва фарҳанги миллии тоҷик хизмати босазо карда, зиндакунандаи расму анъанаҳо, ҷашнҳои миллӣ ва ғайра ба шумор мераванд.

Академияи Гунди Шопур маркази илмӣ-фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Таъсиси он дар аҳди давлатдории Сосониён таҳаввулоти ҷиддиеро дар рушди илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ гузошт. Чунки шеваи корӣ олимони муассисаро на танҳо таҳияи китобҳо, балки тарҷума, тафсир ва нашри китобҳои арзишманди гузаштагон ташкил медод. Аз ин рӯ, ин самти фаъолияти донишмандони муассиса ба он мусоидат кард, ки арзишҳои илмӣ-ахлоқии гузаштагон рӯ ба нестӣ наоварда, балки тавассути тарҷума ба забонҳои гуногун дастраси насли нави ҷомеаи инсонӣ гарданд.

Калидвожаҳо: *ҷомеа, давлат, фарҳанг, тамаддун, илм, тибб, ахлоқ, маркази илмӣ-фарҳангӣ, академия, арзишҳои ахлоқӣ, расму анъана, гуфтори нек, рафтори нек, пиндори нек ва ғайра.*

Давлати Сосониён таърихан аз сулолаҳои пуриқтидор буда, дар рушд ва таҳаввули фарҳанги бузурги ориёӣ нақши мондагор гузошта, тавонист Эронзаминро ба маркази тамаддуни умумибашарӣ табдил диҳад. Ба маънои дигар, давлати Сосониён дар таърихи ҷомеаи башарӣ дар рушд ва таҳаввули соҳаҳои илм, бахусус, фалсафаю ахлоқ, тиббу риёзиёт, ҳандасаю нуҷум, мантиқу ҷуғрофиё, сиёсат ва ғайра нақши бузург бозид, ки дар ин самт нақши фарҳангистони Гунди Шопур ё Академияи Гунди Шопурро муассир аст.

Дар асоси сарчашмаҳои муътамади таърихӣ олими тоҷик Қ.Расулиён дар мавриди сабабҳои таъсис ва асосгузори Академияи мазкур чунин маълумот пешниҳод мекунад, ки “Гунди Шопур шаҳр ва ё урдугоҳи бузурги низомӣ буда, барои нигоҳ доштани тақрибан ҳафтод ҳазор нафар асирон бо супориши Шопур I (солҳои 242-272) ба ҷойи вайронаҳои Ҷанто Шопур («Боғҳои зебо») бо ёрии асирони румӣ сохта шудааст. Бунёди он аз рӯйи нақшаи шаҳри Антиох шабеҳи тахтаи шатранҷ ба ҳам пайваста анҷом ёфтааст. Ба Академияи Гунди Шопур фарзанди асосгузори Сосониён Ардашер (коҳини маъбади Аноҳито) Шопури I дар миёнаи асри III дар қисми ҷанубии ҳозираи Эрон асос гузошт. Шопури I амр кард, ки баъди ба анҷом расидани сохтмони он дар болои дарвозаи шаҳр ин суханҳоро: «Донишу хирад аз шамшер зӯртар аст» сабт намоянд” [12;584-585].

Ба маълумоти дигар Шопури аввал дар замони давлатдории худ аз асирони румӣ дастаеро ба Эрон оварда, дар

Хузистон бо дасти онон шаҳре сохта, онро “Гунди шоҳпаҳур” ном мениҳад. Амр мекунад, ки зумрае аз китоби мавҷудаи юнонӣ ба паҳлавӣ тарҷума ва дар ин шаҳр гирд оварда шаванд. [11;468] Инчунин, Гунди Шопур маркази дини масеҳиёни Эрон низ буда, баъдан бо номи ҳавзаи дини метрополитен шинохта мешавад. Ҳамзамон, марказҳои динии исавиёни Эрон ва масеҳиёни Байнаннаҳрайн, ки тавассути забони суриёнӣ байни ҳам робита барқарор карда буданд, бо ҳавзаҳои илмии Кинесрин, Ҳарон, Нисибин ва ғайра ҳамкорӣ мекарданд. Ин вазъ ба он мусоидат кард, ки Гунди Шопур ба як маркази илмию сиёсӣ табдил ёбад.

Дар тафриқа аз дигар марказҳои илмии амалкунандаи давр, Академияи Гунди Шопур сохторҳои мухталифи худро дошт. Масалан, дар паҳлуи донишкадаи пизишкии Академияи Гунди Шопур бемористони бузург таъсис дода шуда буд, ки дар он, дар баробари таълим додани донишҷӯён, инчунин беморонро низ табобат мекарданд. Авҷи ободонии Гундишопур ба аҳди Анӯшервони Одил (ҳукмронӣ 531-578) рост меомад, ки муассисаҳои илмию табобатии он эътибори бештар пайдо карданд. Дар ин давра ҳафт тан аз файласуфони мухолифи императори Руми Шарқӣ Юстиниан (ҳукмронӣ 527-565) ибтидо ба пойтахти Сосониён шаҳри Тайсафун (Мадоин) ва баъдан ба шаҳри Гундишопур омаданд. Ҳамчунин ҳакимон, донишмандон ва пизишкон аз Ҳинд дар Гундишопур сокин шуданд. Гундишопур аз тарафи лашкари саркардаи араб Зар ибни Абдуллоҳ муҳосира шуд, вале ӯ натавонист шаҳрро тасарруф кунад. Бо вуҷуди мадади лашкаркаши дигари араб - Абусира кӯшишҳои дигари Зар ибни Абдуллоҳ барои ишғоли Гундишопур ба ҳадар рафт. Баъдан ба таври ногаҳонӣ кушода шудани дарвозаҳои шаҳри Гундишопур арабҳоро ба тааҷҷуб оварда. Саранҷом ошкор шуд, ки як сокини маҳаллии асирафтода дар миёни сипоҳиёни араб худсарона амонномае навишта, бо тире ба сӯи шаҳр афкандааст. Ин амонномаро аввал арабҳо қабул накарданд, вале баъдан онро пазируфтанд ва шаҳр бе хунрезӣ ба дасти онҳо гузашт. Давраи тараққиёти шаҳри Гундишопур ҳаштсад-нуҳсад сол давом кард, вале тадриҷан дар асрҳои 11-12 ба харобазор табдил ёфт. Сабаби асосии таназзули шаҳр аз пароканда шудани Академияи Гунди Шопур ва баъдан дар асрҳои 8-9 тараққӣ кардани шаҳри Бағдод, таъсис ёфтани маркази илмию таълимии «Байт-ул-ҳикма» буд. Харобаҳои барҷомондаи шаҳри азим ва зебои Гундишопур имрӯз дар канори деҳаи Шоҳобод (Исломобод), дар 18 км ҷанубу шарқии шаҳри Дизфули устони Хузистон ба чашм мерасанд. Яке аз ёдгориҳои боқимондаи шаҳри Гундишопур мақбараи Яъқуби Лайси Саффорӣ мебошад. [15]

Шиори «Донишу хирад аз шамшер зӯртар аст», ки дар пештоқи дарвозаи шаҳри фарҳангистон сабт ёфтааст, гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ин Академия аз як тараф, урдугоҳи ҷангӣ набуда, балки як маркази рушди ахлоқ, илму фарҳанг, таълиму тарбияи мутахассисон, таҳияву таълифи китобҳои илмии соҳавӣ, баргардониши китобҳои арзишманди илмӣ-фалсафии мутафаккирони аҳди антиқа ва навиштани тафсиру тавзеҳот ба онҳо мебошад. Аз тарафи дигар, ифодаи фазилати баланди ахлоқӣ доштан ва дар доираи меъёрҳои адолати иҷтимоӣ идора кардани ҷомеаро аз ҷониби подшоҳони сулолаи Сосониён дорад. Зеро подшоҳе, ки илму донишро асоси пешрафт ва тараққии ҷомеа ҳисобида, ба рушди он мароқи хосса медиҳад, ҳама гуна масъалаҳои бамиёномадаи кишвардориро ақлонӣ баррасӣ ва ҳаллу фасл менамояд, ҳамеша муваффақ аст. Чунки асоси пешрафту тараққии кишвар илму дониш на зӯрию зарби шамшер мебошад.

Муаррихи шинохтаи тоҷик Ю.Якубов бошад, дар асоси баъзе ривоётҳо ба чунин назар омадааст, ки Шопури I бо духтари императори Рум - Аврелиан (Aurelianus, 214-275) хонадор шуда, ин румидухтар ҳамроҳи худ ду табиби юнониро ба Гунди Шопур овард, ки таълимоти онҳо бар

пояи тибби Буқрот асос ёфта буд. [14;10-35] Инчунин, иттилое мавҷуд аст, ки соли 529 баъд аз он ки императори Византия Юстиниан тамоми академияҳои амалкунандаи Афина, аз ҷумла Искандария ва Раҳо (Эдесса)-ро мебандад, донишмандони ин мактабҳои бонуфуз ба Эрон омада, дар Академияи Гунди Шопур ба фаъолият мепардозанд. Ба он хотир, ки онҳо аз нуфуз ва эътибори ин Академия, ки тавассути сиёсати ахлоқгустарӣ, маърифатпарварии Шопури I ба як маркази илмӣ-фарҳангии ҷаҳонӣ табдил ёфта, олимон дар ҳамаи соҳаҳои илм ба пешрафт нойил гашта буданд, огоҳӣ доштанд.

Шопури I ба онҳо дар ин фарҳангистон шароити хуби корӣ фароҳам оварда, донишмандонро вазифадор мекунад, ки асарҳои машҳури табибони Юнону Ҳиндро ба забони паҳлавӣ, ки забони давлатии Сосониён ба ҳисоб мерафт, тарҷума кунанд. Дар баробари ин ба онҳо амр медиҳад, ки матнҳои Авасторо гирд оварда, мураттаб намоянд. Ҳамаи ин кӯшишҳо ва дастгириҳои подшоҳони Сосонӣ буд, ки ин фарҳангистон дар давоми мавҷудияти наздик ба 400-солаи худ ба маркази ҳақиқии илму фарҳанг табдил ёбад.

Донишмандони шинохтаи тоҷик Ю.Б.Исҳоқӣ ва Я.Тоҷиев, ки дар таҳқиқоти худ “Таърихи мухтасари тибби тоҷик” ба рушди соҳаи тибб дар аҳди Сосониён таваҷҷуҳи хосса додаанд, чунин маълумот медиҳанд, ки “Табибон ба тоифаи махсуси аҳли давлати Сосониён мансуб буда, сазовори ҳурмату эҳтиром буданд ва имтиёзҳои хос дошта, аз андозу хироҷ озод буданд”. [6;120] Воқеан, ин андеша далолат аз он мекунад, ки подшоҳони Сосониён низоми идоракунии давлатро дар асоси адл, риояи меъёрҳои ахлоқӣ ороста дошта буданд, аз ин рӯ, дар ин давра баробарии иҷтимоӣ, нажодӣ риоя гашта, тамоми қишрҳои аҳолӣ аз ҳуқуқу озодиҳо ва имтиёзҳо баҳраманд буданд. Ба андешаи Қифтӣ бошад, тибби эронӣ ба туфайли Академи Гунди Шопур ва бемористони он аз рӯйи дараҷаи дониш ва натоиҷи амалӣ аз тибби юнонӣ пеш гузашта буд. [5;216]

Оид ба соли таъсис ва асосгузори ин маркази илмӣ-фарҳангӣ донишманди дигари тоҷик А.Комилӣ чунин маълумот медиҳад, ки соли 271 милодӣ дар қаламрави ҷанубии Эрон, дар наздикии шаҳри Хузистони муосир, Шопури I шаҳреро бо номи Академияи «Гунди Шопур» таъсис дод. Ин маркази илмиро дар адабиёти таърихӣ бо номҳои: «Гундишопур», «Гандишапур», «Ҷундишапур» ва «Ҷандишапур» ном мебаранд. Азбаски арабҳо бо ҷойи ҳарфи «г» гоҳе ҳарфи «ҷ», гоҳе ҳарфи «ғ» менависанд, ин ду калимаи аввал шакли таҳрифшудаи калимаи «Канди Шопур» мебошанд. Калимаи «канд» аслан суғдӣ буда, маънои «ҷой», «шаҳр», «макон» ва «кишвар»-ро дорад. Академияи Канди Шопур аслан маънои «Академияи шаҳри Шопур» - ро дошт. [4; 229-262]

Дар тафриқа аз маълумоти пешниҳодкардаи муҳаққиқони қаблӣ донишманди тоҷик С.Ғуломшоев дар асоси омӯзиши сарчашмаҳо ва таҳқиқотҳои алоҳидаи анҷомёфта, баҳои яктарафа дода, ба чунин хулоса меояд, ки “Академияи Гунди Шопур нахустин маркази тиббии ҷаҳон аст, ки то андозае дар он ҷо илми тиб аз таъсири дин озод гашт ва заминаи махсуси муолиҷавӣ ва шуъбаи дорусозӣ дошт. Раванди таълим аз қисмҳои назариявӣ ва амалӣ иборат буда, то панҷ сол дарс сурат мегирифт. Дар барномаи таълимии табибон ғайр аз омӯзиши фанҳои тиббӣ боз омӯзиши забону адабиёт, таърих, илми нуҷум, санъати сухан, фалсафа ва ғайра пешбинӣ мешуд. Донишҷӯён бо забонҳои паҳлавӣ ва юнонӣ ва суриёнӣ таҳсил мекарданд. Савияи донишу малакаи донишҷӯён бевосита дар сари бистари бемор санҷида мешуд. Дар давлати Сосониён ду гурӯҳ табибон - табибони ҷисм ва табибони рӯҳ амал мекарданд. Якум беморонро бо ёрии дорую теғи ҷарроҳӣ ва дуюм (табибони рӯҳшинос - тимсоли психотерапевтони ҳозира) бо ёрии сеҳри сухан, маросиму дуохонӣ ва соири воситаҳои таъсир ба рӯҳи бемор муолиҷа мекарданд». [2]

Ин ҷо ба андешаи муҳаққиқ дар мавриди он, ки Гунди Шопур маркази

тибби ҷаҳон мебошад, пурра розӣ шуда метавонем. Аммо ба андешаи мо, хулосаи муаллиф хусусияти яксамтагӣ дорад. Зеро ин фарҳангистон на танҳо маркази рушди илми тибби ҷаҳонӣ, тарбия кардани табибон, балки як маркази пуриқтидори илмӣ-фарҳангӣ мебошад, ки дар он донишмандони ҳамаи соҳаҳои илм: фалсафа, ахлоқ, нуҷум, ҷуғрофия, меъморӣ ва ғайра ҷамъ оварда шуда, ба рушди онҳо саҳми назаррас гузоштаанд. Далели дигари тасдиққунанда он аст, ки барои таҳсил дар Академияи мазкур вобаста ба тахассус он ҷавононе қабул карда мешуданд, ки ҳафт соҳаи муҳимтарини илм: сарфу наҳв, ҳандаса, ҳисоб, нуҷум, диалектика, илми маонӣ ва баён, мусиқиро омӯхта, дониши кофӣ дошта бошанд.

Ё худ дар рисолаи мазкур муаллиф чунин тавсия медиҳад, ки “пизишк бояд истеъдоди ташхиси дақиқи бемориро дошта, мутолеоти фаровон карда бошад, аъзои ҷисм ва мафосилро бишносад, доруҳо ва қавоиди онҳо бидонад, некхӯй ва ширинсухан бошад...” [13;48] Тавассути сухан ва сеҳри он табобат кардани беморон, ки дар илми муосир бо номи психотерапия маъмул аст, фазилати баланд, сифатҳои ҳамидаи ахлоқии табибро талаб мекард. Зеро бо лаҳни дурушту сухани ноҷо, нофорамкунанда ба дарди бемор даво бахшидан ногузир аст.

Дар рисолаи мазкур муаллиф дар бораи тақсимбандӣ ва тафриқаи бемориҳо таваҷҷуҳ зоҳир намекунад, байни кирдори бад, гуноҳ ва беморӣ фарқиятро нишон намедиҳад. Аммо як андешаи ҷолиб баён медорад, ки хашм, дурӯғ, худситоӣ, худнамоӣ, бетамизӣ ва ғайра ба мисли пӯсидагӣ, хӯроки вайроншуда, гуруснагӣ, ташнагӣ, пирӣ, дард ва ғайра аз навъҳои беморӣ ба ҳисоб мераванд.

Муҳаққиқи тоҷик Ю.Нуралиев низ оид ба рушди илми тибб дар Академияи Гунди Шопур таҳқиқот анҷом дода, қайд мекунад, ки яке аз талаботи асосии раванди таълим дар ин марказ он буд, ки муҳассилин дар баробари илми тибби Эрони қадим илми тибби ҳинду араб ва юнонию римиро омӯзанд, аз дастовардҳои онҳо воқиф шаванд ва минбаъд дар фаъолияти амалии худ аз онҳо истифода баранд. Талаботи дигар ин буд, ки табиб бояд сохти узвҳои одамро нағз донад, вазифаҳояшро ба хубӣ иҷро кунад, китоби бисёр хонад, дар бораи гиёҳҳои шифобахш дониши ҳаматарафа дошта бошад, асбоби ҷарроҳиро истифода карда тавонад, дар мавриди зарурӣ ба аёдати беморон ҳозир шавад, дунболи сарвату давлат нагашта, аз рӯйи меҳру шафқат ва накӯкорӣ беморонро муолиҷаю парастorӣ намуда, вазифаи худро садоқатмандона иҷро кунад ва нисбат ба беморон меҳрубону пуртоқат бошад. Донишгоҳи тиббии Гунди Шопур аз нахустин марказҳои таълимиву тиббии ҷаҳон ба шумор меравад, ки дар баробари табобати маризон, инчунин табибонро низ омода мекард ва дар назди ин бемористонҳо нахустин дорухонаҳо ба вуҷуд омаданд. [8;94]

Хизмати дигари Хусрави I дар рушди маркази илмӣ-фарҳангии Гунди Шопур аз он иборат аст, ки бо ташаббуси бевоситаи ӯ мероси адабии характери панду ахлоқидоштаи мардуми Ҳинд «Калила ва Димна» дастрас карда шуд. Ба иттилои сарчашмаҳо «Дар давоми таърихи қариб зиёда аз ҳазор сол ин асар борҳо ба назм дароварда шудааст, ба сабку услуби гуногун таҳрир ёфтааст, на фақат ба эътибори талаботи ғоявии замон, инчунин бо таъсири завқу салиқаҳои мухталифи бадеии ҳар давр тағйиротҳои ҷиддӣ пазируфтааст. Аммо рӯҳи халқӣ, ҳикмати бузурги халқии он, ки ифодаи орзуҳои нек ва хиради ҷовидонаи инсоният аст, ҳамеша барқарор буд ва аз талотуму ошӯбҳои асрҳо гузашта, то замони мо расидааст».[3;3]

Воқеан, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, аз ҳамлаҳои мудҳишу фарҳангсӯзи юно1, с.200ниҳо, арабҳою туркҳо бештари арзишҳои фарҳангӣ, бозёфтҳои таърихии тоҷикон аз байн бурда мешаванд. Масалан, бештари муаррихон Искандари Мақдуниро подшоҳи бераҳм ва ғаддор муаррифӣ

кардаанд. Чунки дар ҳамлаҳои худ ба муқобили Дорои III кишварҳои зери итоати Ҳахоманишинҳо қарордоштаро паси ҳам ба тасарруфи худ дароварда, харобиҳои зиёд овардааст. Хусусан, дар ҷангҳои худ ба муқобили шаҳрҳои куҳанбунёди Шуш, Истахр, пойтахти овозадори порсҳо - Персополис қасрҳову ибодатхонаҳоро ба хок яксон карда, чандин китоби муқаддаси зардуштиён, аз ҷумла «Авесто»-ро сӯзонид ва бисёр рӯҳониёнро гирифтори таъкибу нобудшавӣ кард. Ҷанговарон ғанимати бешуморе ба даст оварданд ва лашкари Искандар дар Персополис «чаҳор моҳ» дам гирифт. [1;200]

Хушбахтона дар қатори ёдгориҳои беназири фарҳангии боқимонда китоби «Калила ва Димна», ки аз ҷониби Барзуя ба забони паҳлавӣ тарҷума шуда буд, ҳифз карда шуд. Дар асоси тарҷумаи паҳлавии асари мазкур Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, ки худ аз донишманди эронитабор буд, арзиши ахлоқии асарро ба эътибор гирифта, онро ба забони арабӣ бармегардонад.

Дар баробари маркази илмӣ-таълимӣ будан, инчунин дар Академияи мазкур китобхонаи бузург таъсис дода шуда буд, ки 259 биноро ташкил медод. Маводи дар китобхона маҳфузбуда ба забонҳои гуногун: паҳлавӣ, юнонӣ ва санскритӣ таҳия ва ба нашррасида, нигоҳдорӣ карда мешуданд. Ба маълумоти Ю.Б.Исҳоқӣ ва Я.Тоҷиев “Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки сартабиби дармонгоҳ (клиника) дар як вақт вазифаи раиси донишгоҳро низ иҷро мекард. Ба ин мансаб мутахассиси донишманду ботаҷриба Бахтишо таъйин гардид. Академияи Гунди Шопур ҳамчун маркази ташкили бисёр ҷамъомадҳои олимон интихоб гардид. Масалан, бо амри Хусрави I Анӯшервон ҳанӯз соли 561 дар Гунди Шопур аввалин ҳамоиши олимони тибби донишгоҳҳои қариб ҳамаи давлатҳои мутараққӣ даъват шуда, он ба инкишофи минбаъдаи илми тиб мусоидат намуд”.[7; 60] Аммо омӯзиши сарчашмаҳо далолат аз он мекунанд, ки маълумоти ин муҳаққиқон хусусияти яктарафа дорад. Онҳо танҳо ба рушди соҳаи тиб ва вазъи тарбияи табибон дар ин фарҳангистон аҳамият дода, доир ба рушди дигар илмҳо мароқи зарурӣ зоҳир накардаанд. Ҳоло он ки дар сохтори Гунди Шопур ғайр аз донишкадаи асосии тиббӣ шуъбаҳои дигар: фалсафаву риёзиёт, адабиёту нуҷум ва бахшҳои дигари соҳаи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ворид карда шуда буданд.

Мувофиқи маълумоти донишмандони дигари тибби тоҷик Ю.Н.Нуралиев ва Ҷ.Додалишоев “Хизмати калони шоҳони Сосонӣ ва мутахассисони тибби форс-тоҷик дар он аст, ки онҳо тибби «Авасто»-ро бо илми тибби юнонӣ, ҳиндӣ, тибетӣ мутобиқ намуда, онро аз маҳдудияти чандинасраи динӣ озод карда, зина ба зина баланд бардоштанд. Дар соҳаи тиб усулҳои навтарини муолиҷаро кашф ва тавсия кардаанд, ки назар ба усулҳои мактабҳои тиббии юнонию ҳинд самараноктар буданд. Ихтироъ ва истифодаи доруҳо ривоҷ ёфта, истифодаи васеи омехтаҳои тилло, нуқра, мис, оҳан ва хлору сулфат оғоз гардид. Маҳз аз ин давра масъалаҳои муҳофизати модару кӯдак, гигиенаи шахсӣ ва ҷамъиятӣ, масъалаҳои одобу ахлоқи тиббӣ матраҳ гардид.[10;4-12] Хусусан, бо иттилои Ю.Н.Нуралиев “бо ёрии табибон таълимоти Авасто доир ба никоҳ ва бунёди оила боз ҳам инкишоф ёфта, маҷмуаи махсуси қонунҳо интишор гардиданд, чанд фасли он ба масъалаи никоҳ ва оила бахшида шуда буданд. Ин қонунҳо манфиати модар ва кӯдакро ҳифз мекарданд. Никоҳи байни хешовандони наздик манъ шуда, духтарони 14-сола ва писарони 16-18 сола ба балоғатрасида дониста мешуданд. Никоҳ фақат дар сурате имконпазир дониста мешуд, ки агар шавҳару ҳамсар ҳамдигарро аз рӯйи меҳру муҳаббат интихоб карда бошанд. Амалияи муоҳидаи никоҳ дар ҳузури камаш панҷ шоҳид пеш аз заношӯйӣ тартиб дода шуда, ба он муоҳида домоду арӯс ва шоҳидон имзо мегузоштанду мухр мемонданд. Мувофиқи муоҳидаи никоҳ шавҳар ва зан ҳардуяшон баробарҳуқуқ дониста мешуданд ва касе, ки агар хиёнат мекард, ҳатман ҷарима месупорид”. [9;187-195]

Аз ин далелҳои илмӣ чунин маълум мегардад, ки гузаштагони мо аз даврои қадим оиларо асоси пайдоиши ҷомеа, сарчашмаи асосии саломатӣ, ки тавлиди насли солиму ҳӯшманд ва созанда аз он вобастагӣ дорад, мешумориданд.

Мувофиқи иттилои донишмандони шинохтаи тоҷик Ю.Б.Исҳоқӣ ва Я.Тоҷиев доир ба тиббу дорусозӣ аввалин маротиба дар қисмати «Вандидод» - и китоби «Авасто» низ маълумот дода шудааст, воқеият дорад. Зеро, дар китоби «Авасто» оид ба зиёда аз сад намуди гиёҳҳои шифобахш, ба мисли қоқу, хума (бандак), сипанд, зира, кунҷит, сир, пиёз, сабзӣ, турб ва ғайра номбар мешаванд, ки дар байни онҳо «хаома» (хома) хеле машҳур буд. Ин растанӣ дар байни мардум бо номи ҳум ё бандак маълум буда, аз вай бо усули махсус шарбати «хаома» тайёр мекарданд. [6;90]

Бояд зикр намуд, ки мавриди омӯзиши пурра қарор додани китоби муқаддаси дини зардуштӣ “Авесто”, ки асоси онро се асли ахлоқӣ: пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек ташкил дода, дигар масоили иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангию иқтисодии марбут ба ҳаёти ҷамъиятӣ дар ин чорчӯба ҳаллу фасл меёбанд як таҳаввулоти ҷадид дар рушди фарҳанги гузашта, аз ҷониби подшоҳони сулолаи Сосониён ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, Академияи Гунди Шопур чӣ тавре бештари муҳаққиқони соҳаи тибб ба хулоса меоянд сирф донишгоҳи тиббӣ набуда, балки маркази илмӣ-фарҳангии рушди тамоми соҳаҳои илм: табиӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва дақиқ мебошад. Таъсиси Академияи Гунди Шопур аз ҷониби подшоҳони Сосонӣ ва ҷалб кардани донишмандони илмҳои мушаххаси кишварҳои гуногун: Миср, Ҳинд, Юнон, Рум ва ғайра барои фаъолият дар ин муассиса аз фазилати баланди фарҳанги кишвардорӣ, адлгустарӣ, инсондӯстӣ ва таваҷҷуҳи хосса додани онҳо ба рушди илму дониш дар ҷомеаи инсонӣ, далолат мекунад. Дастовардҳои илмӣ, китобҳои арзишманди таълиф ва тарҷумкардаи донишмандони фарҳангистони Гунди Шопур на танҳо барои рушду таҳаввули илму фарҳанги замони худ нақши асосӣ гузоштанд, балки тарҷума ва нашри онҳо дар марҳилаҳои баъдинаи таърихӣ барои пешрафт ва тараққии тамаддуни Шарқу Ғарб мусоидат карда, боиси таъсиси мактабҳои гуногуни илмӣ-фалсафӣ гаштанд.

Баъди таназзули давлати Сосониён аз ҷониби арабҳо кормандони фарҳангистон на ин ки тарки соҳа карданд, балки дар дигар марказҳои илмӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла дар Академияи “Байтул-ҳикма” (“Хонаи хирад”) - и Бағдод, ки тобеи хилофати Аббосӣ буд, ба фаъолият шурӯъ карда, барои рушди фарҳанги миллӣ, ҳифз кардани арзишҳои фарҳангии гузаштагон, хусусан ба тамаддуни ҷаҳонӣ ворид кардани ислом саҳми асосӣ гузоштанд.

Адабиёт

1.Гафуров, Б., Цибувидзе, Д. Александр Македонский и Восток. - М.,1980. 340с.

2.Ғуломшоев, С. Таъсис ва рушди академияи Гунди Шопур. /С.Ғуломшоев. /https://cyberleninka.ru/article/n/tasis-va-rushdi-akademiyai-gundi-shopur/viewer. Таърихи мурочиат: 30.09.2023с.

3.Калила ва Димна (Аз рӯи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ).- Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2019, 316с. - С.3.

4.Комилӣ, А. Аз таърихи пайдоиши академия ва Академияи илмҳо//Илм, технология ва технологияи инноватсонӣ. - Ашқобод, 2014. - С. 229-262.

5.Қифтӣ. Таърих-ал-ҳукамо. – Техрон, 1348. - С.216.

6.Исҳоқӣ, Ю., Тоҷиев, Я. Таърихи мухтасари тибби тоҷик. –Д., 1993.- С.120.

7.Исҳоқӣ, Ю. Б., Тоҷиев, Я. Таърихи тиб. - Душанбе, 1997. - С.60.

8.Нуралиев, Ю. Медицина эпохи Авиценны. - Душанбе, 1981. - 192с. - С.94.

9.Нуралиев, Ю. Медицина эпоху Мухаммада ал-Хоразми//Хоразм и Мухаммад ал-Хоразми в мировой истории и культуре. - Душанбе: Дониш, 1983. - С. 187-195.

10.Нуралиев, Ю.Н., Додалишоев, Ҷ. Гиёҳномаи Абӯмансури Муваффақ. - Душанбе: Ирфон, 1989. - С. 4-12.

КУЛЬТУРНЫЙ ЦЕНТР ГУНДИ ШОПУР И ЕЕ МЕСТО В ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ САСАНИДСКОЙ ЭТИКИ

Каримов К. С.

В данной статье автор отмечает, что Сасаниды являются наследниками империи Ахеменидов и относятся к числу первых разработчиков светского принципа государственности в государственном строе. Этика их государственности как социокультурного и политического явления является высшим примером государственности, определяющим поведение и действия человека, систему государственного управления, общественные отношения. Потому что принципами их работы считались принципы справедливости, соблюдение социального равенства, защита прав и свобод людей. В частности, за время своей государственности они оказали ценную услугу развитию таджикской цивилизации и национальной культуры, считаются возродителями ритуалов и традиций, национальных праздников и т.д.

Академия Гунди Шопур считается научным и культурным центром. Его создание под властью Сасанидов вызвало серьезные изменения в развитии науки и мировой культуры. Потому что способом работы ученых учреждения была не только написание книг, но и перевод, интерпретация и публикация ценных книг прошлого. Поэтому такое направление деятельности ученых культурного центра способствовало тому, что научные и нравственные ценности прошлого не были уничтожены, а стали доступны новому поколению человеческого общества посредством перевода на разные языки.

Ключевые слова: *общество, государство, культура, цивилизация, наука, медицина, этика, научно-культурный центр, академия, моральные ценности, обычаи и традиции, хорошая речь, хорошее поведение, хорошее мышление и др.*

CULTURAL CENTER GUNDI SHOPUR AND ITS PLACE IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF SASSANIAN ETHICS

Karimov Q. S.

In this article, the author notes that the Sassanids are the heirs of the Achaemenid empire and are among the first developers of the secular principle of statehood in the state system. The ethics of their statehood as a sociocultural and political phenomenon is the highest example of statehood, determining human behavior and actions, the system of government, and social relations. Because the principles of their work were considered to be the principles of justice, respect for social equality, and protection of people's rights and freedoms.

In particular, during their statehood they provided a valuable service to the development of Tajik civilization and national culture, and are considered the revivalists of rituals and traditions, national holidays, etc.

Gundi Shopur Academy is considered a scientific and cultural center. Its creation under the rule of the Sassanids caused serious changes in the development of science and world culture. Because the way the scientists of the institution worked was not only to write books, but also to translate, interpret and publish valuable books of the past. Therefore, this direction of activity of the scientists of the cultural center contributed to the fact that the scientific and moral values of the past were not destroyed, but became accessible to the new generation of human society through translation into different languages.

Key words: *society, state, culture, civilization, science, medicine, ethics, scientific and cultural center, academy, moral values, customs and traditions, good speech, good behavior, good thinking, etc.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТАҲАВВУЛИ БАҲСИ ҲАСТӢ ВА МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТҲОИ БУНЁДИИ ҲАСТӢ ДАР ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО

Шаҳовуддинов Нуриддин Субҳонқулович
- доктор Ph.D, дотсент, кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа ДМТ,
E-mail:: shahobiddinov@yahoo.com;
Тел: 00 992 93 740 02 84

Дар мақола ду масъалаи асосӣ, якум, густариши масъалаи моҳият, ки дар нахуст дар шакли баҳси "шайъ" ё "чиз" (вещь) матраҳ мегардид ва дувум назари бунёдии Сино дар мавриди ҳастӣ (бытие) матраҳ гардидааст. Масъалаи чиз ҳанӯз дар фалсафаи юнонӣ матраҳ буд ва дар оғози давраи исломӣ дар байни грамматикҳои мактабҳои Басра, Куфа ва Ироқ масъалаи мазкур дар асоси китоби "Қуръон" ҳаллу фасл мегардид. Масъала он аст, ки дар китоби муқаддас як назари ягона дар мавриди "чиз" вуҷуд надорад, балки метавон аз он маъниҳои гуногунро бардошт. Ба ақидаи донишмандон маҳз гуногунии фаҳмишҳо боиси ба вуҷуд омадани мактабҳои муътазилия ва ашъария дар илоҳиётшиносии исломӣ гардидааст. Форобӣ баҳси чизро ба баҳси моҳият табдил медиҳад ва густурдагии маънии ҳастӣ нисбат ба маънии чизро асоснок мегардонад. Масалан, чиз ба мисли ҳастӣ ифодакунандаи маънии техникӣ (абзорӣ) шуда наметавонад.

Қисмати асосии мақола ба масъалаи ҳастӣ ва хусусиёти он бахшида шудааст. Дар ин ҷо Сино асосан се хусусияти ҳастӣ, яъне ҳастӣ таърифнашаванда, умумитарин ва шинохтатаринро бозкушоӣ мекунад. Пеш аз ҳама Сино таъкид менамояд, ки ҳастӣ таърифнашаванда мебошад. Зеро мафҳуми умумитар нисбат ба мафҳуми ҳастӣ ва ё ҷинси наздики он вуҷуд надорад, то мо битавонем дар асоси он ҳастиро таъриф бикунем. Ҳастӣ худ умумитарин мафҳум буда, мафҳумҳои дигарро зери чатри худ қарор медиҳад. Тавассути як баҳси дигар Сино шинохтатарин будани маънии ҳастиро шарҳ медиҳад. Ҳастӣ ҳамчун иртисомоти аввалия барои зеҳн худ шинохтатарин мафҳум аст, аммо дар назар зоҳиран чунин менамояд, ки баръакс мафҳумҳои дигар шинохтатар нисбат ба он мебошанд. Дар ҳақиқат мафҳумҳои дигар танҳо танбеҳия мебошанд барои зеҳн, ки тавассути онҳо маънии ҳастӣ дар лаҳзаи даркорӣ маълум мегардад. Сино дар шарҳҳои гуногуни худ кӯшиш кардааст ҳастиро ҳамчун як маънии зеҳнӣ муаррифӣ намояд, ки он бо мавҷудоти беруна дар алоқа мебошад ва ҳамеша хабар додан ин хабар додан аз мафҳуми зеҳнӣ мебошад.

***Калидвожаҳо**: чиз, моҳият, ҳастӣ, мутакаллимон, ҳастии хос, танбеҳия, ҳастии зеҳнӣ.*

Вақте назари Сино дар мавриди мавзӯи асосии илоҳиёт (ба маънои метафизика)-ро таҳлил намудем, бароямон равшан гардид, ки ин мавзӯъ ҳастии мутлақ ва ё ҳастӣ чунон ҳастӣ (ал мавҷуд ал мутлақ ва ё ал мавҷуд ба моҳу мавҷуд) мебошад. Он чизе ки аз равшаниандозиҳои Сино бароямон маълум мегардад, он аст, ки чунин ҳастӣ дорои як маънист ва он маънӣ бо мафҳуми воҳид ва ягона якест. Новобаста ба ин, дигар сухан на аз худи ин ҳастӣ, балки аз аворизи хоси ҳастӣ ва дигар масъалаҳои бо он алоқаманд меравад ва муҳимтарин хусусият дар ин маврид он аст, ки ҳамаи ин мавҷудоти бо ҳастии мутлақ алоқаманд мавҷудоте мебошанд, ки аз модда ҷудо ва пеш аз олами моддӣ қарор доранд. Бояд ин ҷо

дар хотир гирифт, ки дар фалсафаи Сино низ, чунон ки дар ҳамаи файласуфони идеалист, ҳастӣ аз тафаккур меояд ва боз ҳам дақиқтар сухан аз он ҳастие меравад, ки дар зеҳн вуҷуд дорад ва ҳастии зеҳнӣ муҳимтар аст аз ҳастии ғайризеҳнӣ. Агар чизе дар зеҳн бошад ин шаҳодат аз мавҷудияти чизе берун аз зеҳн медиҳад. Инҷо масъалае аст, ки баъдан Р.Декарт ба он рӯй овардааст ва ба воситаи гумону шак ба он ҳастии оламро асоснок намудааст.

Дар робита ба Ибни Сино аҳаммияти зеҳн дар шинохти ҳастӣ бевосита роҳро барои масъалаи моҳият низ ҳамвор месозад. Агар каме аз фалсафаи Сино фаротар назар андозем ва назари Ҷоливетро дар мавриди масъалаи шайъ ва ҳастӣ дар осори мутакаллимон ба хотир биёварем, дармеёбем, ки ҳанӯз аз оғози масъалагузории масъалаи ҳастӣ пеш аз ҳама дар фалсафаи исломӣ ин масъала бо масъалаи чиз ва ё шайъ вобастагӣ дорад. Аз ин ҷиҳат ба хотири хубтар шинохтани масъалаи ҳастӣ аз диди Сино мо нахуст мухтасаран масъалаи шайъро дар баҳсҳои фалсафии оғози фалсафаи исломӣ матраҳ менамоем.

Масъалаи *шайъ* яке аз масъалаҳои асосии ҳастишиносӣ дар фалсафаи юнонӣ ба ҳисоб мерафт ва дар фалсафаи исломӣ низ он яке аз баҳсҳои аввалини фалсафаи исломиро ташкил медиҳад. Дар оғоз он то ба ҳадде боаҳамият буд, ки ҳатто аз баҳси ҳастӣ пешӣ дошт ва баръакси фалсафаи юнонӣ дар ин фалсафа мафҳуми шайъ ва шайъият боиси зуҳури мафҳуми *моҳият* гардид. Нахустин шуда ба ин масъала Ҷон Ҷоливет таваҷҷуҳ менамояд ва ин иқдоми ӯ аз ҷониби Роберт Висновский идома меёбад, ки ӯ ин масъаларо бунёдан таҳлил карда, сарогози пайдоиши ин баҳс ва раванди минбаъдаи онро пайгирӣ намудааст. Ба ақидаи Висновский ҳанӯз дар оғози марҳалаи исломӣ баҳсҳо дар мавридии маънии шайъ вуҷуд дорад. Аҳли Калом, ки бевосита “Қуръон”-ро асоси баҳсҳои худ қарор медоданд, дар мавриди масъалаи шайъ дар “Қуръон” назарҳои гуногунро ҷонибдорӣ менамуданд ва назари куллии онҳо он буд, ки дар ин китоб дар мавриди шайъ назари яксон вуҷуд надорад. Дар баъзе қисматҳои “Қуръон” шайъ ҳамчун муайянкунандаи Худо омадааст.

Агар шайъ муайянкунанда бошад, пас он худи Худо нест. Аммо боз ҷойҳое дар “Қуръон” вуҷуд дорад, ки худи Худо низ ҳамчун шайъ омадааст. Он чизе, ки масъаларо мураккаб мегардонад, он аст, ки дар “Қуръон” далелҳое вуҷуд доранд, ки мавҷудияти шайъро пеш аз вуҷуди Худо ҳамчун маъдум тасдиқ менамоянд ва чун Худованд каломи “бош”-ро истифода менамояд, онҳо аз ҳолати маъдумӣ ба ҳолати воқеӣ табдил меёбанд. [5,с.146] Висновский ақидае пешниҳод менамояд, ки мувофиқи он маҳз ҳамин номуайяниятии масъалаи шайъ дар “Қуръон” боиси ба вуҷуд омадани тафриқа дар байни пайравони Калом мегардад. Муътазилиҳо чунин ақидаро пешниҳод менамоянд, ки шайъ муайянкунандаи Худост ва ҳамчунин метавонад шайъ ҳамчун нестӣ ва ё шайъ ҳамчун пеш аз калимаи “бош” аз ҷониби Худованд низ шайъ мебошад.

Баръакси Муътазилиҳо Ашъариҳо ва Мотуридиҳо шайъ ҳамчун маъдумро эътироф надоранд. Ба ақидаи онҳо шайъ ҳамчун нестӣ шайъ нест. Ҳар як шайъ ҳастист ва ҳар як ҳастӣ шайъ аст. Пайравони ин бахши Калом шайъ ва ҳастиро бо ҳам айният медоданд ва ҳар дуро офаридаи Худо медонистанд.[4,с.106],[5,с.146-149] Дар умум Висновский панҷ консепсия дар мавриди чизро, ки дар фалсафаи исломӣ ва аз ҷумла дар байни мутакаллимон вуҷуд дошт, зикр мекунад, ки то замони Сино ва пас аз ӯ вуҷуд доштаанд:

1. Шайъ ин чизест, ки офарида шудааст ва дорои шабоҳати худ аст;
2. Шайъ ҷисм аст;
3. Шайъ чизест, ки метавон ба он ишора намуд;
4. Шайъ чизест, ки мавҷуд мегардад;
5. Шайъ вуҷуд аст ва танҳо ҳамон вақт он шайъ аст, ки дорои вуҷуд гардад. [5,с.149]

Нуктаи муҳим дар ин мавриd он аст, ки фаҳмишҳои зикргардида дар мавридҳои шайъ то замони Форобӣ чандон мавриди дигаргунӣ қарор намегиранд. Нахустин маротиба Ал Киндӣ кӯшиш намудааст, ки ин андешаҳоро бо мафҳумҳои нав ва дар як сатҳи нисбатан болотар матраҳ гардонад, аммо ин кӯшиши Киндӣ ҳанӯз назаррас набуд. Нахустин шуда Форобӣ дар фалсафаи исломӣ мафҳуми моҳиятро истифода менамояд, ки он экиваленти арабии мафҳуми юнонии tot i en einai мебошад. [5,с.150]

Форобӣ на танҳо нахустин шуда мафҳумҳои навро истифода менамояд, балки дар тасаввуроти ҳар ду гурӯҳ, яъне ҳам муътазилиҳо ва ҳам ашъариҳо тағйироти бунёдӣ ба вуҷуд меоварад. Аз ин давра сар карда дигар шайъ ба мисли ҳастӣ дорои маънии умумӣ намегардад ва ҳастӣ низ дигар дорои айният бо шайъ дониста намешавад. [7, с.190] Форобӣ бо муътазилиҳо, аз он ҷое, ки шайъро ҳам барои мавҷудот ва ҳам барои маъдумот ҳамчун маънии ҷинсӣ мешинохт, ҳамоҳангӣ дошт, аммо дар як вақт таъкид менамояд, ки ҳастӣ дорои вазифаҳои дигар ва нақшҳои дигарест, ки он вазифаҳо ва нақшҳоро шайъ иҷро карда наметавонад. Зери таъсири "Арғунун"-и Арасту, ки истифодаи ҳастиро ба маънии техникӣ зикр кардааст, Форобӣ низ ин хусусиятро таъкид менамояд, ки онро мо наметавонем дар шайъ мушоҳида намоем. Масалан, мо метавонем ҳастиро ҳамчун хабар дар байни субъект ва объект истифода намоем, аммо шайъро дар ин вазифа истифода бурда наметавонем. Масалан, метавон гуфт: "Зайд ҳамчун инсон мавҷуд аст", аммо наметавон гуфт, ки "Зайд ҳамчун шайъ инсон аст" [5,с.151],[4,с.107]

Бо чунин мисол Форобӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди он ки ҳар ду мафҳум дорои айният мебошанд, аммо фарқияти бунёдӣ дар байни ин мафҳумҳо вуҷуд дорад. Мо метавонем дар таҳлилҳои Сино густариши ҳамин ақидаи Форобиро мушоҳида намоем. Дар идома мо кӯшиш менамоем, ки нахуст бевосита ақидаи Сино дар мавриди ҳастӣ ва минбаъд масъалаи ҳастӣ дар алоқамандӣ бо масъалаи шайъро, ки дар натиҷа ифодакунандаи маънии моҳият ва ҳақиқати ашёро низ ифода менамояд, мавриди таҳлил қарор диҳем.

Ҳастӣ ва шайъ ҳамчун инъикосоти авалия ва ё тасаввуроти омӣ

Метафизикаи Сино дар ҳамаи асарҳояш бо шарҳи маънии ҳастӣ ва ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ оғоз меёбад ва сипас масъалаҳои дигар, ки дар муносибат бо ҳастӣ вуҷуд доранд, мавриди шарҳдиҳиҳои тӯлонӣ қарор мегиранд ва худи ҳастӣ дар ҳошия ва ё фаромӯшӣ қарор мегирад. Масалан, дар "Донишнома" Сино дар мавриди Ҳастӣ чунин мефармояд:

Ҳастиро хирад худ бишносад беҳадду берасм, ки ӯро ҳад нест, ки ӯро ҷинсу фасл нест, ки чизе аз вай омтар нест ва варо расм нест, зеро ки чизе аз вай маъруфтар нест. Оре, бошад, ки номи варо ба забоне, дуни забоне, бишиносанд. Пас, ба тадбире огаҳӣ диҳанд, ки бад-он лафз чӣ хоҳанд. Масалан, агар ба тозӣ гуфта бошанд, ба порсӣ тафсири вай кунанд ё ишорат кунанд, ки вай он аст, ки ҳамаи чизҳо андар зери вай ояд (Осор, ҷилди якум, "Донишнома", Саҳ. 219).

Шояд асоситарин шарҳи ҳастӣ маҳз ҳамин сухан бошад, ки дар худ тамоми таҳлилҳои метафизикии Синоро ифода менамояд. Аввалин хусусияти ҳастӣ он аст, ки ҳастӣ қобили таъриф нест. Зеро он омтарин ва ё умумитарин мафҳум мебошад. Танҳо он чизе дорои таъриф аст, ки дорои мафҳуми ҷинсӣ ва нишонаи навъӣ бошад. Вақте чизе омтарин мафҳум аст, пас болотар аз он мафҳуми ҷинсии дигаре вуҷуд надорад ва дар ин сурат имкони таъриф ғайриимкон мегардад. Хусусияти дувуми ҳастӣ он аст, ки он "маъруфтарин мафҳум" мебошад. Мақсад аз амали таъриф ин равшан сохтани мазмун ва ҳақиқати чизҳо мебошад ва дар ин амал чизи камтар шинохташуда тавассути чизи бештар шинохташуда шинохта мегардад. Агар ҳастӣ худ шинохтатарин мафҳум аст, пас

он ниёз ба таъриф надорад. Чӣ гуна мешавад, ки барои шинохт чизеро, ки нисбат ба ҳастӣ камтар шинохта шуда аст, барои шинохти ҳастӣ истифода барем. Бояд амали баръакс сурат гирад, яъне барои шинохти дигар мафҳумҳо мо бояд мафҳуми ҳастиро истифода намоем, зеро он шинохтатар мебошад. Ин ҷо бояд ин нуктаро қайд намуд, ки Сино ҳамон суханони Арасту дар мавриди ҳастиро истифода намудааст ва мисли тамоми файласуфони минбаъда ба гуфтаи Арасту чизеро илова накардааст. Арасту низ дар мавриди худ ҳастиро ҳамчун мафҳуми "умумитарин" ва "шинохтатарин" қайд намудааст.

Мо кӯшиш менамоем, ки ба ифодаи дар иқтибоси боло овардашудаи Сино "Ҳастиро хирад худ бишносад" равшанӣ андозем. Чӣ гуна хирад ва ё ақл ҳастиро худ бидуни ягон ҳад ва ё расм мешиносад? Ин масъала дар "Шифо" муфассалтар ва васеътар матраҳ гардидааст. Дар ин ҷо мо ба ду далел масъалаи шайъро вориди баҳси мазкур мегардонем: якум, Сино шайъро низ ба мисли ҳастӣ аз тасаввуроти омие медонад, ки нафс худ онро мешиносад ва ҳамон андешаеро, ки дар "Донишнома" дар мавриди ҳастӣ баён месозад, дар "Шифо" дар нисбати шайъ иброз медорад ва дар ҷое мегӯяд, ки "Ва мегӯем: маънои "вуҷуд" ва маънои "шайъ" дар нафс ба тасаввур меоянд ва ин ду муайян ҳастанд."[2,с.24] Далели дувум он аст, ки мафҳуми шайъ моро ба масъалаи дигари асосии метафизикаи Сино, яъне моҳият, роҳнамоӣ менамояд, ки пас аз тарҳи масъалаи якум мо ба тарҳи маънии моҳиятро ифода намудани шайъ мепардозем.

Ба ақидаи Сино ҳамон гуна ки дар тасдиқ як қатор чизҳои худ аз худ маълум вуҷуд доранд, дар тасаввури инсон низ як қатор маъниҳо аз қабили "воҳид", "шайъ" ва ё "мавҷуд" вуҷуд доранд, ки хело барвақт дар зеҳни инсон нақш мебанданд. Ин мафҳумҳо барои нафс аз ҳар маънии дигар шинохтатаранд ва дар раванди маърифат онҳо нисбат ба ҳар мафҳуми дигар пешӣ доранд. Шинохти мафҳумҳои дигар танҳо тавассути шинохти мафҳумҳои дар боло зикргардида имконпазир аст. Аммо зоҳиран ба назар чунин менамояд, ки мо тавассути мафҳумҳое, ки камтар шинохтатар ҳастанд, ин мафҳумҳои дар асл бештар шинохташударо мешиносем. Калима ва ишораҳое, ки барои шинохти мафҳумҳое чун шайъ ва ё ҳастӣ истифода мегарданд, дар воқеият мафҳумҳои ношиносро шинос намекунанд, балки онҳо танбеҳия мебошанд, ки маъниҳои хело барвақт дар зеҳн нақшбастаро дигарбора бедор месозанд. [7,с.328] Муносибати маъниҳо ва ё иртисомоти аввалия ва танбеҳияро Сино чунин тасвир намудааст:

[…] ҳамин тавр ҳам дар тасаввурот умуре вуҷуд доранд, ки маводди аввалияи тасаввурот ҳастанд, ва худ ба худ мавриди тасаввур қарор мегиранд, ва агар қасди он бошад, ки чизе ба онҳо далолат бикунад, ин кор дар ҳақиқат таърифи чизи маҷҳуле нест, балки танбеҳ ва ба хотир овардан ба воситаи исме ё аломате аст, ки чи басо фи нафса аз мадлул ухфӣ аст, аммо ба ҷиҳате ва дар вазъияте урф гаштааст. ("Шифо", Илоҳиёт, мақолаи якум, V[1], Саҳ. 23).

Сино чунин ақида дорад, ки зеҳни инсонӣ барои шинохти ҳар як тасаввур ниёз ба мафҳуми пеш аз худ омада надорад. Зеро дар ин сурат як қатори беохири мафҳумҳо ва ё доираи мафҳумҳо ба вуҷуд меояд. Чунин амал ҳам замони зиёдро мегирад ва ҳам аксаран номуваффақ боқӣ мемонад. Зеҳни инсон дар лаҳзаи даркорӣ мафҳуми заруриро ба воситаи танбеҳияҳо ба даст меоварад. [2,с.23]

Барои он ки ақидаи Сино дар мавриди тасаввуроти омиёнаи авалия ва алоқаи онҳо бо танбеҳияро, ки далели ӯ барои ғайриқобили таъриф будани ҳастӣ мебошад, беҳтар шарҳ диҳем, ду мисоли овардаи худи Синоро ин ҷо матраҳ мекунем: авал, ғайримумкинии таърифи тасаввуроти аввалия, ки ин тасаввуротҳо барои нафс шинохтатар ва возеҳтар ҳастанд, ба воситаи калима ва ишораҳо, ки барои таърифи тасаввуроти аввалия истифода мегарданд. Масалан,

баъзеҳо барои таърифи мавҷуд мекӯшанд ва мегӯянд: “Мавҷуди ҳақиқӣ мавҷудест ки ё фоил ва ё мунфаил аст”. [2,с.23] Агар ин ҳукм дуруст бошад, мегӯяд Сино, пас “фоил” ва “мунфаил” аз қисматҳои “мавҷуд” ҳастанд, яъне “мавҷуд” шинохтатар аз “фоил” ва “мунфаил” мебошад ва инсонҳо аз “мавҷуди ҳақиқӣ” тасаввурот доранд, бидуни он ки донанд, он “фоил” аст ва ё “мунфаил”. Ин ғайриимкон аст, ки чизҳои камтар шинохташуда барои шинохти чизҳои бештар шинохташуда истифода гардад. То замоне, ки мавҷуд шинохта нагардад сифатҳои он ношинохта боқӣ мемонанд.

Ҳамин ақидаро Сино дар мисоли шайъ низ истифода мебарад ва дар ин маврид ду зиддияти мантиқиро нишон медиҳад, ки онҳо аз ин қабил мебошанд: агар шайъро чунин таъриф намоем: “Шайъ чизе аст, ки хабар додан аз он саҳеҳ аст”, дар ин ҷо 1. Ифодаҳои “саҳеҳ будан” ва ё “хабар додан” танҳо замоне бароямон равшан мегарданд, ки агар аллакай худи шайъро шинохта бошем. То замоне, ки маънии шайъ ба мо равшан набошад, маъниҳои “саҳеҳ будан” ва “хабар додан” равшан намегарданд. Бинобар ин, ғайриимкон аст, ки барои шинохтани чизе чизеро истифода намоем, ки камтар шинохтатар бошанд нисбат ба худи чизи таърифшаванда; 2. Зиддияти дигари мантиқӣ дар ин ҷо он аст, ки барои таърифи чизе худи ҳамон чизро истифода намудаем. Зеро “шайъ” ва “чиз” ҳар ду як чиз мебошанд ва ин чунин маънӣ дорад, ки “шайъ шайъе аст, ки хабар додан аз он саҳеҳ аст”.[2,с.23] Барои мо аз мантиқ маълум аст, ки барои таърифи шайъ мо бояд ҷинси наздики онро истифода намоем, аммо дар ин ҷо ба ҷои ҷинси наздик боз худи мафҳуми таърифшавандаро истифода намудаем, ки аз зиддияти мантиқӣ бархурдор аст.

Ягона чизе, ки аз ин таърифҳои беэътибор гирифта метавонем он аст, ки калима ва мафҳумҳои барои таъриф истифодашуда ҳамчун танбеҳия нақш мебозанд. Онҳо нисбат ба мафҳумҳое, ки барои таърифи онҳо истифода мешаванд, дар воқеият аз он мафҳумҳо камтар шинохтатар ҳастанд.

Агар дар ин ҷо мо назари Синоро хулоса намоем, чунин бардоште карда метавонем, ки мафҳумҳои шинохтаи зикргардида бидуни ишораи дигар мафҳумҳо низ барои зеҳн ва хирад маълум мебошад ва калима ва мафҳумҳои дар таърифи мафҳумҳои номбаршуда истифодашаванда дар ҳақиқат камтар шинохташуда нисбат ба худи мафҳумҳои бунёдӣ ҳастанд, аммо онҳо танбеҳияанд ва бо ёрии онҳо зеҳн мафҳуми заруриро дар лаҳзаи даркорӣ ба хотир меоварад. Баҳси он ки шайъ як тасаввури ом ва ё иртисоми авалия аст, фақат як қисмати баҳсро ташкил медиҳад, қисмати дигари он маънии дигари мафҳуми “шайъ” аст, ки ба моҳият ва ҳақиқати ашё далолат мекунад. Дар идома маҳз ҳамин масъала дунболагирӣ мешавад.

Масъалаи шайъ ва таҳаввули он то ба дараҷаи зуҳури моҳият

Пеш аз он, ки мафҳуми моҳият аз ҷониби Форобӣ вориди луғати фалсафӣ гардонида шавад, шайъ то андозаи муайяне ҳамон маънии моҳиятиро иҷро менамуд. Вақте шайъ гуфта мешавад, на фақат ҳастии зоҳирии мавҷудот, балки мавҷуди зеҳнӣ низ дар назар дошта мешавад ва дар ҳақиқат маҳз ҳастии зеҳнӣ маънии ҳақиқиро ифода менамояд. [2,с.25]

Дар муносибат бо маънии ғайризоҳирии чиз Сино роҳро барои густариши маънии моҳият ҳамвор месозад. Ба ақидаи ӯ ба ғайр аз маънии зоҳирӣ ҳар як чиз дорои боз ҳақиқати дигаре мебошад, ки он маҳз моҳият мебошад. Ин моҳият ва ё ҳақиқати дигар ҳамчун “вуҷуди хос”-и чиз шинохта мешавад, ки аз ҳастии зоҳирии чиз фарқ менамояд:

Шайъ ва қоиммақоми он дар ҳамаи забонҳо гоҳе ба маънои дигаре ҳам далолат дорад. Зеро ҳар чизе дорои ҳақиқатест, ки моҳияти ҳамон чиз аст; ва лизо ҳақиқати мусаллас мусаллас будани он аст, ва ҳақиқати сафедӣ сафед будани он аст; ва ин моҳият ҳамон

чизест, ки онро чи басо вуҷуди хос меномем ва мақсудамон аз он вуҷуди муҳаққақи хориҷӣ нест. Зеро лафзи вуҷуд ҳам ба маъонии мутааддиде далолат мекунад, аз ҷумла вуҷуд ба маънои ҳақиқате ки қивоми шайъ ба он ҳақиқат аст; ва лизо он чӣ қивоми шайъ ба он аст, гӯйӣ вуҷуди хоси шайъ аст ("Шифо", Илоҳиёт, мақолаи авал,V[8], Саҳ. 25).

Муҳимтарин бардоште, ки аз иқтибоси боло метавонем ба даст оварем, он аст, ки шайъ ва ё чиз ифодакунандаи ҳақиқат ва ё маънии моҳиятии ҳамон чиз мебошад. Мафҳуми дигаре, ки дар муносибат ба ҳақиқат ва моҳияти чиз истифода гардидааст, "вуҷуди хос"-и чиз мебошад, ки он аз вуҷуди хориҷии чиз фарқ менамояд. Дар ин ҷо мо аллакай бо ду вуҷуд дучор меоем: яке вуҷуди хоси ҳар як чиз, ки ҳамон моҳият ва ҳақиқати чиз мебошад ва дигаре ҳастӣ ҳамчун маънии омӣ, ки ба тариқи аразӣ вориди моҳиятҳо мегардад. Чун вуҷуди хоси чизҳо аз вуҷуди хориҷии онҳо фарқ мекунад, пас он вуҷуд дар зеҳн мебошад, ки Сино дар ин маврид домани баҳсро густариш медиҳад ва бар он таъкид менамояд, ки вуҷуд пеш аз ҳама вуҷуд дар зеҳнро ифода менамояд. Вақте Сино мегӯяд, ки "вуҷуди хос" ва ё ҳақиқати чизҳо аз вуҷуди хориҷии он фарқ менамояд, ӯ ба як чизи ниҳоят муҳимми фалсафаи худ ишора мекунад, ки он чунин аст: новобаста аз он, ки вуҷуди хориҷии чиз вуҷуд дорад ё на, мо метавонем аз вуҷуди хос сухан гӯем. Мафҳуми вуҷуд низ ҳамчун яке аз мафҳумҳои асосии метафизикаи Сино маҳз ҳамин ҳақиқат, моҳият ва ё "вуҷуди хос"-ро, ки аз вуҷуди хориҷӣ фарқ менамояд, ифода менамояд.

Дар густариши баҳс Сино гуфтори "Фалон ҳақиқате ё дар хориҷ ё дар нафс ё мутлақан дар аъм аз ин ду мавҷуд аст"-ро мепазирад. Аз як ҷониб, дар ин ҷо аҳаммияти маънии моҳият ба назар расад, аз дигар ҷониб, тадриҷан аҳаммияти вуҷуди зеҳнии чиз, ки вуҷуди он танҳо дар зеҳн қобили дарк аст, ҳам ифодакунандаи маънии шайъ ва ҳам вуҷуд мебошад. Аммо ин маънии онро надорад, ки вуҷуд ва ҳақиқат ҳар ду як чиз бошанд. Вуҷуд он гуна, ки худи Сино мегӯяд: "*лафзи вуҷуд ҳам бар маъонии мутаъадиде далолат мекунад*" ва танҳо дар як нисбат ифодакунандаи вуҷуди моҳият мебошад, яъне маънии вуҷуд умумитар нисбат ба маънии моҳиятии чизҳост.

Мо дар боло аллакай зикр намуда будем, ки баҳси шайъ тадриҷан ба баҳси моҳият табдил меёбад ва дар фалсафаи Сино ин маъниро мазҳ дар ҳамин бахш мушоҳида менамоем. Пас аз он, ки Сино назарҳои мухолифони худро, ки ҳақиқат ва шайъро ҳамчун моҳият қабул надоранд, инкор менамояд, ақидаи худро дар асоси гуфтори "Ҳақиқати А шайъест ва ҳақиқати Б шайъи дигарест" бар он асоснок мегардонад, ки ҳадаф аз шайъ ҳамон маънии моҳиятӣ мебошад:

[…] Аммо агар бигӯйӣ: " Ҳақиқати А шайъест ва ҳақиқати Б шайъи дигарест", ҳарфи саҳеҳ ва муфиди фоидае аст. Зеро дар ниҳонхонаи нафси худ ба ин қоилӣ, ки ин шайъ шайъи ҷудо ва махсусест ва мухолиф бо он шайъи дигар аст. Ҳамин тавр аст, агар мегуфтӣ ки: "ҳақиқати А як ҳақиқат ва ҳақиқати Б ҳақиқати дигарест". […] Пас мақсуд аз шайъ ҳамин маъност ("Шифо", Илоҳиёт, мақолаи авал, IX [9], Саҳ. 25.)

Баҳси дигари бунёдӣ дар нисбати метафизикаи Сино, ин муносибати мавҷуд ва шайъ аст, ки дар зимни он Сино як қатор консепсияҳо дар мавриди шайъро инкор мекунад ва ҳамчунин ба масъалаи нестӣ равшанӣ меандозад.

Сино қайд менамояд, ки мавҷуд бояд ҳамеша шайъро ҳамроҳӣ намояд, зеро ҳар як шайъ ё мавҷуд дар хориҷ аст ва ё мавҷуд дар зеҳн ва агар чунин набошад он аслан шайъ нест. [2,с.25] Бо ин ақидаи худ Сино баъзе аз ақидаҳои аллакай мавҷуда дар мавриди шайъро инкор менамояд, зеро баъзе назарҳо мавҷудияти зеҳнии шайъро инкор мекарданд ва баъзеи дигар бовар доштанд, ки шайъ метавонад на дар зеҳн вуҷуд дошта бошад ва на дар ҷаҳони хориҷӣ.[5,с.149] Чун баҳс то андозае мураккаб аст, мо мекӯшем, ки дар алоҳидагӣ назарҳои бунёдии Синоро

матраҳ гардонем. Сино ақидаи муътазилиҳоро, ки “Гоҳо шайъ маъдуми мутлақ аст”, танқид менамояд. Ин баҳс дар худии худ ба ду қисмат тақсим мешавад, ки дар қисмати аввал Сино ғайриимкон будани хабар додан аз маъдум, ё нестии мутлақ, яъне нестӣ ҳам дар зеҳн ва ҳам дар ҷаҳони хориҷиро, исбот менамояд.

Яке аз далелҳои Сино дар мавриди ғайриимкон будани нестии мутлақ дар заминаи таҳлили гуфтори “Маъдум фалон аст”, бармеояд: агар ягон чиз барои як нестӣ хусусият бошад, он гоҳ ё ин хусусият барои нестӣ аст: а. дар воқеият вуҷуд дорад ва ё б. ин хусусият вуҷуд надорад. Дар сурати фарзи дувум, яъне (б) худ аз худ маълум мегардад, ки хусусияте вуҷуд надорад. Аммо агар ин хусусият барои нестӣ вуҷуд дошта бошад, он гоҳ ё а. 1. ин хусусият дар худии худ вуҷуд дорад ва ё а. 2. он дар худии худ вуҷуд надорад. Агар ин хусусият дар худии худ вуҷуд дошта бошад (а.1) пас нестӣ низ тавассути ин хусусият дорои ҳастӣ мегардад, ки ин ғайриимкон аст. Аммо агар ин хусусият дар худии худ вуҷуд надошта бошад (а. 2) пас чӣ гуна он метавонад хусусият барои нестӣ гардад? [2,с.26] Натиҷа ин боқӣ мемонад, ки нестии мутлақ вуҷуд надорад ва ҳеҷ гуна маҳмул ба он ҳамл гардида наметавонад ва ё аз он хабар додан амри маҳол аст.

Дар ин ҷо Сино мавҷуд набудани нестии мутлақро исбот менамояд ва акнун танҳо ду алтернативаи дигар боқӣ мемонад, яъне нестӣ дар ҷаҳони хориҷ ва нестӣ дар зеҳн ва ин масъала қисмати дувуми баҳсро ташкил медиҳад. Сино алтернативаи якум, яъне нестӣ дар ҷаҳони хориҷро қабул дорад. Дар ин ҷо ӯ дар муқобили ақидаи мактаби асҳоби ҳаюло қарор мегирад. Он гуна ки дар боло нишон додаем, Сино ақидаи онро, ки шайъ фақат ҳамон шайъест, ки дар ҷаҳони хориҷӣ вуҷуд дорад, инкор мекунад ва баръакси онро қабул дорад, яъне шайъ метавонад, ки дар ҷаҳони хориҷӣ вуҷуд надошта бошад. [2,с.26] Ягона алтернативае, ки Сино ғайриимкон будани онро қабул надорад, ин нестӣ дар зеҳн мебошад. Агар чизе дар ҷаҳони хориҷӣ вуҷуд дошта бошад, аммо дар зеҳн вуҷуд надошта бошад, пас он вуҷуд надорад, аммо агар чизе дар зеҳн вуҷуд дошта бошад, аммо дар ҷаҳони хориҷ ҳам вуҷуд надошта бошад, пас он вуҷуд дорад ва хабар додан низ ин хабар аз вуҷуд дар зеҳн мебошад: “Зеро ҷоиз аст, ки чизе мавҷуд дар зеҳн ва маъдум дар ашёи хориҷӣ бошад.” [2,с.26] Ҳамчунин дар мавриди “хабар додан” низ Сино ҳамин назарро таъкид менамояд, ки хабар додан ин хабар аз мавҷуд дар зеҳн мебошад ва бо вуҷуди он, ки он дар хориҷ вуҷуд надошта бошад: “... ахбор ҳамвора аз маъноест, ки мавҷуд дар нафс ҳастанд, валав ин ки маъдум дар хориҷ бошанд ва маънои ахбор аз маонӣ ин аст, ки маонӣ дорои нисбате бо хориҷ ҳастанд. ” [2,с.27] Сино дар ин маврид ниҳоят ифротӣ муносибат менамояд, зеро агар чизҳои хориҷӣ вуҷуд надошта бошанд, он гоҳ хабар додан аз чизҳо дар зеҳн низ номумкин мегардад. Агар вуҷуди хориҷӣ вуҷуд надошта бошад, он гоҳ вуҷуд дар зеҳн низ ғайриқобили тасаввур мебошад. Дар асл ин вуҷуди хориҷист, ки бо вуҷуд дар зеҳн робита дорад, аммо барои Сино ин вуҷуди зеҳнист, ки бо вуҷуди хориҷӣ дорои муносибат аст ва хабар додан аз вуҷуди хориҷӣ фақат аз он сабаб аст, ки он бо вуҷуди зеҳнӣ дар робита мебошад.

Хабар додан пеш аз ҳама хабар додан аз вуҷуд дар зеҳн мебошад, ин бар тамоми фалсафаи Сино сидқ менамояд. Ҳангоми бархурд бо метафизикаи Сино бояд ҳамеша ин нуктаро дар назар дошт, ки вақте сухан аз вуҷуд ва ё “хабар додан” меравад, пеш аз ҳама вуҷуди зеҳнӣ дар назар дошта шудааст ва танҳо ба тариқи аразӣ сухан аз вуҷуди хориҷӣ ва хабар додан аз вуҷуди хориҷӣ меравад. Дар мавриди он, ки хабар додан ҳамеша аз вуҷуд дар зеҳн мебошад, Сино як мисолеро дар гуфтори содаи “Қиёмат ҳаст” матраҳ месозад: “Масалан, агар бигӯйӣ: “Қиёмат ҳаст”, [маънои] “қиёмат” ва “ҳаст”-ро медонӣ ва “ҳаст” мавҷуд дар нафсро бар “қиёмат” мавҷуд дар нафс ҳамл мекунӣ.” [2,с.27] Он чизҳое, ки дар

зеҳн ҳастанд ва дорои муносибат бо ҷаҳони беруна ҳастанд ва ё на барои зеҳн маълум ҳастанд. Аммо агар он чизҳое, ки дар ҷаҳони беруна вуҷуд доранд, вале муносибате бо зеҳни инсонӣ надошта бошанд, ношинохта ва номуайянанд ва хабар додан аз онҳо ғайримумкин мегардад. Сино дар фалсафаи худ дар ҳар маврид аз неруи мантиқ истифода менамояд ва дар ин маврид низ дар муносибат ба моҳият ва ҳастии зеҳнӣ маҳз аз мантиқ истифода намудааст. “Қиёмат” ҳамчун маънӣ, то замоне, ки дар зеҳн вуҷуд надошта бошад, дорои ҳастӣ шуда наметавонад ва ҳамчунин маънии “ҳаст”, низ танҳо замоне метавонад бар “қиёмат” ҳамл гардад, ки он дар зеҳн вуҷуд дошта бошад ва то замоне, ки “ҳастӣ” дар зеҳн бар “қиёмат” ҳамл нагардад, дорои ҳастӣ намегардад.

Чиз дар нафс ва ё зеҳн дорои як маънии умумии “ҳастии хос” ва ё моҳият аст ва ҳастӣ дар ҷаҳони беруна дорои муносибати аразӣ бо ин “ҳастии хос” мебошад. Дар охири баҳси ҷавҳар ва араз мо ба ин масъала дигарбора бармегардем. Маҳмул ҳамеша аз ҳастии хос ва ё чиз дар зеҳн хабар медиҳад, аммо агар ин ҳастии хос бо ҷаҳони беруна дар муносибат қарор дошта бошад, он фақат ба тариқи аразӣ аз чиз дар ҷаҳони хориҷӣ хабар медиҳад.

Адабиёт

1. Абӯалӣ Ибни Сино, Осор, “Донишнома”, ҷилди якум. –Душанбе. 2005.

2. Абӯалӣ Ибни Сино, “Китоб Ашшифо” (Илоҳиёт) арабӣ-форсӣ, (таҳия ва тарҷумаи Иброҳими Додҷу). –Теҳрон. 1388(2010).

3. Абӯалӣ Ибни Сино “Ишорот ва танбеҳот” (Таҳия бо тарҷума ва тафсири Ҳусайни Маликшоҳӣ), қисми якум, нашри шашум. –Теҳрон. 1388 (2009).

4. Р. Висновский, “Сино ва анъанаи синогароӣ”, дар: Петер Адамсон ва Ричард Тайлор (таҳиякунандагон), “Компендиуми Кембриҷии Фалсафаи Араб”. –Кембриҷ. 2004.

5. Висновский, Роберт, “Метафизикаи Сино дар контекст”. –Лондон. 2003.

6. Диноршоев, Мусо, “Компендиуми фалсафаи Ибни Сино”. – Душанбе. 2010.

7. Кутзарова, Тиана, “Масъалаи трансендатсия дар фалсафаи Ибни Сино” (Метафизика ҳамчун илм дар мавриди мафҳум ва қазоватҳои бунёдӣ). - Лайден/Бостон. 2009.

ЭВОЛЮЦИЯ ДИСКУССИИ О СУЩНОСТИ И СУЩЕСТВОВАНИЯ И ФУНДАМЕНТАЛЬНЫЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ СУЩЕСТВОВАНИЯ В ФИЛОСОФИИ ИБН СИНЫ

Шаховуддинов Н.С.

В статье рассматриваются два вопроса: во-первых, вопрос о сущности, который был поднят в форме спора о «шайъ”, предмете» или «вещи», и, во-вторых, взгляд Ибн Сины на существование (вучуд, хасти). Проблема бытия (хасти) обсуждалась ещё в греческой философии, а в начале исламской эпохи среди грамматистов школ Басры, Куфы и Ирака она обсуждалась на основе книги «Коран». Проблема в том, что в священной книге нет единого взгляда на «вещь» (шайъ), и из нее можно исчерпать разные значения. По мнению ученых, именно разнообразие понимания данного термина привело к появлению школ мутазилитов и ашаритов в исламском богословии. Фароби переводит обсуждение вещей (чиз) на плоскость обсуждения сущности (мохият), и обосновывает расширение смысла бытия (хасти) по сравнению со смыслом вещей. Например, такая вещь (шайъ, чиз), как существование (вучуд), не может выражать технический (инструментальный) смысл.

Основная часть статьи посвящена вопросу его существования (вучуд, хасти). Здесь Ибн Сина открывает три характеристики бытия: неопределимое, наиболее общее и наиболее узнаваемое бытие. Ибн Сина подчеркивает, что существование неопределимо. Потому что не существует более общего понятия, чем понятие существования (хасти) или близкого ему рода, чтобы на его основе можно было определить его. Бытие (хасти) само по себе является наиболее общим понятием и охватывает другие

понятия. С помощью другого аргумента Сина объясняет наиболее узнаваемый смысл существования (хасти). Бытие как первичное отношение является наиболее узнаваемым понятием для разума, но кажется, что, наоборот, другие понятия более узнаваемы, чем оно. На самом деле, другие понятия — это лишь выговоры для ума (танбехия), благодаря которому смысл существования становится ясен в момент необходимости. В своих различных объяснениях Ибн Сина пытался представить существование (вучуд, хастӣ) как интеллектуальный смысл, находящийся в контакте с внешними существами, и всегда информировать — значит информировать об интеллектуальной концепции.

***Ключевые слова**: вещь, сущность, существование, богословы, особое существование, упрек, интеллектуальное существование.*

EVOLUTION OF THE NOTION OF ESSENCE AND EXISTENCE, FUNDAMENTAL CHARACTERISTICS OF EXISTENCE IN THE PHILOSOPHY IBN SINA

Shakhovuddinov N.S.

The article examines two issues: firstly, the question of essence, which was raised in the form of a dispute about arabic“shay”, the “things”, and, secondly, Ibn Sina’s view of the existence (wujud, hasti). The problem of existence (hasti) was discussed in Greek philosophy, and at the beginning of the Islamic era, among the grammarians of the schools of Basri, Kufi and Iraqi, the problem besed on the book “Koran”. The problem that in the holy book there is no single view of the of “shay” “thing”, and from of its different meanings, no in the form of vujud (existence). According to scientists, it was the diversity of understanding of this term that led to the emergence of the Mu'tazilite and Ash'arite schools in Islamic theology. Farabi transfers the discussion of things (shay, chiz) to the perspective of discussion of essence (mohiyat), and justifies the expansion of the meaning of being as mohiyat in comparison with the meaning of things. For example, such a thing (shay, chiz) as existence, does not express a technical (instrumental) meaning.

The main part of the article is devoted to the question of its existence (vujud, hasti). Here Ibn Sina has three characteristics of the existence (vijud): indefinable, the most general and the most recognizable vujud (existence). Ibn Sina emphasizes that existence is indefinable. Because there is no more general concept than the concept of existence (hasti) and of of them are based on it. Being (hasti) itself is the most general concept and covers other concepts. With the help of another argument, Sina inform us that the existence has the most recognizable meaning (hasti). Being as a primary relation is the most recognizable concept of the Reason, meams a necessary (zarurat), which, on the contrary, the concepts are more recognizable than it. In fact, other concepts are just reprimands for the mind (tanbekhiya), thanks to which the meaning of existence becomes clear at the moment of need. In his various explanations, Ibn Sina tried to present existence (wujud, hasti) as an intellectual meaning in contact with external beings, and always means to inform about an intellectual concept.

***Key words**: thing, essence, existence, theologians, special existence, reproach, intellectual existence.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

“МАОРИФ ЧЕҲРАИ АҚЛ АСТ”, Ё ҶОМЕАИ ТАҲСИЛОТДОШТА ҲАМЧУН МАВЗӮИ АСОСИИ РАВАНДИ ҶОМЕАИ ДУНЯВИИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

Ҳақназар И.- унвончӯи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон(тел.: (992)93 5661777; e-mail:i. haqnazar@gmail.com

Дар мақола мавқеи хоси пайванди мантиқии таълиму тарбия, арзиши ивазнашавандаи онҳо дар ташаккули ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии ҷомеаҳо, дар бунёду пойдории ҳокимияти давлатӣ, ташаккули мафкураи илмӣ-маърифатии аъзои ҷомеа таҳлил шудааст. Муаллиф дастовардҳои бузурги даврони кӯтоҳи истиқлолияти кишвар, рушди имрӯзаву ояндаи мамлакатро дар пайванди мантиқии онҳо ба сатҳи маориф, бо далелҳо нишон додааст.

Калидвожаҳо: *таҳсилоти глобалӣ, мафкураи илмӣ ва динӣ, низои илму дин, догмаҳо,тафаккури суннатӣ, ҷаҳони мудерн,буҳрони тамаддунҳо, муколамаи тамаддунҳо, стандартҳои таҳсилоти ҷаҳонӣ, ҳамбастагии таълим бо тарбия.*

Ибораи дақиқи нависандаи форс-тоҷик Кайковус, “маориф чеҳраи ақл аст”[9], дар замони мо арзиши ба маротиб баландтар пайдо карда, яке аз он шаҳодатҳои бе шуморест, ки зарурати айнӣ ва муҳимияти хоси маорифро дар таърихи ҷаҳон, ташаккули ҳаёти башар ва бақои он нишон медиҳад. Мафҳумҳои таълиму тарбия дар маънои " ташаккули шахсият, ки дониш, хислат, эътиқоду ҷаҳони ботинии ӯ "муҷасаммасозӣ", "офарида” мешавад, ки аз шаклҳои соддатарин, ба номи донишҳои “бумӣ”, (“indigenous knowledge”) оғоз ёфта, шарти бунёдии бақои башар аст[3].

Дар замонҳои қадим мактабҳои аввалин дар Байнаннаҳрайн, Бобулу Хитой, тахминан ба ҳазораи 2-3-и пеш аз милод, мактабҳои калисои масеҳӣ дар ибтидои қарни 1- мелод, гимназияҳо (калисоӣ ва дунявӣ, хусусӣ ва давлатӣ), системаи таълими сезинагӣ дар империяи Рим, дар Византия ва сарзаминҳои дигар, барои низоми таълиму тарбия ва маънавиёти ҷомеаҳои баъдӣ заминаи бунёдӣ гузоштанд.

Дар ҷаҳони ислом ду зинаи таҳсилот, сатҳи ибтидоӣ- мактабҳои динӣ дар назди масҷидҳо, танҳо барои як қишри муайян ва сатҳи дуюми таҳсил дар назди масҷидҳо (фиқҳу калом), ки дар онҳо шариат (ҳуқуқи исломӣ) ва илоҳиёт, инчунин фалсафа, суханшиносӣ, мантиқ, риёзӣ, астрономия ва пасон тиббро низ илова карданд, ба вуҷуд омаданд[7].

Умуман низоми таълимии шарқӣ ва исломӣ, марказҳои шабеҳи “университет”-ҳои кунунӣ, ки то авохири қарнҳои миёна рушди баланд дошта буд, ба поягузории таҳсилоти олӣ дар Аврупо таъсири назаррас расонданд.

Бо фаро расидани таҳаввулотҳои бузург дар ҳаёти башарият(қарни 14-17), ба унвонҳоии Ислоҳот, Эҳё ва Рӯшангарӣ, раванди то ин замон комилан динӣ буда ба самти дунявият ва инсонмеҳварӣ (гуманизм) тағйир кард. Афзоиши платформаҳои таълимии интернетӣ раванди таълимро куллан тағйир дод, монеаҳои ҷуғрофиро аз байн бурд ва дастрасӣ ба таҳсилоти босифатро умумӣ ва демократӣ кард. Дар замони мо, мафҳумҳои “синфи глобалӣ”, “маълумоти глобалӣ”, “таҳсилоти глобалӣ”, “Донишгоҳи байналмиллалии маълумоти глобалӣ” ба воқеияти замон табдил ёфтаанд [10].

Бояд зикр шавад, давлати Шӯравӣ ҳам, ҳокимияти худро дар Тоҷикистон, аз рушди маориф оғоз карда буд. Кумитаи инқилобии ҷумҳурӣ, дар

аввалин маҷлиси худ (7.12.1924) барқарор кардани ҷумҳурӣ ва соҳибмаърифат намудани аҳолиро, тариқи ташкили мактабҳои нави шуравӣ, яке аз вазифаҳои ба ҳам вобаста ва муҳимтарини ҳукумати нави Тоҷикистон эълон кард. [7]. Дар тӯли танҳо 30 соли истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, барои эҳё ва мутобиқ гардонии низоми маорифи кишвар ба воқеиятҳо ва ҷаҳони муосир, зиёда аз 400 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд. Дар ин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (бори аввал соли 1993), таҳия шуда, ҳамчунон барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот ҳам қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ таҳия гардиданд[5].

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо дар назардошти вазъи воқеии кишвари тозаистиқлоли Тоҷикистон, ки нируҳои дохилӣ ва хориҷии дунболи манофеи мухталиф, онро ба вартаи нобудии воқеӣ ҳам расонда буданд, бо шуҷоат ва такя ба хиради миллати фарҳангӣ, фаъолияти худро аз роҳҳои берун овардани кишвар аз вазъи бухрони шадид оғоз кард, ки эҳёи низоми маориф аз ҷумлаи иқдомҳои аввалиндараҷа буд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади эҳёи мамлакат, таъмини суботу амният ва мутаносибан пешрафти босуботи он, ки танҳо тавассути ҷалби маҳз аъзои огоҳи ҷомеа, бо маълумоту ҷаҳонбинии васеъ имконпазир аст, аз оғози соли 2000-ум, маблағгузориро ба соҳаи маориф аз 1 то 19 % буҷети кишвар расонда, онро соҳаи афзалиятноки сиёсати давлат эълон намуд[8].

Бо дарки зарурати мақоми маорифу илм, ҳамчун қудрат ва нуфузи кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат мушторм Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии мамлакат соли 2022, бори дигар, такроран қайд намуд, ки “мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад.Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад”[6].

Аз ҷониби дигар, бояд зикр шавад, ки дар низоми маориф масъалаҳои ҳалталаб ҳанӯз зиёд боқӣ мемонанд, ки аз диди мо, бештар аз фазои солҳои 90 - уми Тоҷикистон, ба номи “солҳои пурташвишу номуайяниҳо” сарчашма мегиранд. Дар шароити дигаргуниҳои куллӣ, комилан хароб шудани арзишҳои мавҷуда, таълиму тарбия то ҳадде “нолозим ё дуввумдараҷа” шуд. Фишорҳои иқтисодӣ оиларо, ки ҳамеша дар низоми тарбияву ташаккули ҷаҳонбинии инсон, ҳамчун аввалин институти иҷтимоӣ мавқеи появӣ дошт, ночор ба ҳошия бурд.

Аммо гаронтарин оқибат ин замон, аз ҷониби нерӯҳои мухталифаҳдофи дохиливу хориҷии зери таъсири сохторҳои гуногуни исломи сиёсӣ қарор гирифта, ташкил шудани тафриқаҳои маҳаллӣ, ҳизбӣ, ақидатӣ, гурӯҳӣ ва ғайра буд, ки дар натиҷа ба ҷанги бе оқибату харобиовари шаҳрвандӣ кашонда шуд. Нерӯҳои мухталиф ва мухолифи сохти нави давлатдории Тоҷикистон, ки аслан сохторҳои сиёсӣ-идеологии зери пӯшиши консерватизми динии “сатҳи ҷаҳонӣ” ташкил шуда буданд, бо унвони он “давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона”[4] ва бо низоми ҷаҳони мудерн ҳам комилан созгор, мухолифату муқовимат эъҷод карданд ва истиқлолиятро ба таври худ “ тафсир ва истифода” карданӣ шуданд. Ин нерӯҳо, на танҳо мероси ғании маънавии миллат, дастовардҳои маориф ва илми муосиро “намедиданд”, балки қудрати дарки худи мафҳумҳои “замон”, “макон”ва “таҳаввулоти замони мудерн”-ро надоштанд. Онҳо дар баробари тамоми дастовардҳои илмии милливу умумибашарӣ, воқеиятҳои айнии замони мудерн, танҳо

таълимотҳои 1400 солаи исломиро, ки дар тӯли ин замон, ба тафсироту таъбирҳо, “қироати гуногуни таълимотҳои бешумор” ҳам дучор шудаанд, муқобил гузоштанд.

Ходимони гуногунмақоми динӣ, бо шарҳу тафсирҳои бештар хилофи ҳам, “собит месохтанд”, ки барои тамоми муаммоҳо ва проблемаҳои замони печидаи муосир, ҳамаи ҷавобҳо дар замони 14 қарн пеш нуҳуфтаанд, бинобар ин талош доштанд, ки сохти давлатдории кишварро низ дар пояи ҳамон таълимотҳо гузоранд. Кишвари ба амри тақдир, пас аз ҳазор сол ба истиқлолият расидаро фақат дар ҳалқаи фарҳанги исломӣ, яъне ҷудо аз фарҳангҳои “бегона”, дунявӣ ва умумибашарӣ, танҳо дар шакли давлати исломӣ ва медиданду халос[2]. Илова бар он, дар солҳои 90 ум, раванди бештар бар эҳсосот асосдоштаи ба номи “эҳёи дин” боиси аз байн бурда шудани тамоми чорчӯбҳои танзимкунандаи “фаъолитяҳои сиёсии динӣ”, ба хусус, ба сатҳи бе ҳудуд расонда шудани “озодии мутлақи ходимони динӣ”анҷом ёфт [1].

Ҳарчанд ходимони гуногунсатҳи динӣ зоҳиран худро ҷонибдори донишу омӯзиш нишон медиҳанд, аммо масъалаи асосӣ сари навъи дониш аст; таълимоти сирф динӣ, сирф дунявӣ ва ё омехтаи аз онҳо, ки ба таҳқиқотҳои дақиқтар ниёз дорад. Тавре возеҳ аст, пояи асосии таълимоти динӣ асосан бар аз мазмунҳои мушаххас (Қур’он, фиқҳ, мантиқ, калом, ахлоқ...) бино шудааст. Баръакси он, донишҳои дунявӣ бар улуми инсонӣ, фалсафа ва ба хусус бештар ба улуми таҷрибавӣ (исботу рад шаванда) асос дошта, дар он ҷаҳонбинии динӣ мавқеъ надорад. Ба ибораи дигар, ҳар ду навъи дониш (динӣ ва дунявӣ) ба ҳам омезиш, ё муштаракоти хеле ночиз (методологӣ, равишӣ, манобеъ ва ғайра) доранд, ки таърихи он ҳам ба қарнҳои 16–17, ба мафҳуми “низои илму дин”, дар Аврупо бармегардад, ки натиҷаи он ба расман ҷудо шудани ниҳодҳои динӣ аз давлатӣ анҷомид. Бояд гуфт, ки низои машҳур, воқеан ҳам ба манфиати ҳар ду тараф ҳам анҷом ёфт, зеро; ҳар ду ҷониб ба мавқеву рисолати аслии худ баргаштанд, аз рақобату низои доимӣ ногузир ба муколама водор шуданд, ки хушбахтона то ҳадде дар идома ҳам мебошад.

Аз сӯи дигар, дар таълимотҳои исломӣ (ба қиёси адёни дигар), дарёфтҳои илмиро сирф “моли худ”, яъне дар Қур’он зикр шуда дониста, иддао дорад, ки илм наметавонад аз он болотар по гузорад, зеро илм аслан “дар хидмати дин” (ислом) қарор дорад. Нуктаи ҳассостарин ва таззоди бузург дар байни ин ду навъи ҷаҳонбинӣ (илмӣ ва динӣ, ё санҷидашаванда ва таваҳумӣ) дар он аст, ки тамоми таълимотҳои исломӣ ба итоати иҷрои бечуну чарои таълимотҳои динӣ ва фароизи динӣ равона шуда буда, дунболи “дарёфти ҳақиқати маънавӣ” мебошанд. Донишҳои дунявӣ (илмӣ) дар пайи кашфи қонунҳои объективии табии, ё ба ибораи дигар, дунболи кашфи ҳақиқати “моддӣ”, вале “дидаву санҷидашаванда” мебошанд. Яке аз мушаххасоти хоси ин муколамаи байни дин бо илм дар он аст, ки илм эътироф мекунад, ки ҳар гуна дастоварди илмӣ бе тағйир, раднашаванда ё мутлақ набуда, он дар рушд ва ҷараёни доимии ҷустуҷӯҳои нав ба нав қарор дорад. Аз ҷониби худ дин (ислом), таълимотҳои худро бе тағйир, “мутлақ ва барои абад собит” нишон медиҳад ва дар масири “замони воқеии тағйирёбанда” ягон далелҳои илмиро пазируфтан намехоҳад. Ба назар мерасад, ки аксари мушкилотҳои ҷомеаҳои исломӣ маҳз дар набудани фазои озод барои андешаҳои ҷадид, таҷдиди назари фарзияҳо ва часпидан ба “догмаҳои худ” мебошад [1].

Ҳарчанд беэътиноӣ ва ё инкори донишҳои илмӣ барои дин сол ба сол душвортар ва амали нокомтар шуда меравад, зеро динҳо пас аз кашфиётҳои бузурги илмӣ, побарҷотар шудани мафҳуми “ҳаққу ҳуқуқ” ва ғайра мафҳумҳои фарогири ҷаҳони мудерн, ҳамон мавқеи қаблии худро, яъне ҳокимияти мутлақи худро дар афкори ҷомеаҳои гуногуни мудерн тадриҷан аз даст додаанд.

Бо вуҷуди паси сар кардани оқибатҳои гарони шурӯи истиқлолият, таҷрибаҳои талху гарони он аз як тараф ва натиҷаҳои айнӣ ва амалии кишвари тозаистиқлол, дастовардҳои бузурги он аз ҷониби дигар, ҳанӯз ҳам, мухолифати ақидаҳо, носипосӣ, ки аксаран бар пояи эҳсосот, кинаву ҳасад, манфиати бегонагон ва ғайра дар хориҷ аз кишвар тарҳрезӣ мешавад, дида мешаванд. Ба назари мо, решаҳои амиқи чунин ҳолат дар дохили фарҳанги худи ҷомеаи тоҷикӣ, дар сатҳи маънавиёту маорифи он ниҳонанд, ки зарурати омӯзиши дақиқтари иллатҳои онро таъкид месозад.

Тавре равшан аст, пояи таълимоти аслии исломи анъанавӣ-Тавҳид, эътирофи Худои ягона аст, ки таълимоти низоми маорифи Тоҷикистони навин, мисли дигар ниҳодҳои давлатӣ ба он ягон мушкиле надошта ва нахоҳад дошт. Аммо масъала, ё нофаҳмиҳо дар ҳолатҳое пайдо мешаванд, ки ходимони гуногунмавқеи динӣ аз ҳади мантиқӣ бештар ба сиёсат мепардозанд, берун аз доираи рисолати худ дар ҳаёти ҷомеа, давлат дахолат карданӣ мешаванд. Гузашта аз он ҳиссаи фаъолияте, ки моли хоси танҳо илму маориф ва фарҳанг аст, пурра ба ихтиёри худ гирифтанӣ мешаванд, ки чунин ҳолат, ба хотири манфиати умуми давлат, мавқеи он дар ҷаҳони муосир бояд дар доираи танзим нигоҳ дошта шавад.

Ба назар мерасад, ки барои дар чавкоти мантиқии рисолат нигоҳ доштани ҳар ду тарзи ҷаҳонбинӣ (динӣ ва дунявӣ), танҳо низоми мукаммал, ва сахт ба ҳам печидаи таълим бо тарбия ва маънавиёти баланд, бо таъкиди он дар доираи “моҳияти инсон”, дарки ҷаҳон чун “хонаи умумии башар”ва “маориф чеҳраи ақл аст”- ро гузоштан шарт аст.

Ҳамин тавр, низоми таҳсилот дар ҳама ҷомеаҳо, новобаста аз сохторҳои давлатиашон (подшоҳӣ, диктатурӣ, парлумонӣ, президентӣ ва ғайра) яке аз пояҳои асосии барқароркунӣ ва тақвияти ҳокимиятҳои нав буда ва чунин ҳам боқӣ мемонад.

Бояд таъкид шавад, ки дар ҳалли мушкилоти мураккабтарин, аз ҷумла бухрони тамаддунҳои хусусияти ҷаҳонӣ ва ҳам миллӣ дошта, муколамаи тамаддунҳо роҳи ягонаи муассиртарини эътироф шудааст, ки он фақат тавассути захираҳои иртиботии зеҳнии миллатҳо, яъне сатҳи маорифу маънавиёти ҷонибҳои муколама таъмин шуда метавонад[7].

Суръати баланди прогресси илмию техникӣ, технологияҳои иттилоотӣ, рақобати шадидтаршудаи ҷаҳонӣ ва ғайра ҳаёти моддӣ ва маънавии инсонро ба куллӣ дигаргун сохтааст. Вале вазифаи бунёдии маориф, ҳамчун муҳимтарин арзиш ва сармояи ҷомеаи инсонӣ ва тамаркузи он дар атрофи мафҳумҳои чун “ақл”, “фард” ва “шахсияти инсонӣ”, “тафаккури интиқодии омӯзандагон” ҳамоно боқӣ мемонад.

Аз сӯи дигар, саволе дар миён аст, ки чаро бо вуҷуди таваҷҷӯҳи хоси Ҳукумати мамлакат ба соҳаи маориф, таъриху мероси мусбати миллати фарҳангии тоҷик, дастовардҳои бузурги замони Шӯравии он, рушди босуръати соҳа дар замони кӯтоҳи истиқлолият, ҳанӯз ҳам таъсири он болои чунин падидаҳои манфии ҷомеа, аз қабили, хурофоту таасуби фарогир, талошҳои зидди илмӣ, воқеияти зиндагӣ ва иддаи ифротии зидди сиёсати муосири давлати худии миллӣ ҳанӯз қаноаткунанда намебошанд?

Аз диди мо, посухи он бояд дар батни ҷомеаи суннатии мо ҷустуҷӯ шавад. Аммо возеҳ аст, ки агар рисолати маориф аз таъсироти таҳрифшудаи таассуботи динӣ, хурофоти фарогир амалан ҷудо нашавад, барои ҷомеа ва давлат дар ҷараёни ташаккули тарзи тафаккури созгор бо ҷаҳони ба ҳам вобастаи муосир, монеаҳои ҷиддитар ҳам пайддо шуда метавонанд.

Беҳуда нест, ки намояндагони мухталифи ислоҳгарону навандешони динӣ, ҳам беш аз пеш ба натиҷа мерасанд, ки бо чунин тарзи бардошти суннатии мухолифи воқеияту айнияти замон, ҷомеаҳои исломиро аз бознигарии тафаккуроти суннатӣ дар мавриди таҳаввулотҳову воқеиятҳои дигари ҷаҳони мудерн боз медорад ва ин таззод ба сатҳи муколамаи ҷонибҳо расида наметавонад. Намунаи возеҳи он дар ҷаҳони мудерн, бархурд бо зан (ҳамчун қисми баробари инсоният), манъи

духтарон аз таҳсил ва занон аз кор дар режими кунунии хашини исломии Афғонистони ҳамсоя, аст, ки пас аз чанд сол оқибатҳои гарони онро ҷомеаи ҷаҳонӣ мушоҳида хоҳад кард. Зеро зарбаи сахттарини он ба сатҳи огоҳӣ, маълумотнокӣ ва дониши фарзандон ва ояндаи худи Афғонистон ҳамчун давлат хоҳад расид, агар дар тарбияи насл нақши ивазнашавандаи занону модарони бо савод маҳдуд ва бе асар шавад.

Дар ҷомеаи тоҷикистонӣ, муколама ба хусус, байни намояндагони гуногунмақоми динӣ ва илмӣ, ки оғози дарки дурусти воқеиятҳо, тафкики рисолатҳои тарафайнро таъмин мекунад, масъалаи появӣ ва хеле болотар аз баҳсҳои мушкили илмӣ, назариву метафизикӣ, ки онро аҳли илм танҳо дар доираи худ, ва ё тафсири ҳадису китобҳои динӣ, қиссаву ривоятҳое, ки ходимони динӣ дар ҳалқаҳои худ анҷом медиҳанд, мебошад.

Аз дидгоҳи мо, алҳол, низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба ду масъалаи амалии ҳалталаб, ки то ҳанӯз ҳам ба сатҳи қаноатбахш роҳи ҳал дарёфт накардаанд, бештар таваҷҷӯҳ намояд. Аввалаш то ҳадди имкон мутобиқ кардани он ба талаботи замони зуд тағйирёбанда ва стандартҳои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва дуввум баланд бурдани нақши омузгор дар ҷомеа, тариқи баланд бардоштани сатҳи ҳаёти маънавӣ (мақоми омӯзгор) ва моддии ӯ (ҳақмузди сазовори меҳнат), ҳарчанд дар ин самт талошҳои зиёди давлат ҳам ба назар мерасанд.

Бо дар назардошти воқеиятҳои ҷомеаи тоҷикистонӣ, аз диди мо, дар низоми маорифи кишвар, масъалаи ворид кардани баъзе навовариҳои дигари ҷавобгӯ ба чолишҳои замон зарур мебошад. Низоми маорифи ҷаҳон дар маҷмӯъ, аксаран ба тайёр кардани кадрҳои кории барои талаботи бозори меҳнат самт дода шудааст, ки дар он қисми муҳими шахсият- тарбияи маънавии он ба худи донишомӯзон вогузошта шудааст. Ба хотири муҳимияти таъмини мувозинати амалӣ дар байни қисми таълим бо тарбия дар ҷомеаи хоси кишвари мо ва дар пояи он ҷорӣ, кардани мазмунҳои нави вобаста ба маънавиёту ахлоқи инсон, дар такя ба муҳити иҷтимоӣ ва ахлоқи анъанавии шарқӣ, ба тариқи мисол (бо унвонҳои шартӣ), “Одамшиносӣ”, дар синфҳои поёнӣ ва ,,Инсоншиносӣ,, , ,,Инсон ва ҷомеа,, , ,,Оила ва ҷамъият,, ва ғайра дар синфҳои болотар, масъалаҳое мебошанд, ки ба омӯзиши дақиқтари коршиносони босалоҳияти соҳа ниёз доранд. Шиддати таҳҳаввулотҳои босуръат ва дар пайи он таҳдидҳои нав ба нав, ки аксаран аз ҷониби абарқудратон эъҷод ва бештар ба кишварҳои осебпазиртар содир мегарданд, боиси пайдо шудани ҳаракатҳо, сохторҳову гурӯҳҳои гуногунманбаву мухталифманфиати ифротӣ дар ин кишварҳо мегарданд. Албатта таъсири онҳо дар ин ё он кишвар боз ҳам, ба сатҳи мақому мавқеи маориф, маънавиёт дар ин ё он ҷомеа вобастагии бевосита дорад. Ҳамчун далел ба як намунае ишора мешавад. Дар низоми маорифи замони шӯравӣ, дар баробари арзишҳои муайян, ҳатмӣ будани таҳсилот ва дастрасии ҳамагонӣ ба ҳамаи шаклҳои он, барномаҳои макотиби миёна ва олӣ хеле васеъ, фарогири фанҳои зиёд буданд, зеро нуктаи ҳадафии давлат, ташаккули ҷаҳонбинии васеъ, ҳамчунон тарбияи шахсияти “пайванд бо ҷомеа” буд. Дар низоми муосири аксаран ғарбӣ, баръакс, набудани ҳатмияти барномаҳои таълимӣ, озодӣ дар интихоби мазмунҳои дарсӣ, озодӣ дар тарбия ва маънавиёт, нақши маорифро комилан дигар кардааст. Қазовати дурустии ин ё он равияи зикршуда мавзӯи ҷудогона аст. Аммо ба ақидаи бисёре аз олимону коршиносон, тамоми масъалаҳои глобалӣ ва миллиро танҳо тавассути низоми мукаммали маориф, яъне тариқи истифодаи таҷрибаҳои беҳтарини низомҳои гуногун, дар таъмини ҳамбастагии таълим бо тарбия, ҳалу фасл кардан имконпазир аст[10].

АДАБИЁТ

1. Абдуллоҳи Раҳнамо. «Хатари гурӯҳҳои ифротгарои динӣ чист?» Душанбе 2021(чопи сеюм), С.47

2. Алпатов В. Как возникло образование //http: //www.mgpu.ru/kak-vozniklo-slovo obrazovanie. 01 /09/ 2022 г.

3. Ашӯров С. Муколамаи дин ва давлат дар шароити тезутунди ҷаҳони муосир // http://tsulbp.tj/donishgoh.18/06/ с. 2020

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6.11.1994, Моддаи 1.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, (АМОҶТ, с. 2013, № 7, мод. 532; с. 2014, № 3. мод.156; № 7, қ.2, мод. 422; с. 2016, № 3, мод.148, № 7, мод.624) URL: majmilli

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23 декабри с. 2022

7. Раҳмонов А.А., Гузашта ва ҳозираи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.А. Раҳмонов, А.Б. Расулов, Қ.Ф. Кодиров, Афзалов. Душанбе, 2011

8. Раҳмонов Э. Соҳаи маориф - самти стратегии сиёсати давлат // Садои мардум. 23.12.2005. (191)

9. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома энсиклопедияи насри форсӣ, ки солҳои 1082-1083 таълиф шудааст

10. //https://t. me/ Beyond_Borders_ Education. 21/07/2023

“ОБРАЗОВАНИЕ ЛИЦО РАЗУМА”, ИЛИ ОБРАЗОВАННОЕ ОБЩЕСТВО КАК ГЛАВНЫЙ СУБЪЕКТ ПРОЦЕССА СЕКУЛЯРИЗАЦИИ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА

Хакназар И.

В статье показано особое положение логической связи образования и воспитания, их незаменимое значение в формировании личной и общественной жизни общества, в становлении и поддержании государственной власти, формирование научного и образовательного мировоззрения членов общества. Автор убедительно показал великие достижения короткого периода независимости страны, нынешнее и будущее развитие страны в их логической связи с уровнем образования.

***Ключевые слова**: глобальное образование, научное и религиозное мировоззрение, догмы, традиционное мышление, кризис цивилизаций, диалог цивилизаций, глобальные стандарты образования, интеграция обучения и воспитания.*

“EDUCATION IS THE FACE OF INTELLIGENCE " OR THE EDUCATED SOCIETY AS THE MAIN SUBJECT OF THE PROCESS OF THE MODERN SECULAR SOCIETY OF TAJIKISTAN.

Haqnazar I.

The article shows the special position of the logical connection between education and upbringing, their irreplaceable importance in the formation of the personal and public life of society, in the formation and maintenance of state power, the formation of the scientific and educational worldview of members of society. The author convincingly showed the great achievements of the short period of independence of the country, the current and future development of the country in their logical connection with the level of education.

***Key words:** global education, scientific and religious worldview, dogma, traditional thinking, crisis of civilizations, dialogue of civilizations, global education standards, integration of training and education.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

РОЛЬ ОПЕРАНТНОГО ОБУСЛОВЛИВАНИЯ В ЦИФРОВОЙ ПРОПАГАНДЕ
(Социальная психология)

Али-заде А. А. - докторант Института философии и социологии Национальной Академии наук Азербайджана
E-mail: Positivism93@gmail.com
Тел: +994 55 558 65 09

В статье анализируется применение бихевиористских теорий в современных средствах массовой информации. Особое внимание уделено оперантному обусловливанию как инструменту формирования поведения и убеждений пользователей цифровых платформ. Рассматриваются методы и стратегии, используемые для усиления или изменения реакций в социальных сетях, а также их влияние на формирование общественного мнения. Исследование подчеркивает значимость понимания механизмов психологического воздействия в эпоху цифровых технологий.

Ключевые слова: *оперантное обусловливание, цифровая пропаганда, социальные сети, бихевиоризм, формирование мнений.*

Настоящее исследование фокусируется на применении принципов оперантного обусловливания в контексте социальных сетей для модуляции общественного мнения. Особое внимание уделяется использованию бихевиористских теорий для анализа механизмов цифровой пропаганды, особенно в рамках патриотической и националистической риторики. Исследование раскрывает, как эмоциональные и поведенческие реакции индуцируются и усиливаются в цифровом пространстве.

Цифровая пропаганда эффективна благодаря сочетанию различных форм подкрепления и наказания, режимов подкрепления, а также значимости контента для целевой аудитории. Для глубокого понимания этих процессов необходимо обратиться к теории оперантного обусловливания.

Оперантное обусловливание, или инструментальное научение, является ключевой концепцией бихевиоризма, основанной на работах Б.Ф. Скиннера. Эта теория утверждает, что поведение можно формировать и модифицировать через систему подкреплений и наказаний. В контексте социальных сетей, положительное подкрепление может проявляться в виде получения лайков или положительных комментариев, что стимулирует пользователя продолжать публиковать аналогичный контент. Отрицательное подкрепление может быть представлено устранением негативных комментариев, что мотивирует избегать определенных тем. Положительное наказание может включать в себя критику или негативные комментарии, снижающие вероятность повторения определенного поведения. Отрицательное наказание может проявляться в форме потери подписчиков или друзей после публикации специфического контента, что также снижает вероятность его повторения. [1, с.304]

Важно различать понятия награды и подкрепления в контексте оперантного обусловливания. Награда, хотя и является результатом действия, не обязательно ведет к усилению поведения. В контексте социальных сетей, получение большого количества лайков за один пост может рассматриваться как награда, но это не гарантирует, что пользователь будет стремиться к такому результату постоянно. [2, с. 288]

Далее, исследуется связь между взаимодействиями в социальных сетях и бихевиоральными реакциями. В этом контексте, социальные сети могут

функционировать как среда, в которой дискриминативные стимулы (например, определенные темы или типы контента) и последствия (например, лайки или негативные комментарии) влияют на оперантное поведение пользователей. Таким образом, социальные сети предоставляют уникальную платформу для изучения приминения бихевиоральных принципов в цифровой среде, особенно в контексте пропаганды.

Таблица 1.

Сопоставление бихевиоральных реакций с действиями в Социальных Сетях.

Взаимодействие в Социальных Сетях	**Категории Оперантного Обусловливания**	**Влияние на поведение**
Положительный комментарий	Положительное подкрепление	Усиление мотивации к созданию контента
Отрицательный комментарий	Положительное наказание	Уменьшение мотивации к созданию подобного контента/комментария
Лайки	Положительное подкрепление	Повышение вероятности создания похожего контента/ комментария
Дизлайки	Положительное наказание	Снижение мотивации к созданию подобного контента/ комментария
Репосты	Положительное подкрепление	Усиление стремления к созданию привлекательного контента/комментария
Игнорирование контента	Отсутствие подкрепления	Постепенное снижение интереса к созданию контента/комментария
Получение подписок	Положительное подкрепление	Стимуляция к продолжению активности в сети
Ограничение доступа к контенту	Положительное наказание	Стимул к изменению поведения или подхода к созданию контента
Повышение охвата аудитории	Положительное подкрепление	Стимул к сохранению привычного поведения
Потеря подписчиков(из-за определенной публикации)	Отрицательное наказание	Стимул к изменению стратегии публикаций

В рамках социальных сетей, стратегии пропаганды направлены на максимизацию привлечения и удержания внимания целевой аудитории. Используя теоретический фреймворк оперантного обусловливания Скиннера, пропагандисты разрабатывают контент, который вызывает положительное подкрепление у аудитории. Однако, для избежания эффекта насыщения, когда постоянное положительное подкрепление теряет свою эффективность, пропагандисты интегрируют контент, способный вызвать негативные эмоции или дискуссии, активизируя динамику положительного наказания. Это создает баланс между укреплением и вызовом убеждений, поддерживая постоянный интерес и вовлеченность аудитории. Различные режимы подкрепления, как постоянные, так и переменные, используются для эффективного управления вниманием и поведением аудитории в социальных сетях.

Режимы подкрепления, определенные Скиннером, включают Постоянное Соотношение (ПС), Постоянный Интервал (ПИ), Вариативное Соотношение (ВС) и Вариативный Интервал (ВИ). Постоянное Соотношение (ПС): В контексте социальных сетей, этот режим подкрепления может проявляться, когда пользователь получает определенное вознаграждение (например, баллы или специальные статусы) после каждого фиксированного количества публикаций или репостов. Например, пользователь может получить значок за каждые 10 опубликованных постов. [3, с. 864]

Постоянный Интервал (ПИ): В социальных сетях это может означать, что пользователь получает подкрепление (например, повышение в рейтинге или специальные уведомления) через регулярные временные интервалы, при условии активности на платформе. Например, пользователь может получать уведомление с благодарностью за активность каждую неделю.

Вариативное Соотношение (ВС): В этом случае, в социальных сетях подкрепление (например, виртуальные награды или уникальный контент) предоставляется после непредсказуемого количества действий, таких как комментарии или лайки. Это может быть похоже на механизмы, используемые в онлайн-играх, где награды выдаются случайным образом, стимулируя пользователя продолжать взаимодействие

Вариативный Интервал (ВИ): В социальных сетях подкрепление может быть предоставлено через нерегулярные временные интервалы. Например, платформа может случайным образом предлагать пользователю эксклюзивный контент или специальные предложения, не связанные с конкретным графиком или частотой действий пользователя. Это поддерживает интерес и вовлеченность пользователя, так как он не знает, когда ожидать следующего подкрепления.

Таблица 2.

Режимы подкрепления и их влияние на поведение аудитории

Действие в Социальных Сетях	**Режимы Подкрепления**	**Эффект на Пользователей**
Лайки	Постоянное Соотношение	Стимулирует создание похожего контента
Регулярные публикации на странице	Постоянный Интервал	Приводит к регулярному взаимодействию с платформой, конкретной страницей
Спорные, разнообразные или вирусные посты/	Вариативное Соотношение	Создает неопределенность и поддерживает интерес, не дает угаснуть реакции
Нерегулярные уведомления от страницы	Вариативный Интервал	Поддерживает непрерывную проверку на новые обновления страницы

Эффективность пропаганды в социальных сетях зависит от представления контента, который является интересным для целевой аудитории. В контексте бихевиоризма, удовольствие, получаемое от контента, рассматривается как результат положительного подкрепления. Если определенный стимул или действие в прошлом приводили к положительному исходу, это увеличивает вероятность того, что человек будет искать подобные стимулы в будущем. Пропагандисты должны учитывать историю подкреплений участников целевой аудитории, а также социальные и культурные факторы, влияющие на то, что может приносить удовольствие. Таким образом, удовольствие является сложным явлением, зависящим от взаимодействия множества личных и социальны факторов.

Для определения интересов целевой аудитории, пропагандисты используют

различные методы, включая анализ данных, опросы и обратную связь, тестирование контента, анализ конкурентов и отслеживание трендов и исследований. Эти методы помогают лучше понять историю подкреплений и ожидаемые стимулы целевой аудитории. Эти методы помогают лучше понять историю подкреплений и ожидаемые стимулы нужной целевой аудитории. [4, с. 1096]

Пропагандистами и различными промоутерами применяются ряд стратегий использующий оперантное обусловливание. Например чередование позитивного и спорного контента: использование положительного подкрепления через контент, вызывающий гордость или патриотические чувства, чередуя его со спорным контентом, который может вызывать дебаты или негативные эмоции (положительное наказание) [5, с. 208]. Это поддерживает вовлеченность аудитории. При этом не следует забывать о награде, как лучшем подкреплении аудитории. В отличии от сферы продаж, пропагандисты используют как награду чаще не материальный предмет, а “возвеличивание” того или иного пользователя публично, как смелого, правильного и достойного человека, борющегося за правду [6, с. 368].

Часто пропагандисты прибегают к постоянному соотношению в реагировании на комментарии: Регулярно подкрепляя положительные комментарии и игнорируя отрицательные комментарии, формируют поведение аудитории в комментариях. Множество оппонентов в блоге или странице создает режим подкрепления в вариативном соотношении, когда человек поддерживает вещателя, но в любой момент может получить негативный комментарий (наказание) в свой адрес. Задача пропагандиста держать пропорцию недоброжелателей и последователей правильно, что бы не потерять публику.

После того как пропагандист вызвал интерес своим контентом он часто использует переменный интервал в публикации контента: Нерегулярное распределение вирусного или спорного контента среди обычных публикаций, создавая неопределенность и поддерживая интерес аудитории. Так как люди хоть в общем понимают, но не могут точно определить чего ждать от инфлюенсера, при этом видя интересный или спорный контент, а значит угасания реакции не происходит[6,288].

Так же порой применяется стратегия постепенного усиления с пиковыми моментами: Эта стратегия начинается с регулярного публикования контента, который мягко подкрепляет идеологические убеждения целевой аудитории (непрерывное подкрепление). Со временем, когда аудитория привыкает и поддерживает этот контент индуцирую постоянную реакцию, вводятся редкие, но более спорные или провокационные публикации, применяя режим переменного соотношения [7, с. 288]. Это создаёт всплеск активности и дискуссий, усиливая вовлеченность аудитории. Периодически, также могут быть введены элементы отрицательного наказания (например, удаление комментариев или блокировка пользователей), чтобы подавлять нежелательные мнения или поведение, усиливая контроль над обсуждением.

Эта стратегия вызывает интерес у аудитории, потому что она сочетает предсказуемость с неожиданностью: регулярный контент удовлетворяет ожидания и укрепляет убеждения аудитории, в то время как редкие провокационные публикации создают сюрприз и стимулируют активность и обсуждение, поддерживая постоянный интерес.

В заключении можно сказать, что применение теории инструментального научения в контексте социальных сетей открывает значительные возможности для формирования и корректировки общественного мнения. Использование разнообразных стратегий подкрепления и наказания, а также применение различных режимов подкрепления, позволяет эффективно влиять на поведение и предпочтения аудитории. Осознанное применение этих принципов является ключом к созданию вовлекающего контента.

Литература

1. Уильям Баум. Современный бихевиоризм. Поведение, культура, эволюция. Москва: Практика, 2020.
2. Рамнеро, Торнеке. Основы человеческого поведения для практикующих специалистов. Москва: Вильямс, 2021.
3. Джон О. Купер, Тимоти Э. Херон, Уильям Л. Хьюард. Прикладной анализ поведения. Москва: Практика, 2016.
4. Корсини Р., Ауэрбах А. Психологическая энциклопедия. Санкт-Петебург: Питер, 2-е Издание, 2006.
5. Эдвард Бернейс. Пропаганда. Санкт-Петербург: Питер, 2021.
6. Renee Hobbs. Mind Over Media Propaganda Education for a Digital Age. USA. Norton Professional Books, 2020.
7. Nancy Narhut. Using Behavioral Science in Marketing: Drive Customer Action and Loyalty by Prompting Instinctive Responses. London. Kogan Page, 2022.

НАҚШИ ШАРТГУЗОРИИ ОПЕРАНТӢ ДАР ТАБЛИҒОТИ РАҚАМӢ

Али-зода А.А.

Дар мақолаи баррасии истифодаи назарияҳои рафторшиносии бихевиористӣ дар васоити ахбори оммаи муосир карда мешавад. Таваҷҷӯҳи хос ба шартгузории оперантӣ ҳамчун абзор барои шаклгирии рафтор ва бовариҳои истифодабарандагони платформаҳои рақамӣ дода мешавад. Усулҳо ва стратегияҳое, ки барои тақвият ё тағйири вокунишҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мешаванд, ва таъсири онҳо бар шаклгирии афкори умумӣ таҳлил карда мешаванд. Тадқиқот аҳамияти дарки механизмҳои таъсири равонии дар давраи технологияҳои рақамӣро таъкид мекунад.

Калидвожаҳо: *шартгузории оперантӣ, таблиғоти рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, бихевиоризм, шаклгирии афкор.*

THE ROLE OF OPERANT CONDITIONING IN DIGITAL PROPAGANDA

Ali-zade A. A.

The article examines the application of behaviorist theories in modern mass media. It focuses particularly on operant conditioning as a tool for shaping the behavior and beliefs of digital platform users. The methods and strategies used to amplify or alter responses on social media, and their impact on public opinion formation, are analyzed. The study highlights the importance of understanding psychological influence mechanisms in the digital technology era.

Key words: *operant conditioning, digital propaganda, social media, behaviorism, opinion shaping.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

САМТҲОИ АСОСӢ ВА ДУРНАМОИ ТАШАККУЛЁБИИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН (НАТИҶАИ ТАҲҚИҚОТИ СОТСИОЛОГӢ)

Чилаева Муҳайё Тоҳировна – докторанти доктор PhD-и шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
E-mail: muhayo1998@mail.ru

Дар мақола дурнамои тарзи ҳаёти солим, ки айни замон ҳамчун самти асосии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон эътироф гардидааст, таҳлил карда мешавад. Самтҳои асосии ин сиёсат таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон, баланд бардоштани самаранокии таълими асосҳои тарзи ҳаёти солим ва фароҳам овардани шароите, ки имконияти пешбурди тарзи ҳаёти солимро мунтазам таъмин мекунанд, иборат аст.

Дар мақолаи мазкур бо истифода аз натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ муҳимтарин самтҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим баррасӣ шудааст. Вобаста ба ин, мо кӯшиш намудем, вазъи кунунии масъаларо нишон дода, барои бартараф намудани мушкилотҳо, хулоса ва пешниҳоди худро пешкаш намоем. ***Калидвожаҳо:*** *ҷавонон, ҳаёти солим, ташаккули он, ҳаёти иҷтимоӣ, тарзи ҳаёти солими ҷавонон, омилҳои монеашаванда, тарғиб, солимӣ.*

Дар айни замон, масъалаи нигоҳдории саломатӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим яке аз мушкилоти аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Вазъияти ҷомеаи муосир, инчунин шароити муосири иқтисодӣ ва экологӣ ба саломатӣ таъсири худро мерасонад. Аз ин рӯ, шумораи ҷавононе, ки ба хадамоти махсуси тиббӣ, кӯмаки равонӣ, инчунин ташкили ёрии тиббӣ эҳтиёҷ доранд, рӯз то рӯз меафзояд. Агар аз нуқтаи назари ҷомеашиносон ба ин масъала таваҷҷӯҳ намоем, дар ин бобат бояд гуфт, ки тиб яке аз институтҳои ҷомеа ба шумор рафта, барои як қатор вазифаҳоро дар ҷомеа ҳал намудан фаъолият менамояд:

1. Тиб ҳамчун институти иҷтимоӣ бояд ба аҳолӣ тамоми иттилооти заруриро оиди бемориҳо пешниҳод намояд;
2. Тамоми аҳолӣ бояд рафтори тиббиро донаду дар ҳаёт аз он истифода намояд;
3. Мавҷуд набудани маҳдудиятҳо ва қабули этикаи тиббӣ [7].

Барои муайян кардани дараҷаи қаноатмандии аҳолӣ аз хизматрасонӣ ва самаранокии низоми тандурустӣ дар Тоҷикистон таҳқиқотҳои гуногуни сотсиологӣ гузаронида мешавад, ки чунин навъҳоро фаро мегирад:

- таҳлили иҷтимоӣ – тиббии технологияи тиббӣ;
- баҳои омма оиди фаъолият ва хизматрасонии тиббӣ;
- омӯзиши муносибати аҳолӣ оиди намудҳои гуногуни ёрии тиббӣ ва қаноатмандӣ аз хизматрасонии тиббӣ [5;34].

Аз омӯзиши ин масъала ба ақидае омадан мумкин аст, ки барои баланд бардоштани дараҷаи накӯаҳволии аҳолӣ махсусан ба соҳаи тандурустӣ диққат дод. Ин масъаларо танҳо бо роҳи саъю талоши якҷояи тамоми субъектҳои ҷомеа метавон ҳал намуд. Дар ин самт худи аҳолӣ низ бетараф набуда, боз ҳам сатҳи маълумотнокиашонро дар ин самт пайваста боло бардоранд.

Дар устувор намудани саломатӣ, тарзи зисту зиндагонии инсон тарзи ҳаёти солим нақши асосӣ мебозад. Ташаккул додани тарзи ҳаёти солим ва муносибати масъулиятнок нисбат ба

саломатии худ ба сатҳи маърифату фарҳанги аҳолӣ вобаста аст. Маълум аст, ки дараҷаи саломатии аҳолӣ аз вазъи муҳити зист ва омилҳои зерин, ба монанди: обу ҳавои тоза, мавҷудияти партовҳои саноатӣ, моддаҳои химиявӣ, маҳсулоти бехатари озуқаворӣ вобаста аст. То имрӯз мафҳуми «тарзи ҳаёти солим»-ро намояндагони афкори илмӣ гуногун муайян намудаанд [2;10]. Имрӯз муқаррар намудани самт ва дурнамои тарзи ҳаёти солими ҷавонон дар шароити тағйиротҳои иҷтимоӣ яке аз масъалаҳои саривақтӣ эътироф гардидааст ва ҷомеа барои ташаккули тарзи ҳаёти солим ҳамагуна чорабиниҳоро заруриро меандешад. Ҳамин аст, ки дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам таъкид мегарданд, ки “Солимии ҷомеа бақои давлат аст ва дар ин замина ташаккули тарзи ҳаёти солим - омили муҳими солимии ҷомеа ба шумор меравад...” [6;101]. Гуфтан ба маврид аст, ки дар шароити имрӯза насли ҷавонро бештар ба ташаккули тарзи ҳаёти солим раҳнамун сохтан яке аз вазифаҳои муҳими аҳли ҷомеа мебошад.

Барои баланд бардоштани солимии ҷавонон пеш аз ҳама мо бояд ба одатҳои бад ва зараровар мубориза барем. Барои ба ин ҳадафҳо расидан ба мо пеш аз ҳама дурнамои мушаххас ва дарозмӯҳлат лозим аст. Барои нишон додани вазъияти кунунии ин масъала мо се таҳқиқоти сотсиологие, ки моҳҳои апрел - майи соли 2021 дар байни 50 нафар, август- сентябри соли 2022 тавассути онлайн-пурсуш дар байни 1100 нафар ва май-сентябри соли 2023 дар байни 300 нафар тавассути методи анкетаи сотсиологӣ (дар панҷ минтақаи Тоҷикистон: шаҳри Душанбе, ВМКБ, Суғд, Хатлон ва НТҶ) гузаронида шуд ва натиҷаҳои таҳқиқот чунин аст:

Саломатӣ– ҳолати некӯаҳволии пурраи ҷисмонӣ ва рӯҳию иҷтимоии инсонро ифода менамояд. Дар таҳқиқоти мазкур мусоҳиб ба саволи зери мафҳуми саломатӣ чиро мефаҳмед, фикру ақидаҳои гуногуни худро баён намудаанд. Бояд гуфт, ки 21,7 % ба он назаранд, ки солимӣ ин бароҳатии ҷисмонӣ ва равонии фардро дар бар мегирад ва 35,6% саломатӣ ва кайфияти хубро асоси солимии ҷавонон медонанд. Инчунин 28,3 % қайд менамоянд, ки ба духтур муроҷиат накардан асосии ҳаёти солимро мегузорад ва 9 %-и дигар қобилияти меҳнат кардан ва доштани ҷойи корро асосӣ солимӣ эътироф намудаанд. Танҳо 5,4% қайд менамоянд, ки фаъолияти рӯзмарра метавонад заминаҳои асосиро барои ташаккули саломатӣ фароҳам созад. (ниг ба *диаграммаи 1*)

Диаграммаи 1.

Саломатӣ чиро ифода менамояд.
(n= 300, %)



Ба саволи дигар тарзи ҳаёти солим чиро дар бар мегирад посухҳо гуногун буданд ва ҳар як респондент оид ба ин масъала фикрҳои гуногун баён намудаанд. Аксаран, яъне 22,3% асоси тарзи ҳаёти солимро дар риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ баррасӣ намудаанд, аз ин 22% даст кашидан аз одатҳои бадро асосӣ дониста, таъкид менамоянд, ки одатҳои бад метавонад тарзи ҳаёти солимро халалдор намояд. 11,6%-и респондентон ғизои солимро асоси тарзи ҳаёти солимро медонанд ва 6,3% тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои инкишофи тарзи ҳаёти солим муҳим дониста, нақши варзишро дар ҷисмонии шахс зарур арзёбӣ менамоянд. 14% истироҳати дурустро асоси тарзи ҳаёти солим эътироф менамоянд. 9.6% муоинаи тиббии пешгирикунандаро барои тарзи ҳаёти солим муҳим дониста, бар он назар ҳастанд, ки агар дар 1 сол инсон як маротиба аз муоинаи тиббӣ гузарад, ин имкони хуб баҳри пешгирии ҳама бемориҳо мебошад. Риояи қоидаҳои гигенаи шахсӣ барои тарзи ҳаёти солим муҳим дониста мешавад ва 22,3% мусоҳибон бар он назар ҳастанд, риоя шудани гигиенаи шахсӣ сатҳи беморшавиро кам менамояд. Қобилияти идора карда тавонистани эҳсос барои саломатии ҷавонон муҳим буда, 7% -и мусоҳибон қайд менамоянд, ки стрессҳо ва дипрессияҳо метавонад вазъи солимии ҷомеаро зери хатар гузорад. Боқимонда 0,6% аз ҷавоб руй гардонидро интихоб намуданд. (ниг ба *диаграммаи 2.*)

Диаграммаи 2.

Мафҳуми тарзи ҳаёти солим чиро дар бар мегирад. (n= 300, %)



Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, бузургтарин донишмандони тиб ба такрору таъкид гуфтаанд, ки инсоният барои пойдории саломатӣ, тақвияти он ва умри дарози пурбаракат дидан беҳтар аз тарзи ҳаёти солим чизе кашф накардааст, тарзи ҳаёти солимро ҳеч дорую давое наметавонад иваз намояд. Фаҳмиш ва дарки пурраи мафҳуми тарзи ҳаёти солим, дар амал дуруст ҷорӣ намудани он – ин маънии солиму бардам будани миллат, хонаводаҳо,

насли имрӯзу оянадаро дорад. Тарзи ҳаёти солим яке аз роҳҳои бисёр камхарҷ ва пурсамари ҳифзи тандурустии миллат, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои саломатӣ мебошад. Солимии миллат бошад – ин аз рукнҳои бисёр пуриқтидори рушду тараққии давлат аст, давлат дар сояи миллати солим қомат меафрозад, пеш меравад. Аз ин рӯ тарзи ҳаёти солим аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ низ дорад.

Зарурат ва аҳамияти тарзи ҳаёти солимро барои солимиву тандурустии миллат ба назар гирифта, Ҳукумати ҷумҳурӣ моҳи октябри соли 2010 “Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020”-ро қабул намуд [4;8].

Мувофиқи таҳлилҳо, аз ду ҳиссаи мусоҳибон 64,4% ба тарзи ҳаёти солим дар оилаи худ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Аз се як ҳиссаи мусоҳибон 29,3% қайд намуданд, ки ба тарзи ҳаёти солим дар оилаи онҳо то дараҷае диққат дода мешавад ва 3,8% иброз доштанд, ки дар оилаи онҳо ба тарзи ҳаёти солим тамоман диққат дода намешавад. *(нг. диаграммаи 3.)*

Диаграммаи 3.
Дар оилаи Шумо ба тарзи ҳаёти солим (истироҳати дуруст, варзиш, ғизои зарурӣ, дури ҷустан аз истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи мухаддир) то кадом дараҷа диққат дода мешавад? (n=300, %)

Бояд қайд намуд, ки фароҳам овардани муносибатҳои солими оилавӣ ба ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон заминаи мусоидро фароҳам меоварад. Тарғиби ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон яке аз омилҳои мусоидаткунандаи тарзи ҳаёти солим дониста шуда, яке аз масъалаҳои мубрами сотсиологияи ҷавонон низ ба ҳисоб меравад. Аз натиҷаи татқиқоти дар боло овардашуда, маълум мегардад, ки ташаккули тарзи ҳаёти солимро дар байни ҷавонони имрӯза таҳлил намуда, бешубҳа мо гуфта метавонем, ки сатҳи маълумотнокии ҷавонон аз солҳои пеш фарқкунанда буда, аксарияти онҳо оид ба ин масъала маълумоти амиқ доранд. Хушбахтона, ҷавонон фаҳмиданд, ки барои нигоҳ доштани саломатӣ бояд аз ҳар гуна рафторҳои зарарнок даст кашанд, чунки як омили асосии тарзи ҳаёти солимро халалдор кардан, маҳз ин одатҳои бад ба ҳисоб мераванд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии гузаронидашуда барои омӯзиши ин масъала дар Тоҷикистон чунин пешниҳодҳо намудан мумкин аст:

- Аз таҳлили натиҷаҳои тадқиқот бармеояд, ки нисбат ба солҳои қаблӣ торафт маълумотнокии ҷавонон оиди ин масъала меафзояд, ки ин ҳам бошад, натиҷаи корҳои тарғиботию ташвиқотии мақомоти марбута ва таъсири ВАО мебошад. Аммо дар маҷмӯъ то ҳол сатҳи ахбороти ҷавонон оиди ин масъала ташвишовар аст;
- Аксарияти ҷавонон мунтазам маълумоти худро оиди ин масъала зиёд менамоянд;
- Аксарият худ иқрор шудаанд, ки дар ин масъала маълумоти кофӣ надоранд, аммо доштани ин гуна ахборотро хеле муҳим арзёбӣ мекунанд;
- Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки сарчашмаҳои асосии маълумотгирии ҷавонон оиди ин масъала телевизион ва мактабу донишгоҳ, интернет ва рӯзномаю маҷаллаҳо мебошанд;
- Маърифати ҷавонон барои тарғиби тарзи ҳаёти солим то рафт боло меравад, аммо ҳоло низ шумораи ҷавононе, ки дар ин бора умуман маълумот надоранд, зиёд аст;
- Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки торафт муносибати ҷавонон ба тарзи ҳаёти солим беҳтар мегардад, ин гуна муносибат дар самти тарғиби тарзи ҳаёти солим нақши бузург мебозад;
- Аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатии марказӣ ва маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳида пӯрзур гардонидани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон ва баланд гардонидани маърифати ҷавонон оиди бемориҳо тавассути ВАО ва мактабу донишгоҳҳо;

➢ Паҳн намудани варақаҳо ва брошураҳо дар байни ҷавонон барои тарғиби тарзи ҳаёти солим [3;89].

Тоҷикистон мамлакате мебошад, ки қисми зиёди онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Дар Тоҷикистон синну соли миёнаи аҳолӣ 26 сола буда, ҷавонони синнашон аз 14 то 30 сола зиёда аз 38 фоизи аҳолиро ташкил медиҳанд [1;10]. Имрӯз барои ташаккули тарзи ҳаёти солим давлат ҳамаи чораҳои заруриро меандешад, ки маҳз ҷавонон дар ҳаёти худ аз он ба таври васеъ истифода намоянд. Барои ҷавонон як қатор муассисаҳое ташкил шудаанд, ки метавонанд оиди ин масъала ба ҷавонон маълумоти заруриро пешниҳод намоянд.

Барои тарзи ҳаёти солимро ҷорӣ кардан бояд махсус ба хизматрасонии тиббӣ диққат дод. Вақте, ки мо дар сатҳи зарурӣ хизматрасонии тиббиро ба роҳ мемонем ва тамоми қишри ҷомеа ба он дастрасӣ дошта бошанд ин гувоҳ бар он аст, ки тарзи ҳаёти солими ҷомеа дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Тиб ҳамчун институти иҷтимоии ҷомеа вазифадор аст, ки мунтазам аҳолиро бо тамоми иттилооти нави дар соҳаи тиб ба вуҷудоянда, огоҳ намуда, ислоҳотҳои гуногунро дар ин самт ҷорӣ намуда ва сатҳу сифати хизматрасонии тиббиро боз ҳам баланд бардорад. Имрӯз ҳар ҷомеае, ки вуҷуд дорад бевосита мекушад, ки ба дараҷаи накӯаҳволӣ ва дастрасӣ доштани аҳолӣ ба тарзи ҳаёти солим тамоми шароитҳои заруриро фароҳам орад. Мо бешубҳа гуфта метавонем, ки дар Тоҷикистон ба тарзи ҳаёти солим махсус диққат дода мешавад.

Адабиёт

1. Агентии омори назди Президенти ҶТ.–Душанбе, 2022. – 240 с.

2. Киселева, М.П. Основы здорового образа жизни. / М.П. Киселева, – Москва.: «Наука», 2007. –342 с.

3. Миров, Ф. Ҳисоботи тадқиқоти сотсилогӣ оид ба “Муайян намудани сатҳи маълумотнокии ҷавонон дар бораи бемориҳои сироятии ҷинсӣ ва омилҳои сар задани онҳо дар байни ҷавонон”. – Душанбе.: “Ирфон”, 2014. -89 с.

4. Насурова, Б.А. Тарзи ҳаёти солими ҷавонони муосир / Б.А. Насурова, М.Т. Чилаева Душанбе.: Ахбор.2021.№3.-189с.

5. Решетников, А. В. Социология медицины / Решетников А. В. – Москва.: “ГЭОТАР-Медиа”, 2014.- 459 с.

6. Ҳамидов, И.И. Нерӯи ояндасози миллат / И.И. Ҳамидов. – Душанбе.: “Ирфон”, 2011.-140 с

7. https: // topuch.ru›reshetnikov-a…sociologiya-medicini…udk… (саннаи мурочиат 05.09.2023)

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ МОЛОДЕЖИ В ТАДЖИКИСТАНА (РЕЗУЛЬТАТ СОЦИОЛОГИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ)

Чилаева М.Т.

В статье анализируется перспектива здорового образа жизни, признаный в настоящее время основным направлением государственной молодежной политики Таджикистана, включающим разработку и реализации мероприятий по формированию здорового образа жизни среди молодежи, повышение эффективности обучения основам здорового образа жизни, создание условий, обеспечивающих возможность регулярной пропаганды здорового образа жизни.

В данной статье с использованием результатов социологического исследования рассмотрены важнейшие направления формирования здорового образа жизни, показано современное положение вопроса представлены выводы и предложения сущейвующих в данный сфера.

Ключевые слова: *молодежь, здоровый образ жизни, его развитие, социальная жизнь, здоровый образ жизни молодежи, факторы профилактики, пропаганда, здоровье.*

MAIN DIRECTIONS AND PERSPECTIVES OF THE DEVELOPMENT OF A HEALTHY LIFESTYLE OF YOUTHS IN TAJIKISTAN (RESULT OF SOCIOLOGICAL RESEARCH)

Chilaeva M.T.

The article analyzes the perspective of a healthy lifestyle, which is currently recognized as the main direction of the state youth policy in Tajikistan. The main areas of this policy are the development and implementation of activities for the formation of a healthy lifestyle among young people, increasing the effectiveness of teaching the basics of a healthy lifestyle, and creating conditions that provide the opportunity to regularly promote a healthy lifestyle.

In this article, using the results of sociological research, the most important areas of healthy lifestyle formation are discussed. In this regard, we tried to show the current situation of the issue and present our conclusion and proposal to overcome the problems.

Key words: *youth, healthy life, its development, social life, healthy lifestyle of young people, preventing factors, promotion, health.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

НАҚШИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТ ДАР ТАШАККУЛИ ШУУРИ ИҚТИСОДӢ

Бобоева Зебо - Ассистент, унвонҷӯи кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ. Тел: 9371003

Дар мақола масъалаи нақши системаи маориф дар ташаккули шуури иқтисодӣ мавриди таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ қарор гирифтааст. Таъкид мешавад, ки дар шароити тағйироти глобалии хаёти ичтимоию иқтисодӣ шаклхои инноватсионии фаъолияти одамон ба сохтори муносибатхои иктисоди ворид гашта, андешаи инсони дорои дониҳои махдуди техникию гуманитаридошта на танхо дар раванди идора намудан, балки субъекти фаъоли равандҳои муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ буда наметавонад, ба аксиома табдил ёфтааст. Дар мақола асоснок карда шудааст, ки татбики бо муваффакияти муносибатхои бозорӣ ба он вобаста аст, ки одамон дигаргунихои ба амал омадаистодаро чӣ тавр дарк намуда дар шуурашон инъикос менамоянд.

Проблемаи шуури иктисодӣ барои фалсафаи ичтимоии точик нисбатан нав аст. Дар натиҷаи тахлили дидгоҳҳою мавқеъгириҳои мавчуда нисбат ба шуури иктисодӣ хамчун шакли мустакили шуури чамъиятӣ ба хулосае меояд, ки пайдоиши шуури иқтисодӣ ва инкишофи он зарурати объективии таърихӣ мебошад.

Калидвожаҳо: *таҳсилот, ҷамъият, инсон, субъект, омили инсонӣ, зеҳн, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳастии ҷамъиятӣ, шуури ҷамъиячтӣ, ҳастии иқтисодӣ, тасаввуроти иқтисодӣ, тафаккури иқтисодӣ, истеҳсолот ва ғайраҳо*

Ҷомеаи муосири Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии ҷомеаи ҷаҳонӣ тағйиротҳои глобалиро аз сар мегузаронад. Иқтисодиёт ҳамчун соҳаи бунёдии ҷомеа аз ин тағйиротҳо орӣ нест. Таҳлилу мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки дигаргуниҳо дар соҳаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ қабл аз ҳама ба раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди бемайлони техника ва технологиҳои нав ва дар ин замина ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ вобаста буда, раванди истеҳсолот шеваи ратсионалиро касб менамояд. Хусусияти ақлонӣ пайдо намудани муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ сатҳи баланди дониш, таҷриба, маҳорату малака ва санъати идоракуниро талаб менамояд. Чунин арзёбӣ гаштани иқтисодиёти муосир нақши низоми таҳсилотро на фақат ҳамчун шохиси асосии таҳкимбахшандаи истеҳсолоти моддӣ, балки омили муҳимтарини дигаргунсозандаи ҷаҳонбинӣ, шуур ва маънавиёти инсонро ба маротиб меафзояд. Бо назардошти болоравии нақши омили инсон лар эҳё ва таъмини рушди иқтисодиёт дар сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи илм ва маориф самти афзалиятнок эътироф гашта, барои рушду нумӯъи он диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Мисоли равшани онро мо дар он дида метавонем, ки дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ рушди маориф самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ эълон гардида, маблағгузории ин соҳаи ҳаётан муҳим садҳо баробар афзуда, беш аз 3 ҳазор бинои нави таълимӣ барои 1 миллиону 270 ҳазор ҷойи нишаст бунёд ва ба истифода дода шуд.” [1]

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар раванди гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ зербино ва рӯбиноӣ ҷомеа тағйир ёфта, муносибатҳои иҷтимоии сифатан нав ташаккул меёбад, ки он падидаҳои иҷтимоиву иқтисодии нав, ба мисли соҳибкорӣ, муносибати молу мулки, тақсимот, мубодила, кооператсия, идоракунӣ (менеҷмент), сармоядориро ба миён оварда. Ба назари аввал падидаҳои мазкур мафҳумҳои соф

иқтисодӣ буда, аз доираи маърифати фалсафӣ берун мебошанд. Аммо, таҷрибаи бунёди иқтисодиёти миллӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ собит намуд, ки ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ - иқтисодӣ дар заминаи падидаҳои дар боло зикр намуда, мураккаб ва зиддиятнок буда, муваффақона ташаккул ёфтани онҳо ба сатҳи эҳсос идрок дониш, таҷриба, тафаккурӣ эҷодӣ, ҷаҳобинии илмӣ, омилҳои ангезанда ва психологияи субъектҳои хоҷагидорӣ, ки дар маҷмӯъ онҳоро дар илми фалсафаи иҷтимоии муосир бо мафҳуми шуури иқтисодӣ ифода менамоянд, вобаста мебошанд.

Таҷрибаи хоҷагидории солҳои то даврони соҳибистиқлолӣ (солҳои 70-80 уми асри XX) собит менамояд, ки маҳз аз лиҳози фалсафӣ баррасӣ нагаштани лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ сабаби амали нагаштани онҳо гаштааст. Аз ин сабаб, ҳангоми тарҳрезии консепсияҳои рушди иқтисодиёти муосир ба инобат гирифтани омили инсонӣ яке аз вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар афкори иқтисодӣ ва фалсафӣ имрӯзҳо мафҳумҳои “сармояи инсонӣ”, “омили инсон”, “имкониятҳои ақлонии инсон” ҷойгоҳи хоссаро касб намудааст. Мазмун ва меъёрҳои муайянкунандаи ин мафҳумҳоро сатҳи таҳсилот, тандурустӣ ва некуаҳволии одамон ва ғайра ташкил медиҳанд. Вобаста ба ҳузури ин арзишҳо дар равандҳои ислоҳоти иқтисодӣ муносибати одамон ба дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ташаккул меёбанд. Моҳиятан дар ин ҷо сухан дар бораи шуури иқтисодии одамон меравад, ки дар мақолаи мазкур баъзе ҷанбаҳои он, пеш аз ҳама нақши низоми таҳсилот дар ташаккули шуури иқтисодӣ мавриди қазовати илмӣ қарор дода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки гарчанде шуури иқтисодӣ дар фалсафаи даврони Шуравӣ аз солҳои 60-70 –уми асри XX таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда бошад ҳам,[2] барои фалсафаи иҷтимоии тоҷик ин мавзуи нав аст. Шиносои ба сатҳи коркарди мавзӯъ нишон медиҳанд, ки муҳаққиқон Гафорова М.Қ. ва Хуморов Д.М.[3] аз аввалин файласуфҳои тоҷик мебошанд, ки ба ин муаммо рӯй овардаанд. Бояд дар назар дошт, ки масъалаи дар раванди тағйирёбиҳои ҳастии иҷтимоӣ арзи вуҷуд намудани шаклҳои нави шуури ҷамъиятӣ яке аз масалаҳои баҳснок буда, он таҳқиқоти алоҳидаи бунёдиро тақозо менамояд. Вале ба ҳар ҳол ба таври мухтасар зикр кардан лозим аст, ки муаллифони дар боло зикр гашта ба яке аз принсипҳои асосии фалсафаи иҷтимоӣ - ҳастии ҷамъиятӣ шуури ҷамъиятиро муайян менамояд такя намуда, масъалаи арзи вуҷуд намудани шаклҳои нави шуури ҷамъиятиро ҷонибдори намудаанд. Яке аз принсипҳои калидии диалектика, ки қисми таркибии илми фалсафа аст, талаб менамояд, ки ашё ва ҳодисаҳои олам дар ҳолати инкишоф, алоқамандӣ ва тағйирёбӣ маърифат карда шавад. Тибқи қонунҳои асосии диалектика ҷавҳари чизҳо ва ҳолисаҳо устувор мебошад, вале дар зинаи муайяни инкишоф дар сохтори онҳо унсурҳои нав ба вуҷуд меоянд ва мубориза байни наву кӯҳна оғоз меёбад. Механизми амалкарди қонуни инкори инкор нишон медиҳад, ки дар раванди ин мубориза сифатҳои кӯҳна, барои инкишофи минбаъда монеашаванда инкор карда шуда, сифатҳои нав ҳосил мегардад. Тағйирёбии ҳастии иҷтимоӣ ва дар ин замина ба вуҷуд омадани шаклҳои нави шуури ҷамъиятӣ низ аз ин қонунмандӣ холӣ нест. Ба ин нуктаҳои методологӣ такя намуда профессор Ғафорова М.Қ. таъкид бар он дорад, ки ҳангоми баррасии категорияҳои “ҳастии ҷамъиятӣ” ва “шуури ҷамъиятӣ” аз тафаккури анъанавӣ, қолабҳои дар доираи материализми таърихӣ оид ба шаклҳои шуури ҷамъиятӣ: сиёсӣ, ҳуқуқӣ, динӣ, ахлоқӣ ва ғайраҳо даст кашида, бояд ба саволи “Оё дар раванди тағйирёбии ҳастии иҷтимоӣ шаклҳои шуури ҷамъиятӣ тағйир меёбанд ё не? ” посухи мушаххас дод. Худи профессор Ғафорова М.Қ. ақида дорад, ки дар натиҷаи интегратсия (ҳамгироӣ) ва дифференсиатсия (таҷзия) – ҳастии

ҷамъиятӣ имконияти ба вуҷуд омадани шаклҳои нави шуури ҷамъиятӣ аз ҷаҳонбинии илмӣ-фалсафӣ дур нест. [4:26] Ба маврид аст, таъкид намоем, ки ба гуногунандеши оид ба ин масъала нигоҳ накарда, мавҷудияти шуури иқтисодиро ҳамчун шакли шуури ҷамъияти эътироф намудан мувофиқи мақсад мебошад, зеро ташаккули он зарурияти таърихӣ буда, тасаввуроти кулли аъзоёни ҷомеаро дар бар мегирад. Баъзеҳо эрод мегиранд, ки биёед шуури педагогӣ, физикӣ, биологӣ ва ғайраро низ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ эътироф намоем. Ин корро мо карда наметавонем, зеро объекти инъикоси онҳо гуногун буда, барандагонаш маҳдуд мебошанд. Шуури иқтисодӣ бошад, дар ҷомеа хислати фарогир ва ҳамагониро дорост Дар ин робита ҳақ ба ҷониби Хуморов Д.М. аст, ки навиштааст: “ҳеч як масъалаҳои ҳаёти маънавии ҷамъият бидуни пайвасти ногусастани доштанаш ба иқтисодиёт вуҷуд дошта наметавонад, Ҳатто, вақте ки мо мегуем, ҳасти ҷамъиятии одамон шуури ҷамъяти онҳоро муайян менамояд, бешак на танҳо субъектҳои ҷамъиятии инсонро, балки аксаран иқтисодиётро, базиси иқтисодии ҷамъиятро низ дар назар дорем... шуури иқтисоди аз ҳамон лаҳзае, ки инсон моҳияти ашёҳоро шинохт ва бо муррури замон аз онҳо ба таври васеъ истифода бурданро ёд гирифту ба ратсионаш ғизоҳои нав ба нав ворид кард, аз ашёҳои табиат воситаи меҳнат сохту суду зиёнашро шинохт, дар паи такмили онҳо шуда пайваста ҳам зиндагиашро беҳтар намуд ва ҳам дар ин раванд ақлу фаросат, мақсаду маромашро такмил дода, мунтазам ҳам худ ва ҳам ҷомеаашро сифатан нав кард.” [5:207]

Шуури иқтисодӣ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ аз ҷониби тадқиқотчии руминиягӣ Чернео (М.Черне) [6:28] ба илм ворид карда шуда, ҷомеашиносон онро пазируфтаанд. Ба андешаҳое, ки муаллифи мазкур баён намудааст, такя карда Гафорова М.Қ. шуури иқтисодиро ба таври зайл муайян намудааст: “Шуури иқтисодӣ ин низоми ғояҳои иқтисодӣ ва иқтисодӣ - эмпирикии (иҷтимоӣ психологӣ) тасаввурот оид фаъолияту рафтори одамонро дар соҳаи иқтисодиёт ифода намуда, чун дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ дараҷаи гуногуни маърифати ҳастии иқтисодиро инъикос менамояд.” [4:36]

Шуури иқтисодиӣ инъикоси ҳастии иқтисодист. Пас шуури иқтисодӣ зери таъсири равандҳо ва омилҳои воқеияти айние, ки инсонро иҳота намудааст, ташаккул меёбад.

Дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ низоми таҳсилот яке аз омилҳои ташаккулдиҳандаи шуури иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Эътирофи низоми таҳсилот ҳамчун омили муҳими на фақат шуури иқтисодӣ, балки умуман маънавиёти инсон ба он вобаста аст, ки дар шароити тағйиротҳои глобалӣ, дар истеҳсолот ҷори гаштани техника ва технологияҳои иттилоотӣ ва дар ин замина ташаккули иқтисоди рақами ва хизматрасониҳои рақами сатҳи баланди дониш, маҳорату малака ва қобилияти баланди дарку фаҳм, истифодабарии технологияҳои иттилоотиро тақозо менамояд. Дар ин робита муҳаққиқон Саидов А. С. ва Назар М.Ҷ. таъкид намудаанд, ки дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт мавҷуд будани сатҳи баланди тахассуси арзиши баланди захираи инсонӣ ба ҳисоб мервад, зеро чунин корманд метавонад техника ва технологияҳои навро самаранок истифода барад, онро идора намояд ва молу хизматрасониҳои рақобатпазир ва арзишмандро дар бозори ҷаҳонӣ истеҳсол намояд.”[7:6]

Бо назардошти нақши калидӣ доштани низоми таҳсилот дар рушд ва такмили иҷтисодиёти миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 173 муассисаи таълимии типи нав-литсей, гимназия, мактабҳои президентӣ, мактаби байналмилалӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат, инчунин, 196 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии хусусӣ бунёд гардида, ба истифода дода шуданд... Дар замони соҳибистиқлолӣ шумораи

ҷавонони боистеъдоде, ки барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода мешаванд, сол ба сол афзоиш ёфта, дар соли таҳсили 2021 ба беш аз 42 ҳазор нафар дар 25 давлати хориҷӣ расидааст.Ҳар сол беш аз 5 ҳазор нафар ҷавонони боистеъдоди мо барои таҳсил ба мактабҳои олии хориҷи кишвар фиристода мешаванд. [8]

Дар швроити бунёди иқтисодиёти бозорӣ рисолати асосии низоми таҳсилот, хусусан таҳсилоти олии касбӣ ин омода намудани мутахассисони соҳиби донишҳои амиқи касбӣ, ахлоқу одоби муошират шоиста, бархурдорӣ аз технологияҳои ҷадиди замони муосир, аз бар намудани 2-3 забони хориҷӣ, донистани таъриху фарҳанги миллӣ маҳсуб меёбад.

Амалигардонии ин рисолат бечунучаро симои маънавии инсон, аз он ҷумла шуури иқтисодии онро дигаргун менамояд. Муҳиммияти низоми таҳсилот вобаста ба таъсири он ба шуури иқтисодӣ боз аз он иборат аст, ки дар шароити ба сохтори муносибатҳои иқтисодӣ ворид гаштани шаклҳои инноватсионии ташкили фаъолият ғояи инсоне, ки дорои маҷмуи донишҳои илмиву техникӣ ва гуманитарӣ нест на фақат дар раванди идоракунӣ, балки ӯ субъекти фаъоли ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодӣ буда наметавонад, ба аксиома табдил ёфтааст.

Иқтисодиёти милли заминаи моддии ташаккули худшиносии миллӣ мебошад. Ҳиссагузории зеҳни дар рушди иқтисодӣ, боэҳтиромона ва истифодаи мақсадноки сарватҳои табии, сарфакорона истифода бурдани дороиии давлату ҷамъият аз нишонаҳои муҳими худшиносии миллпат маҳсуб меёбад. Дар Суханронии хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии кишварамон чунин таъкид намудаанд: “Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта маориф яке аз омилҳои муваффақияти иқтисодии давлат мегардад. Рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат, сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ва умуман рушди иҷтимоӣ мустақиман аз сатҳи маориф, ташкили ҷараёни мураттабу хушсифати таълиму тарбияи талабагону донишҷӯён, хулоса аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст... нақш ва масъулияти маориф барои рушди глобалии иҷтимоию иктисодӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, ташаккули низоми одилонаи ҷамъиятӣ ва муваффақияти миллии давлат афзун мегардад. Нақши муҳими маориф дар рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистони имрӯза дарки онро муайян месозад, ки ояндаи кишвар аз он вобаста аст, ки низоми миллии маориф ба кадом андоза барои бунёди иқтидори зеҳнӣ ҳамчун асоси рушди қобилияти аксарияти шаҳрвандон ва таъмини рафоҳати онҳо қодир аст.” [9]

Ҳамин тариқ, низоми таҳсилот омиили калидии рушди иқтисодӣ ва ташаккули шуури иқтисодӣ маҳсуб меёбад, зеро танҳо миллати босаводу донишманд давлати худро пешрафта гардонида метавонад.

Адабиёт

1. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронии дар ҷаласаи ботантана ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ. 08.09.2021, шаҳри Душанбе

2. Драчев В.К. Экономическое сознание – как фактор общественного развития при социализме. М: 1977; Фофанов В.П. Экономические отношение и экономическая сознания. Новосибирск. 1977; Николаева О.В. Общественное сознание и её структуры. М: 1977; Архипов А.Ю. Современное экономическое мышление:вопросы теории и практики развития: дис. … д-ра экон. наук/ А.Ю. Архипов. Ростов на/ Д.,1999.

3. Гафорова М.Қ. Общественное сознание. Душанбе, –“Санадвора”. Душанбе, 2007. ;. Хуморов Д.М. Фалсафа. Душанбе, 2020

4. Гафорова М.Қ. Общественное сознание. Душанбе, –“Санадвора”. Душанбе, 2007, - С.26.

5. Хуморов Д. М. Фалсафа. – Душанбе . 2020.

6. Чернео М. Духовный облик рабочего класса при социализме. Бухарест, 1964. Ниг.: Гафарова М.К. Фомина В.А. Общественное сознание. Душанбе. Ирфон.2001, -С. 26..

7. Саидов А. С., Назар М. А. Маориф омили муҳимми афзоиши аҳамияти сармояи инсонӣ барои инкишофи ҷомеа // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. №3, 2021.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли сол 2021. – Душанбе: Шарқи Озод, 2022, - С. 54

9. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи ботантана ба муносибати 30 – солагии Истиқлоли давлатӣ 8.09.2021, шаҳри Душанбе

РОЛЬ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ В ФОРМИРОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОЗНАНИЯ

Бобоева З.

В статье социально – философскому анализу подвергается проблема роли системы образования в формировании экономического сознания. Подчеркивается, что в условиях глобальных изменений в общественной жизни, когда в ткань экономических отношений проникают инновационные формы организации деятельности людей, становится аксиомой тот факт, что человек с ограниченными техническими и гуманитарными знаниями не только не может управлять, но и вряд ли может быть деятельным субъектом происходящих общественных процессов.

Обосновывается идея о том, что от того, как люди воспринимают и отражают в своем сознании происходящие перемены зависит успех внедрения рыночных отношений.

Проблема экономического сознания относительно новая для таджикской социальной философии. Подвергая анализу имеющиеся точки зрения относительно экономическому сознанию, как самостоятельной формы общественного сознания, делается вывод, что возникновение экономического сознания и его развития – объективная историческая необходимость.

Ключевые слова: *образование, общество, человек, человеческий фактор, интеллект, общественные отношения, общественное бытие, общественное сознание, экономическое бытие, экономическое сознание, экономическое мышление, производство и др.*

THE ROLE OF THE EDUCATION SYSTEM IN THE FORMATION OF ECONOMIC CONSCIOUSNESS

Boboeva Z.

In the article, the problem of the role of the education system in the formation of economic consciousness is subjected to socio-philosophical analysis. It is emphasized that in the context of global changes in social life, when innovative forms of organizing people's activities penetrate into the fabric of economic relations, it has become an axiom that a person with limited technical and humanitarian knowledge not only cannot manage, but is also unlikely to be an active subject ongoing social processes.

The idea is substantiated that the success of the introduction of market relations depends on how people perceive and reflect in their minds the changes taking place.

The problem of economic consciousness is relatively new for Tajik social philosophy. By analyzing existing points of view regarding economic consciousness as an independent form of social consciousness, it is concluded that the emergence of economic consciousness and its development is an objective historical necessity.

Key word: education, society, man, human factor, intelligence, social relations, social existence, social consciousness, economic existence, economic consciousness, economic thinking, production, etc.

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ПОЛИТОЛОГИЯ

РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В АГИТАЦИОННО-ПРОПАГАНДИСТСКОЙ И ВЕРБОВОЧНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ТЕРРОРИСТИЧЕСКОЙ И ЭКСТРЕМИСТСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ ПАРТИИ ИСЛАМСКОГО ВОЗРОЖДЕНИЯ

Мухаммад А.Н., д.п.н., профессор, вице – президент Национальной академии наук Таджикистана
Джонмахмадов Ф.Ф., соискатель Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова НАНТ

В настоящей статье проведён анализ агитационно-пропагандистской и вербовочной работы ТЭО ПИВ в контексте обеспечения безопасности Республики Таджикистан. Авторы статьи изучили структуру и механизм агитационной деятельности ТЭО ПИВ, используемые инструменты, методы и последствия деструктивного влияния ТЭО ПИВ на информационное пространство. Изучена взаимосвязь между деятельностью ТЭО ПИВ в информационном пространстве Республики Таджикистан и стран региона и роль ТЭО ПИВ в формировании радикального и протестного потенциала у социально-уязвимых граждан. В заключении статьи выработаны предложения по нивелированию угроз безопасности в связи с деятельностью ТЭО ПИВ.

***Ключевые слова**: терроризм, политический терроризм, ТЭО ПИВ, пропагандистская деятельность, безопасность.*

Современные технологии и доступность средств коммуникации вывели агитационно-пропагандистскую и вербовочную деятельность международных террористических и экстремистских организаций на качественно новый уровень. Большой охват целевой аудитории, поэтапное формирование радикального либо протестного мышления, а также работа с социально-уязвимыми группами населения стали причиной для формирования таких понятий, как политический терроризм и его производной в качестве информационного терроризма.

Впервые информационные технологии в качестве инструмента террористической деятельности были использованы структурами террористической организации «аль-Каида». Наибольшее развитие данное направление получило с момента образования международной террористической организации «Исламское государство». Этому способствовало быстрое развитие социальных сетей и мессенджеров, позволяющих вести агитационно-пропагандистскую работу с безопасной территории. Главная цель террористов на современном этапе – воздействие на общественное мнение и на субъекты, принятие решений путем устрашения и дестабилизации обстановки в государстве (регионе) [9; 132-137].

В.В. Красинский справедливо отмечает, что в настоящее время одним из главных инструментов координации и информационной поддержки террористической деятельности, вербовки и ресурсной поддержки новых сторонников, финансирования террористических структур стали социальные сети и интернет-мессенджеры [8; 65-69]. Террористическая и экстремистская организация «Партия исламского возрождения» (далее ТЭО ПИВ) также не стала исключением и начала применять современные технологии для достижения собственных целей. Начиная с 2015 года, ТЭО ПИВ приступила к формированию так называемого департамента информации, ответственного за планирование, проведение и координацию агитационно-пропаган-

дистской работы. Руководство данным департаментом возложено на активиста ТЭО ПИВ Т. Варки. Создание департамента информации требует финансовых вложений для создания информационных ресурсов, их наполнения материалами, продвижения в сети. Для функционирования сайтов, оплата аренды помещения, оборудования, смм-менеджеров, сбор информации и продвижение публикаций требует значительных финансовых средств. Учитывая тот факт, что офис департамента информации находится в столице Польши, эти расходы возрастают в несколько раз. При условии, что ТЭО ПИВ не имеет официальных источников дохода, членские взносы больше не собираются, то можно заключить о наличии неустановленных источников денежных средств. Очевидно, что ТЭО ПИВ, лишившаяся основного притока финансовых поступлений из-за рубежа, начала искать новые источники финансирования.

Будучи в странах Европы, руководители ТЭО ПИВ запустили процесс отдаления от исламских ценностей в угоду современных демократических трендов. Причиной подобных изменений стало нежелание политических элит Запада сотрудничать со структурой, за которой тянется длиный след террора, убийств и других преступлений против общества. Исходя из современных реалий, с 2015 года начинается процесс диверсификации ТЭО ПИВ на отдельные, самостоятельные и формально не связанные друг с другом структуры, такие как «Национальный альянс Таджикистана», «Союз свободномыслящих таджиков», «Общественный комитет спасения заложников и политзаключенных Таджикистана» и других структур. Фактически, все эти структуры состоят из приближенных к руководителю ТЭО ПИВ М. Кабири и ведут скоординированную пропагандистскую работу, нацеленную на продвижение идей ТЭО ПИВ и усилению протестного движения в Таджикистане.

Оценивая ситуацию, социолог А. Курбанов справедливо отмечает, что “ни суета вокруг возникновения Альянса, ни тем более заявленные уставные задачи ничем, кроме как красивых декораций, не являются. Из всего спектра его реальных возможностей практический результат может дать только ведение активной информационной кампании по дискредитации деятельности властей Таджикистана и манипулированию общественным сознанием [6].

В то же время руководитель ТЭО ПИВ М. Кабири открыто заявлял, что Альянс будет вести идеологическую борьбу, нацеленную на свержение Конституционного строя Республики Таджикистан, что по определению является угрозой безопасности страны. Аналогичного мнения придерживается политолог и эксперт А. Алешин, считающий, что заигрывание западных политэлит с ТЭО ПИВ и формирование под ее эгидой новых структур, наподобие “Национального альянса”, может иметь плачевные результаты. В конечном итоге, вскормленные на деньги налогоплательщиков западных стран, “ПИВ”- овские террористы в любой момент могут выйти из-под контроля и направить оружие против своих хозяев, что не раз уже бывало в истории тайных операций спецслужб. И тогда ТЭО ПИВ окажется настоящей занозой в самом сердце Европы, от которой будет не так-то просто избавиться [5].

В поддержку мнения о деструктивном характере агитационно-пропагандисткой работы ТЭО ПИВ высказался учёный Р. Хайдаров. По его мнению, деятельность сайтов этой организации в соответствии с законами Таджикистана состоит из пропаганды террористическо-экстремистской идеологии. Мы должны защищать информационное пространство страны от таких информационных угроз безопасности государства. Сегодня в виртуальном пространстве сайты «Национального альянса Таджикистана» занимаются только распространением подрывной и провокационной идеологии этой организации [10].

На сегодняшний день перед руководством ТЭО ПИВ поставлены следующие цели и задачи, направленные на подрыв информационной безопасности Республики Таджикистан:

1. Распространение идеологии экстремистских групп с целью

радикализации людей и усилению террористической деятельности.

2. Подрыв государственной безопасности путём сбора информации о деятельности государственных органов, сливание конфиденциальной информации в общий доступ и таким образом создание препятствия для правильного функционирования механизма государства.

3. Распространение радикальных идей путём манипуляции и дезинформации, направленное на формирование радикально настроенных масс.

Для достижения поставленной цели ТЭО ПИВ сформировала на территории Украины, Польши, Германии и Франции целую сеть, направленную на агитационно-пропагандистскую деятельность. Система информационного воздействия ТЭО ПИВ представляет собой много векторную структуру, включающую в себя:

1. Информационные ресурсы, распространяющие дезинформацию, нацеленную на усиление протестного настроения в обществе (такие сайты, как bomdod.com, payom.net, isloh.net и др.).

2. Ютюб каналы, распространяющие дезинформационные материалы, направленные на подрыв доверия населения к органам государственной власти (такие каналы как isloh TV, Azda TV и др.).

3. Сеть фейковых аккаунтов пользователей социальных сетей, необходимая для распространения агитационных материалов ТЭО ПИВ в группах, комментирование публикаций, обеспечения продвижения материалов, большего охвата и просмотров.

Как следствие, враждебные конституционному строю Республики Таджикистан экстремистские сайты, созданные ТЭО ПИВ с целью дестабилизации общественно-политической обстановки и ангажированные, т.н. эксперты и журналисты, с огромной скоростью ежеминутно распространяют пропагандистские и агитационные материалы. В том числе, о вербовке в различные международные террористические организации, рецепты изготовления взрывчатых и отравляющих веществ. Здесь совершаются нелегальные сделки по купле-продаже оружия, незаконно переводятся денежные средства, в частности, предназначенные для совершения терактов [4].

В последнее время выявляется всё больше фактов использования ТЭО ПИВ и её приспешниками возможностей сети Интернет в идеологической обработке, пропаганде идей джихада, насильственного свержения светского политического режима и вербовке новых сторонников, так как согласно социологическим опросам, основным источником информации для молодёжи является Интернет **[4].** Свыше 85% граждан, завербованных в различные МТО, попали в ряды террористов через Интернет. ТЭО ПИВ активно использует социальные сети и видеохостинги в вербовочной работе. Подконтрольные ТЭО ПИВ сайты и группы в социальных сетях занимаются подборов кандидатов на вербовку. Молодые люди, особенно трудовые мигранты, как наиболее уязвимый слой общества, подвергаются информационному воздействию и обманным путём привлекаются в ряды боевого крыла ТЭО ПИВ – террористической организации «Джамоат ансоруллох», который начал называть себя как «Движение Талибан Таджикистан». К примеру, в 2016 году сотрудники ФСБ РФ в городе Березники РФ задержали группу из 27 членов боевого крыла ТЭО ПИВ «Джамоат ансорулло». Из материалов следствия стало известно, что группа занималась вербовкой и переправкой в Афганистан боевиков в интересах ТЭО ПИВ [11]. В 2018 году в Самаре был задержан вербовщик ТЭО ПИВ и 4 его подельников из числа граждан РТ. Установлено, что данные лица также являлись членами ТЭО ПИВ [12].

26 апреля 2023 года два члена «Джамаата Ансаруллах» также с целью совершения террористического акта незаконно пересекли линию государственной границы Таджикистана и Афганистана на участке Дашти Язгулям Ванджского района. В результате антитеррористической операции террористы были нейтрализованы.

С целью дестабилизации обстановки в Таджикистане в начале 2020 года более 40 членов ТЭО ПИВ прошли подготовку в местечках Галадур и Сафедоб уезда

Рогистон провинции Бадахшан ИРА, где в настоящее время дислоцировано боевое крыло этой партии «Джамаат Ансорулллох». Члены названной партии намереваются прорваться через афганско-таджикскую границу под знамёнами других международных террористических организаций, находящихся в ИРА **[13].** Важно отметить, что указанные лица в период 2022-2023 гг. осуществили попытку незаконного перехода на территорию Республики Таджикистан для совершения террористических акций. По данным ГКНБ РТ, в ночь с 29 на 30 августа, трое членов террористической организации незаконно проникли из Афганистана в окрестности селения Кеврон Дарвазского района Горно-Бадахшанской автономной области Таджикистана. Ведомство утверждает, что они планировали совершить несколько террористических актов накануне Дня независимости республики. На месте происшествия были обнаружены и изъяты: 5 автоматов Калашникова, 2 винтовки М-16, карабин М-4, 4 пистолета, 13 ручных гранат, 30 упаковок пластида, 162 капсул-детонаторов, пульты дистанционного управления взрывчатыми веществами, медикаменты и экстремистская литература [14].

Причина целенаправленной работы в среде трудовых мигрантов связана с двумя основными факторами:

1. Социально-экономическая уязвимость трудовых мигрантов, находящихся в сложных бытовых условиях.

2. Беспрепятственная агитационная деятельность ТЭО ПИВ в информационном пространстве стран пребывания (РФ, Казахстан, страны Европейского союза, США).

Важно отметить, что решением Верховного суда Республики Таджикистан от 14 ноября 2019 года 40 информационных ресурсов, используемых ТЭО ПИВ для пропагандистской работы, были заблокированы на территории Республики Таджикистан.

14 сентября 2022 года Верховный суд Российской Федерации удовлетворил иск Генеральной прокуратуры РФ о признании ТЭО ПИВ террористической организацией и запретил её деятельность на территории РФ. Однако информационные сайты ТЭО ПИВ и каналы видеохостингов продолжают оставаться в открытом доступе, что даёт руководству ТЭО ПИВ возможность продолжать террористическую деятельность в среде трудовых мигрантов в РФ.

Также ТЭО ПИВ признана террористической организацией в рамках региональных международных структур, таких как Шанхайская организация сотрудничества и Организация договора о коллективной безопасности. Однако информационная деятельность ТЭО ПИВ беспрепятственно реализуется в информационном пространстве государств региона, что также является источником угрозы безопасности Таджикистана и всего региона в целом. Указанный факт обуславливает необходимость реализации имеющихся соглашений, унификацию законодательства и ограничения деятельности департамента информации ТЭО ПИВ во всем регионе. Данный шаг позволит существенно отрезать целевую аудиторию агитаторов ТЭО ПИВ и снизить эффективность данной террористической структуры в разы.

Таким образом, ТЭО ПИВ, используя достижения современной техники, продолжает целенаправленное воздействие на сознание общества, разрушая его систематической подачей дезинформационных сведений. В данном контексте наблюдаются характерные черты, присущие современным «цветным революциям», первоначальной целью которых было создание протестного потенциала и его направление в нужное ТЭО ПИВ русло. Подобные сценарии в различных вариациях использовались практически во всех постсоветских странах и имели трагические последствия для общества и государства. Исходя из вышеизложенного, система государственных органов Республики Таджикистан должна отдавать приоритет следующим направлениям деятельности по защите национальных интересов от террористической деятельности ТЭО ПИВ:

1. Совершенствование политики, особенно в отдалённых районах, в области воспитания подростков и молодёжи.

2. Разработка и реализация государственной идеологии воспитания несовершеннолетних и молодежи, с учётом распространения информационно-коммуникационных технологий.

3. Систематическое повышение уровня правовой культуры и правового сознания уязвимых слоев общества.

4. Совершенствование системы культурно-досуговой деятельности молодёжи.

5. Повышение эффективности сотрудничества общества и государства, общественных и религиозных объединений в борьбе с распространением идеологии экстремистско-террористической направленности.

6. Повышение эффективности профилактической работы правоохранительных органов.

Литература:

1. Решение Верховного Суда Республики Таджикистан от 29 сентября 2015 года «Об объявлении ПИВТ экстремистско-террористической организацией».

2. Решение Верховного Суда Республики Таджикистан от 19 марта 2020 года «Об ограничении доступа к информационным ресурсам ТЭО ПИВ».

3. Решение Верховного Суда Российской Федерации от 14 сентября 2022 года «О признании Партии исламского возрождения Таджикистана террористической организацией и запрете её деятельности на территории РФ».

4. Абдуманов А. «ТЭО ПИВ и её идеологические пособники в информационной сфере» адрес статьи: https://publizist.ru/blogs/111153/44889/.

5. Алешин А. «Таджикистан. Национальный альянс - это и есть ТЭО "ПИВ"» - виртуальный адрес статьи: https://ittiloot.com/all/srochnye-novosti/15-tadzhikistan-nacionalnyj-aljans-jeto-i-est-tjeo-piv-aaleshin.html.

6. Курбонов А. «Национальный альянс это и есть ТЭО ПИВ», виртуальный адрес статьи: https://tursunzoda.tj/2018/10/30/nacionalnyj-aljans-jeto-i-est-tjeo-piv/.

7. Зелик В.А. «Пропаганда идеологии экстремистко-террористической направленности среди молодежи как угроза национальной безопасности», Евразийский юридический журнал, № 3 (94) 2016 г.

8. Красинский В.В. Методика работы в социальных сетях по выявлению экстремистского и иного противоправного контента // Современное право. 2020. № 2. С. 65-69.

9. Шашок Л. «Терроризм развивается в информационном пространстве. Интернет – и средство борьбы с террором, и подспорье для экстремистов»// «Вестник МГИМО-Университета», 2023, №4, С.132-137.

10. Хайдаров Р. «Разрушительные действия ТЭО ПИВ, осуществляемые с использованием интернет-сайтов, представляют открытую и прямую угрозу безопасности Таджикистана», http://devashtich. tj/ru/ novosti/ rustam-hajdarov-razrushitelnye-dejstviya-teo-piv-osushhestvlyaemye-s-ispolzovaniem-internet-sajtov-predstavlyajut-otkrytuju-i-pryamuju-ugrozu-bezopasnosti-tadzhikistana/.

11.Около 30 человек группировки «Джамоати Ансорулло задержаны в Прикаме»// Электронный ресурс/ Режим доступа/https://www.interfax-russia. ru/volga/main/okolo-30-chlenov-gruppirovki-dzhamaat-ansorulloh-zaderzhany-v-prikame.

12. В Самарской области задержали члена террористической ячейки «Джамоати Ансорулло»//Электронный ресурс/ Режим доступа/ https:// progorodsamara.ru/news/view/v-samarskoj-oblasti-zaderzali-clena-terroristiceskoj-acejki-dzamaat-ansorulloh.

13. https://publizist.ru/blogs/111153/27342/.

14. Кумитаи давлатии амнияти милли ҶТ хабар медиҳад/ https://khovar.tj/2023/09/kumitai-davlatii-amniyati-millii-um-urii-to-ikiston-habar-medi-ad/.

НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАШВИҚОТӢ-ТАБЛИҒОТӢ ВА ИСТИХДОМИИ ТАШКИЛОТИ ТЕРРОРИСТӢ-ЭКСТРЕМИСТИИ ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМ

Муҳаммад А.Н., **Ҷонмаҳмадов Ф.Ф**.

Дар мақолаи мазкур фаъолияти ташвиқотӣ-таблиғотӣ ва истихдомии ТТЭ ҲНИ дар ҳошияи таъмини амнияти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, усул ва воситаҳои истифодашаванда, инчунин пайомади таъсиргузории тахрибкоронаи ТТЭ ҲНИ ба фазои иттилоотии кишвар таҳлил гардидааст. Муаллифон иртибот байни фаъолияти таблиғотии ТТЭ ҲНИ дар фазои иттилоотӣ ва дар пайи он ташаккул ёфтани афкори таасубгароёна ва эътирозии қишрҳои осебпазири ҷамъиятро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар қисмати ниҳоии мақола таклифу пешниҳодҳо вобаста ба рафъи таҳдиди фаъолияти таблиғотии ТТЭ ҲНИ дар фазои иттилоотӣ ироа гардидаанд.

***Калидвожаҳо**: терроризм, терроризми сиёсӣ, ТТЭ ҲНИ, фаъолияти таблиғотӣ, амният.*

THE ROLE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE AGITATION, PROPAGANDA, AND RECRUITMENT ACTIVITIES OF TERRORIST AND EXTREMIST ORGANIZATION ISLAMIC RENAISSANCE PARTY (TEO IRP)

Muhammad A.N., Jonmahmadov F.F.

This article conducts an analysis of the agitation, propaganda, and recruitment work of the TEO IRP terrorist and extremist organization within the context of ensuring the security of the Republic of Tajikistan. The authors of the article have examined the structure and mechanisms of the agitation activities of the TEO IRP organization, the tools, methods, and consequences of its destructive influence on the information space. The interrelation between the activities of the TEO IRP organization in the information space of the Republic of Tajikistan and the neighboring countries is studied, as well as the role of the TEO IRP organization in shaping radical and protest potential among socially vulnerable citizens. The conclusion of the article includes recommendations for mitigating security threats related to the activities of the TEO IRP organization.

***Key words**: terrorism, political terrorism,* IRP *organization, propaganda activities, security.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТАЪСИРИ ИДЕОЛОГИЯИ СИЁСИИ ҲАРАКАТИ ТОЛИБОН БА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Хуршед Зиёӣ - доктори илмҳои фалсафа, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими ИФСҲ ба номи А. Баҳоуддинови АМИТ, 992-372-221-77-96, kziyoev@yandex.ru
Ҳакимов Ҷ.А. – унвончӯи ИФСҲ ба номи А. Баҳоуддинови АМИТ, 992988230113, khakim.bobo@mail.ru

Дар мақола зикр гардидааст, ки идеологияи сиёсии Ҳаракати толибон ба тамоми соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон оқибатҳои ногувори назариявию амалӣ доранд. Ҳамаи ин аз хусусияти иртиҷоӣ доштани ин идеология, таҳдиди паҳншавии ин идеология ва ё идеяҳои алоҳидаи он дар миёни баъзе диндорон ва шахсони мавқеи устувори шаҳрвандӣ надошта дар кишвари мо тавассути содироти толибизм ва амалҳои экстремистию террористии намояндагони ин ҳаракат сарчашма мегирад. Дар асоси ин хулоса шудааст, ки идеяҳои барғалати миллию этникии толибон, гардиши ғайриқонунии аслиҳа ва маводи мухаддир, ки хосси Ҳаракати толибон мебошад, эҳтимоли сар задани мавҷи нави гуреза шудан ва муҳоҷират намудани шаҳрвандони ин кишвар, дар идеологияи толибизм мавҷуд набудани барномаи мушаххаси иқтисодӣ, қатъи робитаҳои фарҳангӣ миёни тоҷикони ду соҳили дарёи Панҷ ва зуҳуроти дигари амсоли он, ки толибон ба миён овардаанд, хавфу таҳдидҳои Ҳаракати толибонро ба таъмини амнияти миллӣ дар кишвари мо бамаротиб афзун мегардонанд.

Калидвожаҳо: *Тоҷикистон, Афғонистон, Ҳаракати толибон, толибизм, экстремизм, терроризм, идеология, Ансоруллоҳ, Алқоида, Давлати исломӣ (ДОИШ)*

Тавре, ки маълум аст, идеологияи сиёсии Ҳаракати толибон ё толибизм аз замони пайдо шуданаш на танҳо дар Афғонистон, балки дар миёни аҳолии Покистон низ хеле ба осонӣ ва хеле васеъ паҳн гардид. Ин ҳама сабабҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мафкуравӣ дорад: мардуми кишварҳои мазкур аз лиҳози иқтисодӣ дар сатҳи хеле пасти некӯаҳволӣ қарор доранд, ки барои қабули ҳама гуна ақидаҳои динию хурофотӣ ва радикалию террористӣ, инчунин зиддиҳукуматӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Беҳуда нест, ки ҳадафи зиддиҳукуматии терроризмро муҳаққиқони зиёд маҳз дар ҳамин омил дидаанд: «шаҳрвандонро бовар кунонидан ба он, ки ҳукуматҳои онҳо барои пешгирии амалҳои террористӣ қодир нестанд» **[7; 34]**; пас аз бе муваффақият анҷом ёфтани даврони зӯран таҳмил намудани сиёсат ва идеологияи коммунистӣ дар Афғонистон мардуми онро идеологияи исломӣ бештар ҷалб месозад, ки инро толибон барои паҳн намудани идеяҳои худ моҳирона истифода мебаранд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки шароити мавҷудаи иқтисодӣ ва фазои динии кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ки ҳукмронии идеологияи коммунистиро пушти сар кардаанд, бо сабабҳои минтақавию объективӣ ба шароити Афғонистон баъзе шабоҳатҳо дошта, инро толибон ва ё дигар акторҳои байналмилалӣ метавонанд бо пайдо кардани замону мавзеи мувофиқ барои паҳн сохтани идеологияи сиёсию динии толибизм истифода кунанд. Аз ин рӯ, яке аз оқибатҳои назариявию амалии ин идеологияи иртиҷоиро барои амнияти Тоҷикистон, аз нигоҳи мо, метавон таҳдид ба паҳншавии ин идеологияи иртиҷоӣ ва ё идеяҳои алоҳидаи он дар миёни баъзе диндорон

ва шахсони мавқеи устувори шаҳрвандӣ надошта ҳисоб намуд. Роҳҳои мубориза бо инро бошад, метавон чунин муайян сохт: манъи таблиғи идеологияи толибизм тавассути воситаҳои ахбори омма, хусусан, пешгирӣ аз пахши каналҳои телевизиону радиои толибон бо мавҷгирҳои радифӣ; пешгирӣ аз паҳнсозии адабиёти толибӣ дар қатори маводи чопии ба идеологияҳои дигари радикалию динӣ дахлдошта аз тарафи ташкилоти ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ ё шахсони алоҳида.

Аз ҷониби дигар, толибон таҷрибаи собиқи иртиботи ҳаракатҳои исломии Тоҷикистон ва Афғонистонро, ки ҳанӯз аз солҳои ҳаштодуми қарни гузашта тавассути ҳамкориҳои ҳизбӣ бо намояндагони ТЭТ Ҳизби наҳзати исломӣ оғоз гардида буд, метавонанд эҳё намуда, ба содироти идеяҳои худ ва амалҳои экстремистию террористӣ ба ҳудуди Тоҷикистон машғул гарданд. Мавҷудияти зиёда аз 1400 км ҳудуд миёни ду давлат ва мушкилот дар ҳифзи сарҳадҳо бо сабабҳои ҷуғрофияи хеле номусоиди ин минтақа метавонанд ба баркарорсозии робитаҳо миёни террористони ҳар ду давлат созгор карда шаванд. Илова бар ин, дар минтақаҳои сарҳадии Афғонистон ҷой доштани ҳаракатҳои экстремистию террористии шаҳрвандони тоҷикистонӣ ва шаҳрвандони алоҳида аз ҷумлаи тоҷикони кишвари мо, ки ба ин ё он ҳаракати дигари радикалӣ пайвастаанд, ин гуна таҳдидҳоро боз ҳам зиёд мекунад.

Бо сабабҳои зикршуда содироти идеяҳои толибизм, аз ҷумла, исломи сиёсӣ ва амалҳои экстремистию террористии намояндагони ин ҳаракатро мустақиман ё тавассути истифода аз дигар ҳаракатҳо ва аз зумраи шаҳрвандони Тоҷикистон, ба ақидаи мо, метавон ба номгӯи оқибатҳои назариявию амалии идеологияи толибизм барои таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил намуд. Инҷо инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки толибон ваъдаи содирот накардани идея ва амалҳои террористиро танҳо ба хоҷагони худ аз зумраи амрикоиён додаанд, на ба ҳамаи давлатҳо. Аз ин рӯ, роҳи асосии ҳалли ин мушкилотро метавон дар таҳкими ҳифзи сарҳадҳо бо Афғонистон ва берун сохтани ҳаракатҳои террористию экстремистӣ, намояндагони онҳо, махсусан аз зумраи шаҳрвандони Тоҷикистон аз минтақаҳои сарҳадӣ дар тамоми тули марзҳои ҳар ду давлат пайдо намуд.

Аз ҳаракатҳои болозикри террористӣ, ки дар Афғонистон фаъолият доранд, беш аз ҳама ба амнияти миллии Тоҷикистон ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ Ҷамоати Ансоруллоҳ ё Толибони Тоҷикистон (ё Таҳрики толибони Тоҷикистон) хавфу таҳдид мекунад, зеро намояндагони он идеологияи толибизмро ба пуррагӣ қабул кардаанд. Ин ҳаракат, ки даврони таъсисаш солҳои 2006- 2010 мебошад, аз ҷониби саркардаи минбаъдаи онҳо Амриддин Табаров ва пасон Муҳаммад Шарифов ё Маҳдӣ Арсалон роҳбарӣ карда шуда, ба амалҳои террористӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва Афғонистон машғул аст. Аз ҷумла, зимни амали террористии онҳо соли 2010 дар шаҳри Хуҷанд се нафар кушта ва 25 нафар захмӣ шуда буданд. Бо ҳамин сабаб соли 2012 бо қарори Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҷамоат мамнуъ эълон карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки ба ҳайати Ҷамоати Ансоруллоҳ на танҳо собиқ ҷангиёни ТЭТ Ҳизби наҳзати исломӣ, онҳое, ки бо Созишномаи истиқрори сулҳ аз соли 1997 розӣ набуданд ё фарзандону наздикони онҳо, балки ҷангиён аз Афғонистон, Покистон, Федератсияи Россия ва давлатҳои дигар низ шомил шудаанд. Ин ҷамоат таҳти таъсири идеологияи Алқоида ва Давлати исломӣ (ДОИШ) низ қарор дорад, аммо миёни саркардагону аъзои он беш аз ҳама идеологияи толибизм нуфузи калон дорад. Инро ба назар гирифта, толибон ба Ҷамоати Ансоруллоҳ гузаронидани амалҳои террористиро дар ноҳияҳои Куфоб, Моймай, Нусай, Хоҳон, Шикайи вилояти Бадахшон ва Ҷованду Оби Қамари музофоти Боғдиси Афғонистон бовар карда буданд. Зиёда аз ин, ҷамоати мазкур ҳукумати толибонро ба расмият шинохтааст: «Дар раванди ҳодисаҳои соли 2021, ки шаҳодат аз суқути ҳукумати тарафдорони Амрико медоданд, ҷамоат ба таври оммавӣ дар бораи як ҷузъи

ҷудонашавандаи толибон будани худ эълон дошт. Ин амал, ки маънои савганд ёд кардан дар бораи садоқат ба онҳоро дошт, бе таваҷҷуҳ намонд» **[2]**. Маҳз бо ҳамин сабаб ва, аз тарафи дигар, аз «муваффақият»-и толибон илҳом гирифта, саркардаи ҷамоати мазкур Маҳдӣ Арсалон моҳи сентябри соли 2021 ҳучум ба хоки Тоҷикистонро таҳти роҳбарии оперативии Ҳаракати толибон ба нақша гирифта буд.

Аз нигоҳи мо, хавфу таҳдидҳои Ҷамоати Ансоруллоҳ ва ҳаракатҳои дигари экстремистию террористиро, аз ҷумла, аз зумраи намояндагони ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба амниятии миллии Тоҷикистон аз марзу буми Афғонистон, ки ботадриҷ ба пуррагӣ таҳти таъсири идеологияи иртиҷоии толибизм қарор мегирад, ба назар гирифта, бо мақсади пешгирӣ аз оқибатҳои ногувори он бояд дар кишвари мо як консепсияи мукаммали мубориза ва муқовимат ба идеологияи чунин ҳаракатҳо таҳия, қабул ва дар якҷоягӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ карда шавад.

Оқибати назариявию амалии ногувори дигар ба амнияти миллии Тоҷикистон аз идеологияи толибизм доир ба сиёсати миллию этникӣ сарчашма мегирад. Вобаста ба ин бояд зикр намуд, ки дар муносибат бо Афғонистон давлатҳои ҳамсарҳад мавқеи гуногунро ишғол менамоянд. Покистону Эрон, тавре, ки маълум аст, то андозае ҳамкориро бо онҳо роҳандозӣ намуданд. Оид ба мавқеи давлатҳои ҳамсарҳад бо қисмати шимолии Афғонистон – Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон муҳаққиқи тоҷик С.М. Ворисов сухан ронда, ҳанӯз пеш аз ғасби ҳокимият дар соли 2021 чунин ибрози назар намудааст, ки Туркманистон мавқеъгирии бетарафӣ ва муносибат бо «Толибон»-ро ишғол намудааст. Ӯзбекистон дар муносибат бо толибон мавқеи прагматикӣ дорад. Оид ба мавқеи Тоҷикистон ин муҳаққиқ ҳамчун «мавқеъгирии қотеъ ва яксон дар қиболи «Толибон» сухан ронда ва хавфу таҳдиди идеологияи толибизмро ба амният дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон ба эътибор гирифта, чунин таъкид мекунад: «Ин чолишҳои умда ва дурнамои мушкили таомул бо ҳукумати Афғонистон тақозо мекунад, ки кишварҳои Осиёи Миёна ва ҳампаймонҳои бузурги минтақавияшон, мисли Русияву Чин ва созмонҳои низомиву дифоиву амниятӣ ҳар чӣ бештар ҳамкорӣ намоянд, то ҷилави таҳдидҳои эҳтимолиро дар оянда бигиранд» **[1; 143]**.

Мавқеи Тоҷикистон баъд аз ғасби ҳокимият дар Афғонистон аз ҷониби толибон ба ҳамон шакл ба таври қотеъ боқӣ монд. Оид ба ин масъала дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз санаи 21 декабри соли 2021 таъкид шудааст: «Мо чунин мешуморем, ки сарҷамъ сохтани тамоми мардум ва таъсис додани ҳукумати фарогири манфиатҳо ва намояндагони ҳамаи қавму миллатҳо ва неруҳои сиёсӣ ягона роҳи расидан ба суботу оромӣ дар Афғонистон мебошад. Такроран хотирнишон месозам, ки мардуми Афғонистон бо имконияту иқтидори бузурги сиёсӣ, тамаддунӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоие, ки доранд, бояд тақдири имрӯзу ояндаи худро ба даст гиранд. Яъне сохти давлатдорӣ ва тарзи идораи давлат бо майлу ирода ва раъйи худи мардуми ин кишвар муайян ва муқаррар карда шавад» **[1; 143]**.

Чунин мавқеи Тоҷикистон ва Сарвари давлати тоҷикон сабабҳои объективӣ дорад, ки бо дарназардошти сиёсати барғалати миллӣ-этникӣ аз ҷониби толибон ва идеологияи толибизм рӯи кор омадааст. Агар дар Афғонистон манфиатҳои ҳамаи миллату қавмҳои он ба эътибор гирифта нашаванд, талошу даргириҳои хунин боз солиёни дароз идома меёбанд, ки оқибатҳои ногувори назариявию амалӣ ба таъмини амният дар Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя дорад. Аз ҷониби дигар, агар табъиз аз ҷониби толибон нисбати забон ва фарҳангу миллату қавмҳои дигар, барканории онҳо дар давлатдорӣ ва амсоли он идома ёбад, намояндагони миллатҳои ғайрипуштуни ин кишвар, махсусан тоҷикон метавонанд гуреза шудан ва муҳоҷирати худро ба Тоҷикистон давом дода, аз нигоҳи мо, дар

ду самт мушкилот эҷод намоянд. Аввалан, хавфи боло рафтани мушкилоти демографӣ ва иқтисодӣ (таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ) дар кишвари мо зиёд мешавад. Сониян, миёни гурезагон ва муҳоҷирон метавонанд ашхосе мавҷуд бошанд, ки минбаъд ақидаҳои идеологияи иртиҷоии толибизмро дар байни сокинони Тоҷикистон тарғибу ташвиқ созанд. Ҳар ду омили дар боло зикршуда ҳамчун оқибатҳои ногувори назариявию амалии толибизм ба таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, бо омилҳои барангезандаи онҳо мубориза бурдан зарур аст. Ин масъала ягона роҳи ҳалли худро дорад, ки бояд аз ҷониби мардуми Афғонистон, ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳамаҷониба дастгирӣ карда шавад - таъсис додани ҳукумати фарогир бо иштироки намояндагони ҳамаи қавму миллатҳо ва неруҳои сиёсии Афғонистон.

Дар баробари ҷанбаҳои этникӣ-қавмии идеологияи толибизм омилҳои дигаре низ ҳастанд, ки оқибатҳои ногувори назариявию амалии онро барои таъмини амният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас месозанд. Ин, пеш аз ҳама, ба гардиши ғайриқонунии аслиҳа ва маводи мухаддир дахл дорад.

Оид ба гардиши ғайриқонунии аслиҳа сухан ронда, бояд таъкид намуд, ки муборизаи мусаллаҳона дар роҳи дин ҷузъи ҷудонашавандаи иделогияи толибизм буда, намояндагони Ҳаракати толибон то он даме арзи ҳастӣ доранд, аслиҳаро аз даст нагузошта, хариду фурӯши онро идома хоҳанд дод. Ба ибораи дигар, гардиши ғайриқонунии аслиҳа аз ҷониби толибон ҳамчун таҳдид ба амнияти Тоҷикистон ба ҳайси масъалаи мубрам барои муҳлати номуайян аҳаммияти бештарро аз пеш касб мекунад.

Дар ин самт дар Тоҷикистон бояд ба эътибор гирифта шавад, ки аслиҳа дар дасти террористони даврони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ солҳои навадуми қарни гузашта, аз ҷумла дар дасти ҷангиёни ТЭТ Ҳизби наҳзати исломӣ асосан аз Афғонистон ворид шуда буд. Дар даврони ҳукмронии якуми толибон дар ин кишвар низ гардиши ғайриқонунии аслиҳа дар сарҳадҳои Тоҷикистону Афғонистон ба мушоҳида мерасид. Ҳоло бошад, толибон аслиҳаи зиёдеро ҳамчун мерос аз амрикоиҳо дар даст дошта, ба қавли мутахассисони соҳа, метавонанд кишварашонро ба бозори бузургтарини фурӯши аслиҳа ба террористону экстремистҳо дар ҷаҳон табдил диҳанд.

Чунонки маълум аст, гардиши ғайриқонунии аслиҳа ва маводи мухаддир бо ҳам тавъаманд. Аз ин рӯ, толибон ҳамон се роҳи маълуми фурӯши маводи мухаддирро – аз тариқи Тоҷикистон, тавассути Ӯзбекистон ва аз сарҳадҳои Туркманистон метавонанд барои фурӯши яроқу аслиҳа низ истифода намоянд. Ба шаҳодати муҳаққиқи соҳа Э. Вудс фақат дар Федератсияи Россия дар солҳои охир миқдори яроқу аслиҳаи ғайриқонунии мусодирашуда, ки баромади афғонӣ дорад, зиёд гардида, 9 фоизро аз ҷамъи умумии чунин қочоқ ташкил додааст **[6]**. Бо ҳамин сабаб, толибон метавонанд таҷрибаи собиқи қочоқи аслиҳаро аз Афғонистон истифода бурда, ба марҳалаи нави гардиши ғайриқонунии аслиҳа оғоз бахшанд, ки дастраси экстремисту террористон ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ гардида, қабл аз ҳама, ба таъмини амният дар ҷумҳурии мо таъсири манфӣ мерасонад.

Дар Тоҷикистон вазъи баамаломадаро дар Афғонистон дар самти гардиши ғайриқонунии аслиҳа, инчунин қобилият ё хоҳиш надоштани толибонро барои мубориза бо созмонҳои террористии шимоли ин кишвар ба эътибор гирифта, аллакай як қатор тадбирҳо андешида шудаанд. Аз ҷумла, назорат дар сарҳадҳо пурзӯр карда шуда, дар доираи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (САД - ОДКБ) созишномаҳои дахлдор қабул гардидаанд. Аммо инро ба назар гирифта, ки идеологияи толибизм ба муборизаи мусаллаҳона ва ҷангҷӯӣ асос ёфтааст, барои бартараф сохтани оқибатҳои ногувори назариявию амалии он ба амнияти Тоҷикистон, бояд, аз нигоҳи мо, дар доираи дигар созмонҳои минтақавию байналмилалӣ,

хусусан бо Ситоди мақоми зиддитеррористии Созмони Ҳамкории Шанхай, ки дар шаҳри Тошкенти Ӯзбекистон қарор дорад, ҳамкориҳо дар самти пешгирии гардиши ғайриқонунии аслиҳа аз террористони Афғонистон ва толибон тавсеа дода шаванд.

Таҳлилҳои боло ба куллӣ собит месозанд, ки идеологияи иртиҷоии толибизм ба таъмини амнияти миллӣ дар Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои фаъолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии он таъсир расонида метавонад. Аз ин рӯ, зарурати он вуҷуд дорад, ки оқибатҳои ногувори назариявию амалии ин идеология ба тамоми соҳаҳои зикршуда мушаххас карда шаванд.

Чунонки маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ бо кишвари ҳамсояи худ Афғонистон муносибатҳои хуб дошта, робитаҳои сиёсиро бо ҳукуматҳои гуногуни он дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда буд. Дар даврони истиқлоли давлатӣ низ Тоҷикистон бо халқи Афғонистон ягон зиддияте надошта, робитаҳои сиёсиро бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар даврони ҳукуматдории Бурҳониддини Раббонӣ ва минбаъд Ҳомид Карзай ва Ашраф Ғанӣ низ ба таври сулҳомез амалӣ сохтааст. Аммо инҷо як истисное буд, ки дар даврони ҳукмронии толибон солҳои 1996-2001 ин робитаҳо қатъ шуда буданд, зеро Тоҷикистон ин Иморати Исломии Афғонистонро чун аксарияти кишварҳои дигари олам ба расмият нашинохта буд. Мутаассифона, бозгашти толибон ва ғасб гардидани ҳокимият аз ҷониби онҳо санаи 15 августи соли 2021 робитаҳои сиёсиро боз ҳам ба нестӣ кашид. Сабабгори ҳамаи ин, аз нигоҳи мо, маҳз моҳияти миллатгаройӣ ва радикалӣ доштани идеологияи иртиҷоии толибизм аст, ки на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофи ҳукумати толибонро, ки дорои чунин идеологияи иртиҷоӣ аст, рад менамоянд.

Вобаста ба роҳандозии робитаҳои сиёсӣ бо ҳукумати толибон ҳаминро бояд қайд намуд, ки қатъи чунин робитаҳо ба муҳлати номаълум хавфу хатарҳои зиёд дошта, ҳамчун мушкилот барои таъмини амнияти миллӣ дар Тоҷикистон ва кулли минтақа ба ҳамин муҳлати номаълум боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, муҳаққиқони зиёде ин мушкилотро хатарзо ва ҳалли онро аз худи толибон вобаста донистаанд. Оид ба ин масъала муҳаққиқи россиягӣ Қ. Чакмак барҳақ зикр намудааст, ки толибон бо идеологияи иртиҷоии худ умеди кулли ҷаҳониёнро оид ба барқарор сохтани робитаҳои сиёсӣ бо онҳо барбод доданд: «Яке аз талаботи асосии ҷомеаи байналмилалӣ (аз ҷумла Россия) ба толибон бунёди ҳукумати демократӣ аст, ки ба он бояд ҳамаи гурӯҳҳои этникӣ ва сиёсӣ шомил карда шаванд. Ҳукуматро ғасб намуда, толибон ваъда доданд, ки инро иҷро мекунанд, аммо дар муҳлати гузашта толибон ба таври равшан нишон доданд, ки ҳадафи онҳо бунёди давлати исломӣ аст. Толибон ҳамаи амалҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар самти бунёди давлати муосири дунявӣ ва сулҳпарвар дар Афғонистон ба нестӣ бурданд» **[8; 11]**. Чунонки мебинем, талаботи ҳамаи ҷаҳониён ба толибон ҳамчун талаботи Тоҷикистон як аст, аммо идеологияи иртиҷоии толибизм имкон намедиҳад, ки ин иҷро карда шавад. Ҳамаи ин барои таъмини амният дар Тоҷикистон ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ оқибатҳои ногувор дошта метавонад. Раҳоӣ аз он бошад, аз нигоҳи мо, танҳо тавассути ташкили ҳукумати фарогир дар Афғонистон муяссар мегардад.

Робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон низ дар ҳалли мушкилоти таъмини амнияти миллӣ нақши бузург доранд. Тавре, ки маълум аст, Тоҷикистон аз даврони шуравӣ бо ин давлат ҳамкориҳои қавӣ доштаст. Дар бораи ин ҳамкориҳо сухан ронда, муҳаққиқи тоҷик М.М. Дуллоев қайд мекунад, ки самти муҳимми робитаҳои иқтисодӣ байни ду давлат ин ҳамеша тиҷорат будааст: «Дар бораи таърихи робитаҳои тиҷоратии тоҷикону афғонҳо сухан ронда, бояд зикр намуд, ки корхонаҳои саноатии Тоҷикистони Шуравӣ сол ба сол содироти худро ба ин кишвар васеъ менамуданд. Бо расидани Тоҷикистон

ба истиқлоли давлатӣ соли 1991 марҳалаи нави рушди робитаҳои тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва Афғонистон оғоз гардид» **[3; 220]**.

Ногуфта намонад, ки тайи чанд соли охир аз болои дарёи Панҷ купрукҳо сохта шуданд, ки на танҳо тиҷоратро миёни Тоҷикистону Афғонистон миқдорану сифатан боло бурданд, балки дар солҳои барои мардуми афғон хеле ҳассос онро аз вартаи ҳалокату гуруснагӣ дур сохтанд. Исботи возеҳи ин дар он инъикос меёбад, ки дар вазъи набудани робитаҳои сиёсӣ бо ин кишвар бо ҳидоятҳои Пешвои миллат Тоҷикистон ташаббус нишон дода, чандин дафъа ба мардуми Афғонистон кӯмакҳои башардӯстона расонид, бозорҳои наздисарҳадиро барои тиҷорати дуҷониба ифтитоҳ намуд ва ғайра. Зуҳуроти толибизм бошад, рӯз ба рӯз ба коҳиш ёфтани муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ миёни Тоҷикистону Афғонистон муосидат карда истодааст.

Инҷо метавон як мисоле аз сиёсати иқтисодии толибон овард, ки аз моҳияти идеологияи онҳо бархоста, вазъро метавонад дар Осиёи Марказӣ муташанниҷ гардонад. Ин мисол ба бунёди канали Қуштеппа дахл дорад, ки дар Амударё сохта шуда, Афғонистон метавонад то 25 фоизи оби ин дарёро ба канал равона созад. Ин амал ба нокифоягии об дар заминҳои поёноби Ӯзбекистону Туркманистон расонида (тибқи маълумоти расонаҳои хабарӣ аллакай ин мушкилоти камобӣ дар вилояти Лебапи Ҷумҳурии Туркманистон пайдо шудааст), мушкилоти баҳри Аралро боз ҳам зиёдтар месозад, ба фалокатҳои экологӣ ва амсоли он меоварад. Беҳуда нест, ки баъзе рӯзномнигорон дар васоити ахбори омма ин амали толибонро дар самти бунёди канал «терроризми обӣ» номгузорӣ кардаанд. Саркардагону намояндагони толибон ва ҳатто баъзе коршиносон бар ин назаранд, ки ин ҳуқуқи толибон тибқи қонунгузории байналмилалӣ аст: «Афғонистон пурра ҳуқуқ дорад, ки захираҳои обии Амударёро истифода барад, ин бояд ба ҳисоб гирифта шуда, дар санадҳои нави ҳуқуқии байналмилалӣ дарҷ карда шавад» **[4]**.

Албатта, ин амал тибқи санадҳои байналмилалӣ манъ нашудааст, аммо бе дарназардошти вазъи баамаломада дар минтақа бояд тасмим дар бораи бунёди чунин объектҳо баъди ҳисобу китоби илман асоснок, дастаҷамъона, дар машварат бо кишварҳои манфиатдор ва амсоли он сурат гирад. Аз ин рӯ, мушкилоти экологии дар натиҷаи боз ҳам хушкшавии маҷрои дарёи мазкур ба таъмини амнияти миллии Тоҷикистон низ бевосита дахл хоҳад дошт, ки бояд ҳалли худро ёбад. Ба ақидаи мо, барои ҳалли ин масъала бояд дар доираи Бунёди наҷоти баҳри Арал бо иштироки кулли аъзои он, аз ҷумла Тоҷикистон қарорҳои дахлдор қабул карда шуда, ба толибон низ расонида шаванд.

Оид ба масъалаи камобӣ дар поёноби Амударё дар натиҷаи бунёди канали Қуштеппа бошад сухан ронда, бояд зикр кард, ки дар мадди аввал чунин ба назар мерасад, ки ин ба вазъ дар Тоҷикистон ягон таъсире надорад. Аммо, ба андешаи мо, ин амал ба кишвари мо таъсири бевосита надошта бошад ҳам, тавассути амалҳои дигари бавосита метавонад ба амнияти миллии ҷумҳурии мо низ таъсир расонад. Ба таври мисол метавон қайд намуд, ки кишварҳои поёноб бар асари камобӣ баъди бунёди канали мазкур метавонанд оид ба кам кардани истеъмоли захираҳои обии Панҷ ва дарёҳои дохилии Тоҷикистон, хусусан Вахш ва Кофарниҳон, ки ба Панҷ-Амударё мерезанд, масъалагузорӣ кунанд. Дар ин сурат бунёди канали Қуштеппа ба истифодаи захираҳои обӣ ва истеҳсоли неруи барқ ва тавассути ин ба таъмини амният дар ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мегузорад.

Чунонки аз як мисоли боло мебинем, сиёсати нокомили иқтисодии толибон, ки дар идеологияи онҳо мавқеи равшан надорад, аз нигоҳи мо, аллакай барои Тоҷикистон ва кулли минтақаи Осиёи Марказӣ мушкилоти амниятиро эҷод сохта истодааст. Минбаъд бошад, агар Ҳаракати толибон дар сари қудрат

бимонад, ингуна мушкилот танҳо зиёдтар хоҳад шуд.

Таҳлилҳои боло ба чунин хулоса мерасонанд, ки идеологияи толибизм ва амалҳои Ҳаракати толибон ба тамоми соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон оқибатҳои ногувори назариявию амалӣ доранд, ки барои таъмини амнияти миллӣ дар кишвари мо метавонанд халал ворид созанд. Ҳамаи ин аз хусусияти иртиҷоӣ доштани ин идеология, таҳдиди паҳншавии ин идеология ва ё идеяҳои алоҳидаи он дар миёни баъзе диндорон ва шахсони мавқеи устувори шаҳрвандӣ надошта дар кишвари мо тавассути содироти толибизм ва амалҳои экстремистию террористии намояндагони ин ҳаракат, дастгирии Ҷамоати Ансоруллоҳ (Толибони Тоҷикистон) ва дигар ҷунбишҳои экстремистию террористӣ сарчашма мегирад. Ҳамаи ин мушкилоте, ки толибон ба миён овардаанд, хавфу таҳдидҳои толибизмро ба таъмини амнияти миллӣ дар кишвари мо бамаротиб афзун мегардонанд.

Адабиёт

1. Ворисов С.М. Дурнамои муносиботи кишварҳои Осиёи Миёна бо ҳукумати ояндаи Афғонистон бо иштироки «Толибон» // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2020. - №3. – С. 140-145.

2. Гремучая смесь «Джамаат Ансарулла» – исламский джихад, таджикский этнонационализм и кровная вражда // https://antiterrortoday.com/baza-dannykh/terroristicheskie-i-ekstremistskie-gruppirovki/dzhamaat-ansarullakh (санаи мурочиат: 07.12.2023).

3. Дуллоев М.М. Основные направления сотрудничества Республики Таджикистан с Исламской Республикой Афганистан // Вестник Педагогического университета. - 2015. - №4(65). - С. 219-221.

4. Кармазин И. Бешеная сушка: талибы добивают главную реку Центральной Азии. Гигантский арык может спровоцировать «водную войну» // https://iz.ru/1489813/igor-karmazin/beshenaia-sushka-taliby-dobivaiut-glavnuiu-reku-tcentralnoi-azii (санаи мурочиат: 11.12.2023).

5. Раҳмон Э. Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ (аз санаи 21 декабри соли 2021) // http://prezident.tj/node/27417 (санаи мурочиат: 07.12.2023).

6. «Талибан» и контрабанда оружия. Эрик Вудс о перспективах ввоза контрабандного оружия из Афганистана в Россию // https://ridl.io/ru/taliban-i-kontrabanda-oruzhija/ (санаи мурочиат: 09.12.2023).

7. Фараджирад А., Хансари Дж., Радмехр З. Афганский терроризм и нестабильность в Центральной Азии // Центральная Азия и Кавказ. – Том 14. – Выпуск 3. – 2011. – С. 33-46.

8. Чакмак К. Политические процессы в современном Афганистане: проблемы институализации диалога власти и общества // Universum: общественные науки. - 2023. - №6(97). – С. 11-13.

ВЛИЯНИЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ИДЕОЛОГИИ ДВИЖЕНИЯ ТАЛИБАН НА БЕЗОПАСНОСТЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Хуршед Зиёи,
Хакимов Дж.А.

В статье отмечается, что политическая идеология Движения талибан имеет нежелательные теоретические и практические последствия для всех политических, экономических и социальных сфер Республики Таджикистан. Все это проистекает из экстремистского характера этой идеологии, угрозы распространения этой идеологии или ее отдельных идей среди некоторых религиозных людей и тех, которые не имеют устойчивой позиции в нашей стране, путем экспорта талибизма и экстремистских и террористических действий представителей этого движения. На основании этого был сделан вывод, что ошибочные национальные и этнические идей талибана, а также характерное для Движения

талибан незаконный оборот оружия и наркотиков, возможность возникновения новой волны беженцев и миграции граждан этой страны, отсутствие конкретной экономической программы в идеологии талибов, прерывание культурных связей между таджиками двух берегов реки Пяндж и другие подобные явления, вызванные действиями талибов, увеличивают опасность и угрозу движения талибов национальной безопасности нашей страны.

Ключевые слова: *Таджикистан, Афганистан, движение Талибан, талибизм, экстремизм, терроризм, идеология, Ансарулла, Аль-Каида, Исламское государство (ИГИЛ).*

INFLUENCE OF THE POLITICAL IDEOLOGY OF THE TALIBAN MOVEMENT ON THE SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Khurshed Ziyoi,
Khakimov J.A.

In this article notes that the political ideology of the Taliban movement has undesirable theoretical and practical consequences for all political, economic and social spheres of the Republic of Tajikistan. All this stems from the extremist nature of this ideology, the threat of the spread of this ideology or its individual ideas among some religious people and those who do not have a stable position in our country, through the export of talibism and extremist and terrorist actions of representatives of this movement. Based on this, it was concluded that the erroneous national and ethnic ideas of the Taliban, as well as the illegal trafficking of weapons and drugs characteristic of the Taliban Movement, the possibility of a new wave of refugees and migration of citizens of this country, the absence of a specific economic program in the Taliban ideology, the interruption of cultural ties between Tajiks on both banks of the Pyanj's River and other similar phenomena caused by the actions of the Taliban increase the danger and threat of the Taliban movement to the national security of our country.

Key words: *Tajikistan, Afghanistan, Taliban movement, Talibanism, extremism, terrorism, ideology, Ansarullah, Al-Qaeda, Islamic State (ISIS).*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚӢ-СИЁСИИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛИИ ТОҶИК ВА РУШДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ОН

Имомов А. - н.и.ҳ., профессор, Сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи ИФСҲ-и АМИТ
Тел.: (+992) 9188 61 40 36

Мақолаи мазкур заминаҳои ибтидоии таъсисёбии давлатдории миллии шуравии тоҷик ва рушди минбаъдаи онро дарбар гирифтааст. Ҳар як халқ тибқи сатҳи инкишофи иҷтимоӣ – сиёсии худ барои бунёди давлатдории хеш ва расмӣ гардонидани он кушиш менамояд. Халқи тоҷик аз давраи маҳрум гаштан аз давлатдории таърихии худ – давлати Сомониён, иштироки худро дар идоракунии аморати Бухоро, дар шакли бо забони тоҷикӣ ба роҳ мондани кори дастгоҳи аморат амалӣ мекард. Бо амри таърих имкони соҳибдавлат гардидан фақат дар нимаи дуюми асри нуздаҳ ва ибтидои асри бист баъди забт гардидани хонигарии Қуқанд ва ба Русия ҳамроҳ кардани он пайдо гардид. Ва давра ба давра аз ташкили кишвари Туркистон, то галабаи инқилоби октябриш соли 1917 дар Русия, сарнагун кардани аморати Бухоро дар соли 1920 ва паҳн кардани ҳокимияти шӯравӣ дар ҳудуди собиқ аморат халқи тоҷик ба мақрои соҳибдавлат гардидан фаро гирифта мешавад.

Минбаъд тибқи амали намудани сиёсати миллии ленинӣ ва гузаронидани тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна халқи тоҷик дар Ҷумҳурии Мухтории Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Узбекистон, ки асосан ҳудуди собиқ Бухорои Шарқиро дарбар мегирифт, ташкил дода шуд. Дар мақола ба он эътибор дода шудааст, ки дар татбиқи сиёсати мазкур Ҳукумати шуравӣ асосан манфиати халқҳои туркзабонро ба эътибор гирифта, ҷой ва мавқеи воқеии таърихии тоҷикон дар ин сарзамин сарфи назар карда шуд. Дар натиҷаи кушиши намояндагони ватанпарасти тоҷик соли 1929 ҶМШС Тоҷикистон ба Ҷумҳурии иттифоқии шӯравии сотсиалистӣ табдил дода шуд. Дар ҳамаи давраҳои рушди давлатдорӣ, равшан кардани асосҳои конститутсионии он омили муҳим дониста мешуд.

Калидвожаҳо: *раванди ноил гаштани тоҷикон ба давлатдории миллӣ, дар ҳайати давлатҳои аморати Бухоро ва хонигарии Қуқанд қарор доштани тоҷикон, галабаи инқилоби октябрӣ дар Русия, паҳн гаштани ҳокимияти шуравӣ ва гузаронидани тақсимоти милли давлатии халқҳои Осиёи Миёна,*

ташкили ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Узбекистон, табдил ёфтани он ба Ҷумҳурии иттифоқии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон, қабули конститутсияҳои аввалин, равшан кардани асосҳои сохтори конститутсионӣ.

Орзуи деринаи ҳар миллати рӯ ба инкишоф, бо роҳи дастрас ва шакли мувофиқ ноил гардидан ба давлатдории хеш, яъне соҳибдавлат гаштан ва аз самти сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба расмият даровардани он мебошад. Шакли шартномавию ҳуқуқӣ-конститутсионии ба расмият даромадан ва ифодаи амали гаштани ин орзӯ, қадами аввали таҷассуми соҳибихтиёрии миллат ба ҳисоб меравад. Ин иқдом дар вазъ ва муҳити гуногун сурат мегирад. Тарзу воситаи ягонаи раванди мазкур вуҷуд надорад.

Ҳар миллат тибқи сатҳи иҷтимоӣ-сиёсии рушди худ ва дар ҳайати кадом шакли сохти давлат қарор доштан, асосҳои ҳуқуқӣ-сиёсии алоқаи халқу миллати мазкур бо миллати соҳибдавлат, дар кадом минтақаи ҷуғрофӣ ҷойгир шудани ҳудуди сукунати миллат, дар кадом ҳолати вазъи байналмиллалӣ ба вуқӯъ пайвастани кушиши миллат ба худмуайянкунӣ, дар кадом сатҳ қарор доштани муносибати қишрҳои гуногуни миллат, мавқеи нерӯҳои миллӣ-озодихоҳӣ

ба ғояи соҳибихтиёрии миллӣ, сатҳи омодагии ин нерӯҳо барои муборизаи қатъӣ барои ноил гаштан ба соҳибихтиёрӣ ва омилҳои дигар ба раванди соҳибихтиёргардӣ таъсир доранд.

Барпоёбии Тоҷикистон ҳамчун давлати муосир, соҳибихтиёр ва субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ гардидани он, ба ташаббускорӣ иқдомҳои муфиди сатҳи ҷаҳонӣ табдил ёфтани он, давра ба давра суръат гирифтааст. Пайдоиши он ҳамчун давлат ба қонуниятҳои дохилии майлони соҳибихтиёр гаштани он кам робита дорад. Ҳалқи тоҷик дар тули чандин асрҳои пешин дар зери тасаруфи давлатҳои аз самти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дар сатҳи гуногун қарор ёфта, ба монанди аморати Бухоро ва хонигарии Қуқанд, ғояи ваҳдати миллӣ ва иқдоми соҳибихтиёрӣ пайдо кардан дар тафаккури миллат мавқеи устувор надошт. Ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷомеа дар қолаби авлодӣ, маҳалли зист, тафакури динӣ, итоаткорӣ қарор ёфта буд. Такони аввал дар худшиносии тоҷикон ва ташаккулёбии худшиносии миллии онҳо ба аз тарафи Русияи подшоҳӣ забт гардидани мулкҳои Осиёи Миёна робита дорад, ки аҳолии бумии он бештар тоҷикон буданд [1. 492]. Худ аз худ ин ҳодиса ҳанӯз ба худшиносии мардуми тоҷик таъсири зиёд надошт, аммо аз рӯи мансубияти этникӣ ба халқҳои туркзабон бештар эътибор додани ҳукуматдорони Русия ва аз рӯи манфиати онҳо мулкҳои забтшударо кишвари «Туркистон» номидан ва ҳузури аҳолии бумии ин сарзамин – тоҷиконро нодида гирифтан, такони ҷиддие дар қалбу шуури халқи тоҷик гардид.

Ташаккулёбии сохтори конститут-сионии Тоҷикистон аз қарни асри бистум арзи вуҷуд дорад. Тоҷикистон тавассути конститутсияҳо ду марҳиллаи таъсисёбӣ ва рушди ҳуқуқӣ-сиёсии худро расмӣ гардонидааст. Онҳо давраҳои гуногунӣ барпоёбӣ, мустаҳкамгардӣ ва мукаммалгардии давлатдории миллии тоҷикро дарбар мегиранд. Марҳилаи якум, дар доираи сохтори ҷамъиятии шуравии сотсиалистӣ оғоз ва идома ёфта, ҳамчун аъзои давлати иттифоқӣ дар як маҷро бо он суръат гирифтааст.

Дар оғози марҳилаи якум оид ба масъалаи соҳибдавлат гаштани тоҷикон ба чандин гиреҳҳо ва омилҳои сарбаста ҷавоб ёфтан лозим буд. Пеш аз ҳама масъалаи миллати соҳибихтиёр донистани тоҷикон, дар паҳноии Осиёи Марказӣ мавқеи хоса доштани он, аз ду нажоди дар ин сарзамин сукунат дошта, тоҷиконро шинохтан, онро ҳамчун халқи аз қарни асрҳо дар муҳориба ва набардҳо иштирокдор, барои ҳифзи ин сарзамин ва мулки аҷдодии худ ҷонбозӣ ва қурбониҳо дода, сазовори давлатдории хеш донистани он зарур буд. Воқеан ин халқест, ки сарфи назар аз муқобилияти худию бегонаҳо тавонистааст забону фарҳанги волои худро нигоҳ дорад ва ба аҷнабиён расму русум, фарҳанги муошират мулкдорӣ, одобу ахлоқи идоракунии давлатиро омӯзад.

Тоҷикон дар таърихи куҳани худ дар партави ду дини ҷаҳонӣ – зардуштӣ ва ислом одобу ахлоқи хамида, риояи қоидаҳои некуи ҳамзистӣ ва дар муҳити сулҳу ваҳдат қарор доштанд.. Дар ҳифзи шаъну шараф ва худнигоҳдории тоҷикон дар марҳилаи якум, нақши забони шевои форсӣ-тоҷикӣ аҳамияти беҳамто дошт.

Марҳилаи якум ба маҷрои инқилобии бедории халқҳо ворид шудани тоҷикон, дар давлати Русия ғалаба кардани инқилоби пролетарии соли 1917 ва паҳн кардани он на фақат дар дохил, балки дар хориҷӣ он, аз ҷумла дар Осиёи Миёна робита дорад. Халқи тоҷик дар гирдоби ин раванд қарор гирифта, ҳамаи оқибатҳои мусбӣ ва манфии он ба тақдири тоҷикон таъсиррасон гардидаст. Минбаъд ҳамаи рӯйдодҳои таърихи халқҳои Осиёи Миёна бо тақдири халқҳои Русия пайваста ва ҳар як озмоишҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ онҳоро муттаҳид мегардонд. Дар ҳамин замина халқи тоҷик имкони худифодакунӣ пайдо карда, ба худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ қадамҳои устувор гузошт. Ҳастии он дар ҳайати давлати теократии аморати Бухоро хотима ёфта, дар оғоз ҷанини давлатдории он дар шакли ҷумҳурии мухторӣ дпар ҳайати ҶШС Узбекистон (солҳои 1924-1929) қарор гирифт. Минбаъд бо мурури устувор гаштани

заминаҳои давлатдории ибтидоӣ ва ташаккулбии худшиносии миллӣ, ба воя расидани зиёиёни равшанфикри вафодори ғояҳои миллӣ, муборизаи онҳо барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, муқобилият ба поймол шудани ҳуқуқи дахлнопазири тоҷикон ба соҳибихтиёрӣ ва бунёди давлати миллӣ дар ҷанини сохтори давлати шуравии сотсиалистӣ миллати тоҷик мавқеи ба худ хос пайдо кард. Дар ҳайати давлати иттифоқии шуравии сотсиалистӣ Тоҷикистон якҷоя бо дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ зина ба зина пеш меравад ва миллати тоҷик соҳибихтирии худро ҳифз ва давлатдории хешро устувор мегардонад.

Таъсисёбии давлатдории навини тоҷик тавассути сиёсати миллии ҳокимияти шуравӣ ва хусусан, гузаронидани тақсимоти миллӣ-давлатии халқҳои Осиёи Миёна дар соли 1924 амалӣ шудааст. Аз октябри соли 1924 то апрели соли 1929 ҳокимияти давлатии Тоҷикистон дар марказ ва маҳалҳо низоми мақомоти давлатиро ташкил ва фаъолияти онро ба роҳ монд ва ба асоси ҳуқуқии бунёди қонунгузорӣ замина гузошт. Минбаъд таъсисёбӣ ва инкишофи Тоҷикистон, сохтори ҷамъиятӣ ва давлатии он тавассути қарорҳои Анҷуманҳои умумитоҷикистонии Шуроҳои вакилон хислат ҳуқуқӣ-конститутсионӣ пайдо мекунад. Хусусияти сохтори ҷамъиятӣ ва давлатии Тоҷикистон, рамзу нишонаҳои давлатдории миллӣ мувофиқи қарорҳои Анҷуманҳои 2, 4 ва 6 Шуроҳои вакилони коргару деҳқон ва дар конститутсияҳои солҳои 1929, 1931 ва 1937 муқаррар карда шудаанд. Бо вуҷуди каҷравиҳо дар сиёсати миллии ҳизби камунисти ва давлати шуравӣ, Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС таъсис ёфта, дар ҷанини он ривоҷ ва мавқеи хоса пайдо кард. Аммо бо амри таърих, берун аз майлу рағбати Тоҷикистон, дар зери таъсири қонуниятҳои ихтилофи дохилӣ, иштибоҳ дар муайянсозии самтҳои инкишоф ва маъракаи шадиди зиддишуравии мамлакатҳои ғарб, давлати шуравии сотсиалистӣ аз оғози солҳои ҳаштодуми асри гузашта то рафт суст гашта оқибат барҳам ёфт.

Таърихи пайдоиш ва рушди давлат, ҳуқуқ ва конститутсияҳои Тоҷикистон бо таърихи нави давлатдории халқи тоҷик, бо сарнагун шудани давлати аморати Бухоро, забт шудани вилоятҳои шимолии тоҷикнишин аз тарафи Русияи подшоҳӣ, ғалабаи инқилоби пролетарии октябрӣ дар Русия (соли 1917) робита дорад. Яъне даврaҳои пайдоиш ва рушди конститутсияҳо бо таърихи таъсисёбии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллии шуравии сотсиалистӣ алоқаманд аст.

Такони дигар дар зери таъсири сиёсати миллатгарои русҳо ба омили дар Осиёи Миёна авҷгирии майлони миллӣ шовинистии пантуркӣ алоқаманд аст. Майлони мазкур дар рӯйоварии миллатчиён ба сиёсат ва фарҳанги давлати Туркия, рушди сафарҳои фарҳангии ходимони илму таълим ба ин кишвар. Ба донишгоҳҳои он дохил шудани ҷавонони маҳаллӣ, аз ҷумла ҷавонони тоҷик, ки баъди ҳатм ва бозгашт чанде аз онҳо аз аслу насаб ва миллати худ даст кашида, дер зери шиорҳои пантуркон манфиати онҳоро ҳимоя мекарданд. Дар чунин муҳити иҷтимоию сиёсӣ, дар марказҳои маъмурӣ ва илмию фарҳангии Осиёи Миёна таъсисёбии фирқаҳои «ҷавонбухориён», «Туркистони бузург» ва ғайра ба ташаккули тафаккури зиёиён таъсир расонда, онҳо ғояи миллии туркиро ба мардуми кишвар, аз ҷумла тоҷикон бор мекарданд. Маҳз дар зери таъсири чунин рӯйдодҳо аввалин равшанфикрони тоҷик ба маҷрои мубориза барои ҳифзи манфиатҳои миллии худ камар бастанд. Яке аз чунин мубориз ва ифодакунандаи орзӯю ормони халқи тоҷик, сардафтари забону адабиёти нави тоҷик, нависанда ва мутаффакир Садриддин Айнӣ мебошад, ки аз рӯзҳои аввали ташкили ҳукумати шӯравии Бухоро, бо роҳбарони ҷадиди он Файзулло Хоҷаев, Абдулрауф Фитрат ва дигарон, ки ғояҳои пантуркиро ба сиёсати давлатӣ омехта карда буданд, муносибати бетакаллуфона дошт. Ва маҳз бо ҳамин сабаб асари аввалини таърихи дар бораи инқилоби Бухоро, ки ҳамагӣ баъди шаш моҳи он аз тарафи Устод С.Айнӣ бо забони тоҷикӣ навишта шуда буд, баъди чандин сол (1926), дар тарҷума ба забони узбекӣ бо ихтисори қариб аз чор як ҳиссаи он ба чоп расид. Дар чандин нашрҳои минбаъдаи он ба ҷойи барқарор

кардани матни аввалаи рисола, боз бо ихтисору маънидодкуниҳои ғалат чоп гардид. Ҳатто дар нашри тоҷикии аввалини он соли 1987 матни бо дасти Устод навишташуда барқарор карда нашудааст.

Дар арафаи ҷорӣ кардани сохтори идораи шӯравӣ дар миқёси Русия ва давлатҳои атрофи он, халқи тоҷик қисман дар вилоятҳои аз тарафи Русия забтшуда, ки дар ҳайати ба ном кишвари Туркистон идора мешуданд, ҷойгир буданд. Ҳамчунин шумораи зиёди тоҷикон дар ҳайати аморати Бухоро қарор доштанд. Дар рафти татбиқи сиёсати ба ном тақсимоти миллии ҳудудии Осиёи Миёна (соли 1924) дар натиҷаи баҳсу талошҳо, дар минтақаҳои кӯҳистон, ки аз марказҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дур афтодаанд, барои тоҷикон мухторият муқаррар карда шуд. Ин минтақа ҳанӯз аз давраи истилои русҳо тибқи ҳайати этникии он ҳамчун воҳиди ҷудогонаи маъмурӣ сиёсии Бухоро, бо номи Бухорои Шарқӣ ном гирифта мешуд. Дар ин минтақа аксари кулли аҳолиро тоҷикон ташкил медоданд. Дар ин хусус ҳайати этникии вакилони Анҷумани Шуроҳои Бухорои Шарқӣ, ки 19-20 сентябри соли 1924 баргузор гардид ва дар он аксари вакилонро тоҷикон ташкил медоданд, шаҳодат медиҳад. Дар татбиқи сиёсати тақсимоти миллӣ-давлатии Осиёи Миёна, муайян кардани сарҳади давлатдории мухтории тоҷикон ба омилҳои миллатгароӣ ва нодида гирифтани манфиати ин халқ роҳ дода шуданд. Дар раванди ба ҳисобгирии шумораи аҳолӣ аз рӯи хусусияти этникӣ (миллӣ) соли 1924 ва таъсиси давлати миллии тоҷик дар шакли ҷумҳурии мухторӣ, фақат шумораи тоҷиконе ба ҳисоб гирифта шуда буд, ки дар ҳайати аморати Бухоро сукунат доштанд. Аҳолии тоҷики дар ҳайати ҶМШС Туркистон (собиқ генерал-губернатори Туркистон) истиқомат дошта, ки садҳо ҳазорро ташкил медоданд, ба инобат гирифта нашуда буд. Аз ҷумла, округи маъмурӣ сиёсии Хуҷанд, ҳозира ноҳия ва шаҳрҳои вилояти Суғд, ки аҳолии онро аксаран тоҷикон ташкил мекарданд, дар ҳайати ҷумҳурии навтаъсиси Узбекистон мононда шуданд.

Дар хусуси беадолатии таърихии татбиқи сиёсати тақсимоти миллӣ-давлатии Осиёи Миёна нисбати тоҷикон дар адабиёт ва воситаҳои ахбор, хусусан солҳои охир бисёр мулоҳизаҳо баён мегарданд. Воқеан, манфиати миллии тоҷикон дар зери омилҳои гуногун нобаробарона ифода ёфт. Ва таҳқиқотчиёни ватании мо дар шарҳи саҳифаи таърихии соҳибихтиёр гаштанамон ва масоилҳои он, бештар ҳамин омилро асосӣ мешуморанд ва дигар ҳолатҳоро сарфи назар мекунанд, ки ба воқеият чандон созгор намебошад.

Дар ин ҷо ба чандин омилҳо, ки ба назари мо дар марҳилаи масъулиятноки соҳибдавлат гаштанамон, монеаи ҷиддӣ буданд, эътибори хонандаи арҷмандро ҷалб кардан муҳим аст.

1. Бо сабабҳои гуногуни таърихӣ халқи тоҷик дар чандин асрҳои ҳазорсолаи дуюм аз ифодаи ғояи миллӣ дур монда, нерӯи интеллектуалӣ ва бунёдкоронаи он дар хизмати дигар халқу миллатҳои ҳоким дармонда, дар ҷанини он барои озодандешӣ, худшиносоии миллӣ ва ҳифзи манфиати миллӣ фазои муносиб набуд. Хусусан, барои дар шакли дастаҷамъӣ ифода кардани манфиати миллӣ, сафарбар гаштан ба ҳимояи шаъну эътибори гумкардаи миллӣ фишанге намонда буд. Бо сабаби аз воқеият ва ҳодисаҳои сатҳи байналмиллалӣ дур мондан, роҳ наёфтани ғояҳои иҷтимоӣ-сиёсии муттаҳидкунанда, бехабар аз гардиши давр ва аз ҳаракати миллӣ-озодихоҳии халқҳои дар зери асорат буда, ҳаёти мардуми тоҷик дар қолаби сохтори патриархалии асримиёнагӣ қарор ёфта буд. Бинобар ин, ягон иттиҳоди ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ ва тавассути онҳо роҳ кушодан барои ифодаи манфиати миллӣ ва ҳифзи он имконе набуд ва кушише ҳам зоҳир намешуд. Баъзе ҳодисаҳои нодири норизоии мардум, ки дар деҳоти тоҷикнишин дар фазои иҷтимоӣ-сиёсии аморати Бухоро рӯй медоданд, хислати маҳаллӣ пайдо карда, аз дастгирии тамоми мардум маҳрум ва ба шикаст маҳкум буданд.

2. Монеаи ҷиддии аз худшиносию ифтихори миллӣ барканор мондани тоҷикон, соддагӣ, зудбоварӣ ва фирефта

шудан ба шиори ягонагии тамоми мусулмонони дунё сарфи назар аз ҳамагуна тафовути миллӣ, забонӣ, иҷтимоӣ ва мавқеи сиёсӣ, инчунин вафодорӣ ба ғояҳои «баробарии халқҳо», «бародари калонӣ», «иттифоқи вайроннашавандаи халқу миллатҳо», дустии абадии халқҳо ва ҳоказо. Дар муҳити сиёсии зӯриву таъдӣ ва поймолгардии ҳуқуқи инсон дар Бухорои асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ, ки аз инкишофи ҷаҳонӣ дур афтода, реҷаи ортодоксӣ тамоми қишрҳои ҷомеаро дар қолаби маҳдудият пойбанд карда буд, албатта ҳеҷ гуна ғояи неки қуръонии «мусулмон бародари мусулмон» таъсири мусбӣ надошт. Ташаббус ва кушиши баъзе ходимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ, илму фарҳанг барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоӣ-сиёсии аморат ва беҳбудии ҳаёти мардум бадбинона қабул гашта, равшанфикрон таъқиб карда мешуданд. Аз ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ нишоне набуд.

3. Бо сабаби дар шаҳрҳо маҳдуд гаштани амали марказҳои илму фарҳанг ва бесаводии аксари мардуми деҳот, дар аморати Бухоро қишри равшанфикрони тоҷик камшумору бештар манфиати ҳукуматдорон ва аҷнабиёнро ифода мекарданд, ҳифзи адлу адолат ва ҳуқуқи бенавоён ба камтарини онҳо муяссар мегардид. Аҳъён-аҳъён олимону равшанфикрони тоҷик фикру андешаҳои худро аксар вақт пинҳонӣ ё ба тариқи рамзӣ ифода мекарданд, ки то доираи васеи омма рафта намерасиданд. Ба хонандаи имрӯза асарҳои олим, муттафакир, равшанфикр ва сиёсатмадори тоҷики асри Х1Х Аҳмади Дониш дастрас шудааст ва аз фикру андеша ва мулоҳизаҳои ӯ оид ба беҳтар гардонидани тарзи идоракунии аморат маълумот доранд. Гарчи ин андешаю таклифҳо хеле бо тамкин ва бо мулоҳиза баён меёфтанд, бо вуҷуди ин ҷасорати ӯ амир ва ҳукуматдорони ӯро ба ҳарос андохта, аз сиёсат дур карданашро зарур донистанд. Ва воқеан дар айни камолоти таҷрибаи иштирок дар муошарати хориҷии аморати Бухоро, таклифҳои ӯ дар бораи ислоҳоти тарзи идораи баъзе соҳаҳои идораи аморат бе ҷавоб гузошта, худи ӯро аз иштирок дар ҳаёти сиёсӣ маҳрум намуданд. Равшанфикрони дар муҳити аморати Бухоро кору фаъолият доштаи тоҷик аксар, то ҳадди андешаҳои озодии миллӣ ва ифодаи майли соҳибихтиёрии он нарасида буданд. Сарфи назар аз ин омилҳо, аксари олимони муосири мо дар тартиби идоракунӣ, ҳуҷҷатгузорию коргузории дарбори амир ва мақомоти маҳаллӣ саҳм доштани тоҷикон андеша меронанд. Воқеан, чунин омил ҷой дошт, аммо онро то ҳадди дар идоракунии аморат мавқеи мустақил доштани тоҷикон расонидан, ба назари ман хаёлпарастӣ аст. Бухоро аз тарафи туркон идора шуда, асосан иродаю манфиати онҳоро ифода мекард.

4. Омили дигаре, ки иттиҳод ва ваҳдати миллии тоҷиконро халалдор месохт, ин ноаҳлӣ ва бетафовутӣ нисбати тақдири ҳамдигар, ғараз ва рақобати гумроҳона буд. Тоҷиконро бо якдигар ситезонидан, манфиати маҳаллу авлодро аз арзишҳои миллӣ боло гузоштан, ба аҷнабиён итоати бечуну чаро ва мутеъ гардидан ба қоидаи ахлоқии мо мубаддал гашта буд. Бо таасуф имрӯз ҳам аз офати маҳалгароӣ ва гурӯҳбозӣ пурра халос нагаштаем. Нуқсонҳои мазкур монеаи ҷиддӣ барои муттаҳидӣ, ноил гаштан ба ваҳдати миллии воқеӣ ва руҳияи устувори ватанпарастӣ мебошанд.

Бо назардошти ин омилҳо, дар марҳилаи муосир сиёсати давлатии пеш гирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи пойдор гардонидани сулҳу ваҳдат, устувор гардонидани иттиҳоду якдилӣ ва сафарбар гаштан ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ҳадафи ниҳоии ҷомеа ва давлат қарор дода шудааст. Дар ҳамин замина ва кушишҳои бесобиқаи Сарвари давлат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳкурсии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон то рафт устувор мегардад.

Оғози раванди гузариши Тоҷикистон ба сохтори конститутсионӣ ва ба ин маҷро ҳамроҳ кардани мулкҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна ба Русияи подшоҳӣ ва таъсиси кишвари Туркистон дар ҳайати он алоқаманд аст. Ба ҳайати

ин кишвар вилоят ва ноҳияҳои тоҷикнишини Самарқанд, Фарғона, Хуҷанд, Истарафшон – марказҳои тамаддуни халқи тоҷик, гаҳвораи илму фарҳанги он ва вилояти Кӯҳистони Бадахшон, шаҳрҳои Конибодом, Исфара, Панҷакент ҳамроҳ карда шуданд. Бо ин сабаб дар ин мулкҳо амали қонунҳои Русия, тартиби идоракунӣ ва сохтори маъмурӣ-ҳудудии он ҷорӣ карда шуданд. Баъди ғалабаи инқилоби октярии соли 1917 дар Русия, дар кишвари Туркистон амали қонунҳои инқилобӣ ва Конститутсияи ҶШФС Русия (РСФСР) соли 1918 татбиқ гаштанд.

5. Омили дигаре, ки ташкили ҷумҳурии соҳибихтиёри тоҷиконро дар ҳайати ИҶШС халалдор намуд, дар арафаи гузаронидани маъракаи тақсимоти миллӣ давлатии халқҳои Осиёи Миёна ба асос гирифтани фақат шумораи аҳолии тоҷикони дар ҳайати Ҷумҳурии Халқии Бухоро сукунат дошта, тоҷикони берун аз он, хусусан, тоҷикони дар ҳайати ҶМШС Туркистон истиқомат доштаро сарфи назар кардан буд. Шумораи аҳолии тоҷикони дар ҳайати ин ҷумҳурӣ дар арафаи гузаронидани маъракаи тақсимоти миллӣ ҳудудӣ истиқомат дошта, мувофиқи сарчашмаҳо садҳо ҳазорро ташкил мекарданд. Гуфтан кифоя аст, ки дар соли 1929 қонеъ гардонидани муроҷиати меҳнаткашон округи Хуҷанд дар бораи ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон пайвастани он, вазъи сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳуриро ба маротиб тағйир дод ва асоси масъалагузорӣ дар бораи ба ҷумҳурии иттифоқии шӯравии сотсиалистӣ табдил додани он гардид.

Қайд кардан лозим аст, ки тибқи ҳамин омилҳо қадамҳои нахустинӣ ошноӣ ба ғояи конститутсия ва риояи қонунҳои инқилобӣ дар мулкҳои номбаршудаи тоҷикнишин гузошта шуданд. Давраи дуюми ошноӣ бо қонунҳои конститутсионӣ бо сарнагун шудани сохтори аморати Бухоро (соли 1920) ва дар Бухорои Шарқӣ ҷорӣ кардани Ҳокимияти шӯравӣ робита дорад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Халқии Бухоро дар асоси қонунҳои ҶШФС Русия қабул гардида, ба таври расмӣ ҳамаи фуқарои аморати Бухоро шаҳрванди Русия эълон карда шуданд ва ба ин муносибат ҳуқуқу вазифаҳои онҳо муайян карда шуд. Дар конститутсияҳои ҶХШБ (аз 23 сентябри соли 1921) ва ҶШСБ (соли 1924) тарзи идораи воҳидҳои марзию маъмурӣ, низоми мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, тартиби таъсис ва фаъолияти онҳо ва вазъи ҳуқуқии шаҳрвандон муайян карда шуданд. Дар фазои ҷуғрофии паҳноии ҳокимияти шӯравӣ, давлатҳои қарор гирифта, дар заминаи шартномаҳои байниҳамдигарӣ робита доштанд. Ҷумҳуриҳои нав халқӣ эълоншудаи Бухоро ва Хива (минбаъд Ҷумҳурии Хоразм) дар ҳамин заминаҳо низоми қонунгузориро ба роҳ монда низоми ҳуқуқиро ҷорӣ ва рамзҳои давлатии худро муайян карданд.

Қадамҳои минбаъдаи халқи тоҷик дар раванди гузариш ба сохтори конститутсионӣ бо амали намудани сиёсати миллии ҳокимияти шӯравӣ ва гузаронидани тақсимоти миллӣ давлатии Осиёи Миёна алоқаманд аст [2. 9-76] (-358 с.). Давлати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) дар ҳайати ҶШФС Русия, Ҷумҳуриҳои Украина, Белоруссия ва Ҷумҳурии Федеративии Кавказ (Арманистон, Гурҷистон, Озарбойҷон) соли 1922 таъсис ёфт. Давлатҳои Бухоро ва Хоразм тавассути ҶШФС Русия ба ҳайати ИҶШС дохил шуданд. Яъне вазъи ҳуқуқии ҳардуи ин давлатҳо ба вазъи ҶШФС Русия дар ҳайати ИҶШС вобаста гардид. Бо гузаронидани тақсимоти миллӣ давлатӣ дар Осиёи Миёна ду ҷумҳуриҳои иттифоқӣ – ҶШС Узбекистон ва ҶШС Туркманистон ва ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Узбекистон ташкил карда шуд ва тавассути он ба ҳайати ИҶШС дохил буд. Вазъи сиёсӣ-ҳуқуқии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мухторӣ дар Шартномаи ташкилёбии ИҶШС (соли

1922) ва Конститутсияи ИҶШС соли 1924 танзим карда шуд.

Дар ҷараёни тақсимоти миллӣ-давлатӣ дар Осиёи Миёна баъзе масъалаҳои ҳассос ба монанди муайян кардани сарҳадҳои хушкӣ ва обии ҷойгиршавии давлатҳои нав, қароргоҳи пойтахти онҳо ва ғайраҳо мувофиқи

сиёсати ҳизбӣ-давлатии шӯравии сотсиалистӣ ба таври омирона ҳал карда шуданд. Яке аз масъалаҳои муҳим муайян кардани номи давлатҳои нав дар Осиёи Миёна буд. Дар таърихи давлатҳои теократии ин кишварҳо ва таҷрибаи сохтмони давлатӣ, ҳайати воқеии этникии аҳолӣ ба эътибор гирифта намешуд ва бартарии халқҳои туркзабон бебаҳс дониста мешуд. Акнун дар давраи нави воқеияти таърихӣ бояд субъектони давлати иттифоқии шуравӣ бо номҳои хоси худ ба иттифоқ дохил мешуданд. Тибқи ин омилҳо комиссияҳои дахлдори шӯравӣ ба мувофиқа омаданд, ки аз рӯи таъсиру нуфузи миллат ва халқҳои ин кишвар онҳоро ба ҷумҳуриҳои шуравии сотсиалистии Узбекистон, Туркманистон, Тоҷикистон ҷудо кунанд. Дар хусуси бо кадом ном ташкил кардани давлати нави қазоқҳо ва қирғизҳо баҳсҳои бардавом идома ёфта, бо сабаби душвории муайян кардани сарҳадҳои ҷойгиршавии онҳо даставвал комиссия ба хулоса омад, ки ҷумҳурии мухтории шуравии сотсиалистии Қирғизистон таъсис дода шавад. Ва фақат баъди чордаҳ соли таъсиси давлати шуравии сотсиалистии Тоҷикистон соли 1936 дар ин минтақа ду ҷумҳурӣ: Қазоқистон ва Қирғизистон дар ҳайати ИҶШС ташкил карда шуданд. Бо ҳамаи нуқсу камбудиҳо, дар ҳамон давра масъалаи давлатдории халқҳои Осиёи Миёна дар ҳайати ИҶШС дар ҳамон тарҳе, ки муайян карда шуд, ҳал гардиданд.

Рушди минбаъдаи ҳуқуқӣ-конститутсионии давлатдории халқи тоҷик дар заминаи бунёд кардани асосҳои таъсиси мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ба роҳ мондани қонунгузории миллии сотсиалистӣ идома ёфт. Дар миқёси Тоҷикистон дар давраи гузариш ба низоми нави мақомоти ҳокимияти давлатии шӯравӣ, пеш аз ҳама ташкили мақомоти маҳаллӣ ва олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва бо ин мақсад дар асоси низоми интихоботи шуравии сотсиалистӣ ташкил ва баргузор кардани интихоботи Шуроҳои маҳаллии вакилон дар соли 1926 асосан ба анҷом расид. Анҷумани таъсискунандаи Шуроҳои Тоҷикистон моҳи декабри соли 1926 баргузор гардид ва мувофиқи қарорҳои он: Кумитаи Иҷроияии Марказии Тоҷикистон (КИМ-и Тоҷикистон), Раёсати КИМ-и Тоҷикистон, Шӯрои Комиссарони халқи Тоҷикистон (ШКХ-и Тоҷикистон) ва дигар мақомоти марказии ҳокимияти давлатии ҷумҳурӣ таъсис ёфта, ба фаъолият шурӯъ карданд. Санадҳои Анҷуманҳо ва мақомоти онҳо таъсисдода, дар он давра дар шакли Эъломияҳо, Қарорҳо, қарордодҳо қабул карда мешуданд. Қабули қонунҳо ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ ҳанӯз расм нагардида буд.

Анҷумани якуми Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон дар қатори ҳалли дигар масъалаҳо оид ба таҳияи лоиҳаи конститутсияи якуми Тоҷикистон ба Раёсати КИМ ва Шурои Комиссарони Халқ супориш дод, ки лоиҳаи конститутсияи ҷумҳуриро то даъвати Анҷумани дуюми Шуроҳои Тоҷикистон таҳия намуда ба муҳокимаи он пешниҳод намоянд. Лоиҳаи Конститутсияи якуми ҶМШС Тоҷикистон ба қабули Анҷумани дуюми Шуроҳои ҷумҳурӣ, ки моҳи апрели соли 1929 баргузор гардид, пешниҳод карда шуд. Бо қабули он масъалаҳои ба расмияти ҳуқуқӣ даровардани таъсиси давлатдории мухтории халқи тоҷик асосан ҳал шуда, асосҳои сохтори конститутсионии ҶМШС Тоҷикистон муайян карда шуданд. Мувофиқи Конститутсияи мазкур чунин хусусиятҳои ҳуқуқӣ-сиёсии давлатдории миллии тоҷик равшанӣ пайдо карданд [3. 13-143]. (-838 с.).

1. Давлати тоҷикон расман номи Тоҷикистонро гирифт;

2. Шакли идораи он Ҷумҳурӣ муайян гардид;

3. Шакли сохтори давлатии Тоҷикистон Ҷумҳурии Мухтории шуравии сотсиалистӣ ҳамчун давлати ягона (унитарӣ) муқаррар карда шуд;

4. Пойтахти ҶМШС Тоҷикистон шаҳри Душанбе тасдиқ шуд. Оид ба ин масъала қайд кардан ба маврид аст, ки дар давраи солҳои 1924-1929 пойтахти ҶМШС Тоҷикистон ҳамчунин шаҳри Самарқанд ба ҳисоб мерафт, зеро ки ҶШС Узбекистон аз соли 1925 иннҷониб ин шаҳрро пойтахти худ эълон карда буд. Ва Тоҷикистон ҳамчун қисми мухторӣ дар ҳайати Узбекистон бо ин

шаҳр аз самти маъмурӣ-сиёсӣ пайвандӣ дошт ва робитаи фарҳангии таърихии тоҷикони Самарқанд ва Бухоро бо тоҷикони ҶМШС Тоҷикистон дар марҳилаи нав низ тавассути ин омилҳо идома меёфт.

5. Моҳияти ҶМШС Тоҷикистон дар робита бо моҳияти давлати иттифоқии шуравии сотсиалистӣ, ҳамчун давлати диктатураи пролетариат ё ки давлати коргару деҳқон муайян гардид;

6. Низоми нави мақомоти давлатии ба давраи гузариш аз сохтори феодалӣ ба сохти сотсиалистӣ хос ташкил карда шуд;

7. Мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ дар шаклҳои Анҷумани Шӯроҳо, КИМ-и Шӯроҳо, Раёсати КИМ бо салоҳияти хоси онҳо ташкил ёфт, ки бо тартибу усули ба давраи идораи реҷаи диктатурӣ хос идора карда мешуданд.

8. Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон – Шӯрои Комиссарони халқ таъсис дода шуд, ки аз комисарриатҳои халқӣ иборат буд.

9. ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Узбекистон таъсис дода шуда, тавассути он дар ҳайати ИҶШС бо вазъи ҷумҳурии мухторӣ қарор гирифт, бо мақсади ифодаи манфиатҳои он, дар таркиби мақомоти олӣ ва маҳалии идоракунии давлатӣ, мақомоти судӣ сохторҳои махсуси миллӣ амал мекарданд;

10. Ҳуқуқҳои мухтории ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС аз инҳо иборат буд: намояндаги худро дар ҳайати мақомоти олии ҶШС Узбекистон ва мақомоти олии иттифоқ доштан, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар КИМ-и Узбекистон ва ИҶШС, ҳуқуқи аз ҳайати як ҷумҳурии иттифоқӣ ихтиёрона баромадан ва дохил шудан ба ҳайати ҷумҳурии иттифоқии дигар, дар миқъёси ИҶШС ва ғайра.

Ҳамаи ин ҳолатҳо дар Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон соли 1929 инъикос гардонида шуданд. Дар он ваколатҳои дар Конститутсияҳои ҶШС Узбекистон соли 1927 ва ИҶШС соли 1924 – ба ҷумҳуриҳои мухторӣ муайян карда шуда, танзим ёфтанд.

Дар тараққиёти босуръати ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҶМШС Тоҷикистон, дар соли 1929 ба ҳайати он ҳамроҳ шудани округи маъмурии дар сатҳи баланди рушд қарордоштаи Хуҷанд вазъи Тоҷикистонро дар ҳамаи самтҳои фаъолият тағйир дод. Дар ҳамин замина баҳору тобистони соли 1929 масъалаи ба ҷойи ҷумҳурии мухторӣ ташкили ҷумҳурии иттифоқии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳамаи сохторҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, дар ҷамъомадҳои оммаҳои васеи меҳнаткашон муҳокима ва маъқул дониста шуда, дар назди мақомоти олии ваколатдори ҶШС Узбекистон ва ИҶШС масъала дар бораи тағйири вазъи сиёсӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон, аз ҷумҳурии мухторӣ ба иттифоқӣ табдил додани он гузошта шуд. Ба ҳамин муносибат масъалаи Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистонро, аз рӯи расмияти он вақт пешбинишуда ба тасдиқи мақомоти олии ҶШС Узбекистон пешниҳод кардан мавқуф гузошта шуд. Бо ба тарзи мусбӣ ҳал гардидани масъалаи ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтани Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС масъалаи аз самти ҳуқуқии конститутсионӣ ба расмият даровардан ва амали Конститутсияи соли 1929 аз байн бардошта шуд.

Иқдоми хотимавии ба расмият даровардани сохтори давлатии Тоҷикистон қарорҳои КИМ-и Шӯроҳои ИҶШС, КИМИ Шуроҳои Узбекистон, Анҷумани сеюм ва чоруми Шӯроҳои Тоҷикистон дар бораи аз ҷумҳурии мухторӣ ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани Тоҷикистон мебошад. Раванди мазкур бо қабули Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1931 ба анҷом расид. Рушди минбаъдаи Тоҷикистон ҳамчун субъекти давлати иттифоқии шуравии сотсиалистӣ дар заминаи фаъолияти мақомоти давлатии он ва ба сайю кушиши халқи ҷумҳурӣ вобаста гардид [4. 228-237].

Баробари ин қайд кардан лозим аст, ки марҳилаҳои рушди минбаъдаи сохтори конститутсионии Тоҷикистон ба таърихи инкишофи тамоми ҷумҳуриҳоии иттифоқии шӯравии сотсиалистӣ яксон гашта, мувофиқи даврабандии рушди сохтори ҷамъиятӣ ва давлатии шӯравии сотсиалистӣ ду даврараро аз сар гузаронид. Давраи ғалабаи сотсиализм тавассути Конститутсияи ИҶШС соли 1936,

Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1937, давраи сотсиализми муттарақиро тавассути Конститутсияи ИҶШС соли 1977, Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 ба расмият дароварда шуд. Ва онҳо конститутсияҳои охирини давлатҳои шӯравии сотсиалистӣ буданд.

Марҳилаи дуюми барпоёбӣ ва инкишофи Тоҷикистон, гузоштани асосҳои нави сохтори конститутсионӣ, ба давраи ноил гаштан ба соҳибихтирии воқеии давлатӣ, инкишофи сохтори ҷамъиятӣ ва давлатии он дар заминаи Конститутсия ва қонунгузории нави миллӣ қарор гирифтани онҳо робита дорад. Раванди нав-гардонии конститутсияҳои давлатҳои собиқ шуравии сотсиалистӣ ҳанӯз дар арафаи хотимаёбии мавҷудияти ИҶШС, аз солҳои 1989-1990 оғоз ёфта, то барҳамёбии он идома ва бенатиҷа ба анҷом расид. Зеро ки тақдири конститутсияи давлати иттифоқӣ бо қабул ва амали Шартномаи таъсиси давлати иттифоқӣ пайваста аст. Аммо кушишҳои навгардонии матни Шартномаи иттифоқии соли 1924 ва ё тартиб додани Шартномаи нави иттифоқӣ бенатиҷа анҷом ёфт [5. -196 с.].

Ташаккули асосҳои нави сохтори конститутсионии Тоҷикистон ба давраи дар натиҷаи пошхӯрии давлати иттифоқии шӯравӣ, соҳибихтиёр гардидани давлати миллии Тоҷикистон ва қабули Конститутсияи соли 1994 рост меояд. Рушди минбаъдаи давлатдории миллии тоҷик ва пойдор гардидани асосҳои устувори конститутсионии он дар заминаи соҳибистиқлолии давлат, бо интихоби роҳи демократиро пеш гирифтани он алоқаманд аст. Ин омилҳо дар Конститутсияи ҶТ, ки давраи таърихии рушди давлатро расмӣ гардонид, тавассути муайян кардани асосҳои сохтори конститутсионӣ танзим ёфтанд.

Тибқи тезисҳои баёнёфта, марҳила ва давраҳои пайдоиш ва рушди асосҳои конститутсионии Тоҷикистон шартан ба омилҳои зерин робита доранд:

1. Ҷараёни барҳамёбии давлатҳои теологии Осиёи Миёна – аморати Бухоро ва хонигарии Қуқанд ва зери тасарруфи Русияи подшоҳӣ қарор гирифтани мулкҳои тоҷикнишин;

2. Ғалабаи инқилоби октябрии шуравии сотсиалистӣ соли 1917 дар Русия ва паҳн кардани он дар Осиёи Миёна;

3. Дар чандин марҳила ба фазои сиёсӣ-ҳуқуқии сохтори шуравии сотсиалистӣ ворид гаштани мулкҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна;

4. Давраи равшанӣ пайдо кардани тарҳи асосҳои сохтори конститутсионии давлатдории халқи тоҷик дар ҷанини ҳокимияти шуравӣ;

5. Амалии намудани сиёсати миллии большевикон ва тақсимбандии миллӣ-давлатии Осиёи Миёна;

6. Муайянсозии вазъи ҳуқуқии давлатдории тоҷикон дар ҳайати ҶШС Узбекистон ва тавассути он дар маҷрои сохтори ИҶШС қарор гирифтани он;

7. Таъсисёбӣ ва рушди давлатдории миллии мухтории шуравии сотсиалистии Тоҷикистон ва муайян кардани тарҳи конститутсионии вазъи ҳуқуқи давлатии он;

8. Қабули Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон соли 1929, мазмуни асосӣ, аҳамият ва тақдири таърихии он;

9. Инкишофи давлатдории миллии халқи тоҷик дар ҳайати ИҶШС ва мубадалёбии ҶМШС Тоҷикистон ба Ҷумҳурии иттифоқии шуравии сотсиалистӣ. Аз нав муттаҳидшавии баъзе шаҳру ноҳияҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна дар ҳайати ҶШС Тоҷикистон. Ҳамроҳ шудани округи маъмурии Ҳуҷанд ба ҳайати ҶШС Тоҷикистон;

10. Рушди минбаъдаи ҳуқуқии конститутсионии ҶШС Тоҷикистон ва қабули конститутсияҳои солҳои 1931, 1937 ва 1978, нақши онҳо дар устувор гаштани давлати миллии тоҷикон;

11. Барҳамёбии сохтори давлатдории шуравии сотсиалистӣ. Ноил гаштани Тоҷикистон ба соҳибихтиёрии воқеӣ ва бунёди низоми нави ҳуқуқӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

12. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ва равшан гардидани асосҳои сохтори конститутсионии Тоҷикистон, дар заминаи онҳо устувор гаштани давлатдории миллӣ;

13. Ноил гаштан ба Ваҳдати миллӣ, ислоҳоти конститутсионии соли 1999 ва таъсири он ба рушди давлатдории миллӣ;

14. Инкишофи минбаъдаи сохтори конститутсионии давлат, тағйиру иловаҳои солҳои 2003 ва 2016 ба Конститутсияи ҶТ

ва таъсири онҳо ба мукаммал-гардонии давлатдории миллӣ;

15. То рафт устувор гаштани заминаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва маънавии ҳокимияти яккасардорӣ ва ташаккули падидаи нави сиёсӣ-ҳуқуқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, таъиноти фардии он, нақши он дар кафолати ягонагӣ, мустақилӣ ва ваҳдати миллӣ, пойдории сохтори конститутсионии ҶТ.

Ҳолатҳои қайдшуда дар кори муайян кардани марҳила ва даврaҳои пайдоиш ва инкишофи давлатдории миллии тоҷикон, қабули конститутсияҳои Тоҷикистон ва муайян кардани аҳамияти ҳуқуқӣ-сиёсӣ ва иҷтимоии онҳо аҳамияти муҳим доранд. Тезисҳои мазкур иқдомест дар арафаи ҷашни 30-солагии Конститутсияи ҶТ соли 1994 равшанӣ андохтан ба даврaҳои рушди конститутсионии давлатдории миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Адабиёт

1. Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917-1929). Т.2, ч.1. – Д.: «Амри дил». 2001. - 492 с.

2. Имомов А. Нақши Конститутсия дар бунёди давлатдории миллии тоҷикон. – Д., «Офсет Империя». 2011. -360 с.

3. Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф (Зери таҳрири Президенти АМИТ, профессор Ф.Раҳими, профессор А. Шамолов. Муҳаррири масъул н.и.ҳ. Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, дотсент А.Имомов). – Д., 2014. - 838 с.

4. Буризода Э.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Кисми аввал. –Д., «Хирадмандон». 2020. - 260 с.

5. Имомов А. Кушиши азнавсозии давлати иттифоқии шуравии сотсиалистӣ ва заволи он. –Душанбе: «Офсет Империя», 2013. -196 с.

ПОЛИТИКО-ПРАВОВЫЕ ИСТОКИ ТАДЖИКСКОЙ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ И РАЗВИТИЕ ЕЁ КОНСТИТУЦИОННЫХ ОСНОВ

Имомов А.

Настоящая статья охватывает начальные этапы образования таджикской советской государственности и последущее развитие. Каждый народ в соответствии с уровнем своего социально-политического развития стремится к созданию своей государственности. Таджикский народ со времен лишения своего исторического государства – Саманидов, свою причастность в управлении государством сохранял в форме организации деятельности органов государственной власти Бухарского эмирата и делопроизводства, преимущественно на таджикском языке.

По воле истории во второй половине девятнадцатого и начале двадцатого века в результате завоевание Царской Россией территории Кокандского ханства, образование Туркестанского генерал-губернаторства, а в 1920 году завоевание Бухарского эмирата Советской властью формировались предпосылки создания национально-государственных образований нового советского типа. Осуществление национально-государственного размежевания народов Средней Азии в 1924 году привело к образованию Таджикской автономной советской социалистической республики в составе Узбекской ССР. При этом были ущемлены национальные интересы таджикского народа, и преимущество в определении государственной принадлежности крупных административно культурологических центров отдавались интересам туркоязычных народов. И, только благодаря усилий патриотически настроенных представителей таджикской интеллигенции, Советское руководство преобразовал ТАССР ва Таджикскую Советскую Социалистическую Республику (1929г.).

Ключевые слова: *процесс приобретения таджикской национальной государственности, расположение таджикского народа в составе Бухарского эмирата и Кокандского ханства, победа октябрской революции в России, свержение Бухарского эмирата, установление советской власти и национально-государственное размежевание Средней Азии, образование Таджикской АССР в составе Узбекской ССР, его преобразование в Таджикскую ССР, принятие первых конституций, закрепление конституционных основ таджикской государственности.*

POLITICAL AND LEGAL ORIGINS OF TAJIK NATIONAL STATEHOOD AND THE DEVELOPMENT OF ITS CONSTITUTIONAL FOUNDATIONS

Imomov A.

This article covers the initial stages of the formation of Tajik Soviet statehood and subsequent development. Each nation, in accordance with the level of its socio-political development, strives to create its own statehood. Since the deprivation of their historical state - the Samanids, the Tajik people have maintained their involvement in government in the form of organizing the activities of government bodies of the Bukhara Emirate and office work, mainly in the Tajik language.

By the will of history, in the second half of the nineteenth and early twentieth centuries, as a result of the conquest of the territory of the Kokand Khanate by Tsarist Russia, the formation of the Turkestan Governor-General, and in 1920 the conquest of the Bukhara Emirate by Soviet power, the prerequisites for the creation of national-state formations of a new Soviet type were formed. The implementation of the national-state delimitation of the peoples of Central Asia in 1924 led to the formation of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic within the Uzbek SSR.

At the same time, the national interests of the Tajik people were infringed, and priority in determining the state affiliation of large administrative and cultural centers was given to the interests of the Turkish-speaking peoples. And, only thanks to the efforts of patriotic representatives of the Tajik intelligentsia, the Soviet leadership transformed the TASSR into the Tajik Soviet Socialist Republic (1929).

Key words: *the process of acquiring Tajik national statehood, the location of the Tajik people within the Bukhara Emirate and the Kokand Khanate, the victory of the October Revolution in Russia, the overthrow of the Bukhara Emirate, the establishment of Soviet power and the national-state demarcation of Central Asia, the formation of the Tajik ASSR as part of the Uzbek SSR, its transformation into the Tajik SSR, adoption of the first constitutions, consolidation of the constitutional foundations of Tajik statehood.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

РОҲҲОИ ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ

Ҷонбобоев С. - н.и.ф.,
Маркази синошиносии ИФСҲ АМИТ

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ (1991) давлатҳои ҷавони пасошӯравӣ, ки бар асари ин фурӯпошӣ ба вуҷуд омаданд, ба ҷустуҷӯи роҳҳои рушди мустақилонаи худ шурӯъ карданд. Ҳанӯз дар марҳалаи аввали таърихи нав онҳо роҳи мардумсолорӣ ё демократӣ ва дунявии тараққиёти иҷтимоию иқтисодиро, ки имкониятҳои бештари рушди инсониро дар бар дошт, интихоб карданд. Аммо ин фазои худсозӣ дер давом накард. Эҳтимол меравад, ки раванди истиқлолияти ин давлатҳои ҷавон аз берун идора мешуд. Бо дахолати доираҳои сиёсии давлатҳои хориҷӣ ба қаламрави онҳо адабиёти динии исломгароӣ ворид шуд, барои онҳо ҳизбҳои сиёсии исломӣ берун аз қаламрави онҳо ташкил шуданд. Дар Тоҷикистон з иддияти исломгароён ва ҷангсолорони “афғон”-и шӯравӣ ба мухолифати сиёсӣ, идеологӣ ва ниҳоят ба ҷанги шаҳрвандӣ овард. Бо оғози “Баҳори араб”, шурӯи ҷанг дар Сурияву Ироқ, зуҳури бештари созмонҳои ифротӣ, аз қабили ДИИШ (дар Тоҷикистон мамнӯъ аст) ва ба хусус, бо фурӯпошии низоми ҷумҳурӣ ва хурӯҷи нерӯҳои Амрико аз Афғонистон (15 авг.2021), тамоюли ифротгароӣ дар минтақа шиддат гирифт, ки он боиси хало дар ҷаҳонбинӣ, иллати гумроҳӣ ва ширкати фаъоли ҷавонони тоҷик дар амалиёти террористӣ дар минтақа шудааст. Роҳи баромадан аз ин вазъият дар чист? Дар ин мақола оид ба ин суолҳо чанд назару андешаҳо пешниҳод мешаванд.

Калидвожаҳо: *низоми дунявӣ| секлюларӣ, мардумсолорӣ/ демократӣ, низомҳои пасазистеъморӣ, будёдгароӣ, фундаментализм, радикализми динӣ, ҷавонон.*

Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои Миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар танзими расму русуми диниву фарҳангӣ хеле бузург аст, ки бо ташаббуси онҳо солҳои охир қонунҳои мушаххас қабул ва ислоҳоти назарраси иҷтимоӣ ба амал омаданд. Интизор меравад, ки бузургони давлату миллат дар роҳи таълиму тарбияи инсони нави асри XXI ҳарчи зудтар ва бештар фикру амал кунанд (ҷавононро ба беҳтарин донишгоҳҳои дунё фиристода баъди бозгашт бо кор таъмин кунанд), зеро кори таълиму тарбияи мутахассисони муосир танҳо бо роҳи ташвиқу таблиғ натиҷа намедиҳад. Насли нав бояд таҳлилгар, эъҷодкор, дорои фарҳангу маърифати нави сиёсӣ, миллатдуст, ғайратманд, иродатманд, оқилу доно, ҳирфаӣ, прагматик ва насли дорои ҳисси баланди мадоро ва берун аз таассуб бошад. Барои дар амал ҷорӣ намудани ин хостаҳо Вазорати илму маориф бояд барномаҳои нав барои рушди ҷаҳонбинии илмӣ дар боғчаҳои бачагон, мактаби мутавассита ва донишгоҳҳо омода намояд.

Давлатҳои ҷавони пасошуравӣ, ки бар асари фурӯпошии низоми Иттиҳоди Шӯравӣ (с.1991) ба вуҷуд омаданд, аз оғоз ба ҷустуҷӯи роҳҳои рушди мустақилонаи худ шурӯъ карданд, бехабар аз он, ки паймудани ин роҳ дар марҳалаи аввал ба мушкилот ҳамроҳ аст. Онҳо роҳи мардумсолорӣ ё демократӣ ва дунявии тараққиёти иҷтимоию иктисодиро, ки ба назари нухбагони сиёсии он замон имкониятҳои бештари рушди инсониро дар бар дошт, интихоб карданд. Аммо ин фазои

худсозӣ ва истиқлолияти фикрӣ дер напоид. Дар доираҳои сиёсии берун аз ҷумҳурӣ қарор дода шуд, ки раванди истиқлолияти ин давлатҳои ҷавон набояди кори дохилии онҳо бошад, балки он аз берун мудирият шавад. Бо ин мақсад бо дахолати абарқудратҳо дар фазои сиёсӣ ҷараёнҳои динӣ ва сиёсӣ, бахусус, ҳаракатҳои бунёдгароии динӣ пайдо шуданд ва аз тарафи доираҳои сиёсиву геополитикии трансмиллӣ адабиёти бунёдгароии динӣ ворид шуд. Дар заминаи он ҳизбҳои сиёсии исломӣ (дар ибтидо дар Астрахан, бо ширкати доираҳои сиёсии мусулмонони Руссия) бунёд шуданд. Дар натиҷа падидаи сиёсӣ шудани дин пас аз ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ба яке аз мушкилоти рушди ҷомеаҳои пасошӯравӣ табдил ёфт. Ин тафриқаандозӣ дар сиёсат ва ҳаёти ҷомеа раванди ҳаракати эҳёи воқеан миллиро дар ин ҷумҳуриҳои ҷавон, махсусан, дар Тоҷикистон ба канор кашонида шуд: ҷомеа ба ду бахши идеологии ба ҳам зид ҷудо шуд. Мудохилаи исломгароён ба сиёсат ва интихобот бо ихтилофи шадиди идеологӣ рӯбарӯ шуд ва ниҳоят бо фаъолияти онҳо ва дахолати фаъоли ҷангсолорони шӯравӣ (ки аз Афғонистон ба қаламрави Осиёи Миёна берун бароварда шуданд ва воқеан “бекор буданд”) боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Оқибати ин ҷанг барои мардуми мо хеле сангин буд. Пас аз истиқрори сулҳ байни ҷонибҳои даргир (1997) дар ҷомеа оромии нисбӣ ба вуҷуд омад, то ҷое сулҳ пойдор гардид ва дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт барномаҳои рушд ба амал оварда шуданд. Аммо пас аз оғози Баҳори араб, шурӯи ҷанг дар Сурияву Ироқ, зуҳури бештари созмонҳои ифротӣ, аз қабили ДИИШ (дар Тоҷикистон мамнӯъ аст) ва бахусус, бо фурӯпошии низоми ҷумҳурӣ ва хурӯҷи нерӯҳои Амрико аз Афғонистон (15 авг.2021), тамоюли ифротгароӣ дар минтақа шиддат гирифт, ки боиси гумроҳии сиёсӣ, заъфи ҷаҳонбинии илмӣ ва ширкати фаъоли ҷавонони тоҷик дар амалиёти террористӣ дар минтақа шудааст. Роҳи баромадан аз ин вазъият дар чист? Дар ин ҷо мехоҳем дар бораи ин равандҳо чанд мулоҳиза баён кунем.

Бунёдгароӣ чун абзор дар муқобила бо ваҳдати миллӣ. Ваҳдати миллӣ чун унсури муҳими бунёди давлати миллӣ раванди дарозмуддат маҳсуб мешавад. Ин маънои онро дорад, ки ин раванди сиёсиву иҷтимоиро бояд ҳамарӯза ва муттасил такмилу рушд дод. Муддати мадиди таърихие низоми мардумсолорӣ (яъне демократӣ) - и давлатҳои ғарбӣ барои миллату давлатҳо ва мамолики аз зеру силтаи системаи истеъморӣ бурунрафта чун улгӯ (модел) ё намунаи ибрат хизмат мекард. Дар ин раванд барои ҳалли муваффақонаи бисёре аз масъалаҳо миллату дували дар ҳоли рушди Шарқ аз таҷрибаи низоми мардумсолории ғарбиҳо зарифона истифода мебаранд, бехабар аз он, ки Ғарб ҳамзамон бо ин бозиҳои пасипардаӣ ҳам дорад. Шояд имрӯз дастгирии доираҳои бонуфузи ғарбӣ ва бозигарони асосии сиёсати глобалии қудратҳо аз ҳаракатҳои радикал ва ифротӣ (дар заминаи дин) ба андозаи хеле назаррас фаъол гардидааст? Дар мисоли ҳаводиси авохири Афғонистон ба назар мерасад, ки онҳо бо татбиқи парадигмаҳои нави геополитикӣ ва неоколоналистӣ аз дастгирии низомҳои демократияи миллӣ ором-ором даст кашида, мехоҳанд низоми давлатҳои миллиро бо режимҳои диниву конфесионалӣ иваз кунанд. Доираҳои ғарбиро ба чунин иқдомҳо чи қуввахое такон медиҳанд?

Сиёсат ин санъати имконот аст. Муттаасифона бояд эътироф намуд, ки ҳоло дар дунё бозиҳои нави геополитикӣ дар миён аст, дар байни андешаҳои бунёдгароӣ ва низоми навмустамликадории дунё дар асл ришташои ногусастанӣ вуҷуд доранд (мисоли чароғаки сабз додан ба исломгароёни Тоҷикистон дар оғози ҷанги шаҳрвандӣ, бо ташриф овардани Велихов ва Собчак ба назди майдондорони Душанбе), дастгирии дубораи аксари абарқудратҳо аз

ҳаракати Толибон барои ба қудрат расидан дар Афғонистон (15 авг.2021),бо шаклҳои гуногун, шояд ғайримустақим дастгирӣ кардани доираҳои сиёсӣ ва ҳарбии Ғарб аз ҳизби Таҳрир, Ал Қоида, ҳаракати ифротии дар аксари мамлакатҳо манъшудаи “Доиш” ва ғ.), вале маълум аст, ки ин иттиҳод албатта иттиҳоди тактикӣ аст, на стратегӣ ва на сиёсати дарозмуддат. Бояд тазаккур дод, ки доираҳои манфиатдори мамолики абарқудрати дунё барои ба даст овардани захоири нави табиӣ аз ифротгароён чун имконият ва фурсати мувофиқ барои барҳам задани низоми давлатдории миллӣ ва бунёди ниҳодҳои фаромиллӣ (трансмиллӣ) ва он ҳам танҳо дар марҳалаи аввал чун абзор истифода хоҳад шуд.

Чаро қабати муҳими чаҳонбинии динии мардумоне, ба мисли теъдоде аз тоҷикон, бунёдгароёна (яъне ба таври истисноӣ танҳо даъват ба ибрат гирифтан аз гузаштаи ибтидои исломӣ) ва паснигарона аст? Мо имрӯзҳо қабатҳои дигари ҳуввият, ҳувияти қавмиву милливу фарҳангиву таърихии ин халқу ин миллатро камтар дидан мехоҳем. Ин дар ҳолест ки фарҳанги дунявияти мо дар таърихамон решаҳои чукур дорад, он дар марҳалаҳои замони шӯравиву пешазисломии мо хеле барҷаста таҷруба шудааст. Таҷрибаи бардошти мо аз илму фалсафаи давраи сотсиализми шӯравиро як сӯ гузорем, ки бо вуҷуди фоҷиаҳои маълуми таърихӣ (коллективизатсия, кулаккунонӣ, террори сталинӣ) дар Осиёи Марказӣ ислоҳ ё модернизатсияи бузургро дар шуур, тарзи зиндагӣ ва хоҷагидорӣ ба вуҷуд оварданд. Аз ин ҳам гузашта, мо суннати илмиву ақлгароёнаи гузаштаи тоисломии худро ба қадри кофӣ эътироф намекунем, ки пешгузаштагони мо дар Балх аз муаллифони аввалин китоби муқаддаси осмонӣ – “Авасто” буданд, ки низоми инсонмеҳвариву дунёмадорӣ ва ҳатто ҷаҳонбинии тавҳиди (монотеизм)-ро аввалин бор ба ҷаҳониён пешкаш намудааст ва он объекти тақлиди фарҳангу динҳои дигар гардид. Ё декларатсияи ҳуқуқи Курушро гирем. Динҳои иброҳимӣ дар бунёди ваҳдоният маҳз аз дини зардуштия истифода бурдаанд. Мо имрӯз аз фарҳанги дунёшиносии митроистии худ, ки аз “Авасто” пештар буд, ёде намекунем. Муҳимтар аз ҳама, мо аз илму фалсафаи даврони исломӣ, аз фалсафаи табиат ва натурализми Муҳаммади Хоразмӣ, Абубакри Розӣ, Абунасри Форобиву Абурайҳони Беруниву Ибни Сино ва ё Умари Хайёму Носири Хусрав, ки табиатро “*Номаи илоҳӣ*” хонда омӯзиши онро ҳатмӣ шуморидааст, камтар сухан мегӯем ва даъват ба сабақ ва ибратгирӣ аз онҳо намекунем. Тамаддуни исломӣ фақат пайравии кӯркӯрона аз фарҳанги авомонаи мазҳабӣ нест.

Заминаҳои бузургтарин назарияҳои табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносиро дар осори гузаштагони бузурги худ пайдо карда метавонем, барои мисол назарияи ҳуқуқии тақсими қудратҳо дар назарияи давлати Ибни Сино аз рӯи аналогияи кори мағзу дилу гурда ва ғ. Конститутсияи Амрико ҳамин гуна назарияи тақсими қудратро аз Ҷ. Локк медонад. Ё назарияи кашфи қитъаи Амрико ва назарияи хуршедмеҳварӣ аз тарафи Берунӣ. Ин дар ҳолест ки тамоми мадрасахову уламои баъдина аз мадрасаҳои низомияи Бағдод сар карда то мадрасаҳои Бухорои давраи манғитҳо ва хатмкардаҳои онҳо - равшанфикроне ба мисли Абуҳомиди Ғазолӣ ва диг. мӯътазилиёну файласуфонро ба куфр ва тақлид аз илми юнонӣ мутаҳам мекарданд. Ҷавоб ин аст, ки мо ҳанӯз ҳам дар қайди ҳамон шиори модернистони исломии асри нӯздаҳу бистум қарор дорем: «*Ислом ба зоти худ надорад айбе, ҳар айб ки ҳаст, аз мусулмонии мост*» (М.Афғонӣ, М.Абдуҳ, М.Иқбол ва ғ.). Дар ҳоле, ки дунё дигар шудааст. Магар мубориза барои бунёди “*Дор-ул-ислом*” ва ҷанг бо “*Дор-ул-ҳарб*” ҳоло ҳам имкон дорад? Магар мешавад, ки бо пешниҳоди ифротиҳо яку ним миллиард мусулмон бо панҷуним млр. аҳолии рӯи Замин дар ҳоли ҷанг қарор бигирад?!Тамаддуни исломӣ, замоне, ки дар зери ҳуҷуми муғул ва тозиёнаи

системаҳои истеъморӣ қарор гирифт, роҳҳои иҷтиҳодро баст, тақлид ҷои илму ақлро гирифт. Бо ин сабаб ин тамаддуни аз равнақ бозмонд ва дар зери ҳаракати муқовимат қобилияти омӯзандагӣ аз таҷрубаи худӣ, сабақ гирифтан аз дигарон, омӯхтан аз воқеияту дунёро аз даст дод.

Суннати тақлид дар мадраса, ки илмҳои табиатшиносиро сарфи назар намуд, мағзҳоро хароб кард (Ҳофиз:*“Аз қилу қоли мадраса ҳоли дилам гирифт”*). Илмро аз худ дур андохтанд ва ба қавли муҳаққиқи исломи муосир М.Аркун, ба ҷои андешаи рушди ҳамаҷониба тактикаи дифоияро пеш гирифтанд, шуури илмӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ ба ба канор кашида шуд. Дар ҷаҳони ислом дини имонӣ табдил ба дини сиёсӣ шуд (яъне бо талқини он ки дар гирду атрофи ҳама куфр аст,мусулмонон роҳи ҳалли масъалаҳоро танҳо дар ҷиҳоди исломӣ медиданд!). Дар замони Аббосиён ташаббуси ислоҳи динро муътазилиён ба даст гирифтанд ва то ҷое муваффақ ҳам шуданд. Вале мактаби ханбалӣ исломро боз ба ҳамон ҷараёни суннатгароӣ ва тақлид баргардонид. Ҳуҷуми маргбори муғул ба ин раванд қувват бахшид. Мақоми ақлу илм дар ин давра хеле коста шуд. Дар давраи истеъморӣ, чанде баъд бо мусоидати бегонагон ва марказҳои фикрии ғарбӣ ба мусулмонҳо нақшаи роҳ ба шакли исломи ҷиҳодӣ “тақдим шуд”. Чун иқтисоди кишварҳои мусулмон ҳам дар ҳоли вобастагии сахти истеъморӣ қарор гирифт, мусулмонҳо аз тафаккури илмӣ берун ва дастнигари дигарон шуданд. Дар давраи нав аз фуруши нафту гоз вобаста гардиданд. Дар баробари дигар омилҳо фақру тангдастии мардуми авом заминаи таҳаввули манфӣ ва тафаккур ретроградӣ гардид. Масири ин ҳаракат, ба қавли Ибни Халдун, мақоли арабиро ба хотир меорад, ки “вақте фақр ҷоеро фаро мегирад, куфр мегӯяд, ки маро интизор шав”. Ба андешаи Ибн Халдун, диндорие, ки дар натиҷаи фақру тангдастӣ ба миён меояд, диндории хориҷ аз ихтиёри шахс аст, фақр инсонро аз масири дурусти фикрӣ хориҷ мекунад ва баъзе аз фақироне, ки таҳаммули ҳолати вазнини зиндагиро надоранд, барои ба даст овардани адолати иҷтимоӣ, ба роҳзанию ғорат даст мезананд. Ҳаракати “ДОИШ”(мамнӯъ дар Тоҷикистон) дар ҳамин самт равон аст.

Ҳоло бунёдгароён, дар ҷустуҷуи куфр дар дохили исломанд. Онҳо шумори калони тоҷикони порсигӯйро ҳам ба ҷиҳоди исломӣ бар зидди яҳудиён, масеҳиён ва ҷанги мазҳабӣ бо шиори мубориза бо “рофизиён” ба Эрону Афғонистони ҳамзабон роҳӣ мекунанд. Ин падидаи тафаккури ифротии тоҷиконро намояндагони қавмҳои дигар, одатан бегона, боз ҳам обуранг дода, аз ин тамоюли зиддиэронӣ лаззат мебаранд, ки тоҷикон ба мисли асрҳои миёна саҳифаи нави ҷанги мазҳабии байни шиа ва сунниро оғоз карданд[8]. Яъне ҳамзабонҳоро тақсим куну, ҳукм рон. Дар асл ин худкушии фарҳангӣ ва миллӣ аст. Вале вақтҳои охир бо ташкил кардани куштор дар яке аз калисоҳои католикии Истамбул ифротгароён саҳифаи нави ҷиҳоди исломиро барои худ боз карданд. Аз миёни иҷрокунандагони ин амал ду нафар тоҷик, яке шахрванди Руссия ва дигаре шаҳрванди кишвари мо буданд.

Ҷавонони ифротӣ соддалавҳона боварӣ доранд, ки гӯё бо ин роҳ ягонагӣ ва "*ваҳдати исломӣ*"-ро ба вуҷуд меоранд. Ин дарсҳо аз мадрасаҳои ҷиҳодии мамнӯъи Покистон, ба мисли мадрасаи Девбанд гирифта мешаванд. Онҳо бар зидди гуногунӣ дар ислом ва ҷомеаҳои мусулмоннишин баромада, пайравони адёну оинҳо ва мазҳабҳои дигар, аҳком ва боварҳои онҳоро ба чолиш мекашанд, мардумро бо зӯри силоҳ “ба биҳишт” мекашанд. Воқеан ин гуна мушкил мушкили тамоми бунёдгароён аст, чи яҳудӣ, чи масеҳӣ ва чи исломӣ. Ин тарзи тафаккурест, ки мустамликадорон дар мағзи мусулмонон (дар оғози бунёди давлати миллии арабӣ) ҷой намуданд, то онҳо бар зидди ягонагии воқеии мусулмонон, бар зидди системаҳои ба истилоҳ “худкома” ва “истибдодӣ” мубориза баранд, чун

ҳадафи аслии онҳо дигар аст – пайравӣ аз тақлид, аз байн бурдани андешаи ақлгароёни илмӣ, тафаккури рушди мустақили иҷтимоиву иқтисодиву технологӣ, истиқлоли миллӣ ва сиёсӣ дар кишварҳои мусулмонҳо. Истеъморгарон ба арабҳо андешаи бунёди давлатҳои миллӣ, ё хонадонӣ, ё нақшаи панарабии Саддомӣ дар Ироқ ва баъдан эҳёи хилофати панарабӣ ва ё сотсиализми исломиро (масалан дар Мисри даврaи Ҷамол Абдул Носир) пешниҳод намуданд. Нақшаҳои пинҳонии геостратегӣ дар пешанд. Баъди истифодаи абзорӣ аз ислом ва мусулмонон, истеъморгарон (империализм) бори дигар бо баҳонаи мубориза бо таассубу бунёдгароии динӣ, бо шиорҳои “пешрафту тараққиёт” ба ин минтақаҳо таҷовуз карда, ватанашонро тасхир ва захираҳои моддиву табии онҳоро аз худ мекунанд.

Мутаассифона, дар фарҳанги мардумони Осиё, чунончи Ед.Сайид қайд мекунад, тафаккури таҳлиливу интиқодӣ ба таври бояд шояд рушд накардааст, сухану амал аз ҳам фарқ мекунанд, аксаран на манфиати миллӣ, балки гурӯҳӣ пайгирӣ карда мешаванд. Мо гуё ба пеш рафтан мехоҳем, вале рӯю ду чашми биноямон ба гузашта нигаронида шудааст. Баръакс, ғарбиҳо ояндабинанд. Абзори мавриди истифодаи мо инзамонӣ ва инҷаҳонӣ аст, вале мафкураи мо онзамонӣ – асримиёнагӣ (онҷаҳонӣ) аст. Ҳоло ҳам бо категорияҳои замони гузашта ва ҳидояти бегонагон якдигарро ба “мусулмону кофир” ва “мӯъминону рофизиву қарматӣ” тақсим мекунем. Мо набояд ба мисли фоҷиаи солҳои навадуми ҷанги таҳмилӣ мардуми соддаро тақсим намоем ва дар заминаи бархурди мафкураҳо (коммунизм, демократия, ислом ва ҷанги маҳалҳо) ва бархурди геополитикии кишварҳои ғайр абзори пиёда сохтани нақшаҳои бегонагон шавем.

Гузашта майдони ибрат аст. В.В.Радлов, як стратег ва шарқшиноси немистабори Русияи таззорӣ дар охири асри нӯздаҳум ба императори Рус баъди тасарруфи ҳарбии кишварҳои осиёӣ омӯзаҳои зиёде оид ба ояндасозии Осиёи Марказӣ пешниҳод ва маслиҳати стратегӣ дод. Яке аз онҳо ин буд, ки дар Осиёи Марказӣ набояд ба тоҷикон такя кард, зеро онҳо миллати ашрофзода, шаҳрнишин, наҷибзода ва дар айни замон догматик ва бунёдгароёни исломианд. Баръакси ин, ба туркҳои саҳронишин бояд такя кард, ки фикри боз ва фарҳанги соддаву мардумиву бодиянишинӣ, вале созандаву умедкунанда доранд. Инҷост, ки онҳоро ба хости худ ба тарафи барои манфиати империя зарур равона кардан мумкин аст. Ин дар замоне буд, ки тоҷикону форсизабонони дигар дар шаҳрҳову аморатҳои Осиёи Марказӣ мақоми калидӣ доштанд.[6]. Магар ин тасмими давлати тазории Рус воқеъбинона, аз рӯи адолат ва дуруст буд? Магар ҳоло зарур аст, ки тоҷикон боз худро пуштибони ягонаи Ислом эълон бикунем? Ислом боқӣ мемонад. Бояд фарҳанги дунявият ва низоми мардумсолориву давлати дунявӣ ва арзишҳои илмиву ақлгароии худро аз сари нав таҷруба кунем, дар худ рушд диҳем ва маҳз ҳамин арзишҳоро ягона унсури *идеологияи миллӣ* шуморем? Ин арзишҳо дар замони ислом ҳам коргар буданд. Коре, ки Камол Отатурк дар Туркия ба фоидаи миллати худ анҷом дод. Дар он ҷо расонаҳои хусусӣ ва ҷомеаи маданӣ дар масъалаҳои доғ (масалан, масъалаи сарҳад) манфиати давлати миллии худро дастгирӣ мекунанд.

Тоҷикон ва бунёдгароӣ: таърихчаи он ва роҳи бурунрафт

Маҳз ба иллати бунёдгароӣ буд, ки тибқи маслиҳати В.В.Радлов баъди нуфузи пурраи ҳарбӣ пайдо кардани шоҳ-императори Рус ба Осиёи Марказӣ дар раванди тақсими дубораи қудрат ҳукумати тазорӣ мақоми тоҷиконро дар ин сарзамин ба сифр расонид. Дар солҳои минбаъда тоҷиконро бо ёрии ҷадидон ва пантуркистон, аз марказхои фарҳангиву саҳнаҳои сиёсӣ берун карда, аз шаҳрҳои муттамаддин (махсусан бо кӯмаки большевикон) ронданд. Тоҷикон

бештар ба кӯҳҳо-ин охирин паноҳгоҳи замининву инҷаҳонии онҳо, ронда шуданд. Аксари тоҷикони равшанфикри Бухоро (Ф.Хоҷаев, А.Муҳиддинов, С.Айнӣ) намехостанд, ки Бухоро мақоми марказии худро аз даст бидиҳад, онҳо бештар ба зодгоҳи худ содиқ монданд[2;3] ва то замоне манфиати миллатро сар доданд. Бо таъсири пантуркистон зодагони Бухоро, ба мисли форсизабон Файзулло Хоҷаев ва ҳамфикрони пантуркисти дигар, тибқи манфиати сиёсиву нафсонии худ ба ҷои Ҷумҳурии Халқии Бухоро давлати такқавмии Ҷумҳурии Узбекистон сохтанд, дар ҳоле ки дар қаламрави он қавмҳои мухталиф бо нуфузи бузурги тоҷикон зиндагӣ мекарданд. Онҳо забони форсии тоҷикӣ, забони расмиву миллии аморати Бухороро чун "*забони аморат*" аз муомилот берун намуданд. Аз рӯи маълумоти муаррих Камол Абдуллоев, зодагони Бухоро барои ташкили давлате бо номи Тоҷикистон бетараф, ё ҳатто хайрхоҳ набуданд (К.Абдуллоев, Радиои озодӣ). Тоҷикони Осиёи Марказӣ бар асари баъзе иллатҳо (масалан, бар асари бумӣ будан, ба мисли мардуми кучӣ динамик, сайёр ё қобили таҳрик набудан) бо ҳам муттаҳид набуданд, ба "ҷазираҳо" тақсим шуданд ва дар худ худшиносии ягонаи миллӣ рушд надодаанд.

Дар ин раванди марзбандии миллии Осиёи Миёна дар солҳои 20-ӯми асри бист бо вуҷуди иштироки назарраси бухориён дар он, аз миёни онҳо касе аз номи манфиатҳои мардуми тоҷик сухан нагуфт: на шахсиятҳои тоҷикзабони бухороӣ ва на ҷадидони форсизабони Самарқанде Фарғонаву Тирмиз худро чун тоҷик ба вакилии ин коммиссия пешбарӣ накарданд. Ҳатто тибқи андешаи баъзе аз муҳаққиқон, нависандаи маъруфи тоҷик, қабл аз зуҳури мухторияти тоҷикон дар ҳудуди Узбакистон дар соли 1924 аз корбурди истилоҳи тоҷикӣ дар баробари форсизабонони шаҳрнишин худдорӣ карда, ин номро танҳо ба тоҷикони кӯҳистонӣ истифода мекард. Ба шаҳодати О.Сухарева, бо вуҷуди тоҷикзабон будани аксарияти кулли сокинони Бухоро, танҳо тақрибан чоряки онҳо худро тоҷик муаррифӣ мекардаанд, бисёре аз онҳо бо тоҷикӣ сӯҳбат мекарданд, вале дар тоҷик будани миллаташон иқрор намешуданд [7.].Тоҷикони шаҳрнишин, азбаски шуури сирф шаҳриву тиҷҷорӣ доштанд, ҳуввияти худро бештар ба номи шаҳр-зодгоҳ (полис, бухориву самарқандиву фарғонӣ ва ғ.) муайян мекарданд ё худро ба мисли пештара "уммати мусулмон" шуморида аз доираи қавму миллат боло медонистанд.

Гузашта аз ин, давлати навташкили Ӯзбекистон (ки бештар бо ташаббуси ҳукумати марказии рус ва бухориёни тоҷик, вале туркшуда ташкил шуд) ҳам намехост, ки Бухоро аз қаламрави он берун равад. Танҳо бо пофишории абармардоне ба мисли Ш.Шоҳтемур, Чинор Имомов ва Нустратулло Махсум, ки ба ибораи К.Абдуллоев аз шумори равшанфикрони "деҳотӣ" буданд [1], ки тавонистанд, то чанд бахше аз қисматҳои тоҷикнишини Аморати пештараи Бухоро ва навоҳии Фарғона, бо мушкилии зиёд аз Узбекистон бароварда, дар заминаи он давлати тоҷикон ташкил шавад. Ба далели заифии шуури миллии мардумони шаҳрӣ баъзе нависандагон ва муҳаққиқони манфиатҷӯ ҳоло ҳам, то ҳозир мекӯшанд, ки ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Осиёи Миёнаи шӯравӣ дар солҳои бистӯмро ба зери суол баранд. Яке аз онҳо Адиб Халид, муаррих ва мардумшинос аз ИМА (1964), дигаре Ботагоз Касымбекова аз Казоқистон, сокини Олмон мебошанд.[3;7;]. Тавре ки маълум аст, аксари тоҷикон дар ибтидои асри XX барои ислом (Бухорои амирӣ, ҷадидизм, пантуркизм) ё болшевизм мубориза мебурданд, вале таҷрибаи бунёдгароии тоҷикон дар Осиёи Миёна бо фоҷиа тамом шуд.

Таҷрибаи бунёдгароии тоҷикон дар Афғонистон ҳам фоҷиабор буд. Умдатарин хатогиҳои фоҳиши сиёсиро дар заминаи бунёдгароӣ дар Афғонистон Ҳабибуллохан (бо тахаллуси "Бачаи Сақо", 1821-1929), ин муҷоҳиди тоҷиктабор содир кард, ки соли 1922 бо

даъвати Олимхон, амири гурезаи Бухоро ва дастгирии зархариди турк – лидери пантуркистон Анвар Пошо, ки бунёди хилофати бузурги Туркро дар дил дошт, барои озод намудани Бухоро бо фидоиёни Панҷшер ба Душанбе омада буд. Он вақт бо дастгирии Туркия босмачиён Душанберо пойтахти аморат эълон намуданд. Баъди мағлубият аз лашкари Сурх (ки тибқи назари Г.Шерматов бо истифода аз сармояи яҳудиёни Бухоро ба амал омад) ва баъди бозгашт ба Афғонистон ва муборизаҳои бардавоми сиёсӣ аз тариқи кудато Ҳабибуллохон ба муддати нӯҳ моҳ тахти аморати Афғонистонро ба даст гирифт ва дар сар ҳавои бо роҳи ҷанг барқарор намудани аморати Бухоро ва муттаҳҳид намудани тамоми мусулмонони Осиёи Марказиро дошт[2;3;]. Маълум аст, ки Руссия аз ин ҳарос дошт ва табиист, ки намегузошт то ин кор амалӣ шавад.

Ин корро Ҳабибуллохони Калаконӣ дар муқобили Амонуллохони паштунтабор, миллатдӯст, вале муслеҳ, тараққихоҳ ва ислоҳотпарвар мекард...Амир Амонуллохон он замон бо тақлид аз Аврупо (бо пешниҳоди Маҳмуд Тарзӣ 1867-1935, равшанфикри афғон) беҳтарин самараҳои тамаддуни чаҳониро барои мардуми мусулмони афғон ба беҳтарин вачҳ пешниход намуд. Сар карда аз системаи нави таҳсилот, мактабу маориф (*Лисаи Ҳабибия*, ки шоҳ Ҳабибуллохон бунёд карда буд)-донишгоҳҳо, шифохонаҳо, истешани барқӣ, роҳи оҳани камбар, истихроҷи захоири зери замин, ислоҳоти дигари иқтисодӣ ва ғ. Ҳанӯз дар ҳамон солҳои бистум ба Амонуллохон муяссар шуд, ки роҳи камбари оҳанро дар байни Кобул ва Деҳлӣ бунёд кунад…!). Беҳтарин фарзандони намоёни Афғонистон (аз сардор Муҳаммад Довудхон сар карда то Аҳмади Зоҳир, Абдулло Абдулло, Халилзод, Карзай, Ғанӣ ва диг.) парвардаи ҳамин мактаб буданд. Баъзе аз сиёсатмадорон аз доираи манфиатҳои қавм берун рафта натавонистанд.

Вале Ҳабибуллохони тоҷик дар пайравӣ аз бунёдгароёни динӣ бо шиори дини ислом ва ғазавот бар зидди Амонуллохон бархест ва нақшаи ислоҳот ё реформатсияи мамлакатро барбод дод. Агар чунин воқеа сурат намегирифт ва нақшаҳои амир Амонуллохон амалӣ мешуданд, ҳоло вазъи имрӯзаи худи Афғонистон ва мо, ҳамсояҳои он комилан дигар мебуд. Ҳоло ҳам қишри азиме аз ҷомеаи мо ба дунё бо фикри боз наменигаранд; ҳаргуна навовариҳои илмро ба мисли “*бидъат*” бо мушкилӣ кабул мекунанд.... Баъди инқилоби Савр ва вуруди лашкари шӯравӣ ба Афғонистон вазъият боз ҳам мушкилтар шуд. Гурӯҳҳои ифротии исломӣ аз тарафи доираҳои геостратегӣ ва дастгоҳҳои истихборотии Ғарб бо ҳамкорӣ бо доираҳои давлатҳои арабӣ ва мусулмонии Шарқ ҳамаҷониба дастгирӣ ва парвариш карда мешуданд. Аз ҷумла, се нафар муҷоҳиди афғон, - Аҳмадшоҳи Масъуд, Раббонӣ ва Ҳикматёр бо бурсияи онҳо дар Миср аз мактаби “*ихвониҳо*” сабақҳо мегирифтаанд. Чанде баъд онҳо ба муддати кӯтоҳ ҳукуматро гирифтанд. Вале ҳукумати муҷоҳидин дер напоид, ҷои онро барномаи дигари ҷиҳоди исломӣ бо номи таҳрики “Толибон”, ки бо маблағи ғарбиҳо ва шайхҳои араб боз ҳам дар мадрасаҳои ҷиҳодии Покистон поягузорӣ карда шудааст, гирифт. Вале баъди чанд вақт дар солҳои духазорум ғарбиҳо барои Афғонистон шитобкорона барномаи наве пиёда карда, ҳукумати демократии ғарбгароро бунёд карданд. Он ҳам дер напоид. Ба гумони ғолиб оромӣ ва пешрафт дар ин минтақа ба мақсади абарқудратҳо мувофиқ нест. Ин буд, ки ин ҳукумат ҳам муваффақ нашуд, баъди 20 сол ғарбиҳо ба такопу даромаданд ва бо сарварии Халилзод баъди ҷустуҷӯҳҳои бардавом дар зиндонҳои дунё ва кампҳои Покистон намояндагони зиндамондаи ҳаракати Толибонро пайдо карданд, ба онҳо дар ш.Доҳаи Қатар идораи расмӣ кушоданд. Ниҳоят дар моҳи августи с. 2021, баъди гуфтугузорҳои дурудароз онҳоро ба Кобул ба сари қудрат оварданд... Бори дигар собит мешавад, ки мантиқи абарқудратҳо барои дигарон қобили дарк нест!

Фарҳанг ва низоми дунявият. Дар фурсати аввал тибқи низоми дунявият набояд иҷоза дод, ки аз ҳар гуна дину имон, алалхусус, дини ислом ба ғаразҳои сиёсӣ истифода шавад! Воқеан хуб аст, ки ин нукта дар Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол сабт шудааст. Рушди давлати дунявӣ ва низоми дунявии мардумсолорӣ дар муқовимат бо бунёдгароии диниву ифротгароӣ аз вазифаҳои муҳими давлати миллӣ ба ҳисоб мераванд. Онҳо вазифаҳое мебошанд,ки дар Қонуни асосӣ (Конститутсия) пешниҳод шудаанд ва аз тарафи он дастгирии пурра меёбанд. Қабул гардидани Эъломияи Ваҳдати миллӣ (27.06.1997) заминаҳои ҳуқуқиву фарҳангии бунёди давлати миллии дунявӣ барои халқе бо фарҳанги мусулмонӣ фароҳам шуд.

Албатта дунявият дину расму оини диниро инкор намекунад, зеро дунявият маънои атеизмро надорад. Дунявият ва давлати дунявӣ динро кори виҷдонӣ ва шахсии шаҳрвандон мешуморад. Дар давлати дунявӣ ягон мафкураи ҳоким вуҷуд надорад, ҳама мардум дар эътиқод ва баёни андеша ҳуқуқи баробар доранд. Вале касе наметавонад, ки андеша ва эътиқоди худро ба дигаре бор бикунад. Ин нуктаҳо дар қонуни асосии Тоҷикистон сабт шудааст.

Миллати тоҷик мусулмон аст, аз ин ҷост, ки фарҳанги ҳазорсолаи исломро азиз медорад. Вале, чунонки дар сураи "*ал-Бақара*" омадааст, ки «*Ля икраха фи-д-дин*», яъне дар дин зӯрӣ нест ва диндорон набояд тарзу равиши диндории худро ба дигарон бор бикунанд. Ҳамин мазмун дар "Оят ул курсӣ" низ такрор мешавад. [5]. Махсусан дар ҳоле, ки дунё дигар мешавад.Барои густариши ин гуна фарҳанги мардумсолорӣ, албатта иродаи давлати миллӣ (яъне иродаи тамоми миллат) барои рушди зеҳнӣ ва сармояи инсонӣ зарур аст. Ҳукми вақт бебозгашт аст, ҳама чиз вақту соат дорад, то ин ки кор аз кор нагузарад. Вақт метавонад дар сурати будан ё набудани ирода миллатеро сарфароз ва ё баръакс сархам намояд. Ба мисле ки шоир мегӯяд:

Худо он миллатеро сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.
Ба он миллат сару коре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

Адабиёт

1. Абдуллаев Камолудин Нажмудинович. От Синьцзяня до Хорасана. Душанбе «Ирфон», 2009;
2. Абдуллаев Камолудин. История в лицах. Бачаи Сако - удалец из Хорасана (Часть I). 24.11.2007 https://www.fergananews.com/articles/5488
3. Адиб Халид. Making Uzbekistan. Nation, Empire, and Revolution in the Early USSR. Cornell University Press. Ithaca, New York. 2015.
4. Амир Амонуллохон.http://www.ng.ru/vision/2019-08-19/100_135519082019.html
5. Қуръон. Аят аль-Курси (255-257), https://pesni.guru).
6. Радлов В.В. Население Средней Азии: тюрки и таджики. Зеравшанская долина. Записки. https://anthropology-ru.livejournal.com/677553.html
7. Создание Таджикистана. https://mytashkent.uz/2017/07/13/sozdanie-tadzhikistana-kak-eto-bylo-n-mingbaev/
8. Uran Botobekov. Unveiling the Motivation: Tajik ISKP's Calculated Strikes on Iran. The Gaza war has opened an unprecedented chapter in the bitter Shia-Sunni sectarian struggle. The Diplomat, January 25, 24. https://thediplomat.com/2024/01/unveiling-the-motivations-tajik-iskps-calculated-strikes-on-iran/

ПУТИ УКРЕПЛЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА И СВЕТСКОГО ГОСУДАРСТВА

Джонбобоев С.

После распада советской системы молодые постсоветские государства начали искать пути своего независимого развития. Уже на начальном этапе новой истории они выбрали демократический и светский путь социально-экономического развития. Но вскоре, с вмешательством сверхдержав, в политическом прост-

ранстве появились религиозно-политические течения, особенно фундаментализм, который теперь стал одной из острых проблем развития постсоветских обществ после обретения национальной независимости. В Таджикистане вмешательство исламистов и остатков "афганцев», выведенных из Афганистана советской армии в политику столкнулось со сложным идеологическим конфликтом и привело к началу гражданской войны. После установления мира между враждующими сторонами (1997 г.) в обществе наступило относительное спокойствие и во всех сферах жизни были реализованы программы развития. Однако после появления таких экстремистских организаций, как ИГИЛ (запрещено в Таджикистане), начала войны в Сирии и Ираке, и особенно с крахом республиканской системы и выводом американских войск из Афганистана, тенденция экстремизма в регионе активизировалась, что привело к участию таджикской молодежи в террористической деятельности. Где выход из этой ситуации? В данной статье мы стараемся обсудить эти вопросы.

***Ключевые слова**: светская система, демократия, фундаментализм, религиозный радикализм, молодёжь.*

WAYS TO STRENGTHEN NATIONAL UNITY AND SECULAR STATE

Jonboboev S.

After the collapse of the Soviet system, young post-Soviet states began to look for ways of their independent development. Already at the first stage of modern history, they chose the democratic and secular path of socio-economic development. But soon, with the intervention of superpowers, religious and political movements appeared in the political space, especially fundamentalism, which has now become one of the acute problems in the development of post-Soviet societies after gaining national independence. In Tajikistan, Islamist intervention in politics with involvement of "afghan" warlords encountered a complex ideological conflict and led to the outbreak of civil war. After the establishment of peace between the warring parties (1997), there was relative calm in society and development programs were implemented in all spheres of life. However, after the emergence of extremist organizations such as ISIS (banned in Tajikistan), the outbreak of war in Syria and Iraq, and especially with the collapse of the republican system and the withdrawal of American troops from Afghanistan, the trend of extremism in the region intensified, which led to the participation of Tajik youth in terrorist activities. Where is the way out of this situation? In this paper we try to discuss and to answer this question.

***Key words**: secular system, democracy, fundamentalism, religious radicalism, youth.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

АҲАМИЯТИ РУШДИ ДОНИШҲОИ СИЁСИИ ШАҲРВАНДОН ДАР ҶОМЕАИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

Зокиров Г.Н.,
д.и.с., профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
Саидзода Ш.Ш.,
н.и.с., дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон; E-mail: shuhratst@mail.ru
Тел.: (+992) 93 9388866

Дар мақола масъалаи ташаккулу инкишофи дониш̧ои сиёсии шаҳрвандон дар шароити системаи сиёсии демократии Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Ҷиҳати дуруст мавриди омӯзиш карор додани мавзуъ андешаҳои олимон доир ба масъалаҳои алоқамандии инсон ва сиёсат, нақши инсон дар ҳаёти сиёсӣ, нақши дониши сиёсии шаҳрвандон дар рушди системаи сиёсии демократӣ ва иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсии ҷомеа таҳлил карда шудааст. Ҳамчунин, барои дуруст таҳлил намудани мавзуъ натиҷаи пурсишнома ва мусоҳиба, ки бо мутахассисони соҳаи ҷомеашиносӣ гузаронида шудааст, истифода гардидааст. Муаллифон сатҳи баланди маърифати сиёсии шаҳрвандонро дар раванди рушди системаи сиёсии демократӣ дар Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳим арзёбӣ намудаанд. Далелҳои асосии соҳиби дониши баланди сиёсӣ будани шаҳрвандон дар шароити ҷомеаи муосир нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: *сиёсат, шаҳрвандон, дониши сиёсӣ, ҳаёти сиёсии ҷомеа, системаи сиёсии демократӣ, давлат, Тоҷикистон.*

Сиёсат ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар баробари соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа, дар рушди ҳар ҷомеа ва давлат нақши назаррас мегузорад. Рушди ҳаёти ҷомеаро бе сиёсат тасаввур кардан номумкин аст. Сиёсат бо раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ пайванди қавӣ ва бевосита дорад. Дар баробари ин, дигаргуниҳои ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ба инкишофи сиёсат ва низоми тағйирпазирии он таъсири муассир гузоштааст.

Доир ба сиёсат, моҳият ва хусусиятҳои асосии он ҳанӯз муҳаққиқони замони қадим ҳам дар кишварҳои Шарқ ва ҳам дар кишварҳои Ғарб андешаҳои мухталиф иброз намудаанд. Дар байни онҳо мақоми арзанда ва афзалиятҳои гуногуну пайвастаро Арасту соҳиб гардидааст. Ӯ яке аз аввалин мутафаккирест, ки ба таври мақсаднок нисбати дарки амиқи падида дар доираи муносибати моҳиятӣ амалҳои шоистаро ба кор бурдааст ва дар фаҳми классикии сиёсат мақоми махсусеро касб намудааст. Аз нигоҳи Арасту сиёсат воситаи муҳимтарини таъмини хайрияти умум аст. Мафҳуми «хайрият» дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба маънои хубӣ, некӣ; салоҳ ва офият омадааст [10, 419]. Яъне сиёсат дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ падидаест, ки тавассути он ҷомеа ба некӣ, хубӣ, салоҳу офият ва ниҳоят он барои ба саодат расидани одамон мусоидат менамояд. Чунин гузориши масъала хоси ҷомеаи мутамаддини Юнони бостон буд. Вале дар минтақаҳои дигари олам, пеш аз ҳама, дар кишварҳои Шарқи мусулмонӣ бештар сиёсатро ба маънои зӯриву

маҷбурнамоӣ истифода намудаанд. Чунин фаҳмиш ифодакунандаи вазъи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва мақоми оммаи мардум дар ҳаёти ҷамъиятиро ифода менамояд. Дар ин маврид, дар китоби Г.Н. Зокиров чунин қайд гардидааст: «Мардум, ки асрҳои аср дар зери муносибатҳои «ҳукмронию тобеъ», «итоатнамоӣ» умр ба сар мебурданд, имконияти рӯ ба сиёсат оварданро надоштанд. Психологияи мардум низ чунин буд. Ба сиёсат олуда гаштанро раво намедонистанд. Онро кори ҳокимон меҳисобиданд» [3, 9]. Ҳукмрон будани фаҳмиши қаблии сиёсат дар низоми сиёсии демократӣ чандон қобили қабул нест, зеро ки ҳар як шаҳрванд бо роҳи ширкати бавосита ва бевоситаи хеш дар ҳаёти сиёсӣ тақдири ояндаи ҷомеаро муайян менамояд ва дар баробари ин, нисбати қарорҳои қабул намудаи хеш масъул низ мебошанд.

Дар воқеъ, агар дуруст назар намоем, тарзи муносибати инсон нисбат ба ҳар як ашёву падидаҳои иҷтимоӣ аз рӯи тарзи фаҳмиш ва чигунагии истифодаи он дар ҳаёти рӯзмарра сурат мегирад. Воқеан ҳам тарзи муносибати мо бо дониш, сиёсат, сарват, давлату ҳокимият ва ҳар чизи дигар аз он вобаста мебошад, ки мо чӣ гуна ин падидаҳоро мефаҳмем ва онҳо кадом нақшро дар ҳаётамон иҷро менамоянд. Пас, дарки дурусти моҳияти ҳар як падидаву ашёҳо, аз ҷумла, сиёсат ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ барои дуруст корбаст шудани он муҳим мебошад.

Арасту дар асараш «Сиёсат» доир ба алоқамандии инсон бо сиёсат андешаронӣ карда, зикр менамояд, ки: «…давлат ба оне, ки аз рӯи табиаташ зиндагӣ менамояд, тааллуқ дорад ва инсон табиатан мавҷудоти сиёсӣ мебошад. Ва нафаре, ки аз рӯи табиати хеш, на аз рӯи вазъияти тасодуфӣ берун аз давлат зиндагӣ менамояд, ӯ аз ҷиҳати ахлоқӣ рушднаёфта аст ва ё фавқулинсон мебошад» [1, 9]. Аз нигоҳи Арасту шахсе, ки берун аз қонун ва ҳуқуқ зиндагӣ менамояд, аз ҳама бадтарин мавҷудот аст.

Аз назари муҳаққиқ А.Раҳнамо “инсон дар меҳвари сиёсат қарор дорад, агар инсон набошад, на сиёсат ва на давлат маъно ва аҳамият надоранд” [8, 26]. Пас, аз ҷониби мардум дарки амиқи сиёсат, давлат ва муносибати дуруст намудан бо ин падидаҳои иҷтимоӣ бисёр муҳим ба ҳисоб меравад. Махсусан, дар ҷомеаи демократӣ, ки халқ ҳамчун сарчашмаи ҳокимият унвон дорад, ҳар чӣ қадар сатҳи огоҳӣ ва маърифати сиёсии шаҳрвандон баланд бошад, ҳамон андоза моҳияти рушди давлат амиқ дарк карда мешавад. Дар ҷомеаҳои анъанавӣ мардум, асосан аз рӯи муносибатҳои дар ҷомеа маъмулбуда рафтор менамоянд ва одатан сатҳи маърифати сиёсии одамон поён буда, ҳодисаву равандҳои сиёсӣ тавассути иродаи роҳбарон ва умумиятҳо ва гурӯҳи бисёр хурди ҷомеа пеш мерафт. Дар чунин низом давлат зарурати баланд бардоштани маърифати сиёсии мардумро ҳатто зарур намедонад ва доираи хеле андак, хосатан аҳли дарбор нисбатан дараҷаи баланди огоҳии сиёсӣ доштанд ва барои баланд бардоштани дониши сиёсӣ ва худогоҳии мардум дар ҷомеа ягон институти махсус ва низоми таъсиррасон амал намекард. Чунин муҳити ҷомеа дар давраҳои пеш ҳолати маъмулӣ ҳисобида шуда, тағйироти назаррас дар тарзу усули муносибатҳои сиёсӣ ва идоракунии сиёсӣ, танҳо дар ҳолати таъсири қувваҳои беруна, яъне дар ҳолати ҷангу табаддулотҳои ҳарбӣ ба миён меомад.

Пас, маълум мегардад, ки ҳар чӣ қадар одамон аз маърифати баланди сиёсӣ бурхӯрдор бошанд ва дар ҷомеа арзишҳои демократӣ эътироф ва эҳтиром карда шавад, ба сиёсату идораи давлатӣ ширкати фаъолтар менамоянд ва имконияти бештари ба равандҳои сиёсии ҷомеа таъсир намуданро пайдо мекунанд. Аммо, то кадом андоза ҳавасманд будани давлат нисбати баланд бардоштани маърифати сиёсии шаҳрвандон аз шароити таърихӣ ва низоми сиёсии он вобаста мебошад. Лекин системаи сиёсии демократӣ табиатан иштироки мардум ба сиёсатро тақозо менамояд. Чи тавре ки

муҳаққиқ Э.Ф. Юсупова зикр менамояд: “Вазифаи системаи сиёсии ҷомеа ба таври максималӣ ошно намудани аҳолӣ ба иштироки сиёсӣ мебошад, зеро танҳо дар ҳамин ҳолат дастгирии огоҳонаи сиёсати давлат имконпазир аст” [13, 321].

Паст будани сатҳи дониши сиёсӣ ва фаъолнокии сиёсӣ, инчунин мавҷуд набудани механизмҳои муассири ҳавасмандсозии шаҳрвандон барои иштирок дар корҳои давлатӣ метавонад шахсро аз равандҳои сиёсӣ дар канор нигоҳ дошта, майлу рағбати ӯро нисбати иштирок дар сиёсат коҳиш диҳад. Ба канор рафтан ва ё наздик шудани мардум ба ҳаёти сиёсии ҷомеа аз хусусиятҳои рушди системаи сиёсӣ вобаста мебошад. «Мардум аслан на аз сиёсат, балки аз системаи мавҷудаи сиёсӣ худро бегона ва дур ҳис мекунанд. Ин система ба шаҳрвандон на ҳамчун субъектҳои масъули амалиёти сиёсӣ, балки чун истеъмолкунандагони ғайрифаъол муносибат дорад» [2, 237]. Набудани шароит барои иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа эҳтимолияти рақобати сиёсии миёни ҳизбҳои сиёсиро ғайриимкон гардонида, оммаи мардумро аз сиёсат ва корҳои давлатӣ дур месозад. Мутобиқи санадҳои байналмилалӣ ба шаҳрвандон аз ҷиҳати ҳуқуқ имкон медиҳад, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва дар идораи давлатӣ бевосита ва ё бо воситаи вакилон ширкат намоянд.

Иштироки сиёсии шаҳрванд дар идоракунии давлат дар низомҳои демократӣ дар шаклҳои зерин сурат мегирад:

- ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан дар мақомоти намояндагии давлат бевосита ва ё бо воситаи намояндагон худ;
- ҳуқуқи муттаҳид шудан дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, дар ҳизбҳои сиёсӣ;
- ҳуқуқи гузаронидани митинг, гирдиҳамоӣ ва ҷамъомадҳо;
- ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти объективӣ тавассути воситаҳои ахбори оммаи озод;
- ҳуқуқи мурочиат намудан ба мақомотҳои давлатӣ ва ғайра [7].

Ҳамзамон Людвиг Фейербах таъкид менамояд, ки: “Зиндагии шоиста дар шароити одӣ, табиӣ, берун аз қонуният ва шароити давлатдорӣ, яъне ҷое, ки аъзои ҷамъият дар назди тартиботи қонунӣ эҳсоси масъулият намекунад, номумкин аст, зеро дар он ҷо фазои душмании байниякдигарӣ ба вуҷуд меояд. Ҷомеа дар шароити «ҷангҳои ҳамагонӣ» қарор мегирад. Ва мардумон бо бадбахтиҳо рӯ ба рӯ мегарданд” [11, 153]. Аз ин нигоҳ, дар доираи тартиботи муайян пеш рафтани ҳаёти шаҳрвандон ва риоя гардадини қонунҳо аз тарафи онҳо ҳамчун нишонаи иштироки аҳолӣ дар сиёсат буда метавонад. Танҳо дар шароити муносибати ратсионалии шаҳрвандон ба сиёсат на танҳо суботи сиёсӣ ҳифз мегардад, ҳамчунин он ба пешрафти соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мусоидат менамояд.

Ба андешаи пажӯҳишгарон яке аз воситаи таъсиррасонии шаҳрвандон ба сиёсат ва равандҳои сиёсӣ бо роҳи аъзо гардидан ба ҳизбҳои сиёсӣ сурат мегирад. Шаҳрванд бо роҳи аъзо гардидан ба ҳизби сиёсӣ ва иштирок намудан дар интихобот ба ҳаёти сиёсии ҷомеа таъсири муайян мерасонад. Чуноне ки А.Муҳаммад зикр намудааст: «Инсон дар фаъолияти сиёсии худ метавонад, ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири амиқ расонида, онҳоро мувофиқи ҳадафҳои худ идора намояд. Аз ин рӯ, сохтори сиёсии ҷомеа ва тасвири олам бевосита ба инсон ва аз инсон вобастагӣ дорад» [4, 27]. Таъсири шаҳрвандон ба сиёсат дар баробари иштирок намудан дар интихобот боз бо роҳҳои гуногун сурат мегирад. Бо мақсади муайян намудани назару фаҳмиши шаҳрвандон ба ин масъала дар рафти тадқиқоти сотсиологӣ чунин саволе ба миён гузошта шуд: «Иштироки шаҳрвандонро дар сиёсат ба ғайр аз давраи интихобот боз дар кадом мавридҳо мушоҳида намудан мумкин аст?» Аз рӯи ин савол чунин ҷавобҳо ба даст оварда шуданд: «Баёни андеша

нисбати сиёсат» – 41,9%; «Иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ» – 76,7%; «Хизмат дар Қуввахои мусаллаҳ» – 35,8%.

Чи тавре ки маълум аст, нақши инсон, ҳамчун офаранда ва субъекти сиёсат дар ҳаёти ҷомеа ва давлат бисёр назаррас мебошад. Ҳамагуна дигаргуниҳо ва тағйироти иҷтимоиву сиёсӣ маҳз зери таъсири иродаи шахс ва гурӯҳи муайяни шаҳрвандон, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ, махсусан сарварони сиёсӣ ва элитаи сиёсӣ, ки дар аксар маврид зери таъсири иродаи онҳо қарор дорад, ба вуҷуд меояд.

Дар ҷомеаи демократӣ, ки меъёру доираи муносибати байни ҳокимият ва шаҳрвандон ва байни дигар субъектонро қонун муайян менамояд, сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва риояи қонунҳои дар ҷомеа амалкунанда бисёр зарур мебошад. Рушди соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат замоне имконпазир мегардад, ки шаҳрвандон қонунҳои дар як кишвар қабулшударо донанд ва риоя намоянд. Дар воқеъ, ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ва пешрафтаро танҳо шаҳрвандони фаъол ва дорои маърифати баланди сиёсиву иқтисодӣ бунёд карда метавонанд. Вобаста ба ин ба андешаи бархе аз олимон яке аз вазифаҳои муҳимми давлат ва ҷомеа тарбия кардани шаҳрвандон мебошад [12, 49].

Давлат дар асоси қабул намудани барномаву консепсияҳои мушаххас ва бо таҳия намудани барномаи махсус ба тарбияи сиёсии шаҳрвандон нақши назаррас мебозад. Муҳайё намудани шароити мусоид барои инкишофи фаъолнокии шаҳрвандон иштироки аҳолиро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа асоснок менамояд, зеро маҳз аҳолии фаъол қодир аст, ба рафти ҷараёнҳои сиёсӣ, хусусан ислоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа, ки дар давраи гузариш ба миён меояд, таъсир расонад [9, 82].

Дар давлати демократӣ ташаккули инсони дорои маърифати баланди сиёсиву ҳуқуқӣ ва шаҳрвандоне, ки низому тартиботи сиёсии ҷомеаро пазируфта бошанд, вазифаи муҳимми давлат ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи Арасту беҳтарин қонунҳое, ки ҳама давлатмардон ба як овоз қабул кардаанд, агар шаҳрвандон тартибу низоми давлатдориро наомӯзанд ва дар рӯҳияи чунин давлатдорӣ тарбия наёбанд, ягон фоида надорад [14, 58]. Пас, баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон вазифаи муҳими давлат ба ҳисоб рафта, коркарди механизми дурусти тарбияи сиёсии шаҳрвандон дар зинаҳои таҳсилот ба ин раванд мусоидат менамояд. Ба таври дигар, давлат дар ҳамон ҳолат бо суръати баланд рушд мекунад, ки дар пешрафти он ҳарчи бештар нерӯи шаҳрвандон истифода гардад. Вақте сатҳи маърифати шаҳрвандон паст бошад ва масъалаҳои сиёсӣ аз ҷониби шаҳрвандон ҳаматарафа ва дуруст дарк нагарданд, он гоҳ фаҳми нокомили масъалаҳо боиси ба фиреби сиёсӣ афтодани онҳо имконпазир мегардад. Гузашта аз ин, баланд будани сатҳи маърифати шаҳрвандон ба пешрафти ҷомеаи демократӣ таъсири мусбат расонида, садди роҳи ба вуҷуд омадани низоъ дар ҷомеа низ мегардад. Дар яке аз манобеи созмони байналмилалии ЮНЕСКО омадааст, ки мутобиқи маълумотҳои сад кишвари ҷаҳон, ки дар панҷоҳ соли охир ҷамъоварӣ гардидааст, асосан низоъ дар давлатҳои аз ҷиҳати маориф ақибмонда хос мебошад”[6].

Ташаккули дониши сиёсии шаҳрвандон, ҳамчунин табдил додани онҳо ба шаҳрванди соҳибмаърифат ва иштирокчии фаъоли равандҳои сиёсӣ имкон медиҳад, ки шаҳрвандон аз рӯи донишу таҷриба ва манфиатҳои шахсӣ ва мақоми аъзогиашон дар ҳизби сиёсӣ ба сиёсат бештар пайваста, ба ҳаёти сиёсии ҷомеа фаъолона ширкат намоянд. Ҳадафи дарки дурусти сиёсат низ маҳз дар ҳамин маъно ифода меёбад, ки шаҳрвандон падидаи мазкурро дуруст дарк намуда, дар роҳи расидан ба мақсадҳои хеш ва рушди ҷомеа талош намоянд. Сиёсатмадорон, ки тақдири миллату давлат аз онҳо вобастагии зиёд дорад, иқтидору имконияти давлатро пурра ба

нафъи ҷомеа истифода намоянд. Дар воқеъ маҳз чунин сарварон рисолати аслии хешро иҷро намуда, ҷомеаро ба самти рушди босубот сафарбар месозанд, зеро онҳо хуб дарк намудаанд, ки бойигарии асосии давлат шаҳрвандони босавод буда, иқтидору ояндаи кишвар аз онҳо вобастагии зиёд дорад. Дар асл ҳам чунин аст, ки маҳз давлатро шаҳрвандони босаводу мутахассисони соҳибкасб ободу пешрафта менамоянд.

Муҳаққиқон ба масъалаи он, ки дар ҷомеаи демократии Тоҷикистон соҳиби дониши сиёсӣ будани шаҳрвандон то кучо муҳим аст, ҳангоми мусоҳиба (Мусоҳиба бо чанде аз муҳаққиқони илмҳои ҷомеашиносӣ бо мақсади баррасии масъалаи мухталифи сиёсӣ, аз ҷумла, масъалаи мазкур гузаронида шудааст) [5] ақидаҳои гуногун баён намудаанд. Сиёсатшинос Х. Қуддусӣ чунин андеша дорад, ки барои риоя шудани меъёрҳои демократӣ, рушди ниҳодҳои демократӣ ва ташаккули системаи сиёсии демократӣ, шаҳрвандони мамлакат бояд дониши баланди сиёсӣ дошта бошанд. Ҷомеаи демократӣ ба монанди биное мебошад, ки хиштҳои онро шаҳрвандони дорои маданияти сиёсии демократӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, рушди ҷомеаи демократӣ ва гузариш ба марҳилаҳои навбатии он аз он вобастааст, ки шаҳрвандон чи қадар дониши сиёсӣ доранд. Ҷомеаи демократӣ низ ҷомеаи сиёсӣ аст. Донишҳои сиёсӣ барои онҳое, ки мансабҳои гуногуни давлатиро ишғол намудаанд, хеле муҳим мебошад. Зеро тақдири ояндаи давлату миллат аз қарорҳои сиёсии қабулшуда ва ояндабинии сиёсию стратегӣ вобаста аст. Дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ ва пешрафти бесобиқа дар ҷаҳони муосир – сиёсатшинос Ш. Ризоён соҳиби донишҳои сиёсӣ будanро аз шартҳои муҳими инсони босавод меҳисобад. Ба андешаи ӯ агар инсон саводи сиёсӣ надошта бошад, пас “бесавод” аст. Саводи сиёсӣ надошта бошад, пас эҳтимоли суистифода шудани ӯ аз ҷониби гурӯҳҳои гуногун, аз он ҷумла ғайриқонунӣ бештар мешавад. Мақоми худро дар ҷомеа ёфта наметавонад ва эҳтимол ба партови иҷтимоӣ мубаддал мешавад. Ба ақидаи муҳаққиқ И. Ҳамидиён соҳиби дониши сиёсӣ будани шаҳрвандон дар шароити муосир тақозои замон аст. Ҳар касе мехоҳад дар идоракунии давлатӣ ширкат намояд, бояд дониши сиёсӣ дошта бошад ва онро мутобиқи талаби замон тақвият бахшад. Муҳаққиқ Д. Аҳмадзода ба он назар аст, ки дар ҷомеаи демократӣ соҳиби дониши сиёсӣ будан дар нигаҳдошти пояҳои ҳокимияти конститутсионӣ ва манфиатҳои миллӣ замина мегузорад. Доштани дониши сиёсӣ дар шароити системаи демократии ҷомеа на танҳо аз ҷониби сиёсатмадорон, мансабдорони давлатӣ, ходимони ҷамъиятӣ ва дигар гурӯҳҳои марбута дар низоми идоракунии давлатӣ афзал шуморида мешавад, балки марҳилаи ҷаҳонишавӣ, тазодҳои замони муосир ва рушди босуръати техникаву технология талаб менамояд, ки ҳар як нафари соҳибақли ҷомеа имрӯз бояд мусаллаҳ бо донишҳои сиёсӣ бошад. Аз нигоҳи Ф. Ҳодибоев дониши сиёсӣ дар баробари дигар намуди донишҳо ба монанди донишҳои техникӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва ғайра барои шаҳрвандон муҳим аст. Зеро бо доштани донишҳои сиёсӣ инсон ба иштибоҳот, ғалатҳои сиёсӣ роҳ намедиҳад ва ҳамзамон бо падидаҳои манфии ҷомеа бо тафаккури баланди сиёсӣ мубориза бурда метавонад.

Профессор Ш. Каримов дониши сиёсӣ доштани шаҳрвандонро ниҳоят муҳим меҳисобад, чун як ҷомеа дараҷаи баланди маърифати шаҳрвандонро тақозо мекунад, ки ҳатман ба донишҳои сиёсӣ асос ёфтааст. Ба андешаи муҳаққиқ И. Ҳошимов бо назардошти системаи демократӣ доштани кишвар, ки он идоракунии халқро ифода мекунад, шаҳрванди ин ҷомеа бояд бо ҳамаи донишҳо, аз ҷумла, бо дониши сиёсӣ низ бояд “мусаллаҳ” бошад. Профессор З. Мухторов ба масъалаи дониши сиёсии шаҳрвандон аз нигоҳи ҳуқуқи шахс назар

намуда, зикр менамояд, ки ҳар як шаҳрванд барои донистани иттилооти зарурии марбут ба ҳаёти сиёсиву фарҳангӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ ҳуқуқ дорад. Аз тарафи дигар шаҳрвандоне, ки соҳиби ҳама гуна донишҳои пешрафтаи замон ва аз ҷумла донишҳои сиёсӣ низ бошанд, дар қабули қарорҳое, ки аз тарафи аҳли ҷомеа ва ё ҷамоаҳои ҷудогона пеш бурда мешавад, фаъолона ва бамаврид ширкат меварзанд.

Ҳар як шаҳрванд аз сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумати мамлакат огоҳ ва ақалан тасаввуроту маълумот дошта бошад, зикр менамояд муҳаққиқ А. Шарифзода. Огоҳӣ аз сиёсат ин дониш, фаросат, тафаккур, ирода, андеша ва ифтихори миллӣ доштан аст. Ҳар чи қадар дониши сиёсии мардум баланд бошад, вазъи сиёсии ҷаҳонро муқоиса карда метавонад, бовариву эътимодаш ба давлату миллат афзун мегардад ва он барои сарҷамъиву муттаҳидӣ оварда мерасонад. Ба ақидаи сиёсатшинос Н. Ҳошимова бунёди ҷомеаи демократӣ заминаи муайяни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ талаб менамояд. Пеш аз ҳама, маданият ва шуури баланди сиёсӣ боиси муайян намудани мавқеи сиёсӣ ва иштироки бошууронаи шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсӣ таъмин менамояд. Ба фикри ӯ донишҳои сиёсӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳанд, ки ба лухтакчаи баъзе бозингарони сиёсат табдил наёбанд ва ба равандҳои сиёсӣ баҳои дуруст дода тавонанд. Муҳаққиқ Ф. Ҳодибоев низ ҳамин ақидаро ҷонибдорӣ менамояд, яъне бо доштани донишҳои сиёсӣ инсон ба иштибоҳот, ғалатҳои сиёсӣ роҳ намедиҳад ва ҳамзамон бо падидаҳои манфии ҷомеа бо тафаккури баланди сиёсӣ мубориза бурда метавонад.

Дар умум соҳиби донишҳои сиёсӣ будани шаҳрвандонро ҳамаи муҳаққиқон муҳим ҳисобида, онро бо чанд далел зарур медонанд: якум, ҳамчун шарти зистан дар ҷомеаи демократӣ; дувум, барои иштирок дар корҳои сиёсӣ; сеюм, барои наафтодан ба доми фиреби сиёсии ҳизбу созмонҳои ифротӣ; чорум, дарки дурусти сиёсат ва раванди сиёсӣ ва муайян намудани мавқеи хеш дар ҷомеа.

Ҳамин тавр, дар ҷомеаи демократӣ дониши сиёсӣ барои ҳар шаҳрванд баробари дигар навъи дониш зарур буда, он ба рушди ҳаёти ҷомеа ва давлат бисёр муҳим ба шумор меравад. Муносибати дурусти ҳар шаҳрванд ба сиёсат, дарки амиқи моҳияти он ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба нафъи ҷомеа ва давлат буда, он маҳз дар сурати дуруст фаъолият намудани ниҳодҳои сотсиаликунонии сиёсӣ имконпазир мегардад. Дар навбати худ, самаранокии сотсиаликунонии сиёсӣ ба рушди фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, гуногунандешии сиёсӣ, умуман низоми сиёсии демократӣ, таҳкими истиқлолият ва суботи сиёсӣ мусоидат намуда, ба сатҳи иштироки шаҳрвандон дар рушди ҷомеа таъсири назаррас мегузорад.

АДАБИЁТ

1. Аристотель. Политика [Текст] / Аристотель. – Пер. с. др.-гр. С.А. Жебелева. – СПб.: Азбука, 2018. – 352 с.

2. Девид М. Сиёсат барои мардум [Матн] / М. Девид.– Душанбе, 1998. – 315 с.

3. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2019.

4. Мусоҳибаҳо // Бойгонии муаллиф. Аз 11.04.2022 то 15.08.2022.

5. Муҳаммад А.Н. Инсон, сиёсат ва ҷомеа [Матн] / А.Н. Муҳаммад.– Душанбе, Империал-групп, 2018. – 240 с.

6. Обеспечение мира через участие в политической жизни, общественное спокойствие и доступ к правосудию. [Манбаи электронӣ]. – URL: http://gem-report-2016. unesco.org/ru/chapter (санаи мурочиат: 01.10.2023).

7. Обеспечение равного осуществления прав и равноправного участия в политической и общественной жизни. [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.osce. org/files/f/documents/4/a/340626.pdf (санаи мурочиат: 31.11.2023).

8. Раҳнамо А. Дидгоҳи давлатмеҳвар [Матн] / А. Раҳнамо. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 248 с.

9. Сафарова М.Ш. Рафтори сиёсӣ ва баъзе хусусиятҳои муҳими он дар раванди ба даст овардани истиқлолият [Матн] / М.Ш. Сафарова // Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – С.80-84.

10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2 [Матн]. – Душанбе:, Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ. – 945 с.

11. Фейербах Л. История философии. Собрание произведений в трех томах. Т.1. [Текст] Л. Фейербах. – М.: Мысль, 1967. – 544 с.

12. Юлдошева Ҷ. Тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқӣ [Матн] / Ҷ. Юлдошева. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 184 с.

13. Юсупова Э.Ф. Политическая социализация личности как гарант демократического развития общества [Матн] / Э.Ф. Юсупова // Молодой ученый. – 2012. – № 11 (46). – С. 318-321

14. Ятимов С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ [Матн] / С. Ятимов. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 208 с.

ЗНАЧИМОСТЬ РАЗВИТИЯ ПОЛИТИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ ГРАЖДАН В ДЕМОКРАТИЧЕСКОМ ОБЩЕСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА

Зокиров Г.Н., Саидзода Ш.Ш.

В статье анализируется вопрос формирования и развития политических знаний граждан в условиях демократической политической системы Таджикистана. Для правильной изучения темы проанализировали мнения ученых по вопросам взаимоотношение человека с политикой, роли человека в политической жизни общества, роли политических знаний граждан в развитии демократической политической системы и их участие в политической жизни общества. Также для корректного анализа темы были использованы результаты анкетирования и интервью, проведенных со специалистами. Авторы оценили высокий уровень политического образования граждан как один из важных факторов процесса развития демократической политической системы в Таджикистане. Показаны основные причины в необходимости высокого уровня политической знаний граждан в современных условиях жизни общества.

Ключевые слова: *политика, граждан, политические знания, политическая жизнь общества, демократическая политическая система, государство, Таджикистан.*

THE IMPORTANCE OF DEVELOPING CITIZENS POLITICAL KNOWLEDGE IN A DEMOCRATIC SOCIETY IN TAJIKISTAN

Zokirov G.N., Saidzoda Sh.Sh.

The article analyzed the issue of the formation and development of political knowledge of citizens in the conditions of the democratic political system of Tajikistan. To properly study the topic, we analyzed the opinions of scientists on the relationship between human and politics, the role of human in the political life of society, the role of citizens political knowledge in the development of a democratic political system and their participation in the political life of

society. Also, for a correct analysis of the topic, the results of questionnaires and interviews conducted with specialists were used. The authors assessed the high level of political education of citizens as one of the important factors in the development of a democratic political system in Tajikistan. The main reasons for the need for a high level of political knowledge of citizens in modern conditions of social life are shown.

Key words: *politics, citizen, political knowledge, political life of society, democratic political system, state, Tajikistan.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ИСЛОМИ СИЁСӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ГЕОПОЛИТИКАИ МУОСИР

Нусратзода Сафаралӣ Нусрат - н.и.с., докторанти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ,
Тел: 93147 50 55

Дар мақола масъалаи исломи сиёсӣ ва таъсири он ба геополитикаи муосир, заминаҳои пайдоиш ва инкишофи он мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтаааст. Дар заминаи пажуҳиш муайян гардидааст, исломи сиёсӣ на дар ҷои холӣ, балки мавриди таъсиррасониҳои мухталиф, мақсаду ҳадафҳо ва омилу шароитҳо дар натиҷаи муборизаҳои идеологӣ ва сиёсӣ ба миён омадааст. Дар мақола сабабҳои пайдоишу густариш, омилҳои ба он мусоидаткунанда ва таъсири он ба геополитика мавриди таҳқиқ қарор гирифа, дар мисоли исломи сиёсӣ дар ҶИЭ баррасӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: *исломи сиёсӣ, идеология, идеологияи динӣ, идеологияи сиёсии ислом, радикализми исломӣ, инқилоби исломӣ, низоми геополитикӣ, геополитикаи муосир.*

Вобаста ба раванду ҳодисаҳои иҷтимоиву сиёсӣ дар давоми даҳсолаҳои охир дар минтақаҳои гуногуни сайёра афзудани нооромиҳои мухталиф дар заминаи муносибатҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ, этнополитикӣ, ҳарбиву сиёсӣ, диниву мазҳабӣ моҷароҳои гуногун ба миён омадаистодааст, ки характери фарогирӣ ва марзубуркунанда дорад. Яке аз омилҳои муҳими таъсиррасон дар заминаи инкишофи ҳамин раванди нигаронкунанда фаъолияти дар ҳолати рушд қарордоштаи ташкилотҳои радикалии исломӣ бо назардошти фаъолияти густурда, мавриди ноустуворсозии вазъ ва кӯшиши ифшои исломи сиёсӣ дар равандҳои ҷомеа мебошад.

Барои исломи ибтидоӣ табиати ҳокимияти давлатӣ мавриди фикрронӣ ва мубоҳиса қарор нагирифта буд.Аз нуқтаи назари исломиён ҳокимият ба Оллоҳ тааллуқ дошта, ҳокимияти заминӣ туҳфаи худовандӣ ҳисоб меёфт. Яъне,“Подшоҳ тағаллии сояи Худо бошад, Соя бо зот ошно бошад, “(таъбири Саъдӣ).Вобаста ба тараққиёт ва равандҳои ҷомеа бошандагони он, ки аслан қувваи аслии ин равандҳо маҳсуб меёфтанд, зимни ҷӯстани тадбиру андешаҳо сохт ва мазмуни буду боши худро тағийр медоданд. Дар ибтидо мақсаду маром ва вазифаҳои ҳокимони заминӣ хеле маҳдуд буда, онҳо танҳо дар асоси фармудаҳои Қуръон фаъолият менамуданд.Новобаста аз фаъолияти мусбӣ ва манфиашон онҳо таъсиргузор дар муносибатҳои ҷомеавӣ ва равандҳо он қарор доштанд.

Мушкилотҳои ҳокимият дар даврони аввали эҳёи ислом низ вуҷуд доштанд. Ҳал нагардидани масоилҳои баҳсталаб ба он оварда расонид, ки мухолифатҳо ба миён омада ислом ба пайравони сунӣ ва шиа тақсим шаванд. Аз ин хотир ҳамбастагиҳои ислом ва сиёсат ҳанӯз аз давраҳои барвақтии пайдоиши ислом ба миён омада, таълимоти исломӣ ба барномаҳои сиёсӣ оҳиста-оҳиста табдил гашт.

Таъсироти ҷаҳони империалистӣ ва мавқеъгирии он дар ҷаҳон ва сиёсати реаксионии калонизатории капиталистон, алалхусус истисмори давлатҳои мусулмоннишин, яке аз сабаҳои аслии ба миёноии исломи сиёсӣ на танҳо дар минтақаи Осиё, балки фарогири ҷаҳон гардид. Аз ин хотир ислом дар қиёс бо дигар динҳо аз ҷумла дар заминаи таълимотҳои динӣ бо сиёсат ва ҳокимият сахт дар алоқа буда, он омили аслии ҳал намудани мақсад ва

принсипҳои исломӣ дар доираи ҳокимият ва сиёсат мебошад. Аз ин лиҳоз дар ҷаҳони ислом мусулмонон бештар ба сиёсат таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ин раванд сол ба сол дар инкишоф аст. Дуруст аст, ки барои ноил шудан ба мақсаду маром намояндагони дини ислом аз тамоми имкониятҳо истифода мебаранд. Маҳз ҳамин шаклгирии кор исломро ба ҳаракату ҷамъиятҳо, ҳизбҳову ҷабҳаҳо, ташкилоту созмонҳо тақсим намуда, онро ҳамчун қувваи фарқкунанда ва серҳаракат ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.Дар маҷмӯъ он ба як идеологияи ҷадид, дар замина ва афкори динӣ пайдо гардида-идеологияи сиёсии исломро ба вуҷуд овард.Равандҳои идеологӣ-сиёсии ислом дар шароити имрӯза хеле зиёданд.Яке аз ҳамин равандҳои идеологӣ-сиёсӣ, радикализми исломӣ мебошад.

Мавриди таълифоти радикализм фикру ақидаҳои мухталифи олимону муҳаққиқон мавҷуд аст.Аз ин рӯ метавон байён намуд, ки радикализми исломӣ - ин ғояҳои сиёсиест, ки ба дигаршавии сохторҳои иҷтимоӣ ва институтҳои сиёсӣ равона гардида, рағбат ба ислоҳот ва сиёсикунонии ислом дар мадди аввал аст.Ҳаракати муосири радикализми исломӣ аслан дар ҷои холӣ ба миён наомадааст. Он дар натиҷаи омилу сабаб ва таъсиррасониҳои мухталиф вобаста ба вазъи пешомада дар ибтидои садсолаи сипаригашта дар давлати Миср ба миён омадааст. Асосгузори ин ҳаракат, ки баъдтар ба ташкилоти сиёсӣ-исломӣ табдил меёбад Ҳасан алъ-Банӣ буда, он иттиҳод ё худ ҷамъияти «Ихвон-ул-муслимин»(«Бародарони мусулмон»)-ро дар соли 1929 таъсис медиҳад. Маълум буд, ки ин ташкилот дар худ мақсадҳои ҳимоят ва инкишофи дини исломро дошта, дар маҷмӯъ мусулмононро ба муборизаи сиёсӣ дар заминаи ғояҳои ислом даъват менамуд. Таъсиси ҷамъияти «Бародарони мусулмон» дар кӯтоҳтарин муҳлат дар манотиқҳои гуногуни мусулмоннишини сайёра ҳамовозии васеъ пайдо намуда, шӯъбаҳои он дар аксари мамолики Шарқ ба фаъолият оғоз намуданд. Ин раванд таваҷҷуҳи аксари мусулмононро дар заминаи инкишофи фаъолиятҳои сиёсӣ мавриди фаъолгардии мавқеи динӣ-сиёсии ҳаракатҳо бо назардошти ҳаракатҳои радикалӣ дар ҳавзаи Осиёи Миёна ва Шарқи наздик густурда намуд.Дар ин замина пайдо гардидани спонсорҳо ва ирсоли маблағҳои калонҳаҷм мавриди ҳавасманднамоии иштирокдорони ин навъи ҳаракт мавқеъ ва теъдоди диндоронро дар муборизаҳои сиёсӣ афзун намуд.

Мусалам аст, ки раванди пайдоиш ва ташаккули ғояҳои мухталифи исломӣ ва сиёсикунонии ислом дар манотиқҳои мухталиф фарқкунанда буда, он ба шароиту вазъ ва аз омилҳои ба миёноварандаи худ тафовут доранд. Барои мисол, дар манотиқи Осиёи Марказӣ дин танзимгари ҳайёти ҷамъиятӣ маҳсуб ёфта, дар равндҳои маданӣ ва инкишофи фардии одамон нақши алоҳидаро иҷро менамуд.Ин раванд, хусусан баъд аз барҳамхӯрии давлати Шуравӣ, ки имкониятҳои фаррохро дар ҳама ҷабҳаҳо ба миён овард, заминаи аслии эътиқодмандии мусулмононро на танҳо ба дини мубини ислом зиёд намуд, инчунин имконоти гуногуни истифодаи дини исломро дар доираи ҳаракату ҳизбҳо, то таъсиси доираҳои терористу экстремистиро ба миён овард. Дуруст аст, ки пайдоишу инкишоф ва равандҳои ҳаракатҳои исломӣ дар ҳар давлату минтақа фарқкунанда аст.Аз ин хотир ботил мебуд, агар мо пайдоиш ва инкишофи исломи сиёсиро дар кишварҳо як падидаи якранг ва ҳаводиси ба ҳама таалуқдошта меҳисобидем.

Имрӯз осори таърихии замон муайян ва собит намудааст, ки равнди пайдоиши ақоиди сиёсии исломӣ ва сиёсикунонии ислом дар Осиёи Миёна маҳз дар водии Фарғона- дар яке аз марказҳои асосии ҷаҳони ислом, ки соҳиби таъриху маданият ва дастовардҳои умумибашарист, ба миён омадааст.Омилҳои бамиёноии ин раванд ногаҳониву тасодуфӣ набуда, маҳз натиҷаи таъсироти мақсадмандон дар заминаи ҳадафҳои ҷорӣ намудани

идеологияи исломӣ дар асоси дастуру роҳандозии идеологияи ба миёномадаи «Бародарони мусулмон» интиқол гардида буд.

Ба миён омадани исломи сиёсӣ бо таъсироти мақсадмандон солҳои навадуми асри сипаригашта боиси сар задани ҷанги шаҳрванди дар ҷумҳурии Тоҷикистон гардида буд, ки асоси бунёдии он ҳанӯз солҳои ҳафтодум, аниқтараш соли 1973 ба водии Вахш интиқол ва бо тарзи махфиёна роҳандзӣ гардида буд. Ин равияи исломӣ ба худ номи «Ҷавонони мусулмон»-ро гирифта, аҳкоми динӣ ва нишондодҳои «пешвоён»- и динро ичро менамуд.

Дар ин маврид муҳаққиқи тоҷик Назиров Д.Н. иброз медорад, ки «Душвор аст, муайян намудани он, ки маҳз таъсироти «бародарони» мисрӣ ба исломгароёни Тоҷикистон таъсир карда бошад, ба ин нигоҳ накарда як қатор муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки идеяи исломизм дар манотиқи Осиёи Миёна маҳз аз Миср дар заминаи асарҳои пешвоёни ҷамъияти «Ихвон–ул муслимин», алалхусус Ҳасан алъ-Банӣ, Сайид Муҳаммад Қутб ва А.Маудудӣ» [1.с.224.] пайдо гардидааст. Аз ин хотир омӯзиш ва муайяннамоии омилу сабабҳои қувватгирифтани ҳаракатҳои сиёсии исломдар Осиёи Марказӣ бисёр муҳим арзёбӣ мегардад.Зеро аз рӯи маълумотҳо дар ин минтақа созмондиҳии давлати исломӣ бо номи Халифат дар назар аст.Аз ин хотир ҳар тағйироту дигаргуниҳое, ки дар минтақа ва ҷаҳон сар мезанад, натиҷаи таъсирот ва маҷмӯи ғояҳои ба нақша гирифтаи мақсадмандон маҳсуб ёфта, вобаста ба шароиту имконот амалӣ мегарданд.

Дар солҳои 80-уми асри сипаригашта зери даъватҳои исломӣ ҳаракатҳои иҷтимой-сиёсӣ рӯ ба инкишоф мениҳад.Дар ин раванд мавқеи асосиро инқилоби зиддиманархиявии Эрон дар солҳои 1978-1979 ишғол менамояд. Натиҷаи он шикасти режими шоҳии ғарбпраст ва ғалабаи инқилоб маҳсуб ёфта, Ҷумҳурии Исломии Эрон таъсис меёбад.Дар асоси Конститутсия ҳокимият ба тарзи мустасно ба пешвои динӣ таалуқ дорад.Ин нишондоди Конститутсияи ҶИЭ дар асоси пойдевори консепсияи Оятулло Ҳумайнӣ дар заминаи салоҳиятҳои сиёсии фиқҳи ислом ба расмият дароварда шудааст.

«Ғалабаи инқилоби исломии солҳои 1978-1979 дар Эрон, тамоми соҳаҳоро, чи соҳаи академикӣ, давлатдорӣ, молиявӣ ва доираҳои расмии ИМА ва дигар давлатҳои бузургро дар ҳолати садамот (шок) қарор дода буд». [2.с.19.] Дар доираи қонун ҳаллу фасл намоии масоил шарти асосии мусоидаткунада дар равандҳои сиёсӣ маҳсуб меёбад.Ин омил муайянкунандаи сиёсат дар аксари давлатҳои навбунёди исломӣ ба ҳисоб меравад.

Раванди муборизаҳо дар ҷаҳони ислом ва фаъолияти сокинони давлатҳои мусулмоннишин бозгӯи оннанд, ки ҷамоаҳои исломӣ то кунун динамикаи фаъолияти густурдаи худро аз даст надодаанд . Дар аксари давлатҳои мусулмоннишин, хусусан дар Судон, Алҷазоир, Туркия, Афғонистон, Покистон, Малайзия, Индонезия ва дигар давлатҳо, маҳз мавриди густариш ва инкишофи равандҳои исломӣ қарор доранд. Фарогирии ҷуғрофии ислом дар заминаи равияҳои исломӣ имрӯз ҷаҳонро тасхир намудааст.Мавҷи ислом тамоми давлатҳои Аврупо, ИМА ва Канадаро фаро гирифтааст. Он таъсиргузор ба тамоми равандҳо гашта, то рафт мақеи асосӣ пайдо намудаистодааст.Яке аз сабабҳои интиқолёбии ислом ва фарогирии паҳнои азим муҳоҷирон мебошад. Ин омил шароитро барои пешгӯии равнақи исломи сиёсӣ ба миён оварда, идеяи фарогирии «исломи бумӣ»-ро дар асри ХХ1 тақвият медиҳад. Ин пешгӯи такя ба баландшавӣ ва зиёдгардии даҳҳо муассисаҳои байнидавлатии ташкилотҳои исломӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва ғ. [3.с.127-131.] дар заминаи зиёдшавии шумораи ташкилотҳои ғайридавлатии сиёсӣ [4. с.4.] ба миён омадааст.

Айни замон, масъалаи омӯзиши исломи сиёсӣ ва таъсири он ба геополитикаи муосир дар маркази диққат ва пажуҳиши олимон қарор дошта, дар ин

мавриди фикру ақидаҳои мухталиф арзи вуҷуд дорад. Густариши исломи сиёсӣ дар манотиқҳои гуногун дар ҳоли рушд қарор дошта, таъсири он ба геополитика назаррас аст.Геополитика- консепсияи сиёсие, ки дар доираи он вобастагии равандҳои сиёсӣ аз мақеи ҷуғрофӣ ва ҳудуди ҷойгиршавии давлат баррасӣ мегардад,[5.с. 59.] ҳисобида мешавад.Дар ин миён мавқеъ ва афзалиятҳои як қатор давлатҳои исломӣ мавриди ҷорӣ намудани идеологияи сиёсии ислом дар мадди аввал қарор дорад. Вобаста ба ин сиёсати ҶИЭ дар минтақа ва авзои ҷаҳон фарқкунанда буда, мавқеи бисёр муҳим ва хоссаро ба худ касб намудааст. Аз ин хотир пеш аз ҳама фактори ҷойгиршавии мақеи ҷуғрофии Эрон дар халиҷи Форс, рессурсҳои табиӣ, базаи мӯҳими маводҳои энергетикӣ, дар чорраҳаи равандҳои муҳими пайванди Осиё,Африқо ва Аврупо ҷой гирифтани ин кишвар заминаҳои рушди бемайлонро дар ҳама соҳаҳо, хусусан дар соҳаи таъсироти идеологии хеш, ки асосашро ислом ташкил медиҳад,ба дастовардҳо ноил гардидааст.

Ин кишвар бо таъсирот ва заминаҳои воқеии ислом дар байни дигар мамолики мусулмоннишини аҳолӣ ба куллӣ фарқ менамояд.Ислом яке аз асоситарин элементҳои образҳои индивидуалӣ, коллективӣ, ҷамъиятӣ ва умумидавлатӣ дар мамлакатҳои мусулмонӣ ва ҷаҳони ислом маҳсуб ёфта, дар маҷмӯъ таъсиргузор дар олам ба ҳисо рафта, дар ҳолати рушд қарор дорад.Ҳолати воқеии ҷаҳони ислом дар аксари ҳолатҳо ба ҳолати аслии ислом вобастагӣ дорад ва ё баръакс дар кадом ҳолат ислом, ҳамон тавр ҷаҳони ислом дар инкишоф аст.

Таъсисёбии ҶИЭ бузургтарин воқеоти асри гузашта маҳсуб ёфта, дар заминаи дини ислом пайдо гардидани идеологияи исломӣ дар равандҳои сиёсии ҷаҳон саҳифаҳои навро кушода, диққати оламиёнро ба худ кашида буд. Имрӯз низ ҳашамат ва пойбарҷоии ин давлати исломӣ таваҷҷӯҳи аксари мӯҳаққиқон ва сиёсатмадорони ҷаҳонро ба худ моил намуда, ҳамчун нодиртарин падида дар марқази диққати оламиён қарор дорад. Ҷорӣ ва пойдории падидаи нуқтаи назари сиёсати идеологии исломӣ ҳамчун раванд, на танҳо барои олами Ғарб, инчунин барои кишварҳои Шарқи наздик ва Осиёи Миёна низ ногаҳонӣ буд. Олами Ғарб бо он бузургиву ҳашамат баъди ғалабаи инқилои исломӣ ғафлатзада ва дар ҳайрат афтода буданд. Ва имрӯз низ дар муқобили ин сохт ва идеология чораи амлии «судманд» надоранд. Ҳамин воқеот ва бо бузургӣ по бар ҷо мондани ҶИЭ дар заминаи идеологияи сиёсии исломӣ ва муҳимиятҳои тараққиёт диққати пажуҳишгаронро ба ин масоил аз пешина дида, бештар намудаистодааст.

Профессор С.Ятимов дар ин мавриди қайд менамояд, ки; « Хусусисяти аслии тағйиротҳои иҷтимоӣ-сиёсии Эрон дар он зоҳир мегардад, ки дин ҳамчун пойсутуни идеалогӣ маҳсуб ёфта, баъди ғалабаи инқилоб асоси ташаккулди-ҳандаи самти сиёсати хориҷии ҶИЭ ба ҳисоб меравад. [6.с.22.]

Аз гуфтаҳои боло ба ин хулоса омадан мумкин аст, ки;

- Исломи сиёсӣ вобастаба шароиту омилҳои мусоидаткунанда аз мавҷудият ва эҳёи ислом сабзидааст.

- Идеологияи сиёсии ислом қисмати ҷудонашавандаи ислом буда, мақсаду маромаш қудратмандӣ ва дар сатҳи ҳокимят будан аст. Давлатсозӣ дар ин раванд инкишофи ислом аст.

- Дар шарити ҳозира, исломи сиёсӣ рӯ ба инкишоф буда, он таъсиргузор ба аксари равандҳои сиёсии ҷаҳон ва геополитикаи муосир мебошад.

- Идеологияи сиёсии ислом марзҳоро убур намуда, мавқеашро дар муқобили ҷаҳони Ғарб рӯз ба рӯз мустаҳкам ва густариш додаистодааст.

- Нодида гирифтани зидияти байни ду равияи асосии ислом суннӣ ва шиа хавфэҷодкунанда буда, аз як тараф моҳияти равандҳои сиёсии кишварҳои мусулмоннишинро муайян менамояд, аз дигар ҷониб омили асосии низоъангез ба ҳисоб рафта, мухолифатҳои давомнок ва ҳалнагардидаи шиамазҳабон ва

сунимазҳаонро тадриҷан шиддат мебахшад.

Ҳамин тариқ, метавон таъкид намуд, ки мавриди шароити рушди равандҳои исломи сиёсӣ, дар даврони ҷаҳнишавӣ моҳият, сохтор ва арзишҳои бунёдии ҷомеаи анъанавии бошандагон дар қисматҳои мусулмоннишин ба куллӣ тағйир меёбад. Дар солҳои минбаъдаи асри *XXI* дар ҷаҳони ислом масъалаҳои фарҳанг, мазҳаб, идеалогияи сиёсии ислом, созишномаҳо ва ҳамкориҳои нарм аҳамияти хос касб намуданд.Ба ақидаи коршиносони сиёсӣ ва пажуҳишгарон дар ҷаҳони имрӯза мустаҳкам гардидани мавқеи исломи сиёсӣ сабабгори ба вуҷуд омадани равандҳои гуногун аз қабили терроризм, экстремизм ва дар заминаҳои идеологияи исломӣ бо истифодаи усул ва мақсадҳо барпосозии давлатҳои исломӣ ва аз байн бурдани душманони ислом гардидааст.

Сар задани «баҳори арабӣ», ғалабаи инқилоби исломӣ дар Эрон, шиддат гирифтани рақобатҳо байни Ҳиндустон ва Покистон, масоили Либия, Ироқу Сурия, ғалабаи комили толибон дар Афғонистон аз боло рафтани таъсири омили исломӣ дар ҳаёти кишварҳои мусулмоннишин ва таъсироти исломи сиёсӣ дар муносибатҳои байналмиллалӣ, пеш аз ҳама ба геополитикаи муосир шаҳодат медиҳад.

Адабиёт

1.Назиров Д.Н. Политический ислам и конфликт в Таджикистане. Монография. –Душанбе, 2015.-224 с.

2. Orientalism, Islam and Islamists. Edited by Asaf Hussain, Robert Olson, Jamil Qureshi, “Amana books”, Vermont, 1984, p.19.

3.Наджип Э.Э. Международнные мусульманские организации -Ислам. Краткый справочник. М.., 1983, с.131.

4.Александр Игнотенко.Зеленый интернационал, НГ-религии, 7.04.99. с.4.

5.Муҳаммад Абдураҳмон. Дониш-номаи мухтасари сиёсӣ. Душанбе - 2016.С. 377.

6.Ятимов С. Идеологический фактор в геополитике Исламской Республики Иран. Душанбе-2019. С.22.

ПОЛИТИЧЕСКИЙ ИСЛАМ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА СОВРЕМЕННУЮ ГЕОПОЛИТИКУ

Нусратзода С.Н.

В статье рассматривается вопрос о политическом исламе и его влияние на современную геополитику, предпосылки его возникновения и развития. На основе исследования установлено, что политический ислам не находится в вакууме, а подвержен различным воздействиям, целям, задачам, факторам и условиям в результате идейно-политической борьбы. Также анализируются причины его возникновения и распространения, факторы, способствующие этому и его влияние на геополитику, на примере политического ислама в ИРИ.

Ключевые слова: *политический ислам, идеология, религиозная идеология, политическая идеология ислама, исламский радикализм, исламская революция, геополитическая система, современная геополитика.*

POLITICAL ISLAM AND ITS INFLUENCE ON MODERN GEOPOLITICS

Nusratzoda S.N.

The article deals with the issue of political Islam and its influence on modern geopolitics, the prerequisites for its emergence and development. Based on the study, it was found that political Islam is not in a vacuum, but is subject to various influences, goals, tasks, factors and conditions as a result of the ideological and political struggle. The reasons for its emergence and spread, the factors contributing to this and its impact on geopolitics are also analyzed, using the example of political Islam in Iran.

Key words: *political Islam, ideology, religious ideology, political ideology of Islam, Islamic radicalism, Islamic revolution, geopolitical system, modern geopolitics.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ҶАҲОНИШАВӢ ВА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲИФЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Ҷононов С. - д.и.ф., профессори кафедраи ҷомеашинсоии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
Тел: 904245500

Дар мақола раванди ҷаҳонишавӣ, марому вазифаҳои он, ки аз ҷониби бозингарони асосӣ дар арсаи байналхалқӣ тарҳрезӣ ва муайян карда шудаанд, мавриди баррасӣ ва хулосабарорӣ қарор дода шудааст. Дар ин асно заминаҳои воқеии объективию субъективӣ ва субъектҳое, ки ин раванди бебозгашти ҷаҳониро идора ва танзим менамоянд, таҳлил гардида, пайомадҳои мусбию манфии он барои бархе аз кишварҳо асоснок карда шудаанд. Аз ҷумла таъкид карда шудааст, ҷаҳонишавӣ ба зоти худ айбе надорад ва ҳар айбе ҳам бошад, дар ҳадафҳои назарияпардозону ҳомиёни он мебошад. Муаллиф як қатор падидаҳои манфӣ, махсусан, дар пояи арзишҳои тамаддунӣ ва фарҳангии мамолики Ғарб ташкил намудани ҳамгироии мамлакатҳои дунё, бидуни тафовутҳои динию миллӣ ва дар асосии манфиатҷӯйии ғарбӣ ташкил намудани ҳаёти ҷомеа ва кӯшишҳои коҳиш додани нуфӯзи давлатҳои миллиро аз қабили онҳо медонад. Муаллиф барои тасдиқи фикри худ як қатор тамоилҳои нви ҷаҳониро, ки хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ доранд ва ба истиқлолияти сиёсии давлатҳои миллӣ хатр эҷод мекунанд, таҳлил намуда ба хулосае меояд, ки дар сурати чунин ранг гирифтани кор давлатҳои миллӣ аз имконияти мувофиқи табъ ва салоҳияти худ ба роҳ мондани ҳаёти ҷомеа ва ё соҳаҳои зарурии он маҳрум гашта, дар натиҷа аз ноилоҷи зимоми ҳокимиятро бо роҳи амудӣ (вертикалӣ) ба ниҳодҳои байналмилалӣ ва ё бо роҳи уфуқӣ (горизонталӣ) ба субъектҳои иқтисодиёти бозоргонӣ, яъне ширкатҳои фаромиллӣ месупоранд. Дар пояи таҳлили ҳамаҷонибаи пайомадҳои ногувори ҷаҳонишавӣ барои давлатҳои миллӣ як қатор тавсияҳои назариявӣ ҷиҳати ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, асолати миллӣ ва арзишҳои волои ниёгон пешниҳод намудааст, ки аҳамияти маърифтӣ доранд.

Калидвожаҳо: *ҷаҳонишавӣ, давлатдории миллӣ, истиқлолияти сиёсӣ, сиёсати ҷаҳонӣ, ҳамарофарогиранда, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, иқтисодиёти миллӣ, ҷаҳонишавии сиёсат, умумияти ҷаҳонӣ, низоми ҷаҳонӣ, фазои ҷаҳонӣ, ҳукумати ҷаҳонӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ.*

Яке аз барҷастатарин хусусиятҳои замони муосир ин беш аз пеш қувват гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ мебошад. Ҷаҳонишавие, ки баробар кардани сатҳи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии мамлакатҳои дунё ва дар ин замина муттаҳиду махлут кардани онҳо дар ҷомеаи ягонаи ҷаҳонӣ ҳадафи асосии он мебошад.

Барои ба даст овардани ин мақсад заминаҳои боэтимоди воқеӣ низ фароҳам оварда шудаанд. Муҳимтарини онҳо ин ба низоми ягонаи ҷаҳонӣ ворид шудани иқтисодиёти мамлакатҳои дунё, ташаккули бозори ягонаи молу хизматрасонӣ, ба селаҳои асъори ҷаҳонӣ фаро гирифта шудани тамоми субъектҳои хоҷагидории мамолики дунё ташаккули муҳити ягонаи иқтисодӣ, ки дар ниҳояти кор ба интиқоли озоди молу сармоя ва аз байн бурдани монеаҳои иқтисодию гумрукии давлатҳо оварда мерасонад, муқаррар гардидани тартиботи умумӣ барои ҳамаи давлатҳои аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ,

ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ ва забони умумии муошират мебошанд.

Мафҳумҳои “низоми ҷаҳонӣ”, “ҷомеаи ҷаҳонӣ”, “фазои ҷаҳонӣ” ва “умумияти ҷаҳонӣ” ифодакунандаи пешомади ҳамин тағйиротҳо ба ҳисоб мераванд.

Ҳамзамон зикр бояд кард, ки созмонҳои байналхалқӣ, ташкилотҳои минтақаҳои бузург, ширкатҳои фаромиллӣ ва давлатҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд ҳамчун субъектҳои асосӣ раванди ҷаҳонишавиро на фақат вусъат мебахшанд, балки самаранокӣ ва боэътимодии онро таъмин менамоянд.

Маҳз ҳамин субъектҳо бозингарони асосӣ дар арсаи байналхалқӣ ба ҳисоб мераванд, ки тавассути тақвият додани ҷаҳонишавии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишварҳои ҷаҳон ба ҳаёти сиёсии онҳо таъсири ҳалкунанда расонида, фазои нави сиёсати ҷаҳонӣ ва тартиби нави ҷаҳонӣ (“тартиботи ҷаҳонӣ”) – ро ташаккул дода, лоиҳаҳои ташкили давлати ҷаҳонӣ, ҳукумати ҷаҳонӣ ва идоранамоии ҷаҳониро, бидуни чунин ҳукумат, амалӣ мегардонанд.

Дар ин асос метавон гуфт, ки ҷаҳонишавии иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳангу иттилоот онро ба раванди бебозгашти таърихӣ табдил додааст. Ҷаҳонишавӣ ҳамчун падидаи мураккаб ва ҳамафарогиранда метавонад ба тақдири ояндаи инсоният ё таъсири мусбат (фаровонӣ, баробаршавии сатҳи зиндагӣ) ва ё манфӣ (махлутшавӣ, якхела шудан) расонад.

Дар нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки ҷаҳонишавӣ барои инсоният ва мамлакатҳои гуногун ин файзи осмонӣ аст. Чунки ба туфайли он мардуми рӯи замин сатҳи якхелаи рушд, некӯаҳволӣ ва фароғатро пайдо мекунанд.

Алалхусус мамлакатҳои ақибмонда ва дар ҳоли рушд қарордошта имкон пайдо мекунанд, ки тавассути дастовардҳои техникию технологӣ, интиқоли озоди молу сармоя, қувваи корӣ ва аз байн рафтани монеаҳои иқтисодию гумрукӣ сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию иттилоотии худро ба маротиба боло баранд.

Вале чун нек назар намоем, вазъият ва оқибатҳои кор тамоман дигар аст. Чуноне ки дар урфият мегӯянд, ҷаҳонишавӣ ба зоти худ айбе надорад ва ҳар айбе бошад ҳам, дар ҳадафҳои назарияпардозон ва бастакорону бозингаронӣ он мебошад.

Гап дар баёни он аст, ки имрӯз ду роҳи имконпазири ба даст овардани ҳамгироии мамлакатҳои дунё вуҷуд дорад. Ё дар пояи густариши арзишҳои тамаддунӣ ва фарҳангии ҳаёти мамолики Ғарб ва ё дар асоси гуногунии тамаддунҳо ва фарҳангҳо миллии давлатҳо.

Бадии кор дар он аст, ки имрӯз роҳи якум интихоб карда шудааст. Интихоби роҳи мазкурро бошад, бо зарурати таъмин кардани баробарии мамлакатҳо дар низоми ҷаҳонии истеҳсолот ва истеъмолот алоқаманд менамоянд. Вале таҷриба акси онро нишон медиҳад. Ба ҷойи ба даст овардани баробарии мамлакатҳо дар ин ҷода, тамоили дигар, амиқтарин тафриқаи сохтории ҳаёти халқҳо қувват гирифта истодааст ва дар он мафҳуми “адолат” аз диди назари арзишҳои ғарбӣ шарҳу эҳзоҳ дода шуда, рукни асосии ташкили ҳаёти ҷомеаро, бидуни тафовутҳои динию миллӣ, манфиатҷӯии моҳити ғарбидошта ташкил медиҳад.

Пӯшида нест, ки монеаи асосӣ дар роҳи махлут сохтани фарҳангу арзишҳои халқҳо ин давлатҳои миллӣ мебошад. Зеро ки низоми нави умумии иқтисодӣ, ки дар пояи арзишҳои либералӣ ташаккул дода мешавад, ташаккули чунин низоми ягонаи сиёсию фарҳангиро тақозо менамояд. Фазои ҷаҳонӣ, ки аз маҷмӯи фазоҳои алоҳида таркиб ёфтааст, аз дигар сӯ, тафовутҳои миллӣ, динӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва расму русумро намепазирад. Ҳақ ба ҷониби файласуфи рус А.С Капто аст, ки таъкид намудааст: “Ҷаҳонишавӣ (аз калимаи лотинии globus - кура, франсавии Global -умумӣ) ин раванди объективии ташаккул, бунёд, фаъолият ва рушди низоми комилан нав, умумиҷаҳонӣ ва глобалӣ дар асоси робита ва вобастагии тарафайн дар ҳамаи соҳаҳои иттиҳоди

байналхалқӣ мебошад” [2, (санаи мурочиат: 23.03.2022)].

Дар ин қария ҳадафи асосии акторҳои ҷаҳонишавӣ ин коҳиш додани нуфӯзи давалатҳои миллӣ мебошад. Чуноне ки С. Хангтингтон гуфтааст, давлатҳои миллӣ дар давоми чандин садсолаҳо ҳомии асолати миллӣ, фарҳанги миллӣ ва забон, анъанаҳою маросимҳои мардумӣ буд ва имрӯз ҳам дар шароити ҷаҳонишавӣ боқӣ хоҳад монд.

Бо дарназардошти зарурати ба инобат гирифтани ҳамин нукта ва рушди нобаробари иқтисодӣ ва технологии давлатҳои ҷаҳон, инчунин қувват гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст, ки имрӯз арзишҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ ва дигар хусусиятҳои зеҳнию равонии миллӣ ба даст гирии ҷиддии давлат ниёз доранд. “Зеро дар сурати заиф шудани ин арзишҳои ба амал овардаи милат, ваҳдати миллии рахна ёфта, пояҳои давлатдорӣ ва суботу аминияти миллӣ мо суст мегардад ” [1, С.430].

Аз ин гуфтаҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳи фавқузикри пешгирифтаи бозингаронӣ асосии ҷаҳонишавӣ бармеояд ки ҷаҳонишавии иқтисодиёт ногузир ба ҷаҳонишавии саросари сиёсат оварда мерасонад, ки ба ҳаёти сиёсии мамлакатҳои дар ҳоли рушд қарордошта ва пешомади давлатҳои миллӣ, махсусан истиқлолияти сиёсии онҳо хатар эҷод менамояд.

Пас саволе ба миён меояд, ки пайомадҳои ҷаҳонишавии сиёсат барои давлатҳои миллӣ дар чӣ ифода меёбад?

Дар натиҷаи иқтисодиёти миллиро иваз кардани иқтисодиёти ҷаҳонӣ имконияти давлатҳои миллӣ ҷиҳати назорат аз болои он ва танзими муносибатҳои вобаста ба иқтисодиёти ҷаҳониро ба таври ҷиддӣ маҳдуд мегардад. Дар сурати чунин ранг гирифтани кор давлатҳои миллӣ аз имконияти мувофиқи табъ ва салоҳдиди худ ба роҳ мондани раванди иқтисодиёти ватанӣ ва ё соҳаҳои зарурии он маҳрум гашта, аз ноилоҷӣ маҷбур мешаванд, ки ин корро бо дарназардошти талаботи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба роҳ монданд. “Шуста шудани” сарҳадҳо дар байни иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ заминаҳои воқеиро барои ҷаҳонишавии сиёсат, иҷтимоиёт ва фарҳангҳои миллӣ фароҳам меоварад. Зеро ки кайфияти ин соҳаҳо бевосита аз чигунагии моҳияти иқтисодиёти мавҷуда вобаста аст.

Дар ин асос масъалаҳои дохилии кишварҳои алоҳида аҳамияти байналмилалӣ пайдо менамоянд. Нақши сиёсати дохилии давлатҳо, ки кафолати самаранокии сиёсати хориҷии онҳо ба ҳисоб меравад, ба таври назаррас коҳиш меёбад ва нақши сиёсати хориҷӣ дар ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои сиёсати дохилӣ авлавият пайдо менамояд. Дар натиҷа сиёсати ҷаҳонӣ тасаввуроти анъанавиро дар бораи истиқлолияти иқтисодӣ ҳамчун шарти зарурии истиқлолияти сиёсӣ, сиёсати дохиливу хориҷӣ, дохилидавлатию хориҷӣ ва ҳудудию ғайриҳудудӣ тағйир медиҳад. Масъалаи сарҳади муайян гузоштан дар байни сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳои миллӣ ба мушкилӣ мувоҷеҳ мешавад. Дар натиҷа хавфи ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ баромад кардани давлатҳои соҳибистиқлоли миллӣ афзуда, дар ниҳояти кор, онҳо аз воҳидҳои мустақилу ваколатдори созмонҳои сиёсию иқтисодӣ ба яке аз қисмҳои таркибии онҳо табдил меёбад.

Тартиботи нави ҷаҳони муосир шаклҳои анъанавии давлатдории миллӣ ва муносибатҳои сиёсии байналхалқиро тағйир медиҳад. Давлатҳои миллӣ маҷбур мешаванд, ки на фақат дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ, балки дар баррасию қабули қисме аз қарорҳои сиёсии худ раъй ва майлу хоҳиши созмонҳои ҷаҳониро ба инобат гиранд. Чунин ранг гирифтани кор аз он далолат мекунад, ки давлатҳои миллӣ минбаъд дар амалигардонии ваколатҳои таърихии истиқлолият, махсусан соҳиби ҳокимияти олии сиёсӣ будан, назорат кардани

сарҳадҳои худ, мухторият ва озод будан аз дахолати қувваҳои беруна ба маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Тақсимоти ҷаҳонии меҳнат, ҳиҷрати иҷборию озоди аҳолӣ, захираҳои инсонию истеҳсолӣ, алалхусус қолабигардонии қонунгузорӣ ва равандҳои иқтисодию технологӣ вобастагӣ ва дастнигарии давлатҳои миллиро қувват мебахшад.

Ҷаҳонишавии бозори сиёсӣ тавассути васеъшавии доираи фаъолият ва афзудани нуфӯзи субъектҳои иқтисодӣ, махсусан ширкатҳои фаромиллӣ ва ҳафтгонаи пасосаноатӣ, ки 80,4% техникаи компютерӣ, 90,5% истеҳсолоти баландпояи технологӣ ва 87 % тамоми патентҳои дар олам бақайдгирифтаро соҳибӣ мекунад ва ҳар сол ба ҳисоби миёна 400 млрд доллари амрикоӣ барои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва озмоишию конструкторӣ сарф менамояд, ҷараён мегирад [5, с. 35]. Дар натиҷа, ҳукуматҳои миллӣ ва созмонҳои байналмилалӣ маҷбур мешаванд, ки дар раванди пиёда гардонидани ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷии худ манфиатҳои онҳоро ба инобат гиранд.

Бар ҷурми ин тамоил имрӯз дар бораи соф “ миллӣ” ё “ҳудудӣ” будани мансубияти субъектҳои иқтисодӣ ҳукм кардан душвор аст. Доираи таъсири субъектҳои бозори сиёсӣ, ки такягоҳи асосии дастгирии сиёсӣ ва иқтисодию молиявии ҳукуматҳои миллӣ мебошанд, ба қабули қарорҳои сиёсии ҳукуматҳо ва созмонҳои байналхалқӣ афзуда, арзишҳои иқтисодиёти озоди ҷаҳонӣ ва манфиатҳои хусусии худро ҳифз менамоянд.

Аҷоиботаш дар он аст, ки “Нахустин давлатҳои ҷаҳонӣ” бар хилофи “давлатҳои ҷаҳони пешина” на бо роҳи зӯрӣ ва забт карда гирифтани давлатҳои дигар, балки дар заминаи бастани созишномаю қарордодҳои байнидавлатӣ ба вуҷуд меоянд ва манфиатҳои дуру наздики сиёсии худро амалӣ менамоянд.

Равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ ба ду роҳи “супоридани” ҳокимият – ихтиёрӣ ва ё маҷбурӣ мусоидат мекунанд. Дар натиҷа “супоридани” ҳокимият ба ниҳодҳои байналмилалӣ ба таври амудӣ (вертикалӣ) ва “супоридани ҳокимият” ба қувваҳои иқтисодиёти бозаргонӣ бо тариқи уфуқӣ (гаризонталӣ) сурат мегирад.

Бар асари тавассути технологияҳои робитавӣ рӯз аз рӯз афзудани таъсири ҷомеаи иттилоотӣ ва селаҳои иттилооти ҷаҳонӣ қарорҳо ва амалҳое, ки дар як қисмат ва ё гӯшаи дурдасти ҷаҳон ба вуқуъ меоянд, фавран ба тамоми олам таъсир мерасонанд. Ба туфайли воситаҳои муосири робитавию иттилоотӣ марказҳои қабули қарорҳо ва содир кардани амалҳо ба низоми мураккаби дар якҷоягӣ қабул кардани чунин санадҳо ва таъсири тарафайни онҳо табдил меёбад.

Дар натиҷа давлатҳои миллӣ аз ноилоҷӣ маҷбур мешаванд, ки худро аз ҳалли бисёр масъалаҳои ҳаёти кишварашон дар канор гиранд ё иҷрои вазифаҳои ҷонии худро маҳдуд намоянд. Ҳамзамон бо сабаби коҳиш ёфтани салоҳияти мақомотҳои роҳбарӣ ва дастнигар шудани онҳо аз дигарон, махсусан аз давлатҳои абарқудрат ва созмонҳои байналмилалӣ, давлатҳои миллӣ бо роҳҳи ихтиёрӣ аз иҷрои вазифаҳои худ даст мекашанд. Инро махсусан дар масъалаи худро аз масъулияти додани маблағи кӯмакпулиҳо, суғуртаи иҷтимоӣ, таҳсилот, ҳангоми кушода шудани сарҳадҳо бо инфрасохтори дигар давлатҳо якҷоя кардани инфрасохтори худ, ҳамроҳ шудан, розигӣ додан ба давлатҳои хориҷӣ ҷиҳати дар қаламрави он ҷойгир кардани пойгоҳҳои ҳарбӣ ва итоат кардан ба қоидаҳое, ки онҳо муқаррар мекунанд, равшан эҳсос кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дар партави ҷаҳонишавӣ авлавият пайдо кардани манфиатҳои олигархияи ҷаҳонӣ тобиши сиёсии ин равандро қувват дода, дар ниҳояти кор боиси маҳдуд гардидани истиқлолияти миллии давлатҳо, вобастагии онҳо аз ширкатҳои фаромиллӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ва минтақаҳои худ мегардад. Дар ин асос ҳамчунин ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷаҳонишавӣ барои халқҳое, ки дар саргаҳи он истодаанд ва

ё ба гирдоби он кашида шуданд, неъмат ва барои он мамлакатҳое, ки аз ин гирдоб берун мондаанд, хатар аст. Зеро ки ҷаҳонишавӣ ҳуқуқу имкониятҳои як қатор мамлакатҳоро маҳдуд карда, иқтидору имкониятҳои дигар давлатҳоро афзӯн мегардонад.

Ҷаҳонишавии сиёсат робитаҳои дохилию хориҷӣ ва сарҳадҳои давлатҳои аз ҷиҳати ҳудудӣ мустақилро вайрон карда, фарҳангҳои миллӣ, анъана ва ҷашну маросимҳои онҳоро ба таври ҷиддӣ ба “низом” меоварад. Пӯшида нест, ки чунин “банизомоварӣ” ҳам дар пояи арзишҳои тамаддунӣ ва фарҳангии мамлакатҳои ғарбӣ ба амал бароварда мешавад, ки ин худ маънои аз байн рафтани асолати миллатҳо ва хароб гардидани рангорангии арзишҳои маънавии онҳоро дорад. Дар натиҷа, чуноне ки В.П.Шалаев мегӯяд, фарҳангҳои миллӣ ба фолклор ва миллатҳо ба маводи этнографӣ барои он давлатҳое, ки қобилияти бомаром ташкил кардани ҳаёти ҷамъиятию давлатии миллати худро доранд, табдил меёбад [4, С.87]. Ҳол он ки фарҳанг, анъанаҳо ва маросимҳо ҷавҳари ҳуввият ва худшиносии миллии ҳар як қавму миллатро ташкил медиҳад. Махлутшавии фарҳангҳо дар доираи қолаби ғарбӣ ва ба соҳаи ҳаёти маънавии қавму миллатҳои давлатҳои соҳибистиқлол роҳ ёфтани фарҳанги авомӣ онҳоро якранг мекунад ва ба бенавоёни маънавии ба осонӣ идорашаванда табдил медиҳад.

Вобаста ба ин масъала як нуктаро таъкид кардан бамаврид аст, ки дар таҳқиқу баррасии раванди ҷаҳонишавӣ муносибати иқтисодмарказӣ ҷойи асосиро ишғол менамояд. Ҳол он ки мувофиқи ақидаи муҳақиқи рус Э. Кочетов, доир ба дарки олами ҷаҳонишуда ва бунёди тарҳи бутуни он се диди назари асосӣ вуҷуд дарод. “Аввалан. Ҷаҳон дорои умумият, ягонагӣ ва бутунӣ мебошад, ки ба дарки ҷаҳонии он оварда мерасонад. Баъдан. Ба олам гуногунрангӣ хос аст. Сониян. Гуногунрангӣ дар он ифода меёбад, ки олам тағйир меёбад, шакл иваз мекунад, сохторашро дигар менамояд” [3, С.627].

Зикр бояд кард, ки чунин муносибат ба раванди ҷаҳонишавӣ ҳам сабабҳои объективӣ ва ҳам субъективии худро дорад. Тавофутҳои амиқтарини тамадунҳо, хусусиятҳои фарҳангҳои миллатҳои ҷаҳон, қувват гирифтани минтақагароии иқтисодӣ дар доираи як тамаддун ва афзӯдани таъсири динҳо ҳамчун муҳимтарин омили ҳувияти тамаддунӣ бархе аз он сабабҳое мебошанд, ки имрӯз дар баробари афзӯдани шумораи тарафдорони ҷаҳонишавӣ, шумораи рақибони онро ҳам зиёд намудаанд.

Мусаллам аст, ки роҳи гурез аз таъсири ҷаҳонишавӣ нест. Вале барои ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, асолати миллӣ ва арзишҳои волои ниёгон кӯшиш кардан, ин қарзи ватандории ҳар як қавму миллат аст. Бо ҳамин сабаб давлатҳои миллии ҷаҳони муосир низ ҷустуҷӯи роҳу воситаҳоеро мақсади худ қарор доданд, ки ба мутобиқшавии шаклу мундараҷаи давлатҳои онҳо ба талаботи ҷаҳонишавӣ, алалхусус ба ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, мустақилона ва мувофиқи салоҳдиди худ ташкилу амалӣ гардонидани ҳокимияти олӣ ва принсипҳои сохтори давлатию ҳудудӣ мусоидат карда метавонанд.

Дар роҳи ба даст овардани ин ҳадафҳо, ки ҳаёту мамоти ояндаи давлатдории мо аз онҳо сахт вобаста аст, ташаккули шуури худшиносии миллӣ нақши калидӣ доранд. Зеро ки шуури худшиносии миллӣ ба он “лангаре” шабоҳат дорад, ки аз як сӯ, киштии ҷомеа ва давлатро аз хавфи ғарқшавӣ эмин медарорад ва аз дигар сӯ, ба сифати кафолати пойдории арзишҳои маънавӣ ва омили ҳифз намудани ҳастии миллат ва асолати миллӣ баромад мекунад. Ҳамазамон зикр бояд кард, ки маҳз ҳамин арзишҳои миллӣ меъери асосии фарқ гузоштан дар байни давлатҳои миллӣ мебошад. Бештар аз ин “меъмор”-и ташаккули худшиносии миллӣ худи элитаи сиёсӣ, ки ба бақо ва шукуфоии давлатҳои миллӣ сидқан ғамхоранд, сари ин мушкилот бештар андеша менамоянд. Чунки шуури худшиносии миллӣ танҳо дар сатҳи

ниҳодҳои сиёсии давлатӣ ташаккул ёфта метавонад ва танҳо он қодир аст, ки давлатҳои миллиро аз махлут шудан бо дигар низомҳои фаромиллӣ эмин нигоҳ дорад.

Солҳои охир роҷеъ ба масъалаи зарурати ташаккули шуури худшиносии миллӣ китобу мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавии зиёде навишта ва нашр карда шудаанд. Вале боиси афсӯс аст, ки аксари онҳо сатҳӣ ва яктарафа мебошанд. Зеро ки дар онҳо яке аз пояҳои шуури худшиносии миллӣ ҳамчун замина ва ё шарти зарурии ташаккули он қаламдод карда мешавад. Ҳол он ки шуури худшиносии миллӣ танҳо дар сурати таъмин намудани таносуби се омил – фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ташаккул ёфтанаш мумкин аст.

Дар ин таносуб фарҳанг ҳамчун реша, иқтисодиёт ҳамчун тана ва сиёсат ҳамчун меваи шуури худшиносии миллӣ иҷрои вазифа ва ҳамаи онҳо аз якдигар вобастаанд ва якдигарро пурра менамоянд. Авлавият додан ба яке аз онҳо метавонад раванди ташаккули шуури худшиносии миллиро ба кӯчаи сарбастаи қавмгароӣ (фарҳанг), манфиатҷӯии субъективӣ ва ё фаромиллӣ (иқтисодиёт) ва ё ормонҳои ношикаста (сиёсат) оварда расонад.

Зеро ки шуури худшиносии миллӣ ин шакли олии дарки манфиатҳои миллӣ дар сатҳи намояндагони қавму миллатҳои Тоҷикистон ҷиҳати умумӣ будани решаҳои таърихию фарҳангӣ ва манфиату орзӯҳои онҳо мебошад.

Дар шароити қувват гирифтани раванди бебозгашти ҷаҳонишавӣ ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва истиқлолияти миллӣ дар баробари ташаккули шуури худшиносии миллӣ аз як қатор омилҳои дигар низ вобаста аст, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- Боз ҳам мустаҳкам кардани Ваҳдати миллӣ ва ризояти ҷомеа, ки маҳз ба туфайли он Тоҷикистон аз вартаи нобудшавӣ ва миллат аз хавфи парокандагӣ раҳоӣ ёфтааст. Ваҳдате, ки рамзи ифтихор, якдилӣ ва фарҳанги баланди сулҳофарии миллати куҳанбунёди тоҷик мебошад. Ваҳдате, ки гарави рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии кишвар мебошад.

- Ба даст овардани истиқлолияти воқеии иқтисодии мамлакат, ки дар пояи истеҳсоли техникаю технологияи ватанӣ, аз содиркунандаи ашёи хом ба кишвари тавлиди маҳсулоти тайёр табдил додани ҷумҳурӣ, зиёд намудани истеҳсоли номгӯи молҳои воридивазкунанда, ба ҷойи кор ва маоши арзанда таъмин кардани аҳолӣ амри воқеӣ шуданаш мумкин аст. Ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳо кардани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва махсусан саноатикунонии босуръати кишвар низ ба ҳалли ҳамин масъала нигаронида шудаанд.

Имрӯз нақши илм дар рушду шукуфоии ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯз аз рӯз афзуда, аз ҷониби роҳбарияти давлату ҳукумат нисбати он диққати ҷиддӣ зоҳир мегардад. Ҷиҳати ҳавасманд гардонидани ҷавонон дар давоми соҳибистиқлолӣ як қатор имтиёзҳо, аз қабили стипендияи президентӣ, инчунин баланд намудани стипендияҳои магистрон, аспирантон ва докторантон, ҷалб намудани ҷавонони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда аз тарафи Ҳукумати мамлакат амалӣ карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба мардуми тоҷик, бахусус ҷавонон таъкид мекунанд: «…имрӯзҳо илм дар ҷаҳон бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, ҳар рӯз технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ ба вуҷуд меоянд, ки истифодаи онҳо дониш, ақл, маҳорату малакаи баландро талаб мекунад. Дар чунин шароит ҷавонони мо бояд ҳар гуна ақидаҳои мутаассибӣ ва таассубро қатъиян нобуд созанд, барои азхуд намудани дастовардҳои илму техникаи муосир саъй намоянд, афкор ва ҷаҳонбинии худро такмил бахшанд, бо донишҳои навтарин муҷаҳҳаз гарданд, ба қадри кофӣ баробари замон қадам зананд ва пойдории сулҳу оромиву суботи сиёсии Тоҷикистонро ба таври ҳамешагӣ таъмин намоянд» [12.]. Бинобар ин, ҷавонон бояд пайваста ба омӯзиши илму дониш машғул гарданд, то ба доми ҳар гуна гурӯҳҳои ифротӣ наафтанд. Аз ин рӯ, ҷавонон, ки қишри осебпазири ҷомеа мебошанд, бояд ба ҳар хел ваъдаю найрангҳои душманони миллати тоҷик бовар накунанду худро ба доми онҳо напартоянд.

Чунки ҷавонон дар ҳама давру замон нерӯи бузургу бунёдгару созандаи давлату кишвар маҳсуб мешаванд. Дар ин маврид файласуфи машҳур Арасту низ бомаврид гуфтааст: “Ҳама касоне, ки хусусияти санъати тафаккурро дарк намудаанд, бояд фаромӯш накунанд, ки тақдири империяҳо ба тарбияи ҷавонон вобастагӣ дорад”.

Ташкили кор оид ба пешгирӣ намудани шомилшавии ҷавонон ба гуруҳҳои экстремистӣ зина ба зина якчанд марҳаларо дар бар мегирад. Ба андешаи коршиносон, дар асоси барномаҳои махсус бо ҷавонон ва наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, чорабиниҳо ва вохӯриҳо, маҳфилҳо,

мизҳои мудаввар бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронидан аз манфиат холӣ нест.

Таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ин қишри ҷомеа мунтазам меафзояд. Дар суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мудаввом таъкид мегардад, ки «ҳадафи сиёсати давлатии мо дар бахши ҷавонон тарбияи кадрҳо, мутахассисони донишманду соҳибмаърифат, насли дорои ҷаҳонбинии васеъ ва хислатҳои Ватандӯстиву Ватанпарастӣ мебошад».

Маҳз бо ҳамин мақсад, тӯли чанд соли охир озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» бо ташаббуси бевосита ва бо сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда шудааст. Сатҳи илму дониш ва саводнокии аҳли ҷомеа пойдории ҳар давлату миллатро дар саҳифаҳои таърихи инсоният ҳифз менамояд.

Ҳамчунин дар ин замина озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат" бо мақсади арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори миллати тоҷик, омӯзиши корнамоиҳои шоистаи ниёгони миллати тоҷик, таҳкими ҳофизаи таърихӣ ва шинохти нақши халқи тоҷик дар рушди тамаддуни инсоният, ки бо далелҳои раднопазир дар китоби пуразриши академик Бобоҷон Ғафуров инъикос ёфтааст, баргузор мегардад. Баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат», ки мақсади он барои рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо кардан ба техникаву технология, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ нигаронида шудааст, талаботи замон ва икдоми саривақтӣ мебошад, зеро асри XXI давраи босуръати илму техника ва технология буда, марҳилаи таҳаввулоти ҷиддии илмиву техникӣ дониста мешавад. Рушди ҳар кишвар бошад, дар замони муосир бо воситаи мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ, пешрафти илму техника ва ҷорӣ намудани ихтирооти нави илмӣ таъмин карда мешавад [13].

Ҷавонони мо бояд тамоми кӯшишу ғайрати худро баҳри илму дониш, созандагию ободкорӣ равона созанд. Дар замони муосир, ки илму техника пешрафт намудааст, кӯшиш намоянд, то ҳамқадами замон бошанд. Ҳар як ҷавонро лозим аст, ки фикри худро ба оинҳои хурофотӣ банд накарда, дастовардҳои илмию техникӣ ва технологияи муосир огоҳ гардида, ҷаҳонбинии худро васеъ намоянд.

Масъалаи таъминоти кадрӣ, дастгирии ҷавонони лаёқатманду соҳибистеъдод, донандаи забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои замони муосир ва фароҳам овардани шароитҳои зарурии ташаккулёбии мутахассисони ҷавон дар ҷомеа доимо зери меҳвари фаъолияти давлат ва Ҳукумати кишвар қарор дошта, пайваста тадбирҳои саривақтӣ амалӣ карда мешаванд. Имрӯз аз ҳисоби масъулин ва кадрҳои дар соҳаи кор бо ҷавонон фаъолиятдошта, ба ҳайси роҳбари мустақил дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳуриву вазорату идораҳои давлатӣ кору фаъолият доранд [11.с.67].

Таърихи афкору андешаи инсонӣ исбот менамояд, ки илму дониш ҳеҷ вақт душмани дину имон набуда, балки бар зидди хурофот, куҳнапарастӣ, бофтаҳои баъзе диндорони бесаводу чаласавод буд. Донишманди маъруф Герберт Спенсер (Ҳерберт Испенсер) дар рисолаи хеш, ки ба мавзӯи тарбия бахшидааст, чунин мегӯяд: «Дониш бо хурофот сари адоват ва ситез дорад, вале бо дин душманӣ ва ситез надорад. Дар бисёре аз улуми табиии роиҷ дар асри мо рӯҳи динситезӣ вуҷуд дорад. Аммо дониши саҳеҳ ва дуруст ва дар сатҳи маълумоти фаротар рафта ва дар жарфно ва умқи ҳақоиқ (ҳақиқат) нишастааст, аз ин моҳияти динситезӣ барканор аст» [19.].

Олимон ва донишмандони дигар халқу миллатҳо низ ба он назаранд ки одоб ва таълиму тарбияи неки инсонӣ,

ки яке аз рукнҳои асосии фарҳанг дар ҷомеа ба шумор меравад дар пояи аввали ахлоқ қарор мегирад. Аз ҷумла, файласуфи амрикоӣ Ҷон Дюи ичунин ақида дорад, ки «таълиму тарбия омода кардани афрод барои зиндагӣ нест, балки худи зиндагӣ аст» [14.с.253.].

Мутафаккири бузург Ибни Рушд мисли дигар мутафаиккирони Шарқ мавҷудоти оламро объективӣ эътироф намуда, донисташавии онро ба воситаи эҳсосот маъқул дониста, қайд мекунад, ки ба бахту саодат ноил шудан дар ҳаёти воқеъӣ фақат ба воситаи илму маърифат муяссар мегардад. Дониш инсонро аз торикию ҷаҳолат ва гумроҳӣ наҷот дода, дар мушкилтарин лаҳзаҳои ҳаёташ мададгор хоҳад шуд [9.с.393].

Дар шароити бунёди давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар баробари меъёрҳои байналмилалии давлатдории муосири мо анъанаҳои арзишманди тарбиявию ахлоқиро бояд ҳамчун унсури ғояи миллӣ истифода намоем. Афкори мутафаккирони Шарқу Ғарб барои ба ҷо овардани эҳтироми якдигар дар ҷомеа, эҳтиром нисбати падару модар, ёру дӯстон, фарҳанги милилии худ, нисбат ба ватан ҳидоят менамояд. Бояд зикр намуд, ки дар осори зиёде аз мутафаккирон ва олимони барҷаста фазилатҳои ахлоқӣ, гуфтору рафтори нек ҳамеша дар пояи аввали ахлоқи инсонӣ меистад. Ба ақидаи мутафаккири асри IX-X Мотурудӣ, аз надоштани илму дониш ҳолате ба вуҷуд меояд, ки ҳолати табии инсон торик вонамуд шуда, зери таъсири омилҳои зоҳирию ботинӣ, аз ҷумлаи майл, андеша, одат, муҳит ва ғайра қарор мегирад ва аз ин лиҳоз наметавонад, барои инсон шинохти дурусте фароҳам оварад.

Дар «…рӯ ба башаргароӣ овардани ҷомеа, танзими муносибатҳои байни одамон ва байни миллатҳо нақши санъат, фарҳанг ва тамаддун бузург мебошад» [7.с.48.]. Таърихи навини Тоҷикистон барои халқи тоҷик саҳифаи наверо боз кард. Ва дар ин замина давлат, миллат ва тамоми тоҷикистониён вазифадоранд, ки дар таҳкиму устувории пояҳои низоми давлатдории навин нақши арзанда гузоранд. Дар муқобили ҳама ҳолатҳо душвор истодагарӣ намуда, худшиносии миллӣ доштану эҳтиром ва арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанги миллат, эҳё ва созандагиҳои тафаккури нав дар заминаи рушду нумуи кишвари соҳибистиқлол вусъат диҳанд. Мо агар ба таърихи ғании фарҳанги қадимаи худ дақиқтар назар дӯзем, хоҳем дид, ки доштани маърифати баланди худшиносии миллӣ онҳоро дар ҷаҳон мондагор кардааст.

Ифтихор аз гузаштаи таърихи кӯҳанбунёди хеш вақте пайдо мешавад, ки аз он огоҳ бошӣ, онро мояи омӯзиш, ибрат ва шукӯҳмандӣ бидонӣ, зеро таърихи фарҳангу тамаддун, забон, адаб, урфу одат дар пешгаҳи қавми ноогоҳ ҳукми мурдаро дорад. Саҳифаҳои рангин ва рӯзгори равшани миллати мо дар тӯли таърих бо талошу муборизаҳои ниёгонамон, пешвоён ва сарлашкарон: - Спитамен, Темурмалик, Муқаннаъ, Шерак, Исмоили Сомонӣ, Восеъ, Садриддин Айнӣ, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Бобоҷон Ғафуров ва даҳҳо зиёиёну сиёсатмадорони шарафманди дигар тавъам буд [8.с.114].

Олимону адибони мо дар ин солҳо ба таҳқиқи бадеии рӯзгори мардум, ба мавзӯъҳои миллӣ ва асолати миллӣ дар заминаи шинохти таърихи миллат рӯ оварда, дар ин замина, бо ҷонибдорӣ аз сиёсати фарҳангпарварона асарҳои таърихиеро ба майдон оварданд, ки дар онҳо ҳаёти мураккаби гузаштаи халқи худ таҷдиди назар шуда, роҳи тайнамудаи миллат дар муддати таърихи дароз инъикос гардидааст. Асарҳои зиёде таълиф гардиданд, ки фарогири таърихи миллат, армонҳои миллӣ, ифтихор аз гузаштагону аҷдодони барӯманди хешанд.

Сулҳ таҷассумгари якдигарфаҳмӣ ва толиби осоиштагӣ будани мардум аст. Ваҳдат бошад, ба ҳам омадан, сар аз як гиребон бурун овардан, поктинату миллатдӯст буданро ифода мекунад. Он таҳкими давлат, наҷоти миллат, рушди тоҷикон, нумӯи даврон, моҳияти ҳастии инсон дар замину замон аст. Танҳо бо роҳи ваҳдат, якдигарфаҳмӣ истиқлоли кишварро муҳофизату пойдор ва ягонагии мардумро устувор карда метавонем.

Барои пешгирӣ намудани воридшавии идеологияи экстремистӣ ҳамкории байналмилалӣ аҳамияти хеле муҳим дорад. Ҳамчунин, дар самти ташаккул додани ҳувияти миллӣ ва бедор намудани ҳисси ватанпарастӣ, баланд бардоштани маърифати динӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, огоҳӣ додани мардум аз хатарҳои зуҳуроти терроризму экстремизми динию байналмилалӣ, ба роҳ мондани тарбияи дурусти оилавӣ, ташвиқи илмомӯзӣ дар миёни наврасону ҷавонон метавонад барои аз байн бурдани ин зуҳуроти номатлуб мусоидат намояд [17].

Аз ин лиҳоз ҳар як фарди бошуур ва бомаърифати ҷомеа, алалхусус ҷавонон месазад ба ин афкори барғалати чеҳраҳои сиёсии ноаён фирефта нашаванд, дар ҷустуҷӯи омӯзиш ва ғанигардонии маърифати ахлоқии хеш бошанд. Ҳамин тариқ, ҷавононро мебояд амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Бинобар ин, мо – шаҳрвандони кишвар ва дигар фаъолони ҷомеаро зарур аст, ки дар маҷрои ҷаҳонишавӣ бо дарки масъулият истиқлолияти давлатӣ худро бо меҳнати софдилона ва самимӣ дар ҳама соҳаҳо таҳким бахшем ва барои таълиму тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, инчунин, ҷалби онҳо ба корҳои созандагиву ободкорӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳким бахшидани ваҳдати миллӣ саҳмгузор бошем.

Адабиёт:

1. Арзишҳои миллӣ – нишони худшиносӣ https://apa.tj (таърихи истифодашуда 15.11.23)
2. Дарки ҷавонон ба мафҳуми экстремизм ва роҳҳои пешгирии он // https://www.tajmedun.tj/ (таърихи истифодашуда 15.11.23)
3. Ифротгаротгароӣ чист? http://www.tguk.tj/index.php/tj/siyosi/1262-ifrotgaro-chist.html 21.11.2023.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 16.11.1999 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, № 1266, мод. 1; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар дар бораи муқовимат ба экстремизм» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №12, мод. 697; «Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳиҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025». Аз 5.03.2018 тасдиқ шудааст, № 1033 [Манбаи электронӣ] http://base.mmk.tj/view_sanadhoviev.php?showdetail=&sanadID=588 (таърихи истифодашуда 15.12.2023); «Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ)». Аз 28.03.2006 тасдиқ шудааст, №1717; Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба манъ ва бекор кардани манъи воситаҳои молиявӣ ё дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №129 тасдиқ шудааст.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд
6. Макаренко А.С. Лекции о воспитании детей. – М.: Учпедгиз, 1950. с.25// Устобоева Дилафрӯз Муҳидинновна. «Омилҳ ои косташавии ахлоқ ва роҳҳои пешгирии таъсири онҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ)» (диссертатсияи номзадӣ) Душанбе, 2019 сол. – С. 94
7. М. Маҳмадҷонова. Ваҳдати миллӣ ва пешрафти ҷомеа Истиқлолияти //Тоҷикистон ва ҳуввияти миллии тоҷикон.- Душанбе- 2017- С. 48
8. М.М. Муинова, Ахбори ДДҲБСТ №2 (38), 2009 Талқини ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ дар байни ҷавонон . – С.114.
9. Очеркҳои таърихи фалсафа. Душанбе- Дониш, 1082, - С 393
10. Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгароӣ дар фазои маҷозии иттилоотӣ// https://avkd.tj/tg/khabarho/1892- (таърихи истифодашуда 15.12.2023)

11. Пешвои миллат эҳёгари тамаддуни тоҷикон маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявии ДДҲБСТ, 29 октябри соли 2019 Нашриёти «Ношир» Хуҷанд, 2019 – С 67.

12. Раҳмон Э.Ш. Республика таджикистан на пороге XXI века. Независимая газета, 8 декабря 2000 г.

13. Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ // «Сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ» «Дабир» 2023, Хуҷанд:- С.3- 4 “ (конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон бахшида ба ифтихори ҷашни 35 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии ДДҲБСТ (18-21 апрели соли 2023))

14. Сайидзода З. Густариши ахлоқи миллӣ посух ба пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ. Душанбе -2014. – С.253.

15. [1] Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. [Манбаи электронӣ]. https://www.prokuratura.tj/point22/66-to-ik/news/1229-piramidai-moliyav-19.html (таърихи истифодашуда 1.02.2024)

16. Times Last modified on Душанбе, 22 Апрел 2019 (таърихи истифодашуда 12.12.2023)

17. Терроризм ва экстремизми динӣ - хатари он ба амнияти ҷомеа // https://www.hgu.tj/news/post/terrorizm-va-ekstremizmi-dini-hatari-on-ba-amniati-omea.html (таърихи истифодашуда 15.11.23)

18. Файзов Р.Х. «Терроризми сиёсӣ ва хусусиятҳои он дар шароити тағйирёбии ҷомеа (таҷрибаи тоҷикистон)» Автореферат. Соли 2022. - С 24.

19. Экстремизми динӣ ва терроризм – падидаҳои номатлуб ва нанговари ҷаҳони мусир https://web.ttu.tj/tj/articles/39 (таърихи истифодашуда 28.04.2020)

ПУТИ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ ТЕРРОРИЗМА И РЕЛИГИОЗНОГО ЭКСТРЕМИЗМА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Иброхимова С.Х.

В статье анализируются основные источники распространения террористической и экстремистской деятельности и отмечается, что оторванность от науки и знаний, отсутствие элементарных религиозных представлений, доверчивость, низкий уровень правовых знаний являются одними из факторов, заставляющих людей, особенно молодежь, попадать в ловушку этих групп. Автор также считает, что предотвращение этой чумы века лежит в плоскости сотрудничества мирового сообщества и всех стран планеты, а главной задачей средств предотвращения любых нежелательных и опасных действий он считает повышение уровня знаний и образования подрастающего поколения и молодежи.

***Ключевые слова**: национальное единство, государственная независимость, терроризм, религиозный экстремизм, образование, мораль, молодежь, образование.*

WAYS TO PREVENT RELIGIOUS TERRORISM AND EXTREMISM IN MODERN CONDITIONS

Ibrokhimova S.H.

This article analyses the main sources of spread of terrorist and extremist activities and notes that detachment from science and knowledge, lack of basic religious understanding, gullibility, low level of legal knowledge are among the factors that lead people, especially young people, to fall into the trap of these groups. The author also believes that the prevention of this plague of the century lies in the co-operation of the world community and all countries of the planet, and he considers raising the level of knowledge and education of the younger generation and youth as the main task of the means of preventing any undesirable and dangerous actions.

***Key words:** national unity, state independence, terrorism, religious extremism, education, morality, youth, education.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТОҶИКИСТОН ДАР МУҚОВИМАТ БА ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ИФРОТГАРОИИ ХУШУНАТОМЕЗ

Зиёзода Н. И. - ходими хурди илмии Шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии ИФСҲ АМИТ E-mail: nodirziyoev@mail.ru, Тел: (992) 901111220
Зиёева З. И. -ходими калони Шуъбаи фалсафаи фарҳанги ИФСҲ АМИТ E-mail:zzebo87@mail.ru, Тел: (992) 902000026

Масъалаи асосие, ки мавриди тадқиқ ва таҳлили илмӣ қарор дода мешавад, ин терроризми байналмилалӣ, ифротгароии хушунатомез ва амалҳои зидди онҳо дар ҷаҳони муосир чӣ дар давлатҳои алоҳида ва чӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки мушкилиҳои зиёдро пеш меоранд, ба ҳисоб меравад. Чунин вазъиятро ки характери амалҳои террористии солҳои охир, ки далели тағйир ёфтани моҳияти онҳо, яъне аз фаъолияти инфиродии одамон ва миллӣ ба зуҳуроти умумиҷаҳонӣ табдил меёбанд метавон қиёс кард. Дар робита бо чунин мақсад дарки шаклҳои муосири зоҳиршавии терроризм ва ифротгароӣ махсусан пайвастшавии ин падидаҳо бо дин – дар асоси методҳои таҳлилӣ ва муқоисавӣ ва механизмҳои истифодабарии он барои фалаҷ гардонидани идеологияи он зарур мебошад. Инчунин муборизаи якҷояи давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ба муқобили терроризм дида масъалаи муҳимтаре нест. Барои пешгирӣ аз амалҳои террористӣ ҳамкории муассири давлатҳо бо истифода аз таҷрибаи ҳамдигар ва механизми пешрафта дар заминаҳои низомӣ, табодули иттилоот ва эҷоди фазои ҳамкорӣ миёни аъзо ва воҳидҳои қудратӣ зарур аст. Барои маҳви терроризм бояд сабабҳои пайдоиш ва заминаҳои густариши он мавриди омӯзиш қарор гиранд. Бидуни омӯзиши дақиқ ва илмии сарчашмаҳои пайдоиш ва паҳншавии терроризм имкони нест кардани он вуҷуд надорад.

Калидвожаҳо: *Терроризм, терроризми байналмилал, ифротгароӣ, ифротгароии динӣ, амният, тундравии динӣ, созмонҳои байналмилал*

Ҳадафи мақола баррасии мавзуи муқовимати Ҷумҳурии Тоҷикистон бар зидди терроризи балналмилалӣ ва ифротгароии хушунатомез мебошад. Яке аз баҳсҳое, ки таваҷҷӯҳи бештари назарияпардозонро дар ҷаҳони имрӯза ба худ ҷалб намудааст, ин терроризм ва ифротгароӣ мебошад. Ин раванд ҷомеаи башариро имрӯзҳо сахт нигарон кардааст, ки баҳри пешгирӣ ва фаҳми амиқи тамоми омилҳо, сабабҳо ва дарёфти роҳу усулҳои самарабахши мубориза алайҳи ин падидаи манфур (терроризм) тамоми кӯшишҳоро равона карда истодааст. Терроризм ва ифротгароӣ яке аз мушкилиҳои ҷиддии амниятӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад, ки амнияти ҷаҳонро дар зери хатар қарор медиҳад. Ин тадқиқот нишондиҳандаи он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барҳӯрд ва мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ дар се даҳаи охирро шарҳ диҳад.

Имрӯз падидаи терроризм ва ифротгароӣ ба яке аз муҳимтарин нигарониҳои амнияти миллатҳо ва давлатҳо дар саро сари ҷаҳон табдил шудааст. Ривоҷи падидаҳои терроризм ва ифротгароӣ ба минтақа ва ё хоси давлатҳои алоҳида нест, балки аз кишварҳои хурд шурӯъ карда то бузургтарин қудратҳои дунё бо хатароти хушунатомези ин падидаҳо рӯбарӯ ҳастанд.Терроризм на миллат дорад, на дин ва на ҳудуд. Маҳз ҳамин нишондиҳандаҳо мубориза бо терроризмро боз ҳам мушкилтар мекунад [5, 313]. Дар баробари авҷгирии фаъолиятҳои террористию ифротгароии хушунатомез чораҳои байналмилалӣ бо

мубориза бо онҳо афзоиш ёфт, аммо бо вуҷуди қонунҳо ва муқарароти байналмилалӣ барои мубориза бо ин падидаҳо нигоҳ накарда, ҷомеаи байналмилалӣ ҳанӯз натавонистааст бо ин падидаҳо ҳамаҷониба мубориза барад ва ҷаҳонро аз мавҷудияти террористону ифротгароёне, ки хуни ҳазорон инсонҳои бегуноҳро дар зери хатар қарор медиҳанд, пок намояд.

Тахминан гуфтан мумкин аст, ки аз замони ташаккули ҷомеаи байналмилалӣ ва дарки зарурати мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ кишварҳо ва ҷомеаи байналмилалӣ стратегияҳои гуногунро дар раванди мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ пеш гирифтаанд, ки ҳар як то андозае ба муваффақиятҳо ноил гаштаанд. Аммо ҳеҷ кадоме аз он стратегияҳо қодири мубориза бурдан ва решакан кардани терроризм ва ифротгароӣ набуда дар муддати тӯлонӣ натавонистаанд, ки аз амалҳои хушунатомези террористию ифротгароӣ пешгирӣ кунанд.

Дар олами муосир терроризм ба яке аз масоили муҳим ва мубрами доираҳои васеи илмӣ - тадқиқотӣ табдил ёфтааст. Зеро, терроризм на танҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, балкӣ дар ҳаёти одамони алоҳида низ мақоми махсуси таъсиррасониро касб кардааст. Ин раванд ҷомеаи башариро имрӯзҳо сахт нигарон кардааст, ки баҳри пешгирӣ ва фаҳми амиқи тамоми омилҳо, сабабҳо ва дарёфти роҳу усулҳои самарабахши мубориза алайҳи ин падидаи манфур (терроризм) тамоми кӯшишҳоро равона карда истодааст. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи ин масъала талаби рӯз мебошад.

Ҳаёти воқеӣ нишон медиҳад, ки терроризм ба амнияти ҷомеа, ба таври муътадил фаъолият намудани мақомоти ҳокимият, инчунин ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон хавфу хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Ин падидаи манфӣ ҳамчун амал бениҳоят хатарнок шинохта шуда, ба сифати ҷинояти дорои хусусияти байналмилалӣ эътироф карда мешавад.

Имрӯз амалҳои террористиву ифротӣ ва роҳҳои маблағгузории он аз ҳисоби гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятқории муташаккил, хариду фурӯши одамон, силоҳ ва фасод таҳдиду хатарҳои ҷиддӣ ба сулҳу амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ ба шумор мераванд. Равандҳои террористиву экстремистӣ ба тинҷиву оромӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва озодии инсонҳо таъсир расонида, намегузорад, ки таҳкиму тақвият ёбанд.

Амалҳои террористӣ дар минтақаҳои гуногуни олам миллионҳо нафар одамонро гирифтори хавфу хатар ва дар оташи ҷангу низоъҳо қарор додаст. Дар натиҷаи ин амалҳои даҳшатафкани гурӯҳҳои ҷиноятпешаи террористӣ солҳои охир зиёда аз 100 кишвари дунё зери ҳадаф қарор гирифта, бо сабаби онҳо садҳо ҳазор нафар аҳолии осоишта ба ҳалокат расида ва миллионҳо нафар макону манзили зисташонро тарк кардаанд.

Аз сабабе, ки тарзи фаҳмиш ва арзишҳои ифротгароён барои аъзои дигари ҷомеа қобили қабул нестанд, онҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ аз зӯроварию хушунат истифода мекунад. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ҷомеа ва давлатро тарсонида, бо роҳи зӯрӣ инсонҳоро ба худ тобеъ карда, мақсадҳои худро ба ҷомеа таҳмил намояд. Ҳамин тавр, ифротгароӣ аз марҳилаи радикализм ба марҳилаи сеюми худ, яъне ба марҳилаи терроризм мегузарад.

Имрӯз дар забони муошират, аз ҷумла, дар забони илм ва воситаҳои ахбори умум, ифротгароиро экстремизм ва даҳшатафканиро терроризм мегӯянд. Ин истилоҳҳо низ ҳамин маъноҳоро ифода карда, фақат шакли лотинии пазируфташудаи ин мафҳумҳо мебошанд. Аз ин рӯ, дар ҳамин шакл истифода намудани ин истилоҳҳо низ дуруст аст, зеро ҳоло муҳимтар он аст, ки ин мафҳумҳо ва ин падидаҳо ба мардум фаҳмо буда, моҳият ва хатари онҳо барои мардум равшан бошад. Экстремизм, радикализм ва терроризм давоми мантиқии ҳамдигар буда, ҳалқаҳои пайвастаи як занҷиранд, ки дар маҷмӯъ, тафаккур, амалия ва моҳияти гурӯҳҳои ифротгароиро ташкил мекунанд.

Барои хубтару беҳтар нишон додани сатҳи омӯзиши мавзӯъ моро лозим меояд, ки ба якчанд таърифҳои илмии олимони ин соҳа рӯй оварда, онҳоро қайд намуда, дидгоҳи баъзе аз онҳоро зикр созем.

Дар фарҳаги луғати вожаҳои хориҷӣ ва ҳамчунин луғати тафсирии забони русӣ ифротгароиро ҳамчун «риояи ақида ва чораҳои ифротӣ» маънидод мекунанд [8, 972; 10, 796; 13, 665] марбут ба сиёсат аст.

В.И.Шулов ба мафҳуми баррасишаванда чунин таъриф медиҳад: «Терроризм падидаи ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, ки ҷаҳонбинӣ, идеология, усулҳои мушаххасро дар бар мегирад, ки ҳадафи он дар шароити мавҷуда куллӣ ва объективӣ ғайриимкон буда, ҷаҳон ва/ё ҷомеаро танҳо тавассути зӯроварии равонӣ ва ҷисмонӣ тағйир медиҳад» [17, 46-47].

Дар Конвенсияи Шанхай аз 15 июни соли 2001 «Дар бораи мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм», ки бо Қонуни федералии Федератсияи Русия аз 10 январи соли 2003 № 3-ФЗ [9, 155].тасвиб шудааст, Терроризм чунин маънидод карда мешавад: «ҳар амали дигаре, ки барои марг ё расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ба шаҳрвандон ё шахси дигаре, ки дар амалиёти ҷангӣ дар ҳолати муноқишаи мусаллаҳона иштирок намекунад, ё расонидани зарари калон ба ягон объекти моддӣ пешбинӣ шудааст, инчунин ташкил, банақшагирӣ, ташвиқ кардан, ташвиқ кардани чунин амал, агар мақсади чунин амал аз рӯи хусусият ё мазмунаш тарсонидани аҳолӣ, вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ ё маҷбур кардани мақомот ё созмони байналмилалӣ ба андешидани ягон амал ё худдорӣ аз ин кор бошад" [16, 39-47].

Б.Нетаняҳу таърифи зеринро медиҳад: «терроризм ҳамлаи барқасдона ва муназзам ба аҳолии осоишта ва тарсонидани он барои расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ мебошад» [7, 40].

А.Г.Никитин дар экстремизм «падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқиеро мебинад, ки бо воқеияти объективии зуҳуроти шадиди унсурҳои равонӣ, идеологӣ ва рафторӣ ба муносибатҳои мушаххаси иҷтимоӣ ва иштирокчиёни онҳо муайян карда мешавад» [6, 42].

Ба гуфтаи С.Н.Фридинский, «амалиёти зӯроварии ифротгароёнро нисбат ба дигарандешон аксар вақт терроризм меноманд». [15, 26-27].

Чӣ тавре, ки маълум аст дар, китобҳо, мақолаҳои илмию байналмилалӣ, конференсияҳо таъкид мешавад, ки то ҳанӯз нисбати падидаи ифротгароӣ (экстремизм), радикализм (тундгароӣ) ва терроризм таърифи дурусти илмӣ надорем. Дар бораи ин падидаҳои мазкур таърифҳои мушаххас надошта бошем ҳам аммо бисёр муҳимтар он аст, ки мо дар бораи моҳият ва хусусиятҳои асосии он шинохти дақиқи амалӣ ва воқеъбинона дошта бошем. Яъне мо бояд бидонем, ки бо чӣ падидае рӯ ба рӯ ҳастем ва бо чӣ падидае мубориза мебарем.

Аҳаммияти мубориза бо экстремизму радикализм аз аҳаммияти мубориза бо худи терроризм камтар нест, зеро экстремизму радикализм заминаи асосӣ ва марҳилаҳои ибтидоии терроризм буда, дар ниҳоят ба терроризм бурда мерасонанд. Терроризм марҳилаи олӣ ва охирини ифротгароӣ ё шакли амалишудаи экстремизму радикализм мебошад. Ин аст, ки ҳангоми муносибат бо ин падидаҳо бояд дар назар дошт, ки онҳо бо ҳам пайванди амиқ дошта, бавуҷудоварандаи ҳамдигар мебошанд.

Аз ифротгароӣ то терроризм ҳамагӣ як қадам буда, мубориза бо ифротгароӣ дар амал ҷузъи бисёр муҳимми кори мубориза бо терроризм ва роҳи пешгирии ба марҳилаи радикализму терроризм расидани он мебошад.

Аз рӯйи чуғрофия терроризм ба терроризмҳои давлати, фаромиллӣ, маҳалӣ ва фардӣ тақсим мешавад, вале ин ягона тақсимбанди нест. Олимон боз терроризмро ба терроризми сиёсӣ, динӣ, миллигароӣ, терроризми ҷаҳонӣ, наркотерроризм, кибертерроризм ва терроризми ҳастаӣ, кимиёвию биологӣ тақсим намудаанд.

Дар тамоми ҳаракатҳои тундрав терроризми миллатгаро баҳри ҳадафҳои истиқлол, озодӣ, ҳокимияти миллӣ мубориза менамояд. Навъи дигари терроризм терроризми сиёсӣ аст, ки барои ба даст овардани дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ аз он истифода мекунанд. Ба ин кор гурӯҳҳои террористие даст мезананд, ки қудрати мухолифати сиёсиро надоранд.

Наркотерроризм. Ин навъи терроризм аз зиддиятҳо ва рақобатҳои шадиди миёни қочоқ барои маводи мухаддир сар мезанад. Дар вақтҳои киштукор, ҷамъоварӣ, захира, интиқол ва фурӯши он зиддиятҳо вусъат меёбанд. Истилоҳи наркотерроризм нахустин маротиба соли 1983 аз ҷониби Президенти Перу Фернандо Белаунде Терри истифода бурда шудааст.

Бераҳмтарин навъи терроризм терроризми динист. Террористони динӣ дар динҳои ислом, насроният, яҳудият, ҳиндуизм, буддизм ва дигар фирқаҳои мазҳабӣ ба чараёнҳои ифротӣ мансубанд.

Кибертерроризм. Ин навъи терроризм фазои иттилоотиро халалдор намуда, бо дохил шудан ба сайтҳои интернетӣ таблиғи мақсадҳои ифротии худро ба роҳ мемонанд, барномаҳои парвози тайёраҳоро шикаста, садамаҳои ҳавои ташкил менамоянд.

Терроризми ҳастаи. Ин навъ гурӯҳҳои террористон кӯшиши ба даст оввардан ва истифода намудани силоҳҳои қатли омро доранд. Давлатҳое, ки дорои яроқи ҳастаи мебошанд, масъуланд онро маҳфуз нигоҳ доранд, то ки силоҳон ба дасти террористон наафтанд.

Баъзе гурӯҳҳои террористи силоҳҳои радиологӣ, биологӣ ва кимиёвиро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки амнияти миллӣ ва байналмилалиро зери хатар мегузоранд [19].

Дар марҳилаи навини давлатдории миллӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат ҳифзи сохтори конститутсионии давлат ва таҳкими давлатдории миллӣ мебошад. Тибқи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон гардидааст. Аз ин рӯ, рушди ниҳодҳои демократӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати озодии виҷдон, таъмини амнияти миллии кишвар, таъмини суботи ҷомеа ва дар маҷмӯъ ба амал баровардани рушду инкишофи мамлакат ҳадафҳои олии Ҳукумати кишвар маҳсуб меёбанд. Мутаассифона, дар радифи имкониятҳо ва шароитҳои дар амал татбиқ намудани стратегияҳои мазкур, инчунин як қатор омилҳо ва хафву хатарҳое арзи ҳастӣ менамоянд, ки ба амнияти миллии кишвар ва дар маҷмӯъ ба сохтори конститутсионии давлат таҳдиди воқеӣ ба шумор мераванд.

Дар шароити мураккабу печидаи ҷаҳони муосир ба хотири ҳифзи манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар назди ҷавонон вазифаҳое гузошта шудаанд, ки татбиқи онҳо барои таҳкими истиқлолият ва бақои давлат аҳамияти бузург дорад. Дар ин вазъият ҳушёрии сиёсӣ, ки аз ҷониби Сарвари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мешавад, ки “Терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ)-и падидаи номатлуб буда, вабои аср эълон шуда дар ягон давру замон оммаи мардум ва шаҳрвандони ҷаҳон онро дастгирӣ накардаанд ва намекунанд” хеле зарур аст. Ҳамчунин зарур аст, ки масъалаҳои ҳифзи арзишҳои миллӣ, ҳифзи сарҳад ва муҳити зист, ҷудо кардани арзишҳои миллӣ аз ҳама гуна манфиатҳои шахсӣ нуктаҳои марказӣ бошанд.

Бо дарназардошти чунин вазъият Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2017 иброз намуданд, ки «солҳои охир терроризм ва ифротгароӣ ба хатари ҷаҳонӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст. Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти ифротгароӣ ва террористидошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои

тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои ифротгароӣ ва террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд» [11].

Гурӯҳҳои террористию ифротӣ дар доираи дин махсусан дини ислом танҳо як ҳадаф доранд ва он ҳам бошад аз эҷод кардани хилофат дар тамоми ҷоҳон буда ва ҳадафи созмони террористии ДОИШ таҳмил додани хилофат ба давлатҳои дунявӣ ва демократӣ аст. Барои амалӣ намудани ҳадафу ғояҳои носолиму харобиовари худ ин гурӯҳҳои ифротию террористӣ ниёзманди нерӯҳои ҷавонон мебошанд. Аз ҳамин сабаб онҳо ҷавононро ба ҳар роҳу воситае ба доми худ меандозанд.

Дин дар баробари миллатгароӣ олати тавонои таъсиррасонӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсат дар кишварҳои Осиё ва Африқо боқӣ мемонад. Дар ин ҷо, дар заминаи муносибатҳои тарафайни миллӣ-этникӣ ва ташкилотҳои динӣ қисмати асосии низоъҳои шадидтарин, муқобилати мусаллаҳона ва ҷангҳо ба вуҷуд меоянд, ки ин дар навбати худ амният, якпорчагӣ ва суботро на танҳо дар давлатҳо ва минтақаҳои алоҳида, балки дар тамоми низоми ҷаҳонӣ таҳдид менамояд, зеро чунин бархӯрдҳо барои дахолат кардан ба корҳои дохилии давлатҳои дигар мешаванд, ки аксаран баҳонае беш нестанд. Дар робита бо ин таҳлили систематикии сабабҳои низоъ, шаклҳои зоҳиршавӣ ва роҳҳои ҳаллу фасли низоъҳои динӣ дар матни геополитикӣ ниҳоят муҳим мебошад [1, 32].

Дар иртибот бо ин масъала қайд намудан ба мавриди аст, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ чунин таъкид карда буданд: “Ман чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама кишварҳои исломӣ ва мусалмонони сайёра зарар мебинанд” [12].

Агар ба гуфтаҳои боло назар афканем, афзоиши таъсири дин, тезутундшавии муборизаҳои геосиёсӣ, густариши бесобиқаи раванди ҷаҳонишавӣ бо проблемаҳои глобалии замони муосир манзараи хеле ҳузнангезро пеши назар меоварад.

Аз ҷониби дигар, тарафдорони ғояи таъсис додани хилофати исломӣ аз ҷониби ҷунбишҳо, ташкилотҳо, ҳаракатҳои динӣ-сиёсӣ, ки бо ғояи барпо кардани табадулоти давлатӣ, инқилобҳо, истифодаи терроризм ва экстремизмро дар ҷои аввал қарор дода, бетардид метавонанд ба амнияти миллӣ таъсиргузор бошанд.

Сарфи назар аз он ки дар Тоҷикистон фаъолияти чунин ҳизбу ҳаракатҳои динӣ ва ифротию террористӣ қатъ шудааст, аммо ин маънои онро надорад, ки хавфу хатари онҳо комилан барҳам хӯрдааст. Бо назардошти вазъи имрӯзаи кишвар, омӯзиши амиқ ва ҳаматарафаи падидаҳои чун терроризм ва ифротгароӣ ва пешгирӣ аз оқибатҳои ногувори онҳо ниҳоят муҳим ва зарур мебошад.

Дар ҳамин асос, Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳои хеш таҳдиду хатари терроризм ва ифротгароӣ, паҳншавии ғояҳои ифротгароии динӣ дар миёни ҷавонон, мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, ҳифзи симои маънавии дини ислом ва мазҳаби ҳанафӣ, тарғибу ташвиқи арзишҳои миллӣ ва фарҳанги миллӣ, таҳкими давлатдории миллӣ ва ғ.-ро мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор додааст [Асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон].

Бояд зикр кард, терроризм ва экстремизме ки хусусияти динӣ дошта бошад, аксар ҳолатҳо ба фоҷеа ва харобкориҳои зиёд оварда мерасонанд. Аз ҳамин сабаб дар солҳои 2000-ум бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар мамлакат фаъолияти як қатор ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ ва террористӣ манъ карда шуд. Ҳанӯз дар соли 1999 дар кишварамон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Мубориза бар зидди терроризм” [Ҳуҷҷатҳои расмӣ]. ва соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм” [Ҳуҷҷатҳои расмӣ] қабул гардид. Инчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз 28 марти соли 2006, таҳти рақами № 1717 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бо терроризм ва экстремизм дар мувофиқа бо қонунгузорӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии дар ин соҳа қабулкардааш, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии мубориза, бо мушаххас намудани ҳадафҳо ва вазифаҳо дар ин самт қабул шудааст [4, 224-228]. Бо вуҷуди ин дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон низ баробари рушди технологияи иттилоотию коммуникат-сионӣ таҳдиду хатарҳои чунин гуруҳҳо ба назар мерасад. Аз ин рӯ, тадқиқ ва таҳлили самтҳои фаъолияти ташкилотҳои динӣ ва раванди инкишофи ҳаракатҳои динӣ-сиёсӣ аҳамияти калони илмию назариявӣ дошта, мавзӯи коркарду пешниҳоди тавсияҳоро барои ошкор кардан, пешгирӣ ва бартарафсозии оқибатҳои ифротию террористӣ ҳадафрас мебошад.

Имрӯз терроризм қудрати ҷанги идеологию иттиолотиро дорад ва азми ба даст овардани аслиҳаи биологӣ, кимиёӣ ва ҳастаиро пайгирӣ мекунад. Терроризми қадим бо воситаҳои сода, бо хушунат ва вайронкорӣ барои ҳадафҳои сиёсӣ анҷом меёфт. Терроризми муосир бошад аз воситаҳои бисёр пешрафта истифода мекунад ва ташкили амалҳо хеле печ дар печ аст, террористон ғолибан худкушанд, дар сатҳи ҷаҳонӣ амал менамоянд.

Дар солҳои ахир ҳукумати Тоҷикистон талошҳои худро барои мубориза бо гурӯҳҳои ифротӣ дучанд кардааст. Мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, платформаи аслии ҷалби ДОИШ дар Тоҷикистон интернет аст. Дар Тоҷикистон 3 миллион корбарони интернетӣ ҳастанд ва 80 дарсади ин корбарони интернет ба матлабҳои ифротгароӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ қасдан ё тасодуфан баҳо ё ба доми фиреб меафтанд.

Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ, ҳатман ба масъалаи ҷавонон истода гузашта, пайваста онҳоро ба огоҳиву ватандӯстӣ роҳнамоӣ месозанд. Мулоқоти Пешвои миллат бо намояндагони ҷомеаи кишвар доир гардид, ки дар он зикр намуданд: «Яке аз омилҳои торафт густариш пайдо кардани зуҳуроти терроризм ва ифродгароӣ васеъ истифода гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ мебошад» [18].

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳри мубориза бар зиддӣ ин амали номатлуб пайваста кушишу талошҳои худро намуда истодааст ва яке аз ташаббускорони ҳалли масъалаҳои амниятӣ, мубориза бо терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар саҳнаи байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

Яке аз ташаббусҳои навбатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзҳои 16-17 майи соли 2019 бо ҳамкорӣ ва ҳамдастии Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ҳамоиши хеле муҳиму зарурии замон таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятқории муташаккил»-ро дар шаҳри Душанбе ташкил ва баргузор намуданд, ки аҳамияти байналмилалӣ ва зарурат барои аҳли ҷомеаи башар мебошад.

Мавриди қайд аст, ки баргузории ин ҳамоиши байналмилалии мазкур мантиқан давомдиҳанда ва дар натиҷаи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд зери унвони «Муқовимат бо терроризм ва пешгирии ифротгароии хушунатомез», рӯзҳои 3-4-уми майи соли 2018 дар шаҳри Душанбе мебошад.

Инчунин дар таърихи 14 сентябр брифинги муштараки Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ ва Дафтари зиддитеррористии СММ (UNOCT) оид ба Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз ҳаракати террористҳо», ки 18-19 октябр дар Душанбе баргузор гардид, дар қолаби маҷозӣ доир шуд.

Дар ҷараёни чорабинии мазкур Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ ва муовини Дабири кулли СММ, Роҳбари Дафтари зиддитеррористии СММ дар бораи барнома ва чорабиниҳои тадорукотию ташрифотии Конфронси байналмилалии мазкур, инчунин «Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм» ва маблағгузории он, иқдому талошҳо ва саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷода маълумоти муфассал пешниҳод намуданд.

Намояндаи доимии кишвар итминон дод, ки Конфронси амниятии Душанбе ба муборизаи муштарак бар зидди таҳдидҳои амниятӣ такони нав бахшида, «Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм» ҳамчун платформаи муҳим барои ҳамкории созанда ва судманд барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати таҳкими амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ хизмат хоҳад кард [3].

Қобили зикр аст, ки намояндаҳои Узбекистон, Тунис, Испания, Шри-Ланка, Кирибати, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Чин, Марокаш ва Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар СММ зимни баромади худ дар брифинг саҳм ва ташаббусҳои байналмилалии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти мубориза бо терроризм ва ифротгарой муҳим арзёбӣ намуда, иқдоми навбатии кишвари моро оид ба баргузории Конфронси байналмилалии сатҳи баланд муҳим ва саривақтӣ хонданд.

Баргузории ин ҳамоиши байналмилалӣ дар сатҳи баланд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим ва мувофиқи мақсад буд. Зеро, кишвари мо бинобар мавқеи ҷуғрофӣ дар саргаҳи аввали муқовимат бо чунин проблемаҳои глобалии замони муосир қарор дорад. Инчунин, ҳамоиши байналмилалии мазкур ҳам дар масъалаи мубориза бо ифротгароиву терроризм ва роҳҳои маблағгузории онҳо аз ҳисоби гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, силоҳ ва ғайра ва ҳам дар боло бурдани обрӯ ва нуфузи байналмилалии Тоҷикистон нақши калонро ичро хоҳад кард. Тоҷикистон бо баргузор намудани ин ҳамоиши байналмилалии мазкур фурсати муносибе барои муаррифии худ ҳамчун кишвари пешсафи мубориз бо ин таҳдиду хатарҳо ва пешгирию таъмини амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ аз он тарафи дарёи Омӯро ба даст меорад.

Дар ҷомеа марказҳо ва пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотие мавҷуданд, ки масъулияти мураккаберо бар ӯҳда доранд. Барои онҳо дарки моҳияту хусусиятҳои ҳодиса кифоя набуда, балки зарурияти ошкор намудани масъалаҳои мухталифи тадқиқоти илмӣ пеш меояд. Яке аз вазифаи бевоситаи донишмандон ин, омӯхтани тамоми паҳлӯҳо ва оқибатҳои нохуши терроризм, тадқиқи роҳу воситаҳои самараноки мубориза алайҳи он буда, ҳангоми омӯзиши терроризм масъалаҳои зиёде пеш меоянд, ки на танҳо аҳамияти назариявию илмӣ, балки бештар аҳамияти амалӣ доранд. Махсусан, фаҳми амиқу дурусти мафҳуми “терроризм” сабабҳо, омилҳо ва воситаҳои дигаре, ки одамонро ба ҷараёни мазкур мепайванданд, таҳлили комили шаклпазирии терроризм, дарёфти роҳу воситаҳои самараноки мубориза бар зидди он, хулосагирӣ аз ҷараёни ҳодиса ва махсусан ташхиси чорабиниҳои пешгиринамоии ҳам амалҳои террористӣ ва ҳам худи терроризм арзиши бештаре пайдо менамоянд.

Мавриди зикр аст, ки дар доираи Барномаи рушди СММ барои давраи то соли 2030, Стратегияи ҷаҳонии СММ оид ба мубориза бо терроризм, қатъномаҳои Шӯрои Амнияти СММ ва дигар созмонҳои дахлдорӣ СММ, Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияҳо оид

ба мақовимат ба терроризм ва ифротгароӣ барои давраи солҳои 2016-2020, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир барои солҳои 2013-2020 ва Консепсияи миллии муқовимат ба пулшӯйӣ, маблағгузории терроризм ва силоҳи қатли омро барои давраи солҳои 2018-2025 таҳия намудааст, ки мавриди татбиқ қарор доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи созмонҳои минтақавӣ ба монанди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони Ҳамкории Шанхай дар пешгирӣ ва мубориза бо терроризму экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир як қатор амалҳои самаранок ва ҳадафнокро ба сомон расонида истодааст. Махсусан, дар самти мубориза бар зидди назорати гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ояндаи наздик бо ташаббуси ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай сохтори махсус, Маркази зидди маводи мухаддир дар Душанбе ташкил хоҳад шуд [14]. Мавриди зикр аст, ки ташаббуси мазкур ҳанӯз соли 2006 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон садо дода буд.

Ҳамин аст, ки имрӯзҳо аксари роҳбарони кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ташаббус ва иқдомҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин ҷода баланд арзёбӣ мекунанд. Кишвари мо яке аз давлатҳои пешсаф алайҳи терроризм шинохта шудааст. Ҷаҳон кишвари моро барои истодагарӣ дар самти муқовимат бо терроризм эҳтиром намуда, сипосгузор аст [2].

Хулоса, дар ҳақиқат Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери роҳбарии сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷрибаи арзишманди мубориза бо экстремизм ва терроризмро касб намудааст, ки муаррифии амиқ ва дурусти он дар 178 чунин ҳамоишҳои байналмилалӣ барои пешбурди мубориза бо ин падидаҳо дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ хеле муфид хоҳад буд. Ҳамзамон тақвият гаштани ҷанбаҳои сиёсию дипломатӣ ва таҳлилию коршиносии ҳамоиши байналмилалии мазкур метавонад дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм, роҳҳои маблағгузории он, аз ҷумла аз ҳисоби гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, силоҳ ва фурӯши одамон ва рафъи ҳатару таҳдидҳои он барои кишвари мо, минтақа ва ҷаҳон бисёр муфид бошад.

Бинобар ин, решакан намудани терроризм вазифаи асосии ҳар як давлат буда, барои расидан ба натиҷаи мусбат ҳамкории давлатҳоро дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ тақозо менамояд. Дар баробари ин баланд бардоштани маҳорату малака ва бо лавозимоти муосири ҷангию техникӣ таъмин намудани сохторҳои қудратие, ки алайҳи терроризм хусусан дар марзҳо мубориза мебаранд шарт ва муҳим мебошад. Ҳамзамон муассисаю ташкилотҳои дахлдор аз ҷумла мактабҳои миёна ва муассисаҳои олӣ вазифадоранд, ки дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, таъмини волоияти қонун ва беҳтар намудани сатҳу сифати худшиносию масъулиятшиносии аҳли ҷомеа чораҳои зарурӣ андешанд.

Ҳуҷҷатҳои расмӣ:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Мубориза бар зидди терроризм” қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 16.11.1999 //Ахбори МОҶТ. [матн] / Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.15с.,№1266.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм” қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 08.12.2003 //Ахбори МОҶТ. [матн] / Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.19с.,№1146.

Асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

1. Эмомали Рахмон. О современном мире и основных аспкетах внешней политики Республики Таджикистан. [матн] / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: Контраст, 2019. – 222 с.

2. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. [матн] / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: Эр-граф, 2018.

3. Эмомали Рахмонов. Независимость Таджикистана и возраждение нации. Т.1. [текст] / Эмомали Рахмон. - Душанбе: "Ирфон", 2006. – 480 с.

4. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи милат. [матн] / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: «Ирфон», Ҷилди ҳафтум. 2007. - 480 с.

5. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. [матн] / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: «Ирфон», Ҷилди ҳаштум. 2009. – 576 с.

6. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [матн] / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: «Ирфон», Ҷилди ёздаҳум. 2011. – 576 с.

7. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. [матн] / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: «Ирфон», Ҷилди дувоздаҳум. 2016. – 560 с.

8. Эмомали Рахмон. Таджики в зеркале истории. От Арийцев до Саманидов. [матн] / Эмомали Рахмон. - Душанбе: «Ирфон», 2012. – 676 с.

9. Раҳмон Эмомалӣ. Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам: асари илмӣ. [матн] / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 368 с.

10. Эмомалӣ Раҳмон. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ. [матн] / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: «Бухоро», 2012. – 132 с.

11. Эмомали Рахмон. О времени и о себе. [матн] / Эмомали Рахмон. - Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – 232 с.

Адабиёт

1. Василенко И.А. Политическая глобалистика: [текст] / Учебное пособие для вузов / И.А. Василенко - М., Логос, 2000. - 360 с. С. 32.

2. Встреча с Генеральным секретарем Организации Объединенных Наций Антониу Гутерришем. 30.05.2019. [Электронный ресурс] URL: http://www.prezident.tj/ru/node/15542. (Дата обращения 14.09.2022)

3. Конфронси байналмилалии Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон [манбаи электронӣ] http://www.president.tj/node/29327?fbclid=IwAR3Ij3qYStZZx0ux803S2E-OC79daFK-kTcHFmINOOYL-zCpTnwlAwzCvnc (санаи мурочиат 20.10.2022)

4. Махмадов А.Н. ва Хопёрская Л.Л. Современный Таджикистан: диалектика независимости и интеграции (политико-правовой анализ), [текст] / А.Н. Махмадов ва Л.Л. Хопёрская - Душанбе, 2016. - С. 224-228

5. Наҷмиддинзода А. Терроризми замони муосир ва махсусиятҳои он. [текст] / А. Наҷмиддинзода - Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №7, 2018. -С.313.

6. Никитин А. Г. Экстремизм как объект общетеоретического и общеправового анализа: [текст] / А. Г. Никитин - дис. канд. юрид. наук. Казань, 2010. С. 40.

7. Нетаньяху Б. Война с терроризмом: как демократии могут нанести поражение сети международного терроризма: [текст] / Б. Нетаньяху - пер. с англ. М., 2002. С. 40.

8. Адамчик В. В. Новый словарь иностранных слов: [текст] / В. В. Адамчик - глав. ред. М., 2005. С. 972.

9. О ратификации Шанхайской конвенции о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом: федер. закон Рос. Федерации от 10 января 2003 г. № 3-ФЗ: принят Гос. Думой Федер. Собр. Рос. Федерации 20 декабря 2002 г.: одобр. Советом Федерации Федер. Собр. Рос. Федерации 27 декабря 2002 г. [текст] / Собр. законодательства Рос. Федерации от 13 января 2003 г. № 2. ст. 155.

10. Ожегов С. И., Шведова Н. Ю. Толковый словарь русского языка: [текст] С. И. Ожегов, Н. Ю. Толковый - М., 2007. С. 796.

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017.

[манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/16771 (санаи мурочиат: 10.08.2022)

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018. [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/19088. (санаи мурочиат: 12.08.2022)

13. Бурцева В. В., Семенова Н. М. Словарь иностранных слов: [текст] / отв. ред. В. В. Бурцева, Н. М. Семенова. - М., 2007. С. 665.

14. Таъсиси сохтори наву хатарҳо аз Афғонистон: Ватанзода ва Патрушев амниятро баррасӣ карданд. 15.05.2019. [манбаи электронӣ] URL: https://sputnik-tj.com/defense_safety/20190515/1028917705/Tasisi-sokhtori-navukhatarho-az-Afgoniston-Vatanzoda-va-Patrushev-amniyatro-baras-kardand.html (санаи мурочиат 13.07.2022)

15. Фридинский С. Н. Борьба с экстремизмом (уголовно-правовой и криминологический аспекты): [текст] / С. Н. Фридинский - дис. ... канд. юрид. наук. Ростов-н/Д., 2003. С. 26-27.

16. Шанхайская конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом (Заключена в г. Шанхае 15 июня 2001 г.) [текст] / Собр. законодательства Рос. Федерации от 13 октября 2003 г. № 41. С. 39-47.

17. Шулов В. И. Терроризм. Социальнофилософский анализ: [текст] / В. И. Шулов - дис. канд. филос. наук. Пермь, 2004. С. 46-47.

18. Шукргузори Вахдати Ватан бошем. http://www.mihd-zafarobod.tj/index.php?start=1016 (санаи истифодабарӣ 03.10.2022)

19. Шинохти башараи манфури терроризм http://haqiqat.tj /2020/08/10/dar-shinohti-basharai-manfuri-terrorizm / (санаи истифодабарӣ 14.09.2022)

ТАДЖИКИСТАН ПРОТИВ МЕЖДУНАРОДНОГО ТЕРРОРИЗМА И НАСИЛЬСТВЕННОГО ЭКСТРЕМИЗМА

Зиёзода Н.И., Зиёева З.И.

Международный терроризм, насильственный экстремизм и действия против них в современном мире, как в отдельных государствах, так и в международном сообществе, считаются основным вопросом научных исследований и анализа, которые вызывают множество проблем. Такую ситуацию можно сравнить с характером террористических актов последних лет, что свидетельствует об изменении их характера, т.е. от индивидуальной и общенациональной деятельности к глобальным явлениям. В связи с этой целью необходимо осмысление современных проявлений терроризма и экстремизма, особенно связи этих явлений с религией - на основе аналитических и сравнительных методов и механизмов их использования для паралича его идеологии. Также нет более важного вопроса, чем совместная борьба государств и международных организаций с терроризмом.

В целях предотвращения террористических актов необходимо эффективное сотрудничество государств с использованием опыта друг друга и передовых механизмов в военной сфере, обмен информацией и создание атмосферы сотрудничества между участниками и силовыми структурами. В целях ликвидации терроризма следует изучить причины его возникновения и основы его распространения. Без точного и научного изучения источников возникновения и распространения терроризма невозможно его ликвидировать.

Ключевые слова: *терроризм, международный терроризм, экстремизм, религиозный экстремизм, безопасность, религиозный радикализм, международные организации.*

TAJIKISTAN AGAINST INTERNATIONAL TERRORISM AND VIOLENT EXTREMISM

Ziyozoda N. I., Ziyoeva Z.I.

International terrorism, violent extremism and actions against them in the modern world, both in individual states and in the international community, are considered the main issue of scientific research and analysis, which cause many problems. This situation can be compared with the nature of terrorist acts in recent years, which indicates a change in their

nature, i.e. from individual and national activity to global phenomena. In connection with this goal, it is necessary to comprehend the modern manifestations of terrorism and extremism, especially the connection of these phenomena with religion - on the basis of analytical and comparative methods and mechanisms for their use to paralyze its ideology.

There is also no more important issue than the joint struggle of states and international organizations against terrorism. In order to prevent terrorist acts, it is necessary to effectively cooperate between states using each other's experience and advanced mechanisms in the military sphere, exchange information and create an atmosphere of cooperation between participants and law enforcement agencies. In order to eliminate terrorism, it is necessary to study the causes of its occurrence and the basis for its spread. Without an accurate and scientific study of the sources of the emergence and spread of terrorism, it is impossible to eliminate it.

Key words: *terrorism, international terrorism, extremism, religious extremism, security, religious radicalism, international organizations.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

КОНСЕПСИЯҲОИ НАЗАРИЯВИИ РАВАНДҲОИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВӢ

Дороншоева Некбахт Шоқосумовна
Мудири шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
Алибекова Адиса
Магистранти соли дуюми шуъбаи ИДМ-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Мақола ба таҳлили ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ бахшида шудааст. Дар мақола консепсияҳои асосии таҳқиқ назариявии равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дарҷ ёфтаанд. Ҳадафи асосии мақола таҳқиқи мафҳуми ҳамгироӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявии он мебошад. Ин таҳқиқот мисолҳои гуногун ва таҷрибаи равандҳои ҳамгироии минтақавие, ки рушдёфта ҳастанд инъикос менамояд. Ин мақола махсусан ба таҳлили омилҳои ҳамгироии Иттиҳоди Аврупо, ИДМ ва монанди он диққати ҷиддӣ равона менамояд.

Калидвожаҳо: *Иттиҳоди Аврупо, ИДМ, равандҳо, ҳамгироии минтақавӣ, консепсияҳои ҳамгироӣ, либерализм, неолиберализм.*

Таҳлили тамоюлҳои муосири сиёсию иқтисодии ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки ду самти асосии ташаккули гурӯҳҳои минтақавиро муайян намоем:

1) Ҳамгироии минтақавӣ аз муносибатҳои босуръати тиҷоратӣ ва иқтисодии байни кишварҳои алоҳида инкишоф меёбад, ки динамикаи он рушди ҳамкориро бо дигар давлатҳои пешрафта нишон медиҳад. Ин тамоюл ба таври объективӣ ба дарёфт намудани иртиботи сиёсии байни субъектҳо мусоидат намуда, ташаббусҳои ҳамгироиро дар самтҳои сиёсӣ рушд медиҳад.

2) Ҳамгироии минтақавӣ дар натиҷаи шароитҳои сиёсӣ ба вуҷуд меояд, ки на ҳамеша он дар сатҳи муносиби ҳамкориҳои иқтисодӣ асос меёбад, ин ҷо хусусиятҳои ҷуғрофию таърихӣ низ ба инобат гирифта мешаванд. Ин ду тамоюл бо ҳам зич алоқаманданд. Дар охири асри XX инкишофи иқтисоди ҷаҳон як қатор тамоюлҳои умумиро ба миён оварда, ки аз эҳтиёҷоти объективии кишварҳо барои ҳамоҳангсозии онҳо дар истифодаи захираҳои табиӣ ва захираҳои инсонӣ, мубодилаи мол, сармоя ва ғ., кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шудаанд. Саъю кӯшишҳо дар самти ҳамгироии байналмилалӣ, ки пас аз ба охир расидани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада, аз ҳамон вақт ҳамчун шакли “интернатсионализатсияи ҳаёт” [2.с,56], раванди объективии ба ҳам пайвастани иқтисодиёти миллӣ ва пешбурди ҳамоҳангсозии иқтисоди байналмиллалӣ инкишоф ёфта истодааст.

Дар нимаи дуюми асри XX дар қисматҳои гуногуни сайёра гурӯҳҳои сершумори ҳамгироии минтақавӣ ба вуҷуд омаданд. Ҳамзамон ассотсиатсияҳои на танҳо дар минтақаҳои дорои иқтисодиёти саноатӣ ва иқтисоди миёна, аз қабили Ассотсиатсияи Тиҷорати Озоди Амрикои Шимолӣ (NAFTA), Ҳамкории Иқтисодии Осиё ва Уқёнуси Ором (APEC), Ассотсиатсияи Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (ACEAH), Ассотсиатсияи Интегратсияи Амрикои Лотинӣ (LAI), Бозори Умумии Амрикои Марказӣ (CACM), балки инчунин дар минтақаҳои рӯ ба инкишофи ҷаҳон: Ҷамъияти Иқтисодии Кишварҳои Африқои Ғарбӣ (ECOWAS), Конфронси Рушд ва ҳамоҳангсозии Африқои Ҷанубӣ (SADC), Бозори Умумии Баҳри Кариб (CCM) ва дигарон. Мафҳуми ҳамгироӣ

(интегратсия) ба таври умум қабулшуда вуҷуд надорад. Тадқиқотчиён ва гурӯҳҳои муаллифон ҳамгироии минтақавиро бо роҳҳои гуногун шарҳ медиҳанд. Иқтисодчии машҳури Ҳолландӣ В.Молле ҳамгироиро «тадриҷан бартараф намудани монеаҳои иқтисодии байни давлатҳои мустақил, ки дар натиҷаи он иқтисодиёти ин кишварҳо ҳамчун як бутун ба кор шуруъ мекунанд. Ҳамгироии иқтисодӣ худ ба худ мақсад нест, балки ба мақсадҳои дигар яъне ҳам иқтисодӣ ва ҳам сиёсӣ хизмат мекунад». Ин некӯаҳволии ҳам давлат ва ҳам шаҳрвандони он, ҳуқуқи инсон, демократия ва ғайра мебошанд. Молле зинаи олии ҳамгироиро «иттифоқи комил» меномад, ки дар он иқтисодиёти мамлакатҳои иштироккунанда комилан муттаҳид гардида, дар натиҷаи онҳо ҳамчун федератсия ё конфедератсия амал мекунанд. Н.Ливенцев ва В.Харламова ҳамгироии иқтисодии минтақавиро дар шакли умуми мефаҳмонанд, ки ин "раванди тадриҷан муттаҳид шудани иқтисодиёти як қатор мамлакатҳо, ки дар натиҷаи он организми нави интегралии иқтисодӣ — комплекси байналмилалии иқтисодӣ ба вуҷуд меояд» [1.,с.123]. Раванди рушди муносибатҳои устувори иқтисодиёти миллии кишварҳои гуногун, ки боиси муттаҳидшавии тадриҷии иқтисодии онҳо мегардад, дар асоси татбиқи иқтисодиёти байнидавлатӣ ва сиёсати ҳамоҳангшуда аз ҷониби ин кишварҳо тасдиқгардида ба ҳисоб меравад.

Тадқиқоти илмии масъалаи ҳамгироӣ бо дарки равандҳои интегратсионии воқеӣ алоқаманд буда, ба муайян намудани тамоюлҳои умумии онҳо, ки бо сабабҳои муайян кардани далелҳо ва хусусиятҳои асосии ин зуҳурот алоқаманданд, нигаронида шудааст. Намояндагони либерализми иҷтимоӣ бар он ақидаанд, ки бояд қувваи худро барои баркарор намудани адолати иҷтимой истифода баранд. Намояндагони мактаби либерализм Ҷ.Дьюи (1859–1952), Саймон де Сисмонди (1773–1842), Фридрих Албert Ланге (1828–1875)[5.,с214], тавзеҳ дода буданд, ки ҳамаи инсонҳо, ки асоси ҷомеа мебошанд, бояд ба ниёзҳои аввалия дастрасӣ дошта бошанд. Тарафдорони неолиберализми бошанд ҳамгироиро ҳамчун фазои ягонаи бозорӣ дар миқёси минтақа тасаввур мекарданд, ки дар он қувваҳои бозорӣ новобаста ба сиёсати давлат, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ амал мекунанд.

Ҳамгироӣ ҳамчун раванд чораҳоеро дар бар мегирад, ки бояд табъизро байни воҳидҳои иқтисодии давлатҳои гуногуни миллӣ бартараф созанд. Дар байни равишҳои консептуалии байналимлалии иқтисодӣ самтҳои гуногун вуҷуд доранд, махсусан корпоратизм (С. Рольф, Ю. Ростоу) [9.,с.73], ки дар он мақсади асосии ҳамгироии иқтисодиёти байналхалқӣ, воҳидҳои калони иктисодӣ - васеъ паҳн шудаанд. Олимон чунин меҳисобанд, ки таҳлили илмӣ ва ҳамгироии иқтисоди байналмилалиро на механизми бозорӣ ва танзими давлатӣ, балки аз ҷониби корпоратсияҳои байналмилалӣ таъмин кардан мумкин аст, ки фаъолияти онҳо ба рушди оқилона ва мутаносиби муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Баъзе робитаи ҳамгироӣ ва равандҳои иҷтимоиро метавон дар назарияи ҳамгироӣ (интегрансионӣ), ки онро мактаби структурализм тафсир кардааст (Г. Мирдал, А. Маршал, П. Стриен, Ф. Перу) мушоҳида кард. Андешаҳои онҳо оид ба ҳамгироӣ бо муносибати танқидӣ ба ғояи танзими давлатӣ ва ҳавасмандгардонии механизмҳои бозорӣ бо либерализатсияи пурраи ҳаракати молҳо, хизматрасониҳо, сармоя ва қувваи корӣ дар фазои ҳамгирошуда фарқ мекарданд. Ҷанбаи иҷтимоӣ дар ин назарияи ҳамгироӣ некӯаҳволии иқтисодӣ ва баробарии аҳолии кишварҳои аъзо мебошад. Мирдал Г. чунин мепиндошт, ки «баробарии имкониятҳо» шарти асосии зарурӣ дар чаҳорчӯби ҳамгироии фаромиллӣ мебошад. Ин маънои ба даст овардани баробарӣ ва шукуфоии аҳолӣ дар дохили як кишвар ва дар доираи ҳамгироии байналмилалӣ фароҳам овардани заминаҳои баробар дар таъмини шароити рушди давлатҳо ва минтақаҳои алоҳида, баланд бардоштани рушди иқтисодии кишварҳои бо

иқтисодиёти рушдёбанда ба сатҳи кишварҳои пешрафта, ки дар ниҳояти кор ба ҳамгироӣ дар миқёси ҷаҳон оварда мерасонад. Дар баробари ин барои ташаккули чунин механизмҳо намояндагони ин мактаб истифодаи фишангҳои гуногун: бозорӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, институтсионалӣ пешниҳод мекунанд. Намояндагони мактаби неокейсионӣ ба монанди Р. Купер чунин мешуморанд, ки барои истифода бурдани захираҳои гуногуни ҳамкории васеи байналхалқии иқтисодӣ бо нигоҳ доштани дараҷаи озодии ҳар як кишвар сиёсати дохилӣ ва хориҷии интеграционии давлатҳоро ба ҳам мувофиқ кардан лозим аст. Ҷонибҳо бо мақсади ноил шудан ба омезиши оптималии ду варианти имконпазири инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ пешниҳод мекунанд:

-муттаҳид намудани давлатҳо бо аз даст додани сохибихтиёрии минбаъдаи онҳо ва ба ҳамдигар мутобиқ намудани сиёсати иқтисодӣ;

-интеграционӣ бо нигаҳдории максималии истиқлолияти миллӣ. Ба ибораи дигар, ин назария - мафҳуми «идоракунии ҳамгироӣ» мебошад. Консепсия ба дахолати фаъолонаи давлат ба равандҳои ҳамгироии байнидавлатӣ асос ёфтааст. Дар баробари ин назарияшиносон нақши механизми бозорро дар равандҳои ҳамгироӣ инкор намуда, ташкил ва фаъолияти сохторҳои байналмилалии иқтисодиро дар асоси таҳияи сиёсати ягонаи иқтисодии ҷонибҳоро ҳамоҳангсозии муносибатҳои иҷтимоиро имконпазир мешуморанд.

Ба андешаи Ҷ.Тинберген, «ҳамгироӣ ҳамчун бунёди сохтори матлубтарини иқтисоди байналмилалӣ тавассути рафъи монеаҳои сунъӣ дар роҳи фаъолияти оптималӣ ва огоҳона ҷорӣ намудани ҳама унсурҳои матлуби ҳамоҳангсозӣ ва инфрасохтор фаҳмида мешавад» [4.,с.139]. «Ҳамгироии иқтисодӣ сиёсатест, ки иқтисоди оптималии мутамарказро ифода мекунад». Маҳз дар назарияи ин омилҳои иҷтимоии ҳамгироӣ нақши калон дода шудааст. Намояндагони ин мактаб муҳимтарин нуқтаи ҳамгироиро ҳамоҳангии байни ҳукуматҳои кишварҳои интегратсияшаванда тадбирҳои техникӣ ва ё дигар тадбирҳои сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мешуморанд. Ян Тинберген дар асари худ «Бозгашти тартиботи байналхалқӣ» тавсияҳоро барои бартараф кардани номутаносибии байни кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ дар ҷаҳон пешниҳод кардааст. Аммо орзӯи ӯ дар бораи «тартиботи одилонаи иҷтимоӣ», стратегияи тараққиёт, ба мисли рушди системаи маориф, рафъи камбизоатӣ, тараққиёти маҳаллӣ ва сиёсати дурусти экологиро ба ҳам мепайвандад.

Хусусияти ҷолиби тадқиқоти равандҳои ҳамгироӣ самти бозорӣ-институтсионалӣ мебошад, ки рушди он дар солҳои 60-уми асри XX ба вуқӯъ пайваст. Намояндагони он М. Аллаис, К. Майер, Р. Кремер, раванди ҳамгироии минтақавиро рад намекунанд, балки тарафдори он буда, дахолати фаъолонаи давлатро ба танзими механизми бозор, инкишоф ва таъсиси сохтори миллиро вусъат мебахшанд. Ҳамгироии иқтисодӣ бар асоси асари «Проблемаи Иттиҳоди гумрукӣ»[4.,с.144], ки соли 1950 нашр гардид, муаллифи он Ҷ.Вайнер, сарфи назар будани як қатор фарзияҳое, ки консепсияи он хусусияти навоварона дошт, объекти мустақили омӯзиши назарияи иқтисодӣ гардид, чунон ки дар ибтидои солҳои 90-ум қайд гардида буд.

Асри XX А.Товинас, идомаи равшани назарияи савдои озод буд. Ба ғайр аз назарияи иқтисодӣ, ки раванд ва ҳолати ҳамгироиро танҳо аз нуқтаи назари равандҳои иқтисодӣ меомӯзад, назарияҳои сиёсии интегратсия паҳн шудаанд. Яке аз ин самтҳо «функционализм» мебошад, ки аз муносибатҳои сиёсӣ бартараф кардани ҳама гуна шиддат, махсусан омилҳои ҳарбиро дар бар мегирад. Мавҷудияти робитаи зичи байни тарафҳои иқтисодӣ ва сиёсии ҳамгироиро М.М. Максимова чунин баён мекунад: «Ҳамгироӣ ҳам раванди иқтисодӣ ва ҳам сиёсӣ аст. Раванди иқтисодӣ — ин алоқаҳои боз ҳам васеътару мустаҳкамтар ва чуқуртар шудани тақсимоти меҳнатӣ байни иқтисодиёти миллӣ, дар бораи торафт ба

ҳам наздик шудан ва мутобиқ шудани онҳо, дар бораи тамоюли ба комплексҳои иқтисодии минтақавӣ муттаҳид шуданро ифода мекунад. Муносибатҳои бисёрҷониба дар асоси инкишоф додани амалиёти якҷоя дар ин, ё он соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ ба амал меояд». Ин таъриф, аз як тараф, зарурияти дифференсиатсияро (тавофутҳо) дуруст асоснок мекунад, аз тарафи дигар, дар байни ду ҷанбаи раванди ҳамгироӣ — иқтисодӣ ва сиёсӣ алоқаи зич вуҷуд дорад. Яке аз асосгузорони “функсионализм” Д.Митрани дар таҳлили ҳамгироии байналмилалӣ аз имкони таъсиси ҷамъияти байналмилалӣ дар асоси он сулҳи боэътимодро аввалиндарача шуморид. Ӯ таклиф кард, ки ихтилофҳои байни давлатҳо «бо роҳи муқаррар намудани чунин шаклҳои ҳамкорӣ дар доираи сарҳадҳои мавҷудаи давлатӣ, ки халқҳо ва давлатҳоро ба ҳам наздиктар мегардонанд». Тарафдорони функсионализм дар мубоҳисаи худ дар бораи равандҳои ҳамгироии худ аз афзалият ва эҳтиёҷоти инсон ва манфиатҳои ӯ, ки ба ақидаи онҳо аз ҳар давлати миллӣ болотаранд. Д.Митрани муътақид буд, ки созмонҳои байналмиллалӣ метавонанд баъзе ниёзҳои инсониро назар ба давлатҳои миллӣ беҳтар қонеъ гардонанд, ин аз он бармеояд, ки одамон бояд эҳтиёҷоти худро оқилона муайян кунанд ва ба эҷоди институтҳое, ки қодиранд, вазифаҳои ба онҳо гузошташударо иҷро кунанд, ва бо онҳо эҷодкорона муносибат кунанд. Яке аз шартҳои асосии функсионализм аз он иборат аст, ки ҳамгироӣ байни миллатҳо то ҳадди имкон ғайри сиёсӣ карда шавад ва ҳамкории самарабахши давлатҳо ва пешгирии низоъҳо тавассути ҳамоҳангсозии кӯшишҳо дар ҳалли, пеш аз ҳама, масъалаҳои некӯаҳволӣ имконпазир ва бояд ба даст оварда шаванд. Тибқи функционализм, инкишофи равандҳои ҳамгироӣ боиси пайдоиши ташкилотҳои функсионалӣ мегардад, ки дорои ваколатҳои муайяни бевоситаи худи давлатҳо мебошанд. Маҳсули ниҳоии ҳамгироӣ ташаккули «системаи функсионалӣ мебошад, ки элементҳои он бе муносибати умумии сиёсӣ ба кор шуруъ карда метавонанд...».

Шарти муҳимтарин рушди муттаҳидшавии динамикии иқтисодӣ мавҷудияти ризоияти муайяни сиёсии давлатҳои иштирокчӣ аз рӯи проблемаҳои асосӣ, махсусан муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мебошад [2.,с.167]. Рушди раванди ҳамгироӣ мантиқи дохилӣ ва пайдарҳамии муайян дорад. Илова бар ин, ҳамгироии иқтисодӣ дар миқёси байналмилалӣ мантиқи рушди худро дорад, ки марҳалаҳои гузариши дар боло зикршударо дар назар дорад. Бо вуҷуди ин, дар ҳама ҳолатҳо ҳамчун як параметри ҳатмӣ муттаҳид кардани иқтисодиёти миллӣ ба як блоки ягонаи иқтисодӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ, таъмини ҳаракати омилҳои истеҳсолӣ, истифодаи афзалиятҳои рақобатӣ, оптимизатсияи истифодаи захираҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодӣ боқӣ мемонад.

Хулоса, барои ҷамъбасти гуфтаҳои боло бояд гуфт, ки ҳамгироӣ ҳамчун як раванди мустақил таърихан аз нуқтаи назари иқтисодӣ, ё сиёсӣ дида мешуд. Одатан ангезаҳои иҷтимоии ҳамгироӣ ҳамчун некӯаҳволӣ, ё сатҳи зиндагии аҳолӣ маънидод мешуданд, ки ё ҳадафи ниҳоии ҳамгироӣ, ё ҷузъи зарурии амалисозии он буд. Аммо тамоми мафҳумҳоро як хусусияти хос муттаҳид мекунад - омилҳои иҷтимоии ҳамгироӣ ба ангезаҳои сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои иштирокчии ҳамгироии минтақавӣ вобаста мебошад. Албатта, дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти ҷамъият муттаҳидшавии иқтисодию сиёсии мамлакатҳоро дар асоси муносибатҳои амиқи устувори иқтисодӣ ифода мекунад. Ҳамкории иқтисодӣ барои ҳамаи субъектҳои ин раванд судманд буда, албатта, барои рушди ҳамгироии минтақавӣ замина мегузорад. Мақсадҳои иҷтимоии эълонкардаи давлатҳои муттаҳидкунанда, ё хусусияти декларативӣ доранд, ё то ҳадди ақал амалӣ мегарданд. Манзараи геополитикии муосир таносуби қувваҳоро дар иттиҳодияҳои ҳамгироӣ тағйир надодааст. Ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ҳамчун асосҳои ҳамгироии минтақавӣ

бокӣ монда, бештар мақсад ва вазифаҳои иттиҳодҳои ҳамгироиро муайян мекунанд. Аммо тадриҷан равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар саросари ҷаҳон тобиши иҷтимоӣ пайдо карда, бо тамоми зуҳуроташ ба беҳтар шудани зиндагии мардум нигаронида шудаанд. Таҳйирот ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон – аз сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ, проблемаҳои маориф ва тандурустӣ то муҳоҷират дахл дорад. Мисоли равшани гурӯҳи ҳамгироӣ, ки ба некӯаҳволӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамчун ҷузъи сиёсати иҷтимоӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад, Иттиҳоди Аврупо (ИА) мебошад. Ин иттиҳод дар асоси принсипҳои неофункционализм сохта шуда, метавонад барои кишварҳои дигар намунаи ҳамгироии мусбатро нишон диҳад, ки ҳадафи асосии он ба ҳам пайвастани омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Адабиёт

1. Интеграционные процессы в современном мире: экономика, политика, безопасность. М., 2007. – М, 2005.
2. Шифф М., Уинтерс Л.А. Региональная интеграция и развитие / пер. с анг. Всемирного банка, М., 2005.
3. Дайнеко А.Е., Дмитракович Ф.А. Расширение Европейского Союза: экономические и правовые аспекты. Мн., 2004.
4. Авдокушин Е.Ф. Международные экономические отношения: Учеб. пособие. – 4-е изд., перераб. и доп.– М.: ИВЦ «Маркетинг», 1999. С. 92.
5. Барановский В.Г. Политическая интеграция в Западной Европе. Некоторые вопросы теории и практики. – М.: Наука, 1983.
6. Ливенцев Н.Н., Харламова В.Н. Международная региональная экономическая интеграция // Международные экономические отношения. Учебник. – М.: РОССПЭН, 2001.
7. Макконел К.Р., Брю С.Л. Экономикс: Принципы, проблемы и политика. В 2-х т . – М.: 2015
8. Максимова М.М. Основные проблемы империалистической интеграции. Экономический аспект. – М.: Мысль, 1971.
9. Мюрдаль Г. Мировая экономика. Проблемы и перспективы. – М., 1958.
10. Шишков Ю.В. Европа и процессы глобализации экономики // Современная Европа№1. 2000.
11. Экономическая политика: принципы и формы (Economic policy: principles and design, 1956).

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ КОНЦЕПЦИИ ИССЛЕДОВАНИЯ ПРОЦЕССОВ РЕГИОНАЛЬНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

Дороншоева Н.Ш., Алибекова А.

Статья посвящена изучение теоретических аспектов региональных интеграционных процессов. В статье изложены основные концепции теоретических исследований региональных интеграционных процессов. Основная цель статьи – исследование понятия интеграции и ее всестороннее теоретическое исследование. Данное исследование отражает различные примеры и опыт развития региональных интеграционных процессов. Особое внимание уделено интеграционным факторам Евросоюза, СНГ и т.п.

Ключевые слова: *Евросоюз, СНГ, процессы, региональная интеграция, концепции интеграции. либерализм, неолиберализм*

THEORETICAL CONCEPTS FOR RESEARCHING PROCESSES OF REGIONAL INTEGRATION

Doronshoeva N.Sh., Alibekova A.

The article is aimed at studying theoretical aspects of regional integration processes. The article contains the main concepts of theoretical studies of regional integration processes. The main goal of the article is to investigate the concept of integration and its comprehensive theoretical study. This study reflects various examples and experiences of regional integration processes that have been developed. Special attention is paid to the integration factors of the European Union, the CIS and the like.

Key words: *European Union, CIS, processes, regional integration, concepts of integration, liberalism, neoliberalism.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ИДОРАНАМОИИ СИЁСӢ: ХОСИЯТҲО ВА САМТҲОИ ИНКИШОФ

Абдуллоева Латофат – ассистенти кафедраи ҷомеашиносии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Тел.: 906915454, 988719091

Донишҳои илмӣ оид ба низоми идоранамоии сиёсӣ натиҷаи инкишофи дарозмуддати ҷамъиятӣ мебошанд. Дар замони ҳозира дар илми сиёсӣ ду равияи муайян нисбати низоми идоранамоӣ падид омадааст: либералӣ ва ғайрилибералӣ. Ҳар яки онҳо, ки аз таълимот ва ҷараёнҳои гуногун таркиб ёфтаанд, саҳми худро дар омӯзиши ҳодисоти сиёсии ҷомеа гузоштаанд. Консепсияи сиёсӣ ҷомеа, ки бо номи марксистӣ маълум аст, аввалин маротиба таҳлили идораи ҳаёти сиёсии ҷомеаро ба амал бароварда. Моҳияти асосии иҷтимоӣ ва мақоми ишғолкардаи гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ки унсурони низоми идоранамоии замонро ташкил медоданд, дар он баён шудааст. Марксизм аз он сарчашма мегирад, ки пайдоиши муносибатҳои сиёсӣ ва тақсимшавии ҷомеаро ба синфҳо бо таҳаввулоти дурударози тараққиёти ҷомеа, пайдоиши моликияти хусусӣ ва давлатӣ зич алоқаманд аст.

Аз ин нуқтаи назар, агар таърихан аввалин институти низоми идоранамоии сиёсӣ давлат ҳисоб ёбад, пас баробари пайдоиши давлат меъёрҳои сиёсӣ, аз ҷумла, ҳуқуқӣ низ ба амал омадаанд. Режимҳои муайяни сиёсӣ ва идеологияи ҳукумрон низ ташаккул ёфта, маданияти сиёсӣ низ ҳамчун низоми тасаввурот ва намунаҳои ахлоқи сиёсӣ ба ташаккулёбӣ шӯруъ намудааст. Инкишофи шаклҳои идоранамоӣ ба пайдоиши гурӯҳҳои нави ҷамъиятӣ ва мураккабшавии муносибатҳои байни онҳо зич алоқаманд аст.

Калидвожаҳо: *ҳокимият, идоранамоӣ, низомнокӣ, демократия, тоталитарӣ, авторитарӣ, иттиҳодияҳои сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ, шуури сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, меъёрҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ.*

Донишҳои илмӣ оид ба низоми идоранамоии сиёсӣ натиҷаи инкишофи дарозмуддати ҷамъиятӣ мебошанд. Дар замони ҳозира дар илми сиёсӣ ду равияи муайян нисбати низоми идоранамоӣ падид омадааст: либералӣ ва ғайрилибералӣ. Ҳар яки онҳо, ки аз таълимот ва ҷараёнҳои гуногун таркиб ёфтаанд, саҳми худро дар омӯзиши ҳодисоти сиёсии ҷомеа гузоштаанд.

Консепсияи сиёсии марксистӣ ҷомеа аввалин маротиба таҳлили идораи ҳаёти сиёсии ҷомеаро ба амал бароварда. Моҳияти асосии иҷтимоӣ ва мақоми ишғолкардаи гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ки унсурони низоми идоранамоии замонро ташкил медоданд, дар он баён шудааст. Марксизм аз он сарчашма мегирад, ки пайдоиши муносибатҳои сиёсӣ ва тақсимшавии ҷомеаро ба синфҳо бо таҳаввулоти дурударози тараққиёти ҷомеа, пайдоиши моликияти хусусӣ ва давлатӣ зич алоқаманд аст. Аз ин нуқтаи назар, агар таърихан аввалин институти низоми идоранамоии сиёсӣ давлат ҳисоб ёбад, пас баробари пайдоиши давлат меъёрҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳуқуқӣ низ ба амал омадаанд. Режимҳои муайяни сиёсӣ ва идеологияи ҳукмрон низ ташаккул ёфта, маданияти сиёсӣ низ ҳамчун низоми тасаввурот ва намунаҳои ахлоқи сиёсӣ ба ташаккулёбӣ шӯруъ намудааст. Инкишофи шаклҳои идоранамоӣ ба пайдоиши гурӯҳҳои нави ҷамъиятӣ ва мураккабшавии муносибатҳои байни онҳо зич алоқаманд аст. [8, С.187-188]

Ташаккули гурӯҳҳои нав ҳамеша дар ҷараёни муборизаи байни синфҳо ба амал меомад. Синфҳои ҷамъиятӣ, табақаҳои иҷтимоӣ, миллатҳо, гурӯҳҳои касбӣ, занон, ҷавонон ва ғайра ташкилотҳои худро созмон медиҳанд, то манфиатҳои

онҳоро ифода ва ҳимоя намоянд. Аз ин ҷо, манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ ифодаи объективии муборизаи доимии байни синфҳо ва гурӯҳҳои онҳо муносибатҳои гуногун – мубориза, ҳамкорӣ ва бетарафӣ ба амал меояд. Ин муносибатҳои сиёсӣ асоси ҳалли масъалаҳо доир ба давлат, барои идораи сохтори ҷамъиятӣ мувофиқи идеологияи ин ё он синф мебошад. Ҳамин тавр, фаҳмиши марксистии низоми идораи сиёсии ҷомеа аз мавқеи синфию таърихӣ бармеояд.

Консепсияҳо ва таълимотҳои дигар, ки мухолифи марксизманд ба ҳодисаҳои олам, ба идоранамоӣ муносибати дигар доранд. Сиёсатмадороне, ки дар мавқеи ғайримарксистӣ меистанд, роҳи таърихии ташаккулёбии муносибатҳои синфиро ба мафҳумҳои «сиёсат” ва “идоранамоӣ” дар як қатор тасаввур менамоянд. Дар байни равияҳои ғайримарксистӣ се нуқтаи назарро доир ба омӯзиши низоми идоранамоии сиёсӣ фарқ кардан зарур аст:[1, С.14-15]

1. Прагматикӣ – мактабҳои амрикоӣ.

2. Конститутсионию институтсионалӣ – мактаби фаронсавӣ.

3. Ба андозаи муайяни фалсафӣ – мактаби Олмон.

Тарафдорони нуқтаи назари якум низоми идоранамоии сиёсиро ҳамчун «арсаи корчалонии сиёсат», ҷое, ки раванди сиёсӣ ба амал бароварда мешавад, маънидод мекунад (Кларк Л). Сиёсатшиноси машҳури ин мактаб Д. Истон аст, ки вай зери ибораи «низоми идоранамоии сиёсӣ» ҳаёти сиёсии ҷамъиятиро дар назар дорад.

Мактаби сиёсии фарансавӣ, асосан низоми идоранамоии сиёсиро ба режимҳои сиёсӣ айнан як чиз меҳисобад. Ин нуқтаи назарро М.Дюверже тарафдорӣ карда, чунин меҳисобад, ки ин мафҳумҳо амалан ба ҳам муродиф мебошанд. Ҳар дуи онҳо қариб як маъно дошта, муносибатҳои ҷамъиятиро аз ҳама тараф дар бар мегиранд.

Д.Г. Лавров дар зери мафҳуми «низоми идоранамоии сиёсӣ» гуногунии қувваҳои сиёсӣ ва ҳамкориҳои байни онҳоро мефаҳмад. Дар ин ҷо, мафҳуми «идоранамоӣ» маҳдуд шуда, фақат як тарафи фаъолияти вай, яъне режими сиёсӣ дар назар дошта мешавад.

Барои мактаби олимони Ғарб инкишофи ақидаҳо оид ба низоми сиёсӣ, ки аз тарафи М.Вебер баён шуда буд, хос мебошад. Барои ҳамин, ба ақидаи М. Вебер низоми идоранамоии сиёсӣ аз рӯи инкишоф ва таклифҳои ташкилёбии давлат фарқ мекунанд. Масалан, низоми идоранамоии ратсионалӣ, ки зодаи инқилоби буржуазӣ буд, ба бегонагардонии инсон ва давлат дар идеалҳои озодӣ, баробарӣ асос ёфтааст. Низоми идоранамоии харизматикӣ, ки дар он давлат ба як шахс, ки дар асоси донишҳои муайяни касбӣ амал менамояд ва аз рӯи ақидаҳои шахсе, ки танҳо вай тарзи ҳалли масъаларо медонад, итоат мекунад. Тарафдорон ва пайравони М.Вебер аз нуқтаи назари ӯ дур намешаванд.

Гуногунии нуқтаи назар дар байни сиёсатшиносони Ғарб оиди идоранамоии сиёсӣ, пеш аз ҳама, сабаби амиқ омӯхтани ҷиҳати гуногуни масъала аст. Ҳамзамон, қайд кардан лозим аст, ки дар байни сиёсатшиносони равияи ғайримарксистӣ назарияи ягонаи мувофиқи низоми идоранамоии сиёсӣ вуҷуд надорад. Зиёд будани ақидаҳо оиди ин мафҳум диққати асосӣ ба равандҳои сиёсӣ ва ахлоқи сиёсӣ дода мешавад. Онҳо дар доираи ин ё он иттиҳодияҳо – иттифоқи касаба, фирмаҳо, клубҳо, театрҳо ва ғайра равона мешавад.

Идоранамоии сиёсӣ дорои мафҳумҳоест, ки бо ёрии онҳо моҳияти ҳодисаҳо ва равандҳои он муайян карда мешавад. Дар байни онҳо мафҳумҳои асосӣ, ба монанади «давлат», «идоранамо», «худидоранамоӣ», «демократия», «вазифаҳои низоми идоранамоӣ», «сохти низоми сиёсӣ», «иттиҳодия» ба ҳисоб мераванд. Барои ифодаи вазифаҳои идоранамоии сиёсӣ чунин мафҳумҳо. ба монанди «раванди сиёсӣ», «фаъолияти сиёсӣ», «тартиботи сиёсӣ»-ро ба инобат гирифтан хеле зарур аст. Идоранамоии сиёсӣ дар худ чунин зернизомҳои ҷамъиятӣ, аз қабили иқтисодиёт ва маъанавиётро муттаҳид намуда, вазифаҳои батартибдарорӣ, мувофиқат кардани муносибати тарафайн, ҳамкорӣ ва дигар хосиятҳоро доро мебошад. Аз ин рӯ, методи муҳими омӯзиши идоранамоии

сиёсӣ методи таҳлили низомнокӣ буда, дар асоси он қонуни диалектикии бо ҳам алоқамандӣ ва бо ҳам вобастагии мақсадҳо дар табиат ва ҷомеа ифода меёбанд.[4, С. 86-87] Пас фарқияти идоранамоии сиёсӣ аз дигар намуди идоранамоӣ дар чист?

1. Фарқияти аввал дар сарварии низоми сиёсӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки сарвари сиёсӣ ҳокимияти олиро дар ҷомеа ба амал бароварда, қонунҳои он барои тамоми ҷомеа ва ҳар як зернизоми он ҳатмӣ мебошад.

2. Вобастагии идоранамоии сиёсӣ аз сохти иқтисодию ичтимоии ҷомеа. Сарварии ҳокимиятро дар ҷомеа ба даст гирифта, идоранамоии сиёсӣ инчунин дар худ надстройкаеро, ки аз тарафи базиси иқтисодии ҷомеа муайян карда мешавад, таҷассум мекунад.

3. Мустақилияти нисбии идоранамоӣ. Он ба мавҷудияти механизмҳои махсус, сохт нақшаҳо ва вазифаҳо вобаста аст. Идоранамоӣ яке аз зернизомҳои расмии ҷомеа мебошад. Муносибатҳо дар чорчӯбаи он чун қоида аз рӯи меъёрҳои махсуси ҳуқуқӣ ва сиёсӣ танзим меёбад.

4. Идоранамоии сиёсӣ ба тамоми ҷомеа таъсири фаъол расонида метавонад. Ин бартарӣ бо он маънидод карда мешавад, ки идоракунандаи сиёсӣ сарварии ҳокимияти сиёсиро дар ҷомеа ба даст гирифта, имконияти идора кардани бойгариҳои ҷамъиятиро низ дорад. Ин хусусиятҳо мансуби идоранамоии сиёсии гуногунмиқёс мебошад. Ҳолати мазкур дар омӯзиши идоранамои сиёсӣ ҳамчун ҷузъи таркибии ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир-расон буда, дар низоми ҷобаҷогузории захираҳои моддиву молии барои идораи ҷомеа пешбинишуда бавуҷудоварандаи як навъ муносибати стратификатсионии зарурии соҳавӣ мебошад.

Идоранамоии сиёсӣ ниҳоди мураккабе мебошад, ки мавҷудияти ҷамъиятро ҳамчун вуҷуди ягона ва соҳиби идоранамоии марказонидашуда таъмин менамояд. Барои ҳамин яке аз вазифаҳои муҳими таҳлили ин объект ҷудо кардани элементҳои муҳими ташкилкунандаи он, омӯзиши амалиёти инкишоф ва ҳамкорӣ мебошад.

Дар интиҳои асри XX ва оғози асри XXI инсоният шоҳиди рӯйдодҳои бузург гардида, низоми устувору комилан ташаккулёфтаи тарҳи сиёсиву иқтисодии сайёра рӯ ба таҳаввулоту дигаргуниҳои инқилобӣ овард. Давлатҳои абарқудрат ва низомҳои фарогири сиёсӣ, ки ба қиммати ҷони миллионҳо фидоёни инқилоби пролетарӣ дар давоми даҳсолаҳо бунёдгардида буданд, бар асари тазоҳуроти демократӣ, ҷунбишҳои миллии озодпарастӣ ва равандҳои тозаистиқлолхоҳӣ дарҳам шикаста, аз миён рафтанд.

Дар айни ҳол, ба тақозои шароитҳои маконiву замонӣ маҷрои раванди нави идоранамоии сиёсӣ вусъат ёфта, рӯз то рӯз тарзи нави идоранамоӣ ба чашм мерасад. Аз шароити вусъати тамадуни иттиллотӣ, телекоммуникатсия ва дастовардҳои илмии муосир мо кишвари дуртарини сайёраро низ қариб ҳар рӯзу ҳар соат мебинем, аз воқеаҳои ҷаҳон, фалокатҳои табиӣ, муноқишаҳои сиёсӣ, бархӯрди тамаддунҳои мухталиф огоҳ мешавем. Имрӯз, дар саросари ҷаҳон тарзҳои гуногуни идоранамоӣ вобаста ба шароити зисту зиндагӣ ба роҳ монда шудааст. Идоранамоиро ба якчанд шаклҳои гуногун ҷудо кардан мумкин аст. Масалан, вобаста ба шаклҳои режими сиёсӣ идоранамоии демократӣ, авторитарӣ, ва тотолитарӣ.

Идоранамоии демократӣ

Демократия таърихи тӯлонӣ дошта, дар арсаи садсолаҳо аз рӯзи пайдо шудани аввалин давлатҳо то ба ҳол ҳамқадами инсоният мебошад. Асоси мафҳуми «демократия» бошад дар қатори пайдоиши давлат, синфҳо ва ташаккули ҳокимияти сиёсӣ гузоштан мумкин аст.[3, С.349-351] Аз ин хотир, идоранамоии демократӣ роҳи дарозу пурпечитобро тай намудааст. Ҳоло низ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи хосаро ишғол намуда, ба падидаи нодири ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ табдил ёфтааст ва яке аз ибораҳои паҳншудатарин ба ҳисоб меравад. Бисёри давлатҳои тараққикарда ва рӯ ба рушд ин шакли идоранамоиро интихоб намудаанд.

Дар сохтори идораи демократии давлат принсипи «таҷзияи ҳокимият» риоя мешавад, ки яке аз рукнҳои асосӣ ва муҳимтарини ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар асоси мавҷудият ва амали режими

мазкури идоранамоӣ тақсимоти ҳокимият ба се шоха қонунгузор, иҷроия ва судӣ ҷудо мешавад. Дар ҳадди муайян маҳдуд кардани шохаҳои гуногуни ҳокимият барои аз тарафи ҳар яке аз онҳо самаранок амалигардии ҳокимият ва афзун намудани қобилияти онҳо кӯмак мерасонад.

Ҷиҳати муҳими дигар интихоби озод ва интихобӣ будани мақомоти асосии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз мавҷуд будани интихоби озод, баробар, пинҳонӣ ва бевосита метавонад иштироки фаъоли мардумро дар раванди қабули қарори сиёсӣ ва амалинамоии ҳокимияти сиёсӣ таъмин намояд.

Хосияти дигари идоранамоии демократӣ мавҷудияти иқтисоди озод ва гуногуншаклии моликият мебошад,[9, Санаи мурочиат- 01.10.2023] ки мо ҷиҳатҳои амалигардии идоранамоии демократиро дар рафти омӯзиши муфассали мавзуи матраҳгардида дида мебароем. Бояд ҳаминро қайд кард, ки муносибат оиди идоранамоии демократӣ бештар таваҷҷуҳпазир аст. Он вобаста ба вазъияти ҷомеа дигаргун шуда, мазмуни он ҳам дар шакли нав зоҳир гардидааст. Дар замони ҳозира аксарияти кишварҳо идоранамоии демократиро интихоб намудаанд. Олими немис Р. Дарендорф оиди ин масъала чунин иброз намудааст: «Демократия ин идоранамоии халқ нест ва ҳеҷ гоҳ дар олам ин тавр ҳам намешавад. Демократия ин ҳукуматест, ки онро халқ интихоб кардааст ва самти худро дорад.» [11, Санаи мурочиат. 26.10.2018.] Яъне, дар идоранамоии демократӣ танҳо халқ ифодакунандаи тамоми қонунҳои ҷомеа буда, манфиатҳои онҳо ҳимоя карда мешавад. Демократия инчунин принсипи аксариятро доро мебошад. Яъне, аксарияти халқ имконият намедиҳад, ки як гурӯҳи иҷтимоии хурд ҳуқуқ ва озодиҳои онҳоро маҳдуд намояд. Ин ҷо ҳолат гувоҳ бар соҳибихтиёрии халқ дода, бори дигар исбот менамояд, ки маҳз оммаи васеъ манбаи ҳокимияти олӣ дониста мешаванд.

Шакли дигари идоранамоие, ки дар амалияи сиёсии давлатҳо ҳамчун режими сиёсӣ дониста мешавад, идоранамоии тоталитарӣ ба ҳисоб меравад. Ин шакли идоранамоӣ аз шакли идоранамоии демократӣ ба кулли фарқ менамояд. Худи мафҳуми «тоталитарӣ» аз забони лотинии «totalitas» гирифта шуда, маънои пурра, яклухтро дорад.[5, С. 56-57] Яъне, шакли идоранамоии сиёсие, ки маҷбурнамоӣ ва итоати умумӣ, худҳокимиятӣ ва худсарии тамоми ҳокимият, беҳуқуқии пурраи аҳолиро тавсиф менамояд аз маҷмуи хусусиятҳое мебошанд, ки хосси режими тоталитарианд. Тоталитаризм ҳамчун сохти сиёсӣ дар натиҷаи сабабҳо ва омилҳои гуногун ташаккул меёбад. Аммо дар байни онҳо нақши инқилоби иҷтимоӣ, вазъияти ҳарбӣ ва фавқулода, тезу тунд гаштани зиддиятҳо ва муқовимати дохилӣ, буҳрони ҳокимияти сиёсӣ, дахолати кишварҳои хориҷӣ ва омилҳои дигар назарас мебошанд.

Дар шакли идоранамоии тоталитарӣ тамоми шохаҳои ҳокимият чӣ қонунбарор иҷроия ва ё судӣ аз тарафи як ҳизб, яъне як гурӯҳи хурди иҷтимоӣ идора карда мешаванд. Нисбат ба озодиҳои сиёсӣ ва ҳуқуқҳои шахрвандон ба таври ношаффоф ва бе рукни мушахас корбарӣ сурат мегирад. Қонунҳо фақат манфиати давлат ва гурӯҳҳои алоҳидаи молнополистиро ифода менамоянд. Мухолифони ошкоро вуҷуд дошта наметавонад. Танқиди намояндагони ҳокимият манъ аст. Армия ва ё шакли дигари ташкилотҳои давлатӣ дар қатори таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, инчунин вазифаи ҷазодиҳиро низ доро мебошанд. Иқтисодиёт зери назорати давлат гирифта мешавад. Дар мамлакат фақат як ҳизб ҳуқуқи идоракуниро дораду халос.[6, С. 179 – 183] Пайдоиши мафҳуми мазкур бо пайдоиши фашизм алоқаманд буда, назарияпардозони фашизм онро «консепсияи ҳамарофарогирандаи ҳаёт» номида буданд.[10, Санаи мурочиат. 01.10. 2023] Бинобар ин, дар аввал мафҳуми “тоталитаризм” танҳо дар муносибат бо фашизм ва ҳамчун муродифи он истифода бурда мешуд. Аммо баъди солҳои 30-юми асри XX мафҳуми мазкур дар муносибат бо сохтори сиёсие, ки дар замони ҳукмронии Сталин ташаккул меёбад, истифода бурда мешавад.

Идеология аз ҷониби ҳизби ягона ташаккул дода мешавад ва онро бояд ҳама эътироф намоянд. Ҳар шакку шубҳае, ки нисбат ба идеология зоҳир

мегардад, зуд аз байн бурда мешавад. Дастрасӣ ба иттилоот хеле маҳдуд мебошад. Зеро дар ҷомеа шакли олии сензура ҷорӣ мегардад. Ҷомеаи тоталитарӣ ҷомеаи пӯшида мебошад. Ҳеҷ гуна алоқа бо ҷомеаҳои дигар бояд вуҷуд надошта бошад. Зеро ҷомеаи тоталитарӣ дар байни ҷомеаҳои дигари ҷаҳон беҳтарин ва дурусттарин муаррифӣ мегардад.

Дар шароити режими тоталитарӣ «одамони типи нав» ба вуҷуд оварда мешаванд. Рафтори сиёсӣ ва шуури сиёсии ин гуна одамон дар зери таъсири идеологияи ягона тобеи манфиатҳои давлатӣ гардонида мешавад.

Тавре дар боло ишора намудем, дар ҷомеаи тоталитарӣ ҳизби ягона мавҷуд буда, мавҷудияти ҳизбҳои дигар инкор карда мешаванд. Ҳокимияти ҳизбӣ ба шохаи мустақили ҳокимият табдил ёфта, қарорҳои муҳимми сиёсиро қабул менамояд ва мақомоти давлатӣ онҳоро иҷро менамоянд. Дар шароити режими тоталитарӣ ба ғайр аз иҷроиши амру супоришҳо, дигар ҳеҷ чиз иҷозат дода намешавад**.** Пояҳои асосии тоталитаризм инҳо мебошанд: назорат аз болои манбаъҳо, дастгоҳи пуриқтидори ҷазодиҳӣ, тарғиботу ташвиқоти идеологӣ.

Шакли дигари идоранамоии сиёсӣ идораи авторитарӣ мебошад. Он аз забони лотинӣ «auctoritas» гирифта шуда, маънои ҳокимияти ҳукмфарморо дорад.[7, С.168 – 69] Усули идораи авторитарӣ ҳокимияти як шахс буда, идоранамоии ҷомеа аз рӯи услуби ҳукмронии диктаторӣ бурда мешавад. Идоранамоии тоталитарӣ аз идоранамоии авторитарӣ аз ҳамин ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ мекунад.

Дар идоранамоии авторитарӣ гурӯҳи ҳукмрон қувваи асосии ҷомеа буда, пеш аз ҳама, ҳокимияти иҷроия дар дасти онҳоест, ки ваколати онҳо аз ваколати ҳокимияти қонунбарор болотар буда, фаъолияти парламент ба таври назаррас маҳдуд карда шуда, ин ниҳоди олии қонунбаро амалан дар қабули қарори сиёсӣ оҷиз ва ба дастнигари ҳокимияти иҷроия мубаддал гардонида шуда аст. Ҳуқуқи сиёсӣ ва озодии шахрвандон то як андоза маҳдуд шуда, қонунҳо фақат давлатро ҳимоя мекунанд. Дар мамлакат метавонад якчанд ҳизби камқувва амал намоянд, аммо онҳо наметавонанд ба давлат таъсир расонанд. Аз болои ҳамаи воситаи ахбори омма назорат ва ё сензураи давлатӣ вуҷуд дошта, танқиди давлат қатъиян манъ карда шудааст. Агарчанде ки дар қонуни асосии кишварҳо ҳуқуқи озодии андешаву баён мавҷуд бошад, лекин мавҷудияти режими мазкур низоми комплексии арзишоти болозиккро маҳв мегардонад. Ин шакли идоранамоӣ кӯшиш менамояд, ки шакли унитарии давлат ва ҳокимияти марказонидашуда арзи ҳастӣ намояд.

Маълум мегардад, ки дар замони ҳозира аз ҳама шакли беҳтари идронамоӣ идоранамоии демократӣ мебошад. Яъне, дар идоранамоии демократӣ ҳокимият дар асоси қонун барқарор карда мешавад ва дар ҷомеа иқтисодиёт, маданият, ҳаёти маънавӣ, фаъолияти мухолифони сиёсӣ дар зери ҳокимият нест, ба шарте, ки тартиботи қонуниро риоя намуда, дисфунксия ва ё муносибати ғайримутавозиро ба миён наоранд. Дар ҷомеа бошад ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон васеъ шуда, моликияти хусусӣ амал намуда, тавассути қонун ҳимоя карда мешавад. Ҳуқуқи миллатҳои гуногун, чӣ хурду чӣ калон ба эътибор гирифта мешавад. Дар идораи демократӣ инчунин ҳизбҳои гуногун амал намуда, идеологияи ягона вуҷуд надорад. Ҳар кас метавонад дар интихобот иштирок намуда, ҳокимиятро идора намояд. Озодии пурраи воситаҳои ахбори омма вуҷуд дошта, танқиди ҳукумат ва пазируфта шуда, шаҳрвандон метавонанд ақидаҳои худро кушоду равшан баён намоянд.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки идоранамоӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ буда, дар раванди ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва муносибатҳои ҷомеа нақши муҳимро мебозад. Чунки он ба тақдири миллионҳо одамон таъсир расонида, онро муайян менамояд. Бинобар ин, барои ҳал ва инкишофи ин масъалаи сиёсӣ роҳандозии идоранамоии сиёсии боақлона ва дурандешона хеле муҳим аст. Пас идоранамоии ҷомеа бояд дар заминаи хулосаҳои ҳамаҷонибаи таҳлилшудаи илмӣ асос ёбад.

Имрӯз давлатҳои рӯ ба тараққӣ низ шакли беҳтари идоранамоиро интихоб намуда, кӯшиш намуда истодаанд, ки ҳарчи бештар манфиатҳои халкро ба инобат гирифта, шакли зисту зиндагонии мардумро дигаргун созанд. Агарчанде, ки аз ҷиҳати иқтисодиёт қафомонда ҳам бошанд.

Ба идоранамоии сиёсӣ ба давлатҳои рӯ ба инкишоф давлатҳои Осиё, Африқо, Америкаи Лотинӣ, ки бо як қатор хусусиятҳои нисбатан нави тараққиёт ба қафомондагӣ ва тобеъияти онҳо вобаста аст, тавсиф карда мешавад. Хусусияти умумии идоранамоии сиёсиро дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф чунин ҷиҳатҳо ташкил менамоянд:[9, Санаи мурочиат- 01.10.2023]

- дар қисми зиёди мамлакатҳои рӯ ба инкишоф идоранамоии сиёсӣ бо роҳи инқилобӣ ба вуҷуд омадаанд;
- нақши давлат афзалиятнок мегардад;
- нақши омилҳои субъективӣ, ки дар нақши махсуси арбоби сиёсӣ, дар “шахси-гардонӣ” падид меояд, муҳимтар мегардад.

Ба кишварҳое, ки дар онҳо идоранамоии сиёсӣ дар шакли мутамарказ ва систематикӣ роҳандозӣ карда шудааст, ИМА, Британияи Кабир ва монанди онҳо ворид мегарданд. Дар давлатҳои болозикр шакли беҳтарини идоранамоӣ ташаккул ёфта, тарзи ҳаёти ҷомеа дар шакли назаррас рушду нумуъ намуда аст. Низоми идоранамоии сиёсӣ шакли беҳтарини демократия буда, тавре тафсив менамоянд, ки мислаш дар давлатҳои рӯ ба инкишоф вуҷуд надорад. Кишварҳои мазкур Сохти идоранамоия-шон чунин тарҳрезӣ намудаанд, ки хосияти консервативӣ дошта, бештари унсурони институтсионализми он назар ба дигар давлатҳои сохти демокра-тидошта камтар ва дертар тағйир меёбад. Зиёда аз ин, бештари тағйиротҳои ҳаёти сиёсӣ хосияти радикалӣ доранд. Тағйиротҳои радикалию инқилобӣ қариб, ки истисноанд. Он барои раванди инкишофи ҳаёти сиёсӣ шароити мувофикро ташаккул медиҳанд.

Идорнамоии сиёсӣ дар замони муосир вобаста ба нақш ва вазифаҳо ба гурӯҳҳои гуногун тақсим мегардад, ки онро метавон ба чор гурӯҳ тақисм намуд:

1. **Иттиҳодияҳои сиёсӣ.** Ҷузъи таркибии онро давлат бо тамоми хусусиятҳояш, яъне ташкилотҳои олӣ ва маҳалии давлатӣ, ташкилотҳои иҷроия, ҳифзи ҳуқуқ, қуввахои муссаллаҳ ташкил медиҳанд. Инчунин иттиҳодияҳои сиёсиро ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқи касаба, иттиҳоди ҷавононро низ дар бар мегирад. Ба идоранамоии сиёсии иттиҳодияҳо ташкилотҳои сиёсии ҷомеа пеш аз ҳама институтҳо, муасисаҳо, ки ба фаъолияти асосии ташкилотҳои сиёсӣ дохил мешаванд, фаҳмидан мумкин аст. Ба ташкилотҳои сиёсии болозикр давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ шомиланд. Маҳз, фаъолияти чунин ташкилотҳоро идоранамоии сиёсӣ меноманд, ҳарчанд ки бо амалигардонии ҳокимияти сиёсӣ алоқаманд аст, вале ин танҳо як соҳаи фаъолияти идоранамоӣ мебошад.

2. **Муносибатҳои сиёсӣ** ҳамчун шакли дигари идоранамоӣ муносибатҳои гуногуни ҷомеаро дар бар мегирад. Яъне онҳо дар худ муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро таҷассум намуда, дар натиҷаи амалигардонии ҳокимияти сиёсӣ ё бо сабаби мустаҳкамии муносибатҳо ба вуҷуд меояд. Вобаста ба сохти субъективӣ муносибатҳои сиёсиро дар идоранамоӣ ба се гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст. Пеш аз ҳама ин муносибатҳоро дар муносибати байни синфҳо, миллатҳо ва давлатҳо метавон мушоҳида намуд.[2, С.85 – 88] Онҳо асоси низоми идоранамоиро ташкил дода, дар фаъолияти ташкилотҳои сиёсии дахлдор ва муносибатҳои онҳо таҷассум меёбанд. Гурурҳи дигарро муносибатҳое ташкил медиҳанд, ки дар равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании ҷомеа таъсиргузоранд. Ба гуруҳи сеюми муносибатҳои сиёсӣ, муносибатҳоеро ворид кардан мумкин аст, ки байни ташкилотҳо ва муасисаҳои ҷамаъиятӣ ба амал меоянд.

3. **Меъёрҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ.** Яке аз ҷузъҳои асосии идоранамоии ин меъёрҳои сиёсию ҳуқуқӣ мебошад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои сиёсиро ба танзим дароварда, ба онҳо низом бахшида, матлубу номатлуб буданро аз нуқтаи

назари мустаҳкамшавии идораномии сиёсӣ муҳайё менамояд. Бинобар ин, дар назар доштан мумкин аст, ки дар ҳар як ҷамъият қувваҳои иҷтимое вуҷуд дошта метавонад, ки на тарафдори ақида ва меъёрҳои сиёсии ҳукумрон, балки тарафдори дигар андешаи дигар мебошанд. Дар натиҷа, ба ҳаракат даромадани ин қувваҳо метавонад низоми идоранамоии мавҷударо муташаниҷ гардонад. Ба воситаи меъёрҳои сиёсиву ҳуқуқӣ сохторҳои давлатӣ ба маълумоти ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида мақсадҳои хешро асоснок карда, қарорҳои сиёсӣ қабул менамоянд.

4. **Шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ.** Мазмуни шуури сиёсӣ дар идоранамоӣ ҳамчун фаъолияти сиёсӣ ба амал меояд. Он ба сохти идоранамоӣ зич алоқаманд буда, дар худ ҷузъи ҳақиқии фаъолияти онро таҷассум менамояд. Барои фаъолияти сиёсӣ маданияти сиёсӣ дар ҷомеа аҳамияти фавқулода дорад. Маҳз, вай хислатҳои тамоми ҳаёти сиёсӣ, институтҳои сиёсӣ, муносибатҳо ва равандҳои сиёсии ҷомеаро дар бар мегирад. Бе назардошти он ҳаёти сиёсии ҷомеа, аз он ҷумла муносибатҳои сиёсӣ ва механизмҳои ҳокимияти сиёсиро таъмин менамояд.

Хулоса, ҳар як шакли идоранамоии сиёсӣ ҷузъи таркибии низоми сиёсии ҷомеа буда, ҷойи муайяну дақиқро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ташкил медиҳад. Идоранамоӣ низоми муайяни ҷузъи ба он дохилшаванда дошта, таҷассуми манфиатҳои муайяни иҷтимоӣ мебошад. Мафҳуми «идоракунии сиёсӣ» дар адабиёти илмии ватанию хориҷӣ ва ҳамчунин дар қонунгузории бисёре аз давлатҳо зиёд истифода мегардад. Мафҳумҳои гуногуни идоракунии сиёсӣ мавҷуд доранд. Баъзе аз муаллифон идоракунии сиёсиро ҳамчун менеҷменти сиёсӣ арзёбӣ менамоянд. Ниҳоят, хосияти дигари идоракунии сиёсӣ, ки ба он солҳои охир дар адабиёти илмӣ ҳар чӣ беш диққат дода мешавад, **низомнокӣ** баромад мебошад. Низомнокӣ бевосита аз тавсифи давлат чун зуҳуроти иҷтимоии аз нигоҳи сохтори мураккаб бармеояд. **Бе** ин хосият идоракунии сиёсӣ ҳастӣ надорад. Тавре маълум аст, дар идоракунии сиёсӣ нерӯи бузурги инсонӣ ва ақлонӣ маҳфуз аст, захираҳои гуногуни моддӣ ва молиявӣ, иттилооти васеъ истифода мегардад, қарорҳои зиёди идоракунӣ ва ҳаракатҳои ташкилӣ ҷой доранд. Дар чунин ҷараёни идоракунӣ хосияти низомнокӣ аҳамияти махсус касб менамояд, зеро танҳо мавҷудияти он ба идоракунии сиёсӣ мувофиқа, мутобиқат, тобеияти зинавӣ, мақсаднокӣ ва самара мебахшад.

Адабиёт

1. Андреев С.С. Политическое управление и политическое руководство. // Социально-политические науки. 1992. - № №4-5. – С. 14-15
2. Гаджиев К.С. Политология: Учебник для вышех учебных заведение. М-2001,.С-85-88.
3. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷ-3. Душанбе- 2015.С-268-269.
4. Лебедева М.М. Мировая политика. – М., 2003
5. Маҳмадов А.Н. Низои сиёсӣ ва ҷомеаи муосир. - Душанбе, 2003
6. Мухаев Р.З. Политология. М-2010. С-179-183.
7. Смаргунов Л.В. Государственная политика и управление. – М.,2006. – 384 с.
8. Чиркин. Современное государство. М.,2001.С.185-187.
9. URL:Textbooks. lecture. center.; Санаи мурочиат- 01.10.2023
10. URL-ru.m.wikipedia.org. Санаи мурочиат- 01.102023
11. www.nicbar.ru Санаи мурочиат. 26.10.2018.

ПОЛИТИЧЕСКИЙ УПРАВЛЕНИЕ: ОСОБЕННОСТЬ И НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ

Абдуллоева Л.М.

Научные знания о политическом управлении являются результатом долгосрочного социального развития. В настоящее время в политической науке сложились два определенных подхода к административной системе: либеральный и нелиберальный. Каждое из них, состоящее из разных учений и течений, внесло свой вклад в изучение политических событий в обществе. Политическая концепция общества, известная как

марксистская, впервые проанализировала управление политической жизнью общества. В ней описаны основная социальная сущность и положение, занимаемое различными социальными группами, составлявшими элементы административной системы того времени. Марксизм исходит из того, что возникновение политических отношений и разделение общества на классы тесно связаны с долгосрочным развитием общества, возникновением частной и государственной собственности.

С этой точки зрения, если исторически первым институтом системы политического управления является государство, то с появлением государства – политические нормы. в частности, имели место и юридические. Сформировались также определенные политические режимы и идеология правителей, начала формироваться политическая культура как система идей и примеров политической этики. Развитие форм управления тесно связано с появлением новых социальных групп и усложнением отношений между ним.

Ключевые слова: *власть, управление, система, демократия, политические управление, тоталитаризм, авторитаризм, политические ассоциации, политические отношения, политическое сознание, политическая культура, политические и правовые стандарты.*

POLITICAL ADMINISTRATION: PECULIARTY AND DIRECTIONS OF DEVELOPMENT

Abdulloeva L. M.

Scientific knowledge about political management is the result of long-term social development. At present, two definite approaches to the administrative system have developed in political science: liberal and illiberal. Each of them, consisting of different teachings and trends, has contributed to the study of political events in society. The political concept of society, known as Marxist, was the first to analyze the management of the political life of society. It describes the basic social essence and position occupied by various social groups that formed the elements of the administrative system of that time. Marxism proceeds from the fact that the emergence of political relations and the division of society into classes are closely connected with the long-term development of society, the emergence of private and state property. From this point of view, if historically the first institution of the system of political governance is the state, then with the advent of the state – political norms. In particular, there were also legal ones. Certain political regimes and the ideology of rulers were also formed, and political culture began to take shape as a system of ideas and examples of political ethics. The development of forms of government is closely connected with the emergence of new social groups and the complication of relations between them.

Key words: *power, management, system, democracy, political administration, totalitarianism, authoritarianism, political associations, political relations, political consciousness, political culture, political and legal standards.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ПЛЮРАЛИЗМИ СИЁСӢ

Муродов С.А. – н.и.с., мудири Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Email: Subhonm@mail.ru
Телефон: (+ 992) 918-41-40-86.,
Ёров Ҳ.М. – магистранти Шуъбаи сиёсатшиносии ИФСҲ АМИТ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявию методологии омӯзиши плюрализми сиёсӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Муаллифон диққати махсусро ба дарки моҳият ва хусусиятҳои плюрализми сиёсӣ равона намуда, мавҷудияти андешаҳои гуногуни олимонро оид ба мафҳуми плюралзми сиёсӣ ҳамчун масъалаи назариявию методологии мавзуи баррасишаванда нишон додаанд. Гуфта мешавад, ки гуногунандешии олимон оиди мафҳуми плюрализми сиёсӣ, ба истифодаи қисмҳои таркибии гуногун асос ёфтаанд. Дар натиҷа, муаллифон ба чунин хулоса меоянд, ки истифодаи қисмҳои таркибии гуногун аз ҷониби муҳаққиқон барои дарки беҳтари мафҳум ва моҳияти плюрализми сиёсӣ кӯмак менамояд.

Калидвожаҳо: *плюрализми сиёсӣ, системаи сиёсии ҷомеа, режими демократӣ, системаи бисёрҳизбӣ, оппозисия, идеологияи сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои фишоровар, давлат.*

Мафҳуми «плюрализм»-ро бори нахуст соли 1712 файласуфи немис Х. Вольф ба илм ворид намуда буд. Моҳиятан плюрализм принсипи сохтори ҷомеаи ҳуқуқиест, ки зарурати гуногунии субъектҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаро тасдиқ менамояд.

Плюрализми сиёсӣ (аз лотинии pluralis — бисёрҷониба) яке аз принсипҳои асоси ва муосири системаи сиёсии ҷомеа дар режимҳои демократӣ мебошад, ки гурӯҳҳо ва ниҳодҳои гуногӯни сиёсӣ бо ҳам ҳамкорӣ ва рақобат менамоянд.

Кушиши олимон ва муҳаққиқон оид ба дарки моҳият ва хусусиятҳои хоси плюрализми сиёсӣ масъалаҳои назариявию методологии онро ба миён овардааст. Яке аз масъалаҳои назариявию методологии мавзуъи баррасишаванда ин масъалаи таърифи мафҳуми он мебошад.

Таҳлили адабиётҳои илмӣ ва дигар сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки олимон оиб ба мафҳуми «плюрализми сиёсӣ” андешаҳои гуногун доранд. Аз як тараф гуногунии андешаҳои олимон нисбат ба мафҳуми «плюрализми сиёсӣ» имкони дарки моҳияти онро мушкил гардонад, аз сӯйи дигар он имконият медиҳад, ки хусусиятҳои хоси онро мо ошкор намоем. Аммо барои дарки беҳтари моҳият ва ошкор намудани хусусиятҳои хоси «плюрализми сиёсӣ» моро зарур аст, таҳқиқоти хешро хусусияти байни фаннӣ бахшем. Маҳз бо ҳамин мақсад мо аз сарчашмаҳои илмие, ки хоси саҳаҳои илмҳои гуногуни ҷамъиятшиносӣ аз қабили фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва ғайра мебошанд таваҷҷуҳ намудем. Дар зер мо ба таҳлил ва муқоисаи таърифҳои пешниҳод-намудаи муҳаққиқони соҳаҳои дар боло намбурда мепардозем.

Дар китоби энсиклопедияи нави фалсафӣ, ки зери таҳрири В.С. Степин руйи чоп омадааст чунин таърифи мафҳуми «плюрализми сиёсӣ» пешниҳод карда шудааст: «Плюрализми сиёсӣ – ин имконияти озоди мавҷудияти дидгоҳҳои сиёсӣ, мактабҳо, идеологияҳо, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳо бо мақсад ва барномаҳои гуногун мебошад»[1]. Чи гунае, ки мебинем ин таърифи «плюрализми сиёсӣ» дар заминаи чунин

қисматҳои таркибӣ – «дидгоҳҳои сиёсӣ», «мактабҳо», «идеологияҳо», «ҳизбҳои сиёсӣ» ва «ташкилотҳо», бунёд ёфтааст. Мувофиқи ин таъриф хусусияти муҳиммтарини «прлюрализми сиёсӣ»-ро имконияти мавҷудияти озоди унсурҳои дар боло зикргардида ва мақсаду барномаҳои гуногун доштани онҳо ташкил менамояд.

Дар дигар энсиклопедияи нави фалсафӣ чунин таърифи мафҳуми «прлюрализми сиёсӣ» пешниҳод карда шудааст: «Принсипи ташкил ва фаъолияти низоми сиёсии демократӣ, ки дар ҷомеа мавҷудияти гурӯҳҳо ва ташкилотҳои гуногӯни иҷтимоию сиёсии мустақилро пешбинӣ менамояд, ки бо вуҷуди монополияи қудрат надоштанашон, онҳо қодиранд ба ташаккули сиёсат таъсир расонанд» [2; 251].

Ин таърифи мафҳуми «плюрализми сиёсӣ» дар асоси чунин қисматҳои таркибӣ аз қабили «гурӯҳҳо ва ташкилотҳои гуногӯни иҷтимоию сиёсии мустақил» сохта пешниҳод гардидааст. Мувофиқи ин таъриф хусусияти плюрализми сиёсиро ин принсипи ташкил ва фаъолияти низоми сиёсии демократӣ, мустаъқилияти комили гурӯҳҳо ва ташкилотҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ, қобилияти ташаккули сиёсат доштан, махсусан дар ҳоли монополияи қудрат надоштан ташкил менамояд.

Ба андешаи мо дар ҳарду энсиклопедияи нави фалсафӣ таърифи мафҳуми таҳлилшаванда ба моҳият ва хусусиятҳои гуногун пешкаш шудаанд. Масалан агар якумин имконияти озоди мавҷудияти дидгоҳҳои сиёсӣ, мактабҳо, идеологияҳо, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳоро шарти асосии мавҷудияти плюрализми сиёсӣ донад, дуюмин онро ҳамчун принсипи ташкил ва фаъолияти низоми сиёсии демократӣ, ки мавҷудияти гурӯҳҳо ва ташкилотҳои гуногуни иҷтимоию сиёсии мустақилро, ки бо вуҷуди надоштани монополия дар қудрат қодиранд ба ташаккули сиёсат таъсир расонанд нишон додааст. Яъне мавҷудияти гурӯҳҳо ва ташкилотҳои гуногуни иҷтимоию сиёсии мустақил, ки қурдатро монополя накардаанд, вале дар ташаккули сиёсат таъсир мерасонанд ҳамчун хусусияти плюрализми сиёсӣ фаҳмида мешавад.

Дар муқоиса ба таърифҳои пешниҳоднамудаи луғатҳои соҳаи илмҳои фалсафӣ, дар луғату истилоҳотҳои соҳаи илмҳои сиёсӣ таърифҳои дигари плюрализми сиёсиро во хурдан мумкин аст. Масалан, муаллифони луғати муосири истилоҳоти сиёсатшиносӣ Д.Е. Погорелый, В.Ю. Фесенко, К.В. Филиппов плюрализми сиёсиро чунин таъриф додаанд. «Плюрализми сиёсӣ – ин принсипи ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣест, ки дар як ҷо бо ҳам мавҷуд будани ҷараёнҳои идеологӣ, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, ҳаракатҳо, инчунин гуногуншаклии фаъолияти сиёсӣ ва изҳори манфиатҳои сиёсиро дар назар дорад» [3; 182]. Мавҷудияти якҷояи ҷараёнҳои идеологӣ, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, ҳаракатҳо, инчунин гуногуншаклии фаъолияти сиёсӣ ва изҳори манфиатҳои сиёсӣ он қисматҳои таркибие мебошанд, ки дар асоси онҳо мафҳуми таҳлилшаванда сохта пешниҳод гардидааст.

Дар луғати энсиклопедияи сиёсатшиносӣ, ки зери таҳрири Ю.И. Аверянова руйи чоп омадааст, чунин таърифи мафҳуми таҳлилшаванда пешниҳод карда шудааст: «Плюрализми сиёсӣ ин мавҷудият ва эътирофи гуногуншаклии ақида, ки воситаи ба давлат пешниҳод намудани арзишҳо, манфиатҳо ва проблемаҳои мухталиф, ки дар ҷомеа мавҷуданд, барои ҳал ва баррасӣ мебошад. Плюрализм унсурҳои мухталифро дарбар мегирад: тасвиб ва эҳтироми гуногуншаклии анъанаҳои иҷтимоӣ, эътиқоди динӣ ва маънавӣ, намунаи рафтори гурӯҳҳои мухталиф, ҳимояи ҳуқуқҳои инфиродӣ, шаффофияти сиёсӣ ва бунёдкории сиёсӣ, иштироки шаҳрвандон дар қабули қарор, ҷустуҷӯи ризоият дар бадастории мақсадҳои умумӣ» [4; 431]. Дар муқоиса ба дигар таърифҳо ин таъриф плюрализми сиёсиро хоси ҷомеае медонад, ки мавҷудияти гуногуншаклии ақидаро эътироф менамояд. Табиист, ки дар ҷомеа гурӯҳҳои муайян бо ақидаҳо ва манфиатҳои гуногун мавҷуданд ва онҳо мушкилиҳои хешро дошта баҳри ҳалли онҳо ба давлат ва ниҳодҳои он мурочиат менамоянд.

Дар муқоиса ба луғатҳои соҳаи илмҳои сиёсӣ муҳаққиқони он плюрализми сиёсиро хоси системаҳои бисёрҳизбӣ медонанд. Масалан, ба андешаи сиёсатшинос Э. Хейвуд «Плюрализми сиёсӣ – ин мавҷудияти арзишҳои гуногуни сиёсӣ, идеологияҳо ва ҳаракатҳо буда он асосан хоси системаҳои бисёрҳизбӣ мебошад»[5; 520].

Муҳақиқони ватанӣ низ, таърифи прлюрализми сиёсиро бо истифода аз қисмати таркибии «системаҳои бисёрҳизбӣ» пешниҳод намуданд. Маласан, сиёсатшиносӣ ватанӣ Зокиров Г.Н. оид ба плюрализми сиёсӣ андешаҳои хешро баён намуда иброз намудааст, ки дар системаи бисёрҳизбӣ плюрализми сиёсӣ ифодаи беҳтари хешро меёбад. Зокиров Г.Н. менависад - «Ифодаи беҳтари плюрализми сиёсӣ дар мавҷудияти системаи бисёрҳизбӣ, ки таҷассуми таркиботи гуногуншаклии иҷтимои ҷомеа мебошад, зоҳир мегардад. Дар шароити мавҷудияти системаи бисёрҳизбӣ рақобат ва муқовимати ҳизбҳои сиёсии зиёд, муборизаи онҳо барои ҳокимият ба сифати воситаи истифодаи манфиатҳои гуногун бо мақсади инкишофи ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии он ифода мегардад. Дар рафти чунин муносибатҳо гуногунии афгор, манфиатҳо ва имкониятҳои мавзунгардонии онҳо, қонунигардонии сохти сиёсӣ, ки ба принсипи изҳори иродаи халқ мувофиқ аст, ба миён меояд ва имконияти интихоби он нерӯӣ сиёсие пайдо мегардад, ки қобилияти ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоиро дорад. Ба навбат ва давра ба давра ба сари ҳокимият омадани ҳизбҳои сиёсӣ боиси рушди ҷомеа ва роҳ надодан ба ҳаргуна амалҳои рукут мегардад» [6; 375].

Агар плюрализми сиёсӣ ифодаи беҳтари хешро дар системаи бисёрҳизбӣ ёбад пас, метавон гуфт, ки оппозитсия яке аз хусусияти плюрализми сиёсӣ мебошад. Зеро худи мавҷудияти оппозитсия хоси системаҳои ҳизбие мебошад, ки дар онҳо ду ва ё зиёда ҳизб бо ҳам барои қудрат рақобат менамоянд. Дар робита ба ин масъала муҳаққиқи ватанӣ Зокиров Г.Н. чунин ибрози андеша намудааст - «Мавҷудияти оппозитсия хусусияти ... плюрализми сиёсӣ мебошад. Он бевосита ба яке аз принсипҳои демократии инкишофи ҷомеа – ҳокимияти аксарият ва эҳтироми ҳуқуқҳои ақалият пайвастагии бевосита дорад. Ҳокимияти аксарияти демократӣ фақад тавассути интихоботи озоду комил, ки хусусити зеринро дорад ба амал бароварда мешавад: озодона пешбарии номзадҳо; мавҷудияти ҳуқуқи умумӣ ва баробари интихобот; озодии овоздиҳӣ» [6; 375].

«Дар сурати ташкили мутамаддини ҳокимияти аксарият ӯҳдадории табиӣ он аст, ки ба оппозитсия бо эҳтиром муносибат карда шавад, ҳуқуқи танқиди ҳокимият ва имконоти тағйири ҳокимият дар натиҷаи итихоботи навбатӣ воқеӣ бошад. Аммо чуноне, ки таҷрибаи мамлакатҳои гуногун нишон медиҳад, дар қатори оппозитсияи самаранок оппозитсияи нисбати ҳукумат мавқеи муқовиматдошта низ амал менамояд ва он одатад компромиссро намеписандад. Агар амали он дар доираи низоми ҳуқуқи қарор дошта бошад, онгоҳ ҳукумат ба амалҳои он менеа намегардад» [6; 375]. Воқеан барои он, ки ҳукумат ба амалҳои оппозисия монеа нагардад он бояд қоидаҳои бозиҳои сиёсиро риоя намояд. Риоя нагардидани қоидаҳои бозиҳои сиёсӣ аз ҷониби охирин ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ халал ворид намуда, он метавонад монеи рушди фард, ҷомеа ва давлат гардад.

Умуман плюрализми сиёсӣ бояд заминаи ҳуқуқи пайдо намояд. «Заминаи ҳуқуқӣ пайдо намудани плюрализми сиёсӣ ҷомеаро аз маҷбурии сохти сиёсӣ эмин медорад. Принсипи плюрализми сиёсиро мавҷудияти гурӯҳҳои фишоровар ва манфиатҳо пурмазмун мегардонад» [6; 375].

Муҳақиқон Гелуненко В.В. ва Андреев С.Д. иброз медоранд, ки «Плюрализми сиёсӣ моҳиятан таърифи муайяни худро дар якҷоягӣ бо чунин принсипҳои конституционӣ аз қабили гуногунрангии идеологию сиёсӣ ва бисёрҳизбӣ мегирад» [7; 36]. Дар муқоиса ба дигар муаллифон, муҳақиқон Гелуненко В.В. ва Андреев С.Д. шахрвандонро шарти асосии плюрализми сиёсӣ мепиндоранд. Масалан, ба андешаи онҳо плюрализми сиёсӣ ин «мавҷудияти

шаҳрвандонеро дар ҷомеа пешбинӣ мекунад, ки манфиатҳои худро доранд ва ақидаҳои гуногунро нисбати тараққиёти давлату ҷамъият ҷонибдори намуда дар иттиҳодияҳо ба ҳамин асосҳо муттаҳид шуда, дар байни онҳо созиш ёфта, ҳангоми ҳалли масъалаҳои хусусияти давлатӣ дошта дар асоси идеалҳо ва арзишҳои умумӣ такя менамоянд» [7; 36].

Моҳиятан маҳз шаҳрвандон ташаббускорони созмон додани гурӯҳҳо ва ниҳодҳое иҷтимои-сиёсие мебошанд, ки тавассути онҳо манфиатҳои худ ва пайравонашонро ҳимоя ва ҳифз менамоянд.

Дар робита ба соҳаи сиёсӣ ин принсип, масалан, ҳамчун «зуҳуроти гуногунии манфиатҳои сиёсӣ, ормонҳо, ҳадафҳо, муносибатҳо, арзишҳои синфҳои гуногун, гурӯҳҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ, миллатҳо ва халқиятҳо, шаҳрвандони алоҳида ва мутаносибан инъикос, ба назар гирифтан ва татбиқи ин гуногунрангӣ дар ҳаёти сиёсӣ, дар ташкил ва фаъолияти системаи сиёсӣ»-ро [8; 5] ифода менамояд.

Ҳамин тавр дар мӯқоиса ба таърифҳои мутахассисони соҳаи илмҳои фалсафа, сиёсатшиносон бештар плюрализми сиёсиро хоси ҷомеаи медонанд, ки дар он неруҳои мухталифи сиёсӣ барои ҳокимият бо ҳам рақобат менамоянд. Мутахассисони соҳаи илмҳои сиёсӣ плюрализми сиёсиро бо истифодаи чунин мафҳумҳо аз қабили «гуногунрангии идеологию сиёсӣ», «системаи сиёсии ҷомеа», «режими демократӣ», «системаи бисёрҳизбӣ», «оппозитсияи ошкоро», «тақсими ҳокимият» ва ғайра таъриф додаанд.

Мутахасисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ низ атрофи плюрализми сиёсӣ таҳқиқотҳои пуразриш анҷом дода оиди он андешаҳои ҷолиби диққати хешро байён намудаанд.

Масалан муҳақиқ А.В. Малько чунин мешуморад, ки «плюрализми сиёсӣ як принсипест, ки ба мавҷудияти гуногунии қуввахои сиёсӣ бо рақобати байни онҳо барои намояндагӣ дар мақомоти давлатӣ мусоидат мекунад. Он бархӯрди манфиатҳо, баҳсҳои байни ҷонибдорони нуқтаи назари гуногунро дар бар мегирад» [9; 9].

«Плюрализми сиёсӣ – мавҷудияти низоми бисёрҳизбӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳо, ҳаракатҳо ва созмонҳои гуногуни ҷамъиятиест, ки дар доираи конститутсия фаъолият мекунанд, ки баробарии онҳоро дар назди қонун эълон мекунанд»[10; 612], омадааст дар энсиклопедияи ҳуқуқи, ки зери таҳрири А.Б. Барихин руйи чоп омадааст.

Дар дигар энсиклопедияи ҳуқуқи ки зери таҳрири Б.Н. Топорнин руйи чоп омадааст мафҳуми таҳлилшавандаро чунин таъриф намудааст. «Плюрализмии сиёсӣ — ба маънои сиёсию ҳуқуқиаш ин эътирофи конститутсионӣ ва қонунгузории гуногунрангии идеологӣ дар ҷомеа (набудани идеологияи ҳатмии давлатӣ), бисёрҳизбӣ (набудани як ҳизби ягонаи ҳукмрон, ки ҳокимияти сиёсиро ба худ монополия карда бошад), шумораи зиёди иттиҳодияҳои ҷамъиятии дар назди қонун баробар, системаҳои мувозинати сиёсӣ-давлатӣ, тақсимоти қудрат ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ва назорати мутақобилаи онҳо, баробарӣ ва худмуайянкунии халқҳо, мувозинати ҳуқуқ ва манфиатҳои мақомоти миллӣ (федералӣ) ва минтақавӣ (субъектҳои федералӣ), ташкили мақомоти намояндагӣ ва иваз намудани ҳокимон дар асоси интихоботи озоду рақобатӣ ва ғ. мебошад.

Плюрализми сиёсию ҳуқуқӣ асоси демократияи плюралистиро ташкил медиҳад. Аммо мустаҳкамнамоии қонунгузории он худ аз худ барои чунин демократия кифоя нест, агар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатӣ ҳуқуқбунёд ташаккул наёфта бошад, агар шаҳрванд ва амалдорон шарикони баробарҳуқуқ набошанд, агар шаҳрвандон дар қабули қарор дастрасии нисбатан баробар надошта бошанд, дар сиёсат ва идоракунӣ, агар аксарияти шаҳрвандон дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва гурӯҳҳои муташаккил муттаҳид набошанд, агар дар ҷамъият нобаробарии иҷтимоию иқтисодии гурӯҳҳои гуногӯни аҳолӣ вуҷуд дошта бошад ва дар асоси баробар иштирок карда наметавонад» [11; 742].

Дар муқоиса ба таърифҳои пешниҳоднамудаи мутахассисони саҳаҳои

илмҳои фалсафа ва сиёсӣ ҳуқуқшиносон мафҳумҳои эътирофи конститутсионии гуногунии манфиатҳо, мақомот ва ташкилотҳоро истифода намуда, моҳияти плюрализми сиёсиро ба таври объективӣ инъикос намудани манфиатҳо, мавқеи синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ нишон додаанд. Дар маънои зер плюрализми сиёсӣ маҳсули инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Аммо мустаҳкамнамоии қонунгузории охириҳо шарти асосӣ нест. Шарти асосиро ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёди ташаккулёфта, баробарии ҳуқуқи шаҳрвандон ва амалдорони давлатӣ, дастрасии баробар доштани шаҳрвандон дар қабули қарор ва ғ. ташкил менамояд.

Ҳамин тавр метавон иброз намуд, ки мутахасисони соҳаҳои илмҳои фалсафа, сиёсӣ ва ҳуқуқ ҳангоми ифодаи таърифи мафҳуми плюрализми сиёсӣ илова ба мафҳумҳое, ки моҳияти онро ошкор менамоянд мафҳумҳои хоси соҳаи хешро низ истифода менамоянд. Ба назари мо маҳз ҳамин мафҳумои истифоданамудаи онҳо таърифи мафҳуми таҳлилшавандаро васеътар менамояд. Аммо дар маҷмуъ онҳо дуруст ва қобили қабул мебошанд.

Аммо нуқтаи назари интиқодие вуҷуд дорад, ки мувофиқи он мавҷудияти шумораи зиёди ташкилотҳо низ шарти нокофии плюрализми сиёсӣ мебошад. Масалан Ҷ. Сартори ба ин муносибат кайд намудааст, ки «Плюрализм бо шумораи зиёди ташкилотҳо (иттиҳодияҳо) маҳдуд намешавад. Пеш аз ҳама, онҳо бояд ихтиёрӣ бошанд, дар дуюм — кушода ва бо шумораи зиёди аъзоён» [12; 3].

Дар ин масъала муҳаққиқ А.В. Павроз иброз менамояд, ки «Мавҷудияти миқдори зиёди гурӯҳҳои мухталиф на шаҳодати ҷой доштани плюрализми сиёсӣ, балки танҳо сатҳи баланди рушди худифоданамоӣ ба ҳисоб меравад. Ҷомеа бо миқдори зиёди гурӯҳҳо танҳо дар ҳамон ҳолат плюралистӣ ҳисобида мешавад, ки гурӯҳҳо хусусияти муттаҳидӣ на хусусияти анъанавӣ ва институтсионалӣ доранд»[13; 13-14]. «Илова бар ин қайд намудан зарур аст, ки миқдори зиёди гурӯҳҳо ва иттиҳодияҳо плюралистӣ ҳисобида мешавад, агар унсурҳои он озод ва баробарҳуқуқ буда, дар муносибати байни якдигар мартабот надошта бошанд; байни унсурҳо, пеш аз ҳама, рақобат мушоҳида карда мешавад»[14; 23-26].

Ба назари мо мавҷудияти нуқтаи назари интиқоди имкони беҳтар ва васеътар фаҳм ва дарк намудани моҳият ва хусусиятҳои плюрализми сиёсиро медиҳад. Ихтиёрӣ, шумораи бештари аъзоён, муттаҳиддии гурӯҳҳо, озод ва баробар ҳуқуқи шарти муҳимми онҳо ҳисобида мешаванд.

Бо такя ба андешаҳои дар боло зикр гардида метавон гуфт, ки плюрализми сиёсӣ як принсипи ташкили ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ буда, гуногунии мавҷудияти дидгоҳҳо ва ниҳодҳоеро дар ҷомеа тақозо менамояд, ки ихтиёран дар дораи қонун баҳри ҳифзи манфиатҳои аъзоёни хеш бо ҳам ҳамкорӣ ва рақобат менамоянд.

Аммо мавҷудияти шумораи зиёди гурӯҳҳо ва ниҳодҳои сиёсии рақобаткунанда нишонаи плюрализми сиёсии ҷомеаро нишон намедиҳад. Шарти охириҳо ин мавҷудияти озод ва ба таври қонуни фаъолият намудани онҳо мебошад. Асоси ҳамкории онҳоро, ҳамкорӣ байни худ ва ниҳодҳои давлатӣ дар баробарӣ ва рақобат ташкил менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳлили таърифҳои пешниҳоднамудаи мутахасисони соҳаи илмҳои фалсафа, сиёсӣ ва ҳуқуқ нишон медиҳад, ки аксари онҳо мафҳуми таҳлилшавандаро бо истифодаи қисматҳои таркибии хоси соҳаи илмҳои хеш таъриф додаанд. Файласуфон бештар дар таърифҳои хеш аз мафҳумҳои “мактабҳо» ва идеологияҳо», сиёсатшиносон ниҳодҳои сиёсӣ, идеологияҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои фишоровар, системаи бисёрҳизбӣ, ҳуқуқшиносон эътирофи конститутсионии гуногунии идеологӣ, ва ғайра истифода бурда плюрализми сиёсиро таъриф медиҳанд. Аммо бояд ёдовар шуд, ки ҳангоми таърифдиҳи муҳаққиқони саҳаҳои номбурда на таҳо мафҳумҳои соҳаи хеш махсусан файласуфон ва ҳуқуқшиносон истифода менамоянд, балки мафҳумҳои хоси ифодакунандаи плюрализми сиёсиро, ки хоси соҳаи илмҳои сиёсӣ мебошад истифода менамоянд. Аз таҳлили анҷомдода бармеояд, ки истифодаи мафҳумҳои соҳаи

илмҳои фалсафа, сиёсӣ ва ҳуқуқ барои дарки васеътари мафҳуму моҳият ва хусусиятҳои хоси плюрализми сиёсӣ кӯмак менамояд.

Адабиёт

1. Новая философская энциклопедия — первая философская энциклопедия, изданная в постсоветской России. Председатель научно-редакционного совета В.С. Степин. — М.: Мысль, 2000—2001. — ISBN 5-244-00961-3.URL:https://iphlib.ru/greenstone3/library/collection/ newphilenc/ page/about.

2. Новая философская энциклопедия: В 4 томах Ред. совет: Степин В.С., Гусейнов А.А., Семигин Г.Ю., Огурцов А.П. и др. М.: Мысль, 2010.- 744 с. / 634,[2]с. / 692,[3]с. / 736 с.— с. 251.

3. Новейший политологический словарь / авт.-сост. Д. Е. Погорелый, В. Ю. Фесенко, К. В. Филиппов. - Ростов н/Д : Феникс, 2010. с. 182.

4. Политология: Энциклопедический словарь / Общ. ред. и сост. Ю.И. Аверьянов. М.: Изд-во Моск. коммерч. ун-та, 1993. 431 с.

5. Хейвуд, Эндрю. Политология: Учебник для студентов вузов / Пер. с англ. под ред. Г.Г. Водолазова, В.Ю. Вельского. — М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005. – (Серия «Зарубежный учебник»). с. 520.

6. Зокиров Г.Н. (Муаллиф-мураттиб). Донишномаи сиёсӣ. – Душанбе, «Девиштич», 2007. с. 375.

7. Гелуненко В.В., Андреев С.Д. Политический плюрализм: понятийный, концептуальный и интерпретационный ракурсы // Социально-политические науки. 2020. Т. 10. № 4. с. 32-37.

8. Василик М.А., Клюев А.В. Политический плюрализм: социальные основы, критерии и гарантии. СПб.: Знание, 1992. 212 с.

9. Малько А.В. Политическая и правовая жизнь России: актуальные проблемы: Уч. пособие. М.: Юристъ, 2000. с. 256.

10. А.Б. Барихин Большая юридическая энциклопедия. (Серия «Профессиональные справочники и энциклопедии») – М.: Книжный мир, 2010. – с. 612.

11. Юридическая энциклопедия / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. — М.: Юристь, 2001. — с. 742.

12. Остапенко М.А. Плюрализм и власть: интерпретация и анализ /. М. А. Остапенко // Polit Book. — 2012. — № 4. — С. 116–123.

13. Павроз А.В. Теория политического плюрализма: сущность, противоречия, альтернативы / А.В. Павроз. - Спб., 2009. -178с. 13-14.

14. Кожаров А. Монизм и плюрализм в идеологии и политике / А Кожаров / Перевод с болгарского Большаковой В.Г. и Зюзюкиной Т.Е. М.: Прогресс, 1976. - 288 с. 23-26.

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ИЗУЧЕНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО ПЛЮРАЛИЗМА

Муродов С.А., Ёров Х.М.

В данной статье анализируются теоретико-методологические проблемы изучения политического плюрализма. Особое внимание авторы уделили пониманию природы и особенностей политического плюрализма и показали существование различных мнений ученых о понятии политического плюрализма как теоретико-методологические проблемы рассматриваемой темы. Говорят, что разнообразие мнений ученых о понятии политического плюрализма основано на использовании разных компонентов. В результате авторы приходят к выводу, что использование исследователями разных компонентов помогает лучше понять понятие и сущность политического плюрализма.

Ключевые слова: *политический плюрализм, политическая система общества, демократический режим, многопартийность, оппозиция, политическая идеология, общественные организации, группы давления, государство.*

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL PROBLEMS OF STUDYING POLITICAL PLURALISM

Murodov S.A., Yorov Kh.M.

This article analyzes the theoretical and methodological problems of studying political pluralism. The authors paid special attention to understanding the nature and characteristics

of political pluralism and showed the existence of different opinions of scientists about the concept of political pluralism as a theoretical and methodological problem of the topic under consideration. It is said that the diversity of scholarly opinions on the concept of political pluralism is based on the use of different components. As a result, the authors come to the conclusion that the use of different components by researchers helps to better understand the concept and essence of political pluralism.

Key words: *political pluralism, political system of society, democratic regime, multi-party system, opposition, political ideology, public organizations, pressure groups, state.*

№1
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

НИЗОЪҲОИ ДИНӢ-СИЁСӢ ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФКУНИИ ОНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Зиёзода Н. И. - ходими илмии Шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии ИФСҲ АМИТ

Дар мақолаи мазкур масъалаи низоъҳои динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, муаллиф қайд мекунад, ки дар адабиёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ то ҳанӯз таърифи универсалии мафҳуми "низои динӣ-сиёсӣ" вуҷуд надорад. Низои динӣ, ҳамчун мафҳум, маънои ба таври қатъӣ қабул накардан ва кӯшиши тағйир додани парадигмаи динӣ-арзишии ҷомеа мебошад, ки дорои таърихи дуру дароз, анъанаи инкишоф ва тағйирёбӣ мебошад. Муаллиф ҳамчунин қайд мекунад, Низоъҳои динӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон ҳамчун натиҷаи буҳрони маънавие оғоз гардид, ки халқ баъди заволёбии Иттиҳоди Шӯравӣ онро аз сар мегузаронид. Пошхӯрии он тавсеаи шуури динӣ дар он давра барои исломи сиёсӣ бо баҳонаи "наҳзати ислом" ва низоъҳои динӣ-дунявӣ роҳ кушода, сафи онҳо аз ҳисоби ҷавонон рӯ дар афзоиш буд. Ҳамин нуктаро низ бояд таъкид кард, ки дар ҳамин марҳалаи таърихӣ эҳсоси худшиносии миллӣ, бозгашт ба решаҳои таърихӣ боло гирифт, ки дар асл маънои муборизаи ба муқобили бединон, таълимоти атеистона, хулоса, авлавияти диният бар дунявият, мустаҳкам кардани мавқеи дин ва ғ.-ро дошт.

Калидвожаҳо: *низоъ, низоъҳои динӣ, низоъҳои сиёсӣ, ифротгароӣ, ифротгароии динӣ, терроризм, амнияти миллӣ.*

Ҷомеаи муосир дар баробари миллатгароӣ инчунин дин олати муҳимтарини таъсиррасонӣ дар соҳаи сиёсат ва ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Дар аксар мавридҳо шиддатнок гардидани низоъҳои мусаллаҳона ва ҷангҳо дар заминаи тезутундшавии муносибатҳои байни гурӯҳҳои миллӣ-этникӣ ва динӣ инкишоф меёбанд. Чунин ҳолат барои амният, комилият ва истиқрору устувории сулҳи на танҳо кишварҳо ва минтақаҳои муайян, балки умуман системаи ҷаҳонӣ таҳдид мекунад, зеро чунин бархӯрдҳо аксаран сабаби дахолат кардани баъзе давлатҳо ба корҳои дигар давлатҳо мебошад. Вобаста ба ин яке аз муҳимтарин амале, ки онро бояд анҷом дод таҳлили системавии сабабҳо, шаклҳои зоҳиршавии онҳо ва роҳҳои бартараф кардани низоъҳои динӣ дар доираи масъалаҳои геополитикӣ мебошад. Яке аз масоили мубрами замони муосир, ки бидуни шак дар қатори масоили глобалӣ қарор дорад, масъалаи низоъҳои динӣ-сиёсӣ мебошад. Таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-методологӣ ба муаллиф кӯмак намуд, ки моҳияти онро кушода, унсурҳои асосии онро ошкор карда, алоқаи онро бо дигар масоил, аз ҷумла омилҳои иҷтимоӣ-сиёсии сар задани низоъҳои динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро муайян намояд. Муаллиф нишонаҳои хоси низоъҳои динӣ-сиёсиро ҷудо намуда, роҳҳои асосии ҳаллу фасли онҳо, ҳадаф ва дурнамои онро мушаххас ва муайян намуд.

Низоъҳо ҳамеша қисми ҷудонашавандаи мавҷудияти инсонӣ будаанд. Ҳанӯз аз дунёи қадим сар карда, то ба имрӯз инсон ҳамарӯза бо низоъҳои оилавӣ, ҳокимият, ҳамкориҳои дутарафа бо дигар одамон рӯ ба рӯ шудааст. Як қабила бо қабилаи дигар, ғуломон бо ғуломдорон, як халқ қатли ом бо баҳонаҳои нажодӣ, миллӣ ва динӣ (геносиди) халқи дигарро аз мавқеи андешаҳои шовинистӣ ба роҳ мондааст. Мардумон бо ин ва ё он зиддиятҳои байни онҳо пайдошуда рӯ ба рӯ шуда, оқибат аз роҳи таҷриба ва хатогиҳо

васоити заруриеро барои бартараф кардани онҳо пайдо менамуданд. Аммо зимни он худи падидаи низоъ, асосҳои он ва механизми ҳаллу фасл кардани онҳо мавриди тафаккуру андеша қарор дода намешуд. Ба инсоният хос будааст, ки дар тӯли асрҳо бештар амал намуда, камтар ба андеша равад [4, 61].

Дар “Фарҳанги забони форсӣ” вожаи “низоъ” ба маънои ҷидол, ҷанҷол, муноқиша, кашмакаш, ҷангу хусумат, душманӣ шарҳу тавзеҳ шудааст [14, 853].

Зикр кардан ба маврид аст, ки баъзе аз низоъҳои сиёсӣ бештар ба дин вобастагӣ доранд ва дин ҳамчун омили низоъҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Хусусияти бунёдии муайян кардани низоъ – муборизаи байниякдигарии субъектҳо мебошад, ки манфиатҳои мухталиф онҳоро ба миён кашидаанд [6].

Хусусияти низоъи сиёсӣ субъектҳо ва характери манфиатҳо мебошанд, ки онҳоро пайгирӣ мекунанд. Низои сиёсӣ – муборизаи зиддиякдигарии субъектҳои дорои манфиатҳо, арзишҳо, назарҳо ва ҳадафҳои гуногун мебошад, ки бо ҳолат ва нақши дар системаи муносибат ба давлат ба вуҷуд омадаанд [12].

Аммо дар замони муосир низоъҳои этникӣ-динӣ аз ҳама бештар тавсеа ёфтаанд. Гурӯҳҳои динӣ - яке аз ҳалқаҳои занҷираи системае мебошанд, ки дар он манфиатҳои нерӯҳои бо ҳам муқобил ташаккул ёфта, бо ҳам бархӯрд мекунанд. Дар робита бо ин, қабл аз ҳама, низоъҳои байнидинӣ, фарқиятҳои динӣ ва таҳаммулнопазирро ба назар бояд гирифт. Худоёни юнониҳои қадим доимо байни якдигар дар ҷангу низоъ қарор доштанд. Яке аз мавқеъҳои ҷаҳонбиниро интихоб намуда, шумо аз дигарҳо рӯй мегардонед, яъне ба парастиши яке аз худоён оғоз намуда, дигар худоёнро таҳқир мекунед [5,95].

Тамоман табиист, ки ин вариантҳо дар шакли софи худ вуҷуд дошта наметавонанд. Дин ва сиёсат бо ҳам якҷо, ҳангоме, ки бояд ба таҳдиди хориҷӣ муқобилат кардан ва мубориза бурдан ба муқобили эътирозҳо дар дохили кишвар лозим буд, амал мекарданд. Аммо дар баробари ин пайваста дар байни онҳо зиддиятҳо вуҷуд доштанд. Муборизаи доимӣ, ошкоро ва пӯшида барои афзоиш додани таъсир ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ кашф мешуд. Дар тӯли таърихи инсоният дар ҳамкориҳои байни дин ва сиёсат вазъиятҳои гуногун ташаккул меёфт. Дар баъзе шароит омили муайянкунанда дин ва дар дигараш айнан ҳамин нақшро сиёсат бозӣ мекард. Сарфи назар аз он ки дин дар бисёр мавридҳо сиёсатро барои мустаҳкам намудани мавқеи худ истифода мебурд ва сиёсат барои ба мақсадҳои худ расидан ба дин такя мекард, дар байни онҳо зиддиятҳо вуҷуд доштанд ва дар аксари ҳолатҳо мубориза барои омили муайянкунандаи ин муносибатҳои дутарафа идома меёфт [13,78].

Дар таърих чунин вариантҳои асосии ҳамкориҳои дин ва сиёсат, ки бештар ба чашм мерасанд, вуҷуд доранд:

- ягонагӣ, ҷудонашавандагии дин ва сиёсат;

- тобеъ будани сиёсат ба дин;

- ҷудо кардани дин аз сиёсат, худмухтории онҳо дар нисбати якдигар [14,77].

Дар охири солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX вазъияти иҷтимоию сиёсии давлати Шӯравӣ аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи сиёсати бозсозӣ ва саҳлангории баъзе аз роҳбарони сатҳи олии сиёсии Иттиҳоди Шӯравӣ торафт ба гирдоби бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гирифтор мегашт. Ин вазъият дар тамоми гӯшаю канорҳои давлати паҳно ва сермиллату аз лиҳози мазҳабию динӣ гуногун таҳаввулоти азимеро ба вуҷуд меовард. Торафт паст гардидани сатҳи иҷтимоии аҳолии ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба назар мерасид, ки дар натиҷаи он дар байни миллатҳои гуногун эътироз ва норозигиҳоро ба вуҷуд овард. Дар мамолики гуногуни империяи Шӯравӣ қувваҳои марказгурез аз чунин ранг гирифтани вазъи иҷтимоию сиёсӣ истифода намуда, мақсадҳои худро мехостанд дар амал татбиқ намоянд.

Мисоли равшани андешаҳои болоро дар воқеаҳои интиҳои солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90 асри XX мушоҳида

кардан мумкин аст. Аз он ҷумла, зиддиятҳои байни озорбойҷониҳо ва арманиҳо, гурузинҳо ва осетину абхазҳо, ҷумҳуриҳои назди Балтика, норозигии Чеченистон, Тоҷикистон, узбекҳо ва туркони месхетҳо, узбекон ва қирғизҳо, қирғизҳо ва тоҷикҳо ва ғайраҳо тезутунд гардиданд. Дар натиҷаи ба вуҷуд омадани ноҷӯриҳои миллию этникӣ муборизаи байни қавмӣ ва маҳаллӣ дар Тоҷикистон низ авҷ гирифт. Дар аввал ин норозигӣ ва муборизаҳо гӯё барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта, махсусан, дар масъалаи ҷо ба ҷо гузории кадрҳо дар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва бартараф намудани ин камбудиҳо сар заданд. Ҳизбҳои теъдодан зиёди исломӣ ва ҳаракатҳои сиёсӣ дар кишварҳои Шарқ низ фаъолият доранд (Индонезия, Покистон, Бангладеш, Туркия, Лубнон ва ғ.) [7, 8, 9].

Вале дар асл, мақсади муборизаҳои марҳилаи мазкур асосан барои сарнагун сохтани режими сиёсии мавҷуда ва ба сари ҳокимият омадани қувваҳои марказгурез, аз он ҷумла ҷорӣ намудани тартиботи исломгароӣ ва мустҳкам намудани ҳокимияти динӣ ба ҳисоб мерафт. Зикр бояд кард, ки дар ин раванд қуввaҳои динӣ аз мавқеи қуввaҳои демократӣ истифода намуда, дар натиҷа дар байни исломгароён ва демократҳо иттиҳоди мустаҳкаме ба вуҷуд омад, ки шиори асосии онҳо куллан шикастани режими коммунистӣ ва бунёди давлати исломӣ дар Тоҷикистон буд.

Барои амалӣ кардани ин ҳадафҳо исломгарён ва демократҳо аз ҳизбҳои навтаъсисдодаи худ Ҳизби демократии Тоҷикистон ва Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, инчунин аз ҳаракатҳои бо ном мардумии “Растохез”, “Лаъли Бадахшон” ва ғайраҳо ҳамаҷониба истифода мебурданд. Билохира, ин муборизаҳо вазъи иҷтимоию сиёсии Тоҷикистонро торафт тезутунд гардонид, ки натиҷаи он сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гардид.

Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон - низои мусаллаҳонаи байни (қавмии) дохилиэтникие дар дохили Тоҷикистон мебошад, ки дар байни тарафдорони ҳокимияти давлатӣ ва гурӯҳҳои гуногуне дар симои Иттиҳодияи нерӯҳои оппозитсионии тоҷик (ИНОТ) мебошад, ки баъд аз соҳибистиқлол эълон шудани кишвар дар натиҷаи аз байн рафтани СССР ба вуҷуд омада буд. Муқовимати нисбатан тезутунд дар охири моҳи августи 1992 то моҳи июли 1993 мегузашт, ки амалан кишвар ба ду гурӯҳ тақсим шуда буд. Аз тобистони соли 1993 шиддатнокии низоъ рӯ ба завол оварда, ҳарчанд, ки барҳурдҳои алоҳида то ба мусолиҳаи ҷонибҳои даргир 27 июни 1997 идома дошт.

Ба андешаи диншинос С. Аҳмадов [2,75-93]. “муқобилат дар Тоҷикистон асосан баъди авҷ гирифтани бозсозӣ дар СССР-и собиқ ва амиқ шудани сувернизатсияи ҷумҳуриҳо оғоз ёфт. Нерӯҳое (ҳизбҳо, ҳаракатҳо ва иттиҳодияҳо) пайдо шуданд, ки баҳри мустақилият ва соҳибистиқлолии Тоҷикистон фаъолона баромад мекарданд. Бори аввал онҳо худро возеҳан дар масъалаи ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ нишон доданд. Дар атрофи ин масъала аҳли ҷамоатчигии ҷумҳурӣ ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо шуда, ҳар кадоме дар муқобили дигарӣ қарор мегирифт”.

Дар натиҷаи ҷанг танҳо дар соли 1992—1993 тақрибан 60000 кушта шуда, қисми зиёд бедараку ғайб задаанд [15], ки тибқи табрикоти Президенти ҶТ Э. Раҳмон ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ |/ URL: http:/ www. President. tj /ru/ node/ 12314 - шумораи онҳо 100.000 ва зарари молӣ 7 млрд. доллярро ташкил медиҳад [16].

Барои барқароршавии кишвар солҳои тӯлоние лозим буд. Дар ин кор ба Тоҷикистон ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташкилотҳои байналмиллалӣ, ташкилотҳои ҷаҳонӣ ва минтақавии моливӣ, ташкилотҳои байналмиллалии ғайридавлатӣ ва кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон кӯмаки бебаҳо намуданд.

Дар асоси навиштаҳои болоӣ метавон бо итминон таъкид кард, ки мафҳумҳои “дин” ва “низоъ” робитаи муайяне байни якдигар надоранд. Робитаи байниҳамдигарии дин ва сиёсат дар фаъолияти ҳизбҳои динӣ-сиёсӣ ва ҳаракатҳое, ки

таъсири онҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ дар минтақаҳои зиёд меафзояд, баръало зоҳир мешавад. Асри XX асри ҷалби васеи диндорон ба ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҳизбҳо оғоз гардидааст. Махсусан сатҳи болоравии онҳо баъди Ҷанги дуввуми ҷаҳон ба қайд гирифта шудааст [10, 43-56].

Аммо бояд эътироф кард, ки бо пайдошавии ин ва ё он дин низоъҳо доимо онҳоро ҳамсафар буданд. Натиҷаи вуҷуд доштани низоъ ва муқобилат дар дохили динҳои ҷаҳонӣ, ҷараёнҳо, мазҳабҳо ва мактабҳои гуногуни динӣ ба вуҷуд омадан гирифтанд. Аммо ихтилофҳо ва муносибатҳои гуногун ба асосҳои дин аксаран ба муқовимат ва бархӯрдҳои ҳатто дохилии динҳои ҷаҳонӣ, масалан, дар ислом дар байни ботиниён ва қарматиҳо бо сунниҳо, шиъиҳо дар Хуросон ва Байнанаҳрайн, ҷангҳои байни шиъаҳо ва сунниҳо дар асрҳои XV ва XVI дар давраи сафавиҳо ва ғ. вуҷуд доштанд. Хотираи таърихии инсоният ҳанӯз ҳам ҷангҳои зиёди байни пайравони динҳои гуногунеро аз қабили юришҳои салибдорон, байни туркҳо ва арманиҳо ва ғ.-ро аз хотир набаровардааст, аммо ҷангҳое ҳам вуҷуд доранд, ки ҳоло ҳам байни католикҳо ва протестантҳо дар Ирландияи Шимолӣ идома доранд. Муқовиматҳои бисёрсолаи байни Фаластин ва Исроил, Лубнон, Чеченистон ва Россия, Қаробоғи Кӯҳӣ, низоъҳо дар Кашмир, байни мусулмонҳои албанӣ ва масеҳиёни серб дар Босня, Герсеговина, Косово ва Македония табиати низои диниро гирифтаанд.

Бояд таъкид намуд, ки дар байни худи муҳаққиқон ва сиёсатшиносон андешаи ягона оид ба низои байниҳамдигарии тоҷикон вуҷуд надорад. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки дар низои байни тоҷикон омили динӣ омили асосӣ ва ҳалкунанда буд. Дигарон қатъиян нақши ҳалкунанда доштани онро инкор мекунанд.

Муаллифони боби “Дин ва низоъ”-и китоби “Низоъшиносӣ” чунин меҳисобанд, ки бо гузашти замон ва тадқиқотҳои оид ба ҳодисаҳои соли 90-ум анҷомёфта ошкор мешавад, ки низоъ дар байни нерӯҳои халқӣ ва нерӯҳои нави сиёсӣ, ки бо шарофати бозсозӣ, ошкорбаёнкунии андешаҳо ва равандҳои демократӣ ва номенклатураи собиқи коммунистӣ, ки баъдан бо фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ аз байн рафтанд, ахиран ба муборизаи ошкорои минтақаҳои алоҳида ва гурӯҳҳо барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ пайдо шуда буданд. Шиорҳои сиёсие, ки аксарияти нерӯҳои навпайдо аз қабили озодӣ, демократия, озодии виҷдон, бисёрҳизбӣ, гуногунандешӣ ва ғ. истифода мебурданд, ба олати ба даст гирифтани ҳокимияти сиёсии ин ва ё он маҳалли муайян табдил ёфтанд. Бо ҳадафи амалӣ гардонидани ин андешаҳо ин нерӯҳои навпайдо, ки дар миёнашон ҲНИТ низ вуҷуд дошт аз шиорҳои динӣ истифода мебурданд. Дар ибтидо ба сифати омили иловагӣ, аммо баъдтар бо заиф шудани сохторҳои ҳукуматӣ кӯшиш менамуданд, ки омили диниро ба сифати омили асосии низои байни тоҷикон табдил диҳанд. Аммо сарфи назар аз ин, муаллифони ин китоб чунин меҳисобанд, ки омили диниро набояд омили асосии низои байни тоҷикон ҳисобид. Иштироки ҲНИТ, шахсиятҳои алоҳидаи динӣ дар он ҳодисаҳо, вуҷуд доштани ихтилофҳо дар байни гурӯҳҳои динӣ (сунниҳо, муҷаддидия-ваҳҳобиҳо, тасаввуф, исломи халқӣ, ҲНИТ ва қозиёт (идораи динӣ) ҳанӯз ба мо асосе намедиҳанд, ки динро дар низои байни тоҷикон омили асосӣ ҳисобем. Аммо сарфи назар аз ҳамаи ин, ба ду тараф, ба ду майдон ҷудокунии тарафҳои даргир на аз рӯи дин, яъне мусулмонҳо ва кофирон, балки аз ҳисоби ноҳияҳо ва робитаҳои хешу таборӣ ба вуҷуд омад [11, 21].

Муаллифон тасдиқ мекунанд, ки ҳатто новобаста аз он ки яке аз қувваҳои асосии Иттиҳодияи нерӯҳои оппозитсионии тоҷик (ИНОТ)-ро ҲНИТ дар солҳои муқовимати сиёсӣ-ҳарбӣ таъсис дода буд ва Раиси Коммисияи ризояти миллӣ раиси ин ҳизб Саид Абдуллоҳи Нурӣ интихоб шуда буд, наметавон онро далели нақши асосӣ доштани омили динӣ донист. Зеро ба ҳайати гурӯҳи оппозитсионӣ танҳо нерӯҳои исломӣ дохил намешуданд, дуввум ҲНИТ-ро бояд ҳамчун ҳизби сиёсӣ эътироф кард. Ин чунин маъно

дошт, ки ин ҳизб ба сифати нерӯҳои нав, муқовимат ва ихтилоф фаъолият менамуд, ки дар байни онҳо ва дигар нерӯҳое ба вуҷуд меомаданд, ки дорои манбаъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ буданд, на динӣ. Аммо, дар ҳар ду тараф, кормандони динӣ нақши асосӣ мебозиданд ва ба низои байни тоҷикон тобиши динӣ медоданд.

Мубоҳисаҳои динӣ-дунявӣ, ки баробари мубоҳисаҳои муносибатҳои ташкилотҳои динӣ бо давлат солҳои 80-90-и асри XIX оғоз шуда буданд, дар давраи Коммисияи оштии миллӣ тақвият ёфтанд. Дар замони ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ (1998-1999), дорои асоси сиёсӣ буд, на динӣ. Ташаббускорони ин мубоҳисаҳо асосан онҳое буданд, ки ё ба намояндагони исломи сиёсӣ тааллуқ доштанд ё аз ягон ҷиҳат бо онҳо робита доштанд. Наҳзатиён қабл аз ҳама ғами онро мехӯрданд, ки ташкилоти ҳизбии онҳо дар кишвар озодона фаъолият намояд. Бинобар ин, вақте онҳо замонати конститутсионии фаъолияташонро пайдо намуданд, ин баҳсу мунозираҳо аз байн рафтанд.

Ба андешаи мо, гуфтаҳои боло далели онанд, ки дар ин муқовиматҳо ва низоъҳо дин сабабгор набуда, сабабаш он одамоне буданд, ки кӯшиш мекарданд динро бо сиёсат барои расидан ба ҳадафҳои гуногун ва манфиатҳои сиёсӣ ҳамроҳ намоянд.

Аммо чӣ гуна метавон чунин падидаҳоеро аз қабили экстремизми динӣ ва террористони диниро шарҳу тавзеҳ дод? Ба монанди он ки низоъ дар табиати динҳои солеҳ вуҷуд надорад, айнан ҳамин тавр, экстремизм ва терроризм ҳам дар табиати дин вуҷуд надоранд. Аммо, дар ҷомеа гурӯҳҳое вуҷуд доранд, ки дин ва имондории мардумро бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои гуруҳи сиёсии худ, аз қабили Ал-Қоида, Толибон ва Ҳизб-ут-таҳрир ва ғ. истифода мебурданд ва имрӯз ҳам ин амал аз ҷониби онҳо идома дорад. Ба ҳама равшану возеҳ аст, ки ин гуруҳҳо исломро ба манфиатҳои ғаразноки худ истифода мебаранд.

Натиҷаи кашмокашҳо он шуд, ки моҳи июли соли 1992 Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ таъсис дода шуд. Аммо ин ҳукумат натавонист, фазои сиёсии Тоҷикистонро муътадил гардонад. Муборизаҳои шиддатнок дуру дароз давом карда, ахиран ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид.

Моҳи октябри 1992 ҷанги шаҳрвандӣ ба нуқтаи авҷи хеш расид ва ҳазорон шаҳрвандони Тоҷикистон гуреза шуданд. Амалан тамоми аҳолии узбекзабон ноҳияҳои ҷанубии кишварро тарк намуданд, айнан ҳамин корро намояндагони минтақаи Шимол ҳам анҷом доданд. Саноат ва хоҷагии қишлоқ валангор гардид, то 100 ҳазор нафар аз қаламрави ҷумҳурӣ берун баромаданд. 10 ноябр Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳиятҳои худро қатъ намуд. Аз 16 ноябр то 2 декабр сессияи XVI Шӯрои Олӣ баргузор гашт ва қарорҳои он доир ба эътидол овардани вазъи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат карданд. Ҳукумати навтаъсиси Тоҷикистон бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ба эътидол овардани вазъи сиёсию ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои амалӣ андешиданд.

Яке аз чунин тадбирҳо дар сар то сари мамлакат таъмини оромӣ ва суботи сиёсӣ ва сулҳу амният ба ҳисоб мерафт. Тадбири дигари муҳимме, ки барои оромию пешрафти Тоҷикистон зарур буд, ин гуфтушуниди байни Ҳукумати Тоҷикистон ва оппозитсияи он ба ҳисоб мерафт. Барои амалӣ гардидани ин матлаб аз апрели 1994 шурӯъ карда, то майи соли 1997 таҳти сарварии СММ ҳашт давраи музокирот дар байни тарафҳои даргир гузаронида шуданд.

Гарчанд ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон хоҳиш ва ҳаракати ба тезӣ ҳал кардани вазъи бавуҷудомадаро ҷонибдорӣ мекард, аммо сабаби тӯл кашидани музокирот аз он иборат буд, ки лидерҳои ҷониби даргири оппозитсия чандон мавқеи возеҳу равшан надоштанд. Дар сафи роҳбарияти исломиҳо ҷудоӣ ба вуҷуд омад, аммо баъзе намояндагони оппозитсия тарафдори ба имзо расидани ризоияти сулҳу салоҳ ва баъзеи дигар тарафдори идома додани ҷанг то ба охир буданд.

Ҳамин тавр, дар музокирот, намояндагони кланҳои (авлодҳо) гуногун ваколатдорӣ менамуданд, ки ин раванди ба

танзимдарории низоъро ба роҳи сулҳ наздик мекарданд. 23 декабри 1996 дар Москва Эмомалӣ Рахмонов ва С.А.Нурӣ иттифоқномаеро ба имзо расониданд, ки тибқи он як қатор муқовиматгарон ба ҳайати ҳукумати Тоҷикистон ворид гардиданд ва то 5 ҳазор ҷанговарони мусаллаҳи оппозитсионӣ ба сафи армияи ҳукуматӣ ва дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ворид карда шуда, тақрибан ҳамин миқдор ҷанговарон авф карда шуданд.

Ҳамин тариқ, 27 июни соли 1997 дар давраи нуҳуми музокирот дар Москва байни роҳбарияти Тоҷикистон ва намояндагони Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсионии тоҷик “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ” – ро ба имзо расониданд. Ба имзо расидани чунин ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ имконият дод, ки сулҳ дар Тоҷикистон таъмин карда шавад. Баъд аз имзои “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Протоколи созишнома комиссияи муштарак байни Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифини сиёсии тоҷик таъсис дода шуд. Комиссияи мазкур бо номи “Комиссияи оштии миллӣ” барои воқеӣ гардонидани бандҳои протоколи мазкур дар қаламрави Тоҷикистон ба фаъолияти густурда пардохт. Яке аз масъалаҳои принсипиалие, ки барои ҳаёти сиёсии Тоҷикистон хеле муҳим буд, дар асоси арзишҳои дунявӣ муайян намудани самти инкишоф ба ҳисоб мерафт. Дар ҳамин асос Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тарафдори ҳокимияти дунявӣ буданашро собит намуд.

Барои амалӣ гардонидани бандҳои протоколи Созишнома намояндагони оппозитсия дар ҳукумати ҷумҳурӣ дар мақомотҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ 30% - и мансабҳоро ноил гаштанд. Ба андешаи мо, ин нишонаи ризоияти байни ҳукумат ва мухолифини Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт ва манфиатҳои ҳар ду ҷонибро пурра қонеъ мегардонид.

Ба андешаи муҳаққиқон барои барқарорсозии мамлакат солҳои зиёде лозим омад. Бо иштироки ташкилотҳои байналхалқӣ иқтисодиёти мамлакат қисман барқарор шуда, муваффақ шуд, ки даҳҳо ҳазор гурезаҳо ба ватани аслиашон боз гарданд. Аммо натиҷаҳои ҷанг то ба имрӯз ҳам худро нишон медиҳанд ва Тоҷикистон яке аз давлатҳои қашшоқтарини ИДМ ба ҳисоб мерафт [3, 207]. Илова ба гуфтаҳои боло инчунин кӯшиш менамоем, ки дар ин зербоб мо фишангҳои гузариш аз низоъ ба субот ва махсусан роҳҳои ҳалли низоъро то ҳадди имкон муайян намоем.

Бояд зикр кард, ки фишангҳои ягона барои ҳаллу фасли низоъҳои динӣ вуҷуд надоранд, зеро ҳар низоъ дорои чунин хусусиятҳое аз қабили шабоҳат надоштан ва тағийрёбанда буданашон фарқ мекунанд. Қабл аз ҳама бояд мафҳумҳои интиҳоёбӣ ва ҳаллу фасли низоъро муайян намоем. Ба фикри мо, се алтернативаи имконияти интиҳоёбии низоъро ҷудо кардан мумкин аст:

1.Ночориву ноилоҷӣ (низоъ бо марги яке ё ҳарду тараф ба охир мерасад);

2.Истифодабарӣ аз зӯрӣ («то замони беҳтар қатъ гардонида мешавад»);

3.Танзими осоиштаи он (ҳаллу фасли созандагии он ба даст меояд).

Ҳамчунин бояд таъкид намуд, ки ноком шудани яке ё ҳарду тарафҳо маънои онро надорад, ки низоъ ҳаллу фасли ниҳоии худро ёфтааст. Агар бо интиҳоёбии низоъ ҳама гуна интиҳоёбии онро бо ҳама гуна сабабҳо дар назар дошта шавад, пас зери маънои ҳаллу фасли он танҳо ин ва ё он амали асосӣ (қарор) худи иштирокчиёни низоъ ё тарафи сеюм интиҳо ёфтани мубориза ва аз миён бардоштани зиддиятҳоро бо роҳҳои осоишта ё ба воситаи неруҳо мефаҳмем. Аммо тавассути нерӯ ҳаллу фасл гардидани низоъ ва интиҳо ёфтани он дар доираи инсондӯстӣ ва ба вуҷуд овардани якдигарфаҳми тасаввуру тасдиқ кардан амали нобахшиданӣ ба ҳисоб меравад.

Набояд онро фаромӯш кард, ки манбаи ҳаллу фасли конструктивии низоъро метавон имконияти тарафҳо ва дигар иштирокчиёнро ҳисобид, ки ба андешаи мо, оғози асосии қатъ гардидиани низоъ ва бартараф намудани сабабҳои объективии пайдошавии низоъ мебошад. Барои ҳаллу фасли низоъ бояд

шароити бавуҷудоии низоъро муайян кард:

1.Методҳои муайяни ҳаллу фасли зарурӣ, институтсионализатсия ва ба танзим даровардани низоъ фароҳам ва муҳайё карда шавад;

2.Имкониятҳои ба танзимдарории низоъро мустақиман худи тарафҳо бояд ба вуҷуд оваранд;

3.Барои ҳаллу фасли низои рақобатноки ҳар ду ҷониб омили якдигарфаҳмӣ бояд мусоидат намояд.

Аз ин ҷо, барои ба танзим даровардани низоъ манбаи асосӣ ҳатман бояд вуҷуд дошта бошад:

1.Ҷонибҳои низоъкунанда бояд худ ба худ муназзам бошанд;

2.Ҳар як тарафи даргир бояд қонунӣ будани талаботи дигар тарафро эътироф намояд ва натиҷаи ба танзимдарории низоъро, новобаста ба он ки он хилофи манфиатҳои ӯ бошанд ҳам, бояд қабул намояд. Агар чунин навъи омодагӣ аз ҷониби тарафҳои бо ҳам муборизабаранда эҳсос карда нашавад, пас дар онҳо хоҳиши бартараф кардани низоъ пайдо нахоҳад шуд, махсусан, агар вай дар чизе манфиатҳои онҳоро маҳдуд мегардонида бошад;

3.Ҷонибҳои даргир бояд ба як умумияти иҷтимоӣ мансуб бошанд. Дар ин ҳолат шабоҳати системаҳои меъёрӣ, умумияти арзишҳо ва маросими алоқамандии байни иштирокчиёни низоъро сабук мегардонад ва ҳаллу фасл ва анҷомёбии онро суръат мебахшад.

Дар баробари андешаҳои дар боло зикргардида, инчунин дар раванди ҳалли низоъ ва анҷомёбии он, ҳатман муколамаи давлат ва ташкилотҳои динӣ ҳамчун унсури муҳимми раванди суботи муносибатҳои динӣ вуҷуд дошта бошанд.

Ҳаллу фасли конструктивии низоъ дорои натиҷаи хуб мебошад, зеро ҳар ду субъект ба сатҳи нави муносибатҳо мебароянд, зеро онҳо ба назар гирифтани манфиатҳои дигар тарафро алаккай омӯхтаанд ва ин дигар ба сохтори шахсиятҳои онҳо ҳамчун чизи аҳамиятнок ва арзишнок ворид мешавад. Ҳалли деструктивӣ бо натиҷаҳои нохуб барои ҳар ду субъектҳо таҳдид мекунад: муносибатҳои онҳо ба ҳолати бухронӣ мерасанд, аммо сохтори шахсиятӣ аз системаи арзишҳои ҳаётии дигар ҳамчун шахсияти худмухторе, ки сазовори эҳтиром ва эътироф аст берун “партофта мешавад” [1,19-26].

